Амирхон Шоҳҳусайн Талбоно

ФАЛСАФАИ АМАЛИИ ҚУТБИДДИН ШЕРОЗӢ

Ахлоқ

Оила

Сиёсат

Монография

Амирхон Шоххусайн Талбонӣ

ФАЛСАФАИ АМАЛИИ КУТБИДДИН ШЕРОЗӢ

(Монография)

Душанбе
«ЭР-граф»
2022

RLIK
А
И

ББК 87.3(2Тоҷик) + 87.717 + 72.3 + 28.7 + 71.4(5Эрон)
Т–22

Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ. Фалсафаи амалии Кутбиддин Шерозӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 368с.

Мухаррири масъул:
доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ
Муҳаммадалӣ Музаффарӣ

Мукарризон:
доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёӣ Хуршед Маҳмудзода
доктори илмҳои фалсафа, профессор Комилов Рустам Сайдулоевич
доктори илмҳои фалсафа, профессор Самиев Бобо Ҷӯраевич

Дар монография таълимоти ахлоқию иҷтимоӣ ва сиёсии яке аз чеҳраҳои намоёни фалсафаи машшоияи шарқӣ Кутбиддин Шерозӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бар он назар аст, ки дар раванди бунёди давлати миллӣ, яке аз василаи муҳиммтарини мустаҳкам намудани худшиносии миллӣ, аз таҳлили хурофоту бегонапарастӣ ва бегонашавӣ эмин нигоҳ доштани насли наврасу ҷавон ин таҳқиқу омӯзиш ва муайян намудани арзиши афкори илмии мутафаккирони гузаштаи фарҳанги миллати тоҷик, аз ҷумла Кутбиддин Шерозӣ хоҳад буд. Ин мутаффаккир равиши рационалии намояндагони ҳикмати машшояро идома дода, дар рушди афкори фалсафиву ахлоқии мардумони тоҷику форс саҳми назаррас гузоштааст. Фалсафаи амалии Кутбиддин Шерозӣ ва муқоисаи он бо дигар мутафаккирон имконият медиҳад, ки арзиши тафаккури фарҳангии гузаштагон муайян ва ҳикмати прагматикии онҳо барои ташаккули худшиносиву худогоҳии ҷомеаи муосири тоҷик, ки ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ бо бухрони сарбастаи фарҳангиву ахлоқӣ рубарӯ гаштааст, нишон та-шаккули фарҳанги инсондори ва иҷтимоӣ муайян карда шавад.

Монография, бо қарори Шурои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25.05.2022, протоколи №8/4 ба чоп тавсия шудааст.

Китоб бо сармоягузории гурӯҳи ташаббускори «Равшандилон» – доктори фалсафа (PhD), Назарҳудо Дастамбуев ҳусни чоп ёфт.

ISBN 978-99985-928-7-2

© Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ, 2022

Мундарича

Муқаддима 4

БОБИ 1. Манбаъҳои ташаккули фалсафаи амалии Кутбиддин Шерозӣ 12

1.1. Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар низоми донишҳои фалсафӣ 12
1.2. Зиндагинома ва мероси фалсафии Кутбиддин Шерозӣ 43
1.3. Сарчашмаҳои назариявии фалсафаи амалии Кутбиддин Шерозӣ 76

БОБИ 2. Масъалаҳои ахлоқӣ дар фалсафаи Кутбиддин Шерозӣ 103

2.1. Моҳият ва аҳамияти ахлоқ дар ҷомеа 103
2.2. Масъалаи тағйирпазир ва фитрӣ будани ахлоқ 124
2.3. Меъёр, сифат ва категорияҳои асосии ахлоқӣ 147

БОБИ 3. Фалсафаи манзилдории Кутбиддин Шерозӣ 176

3.1. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ 176
3.2. Сохтор ва низоми оила дар фалсафаи амалии Кутбиддин Шерозӣ 197
3.3. Вазифаҳои иҷтимоии оила ва нақши аъзоёни он аз нигоҳи Кутбиддин Шерозӣ 220

БОБИ 4. Андешаҳои сиёсии Кутбиддин Шерозӣ 244

4.1. Мафҳум ва мазмуни сиёсат дар фалсафаи амалии Кутбиддин Шерозӣ 244
4.2. Сохти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар таълимоти Кутбиддин Шерозӣ 265
4.3. Идораи давлат ва ҷомеа 290

Хулоса 322

Феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт 333

DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 30921

МУҚАДДИМА

Фалсафа ба ҳайси илми фарогири масъалаҳои умумитарини ҳастишиносиву маърифатшиносӣ ҳамон вақт хусусияи актуалӣ пайдо мекунад, ки масъалаҳои муҳими мавҷудият ва ҳастии инсонро дар алоқамандӣ бо ҳаёти ӯ мавриди таҳлилу баррасии амиқи илмӣ қарор диҳад, зеро худи инсон яке аз шаклҳои ҳастиро ташкил медиҳад. Бо-баста ба ҳамин хусусият, фалсафаи замони муосир аз низоми фалсафаи классикӣ фарқияти бунёдӣ дошта, дар раванди омӯзиши падидаҳо ва зуҳороти олами ҳастӣ, шаклгирӣ ва тағйиротҳои онҳо, масъалаҳои айнии ҳаёти вокеии инсонӣ ва иштироки бевоситаи вайро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Сарфи назар аз он ки қисмати зиёди масъалаҳои ба маънавиёт дахлдошта дар низоми фалсафаи классикӣ ҳамчун проблемаҳои мехвариву калидӣ омӯхта мешуданд, лекин, қисмате аз онҳо имрӯз аз нигоҳи мухаккиқони муосири ватаниву хориҷӣ дур монданд.

Аз ҷониби дигар, омӯзиши масъалаҳои мазкур, ҳамчун падидаҳои нолозим ва кухнашудаи фарҳангӣ ба қалам дода шуда, файласуфон аксаран ба баррасии масъалаҳои танҳо ба модлиёт дахлдошта ё баръакс лорои хусусияти ирратсионалибуда даст заданд. Хосатан, баъд аз дастрас гаштани осору таълифоти файласуфони пасоклассикии шиман дувву-ми асри XIX ва аввали асри XX-и Аврупои Ғарбӣ, ба монанди Шопенгауер, Ницше, Бергсон, Кёркегор ва г. олами вокеӣ бо диди нав ва дар доираи арзишҳои ғайриматмулии фарҳангӣ таҳлил гардид. Осору таълифоти мутафаккирони пешин, ки дар доираи арзишу низоми фалсафаи классикӣ ташаккул ёфта буданд, ҳамчун софистика, метафизика, мистика, мифология на иллюзиёт бахогузорӣ мешаванд. Баъзе мухаккиқон омӯзиши таърихи фалсафаро хамчун соҳаи доништи нолозим ва зараровар муаррифӣ намуда, онро мехоҳанд ба бойгонии таърих интиқол дода, аз фарҳанги

тафаккури миллӣ даст кашанд ва мардумро ба ин васила ба манкуртия баранд. Дар ин самт, фалсафаи амалиро, ки кисми чудонопазири фалсафа ба шумор рафта, аз навиштаҷоти мутафаккирони даврони атика, ба мисли Сукрот, Афлотун, Арасту ва ҷонибдорони онҳо сарчашма мегирад, зараровар, нолозим ва зидди талаботи инсоният қаламдод кардаанд. Ҳатто, андешаҳое низ вуҷуд доранд, ки бехтар мебуд, агар Афлотун низоми фалсафии худро пешкаш намесохт ва инсоният, танҳо дар доираи арзишҳо ва талаботи биологию табиии иродаи инсон ташаккул меёфт.[1]

Маврид ба зикр аст, ки инсон, танҳо ба талаботи модлию табиӣ қонеъ набуда, балки ҳастӣ, вуҷуд ва фарҳанги тафаккури вай ба арзишҳои гуногуни маънавӣ, тахайюлию образӣ ва ҳатто мифологию метафизикӣ низ ниёз дорад. Талаботи маънавӣ, рухонӣ ва ботинӣ дар ҳаёти инсон мавқеи хос дошта, бидуни мавҷудияти онҳо, ӯ, моҳияти ҳастии худро аз даст хоҳад дод. Дар робита ба ин, саволе ба миён меояд, ки «Оё, барои инсон наздиктар аз равон, хирад ва эҳсосоти ботиниву зоҳирии вай арзишҳои дигаре вуҷуд доранд?», «Бидуни шиносхти онҳо инсон ба чӣ табдил хоҳад ёфт?» Посух ба ин гуна саволҳо, яке аз талаботҳои муҳими ҷомеаи муосир буда, омӯзишу баррасии илмии онҳо дар

[1] Инг. Ахманов И. Интеллектуальная интуиция и эстетическое созерцание// Антология феноменологической философии в России. Т.2. Составитель, общая редакция, предисловия и комментарии Чубарова И.М. –М.: Логос, 2000. – С 69-92; Ахмедов Т.И., Жидко М.Е. Психотерапия в изменённых состояниях сознания. М.: АСТ, 2000; Бердяев Н. Философия свобода. М.: АСТ, 2002; Дельгадо Х. Мозг и сознание. М.: МИР, 1971; Молонова Е.Н. Наука об уме и знании// Проблема знания в истории науки и культуры. СПб: Алтейя, 2001. – С. 193-206; Уолтер Г. Живой мозг. М.: МИР, 1966; Филоник М. Психология вне добра и зла. Размышление начинающего психотерапевта// Научный сад. №1, 2004. – С. 26-29; Фуко Н. Воля к истине. По ту сторону знания, власти и сексуальности/ Пер. с франц. М.: 1996; Том Рокмор/ Platonic rationality end science after Kant. (Платоновская рациональность и наука после Канта).// Философия-Традиция, 2010. - С. 342-351; Гейалов А.А. Философские образы человека в эпоху глобализации. http: www. russianglobalclub. com/ gw; Бекзода К. Бозгашти Чамшед: мусохибаи зиндаги бо марг. Душанбе, 2019.

доираи фалсафаи амалӣ хусусияти рӯзмарраги дошта, аз аҳамияти хаётӣ холӣ нест.

Қисмате аз муҳаққиқон арзишҳои муосири фарҳангӣ, моҳият ва хусусияти инсонро якчониба баҳогузорӣ намуда ва ӯро аз аслу ҷавҳари воқеаш дур сохта, аз фалсафаи ахлоқ, ҳикмати оиладорӣ ва фарҳанги сиёсӣ (маданияти идоракунии ҷомеа ва давлат), ки ҷавҳари фалсафаи амалиро ташкил медоданд, барканор менамоянд. Ҳамин раванди «ахлоқгурезӣ» боиси он гаштааст, ки ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ аз арзишҳои умумибашарӣ фосила гирифта, оиҳоро ба қатори зуҳуроти хурофотӣ ва нолозим шомил месозад. Бидуни шакку шубҳа, бӯҳрони ҷаҳони муосир аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин гуна фосилагирии инсоният аз асли ҷавҳари худ вобаста буда, ӯро пойбанди муаммоҳои сарбаста ва арзишҳои индивидуализм, либерализм, позитивизм ва постпозитивизм кардааст.[1]

Дар иртибот ба масъалаҳои зикршуда, руй овардан ба омӯзиш ва таҳлили интиқодии назариёти фалсафии мутафаккирони асриниёнагии тоҷику форс ва муайян намудани арзишу аҳамияти онҳо барои мухити фарҳангии ҷомеаи муосир, дар даврони, ки бӯҳрони саросарии фарҳангиву ахлоқӣ дар кулли олам эҳсос мегардад, аз муҳиму зарурӣ будани масъалаи мавриди назар дарак медиҳад. Дар фазои фарҳангии замони муосир, ки дар он мушкилоти гуногуни маънавӣ вучуд дорад, муносибатҳои инсонӣ дар доираи ҳамдардӣ, адолат ва таҳаммулпазирӣ хамчун масоили манфиатҷӯйӣ ташаккул ёфта, мавкеи инсондӯстӣ, эҳсоси қазии ахлоқ ва инсонсоз заиф мегардад ва дар шароите, ки арзиши муқаддас доштани оила хамчун муҳимтарин ин-

[1] Нит. Troger K. W. Moral in der Gnosis/ Studien zum. Menschenbild in Gnosis und Munichaismus/ Voroffentboch die Abt. Wissenschaftspublizistik der Vartia 106; Vatrauch; Edwin M. Gnostik ethics and mandaen origins. Cambridge: Harvard Univ. Press; London, Oxford Univ. Press, 1970/ (102c;) Rendiorff, Jacob Dahl and Peter Kemp 2000. Basic Ethical Principles in European Biosthics and Biol.aw. Copenhagen and Barcelona 2000.

тути иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони созанда камарзиш ва аз назар дур гардида истодааст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузаштаи мардумони тоҷику форс мухиму актуалӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамин беэътиноӣ ба ахлоқ ва маънавиёт аст, ки дар бархе аз мамлакатҳои аврупоӣ, имрӯз, никоҳи ҳамҷинсӣ ва зиндагӣ бидуни таъсиси оила аз ҳудуди муайян убур карда, шумораи зиёдро ташкил додааст. Аз ҳама хатарнок он аст, ки чунин муносибатҳои гайрианъанавӣ, на танҳо расман ба кайд гирифта мешаванд, балки аз ҷониби созмонҳои давлативу ғайридавлатӣ дастгирӣ ёфта, ба халқу кишварҳои дигар низ зӯран тахмил карда мешаванд. Мусаллам аст, ки тарбияи фарзанд дар оила сурат мегирад ва оила иборат аз падар, модар ва аъзоёни дигар мебошад, ки ҳар кадоме чойгохи худро дорад, яъне танҳо модар метавонад меҳри модарӣ ба фарзанд дошта бошад ва ба рушду камолоти фарзанд таъсир расонад. Дар оилае, ки ҳамсарон намояндаи як ҷинс ҳастанд, фарзанд дар он то кадом дараҷа меҳри модариро дарёфт ва тарбияи мувофиқ мегирифта бошад? Ин ва дигар суолу масъалаҳо ҳастанд, ки ба ҷомеаи муосир аз лиҳози маънавӣ таҳдид менамоянд.

Муборизаҳои сиёсӣ ҷиҳати дарёфти манфиати бештар ва пайдо намудани мавқеи устувор дар миқёси олам аз мушкилоти дигарест, ки давлатҳои абаркудрат фаъолияташонро ба ин самт равона кардаанд ва дар натиҷаи ин таҳдиду хатарҳои рузафзун ба фарҳангу маънавиёти ҷомеаҳои мухталиф эҳсос мешавад. Абаркудратҳо, бо истифода аз ирода ва боварҳои мардумӣ ва сармоягузориҳои мақсаднок дар дохили фарҳангҳо хушунатҳои мухталиферо тарбият намуда истодаанд, ки намунаи олии он дар Афғонистон (Аморати исломӣ) имрӯзҳо ба назар мерасад. Мардуми як минтақа, ки забон, фарҳанг ва дини муштарак доранд, дар муқобили ҳамдигар истода, арзишҳои олитарини инсониро зери по мегузоранд. Раҳму шафқат, ҳамдигарфаҳмиву ҳамдилӣ,

дӯстиву рафокат ва эҳтиром ба арзишҳои нодиртарини фарҳанги миллӣ аз миён рафта, чойи онҳоро зулму истибдод ва низоми идораи худкома ва консервативии динӣ гирифтааст, ки қобили пазириш нестанд.

Ҷиҳати густариши ин раванд, зарур аст, ки дар шуури мардум ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ҷой карда шавад. Василаи муҳимтарини мустаҳкам намудани ҳисси миллӣ, пайгирӣ аз арзишҳои олитарини ахлоқии насли муосир, аз таҳдиди хурофоту бегонапарастӣ ва бегонашавӣ эмин нигоҳ доштани насли наврасу ҷавон ин таҳқиқу омӯзиш ва муайян намудани арзиши афкори илмии мутафаккирони гузаштаи фарҳанги миллати тоҷик хоҳад буд.

Аз зумраи чунин мутафаккироне, ки афкору ақоид ва мазмуну мундариҷаи осори фалсафиаи арзиши илмиву амалии худро то имрӯз нигоҳ доштааст, Қутбиддин Шерозӣ мебошад. Ин мутаффаккир, равиши ратсионалии намояндагони ҳикмати машшоияро идома дода, дар рушди афкори фалсафиву ахлоқии мардумони тоҷику форс саҳми назаррас гузоштааст. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ ва мукоисаи он бо дигар мутафаккирон имконият медиҳад, ки арзиши тафаккури фарҳангии гузаштагон муайян ва ҳикмати прогматикии онҳо барои ташаккули худшиносиву худогоҳии ҷомеаи муосири тоҷик, ки ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ бо бухрони сарбастаи фарҳангиву ахлоқӣ рӯ ба рӯ гаштааст, инчунин, ташаккули фарҳанги оиладорӣ ва ичтимоӣ муайян карда шавад.

Муҳимияти мавзуи монографияи илмӣ дар зоҳир мегардад:

1. Омӯзиш ва муайян намудани афкори арзишманд ва таълимоти мутафаккирони гузашта дар мачмӯъ ва афкори Қутбиддин Шерозӣ дар алоҳидагӣ доир ба фалсафаи амалӣ имконият медиҳад, ки моҳият ва хусусиёти ҳастии инсон, сафҳаҳои доништи вай дар ин самт ва ҷойгоҳи ин арзишҳо дар фарҳанги муосир равшан карда шаванд.

2. Солҳои охир аз ҷониби гурӯҳе аз таҳлилгарон омӯзиши баъзе паҳлӯҳои масъалаҳои ахлоқӣ, аз ҷумла тарбияи (таҳзиби) ахлоқи инсонӣ, фарҳанги оиладорӣ, маданияти сиёсиву шаҳрдорӣ ва монанди инҳо ба роҳ монда шудааст. Сабаби чунин баррасиҳо, на кӯшиш барои эҳёи ахлоқи динӣ ва арзишҳои метафизикӣ, балки таҳлилу омӯзиши зуҳуроти ичтимоӣ ва масъалаҳои антропологии ҷомеа буда, ба назари мо, ҷузъи раванди ташаккули равияҳои нави илмӣ мебошад. Масалан, тавассути антропология, фалсафаи фарҳанг, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ, этнография, фолклоршиносӣ ва ғайра зуҳуроти ботинӣ ва зоҳирии инсон мавриди омӯзиши илмӣ қарор мегирад, ки гувоҳ аз мавҷудияти мушкилот дар ин самт аст.

3. Арзишҳои фарҳангӣ дар Тоҷикистони муосир иваз-шавии талаботро нисбат ба илми ахлоқ ва фазилатҳои он, фарҳанги одобу муошират, оиладорӣ ва масоили сиёсӣ хеле зиёд кардаанд, вале таъсири мутақобилаи ин институтҳои ичтимоӣ ва нақши созандаи онҳо дар тағйирёбии ҷомеа ва арзишҳои меҳварии он то ба ҳол ба дараҷаи лозимӣ омӯхта нашудааст. Ба андешаи мо, имрӯз, зарурати он фаро расидааст, ки масоили сегонаи зикршуда аз мавқеи илмҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, равоншиносӣ бо диди нав таҳлили интиқодӣ карда шаванд, зеро ҷомеаи муосири Тоҷикистон талаботи рӯзафзо дар масъалаи эҳёи арзишҳои ахлоқӣ, одобу муоширати инсонӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳанги оиладорӣ, фарҳанги сиёсӣ ва инсонпарварӣ дорад.

4. Омӯзиши таҷрибаи арзишманди низомҳои қаблии сиёсӣ, фарҳанги ахлоқу оиладорӣ, ки дар худ хусусиятҳои инсондӯстӣ, адолатпарварӣ ва таҳаммулпазириро доранд барои ҷомеаи муосири тоҷик хеле зарур буда, пазириши урфу одатҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва таъмини аминияти фарҳанги миллӣ вазифаи муҳим ва аввалиндараҷаи соҳаҳои мухталифи илмӣ, аз он ҷумла фалсафа, ахлоқ ва ичтимоиёт маҳсуб мегардад. Ларки моҳият ва ҷанбаҳои

фалсафии масоили зикргардида муносиботи ҳасанаро баркарор, оиларо мустаҳкам ва шуури сиёсии аъзоёни ҷомеаро боло хоҳад бурд.

5. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бо таъсирпазирӣ аз ҷараёни глобализм тобишҳои бегонашавии фарҳангӣ ва коста гардидани ахлоқ эҳсос мегардад. Аз ин хотир, таҳлили назариявии масъалаҳои зикршуда саривақтӣ ва актуалӣ мебошад. Ин амал боиси пазириши арзишҳои умумибашарӣ бар пояи илми ахлоқ, ҳуқуқ ва сиёсат гардида, дар шароити тезу тундшавии муқобилияти фарҳангҳо пақши босазо хоҳад бозид.

6. Таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои ҳикмати амалӣ ва муҳимияти омӯзиши онҳо вобаста ба васеъ гардидани фазои ҳудудҳои донишҳои инсон нисбат ба таҳқиқотҳои фалсафӣ буда, дар мадди аввал қарор гирифтани онҳо талаботи маънавии ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон мебошад, ки дар раванди ин тағйиротҳо ахлоқи инфиродӣ, оилавӣ ва иҷтимоӣ заиф гардида, зарурат ба поксозӣ дорад.

Қисмати муайяни аҳли ҷомеаи тоҷик аз анъанаҳои фарҳангӣ даст кашида, дар ҳолати таназзули арзишҳои ахлоқӣ, оилавӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта, гурӯҳе ба эзотерик ва сеҳру ҷоду рӯй овардааст, қисмати дигар аз арзишҳои суннатӣ ва анъанавӣ даст кашида, ба мақсади инкишофи зӯроварона индивидуализми либералӣ ва позитивизму неопозитивизми ғарбӣ худро пойбанди арзишҳо ва ананаҳои бегонагон гардонидаанд. Ин гуногунандешии бунёд ва бидуни асос боиси таззоди арзишҳои Ғарбу Шарқ гардида, қиммати арзишҳои умумибашариро коҳиш додааст. Раванди мазкур муаммои инсон ва дарёфти роҳҳои ба саодат расидани ӯро, ки яке аз масоили муҳими фалсафӣ ба ҳисоб меравад ба гӯшаи фаромӯшӣ мегузорад. Гирдоби рабандҳои глобализатсионӣ беш аз ҳарвақта дила, масъалаҳои поксозии ботину зоҳири инсон (ахлоқ), фарҳанги оиладорӣ ва сиёсиро ба мушкилотҳои зиёд дучор

намудааст. Ансор падидаҳое, ки ҳар лаҳза дар фарҳанги муосири башарӣ ва ҳаёти рӯзмарраи инсоният рӯйи кор меоянд, боиси заволи фазилатҳои ахлоқӣ, низоми фарҳанг ва сохтори оилаи анъанавӣ гашта, сабабгори сар задани мушкилиҳои дигари иҷтимоӣ мешаванд. Ин раванд ба коста гардидани мақоми инсон ҳамчун мавҷуди офарандаи арзишҳои маънавӣ гардида, ҷомеаро ба сӯйи бефарҳангӣ равона месозад ва симои инсони наву комилро аз инкишоф боз медоранд.[1]

Сатҳи нокифояи донишҳои дунявӣ, динӣ ва бетаҷрибагӣ дар зиндагӣ, коҳиши пақш ва мақоми оила ва ниҳоят, надоштани мавқеи муайян дар интихоби арзишҳои ахлоқӣ боиси қалавишу гароишҳои намояндагони алоҳидаи баъзе кишрҳои ҷомеа ба гурӯҳҳои номатлуби иртиҷоӣ мегардад. Ин падидаи номатлуб, сабаби тезутунд гаштани муборизаи гоявӣ барои гасби ақлу мафкураи инсонҳо, фаъол гаштани амали гурӯҳҳои хусусияти ифротгароидошта ва ҳамчунин, кӯшиши давлатҳои абарқудрат баҳри амалӣ намудани нақшаҳои манфиатхоҳӣ ва геополитикии худ гардида, ба рушди босубот ва амнияти маънавии ҷомеа таҳдиду хатарҳои навро эҷод менамояд. Аз ин ҷиҳат, рӯй овардан ба мероси маънавии ниёгон, таҳлилу баррасии онҳо ва дар ҳаёти имрӯза татбиқ намудани офаридаҳои арзишноки мутафаккирони соҳибандеша, аз ҷумла афкори Қутбиддин Шерозӣ василаи муҳиме дар самти тарбияи ахлоқӣ, ҳифз ва нигоҳдошти фарҳанги оиладорӣ, маданияти сиёсӣ ва сиёсати давлатдорӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон хоҳад буд.

[1] Ниг.: Хайдеггер М. Кант и проблема метафизики. М.: Русское феноменологическое общество. 1997.-С.26-28; Derrida J., Stiegler B. Echographics jf Television. Filmed interviews/Trans. J. Bijorek. Cambridge: Polity Press. 2002. P.14

БОБИ 1. МАНБАЪҲОИ ТАШАККУЛИ ФАЛСАФАИ АМАЛИИ КУТБИДДИН ШЕРОЗӢ

1.1. Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар низоми донишҳои фалсафӣ

Масоили марбут ба фалсафаи амалӣ таърихи тӯлоние дошта, баробар бо чомеаи инсонӣ пайдо гардидаанд. Гарчанде олимону муҳаққиқони аврупоӣ таксими фалсафаро ба назариву амалӣ ва зухури ин ду бахшро ба фарҳанги Юнони қадим нисбат диҳанд ҳам, лекин, сарчашмаҳои муътамади сатҳи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки чунин таксимот дар қолаби ҷараёнҳои фикрии хирадгароёна ва мактабҳои фикрии пешазисломии мардумони ориёитабор низ сурат гирифтааст. Аз ҷумла, Абунасри Форобӣ доир ба ин масъала дар доираи фалсафаи мадании хеш таъкид менамояд, ки «Ин илм бурҳони ақдами улум аст. Ҳама улуми дигар фаръ бар ин илманд ва ба таҳаққуқи ҳалафи ин илм, ки саодати қудсист, мадад мерасонад. Ин илм дар қадим аз они каллоние буда, ки аҳли Ироқанд ва аз Калда ба Миср рафта ва аз он ҷо ба Юнон мунтақил (кучонида - Ш.А.) шудааст ва баъд ба суриёниҳо ва ба аъроб расидааст. Юнониён ин илмро ҳикмат хонда ва ҳикмати узмо (бузургтар - Ш.А.) ва иқтиноӣ онро илм ва малакаи онро фалсафа номидаанд, ки ба маънои ҳубби (дӯстдории - Ш.А.) илм аст. Ба назари онҳо, ин илм ҷомеи ҷамеи фазоӣ ва саноот аст»[1]. Ҷуил Л. Кармер, ки яке аз муаррихон ва мунақидони аврупоии фалсафаи асримиёнагӣ мебошад, ин назари Форобиро таъкид намуда, онро дар асари худ пурра дастгирӣ кардааст[2].

Оид ба масъалаи мазкур муҳаққиқи дигари эронӣ Қутбиддин Ашхурӣ анлешаронӣ намуда, таъкид месозад, ки ҷамъе аз таҳлилгарон бар ин ақидаанд, «ки мантиқ ва

[1] Ризо Доварӣ. Фалсафаи мадании Форобӣ. Техрон: Шурои олии фарҳанг ва ҳунар. Маркази мутолиот ва ҳамохангии фарҳангӣ.Техрон, 1354. – С.77.
[2] Ҷоул К. Эҳёи фарҳангӣ дар аҳди Оли Бобия. Мутарҷим: Ҳинолӣ Кононӣ. Техрон, 1375. -С.32.

ҳикмате, ки Арасту онро таълифу тазҳиб (ороста кардан - Ш.А.) намуд, аслаш маъхуз (баргирифта - Ш.А.) аз хазоини Фурс буд ва дар вақте ки Искандар бар Доро ва мамлакаташ ғолиб омад ва Арастуро муяссар набуд, ки бидуни истимдод (кӯмак гирифтан - Ш.А.) аз он кутуб ин ҳама илмро истибот (баровардан - Ш.А.) намояд. Ва ҳар ки аз ҳикмати саҳеҳ андозаи ҳикмати аҳли форсро доштааст, ин суханро тасдиқ мепамояд. Ва муайяди (қувватдиҳанда-Ш.А.) ин аст ҳадис, ки аз Санд Расул манқул аст, ки «Агар илм муаллақ бар Сурайё бошад, мардоне аз аҳли Форс онро фаро мегиранд. Ва дар миёни аҳли Форс подшоҳони бузург буданд, мисли Каюмарсу Афридун, Ардашери Бобак ва Кайхусраву дигарон, ки ҳама ба ҳақиқати ҳикмат ориф буданд ва ҳукамои соҳибшамъ дар миёни эшон бисёр буданд, мисли Ҷомус ва Фаросомашир ва Бузргҷмеҳр ва амсоли эшон»[1].

Ибни Халдун бошад, баъд аз таҳлилҳои ҳамаҷонибаи таърихи зухури фалсафа ба хулосае мерасад, ки: «Эрониён бар шевае буданд, ки ба улуми ақлӣ аҳмияти зиёде медоданд ва доираи ин илм дар кишвари эшон тавсеа ёфта буд, зеро давлатҳои эшон дар мунтаҳои пахноварӣ ва азамат буд ва ҳам гӯянд, ки ин улум пас аз он, ки Искандар Дороро кушт ва бар кишвари Канониён ғолиба ёфт аз эрониён ба юнониён расидааст, чӣ Искандар бар кутуб ва улуми бешумор ва беҳаде аз эшон даст ёфт»[2].

Бояд ёдовар шуд, ки бо вуҷуди мавқеи намоёни доштани устура (миф) ва дин дар фарҳангу маънавиёти мардумони ориёитабор, хусусияти рационалӣ ҳангоми муносибати инсон ба олами атроф, ичрои маросимҳои динӣ ва ташкили ҷомеа равшан мушоҳида мешавад. Дар фарҳанги устуравии ин мардум аз ҳакимони бузурге, ба мисли Каюмарс, Фарид-

[1] Қутбиддин Ашкурӣ. Махбуб-ул-қулуб. Таърихи ҳукамои пеш аз ислом. Техрон, 1398. -С.40-41.
[2] Ибн Халдун. Мукаддима. Ҷ.2. Тарҷумаи Муҳаммад Парвин Ганобӣ. Техрон: Басангохи тарҷума ва нашри китоб. 1359. -С.1002.

дун, Кайхусрав, Ҷомосп, Ҷамшед[1] ва як силсила шахсиятхои дигари таърихӣ ва асотирӣ ёд мешавад, ки онхо, на танхо рохбари давлату кишвар, балки донишмандони бузург ба шумор мерафтанд, ки аз асрори ҳастӣ ва олами вучуд бохабар буданд. Ҳикмати ориёӣ аз фалсафаи аклгарони Юнони қадим тавофути калон дошта, дар доираи он аз "маърифати ашё, мабдаъ ва маод, аслу сарнавишти мавчудот, маърифати олами мулку малакут ва эътиқод ба ӯ, боварӣ ба он, ки оламии хисшавандаро мавчудоти мучаррад ва нурони аз олами болои камар идора мекунанд, такя менамояд".[2] Ба иборати дигар, дар фарҳанги ориёӣ, илм ва тафаккури фалсафӣ аз доираи усутура болотар рафта, хусусияти метафизикӣ мегиранд. Муҳаққиқи муосири эронӣ Абдурофеи Ҳақиқат дуруст қайд менамояд, ки «Дар ибтидои таърих эроиён, махсусан дар давраи Ҳахоманишиён арзандатарин андешахои худро дар шакли тасвир ва андарзхо бар девори сохтмонхои хеш наққошӣ мекарданд. Мисоли равшани он Тахти Ҷамшед ва дигар коххои эронӣ, нигорахои илмие, ки, боид бо истифода аз рамзу рози он накшхо пажуҳишхои бузурге перомуни улуми марбут ба эроиён дар даврони бостон ба амал ояд».[3]

Андешаи фавқ қобили пазириш аст, зеро дар замони муосир, ки муборизаҳои фарҳангӣ ҳар лаҳза эҳсос мегардад, имконияти ба пестӣ расонидани дастовардҳои арзишманди мардуми тамаддунофари тоҷику форс вуҷуд дорад. Дар ин раванд ахли илму фарҳангро зарур аст, ки дар асоси

[1] Нит.: Платон. Сочинения в трех томах. Том 1. М., «Мысль», 1968. 623с.; Платон. Сочинения в трех томах. Том 2. М., «Мысль», 1970. 611с.; Платон. Сочинения в трех томах. Том 3. Ч.1. М., «Мысль», 1971. 687с.; Платон. Сочинения в трех томах. Том 3. Ч.2. М., «Мысль», 1972; Коплестон Фридрих Чарли (Copleston, Frederick Charles). Таърихи фалсафа. (1907). Тарчумаи Ҷалолиддин Мучтабавӣ. Техрон, ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1388. С.125-133; Рассел Б. Таърихи фалсафаи Ғарб. Ҷ.1. Тарчумаи Начафи Дарёбандарӣ. Техрон: «Парвоз», 1360. – С. 228-245.

[2] Абдурофеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ аз Ҷамосни ҳаким то Ҳаким Сабзворӣ. Техрон, 1372. – С. 36.

[3] Ҳамон ҷо: – С. 36.

маълумотҳои таърихию фарҳангӣ асияти ҷахонбинии гузаштаи миллатро муайян ва мавриди таҳқиқ қарор дода, арзиши умумибашарии онро ошкор ва ба ҷахониён муаррифӣ намоянд. Бахусус, андешахои ахлоқие, ки ифодакунандаи консепсияи ҷахонбиниосии ориёнхо буда, дар доираи замони муайян ва қавму нажоди алохида маҳдуд нагардида, хусусияти умуминсонӣ доранд, то кунун арзиши худро нигох доштаанд.

Таърих гувоҳ аст, ки пеш аз ҳуҷуми Искандар ба сарзамини ориёихо, дар ин минтақа назарияҳои илмӣ оиди риёзиёт, ҳандаса, нуҷумшиносӣ, дин, фалсафа ва ҳунари навиштани рақамҳо, кишоварзӣ, каниф ва истеъмоли фулузот шакли муайян гирифта, рӯ ба инкишоф буданд. Китобҳои мукаддаси мардумони ориёнтабор - Ведаҳо ва Авасто назарияҳои арзишманди илмиро фаро гирифта буданд, ки боиси рушди минбаъдаи аксарияти илмҳо гардиданд. Академик М. Диноршоев дуруст қайд менамояд, ки "Фарҳанги ориёӣ, ҳам аз ҷиҳати гипогунии мавзуъ ва ҳам аз гунҷоиши маънӣ баҳри бекарор аст. Дар ин фарҳанг, фалсафа бо ҳама шохаҳояш - ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, илоҳиёт, фалсафаи табиат, антропология, мантиқ ахлоқ ва зебоишиносӣ ба дараҷаи мактабҳои мустақили фалсафӣ такаммул ёфтааст. Ин мактабҳо, самти фикрии фалсафа ва дину оини Ведоиро ташкил дода бошанд, афкори пандомези Авестой мазҳабу равияҳои мухталифи фалсафаю динро ба миён овардаанд"[1]. Андешаи дигаре низ роиҷ аст, ки "Маҳз, хусусияти илмӣ доштани Авасто боис гардид, ки Искандар ба ҷуз аз нусхаи аслӣ тамоми нусхахои онро бисӯзонд ва бо худ ба Юнон бурд. Ва пасон, андешаҳои илмиву фалсафии тамаддуни ориёӣ аз номи юнониён баён шуданд".[2]

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки ташаккули афкори маънавӣ дар фарҳанги мардумони ориёнтабор таърихи

[1] Диноршоев М.Д. Пешгуфтор// Антропологияи ориёӣ. М. Мусаффарӣ. Душанбе. 2006. – С.5.

[2] Абдурофеъ Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ. Техрон. 1372. – С.84.

тўлонӣ доштa, ба ду марҳилаи асосӣ - давраи ибтидоӣ ва давраи хотимавӣ ҷудо мешавад. Дар давраи ибтидоӣ раванди ташаккули равоншиносии иҷтимоии ҷамъияти ибтидоӣ ва масъулияти дастаҷамъӣ, тасаввуроти анимистию фетишистӣ ва тотемистӣ дар сохти қабилавию авлодӣ "илми ғайб ва сеҳру ҷоду ҳамчун иломан бовару тасаввуротҳои ҷамъияти ибтидоӣ махсуб мегаштанд"[1] ба вуҷуд омада, дар марҳилаи дуюм, бунёди давлатҳои муқтадир, дину оинҳои давраи ибтидоӣ ва назариёти пуразриши илмӣ зуҳур карданд. Ин давраро метавон замони огози илм ва густариши ҷаҳонбинии фалсафии мардумони ориёитабор номид.

Фарҳангу маънавиёт ва тафаккури ориёӣ бо таъсирпазирӣ аз «Авесто», «Ведаҳо», «Буддаҳиши», «Корноман Ардашери Бобакон», «Дарахти Асурик», «Ёдгории Зарирон», «Ҳинн», «Динкарт» ва монанди инҳо шакл гирифт ва ба тадриҷ масъалагузорӣ доир ба ҳикмату маънавиёт, ахлоқ, фарҳанги оиладорӣ ва маданияти шаҳрдорӣ рӯйи кор омад. Сарфи назар аз он, ки дар ҷаҳонбиниои мардумони ориёитабор фалсафа ба маънии имрӯза шакл нагирифта бошад ҳам, вале фалсафаи амалӣ, бахусус ахлоқ дар шакли ҷаҳонбинӣ ташаккул ёфта буд. Дар ин тамаддун "илм дар шакли умумӣ ба ду бахши асосӣ тақсим шуда буд: тасаввуроти динӣ ва амалу фаъолияти инсон"[2], ки ба маънии имрӯза онро метавон бо истилоҳоти «дониш» ва «амал» ифода намуд.

Дар фарҳанги мардумони ориёитабор истилоҳи «дин» фарогиранда доираи васеи дониишу маънавиёт буда, хусусияти маърифатӣ дошт. Тибқи назари муҳаққиқон "дин, аз калимаи қадимаи эронӣ – «*даяна*» гирифта шуда, бештар ба калимаи «*дидан*» ҳамреша ва он шакли нисбатан тараққикардаи ҷаҳонбинии инсоният мебошад, ки ба зинаҳои мин-

[1] Ибн ан-Надим. Ал-Фехрист. Миср. 2009. - С. 237.
[2]. Нит.: Древние Цивилизации. Ancient Civilizations. Под общей редакции Г.М. Бонгард. Левина- Мысль, Москва, 1989. – С 135-165.

баъдаи пешрафти иҷтимоӣ хос аст".[1] Ҳамчунин, "Дар масъалаҳои идроки диний-асотирӣ тамоми таълимотҳои диние, ки дар ин сарзамини паҳновар, аз қабили оини зардуштия, мехрпарастӣ, оташпарастӣ, монавия ва ғайра зуҳур карданд, бештар мазмуни мундариҷаи асотирӣ-динӣ доштанд".[2] Андешаи мазкурро профессор М. Музаффарӣ таквият дода, таъкид менамояд, ки «Дар мукоиса бо афкори назарии Ғарб, дар таълимоти ориёӣ дин, фалсафа, мантиқ ва ахлоқ ҳамчун самтҳои ҷудогонаи илм мавҷуд набудаанд. Ҷамъи илмҳо ҳамчун қисми таркибии ҷаҳонбинӣ бо ҳам алоқаманд ва ягона буданд. Ҷаҳонбинии фалсафӣ ба дин ва ақоиди ахлоқӣ, ки мутафаккирон пайравӣ менамуданд, қонунҳои муқаррарии рафтор ҳамчун натиҷаи амалии андешаҳои фалсафию динӣ маънидод менуданд. Ахлоқ дар чунин вазъияти фикрӣ, на ҳамчун пардохти пешакӣ барои ба даст овардани ташаккули оянда, балки худ аломати чунин ташаккул ва натиҷаи маърифатпарварии худи шахс ба ҳисоб мерафт. Дар таркиби маърифати ахлоқӣ, бо ҳамин тартиб, се ҷанбаи асосӣ, яъне биологӣ, иҷтимоӣ ва ирфонӣ ҷойгир буд».[3]

Бо ҷонибдорӣ аз андешаи муҳаққиқони зикршуда хулоса кардан мумкин аст, ки бо вуҷуди вуҷуд надоштани системаи ягонаи илмӣ дар фарҳанги мардумони ориёитабор, дар он назариёти ҷолибе эҷод гардида буд, ки аз он юнониён ба таври васеъ истифода намудаанд. Алалхусус, дар ҳикмати амалӣ моҳияти ҷаҳоншиносии ин мардум ба

[1] Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷ.1. Душанбе, 2011. - С. 8.
[2] Нит.: Рахимов С. Х. Философско-эстетические идеи зороастризма. Диссертация на соискание ученой степени доктора философских наук. Душанбе, 2007. -С 12; Ҳазраткулов М. Ориёҳо ва тамаддуни ориёӣ. - Душанбе: Дониш, 2006; Музаффари М. Антропологияи ориёӣ. - Душанбе: Дониш, 2006; Мухаммадиев Х. Философские проблемы зороастризма. Душанбе, 2000; Муминдзода Х. Зардушт ва оини у. - Душанбе, 1993; Муминдзода Х. Тӯрон – Муминдзода Х. Зардушт ва оини у. - Душанбе, 2004; Идеи непрерывного движения и гаҳвораи тамаддуни ориёҳо. - Душанбе, 2004; Идеи непрерывного движения и взаимодействия в Авесте// Арийская цивилизация в контексте евразийских культур. - Душанбе: Дониш, 2006. - С. 466 – 482.
[3] Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ. - Душанбе: Дониш, 2006. - С. 17.

DEVOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM № 3021

таври равшан мушоҳида мегардад. Дар фарҳанги ориёӣ моҳияти дониш маърифат иборат аз дарки некии мутлак мебошад, ки кулли соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро мегирад. Иботи андешаи фавқ китоби Авасто мебошад, ки дар он омадааст: «Дониширо бисутул Зардушт аз барои нек андешидан ва гуфтану рафтор намудан дар андешаву гуфтору кирдор ва аз барои ин комёбӣ, ки росттарин дониши маздоофаридаи мукаддас дар поҳо нерӯю гавон, дар гушҳо шунавоӣ ва тандурустӣ дар саросари тан бахшад, барои фарру фурӯғаш онро меситоем» [Яшти 16]. Илова бар ин, дар фарҳанги ҳиндуориёӣ ҳанӯз чанд аср пеш аз зуҳури мактабҳои фалсафии Юнони қадим чараёнҳои фикрӣ пайдо гардида, ба рушди минбаъдан илм таъсири мусбати худро расонидаанд. Аз чумла, онҳо маздоиятро зургманишии дониширо ситоиш намуда, инсонро ба касби маънавиёт ва камолот даъват менамуд. Ҳамчунин, мактабҳои сапкхия, йога, вайшешика ва монанди инҳо, ки ҳамагӣ ситоишкунандаи инсони созанда хастанд, мисоли равшани гуфтаҳои болоянд.

Нодида гирифтан ва нодуруст баҳогузорӣ намудан ба ин гуна дастоварди арзишманди мардумони ориёитабор аз чониби мухаққиқони чунбиши миллатгароёна ва ифротии «аврупомеҳварӣ» сурат гирифтааст. Тибқи равиши таҳқиқи ин чунбиш, тамоми дастоварду арзишҳои илмӣ якчониба нишон дода шуда, на танҳо гаҳвораи таддун, балки макони тавлиди он низ Ғарб дониста мешавад. Аз ин рӯ, бисёр пахлӯҳои ин масъалаҳо бояд дар доираи методологияҳои нави илмӣ ва истифода аз усули герменевтикӣ ва технологияи муосир таҳлилу баррасии илмӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши адабиёти фалсафӣ бо сароҳат нишон медиҳад, ки накши чаҳонбинии динӣ ва фалсафии ориёӣ ба саромадони фалсафаи Юнон ва шаклгирии илмҳои фалсафӣ, аз чумла фалсафаи амалӣ хеле назаррас ва бузург аст. Мутафаккирони юнонӣ – Сукрот, Афлотун

ва Арасту аз зумраи файласуфоне маҳсуб меёбанд, ки дар баробари рушди фалсафаи назарӣ таваҷҷӯҳи бевосита ба бахшҳои фалсафаи амалӣ карда, дар ташаккули ин соҳа низ сахм гузоштаанд. Аз чумла, Сукрот тамоми назариёти фалсафии худро дар доираи афоризми машҳури «Худро бишнос» хулоса намуд, ки то имрӯз ҳикмати мазкур дар миёни аҳли илм ҳамчун нуктаи пиҳоӣ ва саодати вокеии инсонӣ пазируфта шудааст. Худшиносие, ки мутафаккир онро сарчашмаи ҳамаи муваффақиятҳои инсонӣ медонад, бояд ташаккули шахсият, камолоти маънавӣ дар ҳаёти инфиродиву ичтимоӣ мегардад. Аз ин бармеояд, ки Сукрот, моҳияти асосии хикматро иборат аз шинохтани чавҳар ва асли вуҷудияти инсон ва ба ин васила, бунёди чомеаи адолатпеша ва бонизом медонистааст. Ба ин маънӣ, "мактаби фалсафие, ки бештар масоили инсонро матраҳ сохтааст, мактаби сукротӣ мебошад".[1]

Афлотун (асри IV т.м.) таълимоти мактаби сукротиро идома дода, дар китоби «Чумхурият» ва муколамаҳои "Тимей", "Критий", "Сиёсат", "Навомис" (Қонунҳо), "Федон" ва г. ба масъалаи фалсафаи амалӣ, аз қабили тарбия, ахлоқ ва сиёсат таваҷҷӯҳи хосса намудааст. Мутафаккир, тарбияи ахлоқӣ ва дарки моҳияти некию бадиро дар пойдории давлат ва таъмини муносибатҳои одилонаи ичтимоӣ муҳим шуморида, таъкид менамояд, ки "Бадии бисёр барои давлат бояд аз байн бурдани ваҳдат ва ба ҳиссаҳои зиёд таксим шудани он мебошад. Некӣ бошад, онест, ки давлатро пайваст ва ба ягонагии он мусоидат менамояд"[2]. Ба ин маънӣ, мактаби афлотуниро меатвон ташаккулдиҳандаи фалсафаи амалӣ донист.

Таълимоти Афлотуниро тақвият бахшида, равокиён кӯшиши ба низом даровардани донишҳоро намуданд ва

[1] Ниёзи Ё.Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва тахаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик. - Душанбе, 2022. -С.62.

[2] Платон. Государство / Пер. А.И. Егунова// Собрание сочинений. В 4т. Т.3. М., 1994/, II, 343 b, c.

"мачмӯи донишхои илмро ба таври умумӣ ба се бахш: физика, этика ва мантик таксим карданд".[1] Дар ин таксимбандӣ илми ахлоқ, ки бахши мухимтарини фалсафаи амалиро ташкил менамояд, макон марказиро доро мебошад. Вобаста ба ин муносибат, хулоса кардан мумкин аст, ки таълимоти Афлотун ва мактаби афлотунии дар ташаккул ёфани фалсафаи амалӣ хамчун соҳаи мухими фалсафа, аз қабили этика, сиёсатшиносӣ ва илмхои дигари ичтимой хеле мухим мебошад.

Ба таври мукммалтар бошад, фалсафаи амалӣ хамчун қисми таркибии фалсафа аз чониби Арасту пешниход гардида, қисматхо ва мавзуву мундаричаи он муайян шудааст. Ӯ, бо нигорини китобхои «Сиёсат», «Ахлоқи Никомах», "Ахлоқи эвдемӣ" ва «Ахлоқи бузург» моҳият ва арзиши фалсафаи амалиро кушода, чойгохи онро дар низоми илмхои фалсафӣ муайян намудааст. Фалсфаи амалӣ (phronesis) аз назари мутафаккир, "илми роҳнамоикунандаи инсон чониби амал"[2] донista мешавад. Мафхуми "phronesis" дар таълимоти Арасту "тавоно-ии мо дар интихоб, қазоват ва усули саххехест, ки мунчар

[1] Рассел Б. Таърихи фалсафаи Ғарб. Ч.1. Тарчумаи Начафи Дарёбандарӣ. Техрон, 1360. – С.231.

[2] Нит: Aristotle, III b, 2009. P.5-6; Halverson, R. (2001). Representing instructional leadership practice in schools. Dissertation submitted to the Northwestern University School of Education and Social Policy; Halverson, R. (2004) Accessing, documenting and communicating the phronesis of school leadership practice. *American Journal of Education, 111(1)*, 90-122; Halverson, R & Halverson, E. (2011) Education as design for learning: A model for integrating education inquiry across research traditions. In C. F. Conrad & R. C. Serlin (Eds). *Sage Handbook for Research in Education: Engaging Ideas and Enriching Inquiry* (2nd Ed.). Sage: Thousand Oaks, CA; Halverson, R., Blakesley, C & Figueirido-Brown, R. (2011). Video-game design as a model for professional learning. In M. S. Khine (Ed.) *Learning to Play: Exploring the Future of Education with Video Games*. Peter Lang: New York, 9-28; Halverson, R., and Clifford, M. (2006) Evaluation in the wild: A distributed cognition perspective on teacher assessment. *Education Administration Quarterly 42(4)*. 578-619; https://web.education.wisc.edu/halverson/?page_id=166.

ба амали муносиб ва шоиста"[1] мешавад. Аз ин бармеояд, ки мутафаккир, робитаи ногусастанӣ миёни фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалиро эътироф менамояд, зеро интихоб, қазоват ва дарёфти усули саххех ҳангоми муносибат ба табиату ҷамъият, худ дониши назариявии мукаммалро такозо менамояд. Илова бар ин, барои муайян кардани аслу моҳияти масъалаҳои ахлоқи инсон ва ҳаёти вай, бояд моҳияту табиат ва ҷойгоҳу макоми инсон дар олами вучул муайян карда шавад. Ин амал нфодакунандаи тарзи андешаи дуруст ва хулосаи илмӣ баровардан мебошад.

Моҳияти фалсафаи амалиро Арасту иборат аз таъмини некӣ ва тарзи мувофиқи таъмини зиндагии инсон медонад. Тибқи таснифоти Арасту "фалсафаи амалӣ фарогири ахлоқ, иктисод ва сиёсат буда, се навъи накуӣ – накуии шахс, оила ва давлатро таъмин менамояд".[2]

Арасту моҳияти ҳикмати амалиро аз инсон ва муносибати вай бо олами вуҷуд иборат медонад. Тибқи андешаи ӯ, фалсафа ба инсон роҳҳои ҳамзистии мутақобиларо бо ақлу хирад ва тавассути онҳо дарки моҳияти ҳастиро нишон медиҳад. Фалсафаи назарӣ ва амалӣ бояд дар низоми худ ба ҳамин ҳадафи волои фарҳангӣ ва ичтимой расад. Ба маънии дигар, фалсафаи воқеӣ бояд «табиат ва моҳияти инсон, инчунин, робитаи мутақобилаи ӯро бо олами ҳастӣ таъмин намуда, робитаи ашёи олами ҳастӣ ва падидаву зуҳороти онро ба моҳияту хусусияти инсон мукоиса ва равшан намояд".[3]

Арасту фалсафаи амалиро, на танҳо чиҳати дарки мазмуну моҳияти ахлоқ, оиладорӣ ва сиёсати давлатдориву шахрдорӣ, балки дар доираи ин донишҳо амал кардани ин-

[1] Марям Самадия. Мачид Муллюсуфи. Арасту ва Фрунсис// Мутолиоти фарҳанги ва расона https://resaaneh.blogsky.com/1397/12/01/post-146/ (санаи мурочиат: 21.01.2018)

[2] Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиюни шарқ ва тоҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии точик. Душанбе. 2022. – С.71.

[3] Нит.: Лосев А.Ф. Философия. Мифология. Культура.- М.: Политиздат, 1991-525с.- (Мыслители XX века); Абдурроҳеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ аз Ҷамоспи хаким то Хаким Сабзаворӣ. Техрон, 1372.-С.68.

сон ва таъмини саодати иҷтимоӣ муҳим меҳисобад. Тибқи андешаи мутафаккир, барои ноил гардидани инсон ба саодат, табиати хиссии вай халал мерасонад. Аз ин ҷиҳат, танҳо амалу рафторҳои нек метавонанд ба инсон кӯмак расонанд то вай ба саодати абадӣ ноил гардад. Яъне, инсонро зарур аст, ки моҳияти ҳар амали ҳешро дарк кунад, инсон амал ба хисоб меравад.

Дар низоми фалсафии Арасту фалсафаи амалӣ ба маҳдиҳои ташаккули фарҳангии инсон, инкишофи худошиносӣ асосии ҳикмати амалӣ ин ҳамоҳанг сохтани тафаккури инсон бо амал, чиҳати ноил гардидан ба саодати абадӣ маҳсуб мегардад. Арасту кӯшидааст, ки тамоми масъалаҳои фарҳангшиносии инсонро ба воситаи фазилатҳо, ки ба зоҳирӣ, рӯҳӣ ва ҷисмонӣ тақсим шудаанд, ҳал намояд.

Таълимоти Арасту доир ба фазилатҳо бунёди ҳикмати амалии вайро ташкил дода, дар андешаҳои фалсафиаш воситаи асосии зиндагии фозилонаи инсон ба шумор меравад. Мутафаккир шахси хушахлоқ ва фозил он касеро меҳисобад, ки дорои рафтору одоби нек буда, дар доираи талаботи шуури инсонӣ амал мекунад. Ба қавли Арасту фазилатҳое, ки инсон онҳоро ба воситаи ҳикмати амалӣ касб менамояд, боиси «хушбахтӣ ва саодати шахсиву оилавӣ ва иҷтимоӣ мегарданд. Хушбахтӣ фаъолиятест, ки инсонро ба ҳикмат шабеҳу монанд мекунад. Маҳз ҳамин таълимоти Арасту аз зумраи пазарияҳоест, ки майлу рағбати инсонро ба ҳикмат зиёд карда, мақому мартабаи ӯро дар назари аҳли чомеа ба мақоми худоён баробар кардааст».[1]

[1] Нис.: Ботомолов А. Античная философия. -М.: Изд-во 1985.-С.147; Асмус В.Ф. Историко-философские этюды.- М., 1984; Коплстон Фредрик Чарлз (Copleston, Frederick Charles). Таърихи фалсафа. (1907). Тарҷумаи Ҷалолиддин Муҷтабавӣ. Техрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1388.-С.31-32.

Тарбияи фазилатҳои ахлоқро Арасту чиҳати аз байн бурдани сифатҳои ҳайвонӣ ва ташаккул додани хусусиятҳои иҷтимоии инсонҳо муҳим меҳисобад. Инсони тарбиядида робитаҳои муносибро дар оила ва байни аъзои чомеа ташкил намуда, дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ ва хайри ҳамагонӣ саҳм гузошта метавонад. Арасту фазилатҳои ахлоқиро натиҷаи фаъолияти мақсадноки инсонӣ ва шаклгирии онҳоро аз одат вобаста медонад. Табиатан вуҷуд доштани фазилатҳои ахлоқиро инкор намуда, таъкид менамояд, ки "чизҳои табиӣ қолаби худро ҳеҷ гоҳ вайрон намекунанд"[1]. Моҳияти касби фазилатҳои ахлоқӣ амали инсонро дар бар гирифта, боиси камолоти маънавии вай мегарданд.

Дар адабиёти илмие, ки ба таҳлили осори Арасту бахшида шудаанд, ақидаҳои гуногун оид ба шаклҳои фазилатҳои арастуӣ ба вуҷуд омадаанд. Гурӯҳе аз муаллифон ба фазилатҳои чаҳоргонаи арастуӣ санъат, илм, ақлу хирад ва донишу маърифатро нисбат медиҳанд. Гурӯҳи дигар бошад, танҳо хираду ақл ва дониширо ба мафҳуми фазилат дохил месозанд. Аммо, Арасту ба саволи он, ки «хислати бехтарин барои рӯҳи инсон кадом аст?» ҷавоб дода, онро фазилат меҳисобад. Вай, зери мафҳуми «фазилати инсонӣ» онҳо ва чомеаи башариро дар назар дошт. Дар иртибот ба ин, бехтарин фаъолият барои рӯҳи инсонӣ ин комёб шудан ба ҳақиқати олӣ мебошад. Воситаҳои асосие, ки ба шарофати он рӯҳи инсон ба ҳақиқат ноил мегардад ин фарҳанг, илм, хирад ва ақлу дониш мебошанд. Инкишофи фазилатҳои маънавии инсон заминаи амали бошууронаи вай буда, дар доираи низоми қоидаҳо сурат мегирад. Барои ин метавон фазилати дӯстиро ҳамчун мисол овард. Дӯстии ҳақиқӣ шарти асосии ҳаёти хушбахтона буда, инсонро ба суйи саодату хушбахтӣ раҳнамун месозад. Иштирок дар набардҳои ҷангӣ ва ҳаёти рӯзмараи иҷтимоӣ сабаби мустаҳкам гардидани

[1] Аристотель. Никомахова этика. Соч. в 4т. Т.4. М.: Мысль. 1983. – С.78.

робитаҳои аҳли ҷомеа ва муносибатҳои дӯстонаи онҳо хоҳад шуд. Дӯстӣ дар байни аҳли ҷомеа, на фақат воситаи комёб шудан ба фазилат ва зиндагии хубу гуворо, балки хиссиёти начиби муҳаббат ва рафокатро бо дигар шаҳрвандон ба вуҷуд хоҳад оварл.

Ба қавли Арасту фазилатҳое, ки инсон онҳоро ба воситаи ҳикмати амалӣ касб менамояд, боиси хушбахтӣ ва саодати шахсиву оилавӣ ва иҷтимоӣ мегарданд. Мутафаккир борҳо таъкид сохтааст, ки хушбахтӣ фаъолиятест, ки инсонро ба Худо шабеху монанд мекунад. Маҳз ҳамин таълимоти Арасту аз зумраи назарияҳоест, ки майлу рағбати инсонро ба ҳикмат зиёд карда, мақому мартабаи ӯро дар назари аҳли ҷомеа ба мақоми худоён баробар кардааст. Таълимоти Арасту ҳамасронаиро ба он даъват мекард, ки доир ба зиндагии иҷтимоӣ ва муроқибаткунанда интихоби бошуурона намоянд. Ҳанӯз дар даврони зиндагии Арасту ҳамин андешаҳои вай дар ташаккули фарҳанг ва худогоҳии инсон ба хотири боло бурдани мақоми ӯ нисбат ба ҳаёти ҳайвонӣ ва ба ҳаёти муносиби инсонӣ расидани ӯ қадамҳои устувор буданд. Андешаҳои Арасту дар бахши ҳикмати амалӣ, ки дар мачмуъ, маънавиёти юнониёнро инъикос мекарданд, ба табақаи болоии ҷамъият таалуқ дошта, аз манфиатҳои онҳо дифоъ менамуданд.

Арасту барои дарки моҳияти ҳикмати назариву амалӣ рӯй ба табақабандии илмҳо, ки яке аз аввалин тақсимбандиҳо дар Юнони қадим ба ҳисоб мерафт, меорад. Аз ҷумла, ӯ дар асари худ «Сиёсат» сабабҳои асосии ташаккули фаъолияти инсонро дар доираи фазилатҳои чаҳоргона тарҳрезӣ намудааст. Гибки назари мутафаккир, агар, инсон дар руҳияи фазилатҳои ахлоқӣ тарбия наёбад ва барои тамоми шаҳрвандон низоми дурусти тарбия бароҳ монда нашавад, ҳаёти онҳо монанди ҳаёти хайвонот гарлида, дар ниҳоят, ба мисли спартанихо ба вайрону вангор гардидани мамлакат бурда мерасонад. Моҳияти

андешаи мутафаккир бар он далолат менамояд, ки давлати идеалӣ аз шаҳрвандони тарбиятдида ва бомаърифат иборат мебошад.

Китоби "Сиёсат"-и Арасту дар ташаккули фалсафаи амалӣ нақши назаррас гузошта, аз ҷониби мутафаккирони асримиёнагии тоҷик ҳамчун сарчашмаи боэътимод эътироф гардидааст. Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино ва Қутбиддин Шерозӣ аз китоби мазкур ба таври васеъ истифода бурда, ҳатто иқтибосҳо низ овардаанд. Ба қавли Ризо Доварии Ардаконӣ, "Форобӣ ва Сино китобҳои «Ахлоқ» ва «Сиёсат»-и Арастуро дар даст доштаанд".[1] Қутбиддин Шерозӣ низ дар қисмати ниҳоии бахши "сиёсати маданӣ" менависад, ки "Аристотолис рисолаи муъҷазе дар сиёсат нишо кард, ки аҳли ҳикмат онро пазируфтанд"[2].

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки Арасту яке аз аввалинҳо шуда дар доираи фалсафа низоми илмии энсиклопедиро ба вуҷуд овард. Дар ин доира, илмҳо ба ду гурӯҳи асосӣ - назарӣ ва амалӣ тақсимбандӣ гардиданд. Илмҳои назарӣ ба табииёт, риёзиёт, иллоҳиёт ва илмҳои амалӣ ба ахлоқ ва сиёсат (бо фарогирии иқтисод, оила) ҷудо карда шуданд. Иқломи мазкур сабабгори рушди минбаъдаи фалсафаи амалӣ гардид.

Бо таъсирпазирӣ аз таълимоти ратсионалистии юнонӣ дар кишварҳои Шарқи исломӣ низ ба таснифот ва тақсимбандии илмҳо таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд. Мутафаккирони асримиёнагӣ, пеш аз ҳама, фалсафаро мадди назар гирифта, онро ҳамчун ҳикмат ба назариву амалӣ ҷудо менамоянд. Ба таври умумӣ, фалсафаро «маърифати ҳамаи ашё ба қадри тоқати инсонӣ»[3], яъне дониш оид ба воқеъияти ашё ба андозаи тавоноии инсонӣ донista, пасон онро ба ду қисм

[1] Нак.: Ризо Доварии Ардаконӣ. Фалсафаи маданияти форобӣ. Техрон: Шӯрои олии фарҳанг ва хунар (маркази мутолиот ва ҳамоҳангии фарҳангӣ), 1324. - С.20-24.

[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва эҳтимоми Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Техрон, 1386. – С.189.
Бо кӯшиш ва эҳтимоми Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Техрон, 1386. – С.101.

[3] Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино. Душанбе, 2011. – С.101.

"1) ашёе, ки вуҷудашон дар ихтиёр ва қудрати инсон нест ва тавассути моҳияти худ, ки берун аз ихтиёри инсон мебошанд ба вуҷуд меоянд ва ё аз байн мераванд; 2) ашёе, ки дар доираи феъл ва ихтиёри инсон ҳастанд ва тахти қудрати ӯ қарор мегиранд"[1], тақсим менамоянд.

Яъқуби Киндӣ (801-873) нахустин шуда дар доираи сабки юнонӣ ба таҳлили масъалаҳои фалсафаи амалӣ машғул гардида, тавассути таҳқиқот ва осори фалсафии хеш дар рушди ин бахши фалсафа таъсири мусбат расонидааст. Қисмате аз осори Киндӣ, ки бевосита ба баррасии масоили фалсафаи амалӣ бахшида шуда буданд, то замони мо парасидаанд. Сабаби аз байн рафтани осори мутафаккирро баъзе муҳаққиқон дар камарзиш будани онҳо маънилод кардаанд, ки қобили пазириш нест. Зеро Киндӣ мутафаккири ақлгаро ва асосгузори маншаъяи шарқӣ буда, наметавонист асрҳои бесарзишро тахия намоял. Ба андешаи мо, ин тарзи муносибат хусусияти субективӣ дошта, ҷиҳати исботи воқеияти таҳқиқоти ихтисосиро талаб менамояд.

Муносибати якҷониба дар нисбати осори Киндӣ то кунун идома дорад. Масалан, муҳаққиқи эронӣ Ризо Доварӣ[2] рисолаи «Фи ҳилатул дафъун аҳзон» ва ё «Рафъул аҳзон»-и мутафаккирро асари камарзиш муаррифӣ карда аст, вале далелҳои пешниҳоднамудаи ӯ гайримантиқӣ буда, қобили қабул нестанд. Зеро Киндӣ аз аввалинҳо шуда, дар ҳамин рисола илмҳоро ба равиши арастуӣ тасниф намудааст, ки ба рушди ин соҳа дар Шарқ тақони ҷиддӣ додааст. Илова бар ин, то имрӯз дувоздаҳ рисола дар ҳикмати амалӣ аз Яъқуби Киндӣ боқӣ мондаанд, ки ба ҳайси сарчашмаҳои муътамад мавриди истифодаи мутафаккирони баъдӣ қарор гирифтаанд. Таъсир ва нуфузи ақида ва таълимоти Киндиро дар рушди фалсафа муҳаққиқи эронӣ Абулфазли Шакурӣ таҳқиқ намуда, зикр менамояд, ки «Ҳарчанд, ки Ибни Сино

[1] Мударрисӣ М. Фалсафаи ахлоқ: пажӯҳиш дар бунёдҳои забонӣ, фитрӣ, таҷрибӣ, назарӣ ва лузуми ахлоқ. Теҳрон, 1371. - С.11.
[2] Доварӣ Р. Фороби файласуфи фарҳанг. Теҳрон, 1389, - С. 126.

аз Киндӣ ба таъзим ёд намекунад, вале ин даъби (хоҳиши) ӯст, ки ба ҷуз Абунасри Форобӣ дар миёни фалсафаи ҷаҳони ислом касеро бо таъзим ёл накардааст, вале равиши ӯро идома бахшидааст».[1]

Абулаббосӣ Сарахсӣ (820-899) таълимоти Яъқуби Киндиро идома дода, доир ба фалсафаи амалӣ ҳудуди дах китобу рисола навиштааст. Дар ин китобҳо, масъалаҳои ахлоқ, сиёсат, фиқҳ, оиладорӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ба таври илмӣ таҳқиқ шудаанд. Методологияи таҳқиқи Сарахсӣ ҳамоҳанг бо файласуфони машшоӣ буда, дар сарчашмаҳо ӯро "файласуфи юнонимаоб ва нафаре, ки кӯшидааст, ба осори фалсафии юнонӣ хусусияти оммавӣ бахшад"[2], муаррифӣ менамоянд. Ба мутафаккир дувоздаҳ рисолаҳои илмиро, ки бештарашон ба таҳлили масоили иҷтимоию ахлоқӣ бахшида шудаанд, нисбат додаанд.

Файласуфи дигаре, ки дар ҳикмати амалӣ бо сабки юнонӣ таълифоти ҷиддӣ анҷом дода, ҷиҳати ташаккули ин бахши фалсафа саҳми назаррас гузоштааст, Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ (850-934), маъруф ба Абузайди Балхӣ мебошад. Аз Абузайди Балхӣ дар ҳикмати амалӣ асарҳои зерин боқӣ мондаанд: «Китоби сиёсат-ул-кабир», «Китоби сиёсат-ус-сағир», «Муслиҳ-ул-абдон вал анфус», «Ақсом-ул-улум», «Ал-бонату ал илал-уд-дионат», «Фазли саноат-ул-китоба» ва ғайра. Осори зикршуда барои Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насириддин Тусӣ, Қутбиддин Шерозӣ ва дигарон сарчашмаи бевоситимоди назариявӣ маҳсуб мешаванд. Бо таъсирпазирӣ аз онҳо Абӯнасри Форобӣ дар асари худ «Эҳсо-ул-улум» ва Ибни Сино дар «Ақсом ул-улум ал-ақлия», на танҳо табақабандии илмҳоро дар шакли мантиқӣ анҷом доданд, балки хидмати бузургеро дар ташаккул ва рушди ҳикмати амалӣ ба анҷом расониданд.

[1] Абулфазли Шакурӣ. Фалсафаи сиёсии Ибни Сино ва таъсири он бар адвори баъдӣ. Қум: Ақли Сурх, 1384.- С.149.
[2] Ризо Доварии Ардакоӣ. Фалсафаи мадании Форобӣ. Теҳрон: Шӯрои олии фарҳанг ва ҳунар (марказии мутолиот ва ҳамоҳангии фарҳангӣ), 1324. - С. 23.

Абунасри Форобӣ (870-950) пеш аз Ибни Сино ба баррасии масоили марбут ба ҳикмати амалӣ машғул гардида, дар ин самт таълимоти арзишманди илмӣ пешниҳод кардааст. Мутафаккир дар таснифоти худ бештар ба фалсафаи амалӣ диққат дода, онро бо мафҳуми "илмҳои маданӣ" баён месозад ва таъкид менамояд, ки "ин илмҳо дарбаргиранда ои ни зиндагии иҷтимоӣ ва маданӣ"[1] хастанд. Фалсафаи амалӣ, аз нигоҳи мутафаккир, дониш дар бораи зиндагии инсон, муносибатҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои идораи ҷомеа ва давлат мебошад, ки ҳамоҳанг бо таълимоти Арасту аст. Аммо, ӯ, аз таҳлили масъалаи ахлоқ ва оиладорӣ дида, бештар ба сиёсат ва идораи ҷомеа - «сиёсати мудун» таваҷҷуҳ кардааст. Ҳамин аст, ки мухаккиқон Форобиро пахустин мутафаккире медонанд, ки дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс «масоили иҷтимоиву сиёсиро ба баррасии системаи фалсафӣ даровард, мавзуъ ва вазифаҳои онро муайян ва бунёди таҳқиқи назариявӣ ва системавии ин масоилро гузоштааст»[2].

Абӯнасри Форобӣ моҳияти фалсафаи амалиро шарҳ дода, менависад, ки «Илми маданӣ, аз навъи афъол ва рафтори иродӣ ва аз он мулоқот ва ахлоқ ва одате, ки афъол ва рафтори иродӣ аз онҳо сарчашма мегирад, баҳс мекунад ва аз ҳадафҳое, ки ин афъол ва рафтор барои расидан ба онҳо гузошта мешавад, ёд мекунад… Ва даст ёфтан ба саодати ҳақиқии «зиндагии ҷовидона» дигар сарои ҳадафи аслии ин афъол ва рафтори мо мебошад».[3] Ҳадафи ниҳоии фалсафаи амалиро Форобӣ иборат аз дарки моҳияти зиндагии инсон, расонидани он ба "саодати абадӣ ва ҷовидона" медонад. Гарчанде, ба даст овардани ин ҳадаф дар воқеият ғайриимкон бошад хам, вале мутафаккир андешаи худро ба

[1] Абӯнаср Форобӣ. Ихсо ал-улум. Мутарҷим: Ҳусайн Хидеҷам. Техрон, 1364. – С.112.

[2] Диноршоева З.М. Гражданская философия ал-Фараби. Дисс. на соискание уч степ. к.ф.н., Душанбе, 2006. – С. 217.

[3] Абӯнаср Форобӣ. Ихсо ул-улум. Мутарҷим: Ҳусайн Хидеҷам. Техрон, 1364. -С.106

хостаҳои нафсонӣ ва мақсади зотии инсон асоснок намуда, таъкид месозад, ки "Мақсади мавҷудияти инсон ба даст овардани хушбахтӣ аст"[1].

Ҳамчунин, фалсафаи амалӣ (илми маданӣ)-ро, бо мафҳуми "сиёсати маданӣ" ифода намуда, Форобӣ ҷавҳари онро иборат аз тарбияи ахлоқи иҷтимоӣ ва маърифатнокку нии ҷомеа медонад. Ин илм дар доираи сиёсат ва қонунҳои шаҳрдорӣ, аъзоёни ҷомеаро ба тафаккур, рафтори маданӣ ва фарҳангӣ даъват ва роҳбари давлатро ба ҷораандешӣ нисбати баланд бардоштани илму маърифати шаҳрвандон мувоззаф месозад, зеро "ҳаёту фаъолияти низоми маданаи фозила мувофиқат ба дарачаи маърифати халқи он иртиботи қавӣ пайдо мекунад"[2].

Абӯнасри Форобӣ фалсафаи амалиро аз фалсафаи назарӣ ҷудо накарда, балки дар шакли таъсири мутақобила ва муштарак баррасӣ менамояд, вале аз он ҷихат, ки моҳияти ҳаман илмҳоро иборат аз таъмини саодати инсонӣ медонад, хулоса кардан мумкин аст, ки илмҳои амалӣ барои мутафаккир мухимтар буда, ҷихати ташаккули илмҳои назарӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Вобаста ба ҳамин хусусият, тарзи таснифи илм ва усули андешаи мутафаккирро асос намуда, мухаккики эронӣ Ризо Доварӣ Форобиро "бунёдгузори фалсафаи амалӣ дар олами ислом" номида, менависад, ки «Агар аз ман пурсед, чӣ далеле вуҷуд дорад, ки Форобӣ муассиси фалсафаи исломӣ аст ва фалсафаи сиёсиро дар олами ислом бунёд гузоштааст, мадорикеро пеш мекашам, ки, шояд дар ёде амри муваҷҷеҳ ба назар нарасад. Меъёр ин аст, ки пай бубарем, хар файласуф чӣ назаре ро ҷеъ ба илм дорад ва талакки ӯ аз илм чист? Агар, илмро табақабандӣ карда, чӣ гуна онро анҷом додаст? Форобӣ усули хос дар таснифот дошта, ҷавҳари илмро ошкор сохта,

[1] Аль-Фараби. Афоризмы государственного деятеля// Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. –Алма-Ата, 1973. – С.21.

[2] Комилов Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик. Душанбе, 1997. – С.164.

фалсафаи сиёсиро, ки чавҳари он таъмини хайри умум ва саодат аст, бунёд кардааст»[1].

Андешаи Довариро чонибдорӣ намуда, хулоса кардан мумкин аст, ки фалсафаи амалӣ тавассути фаъолияти илмии Форобӣ ба шакли системавӣ дароварда шуда, макоми устувортар пайдо кардааст. Мутафаккирони минбаъда, ба мисли Абулҳасани Нишопурӣ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Сино, Насириддин Тӯсӣ, Қутбиддин Шерозӣ, Ҷалолиддин Давонӣ ва ғ. аз таълимоти Форобӣ ба таври васеъ истифода намуда, консепсияи пешниҳоднамудаи ӯро таквият додаанд.

Мутафаккири дигари шаркӣ - Абдулҳасан Омирии Нишопурӣ (913 - 992) андешаҳои Киндӣ ва Форобиро дар фалсафаи амалӣ идома дода, дар ташаккули ин бахши фалсафа нақши назаррас гузоштааст. Макоми баланд доштани мутафаккирро дар ташаккули фалсафаи амалӣ эътироф намуда, Абулфазл Шакурӣ менависад, ки "Абӯлҳасан Омирӣ дар ҳикмати амалӣ таълифоти хубе анҷом додаст, ки дар фалсафаи исломӣ камназир мебошанд"[2].

Абулҳасан Омирӣ фалсафаи амалиро, ки мохияти он аз баррасии мақсади зиндагӣ ва дарёфти хушбахтии инсонҳо иборат мебошад, бо андешаҳои динии қолабӣ (дини сиёҳ) муқобил гузошта, фаъолияти окилонаи инсон (ақли сарех)-ро дар интихоби саодат ва хушбахтӣ асос мехисобад. Тибқи андешаи мутафаккир, тарбияи ахлоқие, ки асоси онро ақли сареҳ ташкил менамояд, боиси рушди шахсияти инсон ва фаъолиятҳои чамъиятии ӯ мегардад.

Абуалӣ ибни Мискавайҳ (934 - 1030) аз мутафаккирони сермаҳсули фалсафаи амалӣ дар таърихи фалсафаи точик мебошад. Ӯ, пахустин файласуфест, ки асарҳои арзишманди илмӣ, аз қабили «Тахзиб-ул-ахлоқ», «Тартиб-ус-саодат» ва «Фавз-ул-асғар»-ро, ки бевосита ба таҳқиқи масоили ахлоқӣ бахшида шудаанд, ба нашр расонида, уп-

[1] Ризо Доварӣ. Форобӣ муассиси фалсафаи исломӣ.Техрон, 1355. - С.155.
[2] Абулфазли Шакурӣ. Фалсафаи сиёсии Ибни Сино ва таъсири он бар адвори баъди. Қум: Ақли Сурх. 1384.- С.39

вони фахрин «муаллими солис»-ро соҳиб гардидааст. Мутафаккир, баракси Арасту, ки илми сиёсатро "хайри олитарин" ва "ҳунари олитарин"[1] медонист, илми ахлоқро аз сиёсат ва ҳар илми дигар афзалтар мешуморад, зеро "ахлоқ бевосита ба афъоли инсон алока дорад".[2] Андешаи мазкурро Давлатов П.Н. таҳлил намуда, менависад, ки «Асли таълимоти ахлоқии мутафаккир даъвати инсон ба ворастагӣ, растагорӣ, таквою парҳезкорӣ, хайрхоҳӣ, накукорӣ, сабру қаноат, хокисорӣ, ҳалимӣ, фурӯтанӣ, саҳмият, умуман расидан ба худшиносиву худогоҳӣ буда, инсондӯстӣ, дӯст доштани зиндагӣ ва тарғибу ташвиқи хаёти ичтимоӣ, тарки инсонбадбинӣ, дунёбезорӣ, маъюсиву ноумедӣ ва гӯшанишиниро хаёти зохидонаи дур аз чомеаи инсониро таъкид намудааст».[3]

Бо истинод ба андешаҳои баёнгардида хулоса кардан мумкин аст, ки Мискавайҳ мутафаккирест, ки андешаҳои шарқиву гарбиро дояр ба инсон ва максаду моҳияти зиндагии ӯ, инчунин дарёфти саодати вокеӣ ва расидан ба камолоти маънавиро ба низоми муайян дароварда, дар самти мустаҳкам намудани ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар низоми донишҳои фалсафӣ хизмати шоён анҷом додааст.

Фалсафаи амалӣ дар системаи фалсафии Ибни Сино (980 - 1037) низ ҷойгоҳи назаррас дорад. Гарчанде, қисмати зиёди осори мутафаккирро масоили фалсафаи назарӣ ташкил намояд ҳам, вале ӯ, ба масъалаҳои ахлоқӣ (таҳзиби ахлоқ), оилаторӣ (тадбири манзил) ва сиёсат (сиёсати мудун) низ, дар "Шифо", "Начот", "Донишнома", "Ишорот ва танбеҳот", "Ҳай ибни Якзон", "Тадбири манзил", "Рисола дар ахлоқ", "Дар бораи дастёбии саодат", "Оид ба сиёсати илоҳӣ" ва осори дигари худ таваҷҷуҳ кардааст.

[1] Аристотель. Никомахова этика. Соч. в 4т. Т.4. М.: Мысль. 1983. – С.279.
[2] Ибни Мискавейх. Тахзиб-ул-ахлок. Тарчума ва тавзехоти Алиасғари Халаби. Техрон. 1381. – С.52.
[3] Давлатов П.Н. Нигохе ба андешаҳои ахлоқии Ибни Мискавейх// Паёми Донишгохи миллии Точикистон. 2020, №7. – С. 170.

Мухаққики осор ва афкори Ибни Сино А.В. Сагадеев аз мавқеи назаррас доштани масоили дигари фалсафӣ дар киёс ба фалсафаи амалӣ дифо намуда, менависад, ки "Дар карни Ибни Сино ҷомеа ва низоми сиёсии Шарқи исломӣ хаёлҳоеро оид ба эъмори «мадинаи фозила», ки намунаи барчастаи он аз ҷониби Форобӣ пешниҳод гардида буд, ҳамчун андешаи мехварӣ ва ояндаи саодатманд назируфта буданд. Дар чунин шароити сиёсие, ки Абӯнасри Форобӣ даст ба таҳияи ин идеяҳо зад, он ҳамчун дурнамо ва максади олӣ барои такомули маънавӣ ва фарҳангии шаҳрвандону хокимон равона гардида буд. Аз ҳамин сабаб, дар байни таълифоти Ибни Сино рисолаҳо оид ба илоҳиёт, сиёсат ва ахлоқ, ки мазмунан ва ҳаҷман баробари асарҳои Абӯнасри Форобӣ бошанд, дида намешавад"[1].

Албатта, баъзе андешаҳои ин муҳаққиқон кобили қабул аст, вале наметавон гуфт, ки Ибни Сино масоили фалсафаи амалиро камаҳамият дониста, аз таҳлил ва таҳқиқи онҳо комилан даст кашида бошад. Мутафаккир дар "Хикмат-ул-машрикия" менависад, ки «Аз илмҳои амалӣ микдореро, ки толибони наҷот ба он эҳтиёҷ доранд, мерем».[2] Аз ин иктибос маълум мегардад, ки Ибни Сино фалсафаи амалиро илми "наҷот" дониста, талабот ба онро эътироф менамояд. Мутафаккир фалсафаи амалиро баҳри дарёфти зиндагии босаодати инсонҳо ва "фароҳам овардани шароит барои фаъолияти ҳаётии одамон ва пойдориву бакои хастии насли инсонӣ"[3] муҳим мешуморад.

Мухимияти фалсафаи амалиро Ибни Сино дар он мебинад, ки тавассути ин илм тарзи рафтору кирдори инсон, миносибатҳои иҷтимоӣ ва ипгироки ӯ дар бунёди ҷомеаи бопизому мугамаддин муайян карда мешавад. Гибки назари

[1] Сагадеев А.В. Ибн Сина [Авиценна]. – М.: Мысл, 1980. - С. 76.
[2] Абу Алӣ ибни Сино. Хикмати машрикия// Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ.2.- Душанбе: Дониш, 2005.- С. 65.
[3] Комилов Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таълимоти фарҳангии форсу тоҷик. Душанбе, 1997. – С.173.

мутафаккир "Баъзеи илми амалӣ кайфияти рафтори инсон ва ҳолатҳои хоси ӯро меомӯзад, ки дар ин дунё ва дар он низ хушбахт бошад. Баъзе, онро бо номи "илми ахлоқ" зикр карда, қисми дигар, чӣ тарз чорӣ будани амри мушорикати инсонӣ бо дигарон, то ки ин амр бо як низоми фозилона амал намояд, хох он мушорикат ҷузъӣ бошад ва хох куллӣ таъриф кардаанд. Мушорикати ҷузъӣ дар як манзил ва мушорикати куллӣ дар шаҳр аст".[1]

Ба ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки ҳикмати амалии Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун қисми ҷудонопазири ҳикмати назарии вай, шомили тамоми масъалаҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Мақсади асосии ҳикмати амалӣ, ба акидаи мутафаккир, ба даст овардани хушбахтии инсон, камолоти ахлоқу маънавиёти ӯ ва ташкили "ҷомеаи одилона" мебошад. Ба андешаи мутафаккир, инсон тавассути илмҳои зикршуда ҳикмати амалиро аз бар намуда, ба максади ба даст овардани саодат талош меварзад. Фалсафаи амалии Ибни Сино маҷмӯи ягонаи «фалсафа оид ба инсон»-ро ташкил менамояд ва ба омӯзиши амалу рафтори инсон дар оила ва ҷомеа машғул мебошад.

Насириддини Тӯсӣ (1201-1272) фалсафаи амалиро такмил бахшида, мухимияти онхоро барои таъмини зиндагии фардиву ҷамъиятӣ ва дарки максади ҳастии инсон исбот менамояд. Мутафаккир дар осори худ «Асос-ул-иқтибос», «Равзат-ут-таслим», «Ахлоки Носирӣ», «Шарҳул-ишорот», «Қавоид-ул-ақоид», «Таҷрид-ул-ақоид», «Таҷрид-ул-калом», «Ахлоқи Мухташамӣ», «Авсоф-ул-ашроф», «Насиҳатнома ба Обоқохон» ва г. масоили ахлоқиву иҷтимоӣ ва сиёсиро мавриди баррасӣ карор дода, хулосахои илман асосноқ пешниҳод кардааст. Гибки назари Тӯсӣ «Чун камол ва тамомии хар шахсе бар дигар ашхоси навъӣ вобаста бувад ва чун вуҷуди навъ бе муовинат сурат намебандад ва муовинат бе иҷтимоъ муҳол аст,

[1] Абу Алӣ ибни Сино. Хикмати машрикия// Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ.2.- Душанбе: Дониш, 2005. - С. 64.

пас, навъи инсон биттабъ мухтоҷ бувад ба иҷтимоъ. Ва ин навъи иҷтимоъро тамаддун хонанд ва тамаддун муштақ аз мадина бувад ва мадина мавзеи иҷтимоии аншосе, ки ба анвои ҳирфатҳо ва саноатҳо таовуне, ки сабаби таъайюш бувад, мекунанд. Ва гараз аз манзил на маскан аст, бал иҷтимои аҳли маскан аст бар ваҷҳе хос. Ин ҷо низ, гараз аз мадина на маскани аҳли мадина аст, бал ҷамъияте махсусе аст миёни аҳли мадина... Пас, зарурати навъе аз тадбир бояд, ки ҳар якеро ба манзалате, ки мустаҳақи он бошад, қонеъ гардонад ва ба ҳаққи хеш бирасонад ва умури таовун машғул кунад ва ин тадбирро сиёсат хонанд. Пас, ҳикмати амалӣ се қисм бувад: таҳзиби ахлоқ ва тадбири манзил ва сиёсати мудун».[1]

Ба андешаи мутафаккир, ки онро Қутбиддин Шерозӣ ва Ҷалолиддин Давонӣ ҷонибдорӣ ва тақвият додаанд, фалсафаи амалӣ дониста моҳияти ҳастии инсон, дар шакли "ҳаракатҳои иродӣ" ва санъати идоракунии оила ва давлату ҷомеа мебошад, ки натиҷаи он тамаддун аст. Яъне, ҷомеае, ки дар он инсони тарбиятдида фаъолияти ниҳфиродиву иҷтимоӣ мебарад, ҷомеаи мутамаддин ё ба истилоҳи мутафаккирони машшоӣ "мадинаи фозила" мебошад. Аз ин ҷихат, фалсафаи амалӣ таъминкунандаи зиндагӣ ва ҳастии иҷтимоии инсон, ҷомеа ва давлат буда, асоси бунёдӣ барои рушди самтҳои дигари илм ва соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Қутбиддин Шерозӣ (1236-1311) чойгоҳи фалсафаи амалиро дар низоми илмҳои фалсафӣ муҳим арзёбӣ намуда, таъкид менамояд, ки «Ва аммо ҳикмати амалӣ ва он донистани масолеҳи ҳаракоти иродӣ ва афъоли сапони навъи инсонӣ бувад бар ваҷҳе, ки муаддӣ бувад ба пизоми аҳволи маош ва маоди эшон ва муктазии расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд сўйи он, ҳам мункасим мешавад ба ду қисм: яке онки роҷеъ бувад ба ҳар нафсе бинифрод;

[1] Насириддин Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. -Душанбе: Маориф, 2009. – С.198-199.

ва дигар онҷи роҷеъ бувад ба ҷамоате ба мушорикат. Ва қисми дуввум низ ба ду қисм шавад: яке онҷи роҷеъ бувад бо ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар манзил ва хона; дуввум, онҷи роҷеъ бувад ба ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр ва вилоят, бал иқлим ва мамлакат. Пас, ҳикмати амалӣ низ се қисм бувад: таҳзиби ахлоқ, тадбири манозил ва сиёсати мудун»[1].

Саҳми Қутбиддин Шерозиро дар ташаккули фалсафаи машшоӣ, аз ҷумла фалсафаи амалӣ, академик Мӯсо Диноршоев муҳим арзёбӣ намуда, менависад, ки «Қутбиддини Шерозӣ зери таъсири Ибни Сино асари барҷастаи хеш «Дуррат-ут-тоҷ»-ро ба забони тоҷикӣ-форсӣ тасниф кардааст, ки ҳамрадифи «Шифо»-и Шайхурраис аст, вале бархилофи «Шифо» дар он масоили фалсафаи амалӣ муфассалтар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд».[2] Воқеан, андешаи М. Диноршоев комилан дуруст мебошад, зеро Қутбиддин Шерозӣ дар сори худ, масоили ахлоқиву манзилдорӣ ва сиёсиву иҷтимоиро ба таври ҷиддӣ матраҳ намуда, менависад, ки "Ва фоидаи ҳикмати хулқӣ он аст, ки фазоилро бишиносад ва кайфияти иктиноӣ он то закои нафс бо он ҳосил шавад ва разоил надонанд. Ва кайфияти тавафӣ аз он то нафс аз он пок шавад. Фоидаи ҳикмати манзилӣ он аст, ки бидонанд мушорикате, ки воҷиб бувад, ки бошад миёни ахли як манзил, то бо ӯ мунтазам шавад маслиҳати манзилӣ, ки тамом шавад (ба завҷӣ ва зувча, волидӣ ва мувалидӣ, моликӣ ва мамлукӣ). Ва фоидаи ҳикмати маданӣ он аст, ки бидонад кайфияти мушорикате, ки миёни асноф ва аншоси эшон воқеъ шавад, то таовуни якдигар кунанд бар масолеҳи абдон ва бақои навъи инсон"[3].

[1] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кушиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкух. Ҷ.1. Теҳрон. Чопи сеюм, 1369. – С.160.
[2] Диноршоев М. Чусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино. Душанбе: «Эр-граф», 2017. – С.257.
[3] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкух. Ҷ.1. Теҳрон. Чопи сеюм, 1369. – С.161.

Пас аз мутафаккирони зикршуда, равиши ратсионалии таҳқиқи фалсафаи амалӣ аз ҷониби Ҷалолиддини Давонӣ (1427 - 1502), охирин намояндаи мактаби машшоия идома дода мешавад. Ин мутафаккир дар китоби «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и худ назариёти донишмандони пешинро дониру ба мухимияти хикмати амалӣ чамъбаст намуда, андешаҳои ҷолиб ва судманд баён кардааст.

Дар баробари мутафаккирони мактаби машшоия, намояндагони макотиби дигари фикрии асримиёнагии тоҷик низ ҳангоми таксимбандии илмҳо ба мақом ва ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар низоми илмҳо марок зохир кардаанд. Аз ҷумла, намояндаи барчастаи мактаби калом Муҳаммад Ғаззолӣ дар китоби «Эҳё улум ад-дин»-и худ, дар бахши нахустин «Рубъи ибодат», ки «Китоби илм» ном дорад, даст ба таснифоти илмҳо задааст. Агар дар табақабандии мутафаккирони машшоӣ, ба мисли Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Халдун мақсади таснифро таксими мавзуҳо ё шиноҳти ҷомеа равона шуда бошад, табақабандии Ғаззолӣ бештар барои тарбияи ахлоқӣ-динӣ ё инсоншиносӣ нигаронида шудааст. Ба маънии дигар, ҳикмати амалӣ дар таълимоти М.Ғаззолӣ муайянкунандаи ҳадаф ва мақсади зиндагӣ тибқи шариат ва қавонини динӣ баррасӣ карда мешавад. Дар таксимбандии илмҳо Ғаззолӣ дар назарияи маъмулие, ки дар фарҳанги исломӣ ҷой доштаро буд ва мувофиқи он илм, аз як тараф ба имон ва аз тарафи дигар ба амал пайваст дода мешуд, таъсири амик дошт. Яъне, фарҳанги исломӣ, ки ба амалия равона шудааст, он илмеро мепазирад, ки бештар ҷанбаи ахлоқӣ–иҷтимоӣ дошта бошад. Барои Ғаззолӣ "меъёр дар табақабандии илм шариати ислом ва тасаввуф мебошад"[1]. Андешаи мазкурро ҷониблорӣ намуда, Шамолов А.А. менависад, ки "Таксимбандии илмҳо аз назари Ғаззолӣ ба таксимбандии аҳли тасаввуф хеле шабоҳат дорад. Аз ин рӯ, арзёбии

[1] Абуҳомид Муҳаммади Ғазоли. Эҳё улум ад-дин. Рубъи ибодат 1 (I) Душанбе, «Эр-граф». 2008. – С. 628.

Ғаззолӣ, пеш аз ҳама мақсади тарбиявӣ дошта, ба хотири тазкияи нафс ва сулук равона гардидааст.[1]

Муҳаммад Ғаззолӣ, илмро нахуст ба «фарзи айн» ва «фарзи кифоят» таксим намуда ва дараҷаи зарурии онҳоро нишон дода, таъкид менамояд, ки "Он чи вочиб аст, ки мухассил бад-он кать кунад ва дар он бе райбат (бешакку тардид) бошад, он аст, ки дар хутбаи ин боб гуфта шудааст, ки илм ду аст: илми муомила ва илми мукошифа. Ва мурод, ба илми вочиб илми муомила аст".[2]

Илми "муомила"-и мутафаккир тамоми илмҳое, ме-бошанд, ки ба ақли инсонҳои маъмулӣ сару кор дошта, чиҳати танзими муносибатҳои ахлоқиву иҷтимоии инсон равона мегарданд ва онҳо иборатанд аз эътиқод, амал ва тарк. Илми мукошифа (вахӣ) марбут ба анбиё буда, «матлуб аз он кашфи маълум бошад фихасбихи. Ва овардани илми мукошифа дар кутуб рухсат нест, агарчи аълои мақосиди толибон ва аппрафи матомеҳ (мақсад)-и назири сидқиқон он аст ва илми муомила роҳи он аст. Валекин, анбиё-алайҳим ас-салавоту вассалам бо халқ ҷуз дар баёни рох ва намудани он бад-эшон сухан нагуфтанд: ва дар илми мукошифа хузе (чизе) нафармудаанд, магар ба рамзу ишорат бар сабили тамсил ва ичмол бад-он чи донистанд, ки афҳоми халқ аз он қосир (кам) аст. Ва чун уламо варсаи анбёанд, эшонро аз манҳаҷӣ (роҳи калон) мутобсат ва маслаки иқтидои улул нарасад».[3]

Мутобиқ ба гуфтаҳои Ғаззолӣ, илм ба амалҳо вочиб мебошад, ки он хамрадиф ва ҳаммаъно бо ҳикмати амалӣ аст. Танзими аъмол ва муайян сохтани тарзу равиши зиндагӣ, ки Ғаззолӣ онҳоро муҳим мешуморад, бояд ҳамоҳанг бо шариати динӣ бошанд, ки бо таълимоти маш-

[1] Шамолов А.А. Ҳуҷҷатулислом Газолӣ: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Душанбе-1996. – С. 132.
[2] Абуҳомид Муҳаммади Газолӣ. Эҳё улум ад-дин. рубъи ибодат 1 (I) Душанбе, «Эр-граф». 2008. -С 242.
[3] Ҳамон ҷо: – С. 248.

шоиён мувофикат накарда, барои чомеаи муосир низ мувофиқ нестанд.

Ивон-ус-сафо мактаби фикрии асриниёнагӣ аст, ки намояндагони он доир ба фалсафаи амалӣ ва мақому чойгоҳи он дар низоми илмҳо тавассуҳ намудаанд. Бо вуҷуди хусусияти мазҳабӣ доштани мактаби зикршуда намояндагони он фалсафаро болотар аз шариат гузошта, ба масоили дин бо назари фалсафӣ ва бо такя ба ақл менигаристанд. Ба маънии дигар, онҳо кӯшиши омехта намудани фалсафаро бо дин карда, мехостанд аз таълимоти динҳо ва *мактабҳои фалсафӣ* пастовардҳои арзишмандашонро муайян ва барои истифодаи мардум пешниҳод намоянд. Ба назари муҳаққиқи эронӣ Абдурафеи Ҳақиқат «Эшон ба вақдати фалсафӣ бовар дошта, ҳақиқатро ягона медонистанд, ихтилофи назарҳоро дар мазоҳиб ва адён зоҳирӣ пиндошта, ботиниро яке ёфтанӣ мекӯфтанд, ки файласуфони ҳақиқӣ аз он огоҳанд»[1].

Ивон-ус-сафо илмҳоро ба ду қисм - санооти илмӣ ва санооти *амалӣ* тақсим мекунанд. «Санооти илмӣ, ки *аз он илмҳои* назарӣ, аз қабили риёзиёт (китобат, қироати луғат ва наҳв, ҳисоб ва муодилот, шеър ва арӯз, сеҳр, кимиё, ҳиял, ҳарф ва саноеъ, байъ ва шаро, сират ва ахбор), шаръӣ-вазъӣ (танзил, илми таъвил, илми ривоёт ва ахбор, илми фиқҳ ва сунан, илми мавозеъ, зуҳд ва тасаввуф ва илми таъвили хобҳо), фалсафаи ҳақиқӣ (риёзиёт, мантиқиёт, табиёт, улуми нафсонӣ ва ақлонӣ, илми илоҳӣ); 2) санооти амалӣ (маснуоти башарӣ, маснуоти табиӣ, маснуоти нафсонӣ, маснуоти илоҳӣ)».[2]

Маълум мегардад, ки масоили мурбут ба фалсафаи амалӣ дар таълимоти Ихвон-ус-сафо ҳам дар доираи «санооти илмӣ» ва ҳам «санооти амалӣ» мавриди баррасӣ қарор

[1] Абулрофеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ. Техрон. 1372. - С.204; Мукаддимаи «Рисолаи Ихвон-ус-сафо». Ҷилди 4. -С.106.
[2] Абулрофеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ. Техрон. 1372. -С.211.

гирифтааст. Моҳияти таълимоти мактаби мазкур таълиму тарбияи маънавии инсон ва дарки моҳияти вуҷудияти он мебошад. «Ба маънои васеъ, ба камол ва ба самар расонидани истеъдодҳое, ки дар дарунии инсонҳо нуҳуфтааст ва рушду такомули он шарти ҳаёт ва ба даст овардани озодии маънавист. Тақрибан ҳар фасли ин маҷмӯа ҳонандаро мутаваккир месозад, ки инсон дар ин олам зиндонӣ аст ва бояд бо калиди маърифат дари зиндонро бикушояд ва худро озод созад. Тамоми улуме, ки мавриди баҳс қарор гирифтааст, ҳамагӣ ба хотири бедор сохтани инсон ва ҷалби таваҷҷуҳи ӯ ба ҳамоҳангӣ ва зебоии олами хилқат ва дар айни замон ба маҳдудият ва ба заволу нопойдории олами махсусот будааст. Нависандагони ин рисолаҳо ҳеҷ гоҳ ҷанбаи сирф назарӣ ё истифодаи модӣ ё дунявӣ аз улумро надоштанд. Ба назари онҳо, ҷаҳон ҳам мазҳари камол ва ҷамоли илоҳист ва ҳам қафаси рӯҳи инсонӣ. Қафасе, ки бояд онро шикаст ва марҳилае, ки бояд аз он гузашт, то ба олами муҷарродот васил гардид»[1].

Мактаби дигари фикрии асриниёнагии тоҷику форс ирфон ё тасаввуф аст, ки пайравони он ба масъалаҳои марбут ба ҳикмати амалӣ, асосан ахлоқ ва камолоти маънавии инсон диққати хосса додаанд. Намояндагони ин мактаб «зери мафҳуми «илм», пеш аз ҳама тасаввуфро дар назар дошта, онро илми назарӣ, амалию маърифатӣ ва ахлоқӣ меномиданд»[2]. Пайравони мактаби тасаввуф ду навъи илм – амалию маърифатӣ ва ахлоқиро эътироф намуда, моҳияти онҳоро иборат аз дарёфти саодат дар ҳаёти инфиродӣ ва ҷамъиятии инсон медонанд. Мақсади ниҳоии аҳли тасаввуф камолоти маънавии фардӣ ва дарёфти ҳақиқати мутлақ буда, тавассути риёзатҳои махсус бошад ҳам, вале масоили ахлоқӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро

[1] Абулрофеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ. Техрон. 1372. - С. 205.
[2] Оҷимов К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XII. Душанбе. 2019. - С.162.

онхо дар доираи талаботи ҷомеа матрах кардаанд. Ба андешаи муҳаққиқон «Ҳарчанд сӯфиён дар бахши онтология ва маърифат, ба таври шадид, худро ба муқобили машшоиён ва исмоилиён, инчунин, ҳикмати Юнон мегузоштанд, аммо дар бахши назарияи иҷтимоӣ консепсияи машшоиёнро истифода бурдаанд»[1].

Хулоса, дар таснифоти илмхо, ки аз Афлотун ва Арасту оғоз гардида то замони муосир илома ёфтааст, фалсафаи амалӣ ҳамчун бахши муҳимтарини таҳқиққунандаи моҳияти ҳастии инсон, мақсади вуҷудият ва такомули фардиву ҷамъиятии он, ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд. Агар дар таснифоти Афлотун, илмҳо ба се гурӯҳ - диалектика, табиёт ва ахлоқ, таксим шуда бошанд, пас Арасту ин масъаларо таквият бахшида, маҷмӯи илмхоро ба се қисм – назарӣ, амалӣ ва эҷодӣ ҷудо менамояд, ки дар ҳарду маврид мақоми илмҳои марбут ба фалсафаи амалӣ (ахлоқ, иқтисод (оила) ва сиёсат) мушаххас мебошад. Ин бахши лонишхо, тибқи назари Арасту, донистани ҳақиқати ҳастӣ набошад ҳам, вале рафтори бошууронаи инсонро, ки ҳадафи он камолоти маънавии инсон дар шакли инфиродӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, дастраси ба некии олӣ аст, дар бар мегиранд. Ин тарзи муносибат, то замони муосир арзиши худро нигох доштааст.

Дар фалсафаи асриминёнагӣ таснифоти илм "аз рӯйи назарияи объективият"[2] анҷом дода шуда, илмхо ба назарӣ ва амалӣ ҷудо карда шуда, ба илмҳои амалӣ муносибати мухталиф сурат гирифтааст. Қисмате аз мутафаккирон фалсафаи амалиро дар пайравӣ аз Арасту, вале бо илова кардани фикҳи исломӣ (Форобӣ, Ибни Сино)[3], гурӯҳи дигар бо афзалияти шариат ва фикҳ

[1] Ҳамон ҷо: - С. 265
[2] Диноршоева З.М. Гражданская философия Аль-Фараби. Дисс. на соиск. уч. степ. д.филос. н., Душанбе, 2006. – С. 74.
[3] Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқи ва таҳаввули он дар фалсафаи асриминёнагии тоҷик. Душанбе, 2022. – С. 106-196.

(М.Ғаззолӣ)[1] баррасӣ намуда, рисолахои махсуси илмӣ таълиф кардаанд. Дар тафовут аз мутафаккирони зикршуда Қутбиддин Шерозӣ илмҳоро, пеш аз ҳама, ба фалсафӣ ва ғайрифалсафӣ тақсим намуда, менависад, ки "Илм ба маънии саноат ба ҳикамӣ (фалсафӣ) ва ғайриҳикамӣ (ғайрифалсафӣ) таксим аст. Ва ҳикамӣ он, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам нисбате вохид бошад ва ба тағйири имкана ва азмина ва табаддули милал ва дувал мутабаддил нашавад, чун илми ҳайати афлок ва илми ҳисоб ва илми ахлоқ. Ғайриҳикамӣ он, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам як нисбат набошад, чун илми фикҳ, шариате аз шароеъ, ки замоне маҳфуз монад ба нисбат бо ашхосе муайян. Ва ин қисмро ҳикмат нахонанд ва аввалинро ҳикмат хонанд"[2].

Дар таснифоти Қутбиддин Шерозӣ ахлоқ илми фалсафӣ буда, фикҳ ва шариат фалсафӣ нестанд, зеро мавзуи онҳо ба манфиати гурӯҳи муайяни инсонҳо равона гардида, бо тағйир ёфтани вазъият ва шаронги иҷтимоӣ моҳияти онҳо тағйир меёбад. Ин тарзи таснифи илм, ҳам хусусияти объективӣ ва ҳам мантиқӣ дошта, моҳияти илмҳои фалсафиро иборат аз таъмини саодати насли башар донистан мебошад.

Муносибат ба фалсафаи амалӣ (илмҳои амалӣ) дар фалсафаи даврони Эҳёи Ғарб ва Замони Нав то андозае хусусияти субъективӣ (афлотунӣ) пайдо мекунад. Бо вуҷуди бо "усул ва меъёрҳои нав тасниф шудани илмҳо аз ҷониби Фрэнсис Бэкон"[3] ва "нишон дода тавонистани зиддияти байни таснифоти илмҳои назарӣ ва амалии арастуӣ"[4], муносибати якҷонибаи Арасту ба илмҳо, боис гардид, ки дар

[1] Шамолов А.А. Ҳуҷҷатулислом Ғазолӣ: андешахои иҷтимоӣ-сиёсӣ. Душанбе, 1996. – С. 144-145.
[2] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиши ва тасҳехи Сеид Муҳаммад Машкуҳ. Ч.1. Техрон, Чопи сеюм, 1369. – С.151-152.
[3] Вундт В. Введение в философию. М., 1998. – С. 48.
[4] Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асриминёнагии тоҷик. Душанбе, 2022. – С. 34.

онҳо дар доираи талаботи ҷомеа матраҳ кардаанд. Ба андешаи муҳаққиқон «Ҳарчанд сӯфиён дар бахши онтология ва маърифат, ба таври шадид, худро ба муқобили машшоиён ва исмоилиён, инчунин, ҳикмати Юнон мегузоштанд, аммо дар бахши назариявӣ ичтимоӣ консепсияи машшоиёнро истифода бурдаанд»[1].

Хулоса, дар таснифоти илмҳо, ки аз Афлотун ва Арасту оғоз гардида то замони муосир идома ёфтааст, фалсафаи амалӣ ҳамчун бахши муҳимтарини таҳқиққунандаи моҳияти ҳастии инсон, мақсади вуҷудият ва такомули фардиву ҷамъиятии он, ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд. Агар дар таснифоти Афлотун, илмҳо ба се гурӯҳ - диалектика, табиёт ва ахлоқ, таксим шуда бошанд, пас Арасту ин масъаларо тақвият бахшида, мачмӯи илмҳоро ба се қисм – назарӣ, амалӣ ва эҷодӣ ҷудо менамояд, ки дар ҳарду маврид мақоми илмҳои марбут ба фалсафаи амалӣ (ахлоқ, иқтисод (оила) ва сиёсат) мушаххас мебошад. Ин бахши донишҳо, тибқи назари Арасту, донистани ҳақиқати ҳастӣ набошад ҳам, вале рафтори бошууронаи инсонро, ки ҳадафи он камолоти маънавии инсон дар шакли инфиродӣ ва ичтимоӣ, инчунин, дастраси ба некии олӣ аст, дар бар мегиранд. Ин тарзи муносибат, то замони муосир арзиши худро нигоҳ доштааст.

Дар фалсафаи асримиёнагӣ таснифоти илм "аз рӯйи назарияи объективият"[2] анҷом дода шуда, илмҳо ба назарӣ ва амалӣ ҷудо карда шуда, ба илмҳои амалӣ муносибати мухталиф сурат гирифтааст. Қисмате аз мутафаккирони фалсафаи амалиро дар пайравӣ аз Арасту, вале бо илова кардани фикҳи исломӣ (Форобӣ, Ибни Сино)[3], гурӯҳи дигар бо афзалияти шариат ва фикҳ

[1] Ҳамон чо: - С. 265
[2] Диноршоева З.М. Гражданская философия Аль-Фараби. Дисс. на соиск. уч. степ. д.филос. н., Душанбе, 2006. – С. 74.
[3] Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиян шарқи ва тахаввули он дар фалсафаи асримиёнагии точик. Душанбе, 2022. – С. 106-196.

(М.Ғаззолӣ)[1] баррасӣ намуда, рисолаҳои махсуси илмӣ таълиф кардаанд. Дар тафовут аз мутафаккирони зикршуда Қутбиддин Шерозӣ илмхоро, пеш аз ҳама, ба фалсафӣ ва ғайрифалсафӣ таксим намуда, менависад, ки "Илм ба маъноии саноат ба ҳикамӣ (фалсафӣ) ва ғайриҳикамӣ (ғайрифалсафӣ) таксим аст. Ва ҳикамӣ он, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам нисбате воҳид бошад ва ба тағйири имкана ва азмина ва табаддули милал ва дувал мутабаддил нашавад, чун илми ҳайати афлок ва илми ҳисоб ва илми ахлоқ. Ғайриҳикамӣ он, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам як нисбат набошад, чун илми фиқҳ, шариате аз шароеъ, ки замоне маҳфуз монад ба нисбат бо анҳосе муайян. Ва ин қисмро ҳикмат наҳонанд ва аввалинро ҳикмат хонанд"[2].

Дар таснифоти Қутбиддин Шерозӣ ахлоқ илми фалсафӣ буда, фиқҳ ва шариат фалсафӣ нестанд, зеро мавзуи онҳо ба манфиати гурӯҳи муайяни инсонҳо равона гардида, бо тағйир ёфтани вазъият ва шароити ичтимоӣ моҳияти онҳо тағйир меёбад. Ин тарзи таснифи илм, ҳам хусусияти объективӣ ва ҳам мантиқӣ дошта, моҳияти илмҳои фалсафиро иборат аз таъмини саодати насли башар донистан мебошад.

Муносибат ба фалсафаи амалӣ (илмҳои амалӣ) дар фалсафаи даврони Эҳёи Ғарб ва Замони Нав то андозае хусусияти субъективӣ (афлотунӣ) пайдо мекунад. Бо вуҷуди бо "усул ва меъёрҳои нав таснифи шудани илмҳо аз ҷониби Фрэнсис Бэкон"[3] ва "нишон дода тавонистани зиддияти байни таснифоти илмхои назарӣ ва амалии арастуӣ"[4], муносибати якҷонибаи Арасту ба илмхо, боис гардид, ки дар

[1] Шамолов А.А. Хуччатулислом Ғазолӣ: андешаҳои ичтимоӣ-сиёсӣ. Душанбе, 1996. – С. 144-145.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиши ва тасҳеҳи Сиид Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ.1. Техрон. Чопи сезюм. 1369. – С.151-152.
[3] Вундт В. Введение в философию. М., 1998. – С. 48.
[4] Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар машшоиян шарқи ва тахаввули он дар фалсафаи асримиёнагии точик. Душанбе, 2022. – С. 34.

асрҳои баъдӣ боз методи объективӣ дар илм мавқеи аввалиндарача пайдо намояд. Мувофиқи методи объективӣ дар асоси муайянсозии воқеият илмҳои амалӣ аз илмҳои назарӣ ҷудо набуда, танҳо аз ҷихати мавзуи мушаххас тафовут дошта метавонанд. Дар асоси чунин муносибат, фалсафаи амалӣ нақшаи андеша ва тафаккурест, ки дар маҷмуъ фаъолияти маърифатиро ташкил менамоянд. Аммо ин фаъолият, дар асоси "робитаи дохилии байни илмҳо, ягонагӣ ва умумият"[1] ба рох монда мешавад.

Дар фалсафаи муосир, илмҳои марбут ба фалсафаи амалӣ, асосан дар доираи илмҳои гуманитарию иҷтимоӣ баррасӣ карда мешаванд. Мувофиқи ин таснифот, фалсафаи амалӣ аз илмҳои техникӣ, ки хусусияти амалӣ доранд, фарқият доранд, вале дар маҷмӯъ, бо ҳам ҳамоҳанг мебошанд. Ҳамоҳангии илмҳои зикршударо профессор М.Музаффарӣ[2] дар таснифоти пешниҳоднамудаи худ ба таври возеҳ нишон додааст. Гибки андешаи муҳаққик, тамоми илмҳо хусусияти фалсафӣ дошта, ба ду бахш - онтологӣ ва гносеологӣ таксим мешаванд. Дар ин таснифот, илмҳои марбут ба фалсафаи амалӣ (иҷтимоӣ-гуманитарӣ) ва илмҳои техникӣ (илмҳои физикӣ) ба илмҳои онтологӣ таалуқ доранд, аз шаклҳои ҳастии кайҳон ва инсон сарчашма мегиранд. Сарчашмаи ягона доштани илмҳои мазкур далели он аст, ки робитаи зарурӣ миёни онҳо ва илмҳои гносеологӣ ҳамеша вуҷуд дошта, дар маҷмӯъ, баҳри таъмини ҳаёти маишии инсоният равона мешаванд.

Хулоса, аз таҳлили андешаҳои мутафаккирони мактабҳои фалсафӣ, ки ба таснифи илм машғул гардидаанд, метавон натиҷа гирифт, ки фалсафаи амалӣ дар низоми доништхои фалсафӣ ҷойгоҳи хосса доштааст. Бо вуҷуди ҷой доштани тафовутҳои ҷузъӣ дар таснифоти онҳо, ҳамагӣ бар он иттифоқи назар доранд, ки дар доираи фалсафаи амалӣ, хикмате мавриди баҳс қарор мегирад, ки дар доираи феълу

[1] Энгельс Ф. Диалектика природы. М., 1950. – С.198.
[2] Музаффари М. Системная антропология. Душанбе, 2021. – С.171-183.

ихтиёри инсон ва таҳти қудрати ӯ қарор дошта, муайянкунандаи феълу амал ва мақому ҷойгоҳи инсон дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Яъне, фалсафаи амалӣ моҳият ва мақсади мавҷудияти инсонро ошкор намуда, роҳхои дарёфти камолоти маънавию ахлоқӣ, зиндагии шоистаи фардӣ ва ҷамъиятиро муайян месозад. Илова бар ин, дар доираи ҳикмати амалӣ онд ба рафтору амали инсон, роххои камолоти инсон, масоили марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангу маънавиёт ва рушди бунизоми ҷомеаи инсонӣ баррасӣ мегардад.

1.2. Зиндагинома ва мероси фалсафии Кутбиддин Шерозӣ

Кутбиддин Шерозӣ (1236-1311) аз намояндагони барҷастаи мактаби машшоияи шаркӣ ва мутафаккири сохибандешаи асримиёнагии тоҷик аст, ки дар пайравӣ аз Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино ва Насириддини Тӯсӣ фалсафаи ратсионалистиро идома дода, дар ривоҷи дониҳои фалсафӣ нақши назаррас дорад. Ӯ, мутафаккири тоҷикталабор буда, ба фарҳанг ва забони ин миллат таваҷҷуҳи хосса доштааст. Бо вуҷуди нуфузи зиёд доштани забони арабӣ ҳамчун забони илм дар муҳити фарҳангии асримиёнагӣ, Кутбиддин Шерозӣ осори муҳимтарини худро, ки фарогири масоили ҳастишиносӣ, мантиқ, табиатшиносӣ, нуҷум, метафизика ва фалсафаи амалӣ ҳастанд, бо забони тоҷикӣ-форсӣ навишта, кӯшиш кардааст, ки ин забонро ҳамчун забони илм ташаккул диҳад. Андешаи академик М.Диноршоев дар мавриди он, ки Кутбиддин Шерозӣ дар пайравӣ аз «Шифо»-и Ибни Сино китоби «Дуррат-ут-тоҷ»-и худро навишта бошад ҳам, вале тафовут он аст, ки асари мазкур бо забони тоҷикӣ-форсӣ таснифӣ шуда, дар он масоили фалсафаи амалӣ муфассалтар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд[1], комилан луруст мебошад.

[1] Диноршоев М. Ҷустуҷӯҳо дар фалсафаи Ибни Сино. Душанбе: «Эр-граф», 2017. – С. 257.

Гарчанде афкору андеша ва шахсияти Қутбиддин Шерозӣ мавриди таҳқиқоти чиддии илмӣ қарор нагирифта бошанд ҳам, вале аксари сарчашмаҳои қадимаю ҳозира дар мавриди тарҷумаи ҳоли ӯ[1] иттифоқи назар доранд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои зикршуда, Қутбиддин Шерозӣ дар моҳи сафари соли 634-и ҳиҷрии қамарӣ, баробар ба соли 1236-и мелодӣ (асри XIII) дар шаҳри Шероз ба дунё омадааст. Номи пурраш Қутбиддин Маҳмуд ибни Масъуд ибни Муслиҳи Шерозии Козруниии Шофеӣ буда, дар қисмати аввали осораш худро бо ҳамин ном муаррифӣ менамояд. Илова бар ин,

[1] Нис.: Хонсорӣ. Равзат-ул-ҷаннот. Техрон, 1367; Ризоқулихон. Риёзул орифин. Техрон, 1316; Заркулӣ Хайриддин. Ал-элом. Кохира, 1927; Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун. Бейрут, 1952; Рашиддин Фазлулох Ҳамадонӣ. Ҷоме-ут-таворих. Техрон, 1338; Субкӣ. Табақот-уш-шофеия. Техрон, 1341. Ҷилди 6.-С.248; Ибни Надим Муҳаммад Ибни Исҳоқ. Ал-фехраст. Ба кӯшиши Ризо Тачаддуд. Техрон, 1346; Ардакони Муҳаммад Бокир. Ҷомеъ-ут-тавоҳил. Ду ҷузв дар як ҷилд. Чопи санги. Миср. б/с; Заҳиддин Муҳаммад Ибни Ахмад. Таърих-ул-ислом. Ба кӯшиши Умар Абдусалом Тадмирӣ. Бейрут, 1992-1993; Заҳиддин Муҳаммад Ибни Ахмад. Сияру аъломин нубало. Бейрут: Висвадеи, 1961; Ёфеъӣ. Мирот-ул-ҷанон. Бейрут-1970; Анри Корбен. История исламской философии// Перевод с французского и примечания А.Кузнецова. М.: Прогресс-традиция, 2010. -С.145-146; Ризо Доварӣ Ардаконӣ. Нигоҳе дигар ба фалсафаи исломӣ. Техрон-1387. Сидиқ Сафизода. Таърихи фалосифаи Эрон.Техрон: Андешаи халоқ. 1385; Сидиқ Сафизода. Таърихи фалсафаи Эрон (аз Зардушт то Мулло Ҳодии Сабзаворӣ). Техрон: Андешаи халоқ. 1385.-С.340-345; Шарифов А. Кутбиддин Шерозӣ// Энсиклопедияи советии тоҷик. –Душанбе, 1972. – С.226; Рашидзода Б. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ// Кайҳони фарҳангӣ. Техрон. Мурдоди 1386, шумораи 250.-С.52; Розенфелд Б.А. О математических работах Кутбиддина Ширази// История математических исследований. №25, 1980.-С.320-327; Маҳдӣ Муҳаққиқ. Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳоли худиигонаи ӯ// Ҳикмати исро. Баҳор ва тобистони соли 1392. - С. 171-176; Муҳаммад Машкух. Қутбиддин Шерози Маҳмуд ибни Масъуд. Дуррат-ут-тоҷ ли-ғуррат-ул-Дабboҷ. Техрон: Хикмат, 1349; Мохлухт Бону Хумой. Аъломи Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Техрон, 1386; Табаси Мишкон. Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хисоб ва мусиқӣ. Техрон. 1324; Носеҳдур Насруллох. Рисолаи мусиқӣ аз Дуррат-ут-тоҷ. Техрон. 1370; Начафкулӣ Ҳабибӣ. «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Суҳравардӣ бо шарҳи Қутбиддин Шерозӣ. Техрон, 1391; Маҳдӣ Муҳаққиқ. Нуронӣ Абдуллох. Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ». Ҷ.1, Техрон, 1383 ва г.

мутафаккирро сарчашмаҳо бо номи Мавлавӣ Қутбиддин Шерозӣ ва куниян Алома Шерозӣ низ муаррифӣ менамоянд.

Дояр ба шахсияти фарҳангӣ ва шуҳрату мақоми илмии Қутбиддин Шерозӣ донишманди эронӣ Мир Муҳаммад Тақӣ андеҳаронӣ намуда, менависад, ки "Ишқи ӯ ба таҳсил дар Эрон зарбулмасал шуд ба гунае, ки лақаби ифтихории "Алома"-ро, ки дар аҳди қуруни вусто нодир буд, дарёфт кард ва Абулфидо Муварих лақаби "ал-Мутафанин", яъне устоди ҷомеи улумро ба вай ато кард, дар айни ҳол ба "Олими эроние" маъруф шуд".[1]

Нубуғи донишу малака ва маҳорати баланди эҷодии мутафаккирро, муҳаққиқон бар он асосноқ менамоянд, ки лар асрҳои миёна ноил гардидан ба унвони "Алома" кори осон набуда, танҳо ба нафароне мансуб донеста мешуд, ки дар илму маърифат равиши хосаи худро пайдо намуда, ба ҳайси мутафаккири сохибандеша ва сохибмактаб шиноҳта шуда буданд. Тоҷуддин Субкӣ ва чанд таърихнигори дигар шуҳрати илмӣ ва андешаи мазкурро чонибдорӣ намуда, сохиби унвони "Алома" будани Қутбиддин Шерозиро исбот кардаанд[2].

Ҳамчунин, сохиби куниян «Абулсаноъ» (фурӯғ, рӯшной) ва тахаллусҳои «Форсӣ» ва «Шофеӣ»[3] будани мутафаккиро низ қисмате аз муҳаққиқон эътироф кардаанд, ки ба вокеият мувофиқ мебошад. Зеро, мутафаккир пайрави мазҳаби шофеӣ ва аз миллати тоҷик (форс) буда, дар таҷаккули фарҳангу маънавиёти ин халқҳо талош кардааст.

[1] Мир Муҳаммад Тақи. Бузургони номи Форс. Ҷ.1. Донишгоҳи Шероз. Шероз, 1367. С. 452.
[2] Нис.: Субкӣ Тоҷуддин. Табақот-уш-шофеӣ. Ҷ.1. С.248; Заҳабӣ Шамсуддин. Дувал таърих-ал-ислом. Бо кӯшиши Мозин ибни Салим. Дорулмутеӣ. 1998. Таърихи дуввали ислом. Хайдаробод. 1237х.к.Ҷ.2. - С.167; Кузи. Мерот-ул-чинон. Хайдаробод. 1210 х. - С.126.
[3] Муҳаммад Абдулҳайи Кунавии Хиндӣ. Фавоид-ул-бахия. Хайдаробод, 1240. - С.327.

Албатта, унвону куния ва лакаб на ҳамеша муаррифгари фитрату доиши ва маърифату андешаи баланди шахсият буда, тавассути онҳо арзиши афкор ва шахсияти мутафаккир баҳогузорӣ карда мешавад. Зеро, дар таърихи маддуни башарӣ донишмандоне арзи ҳастӣ кардаанд, ки ҳеч унвони фахриву давлатӣ надошта, балки соҳиби ҷаҳонбинише буланд, ки дар такони андешаи илмии башарият саҳми назаррас гузоштааст. Аз ҷумла, Суқрот, Афлотун, Арасту, Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ ва г. Аммо, ҳолатҳое низ ба қайд гирифта шудааст, ки замон ва муҳити фарҳангӣ ҷунин талаботҳоро эҷод намудаву нобиғаҳоро мавриди қадрлонӣ қарор додааст.

Новобаста аз муҳити фарҳангии замон ва соҳиб гардидан ба кунияву лақаб ва унвони фахрӣ, Қутбиддин Шерозӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик мавқеи бузург дорад. Ӯ, ҳанӯз аз овони ҷавонӣ бо қобилияту истеъдодаш дар ҷомеа шуҳрат ёфта, ҳамчун табиб, олими риёзидону нуҷумининое ва файласуфи тавоно шинохта шудааст.

Аз маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва тарҷумаиҳолӣ бар меояд, ки Қутбиддин Шерозӣ даврони ҷавонии худро дар шароити мусоиди фарҳангиву адабӣ сипарӣ намудааст. Ӯ, дар хонадони марди донишманд ва фарҳангии Шероз, ки яке аз шахсиятҳои маъруф ва обрӯманди минтақа буд, ба дунё омадааст. Падараш Зиёвуддин Масъуд ибни Муслиҳи Козрунӣ аз табибони номдор ва донишмандони мумтози шаҳри Шероз ба ҳисоб мерафт. Зиёвиддин Масъуд дар бемористони «Музаффарӣ»-и Шероз фаъолият бурда, дар баробари ба муолиҷаи беморон машғул будан, ба толибилмон аз илми тиб дарс медодааст. Ҳамчунин, илова ба табибиву устодӣ, ба аҳли илму ҳикмат ва ирфони Шероз алоқамандӣ дошта, пайваста дар маҳфил ва нишастҳои илмӣ ширкат мекардааст. Аз ҷумла, "бо Шаҳобиддин Абуҳафс Умар ибни Муҳаммад Сухравардӣ (1161-1254) рофиқ буда, дӯстӣ дошта, дар маҳфилҳои ӯ ҳозир мешуд. Ба ҳикмати ирфонӣ майли зиёд дошта, аз дасти Шаҳобиддин

Сухравардӣ хирқаи иродат пушидааст".[1] Ҳатто, дар талаби ҳикмати ирфонӣ, ба Бағдод сафар кардаву дар ҷандин маҳфилҳон илмӣ ширкат варзидааст.

Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо ва осори мутафаккир Маҳдӣ Муҳаққиқ менависад, ки "Зиёвуддин Масъуд ба Қутбиддин Шерозӣ ҳанӯз дар сини хурдсолӣ илмҳои муқаддимотиву зарурии замон (ахлоқ, шариат, ҳадис ва г.)-ро меомӯзонад. Ҳамчунин, дар сини 10-солагӣ ӯро ба маҳфилҳои ирфонӣ мебарад, то меҳру муҳаббаташ нисбати ин мактаб афзоиш ёбад. Бо мақсади муваффақ шудан дар риштаи ирфон хирқаи тасаввуфро ба ӯ мепӯшонад. Пасон, Қутбиддинро назди Наҷибуддин Алӣ ибни Бузғаши Шерозӣ, ки яке аз донишмандони машҳури ҳикмати ирфонӣ буд, ҷиҳати такомули дониш равона месозад. Пас аз ҷанд муддати таҳсил дар назди ин донишманд, ҳамчун нишони камолоти маърифат устод ба шогирдаш хирқаи иродат мепӯшонад"[2].

Андешаи мазкурро сарчашмаҳои дигар ва муҳаққиқон[3] низ тасдиқ менамоянд. Тибқи хулосаи онҳо, падари Қутбиддин, ки дар давраи наврасии мутафаккир аз олам гузаштааст, тавонистааст, шавқу рағбат илму маърифат ва роҳи дурустро ба фарзандаш нишон диҳад. Дар замони фавти падараш (соли 648-и ҳиҷрӣ баробар бо 1250-и мелодӣ) Қутбиддин Шерозӣ 14-сола буда, самти фаъолияти худро интихоб намуда буд. Яъне, новобаста аз хоҳишу завқи падар ба ирфону тасаввуф, Қутбиддин Шерозӣ, пас аз даргузашти падар ба ҳикмати ирфонӣ ва

[1] Раҳнавардӣ Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ// Фарҳанги кайҳонӣ. Теҳрон. Мурдоди 1386. - С. 59

[2] Маҳдӣ Муҳаққиқ. Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳоли худнавиштаи ӯ// Ҳикмати исро. Баҳор ва тобистони соли 1392. - С. 172.

[3] Раҳнавардӣ Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ// Фарҳанги кайҳонӣ. Теҳрон. Мурдоди 1386. - С. 59; Муҳаммад Мавҳуҳ. Мукаддимаи мусаҳҳеҳ// Дуррат-ут-тоҷи Қутбиддин Шерозӣ. Теҳрон. 1320. - С. 18; Ҳондамир. Ҳабиб-ус-сияр. Теҳрон. 1336. - С. 37; Ҳонсорӣ. Равзат-ул-ҷинон». Теҳрон. 1367. - С.194. ва дигарон.

халқаи суфиён напайваста, дар бемористони Музаффарӣ ба табобати беморон мепардозад. Илова ба фаъолияти табибӣ, ба омӯзиши паҳлӯҳои амалии илми тиб низ машғул гардида, дар назди тағояш Камолиддин Абулхайр ибни Муслиҳи Козруний ва дигар табибони номдори давр - Закӣ Ракшобӣ ва Шамс Котибӣ дарс гирифта, нозукиҳои ин касбро пурра аз худ менамояд. Ба иборат дигар, ӯ пайваста ба мутолиаи осору таълифоти бузургони тиб пардохта, чиҳати тақвияти дониш ва маҳорати касбии худ кӯшиш ба харч додааст.

Муддати дах сол ба фаъолияти табибӣ дар беморхонаи Музаффарии шаҳри Шероз ва пасон дар самти ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ машғул шудани Қутбиддин Шерозиро Маҳдӣ Муҳаққик дар маколаи худ тахти унвони «Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳоли худнигоштаи ӯ» таъйид намуда, менависад: "Қутбиддин нас аз даргузашти падар мудати дах сол саргарми пизишкӣ ва табобати беморон буда, ҳамзамон донишу малакаи худро такмил дода, бар оп мекӯшид, ки нисбат ба касби хеш содиқ ва дар таҳсили илм муваффак бошад".[1]

Андешаи муҳаққикро дар мавриди ҷаҳонбинии илмии мутафаккир бо чанд далел метавон чонибдорӣ намуд:

1. Бо вуҷуди аз синни хурдсолӣ омӯхтани илмҳои динӣ (фикҳу шариат) ва баъдан, ҳикмати мукаддимотии ирфонӣ, мутафаккир ба таври амалӣ ин роҳро интихоб накарда, ба омӯхтани илмҳои ақлӣ машғул гардидааст. Ӯ, дар мукаддимаи "Дуррат-ут-тоҷ" менависад: "Оламиро вочиб он бошад, ки фазилати илмро дарёбад, то бадон камоли ҷасад ва рухро ҳосил намояд. Ва далоили ақлӣ бар фазилати илм бисёр аст, валекин мо бар чахор далел иктизо кунем: аввал, фазилати ҳар чиз дар камоли он тавонад буд, чун фазилати дида дар камоли қуввати босира,

[1] Маҳдӣ Муҳаққик. Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳоли худнигоштаи ӯ// Ҳикмати иқро. Баҳор ва тобистони соли 1392. - С. 172.

фазилати гӯш дар камоли қуввати сомеа. Фазилати даст дар камоли қуввати ботиша. Ва камоли ҷасад бо он бошад, ки дар вай рух бошад ва камоли рух бо он бувад, ки дар вай илму ҳикмат бувад. Пас, камоли одамӣ ба илму ҳикмат бошад. Дуввум, фазилати ҳайвон бар ҷамод бо идрок аст, зеро ки ҳайвон бо ҷамод мушорик аст дар ҷисм ва мумтоз ба ҳаёт, ки сабаби сиҳати илм ва идрок аст. Ва чун ҳайвонро илм ба махсусот ҳосил аст ва ҷамодро қуввати идрок на. Лочарам ҳайвон аз ҷамод фозилтар бошад. Ва баъзе ҳайвонот аз баъзе фозилтар бувад, чунонки ҳар хайвоне, ки идроки бештар махсусот кунад, фозилтар аз он бошад, ки идрокаш камтар аз он бошад. Масалан, хайвоне, босира дорад фозилтар бошад аз ҳайвоне, ки босира надорад, чун акраб. Ва одамӣ бо ҳайвон агарчӣ мушорик аст дар идроки ҷузъиёт, аммо мумтоз аст бо идроки куллиёт. Чунки одамиро илм ба ҷузъиёт ва куллиёт ва олати идроки ҳама дорад ва аз ин чиҳат аз ҷумлаи хайвонот фозилтар омад ва ин далеле қотеъ аст бар он, ки илм аз хама чизҳо фозилтар аст. Сеюм, фазилати ғайриннайн бар инайн (марде, ки тавоноии ҷимоъ надорад) ҷуз ба вичдон ва фукадони (гум кардан) баъзе аз идроки хиссӣ нест, ҳамчунин, фазилати басир бар аъаме ва идроки ақлии комилтар ва шарифтар аз идроки хиссӣ аст. Пас, ҳар киро қуввати окила комилтар бошад, ӯ фозилтар ва шарифтар бувад»[1].

Моҳияти андешаи мутафаккир бар он далолат менамояд, ки донише, ки дар асоси илму мантиқ ба даст меояд, боиси камолоти инсонӣ ва саодати мутлақ хоҳад шуд. Ин намуди донин аз донишҳои хиссӣ ва ҷаҳонбинии динӣ болотар буда, тавассути он ҳикмати ҳастии инсон ва оламӣ вуҷуд ошкор мегардад. Андешаи худро идома дода, Қутбиддин Шерозӣ менависад: «Ва, аммо баёни он, ки

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Сайд Муҳаммад Машкук. Ч.1. Техрон, Чопи сеюм, 1369. – С.131.

идроки аклӣ аз идроки хиссӣ ва улуми динис, ки фикхи тариқи охиратанд комилтар аст, аз чанд вачх аст: вачхи аввал, қуввати ҳиссӣ худро ва олати худро идрок натавонад кунад ва қуввати окила худро идрок кунад ва идроки худро ҳам идрок кунад. Ва фикхи тариқи охират тавассути эътикод, ки навъе аз эхсосот аст. Пас, қуввати окила комилтар бошад; вачхи дуввум, қуввати хиссӣ чуз зохири чизхоро эҳсос натавонад кард. Қуввати окила чунонки зохири чизҳо дарёбад, гавс (фурӯ равад) кунад ва ботини чизҳо ҳам дарёбад"[1].

2. Қутбиддин Шерозӣ фаъолияти нахустини илмиву эчодии худро аз омӯзиши осори тиббӣ ва навиштани шарҳ ба онҳо огоз кардааст. Мухаммад Машкӯҳ дар мукаддимаи китоби "Дуррат-ут-тоҷ" оид ба ин мавзуъ менависад: "Қутбиддин, нахуст «ал-Қонун»-и Ибни Синоро дар назди тагояш Камолиддин Абулхайр ибни Муслихи Козруний омӯхта, пас ба дарси Шамсиддин Мухаммад ибни Ахмади Кабшӣ ва баъд аз он дар хавзаи илмии Шайхулкул Шарифиддин Закии Бушконӣ, ки дар омӯзиш ва шарху тафсири осори тиббӣ пешрафта будаид, иштирок менамояд. Илова бар ин, ба шарҳи навиштаи Фахриддини Розӣ ва чанд каси дигар ба «ал-Қонун»-и Ибни Сино ошно гардида, онҳоро ба таври қиёсӣ меомӯзад. Аз он миқдори шарҳу тафсирҳое, ки доир ба «ал-Қонун»-и Ибни Сино таълиф шуда будаид, хеч якеро барои кушодани мохият ва маънии асар кофӣ надонист ва зохиран аз ҳамин вакт масъалаи таснифи «Шархи Қонун» дар хаёлаш чо гирифт, валс ханӯз ҳам вай барои кушодани мифтохи баъзе мушкилоти ин китобхо дастёб нагашта буд".[2]

3. Шиносой бо Насириддин Тӯсӣ ва омӯхтани фалсафа, хандаса (геометрия), ривзиёт, нучум (космология) ва

[1] Хамон чо. - С. 133.
[2] Мухаммад Машкук. Мукаддимаи мусаххех// Дуррат-ут-точи Кутбиддин Шерозй. Техрон, 1320. - С. 18.

ҳайат (астрология). Аксари сарчашмаҳои таърихию таҳкикотӣ дар мавриди шогирди Насириддин Тӯсӣ будани Қутбиддин Шерозӣ бо ҳам мувофиқат доранд. Бону Мохдухт Ҳумой дар мукаддимаи бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулуки китоби "Дуррат-ут-тоҷ" менависад: "Айни шабоб (чавонӣ) ва даврони ковишҳои илмии Қутбиддин Шерозӣ ба замони омадани Хоча Насириддини Тусӣ ба шахри Қазвин рост меояд. Ҳангоме, ки хабари омадани Хоча ба гӯши Қутбиддин расид, ӯ барои дидорбинӣ ва иштирок дар махфили илмии Хоча ба Қазвин омад ва ба гурӯхи донишчӯёне, ки аз вай дарс меомӯхтанд, шомил шуда, бисёр нозукиҳои хикмат, ҳандаса, нучум, хайат ва дигар илмхоро омӯхт. Ва то замони ба Марога баргаштани Насириддини Тусӣ дар мазҳари ӯ а ширкати фаъолона дошт ва баъд аз чанд муддати таҳсил ҳамчун шогирди пешқадами ӯ ном бароварда".[1]

Муносибати устодию шогирдӣ ва таҳсил дар мактаби илмии Насириддини Тӯсӣ боиси он мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ, асосҳои илми астрология (ҳайат)-ро омӯхта, моҳияти «Ишорат ва танбеҳот» ва «ал-Қонун»-и Ибни Синоро дарк намояд. Маҳдӣ Муҳаққик, муносибатҳои мутафаккирони зикршударо дар мақолаи "Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳоли худнигоштаи ӯ" менависад, ки "Қутбиддин дар Қазвин ва Марога дар мазҳари Насириддини Тусӣ буд ва аз ӯ нозукиҳои хайат ва бархе аз осори Синоро омӯхт. Дар ниҳоят, муносибот ва равобити онҳо сард гардид"[2].

Марҳилаи дуюми таҳсили илм ва такмили анденаҳои Қутбиддин Шерозӣ ба сафарҳои ӯ ба шаҳрҳои Хуросон, Нишопур, Ирок, Исфаҳон, Бағдод, Куния, Сивос ва Малотия вобаста мебошад. Аз маълумоти

[1] Мохдухт Бону Ҳумой. Мукаддима// Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Техрон, 1386. – С. 27.
[2] Маҳдӣ Мухаккик. Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳоли худнигоштаи у// Хикмати иқро. Бахор ва тобистони соли 1392. - С. 172.

сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқон[1] бармеояд, ки дар ин сафар Қутбиддин Шерозӣ ҳам донишу ҷаҳонбинии худро такмил дода ва ҳам соҳиби мансабу моликият гардидааст. Ӯ, нахуст ба шаҳри Исфаҳон сафар карда бо ҳокими ин шаҳр Баҳоуддин Муҳаммади Ҷувайнӣ, ки аз оилаи аҳли илм будааст, аз наздик ошной пайдо менамояд ва тавассути ӯ ба дастовардҳои арзишманди илмӣ ноил мегардад. Бо истифода аз шароити мусоид ва фазои хуби илмӣ Қутбиддин Шерозӣ китоби худ «Ниҳоят-ул-идрок»-ро дар ҳамин шаҳр таҳия ва ба писари Баҳоуддин Муҳаммад Ҷувайнӣ эҳдо менамояд.

Сидиқ Сафизода аз забони муҳаққиқи араб Абдулқодири Мисрӣ дар китоби «Ал-ҷавоҳир ул-музийя» доир ба сафарҳои Қутбиддин Шерозӣ ба таври мухтасар маълумот дода, менависад, ки "Қутбиддин Шерозӣ ба Қуния рафт ва дар он ҷо ба хидмати Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ расид ва ӯро зиёрат кард ва пас аз он озими Сивос ва Милтия шуд ва самти қазоро ёфт ва дар ин ҳангом ба тадриси фиқҳ ҳам пардохт ва шогирдони зиёде пайдо кард ва сипас, китоби Ибни Ҳоҷибро шарҳ дод ва чанд сол баъд аз он ба Табрез рафт. Ва Аҳмад Такудор писари Ҳулокухони мугул ӯро ба сафорат ба дарбори Малик Сайфуддин Қаловунсолеҳ подшоҳи Миср фиристод. Ва Қутбиддин аз ин сафар суди илмӣ бурд ва он, ин ки насхи (нусхаҳо- Ш.А.) чанд шарҳеро, ки атбоъ бар «Қонун»-и Ибни Сино навишта буданд, ӯ ҷавобҳое, ки дар бораи баҳсе аз масоили «Қонун» навишта шуда буд ба даст овард ва маҷмӯи шарҳҳои «Қонун», ки қироат кард болиғ ба дах ҷилд шуд ва сипас

[1] Ниг.: Ҳоксорӣ. Равзат-ул-ҷинон. – С. 197; Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр.-С. 42; Раҳнамоӣ Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ// Фарҳанги кайҳонӣ. Техрон. Мурдоди 1386. - С. 59; Ризо Доварӣ Ардакони. Нигоҳе дигар ба фалсафаи исломӣ. Техрон, 1387. Сидиқ Сафизода. Таърихи фалосифаи Эрон.Техрон: Андешаи халлоқ, 1385; Сидиқ Сафизода. Таърихи фалсафаи Эрон (аз Зардушт то Мулло Ҳодии Сабзавори). Техрон. Андешаи халлоқ. 1385.-С. 340-345; Маҳди Муҳаққиқ. Қутбиддин Шерози ва шарҳи ҳикмати ишроқ худиногоиав // Ҳикмати исро. Бахор ва тобистони соли 1392. - С. 174.

худ шарҳе бар «Қонун» навишт ва он акнун дар панҷ муҷалад мебошад ва бисёр муфассал аст»[1].

Тавре маълум мегардад, дар марҳилаи дуюми омӯзиши Қутбиддин Шерозӣ ба таҳсили илмҳои шариат, тариқат ва ҳақиқати ирфонӣ, ничунин, ахлоқу маънавиёт машғул гардида, ба мухтасар осори фаровони фалсафиву ирфонӣ ошной пайдо менамояд. Акнун, донишҳои илмии худро бо тариқати иршод ва завқу басират қиёс карда, ба таҳқиқи камолоти маънавии инсон ва дарёфти ҳақиқати мутлақ марок зоҳир менамояд. Исботи андешаи фавқ бахши дуюми қутби чоруми хотимаи китоби "Дуррат-ут-тоҷ", "Сайру сулук", "Шарҳи "ҳикмат-ул-ишроқ"-и Сухравардӣ" ва осори дигари мутафаккир мебошанд.

Аз таҳлили сарчашмаҳо ва осори таҳқиқотӣ хулоса карда, зиндагиномаи Қутбиддин Шерозро метавон ба чор давра тақсим намуд: 1. Давраи наврасӣ, ки бо ҳидоят ва роҳнамоиҳои падар илмҳои муқаддимотӣ (шариат, фиқҳ) ва ҳунари табибиро омӯхт. 2. Даврони шогирдӣ дар мактаби Насириддини Тӯсӣ ва такмили донишҳои ақлӣ ва илмҳои табиатшиносиву риёзӣ. 3. Сафарҳо ва таъсирпазирӣ аз аҳли ирфон. 4. Хизмати давлатӣ (сафир) дар ҳукумати Аҳмад Такудор.

Дар ҳама марҳилаҳои ҳаёти худ мутафаккир дунболи чустани илму маърифат ва кӯшодани асрори донишҳо буда, бо таъсирпазирӣ аз сӯҳбат ва ҳидоятҳои шахсиятҳои бузурги таърихӣ, аз қабили Насириддини Тӯсӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Садриддини Қунавӣ ва дигарон, илмҳои табиатшиносиву риёзӣ, астрономиву риёзӣ ва ахлоқу ирфонро омӯхта, ҳамчун шахсияти фарҳангӣ ва мутафаккири соҳибандеша ба камол расидааст.

Аз шахсият ва хислатҳои фардии Қутбиддин Шерозӣ, ки дар сарчашмаҳо маълумотҳои мухталиф оварда шудааст, маълум мегардад, ки мутафаккир пойбанди хурофоту таас-

[1] Сидиқ Сафизода. Таърихи фалосифаи Эрон. Техрон. 1386.-С. 342.

суб ва фардгароии тасаввуфӣ набуда, марди хушахлоқ, чеҳракушода, ҳазлгӯ ва ҷавонмарди том, бо мардум муносибати хайрхоҳона дошта, пайваста бо аҳли ҷомеа будааст. Мусиқиро хеле дӯст дошта, рубобро бо маҳорати баланд менавохтааст. Ҳангоми фароғат аз таҳқиқ ба бозии шатранҷ ва навозиши мусиқӣ даст мезадааст.[1]

Сидиқ Сафизода аз забони Тоҷуддин Субкӣ дар мавриди хулқи шахсии Қутбиддин Шерозӣ илова бар он чи ки зикр шуд, масъалаи дигареро низ овардааст, ки чунин аст: «Қутбиддин Шерозӣ пайвастро дӯст медошт ва барои корҳои муфид меангошт»[2]. Қисмати дигари муҳаққиқон ба ин андеша розӣ набуда, мутафаккирро шахсияти динӣ муаррифӣ кардаанд. Аз ҷумла, Саид Муҳаммад Машкуҳ Муҳаққиқ дар мукаддимаи навиштаи хул ба «Дуррат-ут-тоҷ» аз забони гурӯҳе аз таърихнигорон зикр менамояд: «Вай пайвастa намоз бо ҷамоат мегузорид ва дар эътиқодоти динӣ дар шеваи пиразанон буд, дар баробари фақеҳон ва бепавоён ва ҳангоме, ки вайро месутаданд, фурутанӣ менамуд, мардумро ба омӯхтани Қуръон андарз медод».[3]

Таҳлили рӯзгор ва осори Қутбиддин Шерозӣ нишон медиҳад, ки андешаи фавқ шояд ба даврони ҷавонии ӯ, замони зинда будани падараш ва таҳсил дар риштаи улуми динӣ рост ояд, вале ба равиши ҳаёти минбаъдаи ӯ мувофиқат намекунад. Барои мутафаккир рафтор аз қолаби шариати расмии ортодоксалӣ нишони камолоти маънавӣ ва шинохти моҳияти худии инсон буд. Ҷонибдорӣ аз ҳикояҳои зиёди тарбиявию ахлоқӣ, ба мисли "хоби олим аз ибодати ҷоҳил беҳтар" ва "адли подшоҳ аз ибодати шатсола афзал-

[1] Маҳдӣ Муҳаққиқ. Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳоли худнигоштаи ӯ// Ҳикмати ҳирс. Баҳор ва тобистони соли 1392. - С. 173.
[2] Сидиқ Сафизода. Таърихи фалосифаи Эрон. Теҳрон: Анҷумани халоқ, 1385.- С.341.
[3] Муҳаммад Машкуҳ. Мукаддимаи мусаҳҳеҳ// Дуррат-ут-тоҷ. Теҳрон, 1320. – С. 19.

тар"[1] гувоҳи шахсияти озод ва мутафаккири озодандеш будани Қутбиддин Шерозӣ мебошанд.

Қутбиддин Шерозӣ умри худро дар роҳи касби илму маърифат гузаронида, аз худ осори гаронарзише ба мерос гузоштааст, ки дар хазинаи тамаддуни башарӣ, бахусус, фарҳанги мардумони тоҷику форс ҷойгоҳи намоён доранд. Таснифоти ӯ фарогири илмҳои маъмули давр, аз қабили шариату фиқҳ, тариқати ирфонӣ, фалсафаву ҳикмат, табиатшиносиву кайҳоншиносӣ, тиб ва масоили ҷамъиятӣ мебошанд. Маҳз ҳамин доираи васеи масоили баррасишаванда дар осори мутафаккир аст, ки муҳаққиқон доир ба миқдор ва нопурраии онҳо назари мухталиф баён доштаанд ва маҳз аз ин ҷост, ки барҳе аз муҳаққиқон ва таърихнигорон мутафаккирро бо лақаби «Дарёи дониш»[2] васф кардаанд.

Ба ин монанд аз забони худи мутафаккир оварда мешавад, ки дар мукаддимаи «Шарҳи ал-Қонун» ба мисли Ибни Сино худро «аз пайлову пинҳони илмҳо огоҳ ва ба ҳалли ҳар мушкилот ва рамзҳое ки, на танҳо дар он аср, балки аз замони Одам-Абулбашар то имрӯз касе накушодааст, қодир ва тавоно бар кушоданашон ҳастам»[3], муаррифӣ намудааст. Мусаллам аст, ки дар таърихи улум ва фалсафаи тоҷику форс чунин даъво танҳо аз тарафи Ибни Сино ва Абӯбакри Розӣ аз нафари дигаре баён нашуда буд. Ба андешаи муҳаққиқон, амали мазкурро касе анҷом дода метавонист, ки ё мутакаббир ва ё дар ҳақиқат донишманди ҷасуру боғайрат бошад. Яъне, боварӣ ба дошишу қудрати андеша инсонро ба чунин даъво водор менамояд.

Доираи фарогирии масоил ва самтҳои таҳқиқи Қутбиддин Шерозӣ хеле васеъ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, доир ба миқдори умумӣ ва номгӯйи асарҳои ӯ назари яго-

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Баҳши ҳикмати амалӣ ва сайру суluк. Теҳрон, 1386. - С. 57.
[2] Раҳнаварда Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ// Фарҳанги кайҳонӣ. Теҳрон. Мурдоди 1386. - С. 59.
[3] Шерозӣ Қутбиддин. Туҳфат-ус-Саъдия. Бейрут. 1924. С.17.

на вуҷуд надорад. Шумораи осори ӯро муҳаққиқон 11, 21, 24 ва ҳатто то 50 адад гуфтаанд, ки қисмате аз онҳоро аслӣ ва қисмати дигарро осори нисбатдода ба мутафаккир медонанд.

Шумора ва номгӯйи осори таълифнамудаи Қутбиддин Шерозӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ, ба мисли «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Фазлуллоҳ Ҳамадонӣ, «Равзат-ул-ҷинон»-и Хонсорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Райҳонат-ул-адаб»-и Муҳаммад Алӣ Табрезии Хиёбонӣ, «Фавот-ул-вафиёт»-и Ибни Шокир, «ал-Ҷавоҳир-ул-мафиат»-и Ибн Аби-ул-Вафо ал-Қурайшӣ, «Кашф-уз-зунун»-и Хоҷӣ Халифа, «ал-Аълом»-и Хайриддин Заркалӣ, «Ваит-ул-аъён»-и Ибни Халликон, «Таърих-ул-ҳукамо»-и Ибн Қифтӣ, «Табақот-ул-атбо»-и Ибн Аби Усайбия[1] ва даҳҳо осори дигари таърихшиносон ва муҳаққиқон ягона ва якнавохт баён нагардидаанд.

Бо таъсирпазирӣ аз ҳамин сарчашмаҳо, муҳаққиқони муосир низ ба осори мутафаккир назари ягона надоранд. Мавридҳое ба назар мерасанд, ки як асари мутафаккир бо ду ном дар силсилаи осори ӯ оварда шудаанд, ки гувоҳӣ аз нуксони осори таҳқиқотӣ медиҳанд. Бинобар ин, ба андешаи ин ҷониб, зарурати таҳқиқи осори Қутбиддин Шерозӣ бо истифода аз методологияи герменевтикӣ ва бо тақя ба равиши анъанавии мутафаккир вуҷуд дорад.

Бояд ёдовар шавем, ки осори иншонамудаи Қутбиддин Шерозӣ то имрӯз арзиши илмии хулро нигоҳ

[1] Нигр.: Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр. Техрон, 1336; Фазлуллоҳ Ҳамадонӣ. Ҷомеъ-ут-таворих. Техрон. 1338; Хонсорӣ. Равзат-ул-ҷинон. Техрон, 1367; Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуарро. Техрон, 1367; Муҳаммад Алӣ Табрезии Хиёбонӣ. Райҳонат-ул-адаб. Техрон, 1331; Ибн Шокир. Фавот-ул-Вафиёт. Қоҳира, 1299 ҳ.; Ибн Аби-ул-Вафо ал-Қурайшӣ. Ал-Ҷавоҳир-ул-мазиф. Ҳайдаробод, 1332 ҳ.; Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-ул-ҷунун. Бейрут, 1952; Хайриддин Зирклӣ. Ал-Аълом. Қоҳира, 1927; Ибн Халликон. Вфиёт-ул-аъён. Қоҳира, 1928; Ибн Қифтӣ. Таърих-ул-ҳукамо. Миср, 1952; Ибн Аби Усайба. Табақот-ул-атбо. Бейрут, 1956 ва г.

доштаанд ва метавонанд ҷиҳати рушди тафаккури ратсионалӣ хизмат намоянд. Ба хотири равшанӣ андохтан ба осори ӯ мо кӯшиш намудем, ки дар рисола пазари чанд тан аз муҳаққиқонро оварда, то андозае аслияти осори ба ӯ мансуббударо муайян намоем.

Дар «Луғатномаи Деххудо» миқдори осоре, ки ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат дода шудаанд 11 адад мебошад: «Ихтиёрот-ул-Музаффарӣ» (Ихтиёроти Музаффарӣ), «Ал-музаҷ-ул-улум» (Гузидаи илмҳо), «Ат-тухфат-ул-шоҳия» (Туҳфаи шоҳ), «Тарҷумат-ут-таҳрир Уқлидус» (Тарҷума ва таҳрири Уқлидус), «Сазовори ифтихор», «Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ»», «Шарҳи куллиёти «Қонун»-и Ибн Сино», «Шарҳи мухтасари «ал-Усул»-и Ҳоҷибӣ». «Шарҳи «Мифтоҳ-ул-улум»-и Сакокӣ», «Шарҳ-ул-ашроф», «Ниҳоят-ул-идрок фи дироят-ул-афлок»[1]. Санд Муҳаммад Машкух, муаллифи мукаддима ва ношири китоби «Дуррат-ут-тоҷ»-и Қутбиддин Шерозӣ шумораи осори мутафаккирро иборат аз 15, Моҳлухт Бону Ҳумоӣ - 25, Бобак Рашнавзода - 29 рисолаҳои мустақил ва 10 рисолаҳои хурд, ашъор ва иҷозатномаҳо, Сиддиқ Сафизода - 19, Маҳдӣ Баркашалӣ - 22 ва Фотима Савалӣ - 24 номгӯй донистаанд.

Аз ин миён ҷуръати Муҳаммад Машкух қобили таҳсин аст, зеро ӯ аз 15 номгӯйи осори нисбатдодааш ба Қутбиддин Шерозӣ 11 рисоларо мувофиқ ба равиши анъанавии мутафаккир дониста, бақиммондаро осори "машкук" медонад. Номгӯйи овардаи ӯ чунин аст: Ниҳоят-ул-идрок фи дироят-ул-афлок; Туҳфат-уш-шоҳия; Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ»; Мифтоҳ-ул-мифтоҳ; Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррат-уд-Дабоҷ; Туҳфат-ус-Саъдия; Шарҳи мухтасари «ал-Усул»-и Ибни Ҳоҷиб; Фатҳ-ул-маннон фи тафсир-ул-Қуръон; Ҳошия бар китоби «ал-Кашшоф ан-ҳақоиқ-ут-танзил»-и Замахшарӣ; Рисола фи баён-ул-ҳоҷат илатиб. (Мухтоҷӣ ба илми тиб, Рисола фи баён-ул-ҳоҷат илатиб.

[1] Алиакбари Деххудо.Луғатномаи Деххудо. Рисоати чахорум. Ҳарфи «Қ». Мадхал. Техрон: Интишороти Мачлиси Шурои Миллӣ. Техрон, 1335.

ахлоқи табибон ва пешниҳолҳои эшон); Ҳошия бар «Ҳикмат-ул-айн»[1].

Албатта, мансубияти осори зикргардида, на он қадар саҳеҳ хаст, вале аз дигар номгӯй дида, ба равиши анъанаи мутафаккир наздиктар мебошанд. Муҳаммад Машкӯх осори муҳимтарини Қутбиддин Шерозиро дар муқоиса бо муҳаққиқони пешин, ҳамчунин, таҳлили мухтасари муҳтавоияшон пешниҳод намудааст, ки ба ин васила таҳқиқоти ӯ то дарачае хусусияти илмӣ касб менамояд.

Сафизода Сиддик, дар китоби «Таърихи фалсафаи Эрон (Аз Зардушт то Муллоҳодии Сабзаворӣ) номгӯй ва миқдори осори мутафаккирро иборат аз 19 адад медонад: «Ихтиёроти Музаффарӣ», «Исботи ҷавоҳир-ул-мафорик», «Ал-музоҷ-ул-улум», «Тухфат-уш-шоҳия», «Тарҷума ва тахрири Уқлидус», «Сазовори ифтихор», «Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ»», «Шарҳи куллиёти «Қонун»-и Ибни Сино», «Шарҳи мухтасари «ал-Усул»-и Ҳочибӣ». Шарҳи «Мифтоҳ-ул-улум»-и Сакокӣ, «Шарҳ-ул-ашроф», «Ниҳоят-ул-идрок фи дироят-ул-афлок», «ал-Вачиз», «Тухфат-ус-Саъдия», «Назҳат-ул-ҳукамо», «Равзат-ул-атбо», «Ҳошия бар китоби «Кашоф»-и Замахшарӣ», «Дурат-ут-тоҷ», «Фатҳ-ул-маннон фи тафсир-ул-Қуръон»[2].

Миёни номгӯйи пешниҳоднамудаи ду муҳаққик - Муҳаммад Машкӯҳ ва Сиддик Сафизода тафовути зиёд ба чашм мерасад. Аз чумла, 10 рисолаи пешниҳоднамудаи Сиддик Сафизода дар рӯйхати Муҳаммад Машкӯх несганд ва ба он мувофикат намекунанд.

Муҳаққики дигари осору афкор ва муаллифи мукаддима, мусаҳҳеҳ ва ношири бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулуки «Дурраг-ут-тоҷ»-и Қутбиддин Шерозӣ -

[1] Нит.: Муҳаммад Машкух. Мукаддимаи мусаҳҳеҳ// Қутбиддин Шерозӣ Маҳмуд ибни Масъуд. Дурраг-ут-тоҷ ли-гуррат-ул-Даббоҷ. Техрон: Чопи сеюм. Ҳикмат, 1349. - С. 57-66.

[2] Нит.: Сидик Сафизода. Таърихи фалсафаи Эрон. (Аз Зардушт то Муллоҳодии Сабзаворӣ). Техрон: Андешаи халок, 1385. - С. 341-342.

Моҳдухт Бону Ҳумой бошад, миқдори таснифоти мутафаккирро 25 адад, дар шакли зерин нишон медиҳад: Ихтиёроти Музаффарӣ; ал-Интисоф фи шарҳ-ул-Кашшоф. (Алл дар шарҳи Кашшоф); Анмузоч-ул-улум (Гузидаи илмҳо); Тоҷ-ул-улум. (Тоҷи илмҳо); Ат-Табсира; Ат-тухфат-уш-шоҳия фил ҳайат. (Тухфа ба подшоҳ доир ба илми хайат); Туҳфат-ус-Саъдия (ё Шарҳи «ал-Қонун»); Тазкират-ул-Насирия; Тарҷумаи тахрири Уқлидус; Ҷахони донишӣ (ал-Кифоя фил ҳайат); Ҳошия бар «Ҳикмат-ул-айн»; Дурат-ут-тоҷ ли гурат-ул-Даббоҷ; Рисолат фил барас (Рисола доир ба бемории пӯст); Рисола фи баён-ул-хоҷат ила-т-тиб (Мухтоҷӣ ба илми тиб, ахлоқи табибон ва пешниҳолҳои эшон); Рисола фи-т-тасаввур ва-т-тасдик (Рисола дар бораи тасаввур ва тасдик); Зийчи Султонӣ; Сазовори ифтихор; Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ»; Шарҳи «Куллиёти Ибни Сино» ё «Тухфат-ус-Саъдия»; Шарҳи мухтасари «ал-Усули Ибни Ҳоҷиб»; Шарҳи «Мифтоҳ-ул-улум»; Ғуррат-ут-тоҷ; Фатҳ-ул-маннон фи тафсир-ул-Қуръон; Мушкило-ут-тафсир (Мушкилоти тафсир); Нихоят-ул-идрок фи дироят-ул-афлок.[1]

Ин номгӯй низ дар қиёс бо номгӯйи пешниҳоднамудаи Муҳаммад Машкух ва Сиддик Сафизода дорои фарқияти зиёд мебошад. Дар мукаддимае, ки Моҳдухт Бону Ҳумой ба китоби «Дуррат-ут-тоҷ» навишта ва номгӯйи осори ӯро муайян кардааст, ин миқдор 10 адад зиёд мебошад. Муҳаққики мазкур чандин рисолаҳоеро ба мутафаккир нисбат додааст, ки онҳо дар сарчашмахои таърихӣ ба нафарони дигар тааллук доранд. Ба хамин шакл Бобак Рашнавзода низ осори мутафаккирро баррасӣ намуда, ба ӯ 29 рисолаи мустакил ва 10 рисолаи ҳачмаи хурд, аиъор ва иҷозатномахоро нисбат медиҳад, ки аз дигар муҳаққиқон тафовут дошта, ба вокеият камтар робита дорад.

[1] Нит.: Моҳдухт Бону Ҳумой. Мукаддимаи мусаҳҳеҳ// Алоҳа Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Чопи дувум. Техрон, 1386. – С. 5-13.

Маълум мегардад, ки муҳаккиқон маълумоти ягонаро дояр ба шумора ва номгўйи осори Қутбиддин Шерозй пешниҳод намесозанд. Аз ин лиҳоз, мувофиқи максад мешуморем, ки осори ўро вобаста ба мазмуну мухтаво ва равиши андешаи мутафаккир муайян намоем.

Осори Қутбиддин Шерозй, асосан, ба илми фалсафа, нучум (космология), ҳайат, (астрология), тиб, риёзиёт ва дину ирфон бахшида шудаанд ва месазад, ки аз диққати мансубият ба соҳаи илм онҳо гурўҳбандй ва муайян карда шаванд. Албатта, ин амал аз чониби баъзе муҳаккиқон, аз чумла Бобак Рашнавзода[1], Сайид Алиризо Гулшанй ва Аббос Сарафрозй[2] анчом шудааст, вале онҳо низ ба асоси лияти осори мутафаккир таваччўҳи чиддй зоҳир накардаанд. Дар таснифоти онҳо такрори асарҳо ва бо номҳои мухталиф пешниҳод гардидани як рисолаи мутафаккир ба назар мерасад.

Рўйхати осори мутафаккир, тибқи нишондоди муҳаккиқони зикршуда, ки фарогири масъалаҳои гуногуни илм хастанд ва бо забонҳои точикй (форсй) ва арабй навишта шудаанд ва мо онҳоро вобаста ба мавзуъ ва мухтавояшон ба панч гурўҳ таксим намудем, чунин аст:

А. Осори фалсафй, ки дар ваш китоб ва рисолаҳо гирдоварй шудаанд: 1. «Дуррат-ут-точ ли гурраг-уд-Дабоч» - мухимтарин асари фалсафии мутафаккир буда, дар пайравии осори мутафаккирони мактаби машшоия навишта шудааст. Асари мазкурро муҳаккиқон, «Доиратулмаорифи фалсафй», «Анбони муллокутбй»[3] ва

[1] Рашнавзода Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозй// Фарҳанги кайҳонй. Техрон. Мурдоди 1386. - С. 56-67.
[2] Алиризо Гулшанй ва Аббос Сарафрозй. Нақди осори аълома Қутбиддин Маҳмуд Шерозй (бо такя бар рўйкарди осори пизишки ва муаррифии ҳар як аз осор)// Мачаллаи тибби суннатии ислом ва Эрон. Соли ҳаштум. Шумораи аввал, баҳори соли 1396. - С. 4-12.
[3] Рашнавзода Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозй// Фарҳанги кайҳонй. Техрон. Мурдоди 1386. - С. 61.

"ҳамрадифи «Шифо»-и Шайхурраис ва барчастатарин аср ба забони точикй-форсй"[1] низ, муаррифй кардаанд.

«Дуррат-ут-точ ли гуррат-уд-Дабоч»-ро Қутбиддин Шерозй соли 705 ҳичрй-қамарй, баробар бо 1305 мелодй бо дархости амир Даббоч, яке аз шоҳони Гелон навиштааст. Сохтори китоб мувофиқ ба асархои пешкадамтарини замон, аз чумла «Шифо»-и Ибни Сино мебошад. Он аз мукаддима, панч қисм ва хотима иборат буда, муаллиф мукаддимаро бо истилохи «фотиҳа» ва қисмҳоро бо истилохи «чумла» ифода менамояд. Чумлаи аввал дар мантик ва он дар хафт мақола ва якчанд таълим буда, чумлаи дуюм дар фалсафаи аввал аст, ки он шомили ду қисм - чисм (вучуди чисм) ва нафс, илми асфал (табиият) ва дар ду фан аст. Чумлаи сеюм дар илми авсат (риёзй) ва дар чахор фан, чумлаи панчум дар илми илохй (метафизика) ва дар ду фан, ничунин хотимаи он дар усул ва фуруи дин, хикмати амалй, сиёсати маданй ва сайру сулук аст[2].

Китоби «Дурат-ут-точ», дар баробари шабоҳатҳо, ничунин аз "Шифо"-и Ибни Сино гафовут низ дорад: 1. Дар таксимбандии маъмулй метафизика (мобаъдуттабиа) ба ду қисм - якум, фалсафа пас аз мантик ва дуюм, калом баъд аз риёзиёт омадааст, вале «Дурат-ут-точ» чунин тартиб надорад. 2. Дар китоби «Шифо» бахши мантик муфассал, вале бахши риёзиёт мухтасар баррасй шудааст, аммо дар китоби «Дуррат-ут-точ» баракси он аст. 3. «Дуррат-ут-точ» дар шакли содатар навишта шуда, дар он масоили мушкилфахми фалсафй ва баҳзбарангез хеле кам ба назар мерасад. Мутфаккир кўшиш намудааст, ки масоили ирфониро низ бо забони сода тавзех дихад. 4. «Дуррат-ут-точ» бо

[1] Баркамалй Махди. Сосакй Юнифар. Дурат-ут-точи Шерозй ва Шархи Шарифа. «Окна. Соли панчум. 1358. Шумораи 5 ва 6; Дилорамоев М. Чустучхо дар фалсафаи Ибни Сино. Душанбе: «Эр-граф». 2017. – С.257.
[2] Ниг: Курбонй Абулқосим. Зиндагинома, риёзидонони лаврии исломй. Техрон, 1365. – С. 353; Сафо Мухаммадмузаффар. Тазкираи рўзи равшан. Техрон, 1343. Ч. 3. – С. 1239, Ҳочй Халифа. Кашф-уз-зунун. Бейрут, 1952, Ч. 1. - С. 381.

забони тоҷикӣ (форсӣ) ва «Шифо» бо забони арабӣ навишта шудааст.

Тафовути асарҳои зикршударо донишманди англис Ҷон Уелбриҷ муайян намуда менависад, ки «Гарчанде «Дуррат-ут-тоҷ» дар пайравии китоби «Шифо» бо фарогирии ҳикмати назарӣ таҳия шуда бошад ҳам, вале миёни ин ду асар тафовутҳои назаррас низ эҳсос мешавад. Аз ҷумла, дар бахши риёзиёт масъалаи мавриди таҳқиқ васеътар баррасӣ гардида, дар равиши фалсафӣ аз тариқи машшоии «Шифо» берун омада, бо шавқи ишроқ тароват ёфтааст».[1]

Аз мухтавои китоби «Дуррат-ут-тоҷ» бармеояд, ки Қутбиддин дар таълифи ин асар аз сарчашмаҳои қадимии бепуморе истифода бурдааст. Мисоли равшани ин андеша ёдоварии муаллиф аз ривоёт ва андешаҳои мутафаккирони пешин мебошад. Муҳаққиқон тахмин менамоянд, ки «дар қисмате аз фаслҳо тарҷумаи осори қадим, аз ҷумла, дар ҳандаса (геометрия) ва ҳайат (астрология) тарҷумаҳои мухтасари Евклид (Уқлидус) ва Пталомей (Батлимус), усули дар дарбаргирандаи тарҷумае аз фаслҳои «Маданӣ»-и Форобӣ, «Шифо»-и Ибни Сино, «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Сухравардӣ»[2] низ ҷой шуда бошад.

Андешаи муҳаққиқонро дар бораи масъалаи фавқузикр комилан пазируфтан имконият надорад, зеро Қутбиддин Шерозӣ ҳар ҷо, ки осори гузаштагонро истифода кардааст, ба мансубияти он ишора мекунад. Аз ҷумла: "Ва ин охири тазкира аст ва, ҳарчанд, муносиби саёқати қоидаи дуюм дар ҳикмати ҳулқӣ он будӣ, ки аз ин ҷо огози ҳикмату шарҳ ва ихтитоми он ба саёқати ҳикмати ҳулқӣ бар шеваи ҳукамо карда шуд, муносиб чунон намуд, ки ҳам ин ҷо ишорате муъҷаз низ бар он ду қисми дигар, аънии манзилӣ ва маданӣ ҳам бар шеваи ҳукамо карда шавад, то ҳар се қисми ҳикмати амалӣ: ҳулқӣ, манзилӣ, маданӣ бар шеваи ҳукамо мутаълиқ (мувофиқ) бошад ва рисолае мустақил шавад дар он боб. Ва ин рисолае бошад бас шариф дар ин боб, чунки тамомати фусул, ки ин замон гуфта хоҳад омад, ҳама тарҷуман "фусули маданӣ"-и Шайх Абӯнасри Форобӣ аст ва бокӣ аънии "тахзиби ахлоқ", тарҷуман Шайх Абуалӣ Синост дар ахлоқ"[1].

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки "тазкира", дар бахши ҳикмати амалии "Дуррат-ут-тоҷ", нас аз қисмати ахлоқ дар ҳаҷми 27 саҳифа оварда шудааст, ки ҳамагӣ 13,5 фоизи бахши ҳикмати амалии "Дуррат-ут-тоҷ"-ро ташкил менамояд. Он ҳам бошад, тарҷуман айнан набуда, баъзан, андешаҳои худи мутафаккир дар нисбати масъалаҳои мавриди назар эҳсос мешаванд.

Хулоса, «Дурат-ут-тоҷ», дар ҳақиқат, доиратулмаорифест, ки фарогири масъалаҳои муҳимтарини фалсафӣ, аз қабили мантиқ, ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, метафизика, ахлоқ, сиёсат ва дар маҷмуъ, "дувоздаҳ соҳаи илм"[2] мешавад. Дар мавриди мансубияти асари мазкур ба Қутбиддин Шерозӣ ва мувофиқати он ба равиши андешаҳои мутафаккир ҳеҷ гуна шакку шубҳа вуҷуд надорад.

Қисматҳои алоҳидаи китоби мазкур аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ Саид Муҳаммад Машкуҳ[3], Моҳдухт Бону Ҳумой[4] ва Саидҳасан Минкони Табасӣ[5] ба чоп расо-

[1] Ҷон Уелбриҷ. Қутбиддини Шерозӣ ва ниҳоя-ул-анвор дар фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Ҷавод Косимӣ. Машҳад, 1375. – С.62.
[2] Ҳамон ҷо: – С.56.

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Теҳрон, 1369. – С. 96.
[2] Раҳнамӯда Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ// Фарҳанги кайҳонӣ. Теҳрон. Мурдоди 1386. - С. 62.
[3] Муҳаммад Машкуҳ. Қутбиддин Шерозӣ Маҳмуд ибни Масъуд. Дуррат-ут-тоҷ ли-дуррат-уд-Даббоҷ. Теҳрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1340.
[4] Моҳдухт Бону Ҳумой. Аъзюма Қутбиддин Шерозӣ. Дуррату-т-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Чопи дуввум. Теҳрон. 1386.
[5] Табасӣ Минкон. Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳисоб ва мусиқӣ. Теҳрон, 1324.

пида шудааст. Аз чумла, Саид Мухаммад Машкух дар соли 1320 хичрии қамарӣ, баробар бо соли 1944 мелодӣ онро ба табъ расонид, ки иборат аз панҷ ҷилд дар як китоб мебошад. Сайид Ҳасан Мушкони Табасӣ бошад, бахши хисоб ва мусикии «Дурат-ут-тоҷ»-ро дар соли 1324 х.ш. (1946 мелодӣ) ва Моҳдухт Бону Ҳумой дар соли 1369 х.ш. (1991 мелодӣ) қутби сеюм ва чорум аз хотиман китобро бо мукаддима ва баъзе тавзехот ба нашр расониданд. Бахши мусикии онро бори дигар Насруллох Носехпур зери унвони «Рисолаи мусикӣ аз Дурат-ут-тоҷ»[1] дар соли 1387 х.ш. (2009 мелодӣ) ба чоп расонид. Аз қисматхои то кунун коркардашуда ва ба чоп нарасидаи китоби мазкур «фанни аввал аз чумлаи чаҳорум», яъне бахши ҳандаса ва қутби якуму дуюм аз хотима, яъне, «усул ва фуруи дин» мебошанд, ки дастраси мухаққиқон нагардидаанд.

2. «Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Сухравардӣ». Асари мазкур ба забони арабӣ навишта шуда, дар он шарҳу тавзеҳи андешахои ишрокии Шаҳобиддин Сухравардӣ чой дода шудааст. Ба назари мухаққиқон, ҳангоми навиштани рисолаи мазкур Қутбиддин Шерозӣ аз муаллифи он огоҳӣ надоштааст ва аз ҳамин лиҳоз, «дар маҷолиби фалсафӣ ба хубӣ таҳқиқ кард ва дар мабоҳиси хайру шарр икома бар рои осори камтаҳқиқшудаи мутафаккир мебошад. Он аз чониби Асадуллоҳи Ҳиротӣ бори нахуст дар соли 1315 х.ш., баробар ба соли 1937 мелодӣ ва бори дигар аз чониби Абдуллоҳи Нуронӣ ва Маҳдии Мухаққиқ дар соли 1380 (2002 мелодӣ) дар Техрон ба чоп расонида шудааст.[3] Ин асар ба катори осори аслии мутафаккир лохил буда, мухаққиқон ба аслияти он иттифоқи назар доранд.

[1] Носехпур Насруллох. Рисолаи мусикӣ аз Дуррат-ут-тоҷ. Техрон, 1387.
[2] Раҳнамоӣ Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шероз// Фарҳанги кайҳонӣ. Техрон. Мурдоди 1386. -С.62
[3] Сидик Сафиэода. Таърихи фалсафаи Эрон. (Аз Зардушт то Мулло Ходии Сабзаворӣ). Техрон: Андешаи ҳалок, 1385.- С.342.

3. Рисолаи дигари фалсафии мутафаккир «Ҳошия бар «Ҳикмат-ул-айн»-и Қазвинӣ» мебошад, ки бо забони арабӣ навишта шудааст. Қутбиддин Шерозӣ дар ин асар рисолаи «Ҳикмат-ул-айн»-и Наҷмиддин Дабирони Котибии Қазвиниро, ки аз зумраи устодонаш махсуб меёфт, мавриди шарҳу баррасии илмӣ қарор дода, андешахои хешро нисбати арзиши илмӣ ва ҷойгохи он дар фарҳанги асримиёнагии точику форс баён кардааст. Тибқи назари мухаққиқон ин асар аввалин ҳошия бар ин китоб буд, ки замиман шарҳи Шамсиддин Миракии Бухорӣ шуд ва бо хошияи Саид Шарифи Ҷурҷонӣ ба чоп расид.[1] Асари мазкур мувофиқ ба равиши андеша ва низоми эҷодии мутафаккир мебошад.

4. Асари дигаре, ки ба Қутбиддин Шерозӣ дар бахши фалсафа нисбат дода шудааст, «Шарҳи «Ишорот»-и Ибни Сино» мебошад. Ин асар ба забони арабӣ навишта шудааст ва он қадар машҳур нест, аммо бештари мухаққиқон бар он назаранд, ки Қутбиддин Шерозӣ аз овони ҷавонӣ ба осори Ибни Сино таваҷҷӯҳ дошт ва шакке нест, ки чунин асаре ба нашр расонида бошад. Албатта, имконияти навиштани чунин асар аз чониби Қутбиддин Шерозӣ вуҷуд дорад, зеро дар осори ӯ ба рисолаи «Ишорот»-и Ибни Сино ишора нашуда бошад хам, мутафаккир бо усули Сино шарҳи масоили ирфониро додааст. Аз он ҷихат, ки бештари мухаққиқон оид ба мансубияти асари мазкур ба Қутбиддин Шерозӣ шубҳа доранд, мо низ асари мазкурро аз рӯйхати осори аслии мутафаккир берун менуморем.

5. Рисолаи дигари Қутбиддин Шерозӣ, ки ба забони форсӣ дар пайравии «Рисола дар ишқ»-и Ибни Сино навишта шудааст ва он хаҷман хурд мебошад, «Ишқнома» аст. Ин асар дар мавзуъҳои ирфонӣ ва бо фарогирии масоили фалсафӣ иборат аз мукаддима, хо-

[1] Мухаммад Машкух. Мукаддимаи мусаххех// Қутбиддин Шерозӣ Махмуд ибни Масъуд. Дуррат-ут-тоҷ ли-гуррат-ул-Даббоҷ. Техрон: Чопи сеюм. Хикмат, 1349. – С.65.

тима ва се фасл иншо шудааст.[1] Рисолаи мазкур ба қатори осори нисбатдодашуда, ки муҳаққиқон бар аслияти он шубҳа доранд, дохил мешавад. Шубҳаи муҳаққиқон кобили қабул мебошад, зеро масъалаи ишқро мутафаккир хатто дар осори ирфонии худ ба дарачаи зарурӣ баррасӣ накардааст.

6. «Китоб дар ахлоқ» низ рисолаест, ки ба Қутбиддин нисбат дода шуда, кайд мегардад, ки ин асар зоҳиран ба номи Ғазолиддини Тиббӣ шохи Шероз навишта шудааст, вале нусхаи хатӣ аз он вуҷуд надорад.[2] Ин асар низ ҳаҷман хурд буда, ба иттифоқи бештари муҳаққиқон, бахши ахлоқи «Дуррат-ут-тоҷ» аст, ки дар алоҳидагӣ чоп шудааст. Дар шумораи осори мустақили мутафаккир овардани ин гуна асарҳо ҳеҷ зарурат надорад.

Б. Осори нуҷумӣ, ки шомили панҷ рисола ҳастанд. Аз ҷумла: 1. «Ниҳоят-ул-идрок фи-дироят-ул-афлок», ки бо забони арабӣ навишта шуда, аз чаҳор бахш (мақола) иборат аст ва он дар илми ҳайат (астрология - Ш.А.) навишта шудааст. Ин асар таваҷҷӯҳи олимони соҳаи табиатшиносиро ҳанӯз аз асрҳои миёна ба худ ҷалб карда, то замони муосир[3] мавриди таҳлил қарор дорад. Асари мазкур бори нахуст дар мадрасаи Улуғбек дар Самарқанд аз ҷониби Шайх Баҳоуддини Милтӣ китобат шудааст. Баъдан муҳаққиқони соҳаи астрономия ба ин асар таваҷҷӯҳ намуда, онро ҳамчун сарчашмаи боэътимод дар соҳаи таҳқиқотҳои илмӣ эътироф намудаанд. Нусхаи кадимаи асари мазкур то ҳанӯз ба хати настаълиқ мавҷуд буда, тасҳеҳ ва чоп нашудааст. Сарчашмаҳо бар он назар иттифоқ доранд, ки ҳанӯз худи «Қутбиддин гузида аз онро

[1] Рашнавзода Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шероза// Фарҳанги хайҳонӣ. Техрон. Мурдоди 1386. -С.62.
[2] Чон Уелбрич. Қутбиддин Шероза ва илм-ул-анвор дар фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Ҷавод Қосимӣ. Машҳад, 1375. – С.163.
[3] Fateme Savadi. The Historical and Cosmographical Context of Hay'at al-arḍ with a Focus on Quṭb al-Dīn Shīrāzī's Nihāyat al-Idrāk. McGill University, Montreal December 2018.

бо номи «Ихтиёроти Музаффарӣ» навиштааст».[1] Тавре ки аз сарчашмаҳо ва мухтавои асар бармеояд, он дар бахши риёзиёт ва астрономия таълиф шудааст. Асари мазкур натичаи фаъолияти чандинсолаи мутафаккир дар расадхонаи Мароға буда, бо таъсирпазирӣ аз андешаҳои Насириддини Тӯсӣ рӯйи чоп омадааст. Дар нисбати аслияти ин асар ва мансубияти он ба Қутбиддин Шерозӣ шакку шубҳа вуҷуд надорад. Он мувофиқи равиш ва методологияи худи мутафаккир буда, ба рӯйхати осори аслии ӯ ворид мебошад.

2. «Ихтиёроти Музаффарӣ» асари дигари мутафаккир дар илми ҳайат (астрология) мебошад, ки ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шуда, чаҳор мақоларо дарбар мегирад. Ба андешаи муҳаққиқон асари мазкур мухтасаре аз «Ниҳоят-ул-идрок» аст, ки бори нахуст дар ин илм ба забони тоҷикӣ навишта нашудааст.[2] Нусхаи хатии Ихтиёроти Музаффарӣ дар Институти шарқшиносии шаҳри Санкт Петербурги Федератсияи Россия, нусхаҳои дигари он дар китобхонаи миллии Мулк ва Маҷлиси Ҷумҳурии Исломии Эрон нигоҳдорӣ мешаванд.

Аз унвони асар бармояд, ки Қутбиддин Шерозӣ ин асарро ба номи Музаффариддин Юлқ Арслон, яке аз фармонравоёни мугул навиштааст. Муаллиф дар муқаддимаи он менависад: «Ба ҳукми он, ки шарифтарин навъе аз анвои илм риёзӣ, ки ҷузъест аз аҷзои ҳикмати назарӣ илмест, ки нафси инсонро аз иктисоби он шарафи иттилоъ ба ҳайъати осмон ва замин ва адади афлок ва мақодири ҳаракот ва камиёти абъот ва аҷрому кайфияти авзоъ ба саёбити аҷсом, ки аҷзои ин оламанд, алалитлоқ ҳосил шавад. Тарафе солеҳ аз умр дар гуфтугӯ ва ҷустуҷӯи он сарф карда шуд ва чун он илм бар вақҳе, ки асноди саноат

[1] Нак.: Ҳалабӣ Алиасғар. Таърихи фалсафаи эрониҳо аз огоз то имрӯз. Техрон, 1381. – С. 578-579.
[2] Рашнавзода Бобак. «Ихтиёроти Музаффарӣ». Донишномаи арабӣ-форсӣ. Ҷ.4. Техрон, 1383. – С. 61.

соҳиби муҷассате тақрир кардааст аз иншоллоти азим холӣ набвад».[1]

3. «Тухфат-уш-шохия фил ҳайат» низ асари ба илми астрология бахшидаи Қутбиддин Шерозӣ аст. ки дар чахор боб - боби аввал, дар мукаддамот ва он чи пеш аз шурӯъ лозим аст, боби дуввум, дар ҳайати ачроми басита. боби саввум, дар ҳайати замин, боби чахорум дар мақодири абъот ва ачром ҷамъбаст гардидааст, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Тибқи ахбори сарчашмахо мутафаккир ин асарро дар соли 684 х., баробар бо соли 1306 мелодӣ такмил кардааст «вақте, ки дар Сивос ва Малотия мансаби қозиулқузотиро ба уҳда дошт, онро ба вазир Амирпох Муҳаммад ибни Тоҷиддин Муътаз бини Тоҳир шоҳзодаи Салҷуқӣ тақдим кард»[2]. Асари мазкурро мухаққиқон хулосае аз осори нуҷумии мутафаккир меҳисоранд. ки тарҷумаи айнӣ набуда, балки хулосаҳои илмии ӯ дар шакли мухтасар мебошанд. Мухтавои ин рисола бо мавзуи осори мутафаккир комилан мувофиқат дорад.

4. Асари дигаре, ки доир ба илми астрология (ҳайат) ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат дода шудааст. китоби «Фаъалту фалоталам» (Ман кардам маломатам макун) мебошад, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Ин китоб шарҳест бар тазкираи «Насирия»-и Насириддини Тусӣ ва ба фарзанди ӯ Асиллудин тақдим шудааст. Мақсад аз навиштани ин асар, тибқи андешаи муҳаққиқон, "радди иштибоҳоте буд, ки ба ӯ нисбат дода буданд"[3]. Асари мазкурро дар рӯйхати осори Қутбиддин Шерозӣ, гайр аз Ҷон Уелбрич ва Аббос Сарафрозӣ ли-гар мухаққиқон номбар накардаанд. Маълум мегардад.

[1] Амин Раёҳӣ Муҳаммад. Забон ва адаби форсӣ дар қалламрави Усмонӣ. Техрон, 1369. – С.121.
[2] Хочи Халифа. Кашф-уз-зунун ан асами ул-кутуб вал фунун. Туркия, 1310.. Ҷ.1. – С. 262; Пизишк Ахмад. Хулосаи зиндагиномаи илмии донишмандони ризидон. Техрон, 1374. - С. 121.
[3] Ҷон Уелбрич. Қутбиддин Шерозӣ ва илм-ул-анвор дар фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Ҷавод Қосимӣ. Машҳад, 1375. – С.165-166.

ки мутафаккир рисолае бо чунин унвон ва хатто бо чунин мазмун нанавиштааст.

5. «Танқех-уз-зайч-ал-ҷадид-ур-ризвонӣ»-ро низ ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат медиҳанд. Ин асар ба шарҳу баррасии илми астрология (ҳайат) бахшида шуда, ба забони арабӣ навишта шудааст. Ба андешаи аксари муҳаққиқон, ин асар мухтасаре аз "Ниҳоят-ул-идрок" мебошад, ки бо чунин ном пешниҳод шудааст.

В. Осори рисӣ: 1. «Тахрири усули Уқлидус», бо забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шуда, мувофиқ ба сабк ва равиши андешаи Қутбиддин Шерозӣ мебошад. Вале аксари муҳаққиқон асари мазкурро тарҷумаи 15 ҷузъ аз «Тахрири усули Уқлидус»-и Насириддин Тӯсӣ ва бо тафовути на он кадар зиёд бо он[1] муаррифӣ кардаанд. Ба ҳар сурат, асари мазкур бо забони фахмои тоҷикӣ-форсӣ навишта шуда, бо равиши андешахои мутафаккир мувофиқ мебошад.

2. «Рисола дар тавзехи қазоёи Уқлидус» низ ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат дода шудааст. вале дар бораи мухтаво ва мавзуоти он маълумоти мушаххас дастрас нест. Танҳо, қисме аз муҳаққиқон ба мавҷудияти чунин асари алохида итминон дошта, аксарият онро идома ва ё ҷузъе аз "Тахрири Уқлидус" донистаанд, ки назари онҳо ба вокеият мувофиктар мебошад.

3. «Тахрири уқлидӣ», ки Гулшанӣ ва Сарафрозӣ ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат дода, онро рисолаи мустақил дар илми риёзӣ донистаанд, ба забони арабӣ навишта шудааст. Бештари мухаққиқон доир ба ин асар маълумот намедиҳанд, вале аз он ҷихат, ки ба усули тахқики мутафаккир мувофиқ аст, шояд хулоса ва бардоштхои Қутбиддин аз рисолаи Насириддини Тӯсӣ бошад, ки дар шакли тақриз навишта шуда бошад. Вале, ба рӯйхати осо-

[1] Пизишк Ахмад. Хулосаи зиндагиномаи илмии донишмандони ризидон. Техрон, 1374. - С. 123.

ри мустақили мутафаккир ворид кардани он мувофиқ ба меъёрхои илмӣ нест.

4. Асари дигари Қутбиддин Шерозӣ, ки ба илми риёзӣ бахшида шудааст, «Фи-ҳаракат-уд-даҳр» мебошад, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Тибқи назари муҳаққиқон, «Шарҳ ба рисолаи маҷҳул, ки мутафаккир ба баррасии ин пардохта, ки оё ҳатте мустақим дар вокеъ кутохтар аз хатти мунахханӣ аст?»[1] Асари мазкур дар таҳқиқотҳои асосӣ, ки ба шиносхти рӯзгору осори мутафаккир бахшида шудаанд, оварда нашудааст. Шояд, ин рисола мазмунан ба осори мутафаккир наздиктар таҳия шуда бошад, ки Ҷ. Уелбрич, онро ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат додааст. Аммо, ба андешаи муҳаққиқи мазкур розӣ шудан имкон надорад.

Г. Осори тиббӣ: 1. "Туҳфат-ус-Саъдия фи-т-тиб", асари гаронарзиши Қутбиддин Шерозӣ мебошад, ки дар шарҳи «Қонуни тиб»-и Ибни Сино ба забони арабӣ навишта шудааст. Ин асар дар 151 ҳазор байт аст ва муаллиф онро ба Саъдудин Совиҷӣ вазири Ғозонхон тақдим кардааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо, мутафаккир «дар тамоми умри худ дагдагаи ин шарҳро дошта ва охирин чопи он ду-се сол пеш аз вафоташ будааст»[2]. Мутафаккир дар мукаддимаи ин асар ба шарҳи зиндагии худ то 47-солагӣ пардохтааст, ки муҳимтарин манбаъ дар мавриди ҳаёти ӯ аст. Доир ба мукаддимаи зикршуда Саид Муҳаммад Машкуҳ дар мукаддимаи «Дуррат-ут-тоҷ» маълумоти муфассал дода, қисмате аз онро айнан овардааст.[3] Тибқи маълумоти сарчашмаҳо нусхаи хаттии ин асар дар китобхонаи мадрасаи

[1] Пишқадам Ахмад. Ҳузуркаи зиндагинома ва илмии донишманди. Техрон, 1374. – С. 124.

[2] Ҳалабӣ Алиасғар. Таъриҳи фалсафаи эрон аз огоз то имрӯз. Теҳрон, 1381. – С. 587.

[3] Муҳаммад Машкуҳ. Мукаддимаи мусаҳҳех// Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ ли-гуррат-ул-Даббоҷ. Техрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1349. – С.14.

Сипаҳсолори Ҷумҳурии Исломии Эрон зери шумораи 845 нигоҳдорӣ мешавад.

2. «Рисола фи баён-ул-ҳочат ила-т-тиб» (Мухтоҷӣ ба илми тиб, ахлоки табибон ва пешниҳодҳои эшон) асари дигари тиббии Қутбиддин Шерозӣ мебошад, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Дар аслияти ин асар ва мансуб будани он ба мутафаккир далелҳои муътамад вуҷуд дорад. Аз ҷумла, қисмати зиёди тазкиранависону таҳқиқгарон, ки ба таҳлили осору афкори Қутбиддин Шерозӣ таваҷҷуҳ намудаанд, ин рисоларо дар шумораи осори мутафаккир ворид намудаанд.

Ғ. Осори луғӣ ва улуми арабӣ: 1. «Фатҳ-ул-маънон фи тафсир-ул-Қуръон», яке аз асарҳои калонтарини дини Қутбиддин Шерозӣ мебошад, ки дар 40 ҷилд таҳия ва ба забони арабӣ навишта шудааст. Тибқи андешаи муҳаққиқон, дар он «тафсири калом то ояи 119-и сураи Бакара»[1] анҷом дода шудааст. Ин асар дар баъзе сарчашмаҳо бо «Тафсири Эъломӣ» низ маъруф аст ва дар китобхонаи Фадивияи Миср нусхаи нокиси он вуҷуд дорад.

2. «Шарҳи Кашшоф» асари дигари Қутбиддин Шерозӣ аст, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Мувофиқи андешаи муҳаққиқон, асари мазкур «ҳошияе аз «Тафсири Қуръон»-и Замахшарӣ аст, ки дар соли 701 (1323м.) таълиф шудааст ва ба унвони «Ал-интисоф фи шарҳ-ул-кашшоф» низ омадааст»[2].

3. «Шарҳи мухтасари «ал-Усул»-и Ибни Ҳочиб», ки дар миёни осори мутафаккир мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Ин рисола таваҷҷуҳи муҳаққиконро ба худ ҷалб намуда, ба он шарҳҳои зиёд навиштаанд. Масалан, Муҳаммад

[1] Нак: Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ ли-гуррат-уд-Даббоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Машкуҳ. Техрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1349. – С. 65; Ҳалабӣ Алиасғар. Таъриҳи фалсафаи эрон аз огоз то имрӯз. Техрон, 1381. – С. 579.

[2] Ҳалабӣ Алиасғар. Таъриҳи фалсафаи эрон аз огоз то имрӯз. Теҳрон, 1381. – С. 589.

ибни Ҳасан ал-Моликӣ (вафт. 1373 м.) ин асарро таҳлил намуда, мансубияти онро ба Қутбиддин Шерозӣ исбот ва ҳамчун манбаи муҳим дар таҳқиқоти худ истифода менамояд. Ба андешаи таҳқиқгарон муаллиф дар «Туҳфаи Саъдия» ва «Мифтоҳ-ул-мифтоҳ»-и худ аз он ном бурдааст.[1]

4. «Шарҳи «Мифтоҳ-ул-улум»» асарест, ки ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат дода мешавад. Ин асар, ки ба он Қутбиддин Шерозӣ шарҳ навиштааст, таълифи Сироҷиддин Абияъқуб Юсуф ибн Аби Муҳаммад ибн Алӣ ал-Саккокӣ (с.в. 626 ҳ.қ., мутобиқ ба 1228 мелодӣ) мебошад. Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зунун»-и хеш аз шореҳони зиёли ин рисола ном бурда, таъкид кардааст, ки "тамоми онҳо ба шарҳи китоби мазкур баъд аз таълифи Қутбиддин Шерозӣ даст задаанд. Бо ибораи дигар, Қутбиддин Шерозӣ яке аз аввалин шореҳони «Мифтоҳ-ул-улум» маҳсуб мегардад, ки моҳияти аслии онро ошкор намудааст ва барои шореҳони дигар ҳамчун сарчашма хизмат кардааст. Давлатшоҳи Самаркандӣ дар «Газкират-уш-шуаро» зикр кардааст, ки Қутбиддин Шерозӣ ин китобро бо хоҳиши Ҳоҷа Ҳумомуддин ибн ал-Ҳумомии Табрезӣ (с.в.713 ҳ.қ. мутобиқ ба 1323 мелодӣ) навишта аст.[2] Дар ин бора худи Қутбиддин Шерозӣ низ дар «Мукаддима»-и «Дуррату-т-тоҷ» маълумот медиҳад. «Мифтоҳ-ул-мифтоҳ» ба забони арабӣ навишта шуда, фарогири 32 ҳазор байт мебошад.

Илова ба осори зикргардида аз Қутбиддин Шерозӣ рисола, ашъор ва иҷозатномахое ба ҷо мондааст, ки аксари сарчашмаҳо ва осори таҳқиқотӣ онҳоро эътироф кардаанд. Вале ба таври зуррӣ мавриди таҳқиқ қарор надодаанд. Ин асарҳо чунинанд: 1) «Исботи Ҷавҳар-ул-мафориқ»; 2) «Интихоби Сулаймонӣ», ки ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шудааст. Бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки «Қутбиддин аз «Эҳё ул-улум-ал-дин»-и Муҳаммад Ғаззолӣ

[1] Раҳнамоли Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ// Фарҳанги кайҳон. Техрон. Мурлоди 1386. -С.63.
[2] Самаркандӣ Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Лидан, 1317 ҳ.қ.-С.218-219.

барои Маҳмудбек шисари Музафариддин Юлқ Арслон ҳокими Қусдмонӣ интихобе сохт ва онро «Интихоби Сулаймонӣ» номид»[1]; 3) "Гуфторе дар боби рафтор бо битъатузорон ва кофирон", ки дар соли 685 (1286 мелодӣ) дар Кунйя таълиф шудааст; 4. «Рисола фи тахиқ-ил-ҷабр»; 5. Ду рисола дар масоили мухталиф; 6. Посух ба Имомиддин Конӣ; 7. Ду нақд аз осори Рашидуддин Фазлуллоҳ; 8. Матни мунозираи байни Қутбиддин ва Рашидуддин Фазлуллоҳ; 9. Иҷозае ба Наҷмуддин Мирсалӣ бо хатти Қутбиддин дар соли 708 (1308 мелодӣ), ки дар Табрез навишта шуда, тибқи он Наҷмиддин ҳақ дорад ҳамаи осори Қутбиддинро тадрис кунад; 10. Иҷозае ба Абубакр Табрезӣ[2].

Ҳамин тариқ, таҳлили сарчашмаҳо ва осори таҳқиқотӣ нишон медиҳад, ки аз 21 рисолаҳои гуногунҳаҷм, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд, 14 асар бевосита ба Қутбиддин Шерозӣ тааллуқ доранд, ки аз ин миён як асар ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони арабӣ – «Таҳрири усули Уқлидус» аз ҷониби худи мутафаккир таҳия шудааст. Мансубияти осори зикргардида ҳам аз лиҳози равиши андеша ва ҳам аз назари аксари муҳаққиқон ба Қутбиддин Шерозӣ мутааллиқанд, ки мо низ ба онҳо мувофиқ ҳастем. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки 7 рисола аз рӯйхати пешниҳодгардида ва ҳудуди 11 рисолаи дигар низ аз ҷониби муҳаққиқони дигар ба мутафаккир нисбат дода шудаанд, вале дар аслияти онҳо шубҳа вуҷуд дорад. Чунин ба назар мерасад, ки қисме аз онҳо бо номҳои дигар ва ё ҷузъе аз рисолаҳои ёдшуда ҳастанд. Ҳатто, якчанд рисола аз мутафаккирони дигар мебошанд, ки ба номи Қутбиддин Шерозӣ сабт гардидаанд. Ҳамзамон, бархе бо ду ном навишта шудаанд, ки муҳаққиқон онҳоро ду асар гуфтаанд. Масалан, «Ғаҳорат-ул-илоҳӣ», ки дар илми астрология (ҳайат) бах-

[1] Писишк Аҳмад. Хулосаи зиндагинома илмии доништмандони риёзидон. Техрон, 1374. - С. 127.
[2] Нит.: Чон Уелбрич. Қутбиддин Шерози ва илм-уд-анвор дар фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Ҷавод Қосимӣ. Машҳад. 1375. – С.159-169.

шида шудааст, бо забони арабӣ таълиф ёфта ва худи муаллиф аз ин асар бо номи «ат-Тухфат-уш-шохия» ном бурдааст. Муаллифи мукаддима ва мусаххеҳи «Дуррат-ут-тоҷ»-и Қутбиддин Шерозӣ - Муҳаммад Машкух[1] онро ҳамчун асари алоҳида зикр менамоял. «Ан-музаҷ-ул-улум» - шакли мухтасари «Дуррат-ут-тоҷ ли-гуррат-ул-Лабоҷ» буда, дар байни мардум бо номҳои «Анбони Мулло Қутб» ва «Ҳамёни Мулло Қутб» низ маъруф мебошад. Рисолаҳои дигари мансуб ба мутафаккир «Точу-л-улум»,«Рисола фи-л-барас», «Ат-Тазкират-ул-Насирия-фи-иллохия» ва «Ат-Табсира» мебошанд, ки гайр аз Хайриддин Заркалӣ[2] дигар муҳаккиқон ба он розӣ нестанд. «Ҷаҳони дониш» низ иштибоҳан ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат дода шудааст, вале, ба қавли таҳқиқгари эронӣ Муҳаммад Машкӯх, он қисмате аз «Дуррат-ут-тоҷ»-и мутафаккир мебошад. «Рисола фи тасаввур ва-т-тасдиқ», «Сазовори ифтихор» ва «Зиичи Султонӣ» низ бо ҳамин тартиб зери номи Қутбиддин Шерозӣ сабт шудаанд. Аз ҷумла, Саид Муҳаммад Бокир Мусавӣ Хонсории Исфаҳонӣ дар «Равзат-ул-ҷаннот фи ахвол-ал-уламо ва-с-содот» ҳамин андешаро собит кардааст[3]. Бояд ёдрас шуд, ки «Зиичи Султонӣ» асари хеле бузурге, ки ба илми ситорашиносӣ бахшида шудааст, дар саҳифаи 101 феҳрасти Китобхонаи Маҷлиси Эрон ба Қутбиддин Шерозӣ мутааллиқ доништа мешавад. Лекин дар як силсила таҳқиқотҳои охирин исбот шудааст, ки таълифи ин асар аз ҷониби ҳамасри Қутбиддин Шерозӣ, олими бузурги ситорашинос аз деҳаи Вобакнаи шаҳри Бухоро Шамсиддин Бобакнавӣ[4] сурат гирифтааст. Рисолас, ки дар бештари

[1] Муҳаммад Машкух. Қутбиддин Шерози Маҳмуд ибни Масъуд. Дуррат-ут-тоҷ ли-гуррат-ул-Даббоҷ. Техрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1349. – С.27.
[2] Хайриддин Зиркали. Эъломи Зиркали. Миср. 1980. -С.188.
[3] Нит.: Саид Муҳаммад Бокир Мусавӣ Хонсории Исфаҳонӣ. Равзат-ул-ҷаннот фи ахвол-ал-уламо ва-л-содот. Ҷ.3. – С.184. (Чопи санглӣ). Китобхонаи Донишгоҳи Техрон). 1390 х.к.
[4] Муҳаммад Машкух. Қутбиддин Шерози Маҳмуд ибни Масъуд. Дуррат-ут-тоҷ ли-гуррат-ул-Даббоҷ. Техрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1349. – С.34.

сарчашмаҳову маъхазҳои таърихӣ бо номи «Шарҳи «куллиёт»-и Ибн Сино» ба Қутбиддин Шерозӣ нисбат дода шудааст, дар бархе аз сарчашмаҳо бо номҳои «Тухфат-ус-Саъдия» ва «Шарҳи «ал-Қонун фит-тибб»-и Ибн Сино» низ зикр мешавад.

Хулоса, аз таҳлили зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Қутбиддин Шерозӣ бармеояд, ки новобаста ба рӯзгори сангини даврони наврасиву ҷавонӣ ӯ тавонистааст роҳи камолоти маънавиро пай намуда, ҳам шахсияти худ ва ҳам хазинаи маънавии инсониятро ганитар гардонад. Гарчанде, мутафаккир, дар нахуст таълими динӣ ва тасаввуфӣ гирифта бошад ҳам, вале фаъолияти аввалини илмӣ ва эҷодии ӯ ба самти донишҳои ақлӣ ва илмҳои табиатшиносиву дакик ва тиббӣ равона гардида буд. Исботи андешаи фавқ китоби "Дуррат-ут-тоҷ" аст, ки аз "мукаддима" ва "хотима" иборат буда, қисмати мукаддима дар панҷ ҷилд бо фарогирии "Дар тавсифи илм", "Мантик", "Табииёт", "Риёзиёт" ва "Илоҳиёт" (Фалсафаи уло) ва "Хотима" бо фарогирии чор "Кутб" - "Усули дин", "Фуруи дин", "Ҳикмати амалӣ" ва "Сайру сулук" таҳия гардидааст. Осори динӣ ва ирфонии мутафаккир низ бо далелҳои ақлӣ ва ҳамоҳангӣ бо ҳикмати ишроқӣ навишта шудаанд, ки, на фарқгаронии тасаввуфӣ, балки «бо халқ ва бо Ҳақ будан»-ро талқин менамоянд. Вай, пайваста дар миёни мардум будаиро мепандид. Сарфи назар аз он, ки "дар дастгоҳи шоҳон иззату обрӯ дошт, аммо ҳамеша бо мардум буд ва бештар вақти худро дар миёни омман мардум мегузаронд ва бо мардум бо хушӣ ва гармӣ рафтор мекард".[1]

Осори Қутбиддин Шерозӣ ба омӯзишу таҳқиқи илмҳои дақиқ, мантиқу фалсафа, тибу нучумшиносӣ ва ҳикмати амаливу ирфонӣ бахшида шудаанд, ки дар онҳо масоили умдатарини илмҳон зикргардида шарҳу баррасӣ

[1] Ҳалабӣ Алиасғар. Таърихи фалсафаи эронӣ аз оғоз то имруз. Теров, 1381.- С.341.

шудаанд. Мероси илмие, ки аз мутафаккир боқӣ мондааст, барои рушди афкори табиатшиносӣ, мантиқу фалсафа ва ҳикмати амалӣ хизмати шоён намуда, барои муҳаққиқони соҳаҳои зикргардида ҳамчун манбаи бузурги илмӣ ба ҳисоб мераванд.

Тавре ки мушоҳида мешавад, дар замони муосир таъмоюли ба ҳам овардани илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва гуманитарӣ зиёд гардида, донишмандон кӯшиш доранд онҳоро дар доираи фалсафаи илм барраси намуда, ҳамгиро созанд. Ҳамин хусусият дар осори Қутбиддин Шерози ҳанӯз дар асрҳои XIII-XIV эҳсос мешавад. Таҳлили осори мутафаккир бо сароҳат нишон медиҳад, ки ӯ омӯзиши масъалаҳои асосии ҳастишиносиро аз илмҳои табиатшиносиву риёзӣ шуруъ карда, зина ба зина ба таҳқиқи масоили мантиқиву фалсафӣ ва метафизикаву ирфон мегузарад. Мутафаккир ҳамин тарзи таҳқиқро дар мавриди маърифати саҳеҳи оламу одам аз ҳама мувофиктар мешуморад, ки аз нигоҳи илми муосир ҳам метавон бо он ҳамфикр буд.

1.3. Сарчашмаҳои назариявии фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ

Қутбиддин Шерозӣ ҷаҳонбинии худро дар асоси таҳқиқ ва таҳлили афкори арзишманди гузаштагон ва ҳамасрони худ тавсеа бахшида, бо таъсирпазирӣ аз онҳо таълимоташро ба низом даровардааст. Ба мухити фарҳангӣ ва таъсири ҷаҳонбинии динии замон, сарбастагӣ ва канорадурӣ аз олами воқеӣ, ки хоси замони ӯ буд, нигоҳ накарда, мутафаккир арзишҳои олитарини фарҳанги умумибашариро эътироф ва онҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, дар рушди афкори ратсионалӣ, илмҳои табиатшиносиву риёзӣ, тиббӣ ва ахлоқиву ҳуқуқӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Мусаллам аст, ки маҳз файласуфони ақлгаро, ки дар самти ташаккули илмҳои дунявӣ ва аклонии инсоният

таъсири мусбат расонидаанд, тавонистанд, тамаддуни асриминёгии мардумони Шарқи Наздик ва Миёнаро аз интишори сартосарии хурофот ва таассубгароии динӣ эмин нигоҳ дошта, рушди дониҳои илмиро таъмин намоянд. Дар ин раванд, намояндагони фалсафаи «Асҳоби ҳаюло», «Машшоия»[1] ва дигар мактабу ҷараёнҳои фалсафӣ нақши назаррас доранд. Ба шарофати ин равияҳо ва дигар мактабу ҷараёнҳои рӯхияи ақлгароидошта дар ин сарзаминҳо тасаввуротҳои дақиқу бунёдӣ доир ба олам ба вуҷуд омада, дар шаклҳои ба худ хос инкишоф меёфтаанд. Онҳо, зоҳиран ба ратсионализми арастуӣ ва гностисизм тағйиротҳо ворид намуда, бо ин амали хеш саъю кӯшиш мекарданд, то паҳлӯҳои асосии фалсафаи кайҳонмеҳвараи даврони атиқаро инкишоф диҳанд ва як асосу заминае барои созиши ҷаҳонбинии фалсафии ғарбиву шарқӣ ва равнақи илми хусусияти умумибашаридошта таъмин кунанд.

Назариёти фалсафиву ҷаҳоншиносӣ, ки дар Шарқ шакл гирифта, ба Юнон ва Рим интиқол ёфтаанд, пасон боз ба Шарқ, бахусус ба фарҳанги асриминёгии тоҷику форс дар қолаби нав ворид гардиданд. Яъне, тафаккури инсоният дар асоси таъсири мутақобила ва муносибатҳои ҳақиқатҷӯёнаи насли башарӣ такомул ёфтааст, ки ин раванд имрӯз ҳам идома дорад. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки фалсафа ва тафаккури фалсафӣ набояд ба ғарбиву шарқӣ ва қавмиву наҷодӣ тақсим шавад, зеро ин тарзи муносибат барои рушди мупаззами тафаккури инсонӣ монеа эҷод менамояд.

Дар иртибот ба андешаҳои зикршуда, зарур аст, ки алоқамандии андешаҳои фалсафӣ дар шакли таъсирпазириашон ба якдигар мавриди омӯзиш қарор гиранд, алоқамандӣ, умумият ва тафовут, инчунин хусусиятҳои арзишманд ва саҳми онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги тафаккури ҷомеа ошкор карда шавад. Маҳз чунин

[1] Ниг: История таджикской философии (с древнейших времен до XV в.) Т.2. Под общей редакцией А.А. Шамолова, Душанбе: «Дониш», 2011.

муносибат, метавонад таҳқиқи заминаҳо ва сарчашмаҳои назариявии таълимот ва ҷаҳонбинии намояндагони мактабу ҷараёнҳои фалсафиро самаранок гардонида, хусусияти илмӣ ва аҳамиятнокии онҳоро ошкор созад. Бо ҳамин дидгоҳ, мо низ кӯшиш намудем, ки сарчашмаҳои назариявии фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ ва таъсирпазирии ӯро аз мутафаккирони пешин ва ҳамасронаш муайян намоем.

Сарчашмаҳои назариявии афкори фалсафии Қутбиддин Шерозиро мо, шарган ба ду даста – ғайрибумӣ (хориҷӣ), аллохтонӣ ва бумӣ (ҳудӣ), автохтонӣ тақсим намудем. Ба сарчашмаҳои ғайрибумӣ фалсафаи Юнони қадим ва ба сарчашмаҳои бумӣ фалсафаи пешазисломии ориёӣ, фарҳанги исломӣ, таълимоти мутафаккирони пешгузашта, инчунин, ҳамасрони худи мутафаккир дохил мешаванд.

Қутбиддин Шерозӣ, ҳамчун пайравӣ мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ, аз таълимоти мутафаккирони Юнони бостон ба таври васеъ истифода кардааст. Мутафаккир, бо эҳтироми хосса ба фалсафаи Юнон нигариста, иброз менамояд, ки "....валекин чун ин чо ишорате муъҷаз бар ҳикмати ҳулқӣ бар шеваи ҳукамои пешин карда шуд, мунсиб чунон намуд, ки ҳам ин чо ишорате муъҷаз низ ба он ду қисми дигар, аъние манзилӣ ва маданӣ ҳам бар шеваи уламо карда шавад, то ҳар се қисмати ҳикмати амалӣ: ҳулқӣ, манзилӣ ва маданӣ бар шеваи ҳукамо мутолосик (часпанда) бошад"[1]. Ин чо манзури мутафаккир, аз "ҳукамои пешин" файласуфони юнонӣ мебошад, зеро онҳо аввалин шуда ба таснифоти илмҳо даст зада, фалсафаи амалӣ ва қисматҳои онро муташаххас намуда будаанд.

Муҳаққиқи эронӣ Ғуломризо Раҳмонӣ дар ин мавзуъ менависад: "Арасту фалсафаро ба се қисм: фалсафаи назарӣ (theoretical), амалӣ (practical) ва тавлидӣ (productive) (шеърӣ ё ҳунарӣ) тақсим мекунад. Дар фалсафаи назарӣ илму

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амали ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Теҳрон, Чопи дуввум. 1386. – С.96.

маърифат аз он чиҳат, ки маърифат аст ғоят мавриди назари файласуф аст, аммо дар фалсафаи амалӣ илму маърифат сирфан аз он чиҳат, ки ғоят амале бар он мутараттиб мегардад, мавриди назари файласуф аст. Ба иборати дигар, дар фалсафаи амалӣ маърифат аз сифати ағрози амалии он талаб мешавад на аз он чиҳат, ки сирфан илму маърифат аст"[1], Муаллифони мукаддимаи китоби Хитобаи Арасту бошанд, қайд намудаанд, ки "Фалсафаи атика аз Афлотун ва Арасту сар карда, ба гурӯҳбандии донишҳо таваҷҷуҳи хоса дода, онҳоро аз рӯйи фан, характери баён ва далеловарии масъала ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст. Ҳамаи донишҳо ба назариявӣ ва амалӣ тақсим карда мешаванд. Ба донишҳои назариявӣ илмҳои дедуктивӣ, ба монанди риёзиёт, метафизика ва мантиқ, ки хулосаҳои онҳо ба дурустӣ тасдиқ шудаанд, таалуқ дорад..... Ба донишҳои амалӣ бошад, этика ва сиёсат, ки хулосаи онҳо характери эҳтимолӣ доранд, дохил мегарданд"[2].

Қутбиддин Шерозӣ дар пайравӣ аз пешгузаштагони худ, бахусус файласуфони юнонӣ ба таснифи илмҳо таваҷҷуҳ намуда, зикр мекунад, ки "Чун илми ҳикмат донистани ҳама чизҳост чунончи ҳаст, пас бо эътибори инқисоми мавҷудот мунқасим шавад ҳасби он инқисом ва мавҷудот ду қисманд: яке ончи вучуди он мавқуф бар ҳаракоти иродии ашхоси башарӣ набошад; дуввум, ончи вучуди он мунават ба тасарруф ва тадбири ин ҷамоат бувад. Пас, илм ба мавҷудот низ ду қисм бувад: яке илм ба қисми аввал ва онро ҳикмати назарӣ хонанд ва ҳикмати назарӣ мунқасим шавад ба ду қисм... Ва ин шеваи ҳукамои салаф аст, ки дар садри он Аристотолис бошад"[3].

[1] Раҳмонӣ Ғ. Омӯзиши фалсафаи машшоӣ ва ишроқӣ. Бустони китоби Қум. 1390. – С. 33.

[2] Муҳаммад А., Хочазода А. Пешгуфтер// Арасту. Хитоба. Душанбе, 2017. – С.4-5.

[3] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Сайд Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ.1. Теҳрон, Чопи сеюм, 1369. – С.154.

Аз ин маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ таксимбандии Арастуро доир ба илми фалсафа, на танҳо пайравӣ, балки бо эҳтиром пазируфтааст. Гарчанде дар таснифоти Қутбиддин Шерозӣ илмҳои эҷодӣ оварда нашудаанд, вале мутафаккир пеш аз он, ки фалсафаро ба ду қисмат тақсим намояд, доир ба лонин ва доираи васеи он андешаронӣ намуда, донишҳоро ба фалсафӣ ва ғайрифалсафӣ тақсим мекунад, ки ин шакли тасниф дар таълимоти Арасту ва мутафаккирони дигари юнонӣ дида намешавад. Мутафаккир дар қисми аввали "Дуррат-ут-тоҷ" менависад: "Асли дуввум аз фасли саввум дар таксими илм ба маънии саноат ба улуми ҳикамӣ ва ғайриҳикамӣ ва таксими ғайриҳикамӣ ба улуми динӣ ва ғайридинӣ"[1].

Бо вуҷуди дар муҳити фарҳангии динмеҳварӣ фаъолияти эҷодӣ намудан, Қутбиддин Шерозӣ илмҳои диниро аз донишҳои фалсафӣ ҷудо намуда, афзалияти фалсафаро дар он медонад, ки барои ҳама насли башар арзиши ягона дорад ва донишҳои динӣ хоси гурӯҳ, қавм, миллат ва ё замони муайян ҳастанд ва метавонанд бо тағйири вазъ арзиши худро коста намоянд. Дар ин самт ӯ қайд намудааст: "Ва яке он аст, ки ӯ бо чамеи азмина ва ҷумлаи умам як нисбат набошад, чун илми фиқҳ шариате аз шарояъ, ки замоне махфуз монд ба нисбат бо ашхосе ва он гоҳ мутабаддил шавад"[2]. Яъне, ҳар арзише, ки хусусияти комилан тағйирпазирӣ ва бесарзишшавиро дошта бошад, он ба илм дохил намешавад.

Таҳлили осори Қутбиддини Шерозӣ нишон медиҳад, ки ӯ аз фалсафаи юнонӣ, шуруъ аз табиатшиносони нахустин (мактаби Милет) то таълимоти навафлотунӣя таъсир пазируфтааст. Барои мутафаккир фалсафаи юнонӣ на танҳо аз он хотир аҳамияти зиёд дошт, ки идеяҳо ва назарияҳои онҳо дорои хусусияти илмӣ буданд, балки боз ба он хотир буд, ки ин фалсафа дар таппаккули фарҳанг, илм ва чомеаи

[1] Хамон чо: - С. 151.
[2] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бо кушиш ва тасхеҳи Сайд Мухаммад Машкух. Ч.1. Техрон, Чопи сесум, 1369. – С.152.

асримиёнагии тоҷик таъсири зиёд дошт. Бо таъсирпазирӣ аз ин фалсафа, мутафаккирони варзида, ба мисли Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино ва чандин нобиғагони илму адаб рохи таҳқиқ пайдо намудаву фарҳанги миллати тоҷикро пуҳрати ҷаҳонӣ бахшиданд. Қутбиддини Шерозӣ, ҳам ба хотири арҷгузорӣ ба нерӯи аклониву фикрии инсоният ва ҳам бо мақсади тақвияти донишу маърифати худ, меросӣ фалсафии мутафаккирони юнониро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, ҷанбаҳои арзишманди онро эътироф ва пахлӯҳои номувофиқу кӯҳнашударо танқид менамояд. Аз ҷумла, ӯ назари Афлотун ва Арастуро дар мавриди ғуломон (бардагон) зери танқиди шадид гирифтааст.

Дар мавриди пайравӣ кардан аз ҳакимони юнонӣ бошад, нуфузи андешаҳои Арасту, ҳичунин ёдоварӣ аз ӯ дар масъалаҳои илмӣ (аз қабили мантиқ, ахлоқ, табииёт, метафизика) зиёдтар ба назар мерасад. Аммо, кӯшиши созиши додани таълимоти Афлотун ва Арасту аз ҷониби Қутбиддин Шерозӣ, ба мисли Форобӣ он қадар равшан нест. Агар, ал-Киндӣ назарияи арастуии азалияти оламро қабул накарда бошад ва бештар ҷониблорӣ аз Арасту намояд, Форобӣ дар баъзе аз таснифоти худ ба созиш додани фалсафаи Афлотун ва Арасту майл карда, ба таҳқиқи масъалаҳои фалсафаи ҳиммой бештар мапғул шудааст. Ибни Сино бошад, аз ҷониблорони назарияи арастуии азалият ва абадияти олам буд. Ин мутафаккири барҷастаи тоҷик «Назарияи нузул (фурӯд омадан, поён рафтан) ва тазаккур (баёдварӣ)-и Афлотунро инкор мекарду ба созгор додани фалсафаи Афлотун ва Арасту эътимод надошт».[1] Дар ин раванд, Қутбиддини Шерозӣ дар масоили фалсафаи назарӣ ба Ибни Сино, вале дар масоили ҳикмати амалӣ пайравӣ аз Форобӣ мекунад, зеро масъалаҳои ҳиммой таваҷҷӯҳи ӯро бештар ба худ ҷалб намуда буданд.

Ба ҳамин монанд, Қутбиддин Шерозӣ дар фалсафаи амалии худ аз андешаҳои Сукрот ва Афлотун низ истифода

[1] Комилов Р.С. Фалсафаи тоҷик (аз аҳди қадим то имрӯз). Душанбе, 2012. - С. 74

карда, арзиши илмӣ доштани онҳоро эътироф менамояд. Аз ҷумла, дар таълимоти ахлоқии худ аз ҳикмати "Худро бишнос"-и Сукрот ёдоварӣ намуда, онро сарчашмаи худшиносӣ медонад. Мутафаккир, дар бахши ҳикмати амалии "Дуррат-ут-тоҷ" оид ба ин масъала зикр кардааст: "Ва чун ин маъониро дар зеҳни худ мусаввар дорад, худро бишносад ва аз пиноҳти худ пиноҳти Ҳақ ҳосил шавад"[1].

Мавриди ба зикр аст, ки дар бахши фалсафаи амалӣ барои Кутбиддин Шерозӣ ҳамчун сарчашмаи назарӣ китобҳои «Ҷумҳурият», "Навомис" (Қонунҳо) ва "Муколамаҳо"-и Афлотун; китобҳои «Сиёсат» "Дар бораи рух", "Ахлоқи Никомах" ва "Ахлоқи бузург"-и Арасту хизмат намудаанд. Мушоҳида мешавад, ки мутафаккир ҳангоми баррасии масъалаҳои рӯҳу нафс, олами воқеӣ ва ғайривоқеӣ, лутоғати табиати инсон, инчунин методи омӯзишу таҳлили сохтори ҷомеа, сотсиализатсия, иҷтимоишавии инсон, ахлоқ, тадбири манзил ва низоми сиёсии ҷомеа аз осори зикргардида ба таври васеъ истифода кардааст. Кутбиддин Шерозӣ, инчунин, ба мисли Афлотун масъалаи "адолат"-ро дар раванди давлатдорӣ дида баромада, зикр мекунад, ки "Ва чун адлу инсоф ва некукорӣ дар зоти подшоҳ мутамаккин бошад, ба воситаи он баракат дар вилоят зоҳир шавад ва кори вилоят ба низом гардад ва давлату қудрат, қувват, фатҳу зафар ва нусрат бар аъдои давлат ва мулку миллат дар тазоид (зиёд шудан) бошад ва фасод ба вилоят роҳ наёбад"[2]. Ин мавқеъ аз ҳар ҷиҳат ба назарияи "адолат"-и Афлотун монандӣ дорад.

Афлотун, дар рисолаи «Ҷумҳурият» масъалаи моҳият ва аҳамияти адолатро ба миён гузошта, онро дар шакли савол ҷавоб матраҳ менамояд ва дар ниҳоят исбот мекунад, ки зинаи олии адолат амалӣ сохтани он дар сатҳи давлат

[1] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Теҳрон. Чопи дуввум. 1386. – С.178-179.
[2] Ҳамон ҷо: – С.162

ифода меёбад. Ин амал дар асоси усули «ба ҳар кас мувофиқи хизматаш хаққгузорӣ карда мешавад», зуҳур меёбад. Барои Кутбиддин Шерозӣ «Ҷумҳурият»-и Афлотун ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи тамсилу ташбеҳот хизмат намуда, мутафаккир дар асари «Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррат-ул-Дабоҷ»-и худ ба пайравии ин мутафаккири юнонӣ барои тақвияти афкору орои худ дар мавриди адолат аз ҳаёту рӯзгори қаҳрамонони асотирӣ ва подшоҳони фарханги қадимаи эронӣ мисолҳо оварда, адолатро асоси ҳамагуна сохтори давлатдорӣ, махсусан сохти идоракунии монархӣ меҳисобад. Умуман, адолат дар фалсафаи Афлотун ҳамчун муҳимтарин категорияи иҷтимоӣ баромад мекунад. Ба андешаи муҳаққиқон, "Дар адолат бо пуррагӣ идеали иҷтимоӣ-сиёсии афкори иҷтимоӣ ва сиёсиву ҳуқуқии Юнони атиқа инъикос ёфтааст, ки ифодакунандаи тасаввурот доир ба ҷомеаи ормонӣ ва рафторҳои ахлоқӣ мебошад".[1] Ҳамин усул пурра дар «Дуррат-ут-тоҷ»-и Кутбиддин Шерозӣ низ ба назар мерасад.

Аз таҳлили «Дуррат-ут-тоҷ» бармеояд, ки Кутбиддин Шерозӣ аз Афлотун пайравӣ намуда, адолатро асоси ҳаёти иҷтимоӣ ва ахлоқии ҳама гуна ҷомеа меҳисобад. Мутафаккир ба талаботи инсонҳо, иттиҳод ва кӯмаку дастгирии ҳамдигарии онҳо ишора карда, бештар ба масъалаи адолат ва беадолатӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ин фикр дар асари мутафаккир ҷой дошта, муаллифи он нишонаи асосии ҳаёти хушбахтонаи ҷомеаро дар дастгирӣ ва меҳру муҳаббати одамон бо якдигар мебинад. Тибқи таълимоти ӯ, аъзоёни ҷомеа бояд дар алоқамандӣ бо ҳамдигар бошанд. Аз ин рӯ Кутбиддин Шерозӣ таъкид менамояд, ки «Бидон, ки окил бояд, ки афъол ва ахлоқи ӯ бар вафқи маслиҳати нафси ӯ ва маслиҳати нафси олам бошад»[2]. Аз ин маълум ме-

[1] Нигр.: Платон. Государство/ Перевод А.И. Егунова// Сборник сочинений. В 4т. Т.3. М. 1994. VI. 492 d.
[2] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Теҳрон. Чопи дувуум. 1386. – С.19.

гардад, ки принсипи «дӯстиву бародарӣ ва муносибатҳои одилона»[1], ки асоси мавҷудияти «давлати идеалӣ»-и Афлотун дониста шудааст, аз тарафи Қутбиддин Шерозӣ низ ҷонибдорӣ ёфтааст.

Қобил ба тазаккур аст, ки дар осори Афлотун, дар баробари масъалаҳои фалсафаи амалӣ, ки хусусияти ҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқӣ-ҳуқуқӣ доранд, ба масъалаҳои хусусияти онтологӣ ва космологидошта, яъне намирандагии рӯҳ (ҷон, нафс), шаклҳои нафс, фазилат, манфиат, камолоти инсон ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Ҳамин масоилро дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ низ, бо каме тақвият, ба таври возеҳ метавон мушоҳида кард. Аз ҷумла, агар Афлотун нафсро ба се қисм - наботӣ, ҳайвонӣ ва нотиқа ҷудо карда бошад, Қутбиддини Шерозӣ ба он нафси ҷамодиро ворид намуда, алоқамандии ҳар кадоми онҳоро зимни баррасии масоили фалсафаи назариву амалӣ исбот менамояд.

Ба ҳамин минвол, Қутбиддин Шерозӣ, ба мисли Афлотун рӯҳи инсонро афзалтар аз ҷисм ва муайянкунандаи моҳият дониста, фишанги идоракунии равандҳои маърифати олам меҷуморад ва онро дорои қувваи дарки зоҳириву ботинӣ медонад. Аз ҷумла, «фазилати ҳар чиз дар камоли он тавопад буд, чун фазилати дида дар камоли қуввати босира, фазилати гӯш дар камоли қуввати сомеа. Фазилати даст дар камоли қуввати ботишад. Ва камоли ҷасад бо он бошад, ки дар вай рӯҳ бошад ва камоли рӯҳ бо он бувад, ки дар вай илму ҳикмат бувад»[2]. Дар маҷмуъ, метавон чунин тахмин кард, ки Қутбиддини Шерозӣ дар масъалаи нафс ва қувваҳои нафсонӣ тавассути ақидаҳои фалсафии Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ ва дигарон бештар ба Афлотун такя кардааст. Ба масъалаи ҷиҳатҳои равонии нафс дахл намуда, Қутбиддини Шерозӣ тасмим мегирад, ки

[1] Ҳамон ҷо: -С.19-20.
[2] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кушиш ва тасҳеҳи Саид Мухаммад Машкух. Ҷ.1. Техрон, Чопи сеюм, 1369. – С.126.

инсон бо ташаббуси ақлу хиради худ, ҳаёти ҷтимоӣ дошта-наш табиист, ки рушду инкишоф меёбад ва хислатҳои ахлоқии худро такмил дода, устувор месозад. Дар ин самт мутафаккир менависад: "Ва одамӣ бо ҳайвон агарчӣ мушорик аст дар идроки ҷузъиёт, аммо мумтоз аст бо идроки куллиёт. Чунки одамиро илм ба ҷузъиёт ва куллиёт ва олати идроки ҳама дорад ва аз ин ҷиҳат, аз ҷумлаи ҳайвонот фозилтар омад ва ин далеле қотеъ аст бар он, ки илм аз ҳама чизҳо фозилтар аст"[1].

Мушоҳида мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ аз мутафаккирони дигари юнонӣ, ба мисли Гераклит, Птоломей, Пифагор низ таъсир гирифта, таълимоти онҳоро ҳангоми тахияи осори риёзӣ, ҳандасӣ, астрономӣ ва тиббии худ ҳамчун сарчашма истифода намудааст. Чун мақсади мо дар ин бахш таҳқиқи сарчашмаҳои гоявии фалсафаи амалии аст, бо овардани як иктибос аз таҳлили васеи сарчашмаҳои назариявӣ доир ба дигар илмҳо худдорӣ менамоем. Мутафаккир қайд намудааст: "Мо дар мантиқ аз Аристотолис ва дар риёзӣ аз Фисоғурас ва дар ҳайат аз Уқлидус баҳра гирифтаем".[2]

Ёдрас шудан ба маврид аст, ки мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ, Арастуро ба ҳайси банизомдароварандаи чандин илм эътироф менамоянд. Аз ҷумла, дар ҷилди аввали "Дуррат-ут-тоҷ" ӯ қайд менамояд, ки "...пас, абвоби мантиқ ва ахлоқ бо ин тартиб собит шуд. Ва ин тартиби Аристотолис аст"[3]. Ҳамчунин, ба монанди Ибни Сино ҳангоми баррасии ҳар як масоил, Қутбиддин Шерозӣ нахуст онро аз дидгохи файласуфони юнонӣ мавриди баррасӣ қарор дода, пас оид ба ҷанбаҳои мусбату манфии он хулосаи худро пешниҳод месозад.

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кушиш ва тасҳеҳи Саид Мухаммад Машкух. Ҷ.1. Техрон, Чопи сеюм, 1369. – С.128.
[2] Ҳамон ҷо: - С. 59.
[3] Ҳамон ҷо. -С.158-159

Таъсирпазирии Қутбиддин Шерозӣ аз Арасту дар таснифоти илм, бахусус фалсафаи амалӣ равшан эҳсос мешавад. Мутафаккир дар пайравӣ аз Арасту илмҳоро тасниф намуда, доир ба фалсафаи амалӣ чунин менависад: "Ва, аммо ҳикмати амалӣ – ва он донистани ҳаракоти иродӣ ва афъоли саноъии навъи инсонӣ бувад бар вачҳе, ки муаддӣ (пардозанда) бувад ба низоми аҳволи маош ва маоди эшон ва мунказии расидан ба камоле, ки мутаваччеҳанд сӯйи он, мункасим мешаванд ба ду: яке роҷеъ бошад ба ҳар нафсе бинфирод ва дувум он, ки ба иҷтимоате ба мушорикат. Қисми дуюм ба ду қисм аст: яке он чӣ роҷеъ бувад ба ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар манзил ва хона; дуввум он чӣ роҷеъ бувад ба ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр, вилоят ва мамлакат. Пас ҳикмати амалӣ низ се қисм бувад: аввалро таҳзиби ахлоқ хонанд, дуввумро тадбири манзил ва сеюмро сиёсати мудун"[1]. Маълум мегардад, ки дар пайравӣ аз Арасту ӯ фалсафаи амалиро илм дар бораи "ҳаракоти иродӣ", яъне аъмол ва масоиле, ки дар доираи тавони инсон ҳастанд, муаррифӣ намуда, моҳияти онро иборат аз шиносхтани моҳият, масулият ва мақоми инсон дар низоми олами вуҷуд медонад. Қутбиддин Шерозӣ дар ҷойи дигар иродати худро нисбати файласуфони қадим, бахусус Юнони бостон доир ба ҳикмати амалӣ иброз доштаа, зикр менамояд, ки "Пеши кудамо мурод аз манзилу мадина маскани танҳо нест, бал он ҷамоате мехоҳанд, ки маскан ҳовии эшон аст. Ҳар чӣ гуна маскан бошад ва аз ҳар чӣ бошад ва ҳар кучо, ки бошад, нишеби замин ё болои замин, хоҳ аз ҳашаб (чуби дурушт) бошад ё аз тин (хок) ё суф ё шаър (мӯй) ва гайри он аз ашёе, ки аз он масокине куланд, ки ҳовии мардуме чанд шаванд. Манзил мул-

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ.1. Техрон, Чопи сеюм, 1369. – С.160.

таъим ва маъмур аз аҷзоъ ва иптирокоте маҳдуд шавад..."[1].

Дар баробари ин, Қутбиддини Шерозӣ, на танҳо аз осори Сукроту Афлотун ва Арасту, балки аз мутафаккирони баъдии Юнони қадим, ба мисли Парфирий, Теофраст, Брусен ва навафлотуния низ таъсир гирифтааст. Дар ин мавзуъ ӯ, аз ҷумла, зикр менамояд: "Ин тартиби Аристотолис аст. Ва Фарфуриюс, ки мутобеъони ӯ буд, бахси алфоз ва куллиёти ҳамса, ки Арасту дар боби маъонии муфрада оварда буд, яъне макулот ҷудо кард ва дар бобе муфрад овард..... ба ҳикмати амалӣ низ мувоҷеҳ шуд"[2].

Ёдоварии мутафаккир аз файласуфони юнонӣ дар масоили ташкили ҷомеа (мадина) низ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, дар фасли панҷуми бахши сиёсати китоби "Дуррат-ут-тоҷ" ӯ навиштааст: "Ва аммо мадинаи фозила он аст, ки аҳли он мутаовун бошанд бар булуғи афзали ашёе, ки бо он вуҷуди инсон бошад ва кивоми зиндагонии ӯ ва ҳифзи ҳайвати ӯ. Пас, қавме чунон диданд, ки он афзал бисёр аст ва қавме гуфтанд, ки он таматъуъ ба лаззот аст ва қавме гуфтанд, ҷамъ миёни эшон афзал аст. Аммо, Сукрот ва Афлотун ва Аристотолис чунон мегӯянд, ки инсонро ду ҳайват аст. Қивоми яке аз эшон ба анзия аст ва сонри ашёе, ки хориҷ аст ва мо дар кивоми хеш имрӯз мухтоҷем ба он ва ин ҳайвати аввал аст...."[3]

Ҳамин тариқ, аз таҳлили осор ва таълимоти Қутбиддин Шерозӣ бар меояд, ки фалсафаи Юнони қадим дар шакл гирифтан ва ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии мутафаккир нақши намоён дорад. Ӯ, ба фалсафа ва фарҳанги маънавии Юнон арҷ мегузорад, зеро ин гамаддун чихати рушди афкори илмӣ хеле муассир буд.

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Техрон, Чопи дувуум, 1386. – С.96-97

[2] Ҳамон ҷо: – С. 128.

[3] Ҳамон ҷо: – С.99.

Сарчашмаҳои бумӣ низ дар рушди афкори Қутбиддин Шерозӣ нақши назаррас доранд. Мутафаккир, пеш аз ҳама, аз афкору ақоид ва ҷаҳонбиниҳои гноселомии ориёӣ таъсир гирифта, дар ташаккули ҷаҳонбинии худ аз он истифода намудааст. Таҳлили осори мутафаккир, бахусус дар самти фалсафаи амалӣ нишон медиҳад, ки ӯ аз ҷаҳонбинии ориёӣ бо ду тариқ таъсир гирифтааст:

1. Бевосита аз осори фалсафӣ ва фарҳанги мардумони ориёӣ. Таҳлили осори мутафаккир нишон медиҳад, ки ӯ, ба фарҳанги ориёӣ таваҷҷуҳ намуда, онро ба таври возеҳ тавсиф менамояд. Аз ҷумла, «назди ҳукамои пешин анделпаи афзал он аст, ки нахуст маниши инсон нек шавад ва ин некӣ дар тақдири вопасини ӯ асар хоҳад кард»[1]. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мафҳуми "маниш" ё "анделпаи нек" категорияест, ки мансубияти бевосита ба фарҳанги ориёӣ дошта, камолоти инсониро ифода мекунад. Тибқи ин таълимот, "маниш"-и инсон ҳангоме нек мешавад, ки камолоти маърифатию маънавӣ дар ӯ падидор гардад. Аркони сегонаи ахлоқӣ - "пиндори нек", "гуфтори нек" ва "рафтори нек", ки ҷавҳари ҷаҳонбиниҳои тамаддуни ориёиро ташкил медиҳанд, сарчашма аз "манипи нек" мегиранд. Мувофиқи таълимоти зардуштӣ "пиндор" ё "маниш" тафаккур аст, ки агар хусусияти некӣ бигирад, метавонад гуфтор, рафтор ва дар маҷмуъ, тамоми фаъолияти инсонро танзим ва назорат намояд. Академик Б. Ғафуров оид ба ин масъала қайд намудааст: «Инсон дар зардуштия некӣ ва ё бадиро худ интихоб менамояд ва амалиёти ӯ дар рафти муборизаи ҷаҳонии мабдаъҳои неку бад аҳамияти халкунанда дорад».[2] Маҳз ҳамин хусусият, аз ҷониби донишмандони баъдӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифтааст, ки яке аз онҳо Қутбидлин Шерозӣ мебошад. Ин мутафаккир дар пайравӣ

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дурратут-тоҷ. Бо тасҳеҳи Муҳаммад Маншӯр. Теҳрон, Ҷ.1. Чопи сеюм. 1369. – С.117.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Душанбе. 2020. – С. 85.

аз таълимоти зардуштия таъкид менамояд, ки «Бидон, ки оқил бояд, ки афъол ва ахлоқи ӯ бар вафқи мслиҳати нафси ӯ ва маслиҳати нафси олам бошад».[1]

Иқтибосҳои овардашуда дар маҷмӯъ аз эътирофи мавҷуди олӣ будани инсон ва нақши халкунанда доштани он дар муносибат бо табиату ҷамъият гувоҳӣ медиҳанд. Қутбиддин Шерозӣ таъкид бар он менамояд, ки меъёр ва ченаки муносибати байниинсонӣ бояд "инсон", новобаста аз мансубияти милливу нажодӣ ва динаву эътиқодӣ бошад. Аз ин равиши андеша бармеояд, ки мутафаккир бо таълимоти ахлоқӣ ва фалсафаи амалии зардуштия ошноии комил дошта, аз он таъсири амик гирифтааст.

Мутафаккир, дар баҳши сиёсат низ ҷиҳати бевосита ба фарҳанги пешинсломии тоҷик намуда, ҳангоми баррасии "ахлоқи мулук бо бандагон" бо овардани якчанд ҳикоят аз подшоҳони сосонӣ ва расму одати онҳо таваҷҷуҳи худро ба ин тамаддун нишон медиҳад. Аз ҷумла, дар "хулқи дуюм"-и ахлоқи малик, ки "бояд, подшоҳ осонгир бошад дар чизе, ки мулукро зиён нарасад"[2] ҳикоятеро аз фаъолияти Баҳроми Гур, ба ҳайси намунаи олӣ пакл мекунад: "Овардаанд, ки Баҳроми Гур дар шикор аз лашкар боз монд. Ба шубоне расид ва аспи худ ба ӯ дод, то вузӯе созад. Чун Баҳром дур шуд шубон аз ҳуллияти (ороиш) асп чизе боз мекард. Баҳром бидид ва худро машғул кард, то шубон фориғ шуд. Пас гуфт: асп биёр, ки чизе дар чашми ман афтодааст, ки ҳеҷ намебинам. Яъне, то шубон гумон накунад, ки ӯ дида бошад. Чун бар асп савор шуд, гуфт: ман ин ҷо ғарибам, то ӯро тағобуъ (пайгирӣ) накунад. Баҳром гуфт: ман ҳам ғарибам, ҳаргиз бо ин ҷо наоям"[3].

Дар идомаи баҳши зикршуда Қутбиддин Шерозӣ ҳикояти дигареро аз Анушервони Одил ёдрас мешавад:

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дурратут-тоҷ. Баҳши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. – С.19.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дурратут-тоҷ. Баҳши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо эҳтимоми Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Теҳрон. 1386. - С. 196.
[3] Ҳамон ҷо: -С.196-197.

"Овардаанд, ки Нушервони Одил даъвате ом карда буд. Ҷоме заррин ноёфт шуд. Касро дида буд, ки касе бардошт. Чун хозинон талаб карданд, Касро гуфт: чӣ металабед? Он кас, ки бурд боз нахохад додан ва он кас, ки дид нахохад гуфтан"[1].

Илова бар ин, эҳтироми хоссаи мутафаккир дар нисбати фарҳангу тамаддуни тоисломии тоҷикон зимни баррасии тартиби анҷом бахшидани маҷлис ва рухсат додани ширкаткунандагон возеҳтар мушоҳида мешавад. Ӯ, дар "хулқи панҷум"-и ахлоқи подшоҳ, ки ба "тартиби ҷуласо ва ҳамнишинон" бахшида шудааст, зикр менамояд: "Аввал касе, ки ин тартиб ниҳод Ардашер ибни Бобак буд. Ва ӯро се тоифа ҷалис буданд: тоифаи аввал, авлоди мулук; тоифаи дуюм, уламо, ҳукамо ва аҳли фазл: тоифаи сеюм, зурафо, асҳоби ҳазл ва арбоби зарофат. Ва ҳар гиз дар миёни ин се тоифа ҷамъ накардӣ то вуқуъ ва викори ҳар тоифа ба ҳадди худ бимондӣ..... Бояд, ки подшоҳро ҳаракате латиф бувад, ки ҷуласо бидонанд, ки мебояд рафт, то эшон бираванд, бе он, ки боят гуфт, ки бираведд.....Ардашер чун ной ларазе кардӣ, бархостанӣ. Яздигурд гуфт: шаб шуд".[2]

Ҳамчунин, пуфузи таълимотҳои монавияю маздакия ва осори файласуфони фарҳангистони Гунди Шопурро низ дар такомули афкори Қутбиддин Шерозӣ метавон назаррас арзёбӣ намуд. Чун замони густариши андешаҳои машшоӣ ба фарҳангистони Гунди Шопур ва мактаби нисибин рост меояд, Қутбиддин Шерозӣ низ аз он бебаҳра намондааст. Исботи андешаи фавқ ҳамоҳангии таълимоти мутафаккир бо Павели Форс дар мавриди мақоми фалсафа мебошад. Павели Форс илми фалсафаро аз илмҳои дигар ва дониши фалсафиро аз дигар шаклҳои маърифат болотар шуморида, "ба масъалаи фарқи байни илму имон таваҷҷӯҳ карда, мегӯяд, ки маърифати динӣ маърифати гумонӣ аст

[1] Ҳамон ҷо.С. 197.
[2] Ҳамон ҷо: С. 198.

ва аз ин ҷост, ки оину мазоҳиби динӣ нисбат ба якдигар дар зиддияти доимианд"[1]. Павел менависад: «Дониш ба шайъи маълуму ошкор такя дорад, махз он ашёе, ки маърифатпазиранд. Эътиқод ҳамаро бебаҳс мегирад ва ҳама гуна гумонро истисно менамояд. Адами гумон розигии кӯркӯронаро ба амал меорад. Аз ин рӯ, дониш нисбати эътиқод бакудраттар ва оштикортар аст».[2] Дар алоқамандӣ бо ин, Қутбиддин Шерозӣ дониширо ба илмҳои гайрифалсафӣ дохил намуда, афзалияти маърифати илмӣ ва дониширо ақлиро бар эътиқодоти динӣ нишон дода, таъкид менамояд, ки «...Ва улуми гайриҳикамӣ, агар бар муқтазои назари шореъ аст, дини гӯянд ва моро бо ҳикамӣ кор аст.... ва идроки қуввати ақлӣ доимтар аст аз идроки қувваи ҳиссиву эътиқодӣ».[3]

Ин ва дигар мисолҳои мушаххас гувоҳ бар онанд, ки бо вуҷуди дар муҳити фарҳангии асримиёнагии Шарқи исломӣ фаъолияти эҷоди кардани мутафаккир ва арзишҳои исломиро ҷонибдориву тарғиб намудан, ӯ аз дастовардҳои арзишманди фарҳанги ориёӣ, бахусус ҳикмати амалии зардуштия, монавияю маздакия, афкори донишмандони фарҳангистони Гунди Шопур, мактаби Нисибин ва низоми давлатдории подшоҳони сосонӣ сарфи назар намекунад. Мисоли равшани ин андеша назари боэҳтиромонаи мутафаккир дар нисбати «ҳукамои бостонӣ» аст, ки ишораи бевосита ба ҳикмати пешазисломии мардуми тоҷик мебошад.

2. Таъсирпазирӣ аз фалсафаи бостонии тоҷик тавассути осори мутафаккирони асримиёнагӣ. Қутбиддин Шерозӣ аз тариқи осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла Ибни Мискавайҳ, Ибни Сино, Шаҳобиддини Суҳравардӣ ва дигарон афкору ақоиди тоисломии мардуи

[1] Таърихи фалсафаи тоҷик (фалсафаи аҳди бостон). Ҷ.2. Душанбе, 2011. – С.483.
[2] Райт В. Краткий очерк истории сирийской литературы. СПб, 1902. – С.85.
[3] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиши тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкуҳ. Техрон, 1386. – С. 132.

мони ориёинажодро омӯхта, аз онҳо таъсир гирифта, ҳамчун сарчашмаи таълимоти худ истифода кардааст.

Ибни Мискавайҳ аз мутафаккирони сохибандешаи мактаби машшоияи шаркӣ аст, ки дар таназзули фалсафаи амалӣ нақши намоён дорад. Ин донишманди мумтоз дар осори худ аз ҳикмати амалии ниёгони тоҷик ба таври васеъ истифода намуда, арзиш ва қиммати онҳоро дар рушди афкори фалсафӣ ва ахлоқию ичтимоии башарият муҳим арзёбӣ менамояд. Муҳаққиқи тоҷик П.Давлатов бо такя ба "Таҳзиб-ул-ахлоқ"-и Ибни Мискавайҳ иродатмандии ӯро ба фарҳангу тамаддуни ориёӣ исбот намуда, зикр сохтааст: "Ибни Мискавайҳ дар ин китоб шоирони пешазисломии арабро ба унвони мураббиён ва муаллимони ахлоқӣ шодидан инкор намуда, вале нисбат ба суннати ахлоқии эрониёни пеш аз ислом бо назари эҳтиром менигарад"[1]. Ин назари муҳаққиқ қобили қабул аст, зеро худи Ибни Мискавайҳ бо такя ба принсипҳои ахлоқии зардуштӣ таъкид менамояд, ки "Ибодати Худо дар се чиз аст: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек"[2]. Андешаи муҳаққиқи дигар, М. Исоев низ дар ин масъала қобили дастгирӣ мебошад: «Таълимоту таълифоти ахлоқии Мискавайҳ дар таърихи тамаддуни исломӣ ҳодисаи тасодуфӣ набуда, як зуҳуроти қонунии тараққиёти фалсафа, махсусан ҳикмати амалӣ мебошад, ки манбаъҳои худро аз суннатҳои ахлоқии зардуштӣ, ахлоқи антика ва афкори ахлоқии мутафаккирони Шарқи исломӣ, мухиги мувофиқ ва амсоли он мегирад»[3].

Далели дигар дар мавриди таъсири бавоситаи фарҳангу тамаддуни тоисломии мардумони ориёитабор ба рушди тафаккур ва таълимоти Қутбиддин Шерозӣ таъсир-

[1] Давлатов П.Н. Сарчашмаҳои назариявии таълимоти фалсафию ахлоқии Ибни Мискавайҳ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №4. Душанбе, 2022. – С. 96-102.
[2] Ибни Мискавайҳ. Таҳзиб-ул-ахлоқ. Тарҷума ва тавзеҳоти Алиасғари Ҳалабӣ. Теҳрон. 1381. – С.180.
[3] Исоев М. Ҳикмати амалии Мискавайҳ. Душанбе, 2003. – С. 160.

бахшии Ибни Сино аз фарҳанги ориёӣ ва шарҳи осори ӯ аз ҷониби Қутбиддин Шерозӣ мебошад. Тавре ки дар бахши зиндагинома ва мероси мутафаккир маълумот додем, Қутбиддин Шерозӣ аз рӯзгори ҷавонӣ ба осори Ибни Сино марок зоҳир намуда, назди устодон ва донишмандони давр онҳоро омӯхт ва пасон ба шарҳ навиштан огоз кард. Маврид ба зикр аст, ки Ибни Сино дар муҳити фарҳангии асримиёнагӣ, ки дин ҳукмронии мутлакро бар дӯш дошт, зиндагӣ ва фаъолияти эҷодӣ намудааст, вале ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ӯро аз фарҳангу тамаддуни миллати худ поғоҳ донист. Гарчанде дар осори мутафаккир истиноди бевосита ба зардуштия ва макотиби дигари бостонии тоҷик набошад ҳам, вале бархе аз муҳаққиқон кӯшиш намудаанд, ки робитаи осори ӯро бо тамаддуни пешазисломии ориёӣ муайян намоянд. Аз ҷумла, Турсунов А. қайд менамояд, ки "осори равшани мазмунхо ва тасаввуроти зардуштӣ дар ҳастишиносӣ ва қайҳоншиносии ӯ..... ва шиҳоят дар рамзи нур, ки Ибни Сино аксаран онро ҳангоми таъбири "тачрибаи" назарияҳои мучаррали худ истифода мекунад, возеҳ мушоҳида мешаванд. Зардуштия, монавия ва умуман ҳама суннатҳои авастоӣ барои нур, ки мавзуи асосии қайҳоншиносии ӯ буд аҳамияти зиёд қоил будаанд"[1]. Академик М. Диноршоев бошад, сабаби истинод накардан ва бевосита ёдоварӣ накардани Ибни Синоро аз фарҳанг ва тамаддуни тоисломӣ дар "маньи қотеъонаи таълимоти тоисломии тоҷикӣ-эронӣ чун куфр ва бидъат"[2] медонад, ки барои эмин нигоҳ доштани ҳаёт ва осори худ аз таъқибот ба ин амал даст задааст. Айнан ҳамин ҳолат дар замони фаъолияти эҷодии Қутбиддин Шерозӣ низ мушоҳида мегардад, вале ӯ тавонистааст, ки арзишҳои ин тамаддунро тариқи осори пештузаштагони худ истифода намояд.

[1] Турсунов А. Философия Ибн Сины. Истоки, проблемы, исторические судьбы// Философские науки. 1981 №1. -С.81-82.
[2] Диноршоев М. Чустуҷӯ дар фалсафаи Ибни Сино. Душанбе, 2017. - С. 326.

Арҷгузорӣ ва таъсирпазирии Қутбиддин Шерозиро ба таври васеътар аз ҷаҳоншиносӣ ва фарҳангу маънавиёти тоисломии тоҷику форс тавассути осори Шаҳобиддин Суҳравардӣ метавон арзёбӣ намуд. Мутафаккир асари «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Суҳравардиро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба он шарҳи мукаммал навиштааст ва ба ин васила ба мухтавои афкори тоисломӣ пиноҳ гардидааст. Рисолаи «Шарҳи Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Суҳравардӣ»-и Қутбиддин Шерозӣ аз зумраи беҳтарин шарҳҳое мебошад, ки мухаққиқон онро ба хушнудӣ пазируфтаанд. Аз ҷумла, Рашнавзода Бобак ва Ҷон Уелбрич бар он назаранд, ки «Қутбиддин Шерозӣ асари машҳури Шаҳобуддини Суҳравардӣ – «Ҳикмат-ул-ишроқ»-ро тавзеҳ карда, дар баробари арзишгузорӣ ба он, чандин масъалаҳои илмӣ, аз қабили хайру шарр, моҳияти нур ва вуҷудияти аҳёи оламиро мустақилона баррасӣ намудааст[1]. Шаҳобуддини Суҳравардӣ ҷаҳоншиносии ориёнро дорои арзиши баланд ва сарчашмаи муътамади андешаи фалсафӣ медонад.

Оид ба масъалаи болозикр муаллифони китоби "Таърихи фалсафаи тоҷик" зикр намудаанд: «Ҳакиме, ки мисли Фирдавсӣ ба зинда намудани ҳикмату боварҳои ниёгони ориёии мо пардохтааст, Шайхи Ишроқ Шаҳобуддини Суҳравардӣ мебошад. Таваҷҷӯҳи ӯро ҳикмати хусравонӣ ва орои паҳлавиюн, ки аз нахустин пайкор миёни хайру шарр ва муборизаи қувваҳои аҳриманӣ бо аввалин қадҳудои ҷаҳони ориёӣ - Каюмарс пурӯъ, ва дар даврони Фаридуну Кайхусрав идома пайдо кард ва аз даврони устура ба давраи таърих расида, дар таълимоти мехрпарастию зардуштия дар шакли иртиқоёфтааш интиқос ёфта буд, беш аз ҳама ҷалб намуд. Суҳравардӣ дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» бо сарохати том навиштааст, ки «Бино ба

[1] Рашнавзода Бобак. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ// Фарҳанги ҳайҳонӣ. Теҳрон. Мурдоди 1386. -С.61; Ҷон Уелбрич. Қутбиддин Шерозӣ ва илм-ул-анвор дар фалсафаи исломи. Тарҷумаи Ҷавод Қосимӣ. Машҳад. 1375. – С.41.

қавоиду шавоҳиди ишроқ дар нури зулмат, ки роҳу равиши ҳукамо ва доноёни сарзамини Порс аст, монанди Ҷомосп, Фаршовуштар ва касоне пеш аз ин буданд, зинда кардам ва касе бар ман дар тадвини он пешӣ нагирифтааст»[1].

Мафҳумҳои «хайр» ва «шарр» моҳияти таълимоти зардуштияро фаро гирифта, тамоми масоили дигари ҷаҳоншиносӣ дар доираи ҳамин мафҳумҳо баррасӣ карда мешаванд. Қутбиддин Шерозӣ, дар доираи ҳикмати амалии худ аз ин мафҳумҳо истифода намуда, зикр месозад, ки «хусусияти акл он аст, ки саҳеҳу фосид ва хайру шарро донад».[2] Андешаи фавқ ҳамрадиф бо таълимоти зардуштия ва муқобил бо назари анъанавӣ буд, ки аклро ноқис ва барои шиносхати моҳияти хайру шарр номукаммал меҳисобиданд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки Қутбиддин Шерозӣ ба ҳеҷ ваҷҳ аз арзишҳои фарҳангии пешазисломии мардумони орӣёӣ сарфи назар накардааст. Аз ин рӯ, муҳаббати мутафаккир дар нисбати ин тамаддун дар кулли осори ӯ эҳсос мешавад.

Ба ҳайси сарчашмаҳои назарии фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ китоби муқаддаси исломӣ - Қуръон ва суханони пайғамбари ислом низ маҳсуб мешаванд. Бо вуҷуди интихоб намудани равиши ратсионалистӣ, мутафаккир аз арзишҳои динӣ сарфи назар намекунад, зеро ӯ дар оилаи шахси диндор ва муҳити фарҳангии динмеҳварӣ зиндагӣ ва эҷод карда буд. Маҳз бо ҳамин сабаб дар осори Қутбиддин Шерозӣ истинодҳо ба ривоятҳои динӣ ба чашм мерасанд, ки хоси даврони мутафаккир буда, барои ҷомеаи имрӯза он қадар муҳим намебошанд. Аммо, мутафаккир бештари маврид бар он андешаҳои динӣ такя менамояд, ки хусусияти воқеънигарӣ ва тарбиявӣ доштанд. Масалан, ӯ масъалаи эҳтиром нисбати волидайн ва хидмат намудан ба

[1] Таърихи фалсафаи тоҷик. Душанбе, 2011. Ҷ.1. – С. 214.
[2] Қутбиддин Шерози. Дуррату-т-тоҷ. Баҳши ҳикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. – С.21.

онҳоро мавриди баррасӣ карор дода, андешаи худро бо оятҳои 14 ва 15-и сураи "Лукмон"[1] асоснок менамояд. Дар ин маврид Қутбиддин Шерозӣ қайд мекунад, ки "Ва бидон, ки муъмин ва кофар дар ин боб яксонанд, чунки бар волидайн вочиб аст ва ҳамчунин тоати эшон. Яке аз ин мусалмон бошад ё кофир"[2]. Ин андеша дорои арзиши баланд буда, барои ҷомеаи имрӯзаи мо кобили назирнок мебошад. Ин аст, ки андешаи мазкур, хатто дар моддаи 34-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] ҷой карда шудааст.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Қутбиддин Шерозӣ дар таснифоти илм динро илми гайрифалсафӣ донист, сазовори тахқиқи чиддӣ намепуморад: "Ва улуми гайрихикамӣ, агар бар муқтазои назари шореъ аст, динӣ гӯянд ва илло гайридинӣ ва моро бо хикамӣ кор бошад"[4]. Албатта, ин амали мутафаккир маъноп онро надорад, ки ӯ таълимоти диниро сарфи назар карда, комилан беарзиш пуморида бошад. Аз ҷумла, хангоми таснифоти илмҳо Қутбиддин Шерозӣ улуми диниро ба ақлӣ ва наклӣ тақсим намуда, гурӯҳи аввалро бар наклӣ афзалият медихад. Тибқи назари мутафаккир андешаҳои диние, ки ба ақли инсон мувофик ҳастанд, метавонанд дар танзими муносибатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеа саҳм дошта бошанд.

Сарчашмаҳои назарӣ, ки дар рушду такомули фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ мавқеи хосса доранд, афкору осори мутафаккирони асримиёнагии Шарқ, бахусус донишмандони тоҷику форс ва таълимоти макотиби динию фалсафии ватанӣ мебошанд. Таъсири ақоид ва низоми фал-

[1] Қуръони карим. Сураи Лукмон, оятҳои 14-15. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва ғавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. Душанбе, 2011. -С.412.

[2] Қутбиддин Шерози. Дурратут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мохлухт Бону Ҳумой. Чопи дуввум. Техрон, 1386. – С.132.

[3] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006. -С.9.

[4] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ.1. Техрон, Чопи сеюм, 1369. – С.117.

сафии бунёдгузори мактаби машшоияи шарқӣ - Яъқуби Киндиро, на танҳо ба Қутбиддин Шерозӣ, балки ба аксари пайравони ин мактаб метавон мушоҳида намуд. Тавре болотар зикр намудем, аз Киндӣ дувоздаҳ рисола дар ҳикмати амалӣ боқӣ мондааст, ки мутафаккирони баъдӣ аз онҳо ба таври васеъ истифода кардаанд. Дар ин росто, андешаи Абулфазли Шакурӣ дояр ба таъсирпазирии Ибни Сино аз Киндӣ қобили қабул мебошад. Муҳаққиқ бар он назар аст, ки бо вуҷуди аз Киндӣ ном нагирифтани Ибни Сино[1], вале равиши андешаҳои ӯро пазируфта, бо ҳамон усул тахқиқотҳои худро ба анҷом расонидааст. Дар мавриди Қутбиддин Шерозӣ низ, андешаи фавқро метавон тасдиқ намуд, зеро ӯ яке аз пайравони низоми фалсафии Ибни Сино мебошад.

Афкор ва андешаҳои Абулаббосӣ Сарахсӣ низ дар бахши ҳикмати амалӣ барои Қутбиддин Шерозӣ ба ҳайси сарчашмаҳои назарӣ маҳсуб мешаванд. Сарахсӣ таълимоти Киндиро таквият дода, ҳудуди дах китобу рисолаҳои худро ба ҳикмати амалӣ бахшидааст. Ин осор дарбаргирандаи фалсафаи ахлоқ, сиёсат ва ҳикмати оилодорӣ мебошанд, ки фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ низ бо ҳамин усул тахия шудааст. Сарахсӣ бештар ба унвони файласуфи юнонпимаоб шиносхта шудааст, зеро равиши андешаи файласуфони юнониро пайгирӣ намуда, асархои худро дар радифи онҳо навишта буд. Аз осори мутафаккир маълум мегардад, ки ӯ ба масъалаҳои ҳикмати амалӣ диққати бештар дода, онҳоро бо равиши ақлгароӣ ва дунявият баррасӣ намудааст. Сарахсӣ, тибқи хулосаи Абулфазли Шакурӣ "кӯшидааст, ки ба осори фалсафии юнониён хусусияти оммавӣ бахшад"[2].

Дар рушди андешаҳои Қутбиддин Шерозӣ дояр ба ҳикмати амалӣ саҳми Ахмад ибни Сахли Балхӣ маъруф ба Абузайди Балхӣ ҳам назаррас мебошад. Ӯ, файласуфе буд,

[1] Абулфазли Шакурӣ. Фалсафаи сиёсии Ибни Сино ва таъсири он бар адвори баъди. Кум: Ақли Сурх. 1384.- С.149.

[2] Ризо Доварии Ардакони. Фалсафаи маданияти Форобӣ. Техрон. Шӯрои олии фарҳанг ва хунар (Маркази мутолиот ва ҳамоҳангии фарҳангӣ), 1324. -С.23.

ки дар ҳикмати амалӣ бо сабки юнонӣ таълифоти чиддӣ анҷом дода, аз худ асарҳои арзишманд, ба мисли «Китоби сиёсати кабир», «Китоби сиёсати сағир», «Муслих-ул-абдон вал анфус», «Аксом-ул-улум» ва монанди инҳоро ба мерос гузоштааст. Осори зикршуда барои Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насриддин Тусӣ, Қутбиддин Шерозӣ ва дигарон сарчашмаи бозътимоди пазарияви ба ҳисоб мераванд. Бо таъсирпазирӣ аз онҳо Абӯнасри Форобӣ дар асари хеш «Эҳсо-ул-улум», Ибни Сино дар «Аксом ул-улум ал-ақлия», Қутбиддин Шерозӣ дар бахши аввали "Дурратут-тоҷ", на танҳо табақабандии илмҳоро дар шакли олӣ анҷом додаанд, балки хидмати бузургеро дар ташаккул ва рушди ҳикмати амалӣ ва фарҳанги тафаккури тоҷикон ба сомон расонидаанд.

Саҳми Абӯнасри Форобӣ дар ташаккули афкори Қутбиддин Шерозӣ хеле барҷаста мебошад. Ӯ зимни таснифоти илм ба илмҳои марбути фалсафаи амалӣ диққат дода, онҳоро бо мафҳуми "илмҳои маданӣ" ифода мекунад ва таъкид менамояд, ки ин илмҳо "дарбаргирандаи оини зиндагии иҷтимоӣ ва маданӣ" ҳастанд. Гарчанде Форобӣ дар ҳикмати амалии хеш бештар ба «сиёсати мудун» рӯй оварда, ба масъалаҳои «ахлоқ» ва «тадбири манзил» дар шакли алоҳидагӣ, камтар таваҷҷуҳ карда бошад ҳам, вале системаи фалсафии ӯ фарогирандаи маҷмӯии чунин масъалаҳо мебошад. Қутбиддин Шерозӣ дар бахши "ҳикмати амалӣ ва сайру сулук"-и китоби "Дуррат-ут-тоҷ" бахшеро зери унвони "тазкира" (дар чилу ду фасл) ба баёни пурраи андешаҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва сиёсии Форобӣ ва Сино бахшида, таъсирпазирии худро аз осори Форобӣ ва Ибни Сино баён доштааст[1].

Форобиро метавон нахустин мутафаккире донист, ки дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс «масоили

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Маҳдухт Бону Ҳумой. Теҳрон. Чопи дуввум. 1386. – С.117.

иҷтимоиву сиёсиро ба баррасии системаи фалсафӣ дароварда, мавзуъ ва вазифаҳои онро муайян ва бунёди таҳқиқи назариявӣ ва системавии ин масоилро гузоштааст»[1]. Мутафаккир фалсафаи амалиро таъриф дода, менависад, ки «Илми маданӣ аз навъи афъол ва рафтори иродӣ ва аз он мулоқот ва ахлоқ ва одате, ки афъол ва рафтори иродӣ аз онҳо сарчашма мегирад, баҳс мекунад ва аз ҳадафҳое, ки ин афъол ва рафтор барои расидан ба онҳо мешавад, ёд мекунад... Ва даст ёфтан ба саодати ҳақиқии «зиндагии ҷовидона» дигар сарои ҳадафи аслии ин афъол ва рафтори мо мебошад»,[2] Дар пайравӣ ба Форобӣ, Қутбиддин Шерозӣ доир ба фалсафаи амалӣ андешаронӣ намуда, зикр месозад, ки "Ва аммо ҳикмати амалӣ – ва он донистани ҳаракоти иродӣ ва афъоли саноъии навъи инсонӣ бувад бар ваҷҳе, ки муаддӣ (пардозанда) бувад ба низоми аҳволи маош ва маоди эшон ва муқаззи расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд сӯйи он"[3]. Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ фалсафаи амалии Форобиро ҷонибдорӣ ва бо андаке тағйирот таъриф кардааст. Чунонки аз таърифи Абӯнасри Форобӣ ва Қутбиддин Шерозӣ бармеояд, онҳо ба мисли саромадони фалсафаи классикӣ ҳадафи ниҳоии инсонро дар расидан ба саодати абадӣ ва ҷовидона мебинанд.

Албатта, илми маданӣ, яъне "сиёсати маданӣ", ки Форобӣ пешниҳод намудааст, дар доираи сиёсат ва қонунҳои шаҳрдорӣ аъзоёни ҷомеаро ба тафаккур, рафтори маданӣ ва фарҳангӣ даъват месозад. Ба хотири таснифоти рационалии илм ва баррасии масоили умдаи иҷтимоӣ муҳаққиқон Форобиро "бунёдгузори фалсафаи амалӣ дар

[1] Джоршоева З.М. Гражданская философия ал-Фараби. Дисс. на соискание уч.степ.д.ф.н., Душанбе, 2006. – С. 217.
[2] Форобӣ А. Эҳсоӣ ул-улум. Мутарҷим: Ҳусайни Хидевҷам. Теҳрон, 1364. - С.106
[3] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ.1. Теҳрон, Чопи сеюм, 1369. – С.160.

олами ислом"[1] номидаанд. Агар, андешаи зикршударо қобили қабул шуморем, пас таълимоти Форобиро сарчашмаи муътамади таълимоти мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ доир ба фалсафаи амалӣ донистан комилан имконпазир мебошад.

Ибни Сино аз зумраи мутафаккиропест, ки бо осори худ дар ташаккули афкор ва ақоиди Қутбиддин Шерозӣ саҳми арзанда дорад. Қутбиддин Шерозӣ, чунонки борҳо таъкид гардид, ҳанӯз аз лаврои ҷавонӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи осори Ибни Сино машғул гардида, ба чандин асари ӯ шарҳ навиштааст. Илова бар ин, ӯ китоби машҳури худ "Дуррат-ут-тоҷ"-ро дар пайравии "Шифо"-и Ибни Сино[2] навиштааст, ки бо каме тафовутҳо ин ду асарро метавон ҳамоҳанг донист.

Дар ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии Қутбиддин Шерозӣ саҳми Насириддини Тӯсӣ нисбат ба мутафаккирони дигар зиёдтар аст, зеро миёни онҳо робитаи устодиву шогирдӣ вуҷуд дошт. Қутбиддин Шерозӣ муддати зиёда аз 10 сол дар мактаби Тӯсӣ дарс омӯхта, пасон ба чандин асарҳои ӯ шарҳ навиштааст. Доир ба робитаи Насириддини Тӯсӣ бо Қутбиддин Шерозӣ дар зерфасли гузашта маълумоти муфассал дода будем, аз ин рӯ дар ин қисмат бо овардани як иқтибос аз Моҳдухт Бону Ҳумой кифоят менамоем. Муҳаққиқи мазкур дар мукаддимаи "Дуррат-ут-тоҷ" менависад, ки "Қутбиддин муддатҳо дар хидмати Хоҷа Насир ба шогирдӣ машғул буд ва илми ҳайат ва "Шифо"-и Ибни Синоро назди ӯ ёд гирифт. Вай аз аъзои маҷмаи расади Илхонӣ ба шумор мерафт ва шогирди бехтарини Хоҷа буд".[3]

Қутбиддин Шерозӣ аз мутафаккирони мактаби калом (Муҳаммад Ғаззолӣ, Фахриддин Розӣ), ишроқия (Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ), ирфон (Абӯсаиди Абулхайр, Абулмаҷд Санойӣ, Ҷалолиддини Балхӣ), исмоилия (Носири Хусрав) низ таъсир гирифтаву аз онҳо дар осори худ ном мебарад. Аз ҷумла, мутафаккир зимни баррасии масоили ахлоқӣ дар қутби сеюми "Дуррат-ут-тоҷ" "Дар фазилати хусни хулқ ва мазаммати суъйи хулқ"[1] ба "Кимиёи саодат"-и Муҳаммад Ғаззолӣ ишора намуда, ба он истинод мекунад, вале чои дигар, ҳангоми баррасии масъалаи тағйирпазирии ахлоқ аз ӯ интиқод менамояд. Илова бар ин чанд маротиба ба "Эҳёи улуми дин" низ ишора намуда, зимни баррасии "ҷуду сахо" ба ҳикоёти он ишора мекунад[2]. Ҳангоми таҳлили усул ва фуруи дин бошад, Қутбиддин Шерозӣ ба китоби "Арбаъин"-и Фахриддин Розӣ истинод кардааст. Ӯ, аз ҳикмати ирфонӣ дар бахши сайру сулук бештар истифода намудааст. Ҳикмати ишроқиро низ бо таваҷҷуҳи хоса мавриди таҳқиқ қарор дода, ба "Ҳикмат-ул-ишрок"-и Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ шарҳи мукаммал навиштааст.

Хулоса, дар ташаккули ҷаҳонбинии Қутбиддин Шерозӣ осори зиёди маънавию маърифатии гузашта нақш гузоштаанд. Таҳқиқи осори мутафаккир нишон медиҳад, ки ӯ аз ҳар андешае, ки хусусияти илмӣ доштааст, бо эҳтиром истифода намуда, масъалаи мавриди назари худро матраҳ кардааст. Тавре худи Қутбиддин Шерозӣ зикр менамояд, "Аз ҳукамои пешин ва аҳли завқ бо тавозуъ хӯшае барҷошт кардем".[3] Дар тафовут аз Ибни Сино, ки ба ҷуз аз Арасту ва Форобӣ аз дигаре ном намебарад, ҳисси эҳтироми Қутбиддин Шерозӣ нисбати пешгузаштагон болотар мебошад.

Дар осори мутафаккир истинодҳои зиёд ба ривоятҳои динӣ низ ба чашм мерасад, вале бештари ин ривоёт, чунонки

[1] Ризо Довари. Форобӣ муассиси фалсафаи исломи.Теҳрон, 1355. -С.155.
[2] Диноршоев М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино. Душанбе: «Эр-граф», 2017. - С. 252.
[3] Моҳдухт Бону Ҳумой. Мукаддима// Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Теҳрон, 1369. – С.4.

[1] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Теҳрон, Чопи дувум. 1386. – С.24-25.
[2] Ҳамон чо: -С.51.
[3] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ.1. Теҳрон, Чопи сеюм, 1369. – С.171.

каме болотар зикр гардид, хусусияти ахлоқӣ дошта, ба ҳайси танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоии мардуми одӣ хизмат менамуданд. Ба назар мерасад, ки ин амал ба хотири содатар кардани максади мутафаккир ва ҳамзамон мувофик сохтани он бо мухити фарҳангии давр ва эмин нигоҳ доштани осори худ аз нестшавӣ бошад.

Ба ҳар сурат, аз таҳлили сарчашмаҳои таълимоти мутафаккир бармеояд, ки дар шаклгирӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии ӯ осори хусусияти ақлгароидошта (мутафаккирони юнонӣ ва машшоияи шарқӣ) бештар нақши арзанда гузоштаанд. Аз ҳамин лиҳоз, Қутбиддин Шерозӣ кӯшиш намудааст, ки дар равиши ақлгарой андешаронӣ намуда, низоми фалсафии худро ба масоили дунявият моил гардонад. Ин хусусият дар таълимотҳои ахлоқиву иҷтимоӣ ва сиёсии мутафаккир ба таври возеҳ эҳсос карда мешавад.

БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ФАЛСАФАИ ҚУТБИДДИН ШЕРОЗӢ

2.1. Моҳият ва аҳамияти ахлоқ дар ҷомеа

Ахлоқ дастоварди муҳимтарин дар тӯли фаъолияти эҷодии инсоният мебошад. Ин падидаи арзишманд баробар бо пайдоиши инсони андешакунанда (homosapiens) зуҳур карда, дар муназзам сохтани ҷомеаи инсонӣ ва таъмини марҳилаҳои ташаккули минбаъдаи он саҳми назаррас гузоштааст. Ба иборан дигар, таърихи ташаккули маънавиёти инсонӣ бо пайдоиши ахлоқ пайванди ногусастанӣ дошта, низоми мукаммали ҷамъиятро бе вуҷудияти ин падида тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Бо дарки ҳамин муҳимият, ахли андеша аз фалсафаи бостон сар карда, то ба имрӯз доир ба мафҳуму мухтаво ва мақоми ахлоқ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мубоҳисаҳои илмӣ ва назариявӣ кардаанд, ки Қутбиддин Шерозӣ дар ин қатор мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Мутафаккир ахлоқро илми муҳимтарини фалсафӣ ва нигаронидашуда ба манфиати кулли башар дониста, менависад, ки «илм аъмои саноате, ки лобуд бошад дар он, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам нисбате воҳил бошад ва ба тағйири имкана ва азмина ва табаддули милал ва дувал мутабаддил нашавад, чун илми ҳисоб, илми ҳайати афлок ва илми ахлоқ»[1].

Аз ин иқтибос бар меояд, ки моҳияти ахлоқро Қутбиддин Шерозӣ дар пайравӣ аз мактабҳои фикрӣ ва мутафаккирони сохибандеша шарҳу тафсир кардааст, вале дар фарқият аз онҳо «ахлоқ»-ро дар баробари рисёиёт (илми ҳисоб) ва космология (ҳайати афлок) илми фалсафӣ ва мавзуи мавриди таҳқиқи онро, новобаста аз қавмияту

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиши ва тасҳеҳи Сайд Муҳаммад Машкух. Ҷ.1. Техрон, Чопи сеюм, 1369. – С.152.

нажод ва эътиқодоти динӣ, барои насли башар муаррифӣ менамояд.

Мусаллам аст, ки шиносхти мазмуну моҳияти ахлоқ ва мушаххас намудани нақши он дар танзими ҷомеа, имрӯз низ аҳамияти худро нигоҳ дошта, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд. Донишмандони муосир баробари баррасии масоили дигари илмиву техникӣ таҳқиқи масоили ахлоқиро низ муҳим мешуморанд, зеро шуур ва мафкураи инсон маҳаки асосии ташаккулдиҳандаи сохаҳои дигари ҷамъият мебошанд. Тарбияи шуур ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли башар омили муҳимтарини ҳифзи арзишҳои умумибашарӣ ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин ва инсонмеҳвар маҳсуб меёбад.

Ҷаҳони муосир, ки дар раванди глобализатсионӣ қарор дорад, ҳарчи бештар баҳамвобастагии инсонҳо дар ҷамъият ва нақши арзишҳои ахлоқӣ, ба мисли ҳамфикрӣ, масъулият, бовиҷдонӣ, боварӣ, қобилият барои ҳамкорӣ, ёрии ҳамдигарӣ, фаъолияти дастаҷамъӣ, инсондӯстӣ ва монанди инҳоро тақозо менамояд. Ба маънои дигар, хусусияти ахлоқи муосир, ки дар доиран муносибатҳои манфиатҷӯй рушд карда истодааст, метавонад буҳронҳои зиёди маънавиро ба дунбол дошта бошад. Аз ин лиҳоз, масоили умумибашарии ахлоқӣ, ки хусусияти созандагӣ доранд, рӯз аз рӯз арзиши тоза касб менамоянд. Ин арзишҳо метавонанд боиси афзоиши сифатноки фаъолияти ҷамъиятии инсони муосир гарданд.

Бо дарназардошти организми зинда будани ҷомеаи инсонӣ ва пайваста дар ҳоли таҳаввулу дигаргуншавӣ қарор доштани он, арзишҳои ахлоқӣ низ хусусияти дарачавӣ касб менамоянд. Ҷиҳати дарки мухтаво ва хусусияти ахлоқи муосир зарур аст, ки моҳияти раванди глобализатсионӣ ва тағйиротҳои ичтимой дарк карда шаванд. «Вазифаи асосӣ иборат аз он аст - менависад Гусейнов А.А., ки саравval, бо-яд муайян намоем, ки кадом тағйиротҳоро ахлоқ дар замони муосир метавонад бардошт намояд ва мафҳуми «замони

муосир» дорои кадом хусусиятҳо мебошад, пасон максади мо мушаххас мегардад»[1]. Албатта, муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, зеро мафҳумҳо вобаста ба дигаргуншавии ҷомеа тобиши маъноии худро дигар менамоянд ва арзиши онҳо хусусияти дарачавӣ мегирад. Масалан, мафҳуми «хизмати бегаразона», агар дар нахуст ифодакунандаи маънии аслии худ буда, воқеан, бе ҳеҷ гараз ёрӣ расонида мешуд, вале дар замони муосир он ҳам ба хотири дарёфти манфиат нигаронида мешавад. Агар, возеҳтар баён намоем, қисмате аз «ёрихои башардӯстона» ва «қарзҳои бебозгашт»-и замони муосир комилан бегараз нестанд.

Ба ҳар сурат, ҷаҳони муосир ҳарчи бештар ба инсоне ниёз пайдо карда истодааст, ки неруи ақлонии солим, қобилияти эҷодӣ, фарҳанги волои ахлоқи ҳамида ва масъулияти баланд дошта бошад. Ба ин маънӣ, инсоният ҳамеша ҷиҳати дарёфти роҳу воситахои расидан ба саодат талош варзида, омилҳои таъсиркунанда ба ташаккул ва таназзули ин равандро таҳқиқ менамояд, ки ифодакунандаи моҳияти ахлоқ мебошад. Яъне, моҳияти ахлоқ иборат аз ҳидояти насли инсонӣ ҷониби камолот ва дарёфти саодати фардию ҷамъиятӣ мебошад.

Танзими рафтору фаъолияти инсон дар ҷомеа ва дарёфти зиндагии босаодат таърихи тӯлонӣ дошта, донишмандон масоилеро ҷустучӯ намудаанд, ки камолоти маънавиву ҷамъиятии инсонро фарогир бошад. Раванди ҷӯшҳои инсонӣ аз ҷаҳонпиниосии асотирӣ сар карда, то марҳилаҳои баъдӣ нишон медиҳад, ки насли инсонӣ дар тафовут аз мавҷудоти дигари олам дар маъносозиву мафҳумофарӣ ва дарёфти саодат буда, илова ба таъмини талаботи молдӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои маънавӣ низ талош кардааст. Аз масъалаҳои муҳимтарин таъмини саодати ҳақиқӣ ва қонеъкунандаи талаботи маънавӣ, ахлоқ мебо-

[1] Гусейнов А.А. Этика и мораль в современном мире// Этическая мысл: современные исследования. - М.: Прогресс-Традиция, 2009. -С 5.

шад. Ахлоқ камолоти маънавии инсонро таъмин намуда, ӯро ба созандагӣ, дар шакли ҷтимоиннавӣ, сотсиализатсия сафарбар менамояд.

Мардуми ориёӣ, ҳам дар доираи асотир ва ҳам тасаввуротҳои динишиён саодати инсониро ҳадаф қарор дода, олами вуҷудро дар робита ба ҳастии инсон матрах намудаанд. Консепсияи ахлоқии тамаддуни ориёӣ ба тариқи системавӣ муайян гардида, дар шакли «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «рафтори нек» то ҳанӯз дорои арзиши баланди илмӣ ҳаст. Тибқи ин консепсия, камолоти маънавии инсон ва некии ӯ маҳз замоне ба вуҷуд меояд, ки андешаи (маниш) инсон поку беолоиш гардад. Яъне, нахуст андеша (пиндор) мукаммал гардида, хусусияти некӣ пайдо мекунад ва пасон тариқи гуфтор ва рафтор амалӣ мегардад.

Инсон дар тамаддуни ориёӣ, мавҷуди олии табиӣ ва ҷузъи муҳиме аз кайҳони модлӣ мебошад. Дар симои инсон тамоми масоил, аз ҷумла, масъалаҳои ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. «Дар ҷаҳоншиносии ориёӣ, - менависад профессор Музаффарӣ М. - ҳамаи ашёи мавҷуда ва ҳамаи он чизе, ки дар оянда падид хоҳад омад, вобаста ба худи инсон аст. Инсон роҳнамо ва роҳбари абадият аст, вай маҳсули он чизест, ки ба воситаи ҳастии модлӣ ташаккул ёфтааст»[1].

Тарбияи камолоти инсон тавассути риояи талаботҳои ахлоқӣ дар таълимоти зардуштия тақвияти тоза пайдо намуда, ҷавҳари ин таълимотро ташкил менамояд. Муаллифони китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» дар ин бора менависанд: «Дар Авасто гуфта шудааст: «Эй Урдубиҳишт (Аша ваҳишта), тавфиқи беҳзистиро дар паноҳи некандеши дар ин сарзамин нароканда соз». Аша Ваҳишта сеюмин қонуни ахлоқии ҳастӣ, назму низом ва созмони ҷаҳон аст. Он қонуни тағирнопазирест, ки на танҳо зиндагии башар, балки тамоми коинотро ба сӯйи мақсади асосӣ сафарбар намуда, роҳнамуди ишкишофи мавҷудот ва сайри таквиниро мувофиқи қонуни Ашой ба сӯйи камолот ҳидоят мекунад»[1].

Аз иктибоси зикршуда хулоса кардан мумкин аст, ки ахлоқ дар андешаҳои мардумони оriёнтабор ва, умуман, марказҳои фарҳангии Шарқи қадим ҷавҳари ҷаҳоншиносии онҳоро ташкил кардааст. Назарияҳои арзишманди ахлоқӣ низ дар мактабҳои фалсафии Ҳинду Чин ва Эрони бостон пайдо гардидаанд, вале ахлоқ ҳамчун илми мустақил дар фалсафаи Юнони қадим ба вуҷуд омадааст. Дар ин тамаддун, ҳанӯз дар доираи тасаввуротҳои динӣ ва асотирӣ ба масоили ахлоқӣ ва пинохти моҳият ва камолоти маънавии инсон диққати ҷиддӣ равона шуда буд. Антропоморфизм, ки асоси ҷаҳонбинии динии юнониёнро ташкил медод, гувоҳ аз эътирофи қурдат ва тавонии инсон мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқи шведсарӣ Андре Бонпар "инсон ва ҷаҳон дар тамаддуни юнонӣ интиқоси якдигарӣ фаҳмида мешаванд, яъне онпас ҳастанд, ки дар муқобили якдигар гузошта шудаанд ва ҳамдигарро назорат менамоянд"[2]. Аз ин метавон натиҷа гирифт, ки масъалаи шинохти инсон ва камолоти маънавии он дар фарҳанги юнонӣ ҳамоҳанг бо андешаҳои оriёӣ будааст.

Тавре ёдрас шудем, назариёти парокандаи шарқиву гарбиро ҷамъбаст намуда, дар фарҳанги Юнони қадим Арасту тавонист ахлоқро ҳамчун илми танзимкунанда ва муқарраркунандаи муносибатҳои инсонӣ асос гузорад ва дар асоси мафҳумҳо ва категорияҳои мушаххас хусусиятҳои илмии онро муайян созад. Тибқи таълимоти Арасту «этика» (ахлоқ) илми танзимкунанда ва муайянкунандаи тарзи дурусти фаъолияти инсонӣ аст. Худи мафҳуми «этика» бошад, дар забони лотинӣ маънии ҷойи зист, лона, хона ва макони мувофиқи зиндагиро ифода мекард. Албатта, ин андеша, на

[1] Музаффари. М.Антропология. Душанбе, 2009. – С. 23.

[1] Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷилди 1. Душанбе «Дониш» 2011. – С.56

[2] Бонпар А. Греческая цивилизация. Т.1. От Илиады до Парфенона/ Пер. с франц. О.В.Волкова. Предисл. проф. В.И.Авдиева. –М.: Иескуство, 1992. – С.103.

аз ҷониби ҳама муҳаққиқону донишмандон қобили қабул аст, вале инкор кардани он низ далел мехоҳад. Доир ба этимологияи истилоҳи мазкур назари олимон хусусияти гуногунрангӣ дорад. Гурӯҳе баромади вожаи "этика"-ро дар забонҳои қадимаи лотинӣ, хитой, ҳиндӣ, мисрӣ, юнонӣ, итолиёвӣ ва русӣ аз назар гузаронида, дар аввал бо кадом маъною шаклҳо омадану дар охир чӣ шакл гирифтани ин истилоҳро хеле муфассал баён карда бошанд ҳам, вале то ҳанӯз мушкилот дар ин самт ба назар мерасад. Маҳмадраҳим Исоев - муҳаққиқи тоҷик чунин назар дорад, ки «муҳаққиқони асримиёнагии форсу араб ба таҳқиқи ҳаматарафаи илми ахлоқ машғул шуда бошанд ҳам, вале нисбати истилоҳи «этика» ва сабабҳои пахн гардидани он ишорае накардаанд. Ин сарчашмаҳо ба ҷойи истилоҳи «этика» мафҳуми «ахлоқ» ва «илми ахлоқ»-ро, ки аз феъли замони гузаштаи «ҳалақа», яъне офаридан, ба вуҷуд овардан, сохтан ва г. истифода кардаанд. Пас, саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро ин муҳаққиқон истилоҳи «этика»-ро қабул накарда, мафҳуми сохтаи худро ба кор бурдаанд?»[1].

Албатта, саволгузории М.Исоев хеле ба маврид ва мувофиқ ба талаботҳои илмӣ аст, вале мутаассифона ҷавоби қонеъкунандаро пешниҳод намесозад. Ӯ, аз ғарих ва маънавиёти пургановати мардумони ориёинажод ёдовар шуда, ин тамаддунро аз фарҳанги юнонӣ пеш мегузорад, вале мафҳуми муайяни ифодакунандаи "ахлоқ"-ро баён намекунад. Танҳо аз се рукни ахлоқии зардуштӣ ёдоварӣ намуда, истилоҳи "оин"-ро ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи "этика" ва "ахлоқ" баён медорад, ки қонеъкунанда нест. Ба фикри мо, таҳлили муҳаққиқи зикршуда хеле муфассал аст, вале натиҷаи ниҳоӣ надорад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мафҳуми "оин", на танҳо масоили ахлоқӣ, балки дин, урфу одату анъана ва фарҳангро низ фаро мегирад, ки ҳудудан аз "этика" ва ё

[1] Исоев М. Ҳикмати амалии Мискавейх. Душанбе, 2003. – С. 22.

"илми ахлоқ" фарроҳтар аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мафҳуми мувофиқ ва аслии ин истилоҳ муайян карда шавад. Фикр мекунем, ки саволи гузоштаи Муҳаммадраҳим Исоев доир ба он, ки "чаро ин муҳаққиқон истилоҳи «этика»-ро қабул накарда, мафҳуми сохтаи худро ба кор бурдаанд?", ҳанӯз ҳам ҷавоби худро интизор аст. Мутафаккирон ва муҳаққиқони ватанӣ танҳо ба масоили фарогирандаи илми ахлоқ таваҷҷӯҳ намудаву маънии луғавии онро ба таври ҷиддӣ пайгирӣ накардаанд. Ба андешаи мо, мазмуни мазкурро аз осори бостонии ҳиндуориёӣ дарёфт кардан имкон дорад, вале зарурати истифодаи он ба ҷойи истилоҳи "ахлоқ" ё "этика" пасон муайян карда мешавад. Танҳо таъкиди мо бар он аст, ки новобаста ба ифодаи мафҳуми "ахлоқ" дар забонҳо ва фарҳангҳои мухталиф, ахлоқ (этика) аз зумраи он илмҳоест, ки дар низоми улуми инсоншиносӣ ҷойгоҳи хоса дошта, дар таъмини муназзами ҳаёти иҷтимоӣ саҳми муассир гузоштааст.

Ипчунин, ёдрас шудан ба маврид аст, ки шарҳу баррасии мазмуну мухтаво ва масоили ахлоқӣ таърихи куҳан дошта, шуруъ аз ҷаҳонбиниҳои ориёӣ то фалсафаи бостонии Ҳинду Чин, Миср у Бобул, Юнону Рим ва марҳилаҳои минбаъдаи рушди фарҳанги инсонӣ ҷавҳари таълимотҳои этикиро дарёфти саодати зиндагӣ, дарки мазмуну моҳияти ҳаёт, оини ростӣ, покӣ, инсондӯстӣ, муҳаббат, бузургманишии донишу хирад ва эҳтиром ба насли башар ташкил менамояд, ки аз аҳамияти ахлоқ дар ҷомеа ва раванди ташаккули шахсият гувоҳӣ медиҳад. Равандҳои зикршударо дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс бараъло мушоҳида намудан мумкин аст, зеро аз шеърону ҳаммосасароён то мутакаллимону мутасаввифин ва олимону файласуфон шиносхти мазмуну моҳияти ахлоқро масъалаи мехварии таълимоти худ қарор дода, ба маком ва ҷойгоҳи ин арзиши олӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушду камолоти инсон таваҷҷӯҳи махсус намудаанд.

аз ҷониби ҳама муҳаққиқону донишмандон қобили қабул аст, вале инкор кардани он низ далел мехоҳад. Доир ба этимологияи истилоҳи мазкур назари олимон хусусияти гуногунрангӣ дорад. Гурӯҳе баромади вожаи "этика"-ро дар забонҳои қадимаи лотинӣ, хитоӣ, ҳиндӣ, мисрӣ, юнонӣ, итолиёвӣ ва русӣ аз назар гузаронида, дар аввал бо калом маъною шаклҳо омадану дар охир чӣ шакл гирифтани ин истилоҳро хеле муфассал баён карда бошанд ҳам, вале то ҳанӯз мушкилот дар ин самт ба назар мерасад. Маҳмадраҳим Исоев - муҳаққиқи тоҷик ҷунин назар дорад, ки «муҳаққиқони асримиёнагии форсу араб ба таҳқиқи ҳаматарафаи илми ахлоқ машғул шуда бошанд ҳам, вале нисбати истилоҳи «этика» ва сабабҳои пахн гардидани он ишорае накардаанд. Ин сарчашмаҳо ба ҷойи истилоҳи «этика» мафҳуми «ахлоқ» ва «илми ахлоқ»-ро, ки аз фасли замони гузаштаи «халақа», яъне офаридан, ба вуҷуд овардан, сохтан ва ғ. истифода кардаанд. Пас, саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро ин муҳаққиқон истилоҳи «этика»-ро қабул накарда, мафҳуми сохтаи худро ба кор бурдаанд?»[1].

Албатта, саволгузории М.Исоев хеле ба маврид ва мувофиқ ба талаботҳои илмӣ аст, вале мутаассифона ҷавоби қонеъкунандаро пешниҳод намесозад. Ӯ, аз таърих ва маънавиёти пурғановати мардумони ориёинажод ёдовар шуда, ин тамаддунро аз фарҳанги юнонӣ пеш мегузорад, вале мафҳуми муайяни ифодакунандаи "ахлоқ"-ро баён намекунад. Танҳо аз се рукни ахлоқии зардуштӣ ёдоварӣ намуда, истилоҳи "оин"-ро ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи "этика" ва "ахлоқ" баён медорад, ки қонеъкунанда нест. Ба фикри мо, таҳлили муҳаққиқи зикршуда хеле муфассал аст, вале натиҷаи ниҳоӣ надорад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мафҳуми "оин", на танҳо масоили ахлоқӣ, балки дин, урфу одату анъана ва фарҳангро низ фаро мегирад, ки ҳудудан аз "этика" ва ё

[1] Исоев М. Хикмати амалии Мискавейх. Душанбе, 2003. – С. 22.

"илми ахлоқ" фарроҳтар аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мафҳуми мувофиқ ва аслии ин истилоҳ муайян карда шавад. Фикр мекунем, ки саволи гузоштаи Муҳаммадраҳим Исоев доир ба он, ки "чаро ин муҳаққиқон истилоҳи «этика»-ро кабул накарда, мафҳуми сохтаи худро ба кор бурдаанд?", ҳанӯз ҳам ҷавоби худро интизор аст. Мутафаккирон ва муҳаққиқони ватанӣ танҳо ба масоили фарогирандаи илми ахлоқ таваҷҷӯҳ намудаву маънии луғавии онро ба таври ҷиддӣ пайгирӣ накардаанд. Ба андешаи мо, мазмуни мазкурро аз осори бостонии ҳиндуориёӣ дарёфт кардан имкон дорад, вале зарурати истифодаи он ба ҷойи истилоҳи "ахлоқ" ё "этика" пасон муайян карда мешавад. Танҳо таъкиди мо бар он аст, ки новобаста ба ифодаи мафҳуми "ахлоқ" дар забонҳо ва фарҳангҳои мухталиф, ахлоқ (этика) аз зумраи он илмҳоест, ки дар низоми улуми инсонишиносӣ ҷойгоҳи хоса дошта, дар таъмини муназзами ҳаёти ҷтимоӣ саҳми муассир гузоштааст.

Ҳамчунин, ёдрас шудан ба маврид аст, ки шарҳу баррасии мазмуну мухтаво ва масоили ахлоқӣ таърихи кӯҳан дошта, шуруъ аз ҷаҳонбиниҳои ориёӣ то фалсафаи бостонии Ҳинду Чин, Миср у Бобул, Юнону Рим ва марҳилаҳои минбаъдаи рушди фарҳанги инсонӣ ҷавҳари таълимотҳои этикиро дарёфти саодати зиндагӣ, дарки мазмуну моҳияти ҳаёт, оини ростӣ, покӣ, инсондӯстӣ, муҳаббат, бузургманишии донишу хирад ва эҳтиром ба насли башар ташкил менамояд, ки аз аҳамияти ахлоқ дар ҷомеа ва раванди ташаккули шахсият гувоҳӣ медиҳад. Равандҳои зикршударо дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс бараъло мушоҳида намудан мумкин аст, зеро аз шарофату ҳаммосасароён то мутакаллимону мутасаввифин ва олимону файласуфон шиносҳои мазмуну моҳияти ахлоқро масъалаи мехвари таълимоти худ қарор дода, ба мақом ва ҷойгоҳи ин арзиши олӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушду камолоти инсон таваҷҷӯҳи махсус намудаанд.

Қутбиддин Шерозӣ дар "Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррат-ул-Дабоҷ" ва "Шарҳи Ҳикмат-ул-ишроқ" доир ба мафҳум, моҳият ва аҳамияти ахлоқ дар ҷомеа ба масоили ахлоқӣ дар бахши ҳикмати амалии ин асар таваҷҷӯҳ намудааст. Дар китоби зикршуда, ки Қутбиддин Шерозӣ онро дар пайравӣ аз "Шифо"-и Ибни Сино[1] навиштааст, масоили марбут ба ахлоқ ҳам дар қисмати мукаддима (дар ҷилди якум) ва ҳам дар хотима (қутби сеюм) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мутафаккир дар асари худ кӯшиш менамояд, ки бо нигоҳи илмӣ масоили мазмуну моҳияти ахлоқро ба риштаи таҳқиқ бикашад, ки аз чунин қисматҳо иборат аст: покизагии нафс (сиёсати баланӣ) ташкили хаёт, роҳу равиши зиндагӣ, камолоти инсонӣ, тадбири манзил (сиёсати манзилӣ) ва ҷомеаи адолатпеша (сиёсати маданӣ). Ӯ, нахуст масъалаи ҳастии инсон, мақсади вуҷудият (зиндагӣ), вазифаву масъулият ва мақоми ӯро дар низоми ҳастӣ баррасӣ намуда, пасон ба таҳлили бевоситаи масъалаҳои ахлоқӣ даст мезанад. Қутбиддин Шерозӣ мафҳуму моҳият ва масоили марбут ба ахлоқро аз дилгоҳи муҳимияташон барои ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Назари мутафаккир доир ба илми роҳнамоикунандаи инсон ба сӯйи созандагию бунёдкорӣ ва саодати комили инсонӣ будани ахлоқ, ҳамоҳанг бо файласуфони ратсионалист мебошад.

Ҷолиб ба таъкид аст, ки Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди мазмун ва моҳияти "ахлоқ" ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ ва илми танзимкунандаи муносибатҳои инфиродиву иҷтимоии инсон навоварии ҷиддӣ ворид накардааст, вале муҳимияти шинохти моҳият ва масоили баррасикунандаи онро ба замон, макон, мансубияти кавмиву нажодӣ, диниву мазҳабӣ ва муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ марбут намедонад. Ин принсипи мутафаккир аз таснифоти илмҳо, ки дар қисмати аввали "Дуррат-ут-тоҷ" оварда шудааст, маълум

[1] Дилоршоев М. Чустуҷӯҳо дар фалсафаи Ибни Сино. Душанбе: «Эр-граф», 2017. -С.257.

мешавад. Мутафаккир илмҳоеро, ки ҷавобгӯи меъёри илмият ва барои ҳаман инсонҳо яксон ҳастанд, иборат аз астрономия (нуҷумшиносӣ), риёзиёт ва ахлоқ медонад: «Илм аънии саноате, ки лобуд бошад дар он аз мазовалати назарӣ он аст, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам нисбате воҳид бошад ва ба тағйири имкана ва азмина ва табаддули милал ва дувал мутабаддал нашавад. Чун илми ҳайати афлок ва илми ҳисоб ва илми ахлоқ. Вале, он, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам якинисбат набошад. Чун илми фиқҳ, шариате аз шароеъ, ки замоне маҳфуз монад ба нисбат бо анҳосе муайян ва он гоҳ мутабаддил шавад. Ва чун илм ба лугате аз лугот, чи он илм бошад ба қиёс бо асҳоби он лугат дуни ғайри ҳам. Ин қисмро ҳикмат наҳонанд ва авволинро ҳикмати ҳонанд. Ва ӯ афзали илме аз улум аст»[1].

Аз суханони боло маълум мегардад, ки мутафаккир «ахлоқ»-ро аз зумраи илмҳои муҳиме мешуморад, ки барои насли инсонӣ ҳамеша зарурӣ ва сазовори таҳқиқу шинохт аст. Ин амали Қутбиддин Шерозӣ дар таснифоти илмҳо калами навоварона аст. Масалан, Арасту фалсафаи амалиро, ки фарогири «ахлоқ», «тадбири манзил» ва «сиёсати маданӣ» аст, илм намехисобид. Тибқи назари ӯ дониши амалӣ ҳолати мобайнии байни маҳорат ва санъат буда, илми хусусӣ аст. Аз ин лиҳоз, мумкин нест онро илм ҳисобид, зеро «ҳадафи он донистани ҳақиқат ва моҳияти хастӣ набуда, предмети омӯзишаш рафтор, озодӣ ва рафтори бошууронаи инсон буда, мақсади он дастрасӣ аз накуӣ ва накукорӣ, на ҳақиқат аст. Дар ин робита, фалсафаи амалӣ пазлик ба санъат мебошад ва сафарбаршуда барои дастрасӣ аз баъзе ҳадафҳои амалии натиҷаҳост»[2].

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кушиш ва тасҳеҳи Сайд Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ.1. Теҳрон. Чопи сеюм. 1369. -С.152.
[2]. Коплестон Фридрих Чарлз (Copleston, FrederickCharles) Таърихи фалсафа.(1907). Тарҷумаи Ҷалолиддини Муҷтабави. Теҳрон. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳанги. 1388. – С. 331-337.

Дар таквият ба андешахои Кутбиддин Шерозй метавон гуфт, ки ахлок, сарфи назар аз хосиятхои фаркунандаи худ, чун дигар илмхо донишро ба вучуд меорад. Донишн дар бораи мохияти хастии инсон, максаду маромӣ ӯ дар зиндагй, масъулият ва чойгохи ӯ дар низоми муносибатхои ичтимой, аз умрани донишхое хастанд, ки дар доираи ахлок мавриди баррасй карор мегиранд. Ба андешаи Ибни Сино «Нахустин сйёсате, ки сазовор аст инсон ба он огоз кунад, хамоно сйёсати нафси худи ўст. Яъне, аввал, бояд дар ислохи нафси худ бикўшад, тадбиррашро дар он кору кўшиш ба кор бурда, хештанро солеху неку бинамояд.... Ва агар касее аз ўхлаи сйёсати некў ва ислохи нафси худ барояд, он гох боке бар вай нест, ки ба болотар аз он иқдом карда, ба сйёсати билод бипардозад. Яъне, касее худро ислох карда бошад, метавонад ба сйёсату тадбири умури мардум ништигол варзад..... Ва низ бояд бидонад хар касее, ки мехохад фосидеро нелох кунад, бар ў лозим аст, ки он фосидро комилан ва ба таври истикхо бишиносад, то чизе бар вай пўшида ва нихон намонад»[1].

Мухтавои таълимоти Ибни Сино бар он далолат менамояд, ки илми ахлок инсонро ба шиносхти мохияти аъмоли солех ва фосид рахнамой намуда, чихати амалй гардонидани сйёсати нафси ў рох мекўшояд. Яъне, ахлок, на танхо «шакли шуури чамъиятй ва ниходи ичтимоие, ки вазифаи танзими одоб ва рафтору кирдори одамонро дар хамаи соҳахои чамъият ичро менамояд» [2], балки илмест, ки инсонро ба шиносхти мохият ва мазмуни аъмоли худ рахнамой мекунад. Ба маънии дигар, "ахлок илмест, ки аз пиндору рафтору гуфтори афроди башар бахс мекунад, лекин он бахс на дар доираи ахлоке, ки доранд, балки дар доираи ахлоке, ки бояд дошта бошанд сурат мегирад".[3]

[1] Абуалй ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ч.4. Душанбе, 2007. -С.24-25.
[2] Шт.: Гусейнов А.А. Этика и мораль в современном мире// Этическая мысль... Ежегодник. М.: ИФРАН, 2000. -С.4-15.
[3] Аливакбар Сйёсй. Мабонии фалсафа. Техрон, 1958. - С. 316.

Кутбиддин Шерозй мафхум, мазмун ва мохияти ахлокро тахкик намуда, зикр менамояд, ки «асли калимаи "ахлок" аз "хулк" аст. Ва бидон, ки хамчунон, ки халк сурати зохир аст хулк сурати ботин аст".[1] Дар идома зохиру ботини инсонро бо нафсу чисм киёс намуда, мутафаккир таъкид менамояд, ки "Наферо сихатй аст ва маразй, чунонки баданро сихатй ва маразй. Сихатии нафс он аст, ки хайоти ӯ ва хайоти ачзои ӯ хайоте бошад, ки ба он абдо шурур кунад ва сайот ва афъоли кабех... Муоличи абдон табиб аст ва муоличи нафс инсони маданй".[2]

Мазур аз "инсони маданй" назди Кутбиддин Шерозй донишмандест, ки бо донишн мукаммали назарй мохияти хастии инсонро кушода, чихати ислох ва табобати нуксонҳои нафсонй назария пешниҳод менамояд. Ин гуна назариёти илмй, танхо дар доираи илми ахлок баён мегардад. Киёси мутафаккир дар нисбати таносуби нафсу бадан, киёси ду илми антропологй – ахлок ва тиб, инчунин, файласуф ва табиб мебошад, ки ҳар кадом дар алокамандии ногусастанй карор дошта, дар такомули инсони комил сахм метузоранд.

Мушкилоти чахони муосир низ, ин таносубро исбот менамояд. Бемории хамагирии КОВИД-19, ки чахонро фаро гирифтаву ахли тибро ба зону нишонд, ягона илочи пешгирй ва мубориза ба онро, инсоният дар риояи меъёрхои санитариву ахлокй донист. Макулахои асосии ахлокй, аз кабили "покй", "инсондўстй", "хамдардй", "шучоат", "мардонагй", "хамдилй" ва монанди инхо аслихаи асосии мубориза бар ин вабои аср гардиданд. Дар ин радиф андешаи мухаккик С. Расулов дар мавриди он, ки "бо вучуди ба гўшаи фаромўшй рафтани афоризми Гипократ "нисбат ба номи беморй донистани шахсияти бемор мухимтар аст" ва диккати асосй ба доруворй равона шудан, аммо мувофики бахо-

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррату-т-точ. Бахши хикмати амалй ва сайру сулук. Бо кўшиш ва тасхехи Мохлухт Бону Хумой. Чопи дуввум. Техрон, 1386.-С.22.
[2] Хамон чо: - С. 69-70.

гузориҳои муосир 80%-и мушкилотҳои физиологӣ ва тиббӣ ҷанбаҳои эмотсионалӣ доранд"[1], кобили назирнест аст. Аз ин рӯ, тарбияи равони инсон, ки дар афкори фалсафии асримиёнагии тоҷик бо унвони "илми нафс" ва "илми ахлоқ" ёд мешавад, ҳанӯз ҳам мухимияти худро нигоҳ доштааст.

Мутафаккирони асримиёнагӣ тарбияи нафси инсонро, гоҳе бо истилоҳи "тибби рухонӣ" (Абӯбакр Закариёи Розӣ) ва гоҳе бо "илми ахлоқ" ифода менамудаанд, вале пайравони андешаи дуюм зиёдтар ҳастанд. Қутбиддин Шерозӣ аз зумраи мутафаккиронест, ки ҳолатҳои равониву нафсонии инсонро дар доираи илми ахлоқ мавриди таҳқиқ қарор дода, исбот менамояд, ки ахлоқ аз мухимтарин улуми инсонӣ ва такмилдиҳандаи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Оид ба ин масъала мутафаккир зикр менамояд: "Ва аммо ҳикмати амалӣ – ва он донистани масолехи ҳаракоти иродӣ ва афъоли саноии навъи инсонӣ бувад бар вачҳе, ки муаддӣ бувад ба низоми аҳволи маъош ва маъоди эшон ва муктазии расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд сӯйи он. Яке ончи рочеъ бувад ба ҳар нафсе биинфирод ва онро илми ахлоқ гӯянд"[2].

Тавре ки дар боло зикр намудем, истилоҳҳои «халқ» ва «хулқ»[3] аз як реша ҳастанд ва далолат ба офаридан, эҷод намудан ва падид овардан менамоянд. Қутбиддин Шерозӣ низ мафҳуми ахлоқро дар ҳамин раванд таҳлил намуда, онро маҳсули эҷод ва офаринишгари инсонӣ, яъне сурати ботин ва ифшокунандаи дараҷаи камолоти инсонӣ донистааст. Дар идомаи таълимоти худ дар ин маврид ӯ изҳор менамояд, ки «мубтадои ҷумлаи ахлоқ чаҳор қувват аст: қуввати ақл, қуввати шаҳват, қуввати ғазаб, қуввати адл, ки аз

[1] Расулов С.Х. Психологияи эмотсия ва хиссиёт. Душанбе: «ЭР-граф», 2022. - С.16.
[2] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-точ. Бо кӯшиш ва таҳқиқи Саййид Муҳаммад Машкуҳ. Ҷилди 1. Теҳрон, 1369. -С.160.
[3] Мударрисӣ М. Фалсафаи ахлоқ: пажӯҳиш дар бунёдҳои забонӣ, фитрӣ, таҷрибӣ, назарӣ ва дизоии ахлоқ. Теҳрон, 1371. -С.13.

эътидоли ин се қувва ҳосил мешавад. Чун қуввати ақл ба ҳоли эътидол ва камол бошад осон тавонад фарқ кардан миёни сидқу кизби ақвол ва ҳусну кубҳи афъол ва ҳаққу ботили эътиқодот. Чун қуввати шаҳват ва ғазаб ба ҳоли эътидолу камол бошад дар ҳукми ақл ва ҳикмат бошад ва инбиноси эшон (барангехтан – Ш.А.) ба ҳусби муктазои ақл ва ҳикмат бошад"[1].

Мутафаккир дар саргаҳи ахлоқ қувваи ақлро мегузорад ва камолоти онро муҳимтар аз ҳама медонад, зеро тавассути ақл, ки танҳо хоси инсон аст, ҳусну кубҳи афъол ва ҳаққу ботил муайян шуда, ғазабу шаҳват низ идора карда мешаванд. Дар нисбати қуввати адл бошад, Қутбиддин Шерозӣ андеша дорад, ки он қуввахои шаҳват ва ғазабро дар холати эътидол нигоҳ медорад: "Адл ҳардуро мазбут (забтшуда) медонад, то аз ҳукми ақл ва ҳикмат беруи нараванд ва дар тавоияти (тоат) эшон мебошанд. Чун камоли ин се қувват ба адл расанд, натиҷаи он ҳусни ахлоқ ва афъол бошад ва эътидолу камоли ин се қувва бадон бошад, ки дар васат афтад ва аз тарафи ифроту тафрит, ки ҳарду мазмунанд дур бошанд. Масалан, аз ифрот қуввати ақл гурбазӣ (макор) ва макру ҳадиат зояд ва аз тафрити он аблаҳӣ, ҳамокат, ҷунун ва ғумар хезад. Аз эътидоли он ҳусни талбир ва асолати раъю фатонат ва итлоъ бар дақоики умур ва ҳарчи аз осори ҳикмат аст зоҳир гардад. Чун қуввати ғазаб дар тарафи ифрот афтад аз он таҳур ва ҷабу такаббур зояд ва чун дар тарафи тафрит афтад аз он мазаллат ва ҳасосат ва чабиту ҷур ва ҳиради нафсӣ падид ояд. Чун бо эътидол бошад аз он шуҷоату карам ва шаҳомату бузургнафсӣ ва ҳилму викор ва каъми ғайз ва амсоли он падид ояд"[2].

Гибки андешаи Қутбиддин Шерозӣ ахлоқ илмест, ки мохияти тамоми афъоли инсониро дар доираи эътидол ва

[1] Кутбиддин Шерози. Дуррату-т-точ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва таҳқиқи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386.-С.22.
[2] Ҳамон ҷо. -С.22.

чорчӯбаи амалкарди ақлу мантик баррасӣ намуда, хадди васатро муайян месозад. Аз чумла, мутафаккир таъкид менамояд, ки "чун қуввати шаҳват дар тарафи ифрот афтад аз он хирс ва шираву шабак (сахт майл кардан ба чизҳо) зояд ва чун дар тарафи тафрид афтад аз он хамуди шаҳват ва тавбеи он падид ояд. Чун бо эътидол бошад аз он иффату ҳаё ва сабру самоҳат (чавонмардӣ) ва вараъ (парҳезгорӣ) ва тозаруиву назокат ва зарофату мусоидати хулқ бар масолеҳ ва киллати тамаъ пайдо гардад"[1].

Назари Қутбиддин Шерозӣ бар он аст, ки танҳо инсони мусаллаҳ бо дониши ахлоқӣ муайян карда метавонад, ки набояд ҳеч амал ба ҳадди тафрит ва ё ба ҳадди ифрот расад, зеро дар ҳарду ҳолат қивоми иҷтимоӣ халалдор мегардад ва ба ҷомеаи инсонӣ таъсири манфии он мерасад. Ӯ ёдрас мешавад, ки "чаҳор қувват асли ҷумлаи ахлоқи ҳасананд. Натичаи камоли қуввати ақл ҳикмат аст ва аз камоли қуввати ғазаб, шуҷоат ва аз қуввати шаҳват иффат. Ҳар кираро ҳикмату шуҷоат ва иффату адолат, ки васат аст миёни зулму инзилом (ситам кашидан ва эҳтимол кардан) ҳосил бошад ба дарачаи малоика наздик бувад ва аз мартабаи шаётин дур ва ба қадри он, ки аз дарачаи малоика дур мешавад ба мартабаи шаётин наздик мегардад"[2].

Қутбиддин Шерозӣ дар баробари муайян намудани мафҳум ва мазмуни ахлоқ ба таҳқиқи вазифаҳои бунёдии ахлоқ ва аҳамияти он дар ҷомеа низ даст задааст. Ахлоқ дар системаи таълимоти фалсафии мутафаккир ба сифати илме баромад менамояд, ки тавассути он нафси инсонӣ, моҳияту табиат, сабабҳои мавҷудият, манфиати ахлоқу одоб, вазифаҳои иҷтимоии он дар ҷомеа муайян карда мешаванд. Аз андешаҳои ӯ бармеояд, ки инсон чузъи ҷудонашавандаи ҷомеа буда, бояд дар ҳамбастагӣ бо иҷтимоъ фаъолияти худро роҳандозӣ намояд. Дар ин маврид, мутафаккир

[1] Ҳамон чо: -С.23.
[2] Ҳамон чо: -С.23.

таъкид месозад, ки "бидон, ки оқил бояд, ки афъол ва ахлоқи ӯ бар вафқи маслиҳати нафси ӯ ва маслиҳати нафси олам бошад. Ин ба он бошад, ки ҳар феъл, ки мухтаҳсан бошад дар мубоширати он феъл мусориат намояд. Ва ҳар феъле, ки мустақабеҳ бошад аз он иҷтиноб ва эътироз кунад ва ҳамчунон, ҳар хулқе, ки мухтаҳсан бошад чунон кунанд, ки он хулқ ӯро мулка шавад чун ҳилм, инсоф, сахо, мурувват ва амсоли он. Ҳар хулқе, ки қабеҳ бошад аз худ дур кунад ва чунон созад, ки ба қадри имкон зиди он хулқ дар вай собит шавад. Чун ҳар гоҳ, ки чунин кунад илми ӯ худ бар вақҳи маъдалат бошад ва маслиҳати шахсӣ ва маслиҳати омман олам, ки ба ӯ талалуқ дорад ҳосил"[1].

Аз андешаҳои болоӣ маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ "ахлоқ"-ро ба назариву амалӣ тақсим намуда, ахлоқи назариро аз шинохтани моҳияти нафс, қувваҳои он, фазилат ва разилат, сиришти инсонӣ ва ахлоқи амалиро чихати дар амал татбиқ намудани усули куллии тарзи фаъолияти одамӣ ва дар амал татбиқ намудани назария, тақвияти фазилатхо ва дурӣ аз разилатҳо медонад. Аз ҷумла: "Бидон, ки ҳусн ва қубҳи афъол ва ахлоқ бар се қисм аст: қисми аввал он аст, ки ҳусну қубҳи он афъол ва ахлоқ зоҳир бошад, чун ҳусни илм ва қубҳи ҷаҳл, ҳусни адл ва қубҳи зулм, ҳусни сидқ ва қубҳи кизб. Чун ҳар кас бидонад, ки илм ва адл ва сидқ нофеи ҳасан аст ва ҷаҳлу зулму кизбу зиор қубҳ аст. Қисми дуввум он аст, ки ҳусну қубҳи эшон зоҳир набвад, валекин оқил мутамакин бошад аз донистани ҳусну қубҳи эшон ба воситаи назару фикр, чун ҳусни сидқи зиор ва қубҳи кизби нофеъ, зеро ки ҳар яке аз ин ду муштамил аст бар вачҳе аз вуҷуҳи қубҳ ва вуҷуҳи ҳусн чун сидқи зиор аз он вачҳ, ки сидқ аст ҳусн аст ва аз он вачҳ, ки зиор аст кабеҳ ва кизби нофеъ аз он вачҳ, ки кизб аст кабеҳ аст ва аз он вачҳ, ки нофеъ аст, ҳасан. Пас, оқил чун назар кунад,

[1] Ҳамон чо: -С.19.

агар чихати хусн рохич ояд бар чихати кубх хукм кунад ба хусни он ва дар мубошират орад. Агар, чихати кубх рочеъ бошад бар чихати хусн, ба кубхи он хукм кунад ва аз он эътироз намояд. Қисми сеюм он аст, ки хусну кубхи он зохир набвад ва оқил мутамакин набвад аз маърифати хусн ва кубхи он афъол ва ахлоқ балки шарьи таърифи хусну кубхи он кунад. .... Ва чизе, ки акл хукм кунад ба хасани он, шарь харгиз аз он манъ накунад, магар чизе, ки онро ду чихат бувад. Чихати хусн ва чихати кубх. Чихати кубх рочеъ бувад бар чихати хусн ва хафй (рохич). Ва чун оқил назар кунад бидонад, ки, агар, на чихати кубх рочеъ будй бар чихати хусн ва шарь аз он манъ накардй, лочарам маълум шуд, ки он феъл қабех аст ва мубошрати он нашояд кард, накуй"[1]. Аз ин иктибос маълум мегардад, ки мутафаккир дар дарки мохият ва мазмуни таълимотҳои ахлоқй ба акл такя намуда, амалияи онро вобаста ба арзиши чавҳари онҳо медонад. Тавре ишора рафт, агар "қабохате, ки шарь онро манъ накарда бошад ва маълум шавад, ки он қабех аст", аз он дурй бояд чуст. Чунин қабохатҳо, ки шарь онҳоро манъ накарда бошад, дар чомеаи кунунии мо зиёд ба чашм мерасанд. Аз чумла, даъват ба терроризму экстремизм, нақзи ҳуқуқи занон, тарбияи динии бемаврили кӯдакон, тарс, боло гузошани арзишҳои динй аз арзишҳои миллию умумибашарй, қавмгарой ва г.

Ибни Сино дар мавриди таносуби ахлоқи назарй бо ахлоқи амалй дар огози "Рисола дар ахлоқ" меоварад, ки "Ҳар касе ба шиноҳти хештани хеш аҳамият медихад ва мехоҳад фазилатҳои худ ва роҳи чигунагии тобеъ сохтани онҳоро бидонад, то тавассути онҳо нафси худро пок созад, бояд барои ин саъй варзад. Ҳамчунин, касе мехоҳад разилатҳои хеш ва чигунагй аз онҳо худро мухофизат карданро бидонад, бигузор нафси хештани хешро аз онҳо пок

[1] Кутбиддин Шерозй. Дурратут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасхехи Моҳдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386.-С.20.

намояд. Ҳар касе, ки ахлоқи хамидаро афзалтар медонад, бибоистй. ки бехтарин кирдору рафторро ҳадди худ карор дихад"[1].

Қутбиддин Шерозй дар ҳамоҳангй бо ин андешаи Ибни Сино, ахлоқро илми фалсафие медонад, ки барои насли инсонй. новобаста аз мансубияти милливу нажодй ва динию мазҳабй, инчунин, новобаста аз давру замон илмияти худро (хамчун илми назарй) дар баробари илми "хайати афлок" ва "илми ҳисоб" нигоҳ медорад. «Илм аънин саноате, ки лобуд бошад дар он аз мазовалати назарй он аст, ки нисбати ӯ бо ҷамеи азмина ва ҷумлаи умам нисбате воҳид бошад ва ба тағйири имкана ва азмина ва табаддули милал ва дувал мутабаддал нашавад. Чун илми ҳайати афлок ва илми ҳисоб ва илми ахлоқ"[2].

Андешаи Қутбиддин Шерозй дар мавриди ворид намудани "илми ахлоқ" ба қатори "илми ҳайати афлок" (астрология) ва "илми хисоб" (риёзиёт), ки аз дастовардҳои онҳо кулли башарият, новобаста ба махсусиятҳои милливу нажодй ва динию мазҳабй истифода мебаранд, қолиби диққат мебошад. Мутафаккир бар он анлеша аст, ки инсон, ки дар тинати худ гухмаи фазилат ва хислатхои хамидаро дорад, дар муносибат бо насли инсонй бояд рафтори наку дошта бошад. Ҳамин аст, ки ӯ таъкил менамояд, ки "ахлоқи инсон, бояд бар вафқи мслиҳати нафси ӯ ва маслиҳати нафси олам бошад". Дар ин андешаи мутафаккир, қонибдорй аз категорияи марказии ахлоқ - "инсондӯстй" хеле возех намудор мегардад. Вокеан, инсондӯстй мафхумест, ки бар зидди хушунату бадбинй ва нажодпарастиву таассуботи динй равона гардида, муҳтавои онро муҳаббат ва дӯст доштан ташкил менамояд. Инсони муосирро зарур аст, ки дар муносибат бо ахли бапар хушбину меҳрубон ва бахри пойдории арзишҳои умумибашарй пайваста талош намоял.

[1] Абӯалй ибни Сино. Рисола дар ахлоқ// Осор. Ҷ.2. Душанбе, 2005. -С.644.
[2] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-точ. Бо кӯшиш ва тасхехи Сайид Мухаммад Машкук. Чиди 1. Техрон. 1369. -С.152

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи "гуманизм" (инсондӯстӣ), ки чавҳари ахлоқро ташкил менамояд, дар фарҳангҳои бостонӣ пайдо шуда, дар марҳилаҳои мухталифи ташаккули афкори ҷамъиятӣ хосиятҳои тоза касб кардааст. Мафҳуми мазкур, дар адабиётҳои илмӣ ҳамчун "таълимоти фалсафию ахлоқӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва наҳзати маънавию фикрӣ, адабию фарҳангӣ ва, ҳатто, динӣ"[1] мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Донишманди англис Барбара Смокен (Barbara Smoken) гуманизмро "рӯҳияи мафкуравӣ, андешаҳо, ҷаҳонбинӣ ормонҳову ниёзҳои волои инсоният, кӯшиши саодатмандии фард дар шакли инфиродӣ ва иҷтимоӣ"[2] таъриф додааст, ки мухтавои таълимоти ахлоқии Қутбиддин Шерозиро низ инъикос менамояд. Аз ҷумла: «ҳусни хулқ он аст, ки мардумро дар вакти хушӣ ва нохушӣ хушнуд дорӣ»[3]. Ба ин маънӣ, "инсондӯстӣ" ва "ахлоқи ҳасана" ё "ҳусни хулқ" муродифи ҳамдигар фаҳмида мешаванд.

Мавриди ба зикр аст, ки гуманизми Қутбиддин Шерозӣ, ки чавҳари таълимоти ӯро ташкил намудааст, на дар ҳама мавриди қобили пазириш аст. Шояд бо таъсирпазирӣ аз муҳити фарҳангии асримиёнагӣ, ки ҳукмронии дини ислом ҳамеша эҳсос мегардид, мутафаккир инсондӯстиву инсонгароиро ба ҳадди тафрид (махлуд) низ расонидааст. Масалан, ӯ дар фасли шашуми боби ахлоқ, ки «дар баёни он чи дар ҳадди ҳусни хулқ ва сӯъйи хулқ гуфтаанд», номгузорӣ шудааст, чунин мегӯяд: «Ҳусни хулқ он аст, ки бипайвандӣ ба он касе аз ту бибурид ва билиҳӣ ба он касе, ки туро маҳрум кард ва чизе ба ту надод ва авф кунӣ аз он касе, ки ба ту зулм кард»[4]. Мухтавои гуфтори мутафаккирро, агар аз як ҷониб бо мафҳуми "таҳаммулпазирӣ" ифода намуда, кина нагириф-

[1] Абдуллозода Ш. Фалсафаи одамият. Душанбе, 2003. -С.11.
[2] Barbara Smoken. Humanism. London. Wohki Zoch. Educatroual. 1973. -С.4.
[3] Қутбиддин Шерозӣ, Дуррату-т-тоҷ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мақсуд Бону Ҳумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386.-С.20.
[4] Ҳамон ҷо: -С.19.

тан, дар вуҷуди худ қудрати бахшидани дигарон, авфи гуноҳ ва раҳмдилиро парвариш намудан донем, вале аз ҷониби дигар, он метавонад катъи ҷасорат, бетарафӣ, шикастарӯҳиро ташаккул диҳад. Албатта, қобилияти бахшиш, авфи гуноҳ, барқарор намудани муҳаббат миёни инсонҳо аъмоли нақу ҳастанд, вале дар ҷойи зарурӣ ва мавқеи муайян, вале дар мавриди дигар, ин амал метавонад ба зарари худи инсон ва ҷомеа анҷом ёбад. Маънии аввал, метавонад рухияи ирфонӣ гирифта, боиси ғайрифаъолӣ, пассивии инсон, бесаҳамиятӣ нисбати падидаҳову воқеоти замон ва рӯҳи гуломӣ гардад. Дар ин маврид, андешаи К.Поппер, ки зимни баррасии назарияи "позитивизми ахлоқӣ" баён кардааст, қобили пазириш мебошад. Ин мухаққик менависад, ки "Интиқоди ахлоқӣ аз вазъи мавҷудаи умур имконнопазир аст, зеро худи ҳамин вазъият меъёрҳои ахлоқиро муайян мекунад. Замони оянда фақат замони ҳозираро ноил мекунад. Дар амалия бошад, ин назария маънои интиқоди ахлоқиро аз тартибу низоми ашё дорад, чунки ҳамин тартибу низом меъёрҳои ахлоқии мавҷударо муайян мекунад"[1].

Хулоса, аз таҳқиқи таълимоти Қутбиддин Шерозӣ маълум мегардад, ки "ахлоқ" илми фалсафиест (ҳикамӣ), ки мазмуну моҳияти он иборат аз ошкор намудани моҳияти хастии инсон, мақсаду мароми зиндагӣ, тафовути ӯ аз олами вуҷуд, бунёди зиндагии шоиста, саҳм гузоштан дар ташаккули ҷомеа, кобилиятҳои офаринандагӣ ва эҷоди арзишҳои олӣ мебошад. Тибқи таълимоти мутафаккир, инсон, нахуст ба мазмуну моҳияти ахлоқ бояд сарфаҳм равад ва сипас, рафтору аъмоли худро ба низом дароварад. Насли инсониро зарур аст, ки мақом ва ҷойгохи худро дар низоми ҳастии иҷтимоӣ муайян намуда, нисбати тақдири дигарон бегараф набошад. Ба андешаи Ибни Сино, инсон, сараввал ба ислоҳ кардани нуқсонҳои ахлоқии худ кӯшиш

[1] Карл Поппер. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Душанбе: «ЭР-граф». 2020. Ҷ.2. -С.184.

намуда, қувваҳои нафсонии худро ба низоми муайян дароварад ва пасон ба чораандешии масоили дигари иҷтимоӣ машғул гардад. Мутафаккир ба мавриди таъкид менамояд, ки «агар, касе аз ӯҳдаи сиёсати накӯ ва ислоҳи нафси худ барояд, он гоҳ боке бар вай нест, ки ба болотар аз вай иқдом карда, ба сиёсати билод бипардозад. Яъне, касее, ки худро ислоҳ карда бошад, метавонад ба сиёсату тадбири умури мардум иштиғол варзад».[1]

Воқеан, тарбияи ахлоқӣ, ки дар асоси дарки моҳияти нафс ва вобастагии фаъолияти инсон аз он роҳандозӣ мегардад, дар такомули шахсияти инсон ва ба ҷомеа интиқол додани узви бунёдкору созанда нақши муҳим мебозад. Агар, табиати разилатҳо ва нуқсонҳои нафси инсонӣ дарк ва ҷиҳати ислоҳи онҳо тадбири дуруст андешида шавад, инсон ба иҷрои нақшҳои дигари иҷтимоии худ омода гардида, бо сифати баланд онҳоро ба анҷом мерасонад.

Кутбиддин Шерозӣ ин вазифаҳои бунёдии ахлоқро мадди назар гирифта, дар таълимоти худ бо истифода аз таҷрибаи юнониён ва эрониёни бостон мароми асосии ин илмро муайян сохтааст. Илми мазкур, дар низоми таълимоти фалсафии мутафаккир ба сифати илме баромад менамояд, ки ғавассути он нафси инсонӣ, моҳияту табиат, сабабҳои мавҷудият, манфиати ахлоқу одоб, вазифаҳои он ва ғайра омӯхта мешаванд. Ӯ, дар баҳши аввали қутби сеюми «Дурат-ут-тоҷ», ки «дар таҳзиби ахлоқ» номгузорӣ шудааст, масоили баррасишавандаи ахлоқро тариқи даҳ фасл баён кардааст: «Афъол ва ахлоқи оқил бояд, ки бар вафқи маслиҳат нафси ӯ ба нафси олам бошад; ҳусн ва қубҳи афъол; афъоли мукаллаф; дар ахлоқ; фазилати ҳусни хулқ ва мазаммати суъйи халқ; дар баёни он чӣ дар ҳалли ҳусни хулқ ва суъйи хулқ гуфтаанд; дар баёни он ки ахлоқ қобили тағйир ва табдил аст; дар тариқи таҳзиби ахлоқ; дар баёни кайфияти сулук тариқи таҳзиби ахлоқ; дар ахлоқи маҳмуда ва мазму-

[1] Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил// Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди 4. Душанбе, 2008. -С.24-25.

ма»[1]. Аз мухтавои таълимоти мутафаккир бармеояд, ки ҳам ахлоқи назарӣ ва ҳам амалӣ, бо якдигар таносуби ногусастанӣ доштта, дарки моҳият ва мазмуни он баҳри амалӣ гардонидани ҳадафҳои олии инсонӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамин тариқ, бо вуҷуди ҷой доштани баъзе нуқсонҳо (идеологизатсияи ахлоқӣ) дар таълимоти Кутбиддин Шерозӣ метавон хулоса кард, ки ӯ моҳияти ахлоқро, асосан воқеъбинона иборат аз "ороиши инсон бо зевари илму адаб» ва ҳидояти он ба шиносхти мазмуни ҳаёт, такомули шахсият ва фарҳангофаринӣ медонад. Ин нуктаи назар баҳри ҷомеаи муосир хеле муфид ва арзишманд мебошад. Бахусус, дар давроне, ки таҳоҷуми фарҳангиву ақидавӣ дар ҷомеаи муосир бо суръати баланд рӯ ба афзоиш дорад. Ба қавли мутафаккир «ҳусни хулқ он аст, ки ҷафои халқ дар он асар накунад»[2].

Аз таълимоти Кутбиддин Шерозӣ бармеояд, ки моҳияти ахлоқ, на танҳо иборат аз донистани моҳияти ҳастии инсон, мақсади зиндагӣ, камолоти маънавӣ (сиёсати баданӣ), балки ҳафиқрӣ, муҳаббат нисбати насли башар ва муносибатҳои хайрхоҳона нисбати атрофиён низ мебошад. Истилоҳи пешниҳоднамудаи ӯ "дар ҷафои халқ асар накардан" андешаи арзишмандест, ки ҷомеаи муосир аз ҳарвақта дида ба амалӣ гардидани он пеъзи бештар дорад.

Ҷомеаи имрӯз, ниёзмандии бештар ба ахлоке дорад, ки тариқи он "хайри умум" таъмин ва хушбахтии инсонҳо пайгирӣ карда шаванд. Ба маънии дигар, ахлоке, ки "бо зевари илму адаб» инсони муосирро ороиш дода, дар гинати насли муосир аз "ҷафои халқ" парҳез карданро талаққӣ намояд. Барои дарки моҳияти чунин падида, шуури насли муосирро чиҳати шиносхти ин гуна арзиш сафарбар бояд кард. Яъне, ахлоқи ин наслро тарзе тағйир дод, ки ба умқи моҳияти ҳастии худ ва масъулиятҳои ба-

[1] Кутбиддин Шерозӣ. Дурратӯ-т-тоҷ. Баҳши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой Чопи дуввум. Теҳрон, 1386.-С. 4-77.
[2] Ҳамон ҷо: -С.31.

душдоштааш расида, аз эътиқодоти бебунёд ва таассубу хурофот парҳез намоянд.

2.2. Масъалаи тағйирпазир ва фитрӣ будани ахлоқ

Масъалаи тағйирпазир ва ё фитрӣ будани ахлоқ аз масоили мубоҳисавӣ дар афкори фалсафӣ ба шумор меравад. Ҳанӯз, дар фалсафаи бостон масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифта, гурӯҳе онро ба фитрат ва табиати инсонӣ мутааллиқ дониста, тағйирпазириро қабул надоштанд. Тибқи баёни Ҷолинус «дар ҷомеа одамоне ҳастанд, ки табиатан солеҳин ва накуахлоқ мебошанд ва ҳамзамон инсонҳое низ вуҷуд доранд, ки табиатан бадахлоқ ҳастанд. Дар байни ин ду гурӯҳ одамоне низ пайло мешаванд, ки ба ҳеҷ вақт ба сӯйи бадӣ майл надоранд. Сарфи назар аз он, ки шахсони дорои табиати бад хело зиёд буда, дар ҳеҷ ҳолат ба сӯйи хайр нахоҳанд рафт, лекин дар байни онҳо ҳатман гурӯҳе низ ҳаст, ки метавонанд бо маслиҳату дастурҳои аҳли фазл ба сӯйи хайру некӣ майл намоянд. Хислати онҳо, аслан устувор набуда, бо дастгирии одамони бадахлоқ бо осонӣ метавонанд ба гурӯҳи бадахлоқон шомил шаванд»[1].

Афлотун бошад, фазилатро сифати ирсии бетағйиру якхелаи тамоми одамон меҳисобид. Мувофиқи таълимоти ӯ: «инсон, фазилатро, на бо роҳи тарбия на бо он мақсад, ки фозил будан хуб аст, ба даст меорад, балки барои он фозил мешавад, ки аз ибтидо дар ниҳоди ҳар як фарди алоҳида мафҳумҳои фазилат, адолат, садоқат ва амсоли он вуҷуд дорад»[2]. Вобаста ба ин хусусият, Карл Поппер таълимоти Афлотунро мавриди танқид қарор дода, менависад, ки «Афлотун бар ин бовар буд, ки қонуни завол шомили заволи ахлоқӣ низ мешавад... Асолати таърихӣ дар таълимоти Афлотун созишнопазир ва пайдарпай тасдиқ мекунад, ки инсон қонунҳои сарнавишти таърихиро, ҳатто, агар онҳоро худи ӯ

[1] Рашод М. Фалсафа аз оғози таърих. Душанбе: Ирфон, 1990. -С.123.
[2] Платон. Сочинения. В 3-х томах. -М.: Мысль, 1973. Т3(1). -С.22-23.

кашф карда бошад ҳам, тағйир дода наметавонад. Ин гуна асолати таъриҳ бар он пофор мекунад, ки инсон наметавонад алайҳи ин қонунҳо даст ба иқдом бизанад, зеро ҳамаи нақшаҳо ва аъмолаш танҳо василаҳоеанд, ки тавассути онҳо қонунҳои сарсахти рушд чизеро амалӣ менамоянд, ки бояшон пешгӯӣ шудааст... Барои фаҳмидани беҳтари ин равиши мутлақо асолати таъриҳӣ ва тамоюли муттазод дар асолати таъриҳ, ки дар эътиқоди Афлотун бар имкони таъсир бар санавишт нуҳуфтааст, ман он қисми асолати таъриҳро, ки дар афкори Афлотун дармеёбам, бо равиши комилан мукобил, ки он ҳам дар афкори Афлотун ёфт мешавад ва метавон ба он назарияи муҳандисии иҷтимоӣ ном гузошт, дар мукобили ҳам қарор хоҳам дод»[1].

Ҳамчунин, сохти каставӣ дар фалсафаи браҳманияни Ҳинди бостон, ки фарзандии кастаи болоиро «асилзода» ва аз кастаи поёниро «нооқилу бадниҳод» медонистанд, тағйирнопазирии ахлоқ ва фаъолияти инсонро исбот менамояд. Дар мукобили таълимотҳои зикршуда, фарҳанги оригиналӣ ва тағйирбкунандаи озодӣ ва фаъолиятии инсон дар зиндагӣ мебошад: «Инсони онии зардуштӣ фарди ғайрифаъолу мунтазир ба фармони қуввахои фавқуттабиӣ намебошад. Ӯ дар фаъолияти рӯзмарраи худ озоду мухтор, кӯшо, ташаббускор буда, пайваста бо неруи хиради худ, ки аз Аҳурамазло касб кардааст, барои такомули олами моддӣ кӯшиш ба харч медиҳад»[2].

Зардуштия, ки асоси онро консепсияи бузурги ахлоқӣ «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «рафтори нек» ташкил медиҳад, инсонро дар дарёфти саодати зиндагӣ ва муайян намудани сарнавишти хеш масъул меҳисобад. Ба андешаи Ҳамидам Муминҷонов «зардуштия фаъолияти инсонро дар олами моддӣ муайян намудаӣ шуда, ба назди ӯ чунин ва-

[1] Карл Поппер. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Душанбе: «ЭР-граф». Ҷ.1. 2020. -С.52-53.
[2] Таърихи фалсафаи тоҷик. Фалсафаи аҳди бостон. Ҷ.1. Душанбе, 2011. -С.270.

зифа мегузорад: гу, ки дар олами модӣ дар озмоиши бузургги кайҳонӣ карор дорӣ, бояд, на факат худро ба он мутобик созӣ ва онро ба хонаи худ табдил диҳӣ, балки мунтазам ва ба таври дақиқ хамаи унсурҳо ва палидаю ҳодисаҳои онро биомӯзӣ, рохи гайкарлаи онро дарк кунӣ, ояндаи онро пешбинӣ ва тибқи он амал намоӣ»[1]. Вокеан, зардуштия, ки таълимоти он дар муборизаи хамешагии кувваҳои некӣ бар бадӣ асос ёфтааст, инсонро ба дарёфти бештари некӣ даъват намуда, таъкид менамояд, ки «маниш»-и инсон созандаи арзишҳои хаётӣ мебошад. Аз ин рӯ, инсонро мебояд, ки баҳри поксозии «маниш»-и худ чидду чахл намоял. Махз, ҳамин хусусияти чахонбинии ориёиро Гегел дар асари худ «Фалсафаи дин» мавриди баррасӣ карор дода, зикр менамояд, ки «Тамоми ҳаёти порс (ориёиҳо) дар ҳамин тариқат (пок доштани зохиру ботин ва мухити атроф) боял сурат гирад. Ӯ, на ба гӯшагирӣ, дурӣ аз зиндагӣ, монанди ҳиндувон пардозад, балки пайваста дар талошн зиндагӣ ва олами вучуд бошад. Баори хушхоливу хушнудӣ мусоидат намояд, дар гуфтор ва кирдор хайрро пеша кунад, дар байни мардум аз хайр пуштибонӣ намояд, ба мардум кӯмак намояд, дарахт шинонад, чӯйбор канад, мусофиронро сарпаноҳ дихад, заминҳои бекорхобидаро кишт кунад, гуруснагонро нон бидиҳад, заминро сероб кунад...»[2].

Масъалаи тағйирпазирӣ ё фитрӣ будани ахлоқ дар фалсафаи асримиёнагии точику форс низ бахсбарангез ва хусусияти рангорангӣ дорад. Барҳе аз намояндагони мактабҳои ахлоқӣ чунин андеша доштанд, ки хулқ хоси нафси вокеан, нотиқа дар он саҳми худро дорад. Барои мисол, Абӯнасри Форобӣ меандешид, ки фазилатҳои ахлоқӣ зотӣ ва чавҳарӣ набуда, иктисобӣ ҳастанд[1], яъне, онҳо дар равандди фаъолиятҳои инсонӣ ба даст оварда мешаванд. Ашъариён бошанд, дар он акида буданд, ки илми ахлоқ тавассути самъ, яъне паёмбар шинохта мешавад, зеро «акл чизеро вочиб карда наметавонад. Он косир ва махдуд аст, хусусияти вай он нест, ки сахеҳу фосид ва хайру шарро донад»[2].

Ба қавли равоқиён, инсон табиатан махлуки некӯсиришт буда, дар натичаи наздик шудан ба аҳли шарр ва чомеаи шахватпарастон тамоюлашон ба ду самт – нек ва бад табдил ёфтааст. Гурӯхе аз мутафаккирони чараёнҳои динӣ бар он назаранд, ки инсон аз гил офарида шудааст ва он тирагии олам аст. Аз ин рӯ, инсон табиатан золим ва бадкору бадахлоқ буда, танҳо бо рохи таълиму тарбия метавонад ахли хайру некӣ шавад. Қисми дигаре аз инсонҳо дар ҳолати хеле бади зулмату беахлоқӣ карор дошта, бо роҳи таълиму тарбия ислоҳ кардани онҳо гайримкон аст. Гурӯҳи дигаре аз инсонҳо, дар овони чавонӣ пойбанди бадӣ ҳастанд, вале бо роҳи омӯзиши адабу ахлоқ ва таклид ба бузургон ва аҳли хайру фазл аз ахлоқи бад ба нек мегузаранд.

Ҳамин тариқ, ахлоқро дар равиши инкишофи ҷамъият гоҳ офаридаи Худованд, гоҳ мукаррароти қонун, гоҳ ҳамчун қурбонии фаъолияти инсон ва гоҳ масъули ҳиссиёт хисобидаанд[3]. Ин гуногунандешӣ бонс гардидааст, ки то имрӯз доир ба иктисобӣ ва ё фитрӣ будани ахлоқ натичаи дақиқи равшанаванда вуҷуд надорад. Танҳо, андешаи файласуфони ақлгаро дар таҳқиқи масъалаи мавриди назар, ки бо такя ба далоили мантиқӣ кӯшиш менамоянд, иктисобӣ будани ахлоқро исбот намоянд, вале, шояд бо таъсири мухити фарҳангии давр ҷуръати ифшои қотеъонаи ин масъаларо накарлаанд, кобили таваҷҷӯҳ аст.

Қутбиддин Шерозӣ дар такя ба андешаҳои ратсионалистии мутафаккирони пешин бар он муътакид аст, ки им-

[1] Муминджонов Х.Х. Философские проблемы зороастризма. Душанбе, 2000. - С. 53-54.
[2] Гегель Г.В.Д. Философия религий. М.1977. -С.18.
[3] Чорч Гуревич. Ахлоки назарӣ ва илми одоб. Тарчумаи Ҳасан Ҳабибӣ. Техрон, 1358. -С.68.

[1] Аль Фараби. Социально-этические трактаты. Алма-Ата: Наука. 1973. -С.121.
[2] Ойдо Чахроконӣ. Илми калом ва мабохиси каломӣ. Техрон, 1358. -С.81.
[3] Музаффари М. Антропологияи орӣёи. Душанбе, 2009. -С.13.

кон дорад шахси бадфитрат бо роҳи таълиму тарбия ба сӯйи хайру некӣ майл намояд, аммо ин рафтор агар муваққатӣ бошад, натичаи мусбат нахохад дошт. Омӯзишу тарбияи доимӣ ва пеш гирифтани сиёсати фозилона метавонад як тағйироти мусбатеро дар амалу рафтори ин гурӯҳ одамон ба бор оварад, дар сурате, ки кисмате аз онхо таълиму тарбияро пазируфта, ба тадрич ба фазилатхо рӯй биёранд. Аммо, кисми дигаре аз онхо фазилатҳоро қабул кунанд хам, лекин ба аслу моҳияти он ба тадрич хоханд дастёб шуд[1].

Тибқи назари Қутбиддин Шерозӣ, ки хамоханг бо таълимоти мутафаккирони пешгузашта аст, хама гуна хулқро метавон тағйир ва хама нуқсони ахлокиро бартараф намуд. Агар, Арасту таъкид карда бошад, ки «фазилатҳои мо аслан табий набуда, берун аз мо қарор доранд»[2], Қутбиддин Шерозӣ ба даст овардани онҳоро аз чониби инсон амри табий медонист. Инсон онҳоро касб намуда, дар ин раванд такомул хохад ёфт: «Ашёи табииро, инсон, аввалан билқувва аз худ мекунад ва он сипас ба феъл (билфеъл) табдил меёбанд. Инро метавон дар мисоли эхсосоти инсон шарҳ дод. Инсон, на аз рӯйи бехад шунидану дидан, эхсоси дидану шуниданро ба даст меорад, балки аз рӯйи эҳсос онро ба кор мебарад»[3].

Маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ бо такя ба таълимоти мутафаккирони пешин доир ба тағйирназир будани ахлоки инсон эътимод дошта, бар он бовар аст, ки барои инсон «хеч чизе аз ахлоқ на табий аст ва на ғайритабиӣ»[4], аммо инсон аз рӯйи табиати худ барои пазироии одобу қабули амалҳои нек омода буда, онро бо роҳи таълиму тарбия, ба тадрич метавонад аз худ намояд. Мутафаккир зикр менамояд, ки «агар тағйиру табдили ахлоқ мумкин набудӣ, амр кардан ба таҳсини ахлоқ муҳол будӣ»[1].

Андешаи мазкурро, ханӯз Ибни Сино баён карда, дар «Рисола дар ахлоқ» қайд карда буд, ки «Чизи ҷавҳарӣ дар донистани ин масъала ин аст, ки инсон аз азал дорои қуввасет, ки тавассути он феълу инфиъолоти зеборо ба вуҷуд меорад. Ва худи он қувва кирдорҳои нописанду ношоямро низ амалӣ мекунад. Ҳама ахлоқи писандида ва носазо аз рафтору кирдорхо падид омада, иктисобианд ва инсон метавонад, дар ҳоле, ки хулқи муайян надошта бошад, онро дар нафси хеш хосил намояд. Ва ҳар гоҳ иттифоқ афтад, ки нафсаш дорои хулқи муайян гардид, раво бошад, ки ба воситаи иродааш аз он хулқ ба хулқи дигаре, ки зидди ин хулқ аст, рӯ оварад»[2]. Нуктаи асосӣ дар иктибосҳои овардашуда «мақсад» (ҳадаф) ва «одат» мебошад, ки харду дар натичаи кӯшиши пайваста ба даст меоянд. Агар, инсон чониби ичрои амали нек майлу хохиши худро сафарбар намояд ва пайваста бар такрори он кӯшад, ҳатман муваффақ хоҳад шуд. Мавҷудияти хадаф ва мақсад, зиндагии инсонро маъно бахшида, набудани он боиси аз байн рафтани хушбахтӣ ва хаёти бемаънии инсон хохад гашт. Ба ин маънӣ, ҳадафу мақсад дар тағйир додани ахлоқ, пайдо гардидани одат дар самти хулқи нек ва ба ин васила таъмини саодати вокеӣ нақши ҳалкунанда дошта метавонанд.

Тағйирназирии ахлоқ ва хосияти иктисобӣ доштани онро Қутбиддин Шерозӣ бо далелҳои ақливу мантиқӣ исбот намуда, назари худро бо мушоҳидаҳои амалӣ ва тачрибаи фаъолиятхои инсонӣ асоснок менамояд. Тибқи назари ӯ, инсон, на танхо қобилияти тағйир додани хулқу атвори худ, балки ҳайвонҳоро (бахоим) низ доро мебошад. Тачрибаи таърихӣ нишон медихад, ки инсон, бо истифода аз қобилиятҳои зеҳнӣ ҳайвоноти гуногунро ба худ ром кардаву хулқи зотии онҳоро тағйир додааст. Мутафаккир дар ин бо-

[1] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиши Мохдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386. -С.25.
[2] Аристотель. Никомахова этика. – Кн.6. Соч.в 4т.- М.: Наука, 1983. -С.34.
[3] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиши Мохдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386. -С.26.
[4] Хамон чо: - С. 27.

[1] Хамон чо: -С.27.
[2] Абуалӣ ибни Сино. Рисола дар ахлоқ// Осор. Ҷ.2. Душанбе, 2005. -С.651.

бат зикр менамояд, ки «Аспи шавуз, ки ҳайвони ваҳшӣ аст, метавон ром кард ва саги гуруспаро, ки аслан хулқи ӯ таом хӯрдан мебошад, метавон чунон тарбия кард, ки вай, ҳатто сайди шикориро нахӯрада, ба сохибаш бар мегардонад»[1].

Чуноне ки қаблан зикр намудем, баъзе аз мутафаккирони пешин таъкид кардаанд, ки тағйир додани ахлоқи инсонӣ ғайриимкон аст, зеро вай ба ботини инсон дахл дошта, ба мисли сурати зоҳирии инсон тағйрнопазир аст. Барои мисол, дарозро наметавон кӯтоҳ кард ва кӯтоҳро дароз. Аз ин рӯ, сурати ботин низ, қобили тағйиру таъдил шудан нест. Андешаи мазкурро Қутбиддин Шерозӣ ба қолаби дуруст дароварда, таъкид менамояд, ки «.... ҷавоби ин шубҳат он аст, ки изолати қувваи ботин, ки шаҳвату ғазаб аст, мумкин нагардад. Зеро, ки он қувваҳо аз барои масолихи зарурӣ офаридаанд, чунки, агар шаҳвати таом қатъ гардад, одамӣ халок шавад. Ва, агар шаҳвати ҷинсӣ ба куллӣ қатъ гардад, насл ва дар ниҳоят навъи одамӣ намонад. Ва, агар куввати ғазаб ба куллӣ қатъ гардад, одамӣ дафъи зарар ва мухликот аз худ натавонад кард ва халок гардад. Ва, аммо ради он кувваҳо аз тарафи ифрот ва тафрит, ки харду ба масобати маризанд ба ҳадди эътидол тавон овардан, хамчунон ки мизочи мунҳариф ба ҳадди эътидол ба тарафи ифрот ва ё тафрит ба ҳадди эътидол боз метавон овардан ба муолиҷа. Ва, хамчунон, он қувваҳоро аз инҳироф ба тарафи ифрот ва тафрит ба ҳадди эътидол боз тавон ки ба қолаби ҷинсӣ ва қувваи вуҷудияти инсон алокаманд хастанд. Мақсур аз тағйирпазирӣ, комилан тағйир додани моҳияти инсонӣ нест, танҳо ҳадаф тағйири хулқу атвор аст, ки тариқи касб кардани фазоил равишҳоро дигар кардан имконият дорад. Назари мазкур, ба андешахое равона шудааст, ки хосиятҳои инстинктивиро ирсии инсонро ба ҷойи

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Техрон, 1386. -С.27.

[2] Хамон чо. -С.26.

аввал гузошта, кобилияти акливу хирадии инсонро дар зинаи дуюм мегузоранд, ки ба ақлу мантиқ мухолифат менамоянд. Дуруст аст, ки хосиятҳои ирсии инсон табиӣ ҳастанд, вале наметавон хулоса кард, ки бе таълиму тарбия ва таъсири атрофиён нетеҷлодҳои табиӣ афзоиш ёфта, инсонро ба саодат мерасонанд.

Аз гуфтаҳои Қутбиддин Шерозӣ бармеояд, ки барои нонл гардидани инсон ба дарачаи камолот зарур аст, ки ӯ дар доираи чаҳор мартабаи такомул амал намояд: «мартабаи аввал он аст, ки инсон, бояд окилу доно бошад ва тавонад фарқ миёни хакку ботил ва зебову зиштро муайян созад. Вай, тавассути ақл ҷачоми шаҳватро ба дасти худ гирад; мартабаи дуввум он аст ки, инсон бояд миёни хакку ботил ва неку бад фарқ гузошта тавонад. Дар ин мартаба, на инсон накукор, балки дорои аъмоли бад шомил мебошад. Чунин касро зери муолиҷаи бадкорон қарор додан хеле душвор аст. То он замоне, ки аз вай одатхои бадро аз байн набурда бошанд, вай наметавонад амали некро қабул намояд; мартабаи севвум он аст, ки ҳолати рӯҳии инсон чун ҳолати инсонӣ дувумӣ бошад, лекин дар хаёли худ пиндорад, ки он феълхои баду нек буда, мулоиҷаи онҳо хеле душвор аст; мартабаи чорум ин аст, ки холати инсон ба мисли ҳолати мартабаи сеюм буда, фарқияташ дар он аст, ки вайро тарк карда бошад. Инсон пиндорад, ки кадри вай аз фазилаташ баланд хохад шуд»[1].

Ба андешаи Қутбиддин Шерозӣ, ин дарача дар ҳолати касб кардани ахлоқе ба амал хохад омад, ки рафтору амалҳои аз вай содиршаванда ҳама зебову наку бошанд. Албатта, расидан ба ин дарача хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, саравваl, инсон бояд донад, ки нафс чист? Мақоми вай дар таҳзиби ахлоқ то кадом дарача аст? Сарчашмаи он кадом аст? Ҳадафи нафс дар вуҷуди инсон аз чӣ иборат аст? Камолу гоят ва қувваю малакахои нафс чӣ гуна ҳосил мешаванд?

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Техрон, 1386. -С.28.

Пасон, метавонад ба таҳзиби ахлоқ шарафёб шавад. Яъне, шиноҳтани моҳияти фазилат ва разилат қадами нахустинест, ки инсонро ба тағйир додани ахлоқи худ водор месозад. Ба маънии дигар, «ҳадаф», ки водоркунандаи ҷустуҷӯҳои инсон дар роҳи саодат аст, василаи дарёфти моҳият ва маъноӣ зиндагӣ мебошад. Дар ин бобат профессор М.Музаффарӣ бамаврид қайд менамояд, ки «...инсон мехоҳад, ки каси дигарро дӯст дорад, ҳамдардӣ кунад, бо кассе ҳамроҳ бошад, ахбори нав ва моҳияти ҳастиро бифаҳмад. Агар чунин кӯшиш дар табиати инсон набошад, пас ҳаёти ӯ бемаънӣ, беҳадаф ва нодаркор ба назар мерасад. Ҷустуҷӯи ахлоқ, худ ҷустуҷӯи моҳияти зиндагист. Аз ин ҷост, ки баҳри дарёфти моҳияти зиндагӣ, инсон оромӣ, саломатӣ ва ҳатто ҳаёти худро дар хатар мегузорад. Агар, инсон дар зиндагӣ бе ҳадаф бошад, ба саломатии ӯ зарари ҷиддӣ мерасад»[1].

Қутбиддин Шерозӣ ҳадафу мароми инсон дар зиндагиро, ки боиси тағйирпазирии ахлоқи ӯ ва касби фазилатҳо мегарданд, ба қувваҳои нафсонӣ вобаста медонад. Тибқи таълимоти мутафаккир, «дар инсон қуввае ҳаст, ки на ҷисм асту на ҷузъе аз ҷисм ва на араз. Вуҷуди вай ба ҳеҷ қувваи ҷисмӣ мӯҳтоҷ нест, балки вай ҷавҳари басити ғайри маҳсусест, ки бо ҳиссҳои панҷгонаи инсон дарк карда намешавад. Нафс, ба худ дар табдилу тағйир рох намедиҳад ва тамоми аҳёро баробар дарк менамояд, ба ҳеҷ ваҷҳ дучори нестшавӣ, мондашавӣ ва пуқс нахоҳад шуд, вале қувваҳои он тағйирёфта ба вуҷуд меоваранд»[2]. Хусусияти тағйирпазирии нафсро, Қутбиддин Шерозӣ ба ҷавҳари бунёдӣ нисбат дода, қувваҳои аз он содиршавандаро дар ҳоли тағйиру табдил медонад, вале инҳо тағйироти бунёдӣ нестанд. Онҳо, танҳо бо таъсирпазирии муҳит, илова кардани хусусиятҳои дигар метавонанд қувват пайдо намоянд. Дале-

[1] Музаффарӣ М. Антропологияи орифӣ. Душанбе, 2006. -С.17.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Баҳши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиши Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. -С.27.

ли мантиқии мутафаккир дар ин маврид он аст, ки «Ҳар як ҷисми дорои сурати муайян суратеро аз ҷинси сурати баъдина танҳо, пас аз тарки сурати аввала қабул карда метавонад. Барои мисол, агар ҷисм сурате ва ё шакле аз шаклҳои секунҷаро доро бошад, шаклу сурати дигареро аз қабили чоркунча, доира ва амсоли онҳо, фақат баъд аз ҷудо шудан аз шакли аввала пазируфта метавонад. Дар сурате, ки агар дар он қадом як чизе аз сурати аввала боқӣ монад, дар он ҳолат вай сурати дуюмро пурра қабул намекунад, балки ба ҳар ду сурат омехта шуда, аз онҳо тамоман ҷудо нахоҳад шуд. Дар фаркият аз ҷисм табиати нафс тамоман дигаргун аст, зеро он сурати аҳёро сарфи назар аз тамоми ихтилофи ҳиссҳои панҷгона ва бидуни ҷудо шудан аз сурати аввала, тому комил қабул мекунад. Аммо, дар нафс баръакси ҷисм сурати аввалӣ тому комил боқӣ мемонад. Сурати дуввумиро низ бидуни ҳеҷ тағйирёбӣ пурра пазируфта ва на заиф мешаваду на кӯтоҳӣ мекунад, балки бо омадани сурати дигар, ба сурати аввала қувват мебахшад»[1].

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки масъалаи шиноҳти ҷавҳари нуҳуфта дар нафси инсонӣ ҳанӯз аз фалсафаи бостон огоз гардида, дар тезиси машҳури Сукрот «Худро бишнос» инъикос ёфта буд. Моҳияти тезиси мазкур он аст, ки инсон бо ҷидду ҷаҳд ва талоши мақсадноқ аз ҷавҳари фитрии худ истифода намуда, сифатҳои созандагии худро тақвият бубахшад. Дар ин росто Абубакр Закариёи Розӣ зикр менамояд, ки «...шоиста аст ҳар одамӣ хирадии худро дар ҳар ҳунаре, ки андаке з-он медонад, парвариш диҳад, ки дар ҳангоми ниёз ва бархӯрд бо он з-он суд бибарад, чу одамӣ аз ҳеҷ ҳунаре, ки ниёзманди он аст, бениёз намебошад».[2] Тибқи назари Закариёи Розӣ, ки Қутбиддин Шерозӣ низ бо он мувофиқ аст, дар тинати инсонӣ «аз ҳар ҳунаре андаке» вуҷуд дорад, ки дар натиҷаи таъсири таълиму тар-

[1] Ҳамон ҷо: -С.29.
[2] Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. Тибби мансурӣ. -Душанбе: «Довиш», 2016. -С.10.

бия, омӯзиш ва чахлу талош «бо омадани сурати дигар. ба сурати аввала қувват мебахшад», метавонад, ахлоки худро тағйир диҳад. Андешаи мазкурро пайгирӣ намуда, Иммануэл Кант иброз медорад, ки «сифати хоси инон бадсиришти ва бадандешист»[1]. Назари зикршуда бар он далолат менамояд, ки дар тинати инсон (нафс) тухмаи некиву бадӣ пухуфтааст ва тавассути перӯ гирифтан ҳар каломе метавонад хубтар нумӯ кунад.

Вобаста ба ин, таъкид бояд намуд, ки ахлоқ, аз назари Кант «қонунест», ки новобаста аз омилҳои инсонӣ ва ғайриинсонӣ (дар хиради холис) вучуд дорад ва ба ҳеҷ вачх наметавон онро аз сарчашмаҳои онтологии ғайриинсонӣ вобаста донист, зеро ин амал метавонад ба мухторияти инсон тихоби ахлоқӣ монеа эҷод намояд. Дар таълимоти Кант, ахлоқ, тавассути мухторияти ирода амалӣ мешавад. Яъне, иродаи инсон дар интихоби амалҳо комилан озод буда, қонуни ахлоқи олиро амалӣ месозад, зеро «фақат иродаи нек ба амалигардонии интихоби дуруст қодир аст».[2]

Таъкиди Кутбиддин Шерозӣ бар он аст, ки инсон дар натичаи риёзат ва тамрини маърифат, фахмиши худро таквият мебахшад. Ба маънии дигар, дар натичаи таъсири мусбат ё манфӣ расонидан ба чавҳар (нафс) арази мувофиқ аз он содир мегардад. Мутафаккир зикр менамояд, ки «Нафс на чисм аст на араз, зеро араз ҳамеша дар худ маҳмул мебошад. Дар ғайри худ мавчуд дар зоти худ қивом надорад. Аммо, «чавҳар» абадию комил дар интиқоли аразҳо мебошад»[3]. Андешаи фавқ бар он далолат менамояд, ки «нафс» чавҳари қоим ба зоти худ аст, ки на дарозӣ, паҳной ва умқеро, ки ба василаи онҳо чисм метавонад чисм шавад, надорад, вале дар он «кувваи вахмӣ» ҳосил шуда, боиси касб кардани хусусиятҳои аразӣ мегардад. Аз ин рӯ, нафс манбаи

[1] Кант И. Трактаты и письма. - М., 1984. -С.7.
[2] Бердиев Ш.П., Шомуродов Б.Б. Этика. Душанбе, 2016. -С.150.
[3] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиши Мехдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386. -С.28.

шарифи олие мебошад, ки дар асоси он «киёсҳои саҳеҳ» бино ёфта, инсонро ба интихоби самти фаъолият раҳнамун месозанд. Бо ҳамин сабаб, Кутбиддин Шерозӣ таъкид менамояд, ки: «афъоли хуб аз хулқи неку оял ва афъоли қабеҳ аз хулқи бад»[1].

Аслан, ин андешаҳо кашфиёти Кутбиддин Шерозӣ набуда, пеш аз ӯ низ баён шудаанд. Масалан, дар таълимоти Форобӣ, Ибни Сино, Насриддин Тусӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ кобилияти тағйирпазирии ахлоқи инсонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дорои арзиши илмӣ ҳастанд, вале қисме аз онҳо масоили диниву эътиқодиро низ ба инобат гирифтаанд, ки ба илмияти масъала таъсири манфӣ мерасонад.

Тафовути таълимоти Кутбиддин Шерозӣ аз мутафаккирони зикршуда дар он аст, ки ӯ ахлоқро аз дин болотар гузошта, онро «илми фалсафӣ», ки хусусияти умуминсонӣ дорад, мавриди таҳқиқ қарор медиҳад ва қисмате аз андешаҳои мутаноқизи диниро танқид менамояд. Масалан, дар тариқати таҳзиби ахлоқ ҳадисеро аз пайғамбари ислом баён медорад, ки «ҳама бо фитрати пок ба дунё меоянд....», вале ба он қатъиян розӣ нашуда, иброз медорад, ки «агар, тағйиру табдили ахлоқ мумкин набудӣ, амр кардан ба таҳсини ахлоқ муҳол будӣ»[2]. Ҳамчунин, ифодаи «ахлоқатонро неку кунед»[3] низ ба ҳамин маънӣ ифода мешавад.

Дар ин маврид, назари мутафаккирро комилан мантиқӣ ва ратсионалӣ метавон гуфт, зеро усули муқоисаро хеле нозукона ва моҳирона ба кор бурда ишора менамояд, ки инсон мавҷуди табиат ва вобаста ба таъсири муҳит ва ҷомеаи инсонӣ метавонад ахлоқи худро мукаммал гардонад. Тибқи назари ӯ, агар фитрати инсонӣ аз нахуст комилан нек мебуд, бузургони дину илм тарбияи инсонро ба такрор таъкид намекарданд.

[1] Ҳамон ҷо: -С.27.
[2] Ҳамон ҷо: -С.27.
[3] Ҳамон ҷо: -С.28.

Мутафаккир, бо назардошти мухити фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа кӯшиши ҳамоҳанг намудани таълимоти ахлоқии дин ва ахлоқи ратсионалиро намуда, тағйир додани ахлоқро ба «мақсаду ният» ва «хоҳиш» вобаста медонад. Аз нуқтаи назари ӯ, инсонро зарур аст, ки чиҳати касби камол пеши худ мақсад гузорад ва ин мақсад ҳатман дар асоси хоҳиши ӯ бошад. Го он замоне, ки байни ин зуҳурот робитаи мутакобила мавҷуд набошад, тағйироти ботинии инсон ба вуҷуд наҳоҳад омад. Ҳамоҳангии ин зуҳурот ҳамоҳангии инсонро бо олами ҳастӣ ва ҷомеа ба вуҷуд оварда, мартаба, ҷойгоҳ ва камолоти инсониро дар низоми олами мавҷудот муайян менамояд. Ба ибораи дигар, инсон ҳамчун «олами сағир» инъикоси (эйдоси) «олами кабир» буда, рӯҳи таҳзибёфта ва покгардидаи вай аз фазилатҳои ахлоқӣ ҳамчун нерӯи пайвандгар ва муттаҳидсозандаи олами ҳастӣ ва метафизикӣ (мобадуттабиа) ҳидмат менамояд. Аз ин рӯ, пайваста зоҳиру ботин ва ягонагии онҳо аз «ният» шурӯъ гардида, то таҳзиб ва покизагии вуҷуд ба «амал» анҷом мепазирад ва боиси ахлоқи паку хоҳад гашт: «Ва хулқ иборат аст аз ҳолати росих собитшуда дар нафс, ки афъол, ки аз вай содир шавад ба осонӣ содир шавад, бе ҳоҷат ба фикрате. Ва мабдаи ҷумлаи ахлоқ чаҳор қувват аст: қуввати ақл, қуввати шаҳват, қуввати ғазаб ва қуввати адл, ки аз эътидоли ин се қувват ҳосил мешавад»[1].

Хулқ, ҳамчун «қонуни вуҷуди инсон» - «ноумус» (Афлотун), «қонуни ахлоқӣ дар ман» (И.Кант) амалҳои инсониро зери назорат гирифта, бо иҷрои вазифаҳои хеш инсонро пойбанди «ҳадди васат» (миёна) мекунад. Ин худ нуқтаи камолот ва мақоми инсон дар низоми офариниш ва ҷузьи («логос») кайҳон будани инсон мебошад. Ба қавли Қутбиддин Шерозӣ низ «чун қуввати ақл ба ҳоли «эътидол» ва ё муътадил, ки он ҳадди миёна аст расад, ин худ ҳолати камолот буда, ба осонӣ тавонад фарқ миёни

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо эҳтимоли Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи дуввум. Техрон, 1386. -С.31

садоқат ва кизбро муайян созад ва «ҳусну қубҳи афъол ва ҳаққу ботили эътиқодот»-ро нишон диҳад. Нафс, дорои қудрати бузург буда, бо истифода аз ақл метавонад қуввати шаҳвату ғазабро ба ҳолати эътидол ва камол оварад ва онҳоро мутеи ҳукми худ созад. Дар натичаи аз ҷониби ақл идора гардидани ин қуввахои разила онҳо тадриҷан ба фазилат мубадал мегарданд: «Ва адл ҳардуро мазбут мелорад то аз ҳукми ақл ва ҳикмат берун нараванд ва дар тоату фармони эшон бошанд. Ва чун камоли ин се қувват ба адл рассад, натичаи он ҳусни ахлоқ ва афъол бошад. Ва эътидолу камоли ин се қувват бадон бошад, ки дар васат афтанд ва аз тарафи ифроту тафрит, ки ҳарду мазмуманд дур бошанд»,[1]

Аз нигоҳи Қутбиддин Шерозӣ ҳолати эътидол чунин ҳолати психологиест, ки баробарвазниро ба вуҷуд меорад ва ба ҳукми ақлу ҳикмат пеши роҳи «ифрот ва тафрит»-ро мегиранд. Масалан, «аз ифроти қуввати ақл, макру ҳилла ва фиребу найранг ба вуҷуд омада, аз тафрит ҷаҳлу нодонӣ, ҳамоқат, ҷунуну девонатӣ бармехезад. Лекин, дар сурати ба ҳолати эътидол овардани онҳо ҳусни тадбир, суботандешатӣ, фатонат ва иттилоъ ба дақиқ будани амалҳо ва ҳарчи аз осори ҳикмат аст, зоҳир мегардад»[2].

Дар ҳолате, ки «ғазаб» дар тарафи ифрот афтад аз вай таҳаввул ва такаббур тавлид мешавад. Агар, дар тарафи тафрит афтад, аз он «мазалат», «ҳасосӣ», «буздилӣ», «ҷавр» (беадолатӣ) ва баднафсӣ падид меояд. Лекин, дар ҳолати эътидол аз он шуҷоат, карам, шаҳомат, бузургнафсӣ, илм, виқор ва монанди инҳо падид меояд. Дар ҳолате, ки қуввати шаҳват дар тарафи «ифрот» афтад аз вай ҳирс, шарах, шаҳватпарастӣ сар мезанад, лекин, агар, дар тарафи «тафрит» афтад, аз вай бемайлӣ ва адами хоҳиш ба шаҳват пайдо мешавад. Дар сурате қуввати шаҳват ба ҳолати эътидол ояд аз он фазилатҳои иффат, ҳаё, сабр, ҷавонмардӣ, парҳезкорӣ,

[1] Ҳамон ҷо: -С.32.
[2] Ҳамон ҷо: -С.32.

тозарӯйӣ, назофат, зарофат ва монанди инҳо пайдо мегарданд. Ба қавли Қутбиддини Шерозӣ барои ин қуввахо ҳолати миёна ҳолати бехтарин ва идеалӣ буда, тамоми қуввахои бад ва разилатҳо таҳти назорати акл қарор мегиранд. Ин чаҳор қувва, аз нигоҳи мутафаккир асли чавхари ахлоқи нек ва бад мебошанд. Натичаи камолоти қувваи акл ҳикмат буда, камоли қуввати газаб - шуҷоат ва қуввати шаҳват - иффат ба ҳисоб мераванд. Ҳар инсоне, ки бо қудрату тавоноии акл ва ҳаракату тамрин ба сӯйи камолоти рӯҳӣ ва ҷисмӣ майл дорад, дар натича фазилатҳои хикмат, шуҷоат, иффат ва адолат, ки ҳадди васат ҳастанд ва дар байни зулму ситам ҳосил мегарданд, дастёб мешаванд ва инсон ба дарачаи камолоти вокеӣ хоҳад расид. Яъне, инсон разолатхоро ислоҳ намула ва ба фазилатҳо мерасад. Дар сурати акс фитрати инсонӣ коста гардида, «тамоюли вай ба сӯйи шайтон зиёд мегардад ва дар хар ҷихат ба дарачаи шайтон наздик хохад шуд».[1]

Мурод аз «дарачаи шайтон», пастфитратӣ, сифлагӣ ва дорои сифатҳои манфӣ будани инсон мебошад. Ба андешаи Қутбиддин Шерозӣ, дар байни инсонҳо сифатҳои мухталиф вуҷуд дорад, ки тафовутро миёни онҳо муайян месозанд. Масалан, истилоҳи «инсон» мафҳумест, ки барои ифодаи хама насли башар истифода мешавад, вале миёни онҳо сифатҳое вуҷуд доранд, ки фарқкунанда ҳастанд. Тафовут миёни насли инсонӣ, бештар тавассути ахлоқ муайян карда мешавад, зеро бо вуҷуди фаркияти шаклӣ, инсоният аз рӯйи феълу атвор ва ҳусну кубҳи хулқ дар ҷомеа мавқеъ пайдо менамояд ва ё манзалати худро аз даст медиҳад. Ин тафовутро метавон дар мисоли «шампери тез» ва «шампери кунд» мушоҳида кард. Сарфи назар аз он, ки ин ду ашё бо як ном ифода шудаанд, лекин, дар асл аз хам тафовути зиёд доранд. Насли инсонӣ низ, ҳар кадом дорои хулқу атвор ва феълу хосияти фарқкунандаи худ ҳастанд. Пас, фозилтарини

[1] Хамон ҷо. -С.33.

ашхос онхое хастанд, ки дорои феъл ва амалу хислати пакӯ мебошанд.

Қутбиддин Шерозӣ нафси инсонро, дар баробари дорои «фазоил» будан, ничунин, дорои қувваи «баҳимӣ», «сибоӣ» ва «нотика» мепиндорад. Тавре ки қаблан зикр намудем, дар сурате, ки яке аз ин қуввахо ба дигарашон голиб оянд, рафтор ва иродаи инсонро ба дасти худ хохад гирифт. Дар чунин ҳолати бавчудомада, нуқсони қувваи акли инсонро ба дарачаи ҳайвон мебарад ва қуввахои газабу шаҳват ба заифӣ ва нотавонии инсон таквият мебахшанд. Барои хамин, зарурат ба миён меояд, ки ба тарбияи инсон диққати бештар равона гардида, дар тинати ӯ, аз рӯзгори нахуст одатҳо ва хислатҳои пакӯ парвариш ва тарбият карда шаванд. Яъне, инсон гизоро ҳамон қадаре истеъмол намояд, ки барои муназзам нигоҳ доштани вуҷудаш кифоят кунад, аз либос низ ба қадре истифода барад, ки бадани ӯро аз таъсири гармию сардӣ эмин дорад. Ба шаҳват то дарачае майл кунад, ки танҳо барои идомаи насли инсон зарур ва дар доираи тақозои муътадили ҷисм бошад. Ин дар он холате ба вуҷуд меояд, ки қувваи аклонии инсон дар сатҳи зарурӣ шакл гирифта бошад ва имкон пайдо намояд, ки амалҳои дигари нафсониро таҳти назорати худ бигирад. Бо истифода аз перӯи акл дар кашфи моҳият ва маъниву ҳадафи зиндагӣ кӯшида, ҳикматро дарк ва мавқеи хешро дар низоми ҳастии кайҳони модӣ ва метафизикӣ муайян месозад. Дар ҳолати акс, яъне пирӯз шудани қувваҳои шаҳвониву ғазабӣ, инсон метавонад ба дарачаи дарандаи зараровар мубаддал гардад. Инсон, бояд донад, ки вай танҳо ба василаи нафси нотика аз хайвон фарқ мекунад, зеро нафси нотика моҳияти инсонии ӯро ифода менамояд. Аз ин рӯ, шарифтарин шахс ҳамон инсоне ба шумор меравад, ки нисбат ба дигар шаклҳои нафс дар вуҷуди ӯ нафси нотика мавқеи аввалиндарача дошта бошад ва қуввавву тавонои инсон барои гаквияти он бахшида шуда бошад. Инсон, ҳамеша, бояд дар хотир нигоҳ дорад, ки дар ҳолати пирӯзии ду нафси дигар вай аз марта-

баи инсонӣ поён хоҳад омад. Яъне, одатҳои ғайриахлоқиву ғайриинсонӣ дар шахс падид омада, боиси коҳиш ёфтани обрӯ ва мақому манзалати вай дар чомеа хоҳад гашт. Илора кардан ва муайян намудани мақоми хеш дар ҷомеаи инсонӣ аз худи инсон вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳар кас метавонад худро ба дараҷаи хайвон паст намояд ва ё ба дараҷаи камолоти воқеӣ расонад.

Ҳамин тавр, метавон таъкид кард, ки хулқи инсонӣ ва мақому мартабаи он рукни асосии таълимоти ахлоқии Қутбиддини Шерозӣ буда, мутафаккир дар ин самт ба лоиҳаву таҷрибаи худ, инчунин андешаҳои мутафаккирони Юнону Рум, Эрону Ҳинд ва гузаштагони бузурги форсу тоҷик рӯй оварда, дар асоси таҳлилу баррасии осори онҳо таълимоти худро пешкаш кардааст. Ахлоқ дар низоми илмҳои амалии мутафаккир ҳолати рӯҳии ғайритабиии инсон буда, бо тадриҷ дар нафси инсон суратбандӣ мегардад. Ӯ, мартабаи фазилатҳои ахлоқиро аз илмҳои дигар болотар гузошта, меъёри онҳоро аз моҳият ва ҷавҳари инсонӣ вобаста медонад. Камолоти воқеии инсонӣ дар таълимоти мутафаккир аз таносуби амалкард ва нуфуз доштани қувваҳои «олима» ва «омила» иборат буда, яке ба манзалати сурат ва дигаре ба ивази модда мебошанд, ки бидуни якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Оид ба ҷойгоҳи қувваҳои ботинии нафс мутафаккир ҷонибдори андешае мебошад, ки тибқи он нафси инсонӣ, яъне нафси нотиқа, болотарин ва олитарини нафсҳо буда, дигар қувваҳо бояд тобеи он шаванд. Яъне, инсон, танҳо бо фазилати нафси нотиқаи хеш аз дигар мавҷудот тафовут дорад ва аз ин лиҳоз, бояд дар вуҷуди инсон нафси нотиқа ҳамеша дорои бартарият бошад. Аммо, ин бартарият тавассути чанд омил ба даст меояд – тарбия, таъсири ҳамнишин ва ислоҳи нуқс ва камбудиҳои ахлоқӣ.

1. Тарбия. Инсон, бешак мавҷудест, ки бо вуҷуди табиатан доштани чавҳари шуур ва қобилияти фаҳму дарк, ниёз ба тарбияи мувофиқ дорад. Дар сурати таъсири номувофиқ метавонад дар ӯ қувваҳои разолат тапаккул ёфта, қувваҳои фозиларо пахш намоянд. Қутбиддин Шерозӣ бар он назар аст, ки «хулқи бахоим»[1], ки табиати ҳайвонӣ аз «хулқи инсон» хеле поинтар аст, қобили тағйиру табдил аст, пас «хулқи инсонӣ» низ тағйирпазир мебошад. Дар ин мавзуъ, мутафаккир таъкид менамояд, ки «Ва таҳзиби ахлоқи сибён осон бувад.... Ва чун хоҳад, ки таълими ӯ кунад саноатеро, назар кунад, ки лоиқ бошад ва ихтиёр кунад он чи аҳсан бошад ва манфаъат дар он камтар ва нафъи он дар дунё бештар. Ва таҷриба кунад ӯро дар он, агар табъи ӯро мулоими он ёбад, илзом кунад ӯро ба мулозимати он. Ва агар бинад, ки моил нест бар он, вочиб бошад, ки ӯро пакл кунад ба гайри он».[2]

Назари баёнгаштаи мутафаккир, ҳамрадиф бо андешаи Закариёи Розӣ дар мавриди он аст, ки «Носеҳ дар умури насиҳат, бояд тамоми донишу маҳорати худро сарф кунад, то мақсадаш ҳосил шавад. Ин тавҷуҳро дида, эҳтиромуи шукри насиҳатталаб нисбат ба насиҳатгар зиёд мешавад ва ифтихор мекунад, ки чунин шахси оқил ӯро дарси зиндагӣ меомӯзонад»[3], вале бо тағйирот доир ба инобат гирифтани шавқу завқ, қобилияту истеъдод ва маҳорати тарбиятгиранда андешаи Қутбиддин Шерозӣ мукаммалтар мебошад. Дар ин радиф, усул ва методикаи пешниҳодшамудаи мутафаккир дар мавриди тарбияи ахлоқӣ, усули мувофиқест, ки тибқи он амал кардан, метавонад натиҷаи дилхоҳ ба бор оварад. Дар педагогика ва психологияи муосир ҳамин усул, яъне, ба инобат гирифтани табъу завқ ва қобилияти зеҳнии кӯдак, василаи комёб шудан дар тарбия мебошад. Тарбиятгарро зарур аст, ки масоили баҳсангардиларо ҳангоми тарбият ба таври ҳатмӣ ба инобат гирад. Дар ин маврид Қутбиддин Шерозӣ таъкид менамояд, ки «Ва аммо, муаддиб хилму викор ва тавозуъу авф ва тарку такаббурро бо ому хос му-

---

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дурраг-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амали ва сайру сулук. Бо кӯшиши Моҳдухт Бону Хумоӣ. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. -С.27.
[2] Ҳамон ҷо: -С.141.
[3] Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. Душанбе, 1992. - С. 74.

роот кунад, то толибон, чунонки аз кавлу феълашон бархурдор шаванд, аз хулқашон хам интикоъ ёбанд. Ва аз хазлу бозй, масхарагўйи ва турушрўйиву тангхўйй ва гилзати табъ ва дурушгй дур бошанд, балки дар хама абвоб «хайрулумир авсатухо»-ро муроот лозим шаванд, то хама хукукгузорала шавад».[1]

Андешаи мазкур, бо таълимоти Мухаммад Газзолй, ки дар боби «Риёзати нафс»-и китоби «Эхё улум ал-дин» баён шудааст, хамохангй дорад. Доир ба ин масъала Газзолй зикр мекунад, ки «Мараз хуруч аз эътидол аст ва барои боз гардонидани эътидол мебояд хар маразеро бо зидди он дармон намуд. Маразхои хосил аз хароратро бо бурудат ва маразхои ношй аз бурудатро бо харорат. Хамчунин аст дар тибби рухонй, китобро бо тавозуъ ва бухлро бо саховат-пешагй ва тамаъро бо хештандорй бояд илоч кард. Ва пири устод, бояд бингарад, ки дар мурид кадом беморй галаба дорад, вайро бо риёзати муносиба ба он разилат ишорат кунад.... Муриди тундхў ва камхилмро ба мусохабат бо тундхўтар аз худ мубтало кунад, то тахаммулаш афзун шавад. Хамчунон ки касе барои он, ки хашми худро поймол кунад ва бо шикебой хў бигирад, каси дигарро ачир карда бувад, то дар хузури мардум вайро дашном дихад ва чунон халим шавад, ки хилмаш зарбулмасал гардад ва дигаре, ки эхсоси тарсу будан мекард ва барои касби пучоат, дар зимистонхо ва дар хангоми талютуми амвочи дарё, бар киштй савор мешуд»[2].

Тавре ки ёдрас шудем, пазари Газзолй бо таълимоти Кутбиддин Шерозй, дар мавриди тарбиятшаванда будани хамаи инсонхо мувофик мебошад. Танхо тарбиятгарро зарур аст, ки усули муносибат ва мувофикро пайдо намуда, сидкан муносибат намояд. Аз ин дидгох, андешаи мутафаккир, мукобил ба таълимоти Саъдии Шерозй ва намояндагони чараёни кадария, дар мавриди он аст, ки «тарбият ноахлро чун гирдакон дар гунбад аст», «агар, байзаи зоги зулматсириш, ниёи зери товуси боги бихишт...»[1] ва «хамаи хулку атвор аз азал муайян шудааст». Тачрибахои муосир нишон медиханд, ки таъсири мувофик ба равони (психикаи) инсон, дарёфти нуктахои хассос имконият медихад, ки хулки инсон комилан дигаргун карда шавад. Аз чумла, бо истифода аз психологияи дини, гуруххои ифротй, спрати бархе аз чавонони муосирро тавре тағйир медиханд, ки аз хама мукаддасоти ахлокиву фархангй, хатто аз зиндагй даст кашида, ба онхо мепайвандланд.

Чихати пешгирй аз хар гуна амал ва рафтори номатлуб зарур аст, ки ба масъалаи тарбия ва роххои таъсиррасонй ба шуури тарбияташаванда дарёфт карда шаванд. Дурust аст, ки «Фояои инсондўстй, амалхои хайру савоб ва арчгузории арзишхои ахлоки умуминсонирро бояд аз хўрдй дар шуури насли наврас ва чавонон талкин бояд кард, зеро донистани ин арзишхо хар як фардро водор мекунад, ки новобаста аз сину сол хурмату эхтироми дигаронро ба чо орад ва таассуби динй, кавмй ва наждй надошта бошад»[2].

2. Таъсири хамнишин. Кутбиддин Шерозй таъкид мекунад, ки агар шахсе, ки дорои хислати хуб набошад ва хохиши ба даст овардани ахлоки некро дар сар парварад, метавонад онро бо ду рох ба даст биёрад: якум, тавассути такдиди пайваста аз он амал. Масалан, касе хохад, ки худро саховатманд кунад, бояд бо марди саховатманде хамнишин шавад, то ин ки аз вай фъели ўро азхуд намояд. Чунин шахс патичаи фаъолияти ўро назорат намуда, метавонад ба он такдид ва дар шихоят ба дарачаи саховатмандй бирасад. Дуввум, он аст, ки таъсири феъли касбшуда, ки бо мушкилихои зиёде ба даст меояд, вале баъд аз чанд замоне ба ў ин кор осон

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалй ва пайру сулук. Бо кўшиши Мохлухт Бону Хумой. Чопи дуввум. Техрон, 1386. -С.257.
[2] Газзоли М. Эхёу улум-ил-дин. Ч.5. Душанбе, 2009. -С.60.

[1] Саъдии Шерозй. Гулистон. Душанбе, 2014. – С.126.
[2] Махмадзода Н.Д. Зохиршавии ифротгарои дини-сиёсй дар шароити инкишофи чомеаи точик ва роххои пешгирии он. Душанбе, 2022. – С.226.

мешавад: «Ва он гох бадон анҷомад, ки ин таъсир маҳбуби ӯ гардад ва тадриҷан хулқи ӯ шавад».[1] Ҳамчунин, «таданус (зишт) ва ахлоқи разилат ба воситаи мучовират ва мухолитат бошад».[2]

Доир ба таъсири ҳамнишин дар рушди шахсияти инсон ва тағйирпазирии ахлоқи ӯ, ҳанӯз Ибни Сино гуфта буд, ки «Пархез аз он шакар, ки бо заҳр омехт, бигрез аз он магас, ки бо мор нишаст». Илова бар ин, лар «Рисола андар ахлоқ» Ибни Сино зикр менамояд, ки «Инсонро лозим аст, ки чи-гунагии муоширатро бо мардум бидонад.... Аз афъоли соҳибони ахлоқи сутуда ва ҳамида, хулқи зебо ва аз худо-вандони ахлоқи зишт ва носутуда, мо хулқи бад ва қабеҳро ба даст меорем».[3] Ба ибораи дигар, инсонро зарур аст, ки ҳамнишину ҳамсуҳбати худро, танҳо ба хотири суди маънавӣ бардошта интихоб намуда, дар раванди камолоти маънавии худ, инчунин муназзамсозии ҷомеа аз он истифода намояд.

3. Ислоҳи нуқс ва камбудиҳои ахлоқӣ. Ин марҳилаест, ки инсон тавассути тарбия ва камоли ҳамнишин ба моҳияти ахлоқи нек сарфаҳм рафта, пайи тағйири хулқи худ меша-вад. Кутбиддин Шерозӣ дар ин бора таъкид менамояд: «Оқилро зарур аст, ки пайи ислоҳи нуқсу заъфи худ бошад, то саодатро дарёбад».[4] Ёдрас шудан ба маврид аст, ки дар ин масъала ҳамфикрӣ миёни Закариёи Розӣ, Ибни Мискавайҳ ва Кутбиддин Шерозӣ эҳсос мешавад. Закариёи Розӣ дар «Расоили фалсафӣ» қайд менамояд, ки «Ҷиҳати дур кардани нуқсон, аҳли хайр аз душманаш ҳам истифода мебарад».[5] Ибни Мискавайҳ бошад, зикр месозад, ки «агар дар ислоҳи нафси хеш аз душманони худ истифода барем-

[1] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиши Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. -С.34.
[2] Ҳамон ҷо; -С.26.
[3] Абӯалӣ ибни Сино. Рисола дар ахлоқ// Осор. Ҷ.2. Душанбе, 2005. -С.651-652.
[4] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиши Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. -С.254.
[5] Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. Расилу фалсафия. Бейрут, 1979. -С.35.

натиҷаи хеле хуб ба даст меорем».[1] Мақсади мутафаккирони зикршуда аз он иборат аст, ки дӯстон дар нисбати баёни камбудӣ, ба хотири ранҷиш ибо меварзанд, вале душман рӯйирост гуфта метавонад. Агар, мақсади шахс, воқеан ба тағйир додани хулқи разилаи худ равона шуда бошад, боядаз душман низ босамар истифода намояд.

Масъалаи тағйир додани ахлоқро ба таври мантиқӣ баррасӣ намуда, Кутбиддин Шерозӣ зикр менамояд, ки «Бидон, ки интиқол аз зид ба зид дафъатан дар гояти душворӣ бошад, пас, боядки интиқол аз хулқи бад ба хулқи нек ба тадриҷ бошад, то осон бувад. Ва баёни ин сухан осон аст, ки агар, касеро хубби ҷоҳ хулқ бошад ва хоҳад, ки онро аз худ зоил кунад, агар ба якборагӣ аз ҷоҳ бархезад, ӯро душвор ояд ва бад-он анҷомад, ки боз бар сари он равад. Пас, тариқ он бошад, ки аз он ҷоҳи бузургтар, ки дорад, ба ҷониби дигар камтар аз он накл кунад ва дар он муддате бибошад ва он гох ба камтар аз он накл кунад ва ҳамчунон, то хубби ҷоҳ ба якборагӣ аз хотири ӯ зоил гардад».[2] Яъне, тағйир додани хулқи инсон яку якбора сурат нагирифта, та-вассути истифодаи методикаҳои мувофиқ метавонад амалӣ карда шавад. Нахустин фаъолияти муваффақ дар ин самт, дарки моҳияти аъмол ва хулқи бад буда, баёни окибатҳои он замон, тариқи визуалӣ баён кардани манфиатҳои амалҳои ва чӣ гуна окибат доштани чунин аъмол мебошад. Ҳам-нек ва бедор намудани эҳсоси некандешиву некбинӣ дар ти-нати шахс, ки ба тариқи зинавӣ анҷом дода мешавад, натиҷаовар хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки таълимоти Кутбиддин Шерозӣ доир ба тағйирпазир будани хулқу атвори инсон, дорои характери илмӣ мебошад. Андешаҳои ӯ, ки дар таҳаввули таълимотҳои ахлоқӣ, бахусус таълимоти

[1] Абӯали ибни Мискавайҳ. Тахзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷумаи Ҳусейн Ҳадимӣ. Теҳрон, 1397. -С.190.
[2] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиши Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. -С.27-28.

мутафаккирони гарбӣ таъсири назаррас гузоштааст, барои чомеаи имрӯз низ арзишманд мебошанд. Алалхусус, қиёси ратсионалии назари мутафаккир доир ба тағйирпазирии «хулқи хайвон» бо хулқи инсон метавонад андешахои хурофотии тақдиру сарнавишт ва вобастагии ахлоқи инсонро аз қувваҳои фавқуттабиӣ аз миён бардорад.

Тавре болотар зикр намудем, бо вуҷуди дар мухити фарҳангии динмеҳварӣ фаъолияти эҷодӣ намудан, Қутбиддин Шерозӣ тавонист масоили ахлоқиро аз дилгохи ратсионалӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Гарчанде, андешахои баёнамудаи мутафаккир дар пайравӣ аз мутафаккирони ақлгаро тарҳрезӣ шуда бошанд ҳам, вале ӯ тавонист равиши херо дунболагирӣ намояд, ки, на танҳо барои даври худ, балки чиҳати ташаккули афкори ахлоқии баъдӣ мусоидат намояд. Аз ҷумла, имкони пурраи тағйир додани хулқу атвори инсон, ки дар фалсафаи бостон (варнахо дар фалсафаи браҳмания, ғуломон дар фалсафаи Юнон) ва асримиёнагӣ (қадария) номумкин ва вобаста ба тақдири пешмуайяншуда дониста мешуд, аз чониби Қутбиддин Шерозӣ асосноқ карда мешавад. Инъикоси назари зикршудаи мутафаккирро метавон дар фалсафаи классикии Олмон ва замони муосир пайдо намуд. Яъне, бо истифода аз методологияи муайян, аз ҷумла, ба инобат гирифтани завқ, кобилият, омилхои фарҳангӣ ва чахонбинӣ имкон дорад, ки хулқу атвори инсон комилан тағйир дода шавад. Маҳз хамин андеша, барои тарбияи ахлоқӣ ва худшиносиву худогохии насли муосир дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

Барои инсони муосир, ки дар раванди глобатсионӣ қарор дорад ва доираи дастрасии ӯ ба ахборот ва дигаргунихои ҷахон беҳудуд аст, имкони хар лаҳза тағйир кардани ахлоқ вуҷуд дорад. Аз ин лихоз, зарур аст, ки бо истифода аз муосиртарин усулхо ва таълимотҳои пешкадами мутафаккирони гузашта, ҷиҳати тарбияи ахлоқии инсони даврони нав кӯшиш намоем. Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

мухтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз бо хамин сабаб ба маврид таъкид менамоянд, ки «Мо, бояд, ҳамеша бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, тарғибу ташвики одоби хамидан муошират, риояи арзишҳои волои умумибашарӣ ва миллӣ, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи пок ба воя расонидани ҷавонон кӯшиш намоем»[1].

Дар раванди мазкур таълимоти Қутбиддин Шерозиро доир ба тағйирпазирии ахлоқ ва дар рӯҳияи башардӯстиву худшиносии миллӣ табия намудани насли муосир метавон арзишманд донист. Истифода аз андешахои хусусияти ратсионалидошта ва пешкадами мутафаккир, василаи муҳими тарбияи худшиносиву худогохии насли имрӯз хоҳад буд. Албатта, бояд дар назар дошт, ки Қутбиддин Шерозӣ дар асрҳои миёна фаъолияти эҷодӣ намудааст ва бо даврони муосир фосилаи дарози замонӣ дорад. Аз ин лиҳоз, қисмате аз таълимоти ӯро танҳо барои даври худаш метавон арзишманд хисобид. Вале, дар ҳар сурат, аксари назариёти мутафаккир доир ба тарбияи инсон ва қобили тағйир будани ахлоқ, имрӯз низ қобили қабул хастанд.

2.3. Меъёр, сифат ва категорияҳои асосии ахлоқӣ

Қутбиддин Шерозӣ дар таълимоти худ «ахлоқ»-ро, на танҳо илми назариявӣ ва муайянкунандаи мақсаду мохияти хастии инсон, инчунин, илми танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ низ, муаррифӣ менамояд. Дар ин замина таъкид месозад, ки «бо мардум рифқ (муҳаббат) ва тааннӣ (мулоим будан) вазидан хулқи ахсан аст»[2]. Яъне, инсонро зарур аст, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ бо мардум мехрубон ва боғомила муносибат намояд. Ин мулоимат ва муомилаи

[1] Суханони хикматомузи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе, 2017. - С.228.

[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохлуқт Бину Ҳумон. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. -С.44.

хасанаро ахлоқ муайян месозад. Ба маънии дигар, «ахлоқ дар моҳияти худ шинохти асосҳои хастии ягонаро металабад. Дарки чунин асосҳо ба шахс рохи дурусти халли масоили ахлоқ ва рафтору гуфтори ба ҷамъият мувофиқро нишон медиҳад».[1]

Илми ахлоқ барои дарки муносибатҳои ичтимоӣ, вазифаҳои ҷамъиятии ҳар шахс, фахмиш ва дарки қоидаҳои ахлоқиву ҳуқуқие, ки хаёти ҷамъиятӣ ба онҳо такя менамояд, инчунин танзими кирдору рафтору гуфтори одамон ба мақсади расидан ба ҳадафи волою олии ахлоқӣ хидмат менамояд. Ин илм ба хайси илми рохбарикунанда була, ҷой ва тамоюли фаъолияти инсонро дар ҷамъият ва олам муайян месозад. Аз ин дидгоҳ, ахлоқ палидаест, ки шахсро ба харакатдиҳанда ва созандаи таърих таблил медиҳад. Ба андешаи Иммануэл Кант «ахлоқ илмест, ки доир ба қоидаҳои амалкарди инсон дар ҷомеа баҳс меорояд»[2]. Андешаи мазкурро Қутбиддин Шерозӣ ҳангоми таснифоти илмҳо матрах намуда, зикр менамояд, ки «Ва аммо хикмати амалӣ, ки асоси онро ахлоқ ташкил медиҳад, донистани масолехи ҳаракоти иродӣ ва афъоли сапоии навъи инсонӣ бувад бар вачхе, ки муаллӣ бувад ба низоми аҳволи маоши ва маоди эшон ва муктазии расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд сўйи он, ҳам муқасим мешавад ба ду қисм: яке онки роҷеъ бувад ба ҳар нафсе бинфирод; ва дигар онҷи роҷеъ бувад ба ҷамоате ба мушорикат»[3].

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ахлоқ дар чараёни фаъолияти ичтимоии мардум ба вуҷуд омада, ба ҳар як фард қоидаҳои амалии фаъолият ва муносибатро меомӯзонад, ки он дар раванди дурударози таҷрибаи ҷамъиятӣ ба даст омадааст. Ба ин маънӣ, ахлоқро махсули эҷоди шахси алоҳида донистан номумкин аст. Профессор М. Музаффарӣ ба маврид қайд менамояд, ки «бо чустуҷӯи илмӣ ва хондани асархои ахлоқӣ масоили ахлоқ ҳалли фасли худро нахоҳанд ёфт. Ҳолати ахлоқӣ, назар ба ҳуш, бештар ба ҳиссиёт ва эҳсосот вобастагӣ дорад. Зоҳиршавӣ ва натичаи равиши ахлоқиро бо аломатҳои математикӣ ҳисоб намудан ғайри имкон аст. Дар ин бора Арасту ҳам гуфтааст, ки ҳақиқат дар ахлоқ танҳо дар шакли умумӣ ва тахминӣ муайян мешавад. Катъияти мантиқӣ ва мафҳумҳои илмӣ барои кушоиши моҳияти ахлоқ басанда набуданд, чунки ахлоқ ҳамеша асоси худро дар дин ва санъат, вале на дар илм чустуҷӯ менамуд. Даст кашидан аз мафҳумҳои мазмунан номуайян ва норавшан дар илм, ки барои одамон ҳамеша фаҳмо [ҳақиқат, виҷдон, маърифат, муҳаббат ва ғайра] буданд, кори осон нест. Гартиб додани барномахои математикии ахлоқӣ бахри он, ки одамон дар ин ва ё он муҳит бояд чунин рафтор кунанд, аз имкон берун аст».[1]

Аз ин лихоз, метавон гуфт, ки ахлоқ решахои ичтимоӣ доштга, кирдори касонс мебошад, ки дар раванди мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ шебу фарозҳо ва имтиҳонхои зиндагиро гузашта, ба қонуни умумӣ ва мукаррарот табдил ёфтаанд. Ба ин маънӣ, ахлоқ зодаи ҷамъияти инсонӣ буда, маънои хиради зиндагиро дар худ мегунҷонад. Яъне, ахлоқ таълимотест дар бораи касб намудани сифатҳои иродиву рӯҳонии инсон, ки сараввал дар ҳаёти ичтимоӣ ва баъдан, дар ҳаёти шахсии ҳар фард зарур ва ногузир мебошад. Ба ҳамин тариқ, ахлоқ офаридаи мардум буда, василае барои ҳаҳкими манфиатҳо ва амалкарди инсонҳо мебошад. Вай минбаъд ба нерӯе табдил меёбад, ки гӯё бидуни ҳохолати одамон ба даст омада, шакли ахлоқи тамоми ҷомеаро, ки пуштибон ва муҳофизи он аст, ба худ мегирад. Метавон гуфт, ки ахлоқро бо тариқи мантиқӣ ифода намуда, бо хирад асоснок сохтан гайриимкон аст, балки он қонунияти шаклгирифтаест, ки сарчашмаи пайдоиши он аз илму

[1] Музаффарӣ М. Антропологияи орӣёӣ. Душанбе, 2006. -С.22.
[2] Кант И. Трактаты и письма. - М., 1984. -С.6.
[3] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бо кўшиши ва тасхехи Саид Мухаммад Мишкот. Ч.1. Техрон, Чопи сеюм, 1369. -С.160.

[1] Музаффарӣ М. Антропологияи орӣёӣ. Душанбе, 2006. -С.15.

мантиқ пештар мебошад. Ба андешаи Л. Витгенштейн «агар ахлоқ ягон чизе бошад, вай фавқуттабиӣ буда, ифодашаванда нест».[1]

Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди амалияи ахлоқӣ, пайравӣ аз Арасту (ахлоқ ҳамеша асоси худро дар дин ва санъат, вале на дар илм ҷустуҷӯ менамуд) карда, кӯшиш менамояд, ки мукаррароти ахлоқиро, пахуст дар доираи истилоҳоти динӣ баён карда, пасон ба шарҳи ақлонии онҳо пардозад. Ӯ риояи қавонини ахлоқиро бо истилоҳи «мукаллаф» (масъулият ва ухладориҳо) ифода намуда, зикр месозад: «Бидон, ки афъоли мукаллаф ба ҳасби ҳукми шариат, ки ифодаи хостаҳои ҳақ хастанд, панҷ қисм аст: воҷиб, ҳаром, мандуб (мустаҳаб), макрӯҳ ва мубоҳ»[2]. Мутафаккир бар он назар аст, ки қавонин ва мукаррароти ахлоқӣ, пеш аз ҳама, дар таҷрибаи ҳаётӣ, асотир ва нақлу ривоятҳо шакл гирифта, ба дин интиқол ёфтаанд ва дар назари омма моликияти дин дониста мешаванд. Аз ин хотир, амалӣ гардонидани онҳо дар миёни мардуми омма ба василаи истилоҳоти динӣ осонтар мебошад.

Вокеан, чун ба таърихи маънавиёти башар менигарем, дин аз ахлоқ ба таври васеъ истифода намуда, мақсади ниҳоии худро бо амалӣ намудани мукаррароти ахлоқӣ ҳамоҳанг сохтааст. Масалан, дар Авасто омадааст: «Бингар, эй Зардушт, ба ту фурӯд омадам, бингар, ки Маздо ҷуз ростиву покӣ на фурӯғи ҷовидона чизе нест...»[3]. Дар китоби Қуръон низ, масъалаи ахлоқи ҳамида, покӣ, ростӣ, муҳаббат, меҳрубонӣ, бахшояндагӣ ва г. ҳамчун сифатҳои Офаридгор ва дастури инсон ҷониби ин аъмол зиёд ба назар мерасад. Аз ҷумла, «Худо нигаҳдорандаи бехтар ва

[1] Витгенштейн Л. Логика - философский трактат// Философские работы. 4.1. - М., 1994. - С.70
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи дуввум. Теҳрон, 1386. -С.21.
[3] Авасто дар тамаддуни ҷаҳонӣ. (Ясно, хоти 43/6) - Душанбе, 2001.

меҳрубонтарини меҳрубонон аст»[1]. Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит дар «Фиқҳи акбар» зикр менамояд, ки «Худованд хайри маҳз аст».[2]

Бо дарназардошти адешаҳои баёнгардида ва муҳити фарҳангии замон, Қутбиддин Шерозӣ ба шарҳи мафҳумҳои дипие, ки хусусияти танзимнамоии мукаррароти ахлоқиро ба душ гирифтаанд, пардохта, аъзои ҷомеаро ба риояи «афъоли мукаллаф» даъват менамояд. Тибқи нишондоди ӯ, «воҷиб он аст, ки шариат тарғиб карда бошад ба он, ба тарики савоб ба феълаш ва тараҳҳуб (ситоиш) карда бошад ба тарки он ба таълики иқоб ба таркаш ва он бар нафъи башар бошад»[3]. Яъне, ҳар амали инсоние, ки ба манфиати ҷомеаи башарӣ ва худи инсоният равона шудааст, маҳмуд ва анҷоми он қобили дастгирӣ аст. Қисмати дуюми иқтибоси овардашуда «ба нафъи башар будан», ифодаест, ки аз мутафаккирони пешин, аз ҷумла намояндагони мактаби калом тафовути Қутбиддин Шерозиро ҳамчун мутафаккири ақлгаро ва гуманист муайян месозад.

Шиносхти мафҳуми «воҷиб» дар фаҳми ҷомеаи муосири тоҷик, ҳанӯз хусусияти сирф динӣ дошта, ҳангоми иҷрои он аз ифодаи «ба нафъи башар будан», сарфи назар карда мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар мафкураи баъзе намояндагони насли муосир, «воҷибот» аз ҷониби Офаридгор муайян шудаанд ва онҳо дар шариат ба таври возеҳ шарҳ ёфтаанд, ки мохияташон афзалият додан ба ибодат ва дарёфти охират (тибқи таълимоти дини ислом) мебошад. Ҳол он, ки ибораи «ба нафъи башар будан» болотар аз талаботи дин буда, хусусияти умуминсонӣ касб менамояд. Ба фикри мо, шарҳи Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди мафҳуми «воҷиб» мувофиқ ба қавонини ахлоқии умумибашарӣ мебошад.

[1] Қуръони карим. Сураи «Юсуф», ояти 64. Душанбе, 2011. -С.243.
[2] Ҳоҷӣ А.А. Шарҳи форсӣ-тоҷикии «Фиқҳи акбар»-и Абу – Ҳанифа. Уротеппа, 2000. -С.33.
[3] Қутбиддин Шероза. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи дуввум. Теҳрон. 1386. -С.21.

Мафҳуми дигаре, ки Қутбиддин Шерозӣ онро барои танзими муқаррароти ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, ҳукми «ҳаром» аст. Тибқи назари мутафаккир, «ҳаром он, ки манъ карда бошад аз он ба таълиқи иқоб ба феъли он, ки манъ карда бошад аз он ба таълиқи иқоб ба феъли ва савоб ба таркаш чун: зино, шурби барзиёди хамр, сиркат (дузлӣ) ва монанди он»[1]. Моҳияти шарҳи мутафаккир аз он иборат аст, ки аъмоле, ки натичаи онҳо барои инсон ва муносибатҳои ичтимоӣ зиёновар ҳастанд, бояд сарфи назар карда шаванд. Аҳкоми зикргардидаро бо он асосан менамояд, ки қувваҳои нафс қодир ба ишкастани меъёри ҳасанот ҳастанд ва дилбастагӣ ба онҳо метавонад, манзалати инсонро кохиш ва нуқсони ичтимоиро ба бор биоранд. Аз ҷумла, «зино»-ро ба қувваи шаҳвонии зиёд марбут дониста, Қутбиддин Шерозӣ зикр менамояд, ки «чун шаҳвати фарч ба ҳадди ифрот бувад, фасод ва мутобиати номаҳрам ва қилти хаё ҳосил ва ба кохиши нуфузи фард боис гардад».[2]

Вокеан, дар таълимотҳои ахлоқӣ, табухое, ки доир ба идораи «шаҳват» муайян карда шудаанд, хеле зиёд мебошанд. Моҳияти ҳамаи онҳо аз танзими амалҳои инсонӣ иборат ҳастанд. Аз ҷумла, Ибни Сино дар «Рисола дар ахлоқ» менависад, ки «Нафси инсонӣ лаззатҳоро ба андозае, зарурати ислоҳи табиати хеш, бақои шахс ё навъ ё сиёсат ба қор барад. Лекин ӯ, бояд дар хотир дошта бошад, ки ин лаззатҳо таҳти назорат ва идораи нафси нотиқа қарор гиранд, на инки нафси нотиқаро тобеи қувваҳои шаҳвонӣ қарор дода, анҷоми умури мазкурро илати раво доштан ва ғуттавар шудани хоҳишҳои нафси аммора донад»[3]. Аз ин суханон маълум мегардад, ки қувваи «оқила», ки хоси инсон аст, метавонад хоҳишҳои дигари нафсонӣ, аз ҷумла «шаҳват»-ро идора намуда, инсонро аз шаҳватпарастӣ, ки бо мафҳуми «зино» ифода мешавад, боз дорад.

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохлуқт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386. -С.21.
[2] Хамон чо. -С.29.
[3] Абуалӣ ибни Сино. Рисола дар ахлоқ// Осор. Ч.2. Душанбе, 2005. - С. 647.

Ҳамин тариқ, «шурби барзиёди хамр», «дуздӣ» ва монанди инҳо, ки дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ зери ҳукми «ҳаром» оварда шудаанд, зиёновар барои чомеа ва манзалати хули инсон мебошанд. Аз ин чост, ки мутафаккир таъкид менамояд: «ҳусни хулқ он аст, ки аз ҳаром дур бошӣ ва талаби ҳалол кунӣ, зеро ҳаром одамиро ба ҷаҳл мебарад».[1]

Зери мафҳуми «мандуб», мутафаккир масъалаеро дар назар дорад, ки «тариб бошад ба феъли ба таълиқи савоб валокин манъ накарда бошад аз таркаш».[2] Албатта, дар чомеаи башарӣ амалҳое хастанд, ки ичрои онҳо ба манфиати чомеа буда, вале риоя накарданашон зиёновар нест. Масалан, саховати пайвастаи инсонҳои сарватманд боиси некуаҳволии кишри нодори чомеа мегардад, вале ичро накарлани ин амал ба чомеа зиён ворид намесозад. Яъне, амали ихтиёриест, ки аз анҷом додани он қадру манзалат ва мухаббати амалкунанда дар чомеа афзоиш меёбад, лекин аз тарки он касе зиён намебинад.

Оид ба мақулаи «макруҳ» бошад. Қутбиддин Шерозӣ менависад: «бар хилофи ин бувад, ки тариб карда бошад ба таълиқи савоб ба таркаш ва манъ накарда бошад аз феълаш»[3]. Албатта, дар доираи муносибатҳои инсонӣ маҳсоили зиёде хастанд, ки аз карлан дида, накарданашон хубтар мебошад.

Дар бораи категориян «мубоҳ» бошад. Қутбиддин Шерозӣ таъкид менамояд, ки «мубоҳ он, ки на манъ карда бошад аз феъл ва таркаш ва тариб ба он чун акл (хурдан) ва шурб на дар вақти изтироб, ки он воҷиб аст ва на вақти табзир ва исроф, ки он ҳаром аст».[4]

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохлуқт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон. 1386. -С.25.
[2] Хамон чо. -С.21.
[3] Хамон чо. -С.21.
[4] Хамон чо. - С. 22.

Ҳамин тариқ, Қутбиддин Шерозӣ аҳкоми панҷгонаи зикршударо, чиҳати танзими муқаррароти ахлоқии умумиинсонӣ (ифрот, тафрит, адолат, саховат, шуҷоат, каноат, покӣ, вафодорӣ, ҳадарлӣ, инсондӯстӣ, вафодорӣ, макр, аблаҳӣ, ҳамокат, ҷунун, ғазаб, карам, шаҳомат, бузургнафсӣ, ҳилму виқор, ҳирс, шираву шабак (сахт майл кардан ба чимоъ), шаҳват, ифат, ҳаё, сабру самоҳат (ҷавонмардӣ), вараъ (парҳезгорӣ), тозаруиву назокат ва г.) мухим мешуморад. Тибқи андешаи мутафаккир, "Оқил, бояд, афъол ва ахлоқи худро бар вақти нафси худ ва маслиҳати иҷтимоъ мувофиқ намояд. Ва ин ба он бошад, ки ҳар феъл, ки мустаҳсан бошад, дар мубоширати он феъл мусораат намояд"[1]. Чиҳати "мустаҳсан" намудани афъоли инсон ва мувофиқ ба "иҷтимоъ" гардонидани он Қутбиддин Шерозӣ дар бисуту се банд, ки онҳоро бо вожаи "хулқ" ифода менамояд, муқаррарот ва қавонини ахлоқиро баён менамояд. Мутафаккир, фасли сеюми боби ахлоқии асари худро "дар ахлоқи маҳмуда ва мазмума" ихтисос дода, таъкид менамояд, ки "ҳар хулқе, ки сабаби саодат аст, онро иктисоб бояд кард ва ҳар хулқе, ки сабаби шақоват (бадбахтӣ) аст, аз он иҷтиноб бояд намуд".[2] Ибни Сино, дар масъалаи мавриди назар қайд намудааст: "Инсонро месазад, ки кувваи амалии хешро тавассути фазилатҳое пурра ва такмил диҳад, ки хоси ҳар яке аз ин қувваҳон ӯ буда, дар пояи поктаманӣ, далерӣ, ҳикмат ва доштарӣ асос ёфтаанд ва аз разоиле, ки муқобили он фазилатҳо мебошанд, дурӣ ҷӯяд".[3] Маълум мегардад, ки назариёти Қутбиддин Шерозӣ бо андешаҳои Ибни Сино ҳамоҳангӣ доштта, муқаррароти ахлоқии умумиинсониро чиҳати тарбияи маънавии инсон ва бо ин роҳ барои танзими муносиботи ҷамъиятӣ мухим мешуморад.

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиши Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Техрон, 1386. -С.19.
[2] Ҳамон ҷо: -С.60.
[3] Абӯалӣ ибни Сино. Рисола дар ахлоқ// Осор. Ҷ.2. Душанбе, 2005. - С. 644.

Қутбиддин Шерозӣ ҳулқи аввалинро ба "меъёри тановули хӯрок" бахшида, таъкид менамояд: "Кам хӯрдан махмуд аст ва бисёр хӯрдан мазмун, зеро бисёр хӯрад бухорот зиёд аз меъда ба димоғ биравад ва аз он балодат (мастӣ ва кундии хотир) хезад. Фикрат мушавваш шавад ва фаҳму идрок кам гардад, фитонату петибсор ба ҳаконки чизҳо халал ёбад, хоб, ки барокати марг аст, муставалӣ гардад. Бидон, ки дар фазилати киллати акл (кам хӯрдан) ахбор ва осори бисёре омадаст ва дар манъ аз бисёр хӯрдан муболиғат намуда. Муроди шореъ аз ин муболиға он аст, ки чун назар ба майли табъ кунад хоҳад, ки бисёр хӯрад ва чун ба чониби акл кунад, хоҳад, ки аз хӯрдан кам кунад, то миёни майли табъ ва манъи акл фосилае падид ояд ва хӯрда ба эътидол бошад. На чунон, ки гуруснагӣ кашад, ки матолам гардад ва заиф шавад ва на чунон сер шавад, ки меъда гарон гардад. Он макосид ки гуфта шуд зохир шавад, балки хӯрдан ба ҳадди эътидол бувад, на ба ҳадди ифроту тафрит"[1].

Ёдрас шудан ба маврид аст, ки "ҳадди эътидол" ва рияои одоб ҳангоми тановули хӯрок аз масоили ахлоқиест, ки аксари мутафаккирон онро дар таълимотҳои ахлоқиашон таъкид намуда, таъсири онро на танҳо ба ҷисм, балки ба ҳолати равониву ахлоқии инсон муҳим шумориланд. Аз ҷумла, Ибни Мискавайх қайд кардааст: "Тарбияи кӯдакро, пеш аз ҳама, аз одоби хӯрокхӯрӣ бояд шуруъ намуд. Аввалан, боид ба ӯ фаҳмонид, ки хӯрок, на барои лаззат ва ҳаловат вуҷуд дорад, балки барои таъмини сиҳатии тан аст. Хӯрокро барои он истеъмол мекунанд, ки бо ёрии он ҷисми мо солимӣ ёбад, барои ҳаёт зарурӣ бошад, мисли даво баданро аз гуруснагиву дард шифо бахшад ва солимии ҷисмониву рӯҳониро таъмин намояд"[2]. Муҳаммад Ғаззолӣ бошад, бар он назар аст, ки "Нахустин сифате, ки бар кӯдак

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиши Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Техрон, 1386.-С.28.
[2] Абӯалӣ ибни Мискавайх. Тахниб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷумаи Ҳусайни Қалими. Техрон, 1397. -С.159-160.

голиб мешавад, хирс бар нурхўрӣ аст, пас муносиб аст, ки дар ин бора таъдиб шавад"[1]. Ибни Сино дар ин маврид таъкид менамояд: "Он чи боиз ба даст оварда шавад, эътидол дар таъом ва хастагӣ ва дигар ашёст, ки санъати тиб онҳоро муайян месозад. Агар, ҳолати эътидол восита бошад, сиҳатӣ ва тандурустӣ ба даст меоял ва агар сиҳатӣ нашад, бо пайдо кардани нигоҳорӣ карда мешавад. Ҳамчунин, ҳолати эътидоле, ки инсон ба воситаи он сиҳатӣ ба даст меорад ё онро нигоҳ медорад, гавассути ҳодатхое аз бадан муайян карда мешавад, ки аз рўйи замон мавриди муолича қарор дода мешаванд... Боид бидонем, ки феъли нафси инсонӣ, танҳо хоси идроки маъқулаш нест, балки бо нигироки бадан афъоли дигареро содир мекунад, ки ба баби онҳо саодати хешро ба даст меорад. Аз ин лиҳоз, пайдо намудани ҳадди эътидол дар тановули таъом муҳим аст"[2].

Таҳлили муқоисавии андешаҳои баёнгардида нишон медиҳад, ки миёни мутафаккирони зикршуда ва Кутбиддин Шерозӣ ҳамоҳангие вуҷуд дорад, ки риоян "тановули таъом" боиси сиҳатии тан, қаноатпешагӣ, пешгирии ҳирс, нафс, рағбати зиёд ба лаззатгарой, ҳайвонсиришгӣ ва монанди инҳо мегардад. Пас, месазад, ки аз таълимоти мутафаккир дар ин маврид пуштибонӣ намуда, онро барои тарбияи насли муосир арзишманд донист.

Рукни дуюми муқаррароти ахлоқии пешниҳоднамудани Кутбиддин Шерозӣ идораи "қувваи шаҳват" аст. Мутафаккир дар ин бора таъкид менамояд: "Хулқи дунум, шаҳвату ҷимоъ бар ҳадди эътидол маҳмуд аст ва майл ба тарафи ифрот мазмум. Қувват ва ғалабаи шаҳват ҷимоъ аст. Ва чун шаҳвати фарҷ ба ҳадди ифрот бувад нипқу фасод ба мутобеати номаҳрам ва ғайри ҳаё ҳосил гардад. Ва чун ба ҳадди тафрит бувад сабаби инкитои насл гардад".[3] Дар ин маврид

[1] Ғазолӣ М. Ахлоқ. Душанбе, 1999. -С.86.
[2] Абўалӣ ибни Сино. Рисола дар ахлоқ// Осор. Ҷ.2. Душанбе, 2005. - С. 652-653.
[3] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кўшиши Моҳдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 13[illegible]

низ ҳамоҳангӣ миёни андешаҳои Кутбиддин Шерозӣ ва мутафаккирони пешгузашта, аз ҷумла Ибни Мискавайҳ ва Ибни Сино эҳсос мегардад. Ибни Мискавайҳ бар он аст, ки "Ба ҷимоъ қадре шугл бандад, ки барои насл шудану бақои навъи башарӣ матлуб бошад".[1] Ибни Сино дар ин хусус зикр намудааст: "Қуваи шаҳват хоси нафси ҳайвонӣ ва нафси нотиқаи инсон мебошад. Агар, қуввахои ҳайвонӣ қавӣ гашта, дар онҳо малакан истеъло хосил гардид, дар нафси нотиқа таъсирпазир мегардад"[2]. Пас, маълум мегардад, ки танзими шаҳват тавассути нерўи ақлонӣ аз мукаррароте ст, ки дар раванди ташаккули шахсият ва низоми иҷтимоӣ муҳим мебошанд. Шаҳватпарастӣ амалест, ки инсонро аз покиву покдоманӣ ва муҳаббати ҳақиқӣ боз медорад.

Мукаррароти сеюми ахлоқӣ идомаи мантиқии рукни пешин буда, ба эҳтироз кардан аз "зино" бахшида шудааст. Масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, мутафаккир қайд мекунад: "Хулқи сеюм, чашм фурў бастан ва аз нигаристан ба номаҳрам ва парҳез кардан аст. Бидон, ки эътироз кардан аз мучомаат ба зани номаҳрам мазмум ва аз тариқи ҳалол, ки никоҳ аст маҳмуд мебошад, бад он, ки фазилати тарки ҷимоъ ҳаром кардан, азимтар аст аз тарки таоми ҳаром хўрдан, зеро ки ин шаҳват бар оламӣ қавитар аз дигар шаҳватҳост ва дафъ кардани он вакти ҳаячон душворгар, лекин чун муқтазои ин шаҳват қабех аст ва ҳаё ва замми мардум монеъ мешвад аз сабр нокардан ба он на тарк кардани он хубтар аст".[3] Таъкиди мутафаккир бар "фурў бастани чашм ва аз номаҳрам парҳез намудан" ба маънии он аст, ки чун дар типати инсон майл ба шаҳвату лаззатпарастӣ зиёд гардад, метавонад ба одат мубаддал гардида, мавқеи

[1] Абўалӣ ибни Мискавайҳ. Тахзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷумаи Ҳусайни Қадимӣ. Техрон, 1397. -С.48-49
[2] Абўалӣ ибни Сино. Рисола дар ахлоқ// Осор. Ҷ.2. Душанбе, 2005. - С. 654-655.
[3] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кўшиши Моҳдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386.-С.29.

[illegible] созандаро маҳдуд намояд. Босира, *ки тавассути он кисмати аъзами* ахборот ба шуур мерасад *ва* пасон раванди дарки ҳодисаю падидаҳо огоз меёбад, дар кабули ахборот накши муассир дорад. Аз ҳамин чиҳат, танзими нигоҳ дар тарбияи ахлоқии инсон мухим дониста мешавад.

Мукаррароти чорум, тибқи таълимоти Қутбиддин Шерозӣ тарзи мувофиқи муошират мебошад. "Ҳулқи чаҳорум, сухан гуфтан аст. Боид, сухане, ки дар он фоидае набошад нагӯяд. Ҳар сухан, ки ӯро аз он суде набошад, он сухан ӯро зиёнкор бувад, зеро ки, агар чи он сухан дар нафси *худ ӯро зиён накунад*, аммо чизҳои бисёр бар ӯ фавт кунад. Бидон, ки ҳар касе бисёр гӯяд, аз галате ва кизбе ва фаҳше холӣ намонад. Сухане, ки дар он фоидае бошад боид, ки ба қадри ҳоҷат гӯяд, на зиёдат. Чунки зиёдат аз қисми абас афтад магар он, ки зиёдат таъкиди масъуд бошад. Боид, ки зиёдат муфиди мақсуде бошад ва ило абас (бефоида) бошад"[1]. Дар пайравӣ аз андешаи зикршуда Саъдии Шерозӣ зикр менамояд, ки:

"Ҳар ки тааммул накунад дар ҷавоб,
Бештар ояд суханаш посавоб"[2].

Мусаллам аст, ки одоби сухан гуфтан, аз масоили ахлоқиест, ки дар ҳама давру замон ба мухимияти он таъкид шудааст ва имрӯз низ ба он ниёз вучуд дорад. Дар ҷаҳонбинии ориёӣ "гуфтори нек" рукни дуюми ахлоқӣ муайян гардида, мавқеи он дар амалигардонии "пиндори нек" арзишманд дониста мешавад. Дар замони муосир, ки даврони муборизаҳои иттилоотию фарҳангӣ ва ақидавӣ авҷ дорад, риояи меъёрҳои муошират аз мухимотест, ки метавонад, ҳам мавқеи фардӣ ва ҳам ҷамъиятии шахс ва дар симои он миллатро муайян намояд. Як сухани бечо ва бидуни мантиқ шахсеро ба бекадрӣ ва чомсаро ба фасод мувочеҳ мегардонад.

[1] Ҳамон ҷо. -С.30-31.
[2] Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Душанбе, 2014. -С.220.

Масъалаи дигар он аст, ки сухан шакли ифодаи фикр ва моддикунонандаи тафакур буда, дар раванди шиносхти мохияти ашё ва ҳодисоти олам мавқеи намоён дорад. Истифодаи дуруст аз услуби баён, истилоҳот ва категорияҳои илмӣ метавонад дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии илмӣ саҳми мувофиқ гузорад.

Мукаррароти дигари ахлоқии психологиамудаи Қутбиддин Шерозӣ "тарки хушунат ва ҷангу ҷидол" мебошад. Тибқи нишондоди ӯ: "Ҳулқи панҷум, тарки мароъ (ситеза), *ҷидол ва ҳисом* (хушунат, ҷангу ҷидол) аст. Мароъ, яъне ҷанг кардан, он бувад, ки бар сухани касе эътироз кунад ё халал ё хатое дар сухани вай пайдо гардонад, то ӯ хор шавад ва худ бузургвор гардад. Ҷадол, он бувад, ки эътироз аз баҳри изҳори мазҳаб ва тақрири он бувад. Ва ҳизом он аст, ки дар сухан гуфтан лаҷоҷ намояд, хоҳ ибтидо бувад, хоҳ эътироз ва хоҳ дар неботи молӣ ё ҳаке ба касе ва аз ӯ, он чи ғараз аз вай ҳақ бувад бар вачҳе, ки изои касе набувад мубоҳ бошад ва агар изои касе дар он бувад ҳаром бошад"[1].

Албатта, нишондоди мутафаккир дар мавриди тарк кардани одатҳои зикршуда дорои арзиши баланди амалӣ мебошад, зеро тинати инсонӣ, ки олудагӣ ба куввахои дигари нафсонӣ, аз ҷумла ғазаб дорад, метавонад аксуламалҳоеро ба вучуд биорад, ки низоми мувофиқи муносибатҳои ҷтимоиро халалдор созад. Мусаллам аст, ки низоми [illegible] ҳама даврахои ҳаёти худ ба эҳтиром, ҳамдигарфаҳмӣ, арзишгузорӣ ба андешаҳо ва поси хотир дорад, аз ин ҳикмат ситеза, хушунат ва ҷангу ҷидолҳои бесамаро нисбати худ таҳаммул карда наметавонад. Масалан, ки дар раванди таъбияи насли муосир аз усули эҳтиром гузоштан ба мусоҳиб, кобилияти гӯш карда тавонистан, тарки истехзо ва инсондӯстӣ бидуни мансубияти қавмию нажодӣ ва динию мазҳабӣ кор гирифта шавад.

[1] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохлухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386.-С.32.

Дар хулқи навбатӣ. Қутбиддин Шерозӣ "тарки сохтакорӣ"-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Мутафаккир таъкид менамояд, ки "тасаннуъ (сохтакорӣ) ва тафосех (тазоҳур ба фасех ё хушзабонӣ)-ро тарк бояд кард"[1]. Андешаи мутафаккир бар он равона шудааст, ки инсон, дар ҳар амалу рафтор, бояд аз сидқ кор бигирад, ки он, на танҳо ба манфияти худ, балки ба нафъи ҷомеа равона шуда бошад. Дуруст аст, ки бунёди табиати инсон ба нисёнгу васф ва навозишу хушгуфторӣ нигаронида шудааст ва нақдро зиёд намепазирад, вале васф, набояд сохтакорона, аз ҳад зиёд ва бебунёд бошад, зеро он метавонад мавсуфро ба магрурӣ расонида, аз масъулияти худ фориғ гардонад. Илова бар ин, ба андешаи Ибни Мискавайх, "шахсони сохтакор ба мисли касоне ҳастанд, ки дирҳаму динори калбакӣ месозанд, ки он бозудӣ маълум мешавад"[2].

Хулқи ҳафтум дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ "тарки фахшу дашном додан ва лаънат кардан, ки ин ҳама мазмум аст" муайян гардидааст. Тибқи таълимоти мутафаккир, "Фахш гуфтан он бошад, ки чизҳои кабеҳро ба иборати сареҳ бигӯяд. Ҳеҷ касро лаънат нашояд кардан"[3]. Моҳияти ин мукаррароти ахлоқӣ низ аз сифатҳои гуманизм буда, дорои арзиши баланди амалӣ мебошад. Тарки фахшгӯйӣ ва лаънатгу тавҳин амалест, ки муҳаббату меҳрубониро ташаккул дода, мувозинати иҷтимоиро таъмин месозад.

Хулқи ҳаштум, дар таълимоти ахлоқии мутафаккир, "тарки мазоҳу масхарагӯй ва изтеҳзо кардан" аст. Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди ин сифати ахлоқӣ кулли меъёрҳои ахлоқи фардиву ҷамъиятиро ба инобат гирифта, таъкид менамояд: "Агар касе гӯяд, ки изтеҳзо раҷонидан аст, ки изҳори нуқси ғайр аст, аз он ҷиҳат нашояд, аммо

[1] Ҳамон ҷо: -С.32.
[2] Абӯали ибни Мискавайх. Тахзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷумаи Ҳусайни Қадимӣ. Теҳрон, 1397. -С.152.
[3] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. -С.32.

мазоҳ кардан мутоиба ва мулотифа аст, чаро мумкин нест? Мурод аз тарки муболиға дар мазоҳ кардан аст, на асли мазоҳ, зеро ки мазоҳи бисёр шарафу эътиборро коҳиш дихад ва муҳаббат кам кунад ва дур набошад, ки бар ранҷиш анҷомад. Чун мазоҳ кунад, бояд бо эътидол бошад ва ҷуз ҳақ нагӯяд, чун хулқи касе чун хулқи ӯ бошад, бояд, ки мазоҳ кунад бо эътидол ва ҷуз ҳақ нагӯяд, аммо бо касе, ки хулқи ӯ набошад тарки мазоҳ авло бошад"[1].

Қавонини дигари ахлоқӣ аз назари Қутбиддин Шерозӣ "фош накардани сир ва дар ваъда вафо кардан" мебошад. Тавре ки мутафаккир зикр менамояд, "Сири бародарро ошкор накунад ва чун ваъда дихад вафо кунад. Сир ошкор кардан, агар зиёни кор аст, ҳаром аст ва агар зиёни кор нест лавм (маломат) аст. Ва бидон, ки фош кардани сир ва ошкоти он хислатест, ки хар касро, ки боз шиносанд, ҳеҷ кас бар ӯ эътимод накунад ва аз муҷолисати ӯ мухтариз бошад ва он киллати мурувват ва заъфи нафсу адами хизам бошад"[2]. Алватта, фош кардани асрор ва хилоф кардан дар ахд, амалҳое ҳастанд, ки ҳисси побовариро афзун ва сидқу муҳаббатро коста мегардонанд. Инсон, ки ҳамеша майл ба дарёфти қадру манзалат ва саодати фардиву иҷтимоӣ дорад, набояд барои камолоти худ монеа эҷод намояд.

Рукни дигари ахлоқӣ дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ "ҳикмати ростӣ" ва "парҳез аз дурӯғгӯйӣ" мебошад. Дар ин масъала, мутафаккир аз пешгузаштагони худ пайравӣ намуда, зикр менамояд: "Хулқи даҳум, рост гуфтан аст. Бидон, ки дар манъ аз дурӯғ гуфтан ва савганд бар дурӯғ хӯрдан ахбор ва осори зиёд омадааст. Ҳама уқалоро маълум аст, ки олам бинобар рост гуфтан аст ва қубҳи дурӯғ гуфтан аз офтоб рушантар аст. Чунон ки инсон априфи хайвонот аст ва шарафи ӯ бар эшон ба ду чиз аст: ба ақл ва қавл. То ба он Худоро бишиносад ва ҳамчунин, хайру шарр ва нафъу зар

[1] Ҳамонҷо: -С.33.
[2] Ҳамон ҷо: -С.33.

ва мутасалат шавад бар он бар ғайри ӯ аз махлуқот ва тасхири эшон кунад ва мунтафеъ шавад ба эшон. Аммо, кавл то таърифи ғайри ӯ кунад аз абнои навъи ӯ, он чи дар хотири ӯст ва фахм кунад ба он, он чи дар замонри эшон аст, то мумкин гардад эшонро тасоуд ва таовун ва мумкинот шавад эшонро ҳазар ва эътирози баъзе аз баъзе ва тичороту муомилот ва аҳазу аъто ва ҳар амре, ки ба иҷтимоъ ва тамаддун таалуқ дорад аз хайру шарр мубтанеъ аст бар кавл. Пас, содики риояти ҳақ ин мухаббате мекунад ва истеъмоли он чунон мекунад, ки... чун инсонро ба дурўғгўйй шиноҳтанд ба қавли ӯ рачҳони аҳадул тарафайн пеши сомеъ хосил нашавад ва бар тақдири он, ки содик бошад дар баъзе акволи ӯ, он чи аз сидқ гўяд, ҳамчунон бошад, ки аз кизб гўяд аз он руй, ки қавли ӯст, чун мо натавонем, ки фарқ миёни эшон кунем илло бо амре, ки хориҷ бошад аз кавли ӯ дар баъзе казоё, пас тазйии ин атия карда бошад ва ибтоли хосияти инсонист. Чун мухтоҷ шавад бад он, ки ба хилофи рости сухан гўяд ба таъриз гўяд"[1].

Тавре ёдрас шудем, доир ба хикмати "ростӣ" андешахои бунёдӣ зиёд баён гардидаанд, ки ҳамагӣ ба хотири камолоти маънавии инсон, таъмини муносибатхои хайрхоҳона ва ботои иҷтимой равона шудаанд. Дар китоби Авасто омадаст: "Эй Маздо, он роҳе, ки аз сӯйи ту ояндаи онам, роҳи ростист, роҳест, ки суди одамӣ дар он аст. Аммо, он роҳи дигар, роҳи дурўғ аст, роҳе, ки чуз зиёну табоҳӣ баҳраи дигаре намелиҳад"[2].

Ибни Мискавайҳ бошад, ростгўйй ва росткориро самараи зиндагии хуб дониста, зикр менамояд: "Ростӣ зинати мустаҳсани ахлоқи инсонист. Ҳар кучое ростӣ ҳаст, фазилат ва такво низ вучуд дорад"[3]. Дар ин маврид, Ибни Сино бар

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиши Мохдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386.-С.34-35.
[2] Авесто. Чавоси Дустхох (Баргардонанда: М. Дустоваров). Душанбе, 2002. -С.174.
[3] Абўалй ибни Мискавайх. Тахзиб-ул-ахлок ва татхир-ул-аъроқ. Тарчумаи Хусайн Кадимй. Техрон, 1397. -С.283.

он назар аст, ки "Сидқ ин аст, ки он чи ба забон, олати ифода намудан, баён мегардад, бо он чи дар замир аст ва инсон тавассути забон дар бораи он хабар медиҳад, мувофикат намояд, то он чи дар замираш амри воҷиб мегардад, дар забонаш инкор нагардад ва он чи дар замираш воҷиб мегардад, ба забонаш рад нагардад. Дар акси ҳол умур аз ҳақиқати худ дур гардад ва аҳкоме ботил гардад, ки пайвандӣ онҳо ба сидқ воҷибу зарурист"[1].

Тахлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ба андешаи мутафаккирон "ростӣ" ҳамчун мукаррарот ва қонуни муҳимтарини ахлоқиест, ки низоми мувофики муносибатхои иҷтимоиро ба дўш дорад. Ҳамин аст, ки якс аз вазифахои муҳимтарини ахлоқ, таъмини "муошрати мусбати ба тарафайн судманд"[2] муайян гардидааст, ки асоси талаботи онро "ростӣ" ташкил намуда, аз "дурўғ" парҳез кардан мебошад.

Мукаррароти дигари ахлоқӣ дар таълимоти Кутбиддин Шерозӣ "парҳез кардан аз ғайбат" аст. Мутафаккир дар ин росто таъкид менамояд: "аз ғайбат ба забону дил эҳтироз кунед"[3]. Пасон, ба таҳлили мафҳуми "ғайбат" ва нуксу кубҳи он пардохта, зикр месозад, ки "Бидон, ки ғайбат ду навъ аст. Аввал, ғайбати авом, ки аз сари рағбатӣ бошад ё аз мувофикати ҳамнишинон ё аз мутоиба ё аз ҳасад ва амсоли он. Дувум, ғайбати хос чунон, ки гўяд: "аҷаб медорам аз фалонӣ, ки чун канизаки худро дўст медорад бо он, ки зишт аст" ва амсоли ин. Ин навъ азимтар аз аввал аст аз ҷихати он, ки дар ғайбат афтод ва надонист, ки ғайбат аст. Ҳамчунон, ки бад гуфтани мардум харом аст, эътикоди бад ба мардум доштан ҳам ҳаром аст. Пас, бояд, ки аз ин ҳарду эътироз намоед. Бидон, ки сураги ғайбат мубоҳ бувад ё ба сабили тазаллум ё ҳаки худро халос кунад. Чунон, ки сухан, ки гўяд, ки волӣ ё козӣ бар ман зулм кард, ришва гирифтонро, ки гўяд, ки волӣ ё козӣ бар ман зулм кард, ришва ги-

[1] Абўалй ибни Сино. Рисола дар ахлок// Осор. Ҷ.2. Душанбе, 2005. - С. 649.
[2] Бердиев Ш.П., Шомуродов Б.Б. Этика. Душанбе, 2016. - С. 28.
[3] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиши Мохдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386.-С.35

рифт ва хаки маро ботил карл ё ба тарики истифто (фатво хостан). Чунон, ки муфтиро гўяд зани ман ё шавҳари ман бар ман зулм мекунад, хаки хеш меситонад ва хаки ман намедихад"[1].

Албатта, мафҳуми "гайбат" дар фаҳми муосир хам, сухан гуфтан дар гайби кас фахмида мешавад, ки на хама вакт оид ба ҳунару тавон ва сифатхои хамидан инсони мавриди назар гуфта мешавад, балки аксаран, хусусияти балгўйй нисбати нафари дигар мебошад, ки аз разилатхои ахлокист. Месазад, ки аз тинати шахс одати дар гайби касе сухан гуфтан ва ўро мавриди танкиду пастзанй карор додан зудуда ва ба чойи он хисси мухаббату эҳтиром парвариш ёбад.

Сифати дигари ахлокй, ки метавонад дар руйди шахсияти инсон ва чомеа накши муассир дошта бошад, "парҳез аз суханчинй" аст. Кутбиддин Шерозй таъкид менамояд, ки "Инсон аз суханчиний бипарҳезад. Суханчин касе бувад, ки сухани макруҳ аз касе ба дигаре накл кунад. Бидон, ки ин сифат бар се киём аст: яке он, ки шахсе сире бо вай гўяд, ў ба чое накл кунад, ки аз он мазарате бад-ў расад, дуюм, он ки шахс бо ў нагўяд, балки аз чонибе дигар бидонад ва ба дигарон расонад, сеюм, он ки чизе гўяд, ки надониста бошад. Дар аввал чамъ аст миёни саъоят (тўҳмат) ва хиёнат изоати сир ва дар сеюм чамъ аст миёни саъоят ва бухтон ва соний. агарчи фосиқ астў мазмум аст, аммо лавми (сарзаниш) ў акал аз эшон аст"[2].

Мукаррароти навбатии ахлокй дар таълимоти мутафаккир, ки идомаи мантикии хулки пешин аст, "дурўягй" мебошад. Доир ба мохияти ин макулаи ахлокй Кутбиддин Шерозй изҳори андеша намуда, зикр мекунад, ки "Дурўягиву дузабонй мазмум аст. Дуруй ва дузабон он бошад, ки миёни ду тоифа дупаманон бо тоифае бар руй ва ба забоне ва бо тоифае бо руй ва забони дигар муомила кунад"[3].

[1] Хамон чо: -С.36
[2] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиши Мохдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386.-С.37-38.
[3] Хамон чо: -С.38.

Албатта, хам суханчинй ва хам дурўягй сифатхои ахлоки разила буда, метавонанд дар чомеа хиси хушунату бадбинй ва игвову нобасомониро ба вучуд биоранд. Аз ин лиҳоз, таъкиди мутафаккир ба "тарки суханчинй" ва "дурўягиву дузабонй" дорои арзиши баланди амалй мебошад, зеро чомеа хамеша ба шахсони содику софдил ва инсондўст ниёз дошта, кизбу дурўягй ва шурангезй аз аъмоли гайриахлокй мебошанд.

Дар таълимоти ахлокии Кутбиддин Шерозй "мутахафиз будан аз хато ва зилал (гумрохй)" хамчун рукни мухими ахлокй муайян шудааст, ки он ба дарачаи хирад ва маърифатнокии инсон вобаста мебошад. Тавре ки мутафаккир зикр месозад: "Хулки чордахум он аст, ки инсон бояд аз хато ва зилал (гумрохй) мутаҳафиз бошад, то аз вай сухане содир нашавад, ки хато бошад"[1].

Мусаллам аст, ки мухофизи инсон аз хатогўйй хирад ва чаҳонбинии ўст. Фарди хирадманд метавонад гуфтор ва амалҳои худро пайваста назорат намуда, самти мувофикро пайдо намояд. Ба истилохи Абулқосим Фирдавсй "Хирад раҳнамою хирад раҳкушост" ва ё тибқи таълимоти зардуштия: "Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори некро ба вучуд меорад". Аз ин лиҳоз, сифати аслии камолоти ахлокй ва аклонии инсон, майл ба донишу хирад ва шинохти ратсионалии вокеоту хаводис ва муҳити атроф мебошад.

Инсонро зарур аст, ки аз ҳаваму ғазаб худдорй намояд, зеро ин сифатхо хоси инсони комил набуда, метавонанд оқибатҳои ногувор дошта бошанд. Ҳамин аст, ки Кутбиддин Шерозй макулаҳои зикршударо зери танқид гирифта, таъкид менамояд, ки "Хашму ғазаб мазмум ҳастанд ва инсон боял аз онҳо эҳтироз кунад"[2]. Манзури мутафаккир, ғазаби бемаврид аст, ки он ба сифати гаҳаммулнозирии инсон ҳалал ворид мекунад, вале аз комилан бартараф кар-

[1] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиши Мох духт Бону Хумой. Чопи дувум. Техрон, 1386.-С.38.
[2] Хамон чо: -С.39.

дани он эҳтироз менамояд. Тибқи назари мутафаккир, "ғазаб" сифати нафсонии инсон буда, идораи он тавассути нерӯи ақл мухим аст, аз ин рӯ, ӯ дар ҳалли миёна нигоҳ доштани худро аз тарафи ҳар як нахс қобили қабул мепуморад. Дар ин маврид Қутбиддин Шерозӣ менависад: "Билон, ки ғазабро ду тараф ифрот ва тафрит аст, ки мазмум ҳастанд. Васате миёни эшон маҳмуд. Аммо, тарафи тафрит ва нуқсон ба ҷихати он аст, ки чун қуввати ғазаб заиф бошад, он касро ҳаммият набошад ва пайваста заволу маҳин (суст) бошад ва аммо, тарафи ифрот зиёдат ба ҷихати он, ки чун қуввати ғазаб қавӣ бошад дархол ғазаб чунон шавад, ки ақлу ҳикматро бар вай ҳукм набошад ва аз доираи оқилон берун шавад ва дар зумраи девонагон дарояд. Бошад, ки сабаби ҳалоки ӯ шавад, чунки чун ҳайвон дил суварон кунад аз даст диҳад. Бошад, ки ҷумла хун руй ба зоҳири бадан нихад ва намирад ва чун мунқабиз гардад хун аз зоҳири тан рӯй ба ботин ниҳад, балки ба даруни дил ва ҳарорати гаризеро ба ханақ бикашад. Пас, маълум шуд, ки ҳарду тараф ифрот ва тафрити ғазаб мазмум аст ва васат, ки эътидол аст байнултарафайн маҳмуд то ҳам тарафи ҳамият (мурувват) мусун (нигоҳ дошташуда) монад ва ҳам ба дараҷаи девонагон нарасад, балки дар зумраи оқилон боқӣ монад"[1].

Моҳияти андешаи мутафаккир дар мавриди "ғазаб" бар он далолат менамояд, ки инсон ҷузъи табиат ва субъекти асосии муносибатҳои иҷтимоӣ буда, малакаҳои худбаҳодиҳӣ, худгазимнамоӣ ва худидоракуниро доро мебошад. Ин малакаҳо дар натиҷаи таъсири мутақобилаи аъзоёни ҷомеа дар инсон зуҳур мекунанд ва мақому дараҷаи ҷамъиятии онро муайян месозанд. Дар сурати аз ҳалли муайянгардида зиёд будани "ғазаб" мақоми ҷамъиятии инсон коста гардида, назари атрофиён нисбати ӯ хусусияти манфӣ касб менамояд, вале дар сурати набудани ин хусусият

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикматӣ ахлоқӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386.-С.40.

бетафовутӣ дар нисбати шахс падидор мегардад. Аз ин лиҳоз, бо вуҷуди категорияҳои ахлоқи разила будани "хашму ғазаб", дар типати инсон вуҷуд доштани онҳо ногузир мебошад. Дараҷаи муайянии мавҷудияти хашму ғазаб, ки аз қуввахои нафси инсонӣ ҳастанд, моҳияти инсониро ҳамчун мавҷуди табиӣ муайян месозанд.

Мавриди ба зикр аст, ки дар таълимотҳои ахлоқӣ "ғазаб" яке аз қуввахои нафсонӣ ва сарчашмаи шуҷоат низ доништа мешавад. Фазилияти ҷамъиятии инсонро бе доштани хиссиёти худбаҳодиҳӣ, ки асоси онро "қувваи ғазабия" ташкил менамояд, тасаввур кардан ғайримкон аст. Аз ҳамин лиҳоз, мутафаккирон дар раванди таҳлили масоили ахлоқӣ ба ҷойгоҳи ин қувваи нафсонӣ ва идора кардани он аз тарафи инсон таваҷҷуҳи хосса намудаанд.

Таҳлили Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди "ғазаб" бо таълимоти мутафаккирони пешин ҳамоҳангӣ доштa бошад ҳам, вале онро метавон такмилёфта арзёбӣ намуд. Масалан, Закариёи Розӣ "ғазаб"-ро падидаи нафс ва яке аз тарафҳои манфии фазилати "шуҷоат" медонад. "Ғазаб бо мақсади аз азобдиҳандаи худ интиқом гирифтан дар ҳайвон ҷо шудааст. Он барои инсон ҳолати аразӣ буда, ифроти ғазаб касро аз ақл берун мекунад"[1]. Ибни Мискавайҳ бошад, менависад, ки «Ғазаб ҳамон ҳаракати нафс аст, ки бадон ҳаракати хуни қалб барои интиқом ҷӯстан шӯрида ва дамин мешавад, агар ин ҳаракат дуруштнок бошад, оташи хашм афрухта мешавад ва онро шуълавар месозад ва тахрикоти фишори хун низ тез мешавад ва рагҳо ва мағз пур аз дуди торик ва ошуфтагӣ мешавад, ки ҳоли андешидан аз он бад ва корашон суст ва заиф мегардад...»[2]. Қутбиддин Шерозӣ бар он назар аст, ки "Натиҷаи камоли қувваи ақл ҳикмат аст ва аз камоли қувваи ғазаб шуҷоат ва аз қуввати шаҳват ифат. Ҳар ки-

[1] Розӣ Абӯбакр Муҳаммад Закариё. Мунтахаби осор. Душанбе: «Адиб», 1989 -С.277.

[2] Пароии чон. Тарҷума: «Тахзиб-уд-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ. Тарҷума, шарҳ ва тавзеҳоти Ҳусайн Қалвӣ. Қум 1398. -С.281.

ро ҳикмату шуҷоат ва ифату адолат, ки васат аст миёни зулму инзилом (ситам кашидан ва эҳтимол кардан) ҳосил бошад ба дарачаи малоика наздик бувад ва аз мартабаи шаётин дур ва ба кадри он, ки аз дарачаи малоика дур мешавад ба мартабаи шаётин наздик мегардад"[1].

Аз киёси ин андешаҳо маълум мегардад, ки мавҷудияти қувваи "газабия" ба моҳияти инсон метавонад сифати шуҷоатро ба бор биорад, вале он, бояд тахти идораи қувваи "оқила" буда, дар ҳолати васат нигоҳ дошта шавад.

Мукаррароти навбатии ахлоқӣ дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ "иҷтиноб варзидан аз ҳукд (кина)" муайян шудааст. Мутафаккир, дар мавриди моҳияти "ҳукд" (кина) гирифтан менависад: "Билон, ки чун касе ҳашм фурӯ хӯрад ва интиком натавонад кашидан, ба ботин боз гардад ва дар ботин мухтакан (кина) шавад ва ҳукд гардад. Ҳукду кина мазмум аст. Ҳукд аз газаб хезад ва аз ҳукд чанд чизи мазмум мутаваллид шавад. Аввал, ҳасаду душманӣ. Ҳасад он бувад, ки таманнои он кунӣ, ки неъмат аз маҳсуд зоил шавад. Душманӣ он, ки ба мусибате, ки ба ӯ расад хуррам гардӣ. Дуввум, ҳиҷрон аз он кас чунон, ки агар низ талаб кунад аз вай мунқатеъ гардӣ ва ин мазмум аст. Сеюм он, ки дар пайи ӯ чизҳое гӯйӣ, ки ҳалол набошад. Чаҳорум, он ки бар вай истеҳзо кунӣ ва ӯро биранҷонӣ. Панҷум, он ки хоҳӣ, ки ҳукуқи ӯро аз ӯ боз дорӣ ва ин ҳама ҳаром аст. Билон, ки ҳасад маразест, ки онро шифо нест ва дарде, ки онро даво нест"[2].

Вокеан, "кина" ҳулқест, ки инсонро аз сифати олитарини худ - "муҳаббат" канор мебарад ва сифатҳои дигари ахлоқи разила, аз қабили зулм, бадбинӣ, зараррасонӣ, қасдгирӣ ва монанди инҳоро тавон мебахшад. Ҳамин аст, ки аксари мутафаккирон сифати мазкурро мавриди таъкид

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи дувуум. Теҳрон, 1386.-С.23.
[2] Ҳамон ҷо: -С.42

қарор дода, дар баёни иҷтиноб варзидан аз он иттифоқи назар доранд. Вале, андешаи дигаре низ роиҷ аст, ки пайдоиши "кина"-ро дар асоси риоя нагардидани меъёри "адолат" дониста, "қасос"-ро василаи баровардани "кина" медонанд. Тибқи назари муҳаққиқи рус Палетский С.Г. "Кина, ин танҳо ҷавоб ё амали ҷавобӣ аст, агар гуфтан мумкин бошад, "таҷовуз дар муқобили таҷовуз". Таҳаввул ва шаклгирии он муайян аст. Қасос, ки натиҷаи кина аст, агар хайри маҳз ҳам набошад, метавонад иҷъикоси адолати олӣ бошад"[1]. Муҳаққиқ, андешаи худро бо он асоснок менамояд, ки инсон ҷузъи табиат буда, қонуниятҳои табииро дар сиришти худ иҷъикос менамояд. Аз ҷумла, инсонигардонии қонуни сеюми механикии Нютон - "қувваи ҳаракат баробар аст ба қувваи ҳаракати мукобил", "чашм дар ивази чашм, дандон дар ивази дандон, даст дар ивази даст, пой дар ивази пой ва ҷон дар ивази ҷон"[2] мебошад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ҳамин гуна андеша, яъне интиком гирифтан, дар таълимотҳои динӣ (аз ҷумла, ислом) (ҳунбаҳо) вуҷуд дорад. Вале, дар мукаррароти ахлоқӣ ва низоми ҳуқуқии ҷомеаи муосир "интиком" дар шакли табиӣ (ҳар узве дар ивази узв) кобили қабул нест. Тариқи мукаррароти қонун (бо назардошти риояи ҳуқуқи башар) танзим намудани беадолатӣ ва нақзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқтар мебошад. Бо дарназардошти ҳамин афзалият таълимоти Қутбиддин Шерозиро доир ба мамнуъ шумориданн кинаву бугз ("ҳукду кина мазмум аст") метавон арзишманд ҳисобид.

Мукаррароти дигари ахлоқӣ, аз назари мутафаккир, "бахшандагӣ" мебошад, ки ба мукобили кинаву кудурат, интиқомгирӣ ва даранадахӯйӣ нигаронида шудааст. "Ҳулқи ҳабдаҳум, авф кардан аст аз гунох. Бояд, ки онро шиор ва

[1] Пилецкий С.Г. Месть и возмездие: социальная эволюция с обратной связью. Среднерусский вестник общественных наук. Серия: философия. Этика, религиоведение. 2010. https://cyberleninka.ru (22.02 2021)
[2] Ҳамон ҷо.

дасори (ҷома) кору бори худ созӣ. Авф, он бувад, ки аз ҳаққи худ бархезӣ ва гуноҳи корро барӣ кунӣ. Бидон, ки чунон ки гуноҳи бузургтар кадри авфи аҷмал бувад ва лаззат аксар ва савоби (фоида) аъзам"[1]. Воқеан, "бахшидан" (авф) макулаи ахлоқи ҳамида ва сифати олии инсонист, ки метавонад, соҳиби худро дар ҷомеа маҳбуб гардонад, аммо, боял, ба маврид ва бо дарназардошти манфиати иҷтимоъ мавриди амал қарор дода шавад.

Ташаккули қудрати бахшандагӣ дар тинати инсон аз чанд омил вобастагӣ дошта, ҳамзамон якчанд хусусиятҳои мусбатро доро мебошад. Авалан, нишони камолоти маънавию ахлоқии инсон буда, нишони бар сифатҳои сифлагӣ, нотавонбинӣ, ҳирсу тамаъ, хашму газаб ва қасду қасос голиб омадан ва дуввум, дар шуури инсон пайдо намудани ҳисси раҳмдилӣ, инсондӯстӣ, муҳаббат ва ғ. мебошад.

Хулқи дигаре, ки Қутбиддин Шерозӣ онро, ҷиҳати танзими муносибатҳои иҷтимоии инсон муҳим меҳисобад, "бо мардум рифқ (дӯстӣ) варзидан" аст. Мутафаккир зикр менамояд, ки "Рифқ он аст, ки ҳар чизеро аз ҷойи худ нахӣ, сахтӣ дар мавзеи саҳтӣ ва нармӣ дар мавзеи нармӣ ва шамшер дар мавзеи шамшер ва тозиёна дар мавзеи тозиёна. Ин ҳама ишорат аст бад он, ки чанд бор гуфтем, ки васати ҳар чизе маҳмуд аст. Дуруштӣ ба ифрот мучиби нафрат бувад ва нармӣ ба ифрот мучиби мазаллат бувад ва зиёдатӣ тамаъ ва муҳаббат бар ҷойи бошад ва нафрати мардум аз вай ҳосил нагардад"[2].

Ҳамчунин, Қутбиддин Шерозӣ, дар таълимоти ахлоқии худ, мақулаҳои ахлоқии "каноат", "саховат", "бахилӣ", "тавозуъ", "кибр", "мағрурӣ" ва "шукр"-ро мавриди таҳлил қарор дода, ҷанбаҳои мусбату манфии онҳоро дар таъмини низоми иҷтимоӣ муайян месозад, ки ҳамоҳанг бо таълимотҳои ахлоқии пешин ва минбаъдан ахлоқӣ ҳастанд. Масалан, доир ба "саховат" ӯ чунин иброз назар менамояд: "саховат кардан ва аз бухл иҷтиноб намудан маҳмуд аст. Шарти сахо ва ҳаққи ӯ он аст, ки соилро рад накунад, модом, ки мумкин бошад. Боял, ки чун мустаҳақро бишиносад ӯро маҳрум нагузорад ва агарчи суол накунад ва чун истиҳқоқ дид тавқифи ато бар суол накунад ва ҷиҳати истиҳқоқ ато аз рӯйи табаруъ (хайр) ё эҳтиёҷ бошад, чунон ки ба фукаро ба масокин диҳанд. Бидон, ки одамӣ, боял, ки, агар мол надорад каноат кунад ва ҳирсу тамаъ аз худ даф кунад мол надорад каноат кунад ва ҳирсу тамаъ аз худ даф кунад ва агар мол дорад ҷуду саховат варзад ва исор кунад"[1].

Доир ба "тавозуъ ва аз кибр парҳез кардан" бошад, Қутбиддин Шерозӣ бар он назар аст, ки "Эътидол дар тавозуъ он аст, ки ҳар касеро дар мартабае фуруд орӣ, ки он кас худро мустаҳақи он медонад ва худро пеши ҳар касе дар мартабае фуруд орӣ, ки он кас туро лоиқи он медонад. Агар, мавқуф бар ин ҳад бар аҳде душвор бошад, боял, ки майл ба ғайри ҷиҳати такаббур бошад, чунки нафс моил аст бо он, чун ӯро бо ҷиҳати дигар бинад, бошад, ки дар миён рост биистад. Бидон, ки такаббур касе кунад, ки ӯро эътиқод бошад, ки дар вай ҳафт сифат аз сифоти камол аст: ду динӣ: илму амал, панҷ дунявӣ: насаб, ҷамол, қувват, мол ва бисёрии муовинон ва ансор ва хеҷ каси дигарро ин сифот нест ва ин ҳарду мазмум аст"[2].

Мутафаккир ба категорияи ахлоқии "мағрурӣ" низ назари интиқодӣ дошта, таъкид менамояд, ки "Бидон, ки ғурур ҷаҳл аст, пас, хар чи далел бошад, бар замми ҷаҳл ғурур дел бошад бар замми ғурур, валекин, на ҳар ҷаҳле ғурур

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиши ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи дуввум. Техрон, 1386. - С.43.
[2] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиши ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи дуввум. Техрон, 1386. - С.44.

[1] Ҳамон ҷо: -С.51.
[2] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиши ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи дуввум. Техрон, 1386.-С.56-57.

аст. Чахле, ки эътикоди чизе бошад бар хилофи вокеъ, ки он ҷуз мувофики хаво бошад ва сабаби чахли шубха ё хаёле бувад, валекин пиндорад, ки далел аст. Феъле, хазо гурури сукуни нафс бувад ба чизе мувофики табъ ва хаво аз сари шубхат, чунон ки пиндорад, ки он гайр аст ё дар очил ё ачал з-он кас, ки ӯро ин сукун бувад, бинобар шубхаи фосид ӯ магрур бувад"[1].

Хулки "шукргузорӣ" ва "сабр"-ро Қутбиддин Шерозӣ аз зумраи фазилатҳои ахлокӣ шуморида, зикр менамояд, ки "бар вуҷудоии неъмат шукр ва бар фуқлону заволаш сабр бояд кард. Бидон, ки шукр ба се чиз тамом шавад: илм, амал ва ҳоли мутавассит миёни ин ду. Аммо, илм он аст, ки олим бошад ба неъмат ва бизоти мунъим ва бисифоти ӯ, ки бад он сифот инъом тамом шавад ва ба судури ин неъмат ба қасд ва иродати ин чаҳор илм мебояд, то шукри неъмат тамом шавад. Ҳаззи (лаззат) шукр он бувад, ки қасди хайр кунад, то ба ҳама мустаҳаққон савобе расонад, дар ҳар мавҷуде аз мубсарот ва айб набинад ва агар, бинад, изҳор накунад, то касе наранҷад ва ҳамчунин, ҷумлаи аъзоро бар ин киёс бояд кард. Сабр кардан, гоҳе мустахсан бувад, ки дафъи бало ва мусиба мумкин нагардад. Масалан, агар касе ташна бошад ва об дошта бошад, ки дафъи ташнагӣ кунад ва сабр мекунад то алами ташнагӣ зиёдат шавад, он сабр мазмум бошад, балки ҷахд кунад, агар мумкин нагардад, он гоҳ сабр кунад"[2].

Ҳамин тариқ, аз таълимоти Қутбиддин Шерозӣ, метавон хулоса кард, ки қавоид ва мукаррароти ахлоқии муайшамудаи ӯ, комилан хусусияти ратсионалӣ дошта, ҳанӯз ҳам дорои арзиши илмию амалӣ мебошанд. Таҳлили муқоисавии афкори мутафаккир бо таълимотҳои ахлоқии пешин ва ҳамзамононаш нишон медиҳад, ки, ӯ, на танҳо пайрав ва шорехи таълимотҳои пешқадам, балки бо дарназардошти хусусиятҳои умуминисонӣ мукаррароти ахлоқиро мавриди баррасӣ карор додааст. Тавре ки болотар зикр намудем, Қутбиддин Шерозӣ, гарчанде аз истилоҳоти динӣ зимни баррасии масоили ахлоқӣ истифода намоял ҳам, вале ба он маҳдуд намешавад. Масалан, «вочиб он аст, ки шариат тартиб карда бошад ба он, ба тарики савоб ба феълаш ва тараҳҳуб (ситоиш) карда бошад ба тарки он ба таълики икоб ба таркаш ва он бар нафъи башар бошад»[1]. Инчо истилоҳи «ба нафъи башар будан», ифодаест, ки гуманизмро дар маъниои имрӯза ифода карда, дар таълимотҳои пешинии ахлоқӣ истифода нашудааст ва яке аз навовариҳои Қутбиддин Шерозӣ мебошад.

Масъалаи дигари арзишманд дар таълимоти мутафаккир ифодаи "Бидон, ки оқил, боят афъол ва ахлоқи худро бар маслиҳати нафси худ ва нафси олам ороста намояд"[2] мебошад. Дар ин иқтибос низ хусусияти умумибашарӣ ва новобаста аз мансубиятҳои қавмию нажодӣ ва линию ақидави эҳсос мешавад. Замони муосир, ки "лаврони руҳди ахлоқи манфиатҷӯёна ва амалигардонии хадафҳои фардиву гурӯҳӣ дар зери пардаи ахлоқ"[3] дониста шудааст, ниёзи ҳарчи бештар ба чунин ақидаҳо ва ба таҳияи идеологияи ахлоқии фаромилливу фаромазҳабӣ дорад. Мақзур таҳияи идеологияест, ки фарогирандаи манфиатҳои миллат дар алоқамандӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, хусусияти умуминисонӣ дошта бошад. Чихати таҳияи ин гуна идеология таълимотҳои ахлоқии ниёгони миллати тоҷик сарчашмаи муътамад пуда метавонанд. Танҳо зарур аст, ки бо назари илмӣ ба ин тамаддун нигариста, афкори арзишманди онро мавриди таҳқиқ карор дода, бо далелҳои мушаххас як консепсия ё идеология дар ин самт пешниҳод карда шавад.

[1] Ҳамон ҷо: -С.57-58.
[2] Ҳамон ҷо: -С.59-60.

[1] Ҳамон ҷо: -С.21.
[2] Ҳамон ҷо: -С.19.
[3] Саидзода З. Густариши ахлоқи миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Душанбе: "Контраст", 2014. -С.12.

Хулоса, қавоид ва мукаррароти ахлоқии пениҳод-намудаи Қутбиддин Шерозиро, ки дар доираи фазилатҳо ва разилатҳои ахлоқӣ, бо ниятн дидани ҳусну қубҳ ва такомули инфиродиву ичтимоии инсон баён шудаанд, мухтасаран метавон бо чанд категорияҳои умуминахлоқӣ ифода намуд:

1. Поқӣ ва покдоманӣ. Поқӣ сифати олитарини инсонӣ ва покдоманӣ кувваест, ки ташаккули чисму рӯҳи инсонро таъмин намуда, ӯро аз амал ва сифатҳои разилӣ эмин нигоҳ медорад. Қутбиддин Шерозӣ ҷиҳати қудратнок намудани қувваи мазкур дар таълимоти ахлоқии худ, ки аз бисту се ҳулқ ибрат аст, аз риояи тановули ғизо шурӯъ намуда, то нигоҳдошти ҳолати эътидолии шаҳвату газаб, ки ҳамагӣ метавонанд дар ташаккули камолоти ахлоқии инсон ва муносибатҳои ичтимоии ӯ нақш гузоранд, дахл менамояд.

2. Инсондӯстӣ. Назари Қутбиддин Шерозӣ дар нисбати категорияи "инсондӯстӣ" аз доираи гуманизми асримиёнагӣ фаротар ва мувофиқ ба меъёрҳои ахлоқи пешрафтаи ҷаҳонӣ аст. Бо вуҷуди дар муҳити фарҳангии динмехварӣ фаъолияти эҷодӣ намудан, мутафаккир дар нисбати муҳаббат ба инсон, ҳеҷ гуна мансубиятҳои қавмиву нажодӣ ва динию мазҳабиро наменазирад. Фарзияҳои ӯ дар мавриди "хулқи инсон бояд ба нафси олам мувофиқ бошад", "одамиро ниёз бар муҳаббати дигар аст", "бар нафъи башарият бошад", "ҳеҷ каеро лаънат нашояд кардан", "бо мардум рифқ (дӯстӣ) варзидан" ва монанди инҳо иеботи андешаи баёншуда мебошад.

3. Некӣ ва накукорӣ. Қутбиддин Шерози бехтарин хислати ахлоқии инсонро дар ларки мафҳуми некӣ ва фаъолияти худро ба ин самт равона кардан медонад. Мафҳуми "некӣ", ки баъзан, бо истилоҳи "хайр" низ ифода карда мешавад, фарогири тамоми хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буда, метавонад густариши амалҳои мазмум (разила)-ро, аз қабили мумсикӣ, озори шахс, беадолатӣ, лаззатпарастӣ, каббур, худбинӣ, бетарафӣ ва г. пешгирӣ намояд. Мутафаккир, ҳатто "парҳез аз фаҳш", "фош накардани сир", "дар

ваъда вафо кардан", "парҳез кардан аз дурӯғ", "ғайбат накардан", "парҳез аз дурӯягӣ ва дузабонӣ", "дурӣ аз суханчинӣ" ва "ичтиноб варзидан аз ҳукд (кина)"-ро накукорӣ медонад.

Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида, хулосаи умумии ин бахш он аст, ки қавоид ва мукаррароти ахлоқии муайянамудаи Қутбиддин Шерозиро, ҳам аз лиҳози таърихӣ ва ҳам барои ҷомеаи муосир, метавон дорои арзиши илмиву амалӣ донист. Махсусан, дар замоне, ки ахлоқ дар доираи муносибатҳои манфиатҷӯёна ташкул ёфта, таъсиррасонӣ ба шуури насли муосир тавассути шабакаҳои ичтимоиву маҷозӣ идоранашаванда мебошад, рӯй овардан ба андешаҳои арзишманди мутафаккироне сохибандеша, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ ва ба ин васила ташаккул додани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ барои ҳамагон мақбиатовар хоҳад буд.

БОБИ 3. ФАЛСАФАИ МАНЗИЛДОРИИ КУТБИДДИН ШЕРОЗӢ

3.1. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ

Кутбиддин Шерозӣ дар фалсафаи амалии худ ба шинохт ва баррасии масъалаи оила, ҳамчун сохтори таркибии ҷомеа таваҷҷуҳи хоса намудааст. Ӯ, дар таснифоте, ки аз илм мекунад, фалсафаи оиладориро ё ба истилоҳи худи ӯ, «сиёсати манзилӣ» ё «сиёсати аҳл»-ро аз бахшҳои муҳимтарини ҳикмати амалӣ ва аз зумраи «улуми ҳикамӣ»[1] (фалсафӣ) шуморида, зикр менамояд, ки «Сиёсати манзилӣ, ки иборат аст аз ҳукм ва маъдалат кардан дар манзили худ ва онро ҳикмати манзилӣ меҳонанд, бахши муҳиме аз ҳикмати амалист»[2]. Бо назардошти андешаи фавқ, итминон кардан мумкин аст, ки мутафаккир ба ин шиҳоди иҷтимоӣ арҷгузорӣ намуда, таҳқиқи онро муҳим мешуморад. Ҳамин аст, ки «қоидаи сеюм»-и «кутби сеюм»-и «Дуррат-ут-тоҷ»-ро «дар сиёсати манзилӣ» номгузорӣ намуда, ӯ зикр менамояд, ки «манзил маконест мукаддас ва ниҳоест, ки бупёди камолоти фард бад-он бастагӣ дорад»[3].

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки инсоният дар раванди таҳаввулоти ҳаёти хеш, арзишҳоеро офаридаву коркард кардааст, ки дар ташаккули бунизоми ҷомеа ва камолоти маънавии насли башар нақши босазо гузоштаанд. Аз зумраи ин гуна дастовардҳои арзишнок «оила» мебошад. Оила, на танҳо фарогирандаву ифодакунандаи як гурӯҳи мушаххаси ҷамъиятӣ, балки ҳамчун институти иҷтимоие ба ҳисоб мерафт, ки дар он ҳифзи нахустини бупёдии сифатии шахс, ташкили ҷомеа, тарбияи инсон ва ба камолот расонидани он

[1] Кутбиддин Шероза. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкук. Ҷ.1. Теҳрон, Чопи сеюм, 1269. – С.155.
[2] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши Моҳдухт Бону Хумой. Чопи дувум. Теҳрон, 1386. - С. 129.
[3] Ҳамон ҷо. -С.130.

ҳамчун шахсияти соҳиба гузошта мешавад. Ҳамин аст, ки бештари мухаққиқон «оила»-ро гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, ниҳоди нахустин ва муҳимтарини иҷтимоӣ, инчунин, замина бунёдии ҷомеа муаррифӣ кардаанд. Қисмати дигари донишмандон бар онанд, ки «оила» ин системаи робитаҳои зану мард мебошад, ки фарзандон низ баъдан ба он ворид мегарданд. Аз ҷумла, ҳуқуқшиноси рус Г.Ф.Шершеневич ба таҳқиқи масъалаи мавриди назар пардохта, зикр менамояд, ки «Оила – ин ҳамзистии муназзами зан, шавҳар ва кӯдакон ба шумор рафта, муттаҳидшавии шахсонеро дар бар мегирад, ки бевосита бо никоҳ алоқамандӣ доранд»[1]. Бояд таъкид намоем, ки ба ин маънӣ, мафҳуми «оила» хеле маҳдуд карда мешавад, зеро дар оила ғайр аз муносибати ҳамсарон муносибати фарзандон ва хешу акрабо низ, ки берун аз робитаи никоҳӣ фаъолият менамоянд, фаро гирифта мешавад.

Кутбиддин Шерозӣ аз маҳдуд сохтани оила интиқод карда менависад, ки «Гарчанде, гуфтаанд, ки манзил иборат аст аз азвоҷ, авлод ва бардагону хочагон, вале аҳли мард (оилаи мард – Ш.А.) тақсим аст бар шаш қисм: волидайн, зувоҷ (зану шавҳар), авлод (фарзандон), бародарону хоҳарон, хешовандон ва ғуломон»[2]. Аз ин маълум мегардад, ки мутафаккир, ҳанӯз дар замони худ оиларо ҳамчун ниҳоди хурди иҷтимоӣ, ки доираи фарогирии он аз ҳудуди никоҳ берунтар аст, таъриф медиҳад. Ҳамоҳанг ба таърифи Кутбиддин Шерозӣ, дар китоби «Вожаномаи тафсирии мафҳумҳои психологӣ ва педагогӣ» оварда шудааст, ки оила ва бо никоҳ муносибатҳои хунӣ низ ба мухтавои мафҳуми оила ворид карда шудаанд. Муҳаққиқони китоби мазкур менигоранд, ки «Оила гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, ки дар асоси никоҳи конунӣ ва хешии хунӣ ба вуҷуд меояд ва аъзоёни он

[1] Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. – Т.2. –М., 1915. - С.162.
[2] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумой. Чопи нахуст: 1369. - С. 130.

байни худ бо умумияти маиший ва масулиятшиносии байниҳамдигарии ахлоқӣ ва модӣ алоқаманданд[1].

Ба ҳамин маънӣ, дар китоби дигари муҳаққиқони ватанӣ «Кори иҷтимоӣ бо оила» низ оварда шудааст, ки «Оила - ташкилоти махсусеест, ки аз як тараф ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ баромад намуда, аз тарафи дигар, институти ҷамъиятӣ мебошад»[2]. Аз ин ду таъриф, шарҳи аввал ҳамрадиф бо фаҳми Қутбиддин Шерозӣ буда, оиларо ҳам дар асоси никоҳ ва ҳам муносибатҳои хешӣ эътироф менамояд, ки қобили пазириш аст.

Вобаста ба ин, бояд таъкид намуд, ки бар хилофи таърифҳои болозикр дар тафаккури урфии ҷомеаи муосир арзишҳои оилаи суннатиро ҳам ба дараҷаи ифрот ва ҳам ба дараҷаи тафрит мерасонанд. Дараҷаи ифрот он аст, ки бо таъсирпазирӣ аз фарҳанги муосири ғарбӣ муҳимияти таъсиси оила, ҳайат, сохтор ва муносибатҳои аъзоёни он ва арзиши суннатии оила майл ба коставӣ дорад. Ба маънии дигар, дар раванди ҷаҳонишавӣ арзишҳое доир ба оила ва ҳикмати оиладорӣ пайдо шудаистодаанд, ки комилан мухолиф ба оиладории суннатӣ ҳастанд. Аз ҷумла, таъсиси оила дар доираи як ҷинс, тавлиди фарзанд бидуни таъсиси оила, баробарии тамоми аъзоёни оила дар идораи умури оиладорӣ, озодии мутлақи аъзои оила ва итоат накардани фарзандон ба волидайн ва монанди инҳо масоиле ҳастанд, ки ҳудудҳои оилаи суннатиро убур карда, аз ҷонибе баъзе мардумон хуш пазируфта мепаванд.

Дараҷаи тафрити оилаи суннатӣ бошад, хусусияти консервативӣ касб кардан ва ба таассуб табдил ёфтани муносибатҳо дар нисбати оила мебошад. Нишонаи ин навъи муносибат, никоҳи хешутаборӣ аст, ки дар ҷомеаи муосири

[1] Вожагомаи тафсирии истилоҳоти технологӣ ва педагогӣ. Қодиров Қ.Б., Давлатов М.Т., Расулов С.Х. Душанбе, 2008. - С. 107.
[2] Кори иҷтимоӣ бо оила. Зери таҳрири Д. Баҳромбеков. Душанбе, 2012. – С.23

ҷомеаи инсонӣ вуҷуд дошт, ки вобаста ба сатҳи тафаккур, дараҷаи пешрафти маданият ва давру замон зина ба зина маҳдудаи амалкарди худро кохиш додааст. Аммо, қисме аз мардумони мо, ҳанӯз аз ин амал даст накашида, балки онро ҷонибдорӣ менамоянд. Новобаста аз хулосаҳои илми тиб ва нишон додани окибатҳои нохуши никоҳи хешу таборӣ аз он иҷтиноб намеварзанд, ки нишон аз хусусияти консервативӣ ва таассубӣ касб кардани муносибатҳо дар мавриди таъсиси оила мебошад. Ба андешаи мо, зарур аст, ки шуури насли муосирро ба дарки аклонии масъала, ки аз таассубу хурофот дуртар ва ба воқеияти замон наздиктар шуда бошад, тарбият намоем.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки оила ташкилоти махсус, заминаи бунёдии ҷомеаи инсонӣ ва макони мувофики инкишофи шахсияти инсон ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, дар бунёди ин ниҳод месазад, ки аз чидлият кор гирифт ва онро тавре таъсис дод, ки вазифаҳои худро иҷро карда тавонад. Яъне, гурӯҳеро ба ҳам биорад, ки онҳо нерӯи созандаи худро таквият бахшида, дар ташаккули ҷомеа саҳм гузошта тавонанд.

Мақсади Қутбиддин Шерозӣ аз таҳқиқи оила, мушаххас намудани мавқеи ин ниҳод ҳам дар қонеъ гардонидани талаботҳои моддию маънавии аъзоён ва ҳам тарбияи шахсиятҳои зарурии ҷамъият мебошад. Бо таъсирпазирӣ аз таълимоти мутфаккир, донишмандони баъдӣ низ ба таъриф ва таҳлили оила ҳамчун ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ даст задаанд. Аз ҷониби дигар, дар фалсафаи мардуми кишварҳои гуногун низ оиларо чунин таъриф кардаанд, ки на он қадар тафовути зиёд аз андешаҳои мутафаккирони гузаштаи тоҷику форс, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ доранд. Аз ҷумла, донишманди рус Соловёв Н.Я. оиларо «гурӯҳи хурди иҷтимоӣ ва шакли муҳимтарини ташкили маишати шахсӣ, ки дар асоси иттифоқи ҳамсарӣ ва робитаҳои хешутаборӣ ба

вучуд омада, асоси онро муносибатхои байнихамии хамсарон, волидон, кўдакон ва хонавода бо хочагихои умумй дарбар мегирад»[1] таъриф додааст.

Мутафаккирони асримиёнагй мафхуми «оила» ва танзими онро бо ифодаи «тадбири манзил» баён намуда, макоми онро дар ташкил ва идораи чомеа мухим шумориданд. Гибки хикмати амалии асриминёнагй шахсе дар бунёди оила ва чомеа метавонад сахм дошта бошад, ки ахлоки худро такмил карда бошад. Мусаллам аст, ки ахлоки фард ба таври табий тарбият наёфта, балки бо таъсирпазирй аз таълиму тарбия ва муносибатхои ичтимой шакл мегирад. Аз ин лихоз, оила мухимтарин ва мукаддастарин ниходест, ки хам ахлоки фард ва хам муносибатхои ичтимоиро ба низоми муайян медарорад.

Бо дарназардошти хамин хусусият, масъалаи бунёди оила ва хикмати оиладорй ханўз аз даврони пешин таваччухи андешамандонро ба худ чалб намуда, дар маркази афкори фалсафаи амалй чойгир шудааст. Гарчанде масъалаи мазкур, дар тамоми тамаддунхо мавкеи намоёнро ишгол карда бошад хам, вале "баъзе асрй атрофи он дар Юнони кадим шурўъ гардида, бунёду собикан он дар ин кишвар дар колаби махсуси фикрй рехта шудааст"[2]. Афлотун дар китобхои худ "Конунхо" ва "Давлат" ба масъалаи тарбияи зану фарзанд, ки масоили марказии хикмати оиладорй хастанд, таваччух намуда, мухимияти оиларо хамчун сохтори тарбиятгунандаи инсон, ки дар ташкили давлат накши калидй дорад, мухим арзёбй менамояд. Бо вучуди он, ки оила ба таври хосса дар таълимоти мутафаккир мавриди баррасй карор нагирифта бошад хам, вале маълум мегардад, ки ин ниходи хурди ичтимоиро, ки дар асоси он давлат ташакил карда мешавад, ў эътироф карда, мухим меъзуморад.

[1] Соловьев, Н.Я. Брак и семья сегодня. - Вильнюс: Минтис, 1977. - С. 25.
[2] Хакимова З.А. Масъалахои оила ва оиладори дар фалсафаи асриминёнагии точик. Душанбе, 2011. – С.27.

Идоман таълимотхо дояр ба оила ва хикмати оиладорй ба фаъолияти Арасту рост меояд. Арасту аввалин мутафаккирест, ки хангоми таксимбандии илмхо "сиёсати манзилй"-ро ба фалсафаи амалй ворид кард ва мутафаккирони баъдй бо таъсир аз таълимоти ў ба он таваччухи хоса намуданд. Мутафаккир, бахши аввали китоби «Сиёсат»-и худро ба бахси тадбири манзил ихтисос дода, дар он кўшидааст, ки масоилеро дар бораи муносибати байни зану шавхар ва ё робитаи байни хамсарон, хоча ва гулом, падару фарзанд ва роххои ба даст овардани мол[1] ба миён гузошта, мухимияти онро барои сохтани чомеа махсус кайд намояд. Арасту дар фалсафаи сиёсии худ таъкид месозад, ки «хар шахре аз хонаводахо фарохам меояд»[2]. Чихати исботи андешаи худ мутафаккир иброз медорад, ки тарбия мухимтарин воситаест, ки инсонро ба узви фаъоли чомеа такмил дода, чамъиятро бо шахсиятхои созанда пурра месозад. Назари мазкурро Арасту дар «Ахлоки Никомах», ки ба писараш бахшида буд, инкишоф дода, оиларо макони мувофик барои тарбияи фард ва ба шаклдорандаи сифатхои ичтимоии он мехисобад.

Бояд ёдовар шуд, ки Арасту масъалаи тадбири манзилро, хам дар асари ахлокй ва хам сиёсии худ баррасй кардааст, ки гувох аз таваччухи чиддии ў ба масъалаи мавриди назар мебошад. Мутафаккир, дар китоби «Сиёсат» таъкид месозад, ки "хар гуна давлат ифодакунандаи муносибати некхохона мебошад, зеро хар гуна муносибатхои инсон нисбат ба яклигар ба некй равона шуда, кўшиши дар худ ифода кардани лигар муносибатхоро дорад. Махз хамин муносибат, давлат ё ин ки муносибати сиёсй номида мешавад»[3].

[1] Аристотель. Никомахова этика. 4Кн.б. Соч.в 4т.- М.: Наука, 1983
[2] Хамон чо. -С.39.
[3] Аристотель. Политика. Наука. об управлении государством.- М.: Изд-во Эксмо; СПб.: Terra Fantastica. 2003. -С.309-310.

Бо таъсирпазирӣ аз таълимоти Арасту файласуфони минбаъда "тадбири манзил" ва ё ҳикмати оиладориро дар васати сегонаи ҳикмати амалӣ, яъне, таҳзиби ахлоқ (қисми аввал), тадбири манзил (қисми дуввум) ва сиёсати мудун (қисми саввум) мавриди баррасӣ қарор дода, ниқоти онро ҳам дар ташаккули ахлоқи фардӣ ва ҳам муназзамсозии муносибатҳои ичтимоӣ муҳим шумурдаанд. Таҳлили масъалаи мазкурро дар осори фалсафии мутафаккирону ҳакимони тоҷику форс ба таври возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо, аз Арасту дида, масъалаи онларо мутафаккири дигари юнонӣ Брасис ё Брусен (Bryson) васеътар ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Брусен дар асри II мелодӣ зиндагӣ ва эҷод карда, ҳамчун намояндаи ҷараёни навофагорӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ асари махсусеро зери унвони «Тадбири манзил» иншо кардааст, ки дар ташаккули минбаъдаи таҳқиқи масоили оила ва оиладорӣ таъсири назаррас гузоштааст. Бо итминон метавон гуфт, ки асари зикршуда аз ҷониби мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ ҳамчун сарчашмаи муътамади назариявӣ доир ба шиноҳти ҳикмати манзилдорӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо, нусхаи аслии асари Брусен боқӣ намонда, балки тарҷумаи арабии он «Китоб ул-Барсис фи тадбир-ур-рачул манзила» (Китоби Барсис оид ба оиладорӣ) дастраси донишмандони асримиёнагӣ гардида, пасон аз арабӣ ба забонҳои дигар тарҷума шудааст. Ибни Надим асари мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, зикр менамояд, ки «аз миёни осоре, ки ба забони арабӣ тарҷума шудаанд, рисолаи «Тадбири манзил»-и Брусен бехамто ва хеле муҳим аст».[1]

Дар рисолаи «Тадбири манзил»-и Брусен мафҳум ва моҳияти «оила» ба ҳайси ниҳоди бунёдии ҷомеа, ки дорои

[1] Хакимова З.А. Культурно-антропологические концепции семьи в практической философии восточных перипатетиков. Душанбе, 2013. - С. 43.

вазифаҳои мушаххас, масъулиятҳои махсус ва мактаби тарбияи сифатҳои шахс, ҳамчун макони тарбия ва ба камолрасонандаи инсон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, масъалаҳои ташкили оила, сарват ва дороии аъзоёни оила, ҷойгоҳи зан ва фарзандон низ, дар асари мазкур аз назари мутафаккир дур намондаанд. Брусен асари худро бо мукаддимае дар бораи заруратҳои зиндагии ҷомеъ ё якҷояи инсонӣ, ки ба мақсади ҳалли мушкилоти ичтимоӣ, эҳтиёҷ ба пул, тиллову нуқра, мис ва муомилоти онҳо бахшида шудааст, шурӯъ менамояд. Мутафаккир, баъдан ба баёни матлабҳое дар бораи ба даст овардан ва ҳифзу истифодаи молу чиз мепардозад, ки ба сохтор ва вазифаҳои оила дахл дорад.

Таҳлил ва таҳқиқи оила ҳамчун ниҳоди ичтимоӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ҷойгоҳи хосаро доро мебошад. Абӯнасри Форобӣ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ, Қутбиддин Шерозӣ ва пайравони дигари мактаби машшоия, бо пайравӣ аз мутафаккирони зикршудаи юнонӣ кӯшиш намудаанд, ки мазмун ва моҳияти "тадбири манзил" ва мақоми онро дар бунёд ва ташаккули бонизоми ҷомеа муайян намоянд. Ин донишмандон истилоҳи "тадбир"-ро масъалаи асосии таҳлили ҳикмати оиладорӣ шумурда, масоили марказии онларо ба ҳамин истилоҳ марбут медонанд. Яъне, андешидан ва дарёфтани чораҳои зарурӣ дар мавриди бунёди оила, идора, банақшагирӣ, муайян кардани вазифаҳо, сохтор ва таркиб ва монанди инҳо, ҳамагӣ ба илме вобастагӣ доранд, ки фарогир бошад. Аз ҳамин лиҳоз, ҳимати олидориро бо истилоҳи "тадбири манзил" ва ё "сиёсати манзилӣ" унвон кардаанд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мафҳуми "тадбири манзил" аз ду вожа – "тадбир" (чорандеши) ва "манзил" (оила) таркиб ёфтааст. Истилоҳи мазкур дар тамоми лугатномаҳо ва фарҳангҳои тафсирӣ ба маънии андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ташкил ва идораи оила ҳамчун сохтори таркибии ҷомеа маънидод мешавад. Дар «Силсилаи

фарҳангҳои Муин» мафҳуми "тадбири манзил" - «яке аз шӯъаби ҳикмати амалӣ»[1] қаламдод шуда, мавзуи он танзими умури хона ва маоши хонаводагӣ, дар «Луғатнома»-и Деххудо "тадбири хона" зикр шуда, моҳияти он чунин матраҳ шудааст: «яке аз се қисмати ҳикмати амалӣ аст ва он илми эътидоли аҳволи муштарак миёни инсон ва зану фарзанду хидматгорон ва илоҷ кардани умуми хориҷ аз эътидол низ мавзуи он аҳволи ашхоси мазкур аст аз ҳайси интизоме ба масолеҳи ҷамъе аст, ки дар манзил бо якдигар шариканд. Ва фоидаи он шиносхти чигунагии муштарикати аҳли манзил аст. Ва мақсуд аз манзил хонае нест, ки аз сангу чуб сохта бошад, балки сазовори махсусе, ки байни шавҳару зану падару фарзандон ва ходимону махдуму сохиби мол ва молро вучуд дорад, сарфи назар аз ин ки шаҳрнишин бошанд ва ё бодиягард»,[2]

Тавре ки маълум гардид, мавзуи асосии ҳикмати манзилӣ ин тарзу усул ва шаклҳои «идора" ва ё "сиёсати манзил» ва нақши марду зан, фарзандон, бандагону хидматгорон ва умуман, аъзои оила барои анҷоми корҳои хонаводагӣ ва идораи низоми оиладорӣ ба шумор меравад. Қисмати аввали ин мафҳум, яъне «тадбир» аз масдари «дабара»-и арабӣ гирифта шуда, дар тамоми луғатҳои точикӣ, форсӣ ва арабӣ ба маънои «назар кардан дар оқибат ва анҷоми умур» ва «хонадорӣ»,[3] гуфта шудааст. Дар шакли васеътар бошад, ба маънои танзиму идора ва роҳбарӣ кардан фаҳмида мешавад, ки комилан ба фалсафаи амалӣ таалуқ мегирад.

Дар таърихи фалсафа "тадбири манзил" ё "сиёсати манзилӣ" гоҳо ҳамчун қисмати сиёсат (сиёсати манзилӣ - Арасту) ва дар фалсафаи асримиёнагӣ точику форс ба ҳайси шохаи фалсафаи амалӣ, ки масоили марбут ба оиладорӣ, идораи оила, робитаҳои мутақобилаи байни аъзоёни оила, умури зарурии оиладориро танзим намуда, макони нахустини шаклдиҳандаи сифатҳои ахлоқӣ ва чамиятии инсон мебошад, ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Абунасри Форобӣ нахустин мутафаккире буд, ки дигар файласуфонро ба майдони баҳс доир ба масъалаи тадбири манзил кашидааст. Ин донишманд дар асари «Фусул-ал-маданӣ»-и худ аз масъалаҳои оиладорӣ таҳти унвони «Раб-ул-манзил» ёд карда, шаҳру кишвар ва оиларо ба бадани инсон монанд мекунад.[1] Мутафаккир дар бораи тадбири манзил тавзеҳот дода, дар атрофи муносибатҳои аҳли оила, яъне марду зан, падару фарзанд, хоҷа ва банда, сохиби молу мулк ишораҳо кардааст, ки ин акидаи вай ба китоби «Сиёсат»-и Арасту хеле шабоҳат дорад.

Пас аз Форобӣ, донишманди саршиноси Ибни Мискавайҳи Розӣ дар таълимоти худ ба тадбири манзил ва ахлоқ, тавассӯҳи хосса зоҳир кардааст. Фасле аз китоби «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»[2]-и ӯ ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Ҳамчунин, дар китоби «Ал-ҳавомил ваш-шавомил»[3] ҳангоми баррасии масоили муомилотӣ ва иқтисодӣ вазифаи иқтисодии оиларо матраҳ намуда, нақши онро ҳамчун институти танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодии одамон таҳлил кардааст. Дар китоби «Тартиб-ус-саодат»[4] низ Ибн Мискавайҳ ҳангоми табақабандии илмҳо аз ҷойгоҳи намоён доштани «тадбири манзил» дар низоми фалсафаи амалӣ ёдрас шудааст.

---

[1] Силсилаи фарҳангҳои Муин. Шумораи 3. Теҳрон: Муассисаи интишороти «Амири Кабир», 1360. – С.1055.
[2] Алӣ Акбар Деххудо. Луғатномаи Деххудо. Ҷ.14, шумораи муфасал 28 шумораи ҳарфи «с». Теҳрон: Интишороти Мачлиси Шӯрои Миллӣ, 1335.-С.499.
[3] Дорираттулмаорифи форсӣ. Ҷ.1. Ба сарпарастии Гуломҳусайни Мусоҳиб.- Теҳрон: 1345 х.ш. – С.882.

[1] Нит.: Fusul al madina (AL-Farab) ca: ted. .by D.M/Donlop. Cambridge U.P.1961.
[2] Мискавайҳи Розӣ. Таҳзиб-ул-ахлоқ ва таҳрир-ур-аъроқ. Чопи Ҳасан Тамим.- Бейрут, 1398; Чопи офсетӣ. Кум. 1410.-С.68-75.
[3] Мискавайҳи Розӣ. Ал-ҳавомил ва шавомил. Теҳрон.1369.-С.346-349.
[4] Мискавайҳи Розӣ. Таҳзиб-ул-ахлоқ ва таҳрир-ур ароқ.- Чопи Ҳасан Тамим.- Бейрут, 1398; Чопи афсетӣ. Кум. 1410.-С.68-75.

Рисолаҳои "Тадбири манзил"[1] ва «Рисолат-ус-сиёсат»-и Ибни Сино низ дар мавриди баррасии масоили марбут ба ҳикмати оиладорӣ (тадбири манзил) дорои арзиши баланди илмӣ буда, аз мавқеи халқунанда доштани оила дар ҷомеа ҷониблорӣ менамоянд. Ибни Сино дар рисолаи «Аксоми улуми ақлия» менависад, ки «Ва аммо қисми дуввум, ки рочеъ ба як ҷамоати махсус аст, онро «тадбири манзил» номанд. Ва он чунон аст, ки инсон бидонад, ки чӣ гуна сазовор аст, амал кунад ва чӣ гуна тадбири умури манзилро намояд, то иртиботи ӯ бо завҷа ва авлоду хадама ва зердастон бавҷҳи неку ва тариқаи ҳалолӣ шавад, то бонси саодат ва хушии ӯ гардад»[2].

Аз таърифи Ибни Сино маълум мегардад, ки "тадбири манзил" ҳам мутааллиқ ба ахлоқ ва ҳам ба сиёсат аст, ки ҳамрадиф бо таълимоти Арасту мебошад. Аммо, ба назари муҳаққиқи муосири эронӣ Муҳсин Маҳдӣ "тадбири манзил, мутобиқи андешаи Ибни Сино, наметавонад бунёде барои саодат бошад, аз ин рӯ он шохае аз илми ахлоқ дониста мешавад[3].

Андешаи фавқро комилан пазируфтан имкон надорад, зеро Ибни Сино, дар мавриди дигар тадбири манзилро бахши сиёсат ва танзимкунандаи умури хонавода донистаонро "сиёсати аҳли оила, фарзандон ва наздикон" арзёбӣ карда, таъкид менамояд, ки "...марди ташкилдиҳандаи хонавода мудир ва соиси онҳо гашта ва онҳо дар тахти сиёсату тадбири ӯ зиндагӣ мекунанд"[4]. Ҳамин назари Ибни Синоро мутафаккирони баъдӣ, бахусус, Кутбиддин Шерозӣ пазируфта, чиҳати ифодаи мафҳуми "оила" баъзан мафҳуми "сиёсати манзилӣ"-ро ба кор мебаранд. Ба ҳар сурат, фаҳмиши Ибни Сино ва пайравони ӯ дар нисбати мафҳуми "оила" (ҳам мутааллиқ ба ахлоқ ва ҳам ба сиёсат) қобили

[1] Абуалӣ ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ҷ.4. Душанбе, 2007. – С.17-43.
[2] Абуалӣ ибни Сино. Дар ақсоми улуми ақлия// Осор. Ҷ.4. Душанбе, 2007. - С. 126.
[3] Муҳсин Маҳдӣ. Тартиб-ус-саодат. Техрон.1371. -С.13-14
[4] Абуалӣ ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ҷ.4. Душанбе, 2007. – С.21

пазириш аст, зеро шахси хушахлоқ ва хирадманд метавонад оилаи солим ташкил намуда, бо истифода аз сиёсати созанда онро идора ва танзим намояд.

Идоман таҳлили фалсафаи манзилдорӣ ба фаъолияти илмии Насриддини Тӯсӣ, Қутбиддин Шерозӣ, Ҷалолиддини Давонӣ ва дигарон марбут мебошад, ки онҳо ба таври васеътар масъалаи мавриди назарро матраҳ намудаанд. Аз ҷумла, Насриддини Тусӣ мақолаи дуюми китоби "Ахлоқи Мухташамӣ"-и худро "Тадбири манзил" унвон карда, боби аввали онро ба баррасии "Сабаби мухтоҷӣ дар манзил ва дарки асосҳои идоракунии оила"[1] бахшидааст, ки ниёзи инсонро ба манзил (оила) нигузир мешуморад.

Масоили марбут ба ҳикмати манзилдорӣ таваҷҷуҳи намояндагони мактаби калюмро низ ба худ ҷалб намудааст. Моварди, Бағдодӣ, Ҷувайнӣ ва Ғаззолӣ[2] аз зумраи мутафаккироне ҳастанд, ки дар осори худ ба масоили тарбиявию ахлоқӣ, ки бунёди онҳоро оила ташкил медиҳад, таваҷҷуҳи хоса кардаанд.

Пайравони мактаби тасаввуф дар доираи таълимотҳои ахлоқӣ масоили интихоб ва бунёди оиларо мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Гачанде, аҳли ин мактаб оиларо дар чорчӯбаи шариат ва таълимоти динӣ баррасӣ карда бошанд ҳам, вале тамоми назариёти онҳоро беарзиш донистан имкон надорад. Асосан, зимни баррасии масоили ахлоқӣ ба мушосибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, ин ниҳодро аҳли тасаввуф макони мукаддас мешуморанд. Агар, дар маркази диққати аҳли тасаввуф шиҳохти ҳақиқат дар шакли рамзу роз бошад, вале баррасии масоили иҷтимоии онҳо ҳамоҳанг бо назари маншӯиён аст. Тасаввуфшиноси варзидаи тоҷик, академик Олимов К. ба мавриди қайд менамояд, ки "Ҳарчанд сӯфиён дар бахши онтология ва маърифат ба таври шадид худро ба муқобили маншӯиён ва исмоилиён

[1] Хоҷа Насриддини Тӯсӣ. Ахлоқи Мухташамӣ. Техрон. 1339. -С.16.
[2] Ҳакимова З.А. Масъалаи
тоҷик

(рофизихо), ичунин хикмати Юнон мегузоштанд, аммо дар бахши назариявии ичтимой консенсиян машшоёнро истифода бурданд"[1].

Кутбиддин Шерозй дар пайравй аз мутафаккирони зикргардида "тадбири манзил"-ро қисми мустақили фалсафаи амалй донист, дар осори худ китоби сеюми китоби «Дуррат-ут-тоҷ ли гуррат-ул-Дибоҷ» зикр менамояд, ки «хикмати амалй, ки мунхасир аст дар тахзиби ахлок, сиёсати манзилй ва маданй»[2]. Хамчунон, ӯ бар он назар аст, ки "сиёсати манзилй, бунёдест чихати такомули ахлокй ва ташкили мадина"[3].

Аз иқтибосхои овардашуда бар меояд, ки дар системаи фалсафии Кутбиддин Шерозй фаъолияти инсон дар доираи се институти ичтимой, ки аз тариқи онхо ба дигар институтхои ичтимой, аз қабили илм, фарханг, иқтисод, тандурустй, варзиш, амният, сиёсати хоричй ва гайра таъсир расонида мешавад, мавриди баррасй қарор гирифтааст. Ин се бахш ва ё се институти номбурдашуда появу бунёди ташаккули сохтори чомеаро бар дўш дошта, равандй ба тадричи ичтимоикунонии шахс ва ба чомеа ворид шудани онро танзим менамоянд. Ба маънии дигар, фалсафаи амалии мутафаккирро ҳамоҳангии ахлок, оила ва сиёсат фаро гирифтааст, ки хар қадом чиҳати танзим ва башаклдарории фаъолияти инфиродиву чамъиятии инсон муҳим мебошанд.

Тавре ёдрас шудем, Кутбиддин Шерозй ҳангоми таснифи илмхо нахуст аз рўйи объект ва предмет фалсафаи амалиро ба ду бахш таксим менамояд: "он чи рочеъ бувад ба ҳар нафсе биинфирод ва он чи рочеъ бувад бо ҷамоате ба

[1] Олимов К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннахр дар асрхои X-XII. Душанбе, 2019. – С.265.
[2] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмат. Бо кўшиш ва тасхеҳи Мухаммад Б...

мушорикат"[1]. Тибқи назари мутафаккир, дар қисмати аввал, объект инсон ва предмет тарбияву такомули он, вале дар қисмати дуюм чамъият объект ва фаъолиятхои чамъиятии инсон предмети тахқиқ мебошад. Дар шакли мачмуй бошад, Кутбиддин Шерозй андешаи худро натичагирй намуда, бахши мустақили хикмати амалй будани тадбири манзилро баён менамояд: "Пас, хикмати амалй низ се қисм бувад: аввалро тахзиби ахлок хонанд, дуввумро тадбири манзил ва сеюмро сиёсати мудун"[2].

Тадбири манзил (фалсафаи оиладорй) дар таълимоти Кутбиддин Шерозй хамчун бахшест, ки идоракунии оила, чораандешй нисбати тақвияти он, машварат бо аъзои оила, дарёфти роху воситахои муфид ҳангоми халли масъалахои оилавй, интихоби ҳамсар, тарбияи фарзанд, муносибат бо волидон, хешу ақраба ва г. фахмида мешавад, ки то андозае бо фахми муосир дар бораи оила иртибот дорад. Дурust аст, ки дар доираи оила масоиле мавриди баррасй қарор мегиранд, ки ҳаммаънй бо сиёсат, иқтисод ва идоракунй ҳастанд. Барои чомеаи муосир оилае, ки вазифахои ба дўшдоштаи худро ичро карда наметавонад, оилаи нокис мебошад, зеро, оила, ҳамчун институти ичтимой илова ба фарогирии масоили марбут ба умури умумии оиладорй, аз қабили омода намудани хўроку пўшок, дар ҳолати пок ва бо низом нигаҳ доштани хонаву манзил, ба дуніё овардани насл, ба масоили табияи фарзанд дар роҳи худшиносиву худогохй ва эҳтиром ба арзишхои фарҳанги миллй, ба камол расонидани инсони созанда ва чавобгўйи талаботи чомеаи муосир, банақшагирии фаъолияти минбаъда, дарёфти роххои идоракунии оила вобаста ба талаботи замон ва монанди инхо низ машғул мегардад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки "тадбири манзил" ҳамчун қисмати фалсафаи амалй, масоили мавриди тахқиқ

дар ин бахш ва пиноҳти мафҳуму моҳияти "оила" ба ҳайси институти иҷтимоӣ кашфиёти Қутбиддин Шерозӣ нест. Масъалаи мазкур аз ҷониби мутафаккирони зиёд мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудааст, вале то андозае фаркият миёни андешаҳои мутафаккирони пешин ва таълимоти Қутбиддин Шерозӣ эҳсос мешавад. Агар, таълимоти Қутбиддин Шерозиро доир ба ҳикмати оиладорӣ бо андешаҳои мутафаккирони юнонӣ ва асримиёнагии тоҷику форс муқоиса намоем, хусусиятҳои прагматикӣ дар низоми фалсафии ӯ зиёдтар ба назар мерасанд. Масалан, тавре ки болотар баён доштем, Афлотун дар доираи таълимоти иҷтимоии худ масъалаи тарбияи зан ва фарзандро бо мақсади омода намудани "шаҳрванди идеалӣ" ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ӯ дар китоби "Давлат" менависад, ки "Ба онҳое, ки тарбияи бенуқсон гирифтаанд, ягон дастурамал додан лозим нест"[1]. Арасту бошад, нисбати Афлотун қадаме ба пеш гузошта ва маоили марбут ба оиларо дар табақабандии илмҳо ба инобат гирифта, тадбири манзилро ҳамчун илм ва оиларо сохтори таркибии ҷомеа эълон менамояд. Мутафаккир дар китоби "Сиёсат"-и худ меоварад, ки "ҳар шаҳре аз хонаводаҳо фароҳам ҳоҳад омад"[2]. Аз таълимоти Арасту маълум мегардад, ки ӯ оиларо бо ахлоқ ва сиёсат пайваст намуда, таъсири мутақобилаи байни онҳоро нишон додааст.

Дар фарҳангу тамаддуни юнонӣ мафҳуми «сиёсати манзил», «ҳукумати манзилӣ» ва ё "тадбири манзил" бо мафҳуми «эйкономия» (аз калимаи «экос» ба маънои «хона» ва «номос»-ба маънои қонун) ҳамоҳанг фаҳмида мешуд. Аз ҳамин ҳотир, онла сохтори иҷтимоие фаҳмида мешуд, ки илова ба макони шаклгирии муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва тарбияи насли наврас, инчунин асосу пояи бунёдии маоили иқтисодӣ низ ба шумор меравад.

[1] Платон. Государство/ Пер. А.И. Егунова// Собрание сочинений. В 4т. Т. 4. М., 1994. – С. 644.
[2] Арасту. Сиёсат. Тарҷумаи Ҳамид Иноят. Теҳрон, 1358 х.д. [illegible]

Фаҳмиши рационалӣ ва таҳқиқу таҳлили воқеъбинонаи "тадбири манзил" ва ё "ҳикмати оиладорӣ" дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс аз ҷониби мутафаккирони мактаби машшоӣ, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ сурат гирифта бошад ҳам, вале, бо дарназардошти муҳити фарҳангии замон аз таълимоти дин истифода мебурданд. Дар таълимоти мутафаккир, ин гуна муносибат, танҳо дар доираи оят ва ҳадисҳое равона шудааст, ки хусусияти воқеӣ ва амалипаванда доштa бошанд. Масалан, дар оғози баҳши тадбири манзил, мутафаккир, менависад: "Асл дар ҳикмати бадании ва маданӣ ва манзилӣ он ҳадис аст, ки Мустафо фармуд: "Ало куллукум роъин ва куллукум масъулун ан раъиятиҳ" (Огоҳ бошед, ки ҳар яки шумо масъули аҳли худ хастед). Чи роъии султон танҳо нест, балки султон роъии ҳам аст ва масъул аз раъияти ӯ ва амири ҳар шаҳре роъии он ва шайхи ҳар қавме роъии эшон ва марди ҳар манзиле, ки раббулманзил хонанд, роъии аҳли манзил ва мара (зан) роъия аст бар хонаи шавҳар ва фарзанди ӯ ва ғулом роъист бар моли хоҷа. Ҳар яке аз инҳо масъуланд аз раъияти ӯ"[1].

Аммо, Қутбиддин Шерозӣ аз андешаҳои хусусияти консервативидошта иҷтиноб меварзад. Масалан, дар ояти 24 сураи Нисо омадааст: "Ва ҳар ки аз шумо аз ҷиҳати тавонгарӣ натавонад, бо занони озоди муъмини пиҳоҳ купад, пас, бояд бо он, ки дасти шумо молики ӯ шудааст, (яъне) аз канизакони шумо, ки муъмин бошанд пиҳоҳ кунед"[2]. Қутбиддин Шерозӣ таъкид менамояд, ки "Пас ихтиёр кунад аз занон касеро ки мавсуф бошад ба усуле чанд: насаб дошта бошад, боакл бошад, батолат (бехудагӯй) ва таътил (бехудагард) набошад, тафаҳус (андеша) кунад аз тадбир ва кифояти ӯ ба муҳимоти хона, бикр бошад. Чун зан ҳолӣ бошад, ба муҳимоти хона, бикр бошад. Чун зан ҳолӣ бо-

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Баҳши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва таҳқеҳи Маҳдухт Бону Ҳумои. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.163.
[2] Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадиюн Узаров. Душанбе: «Эр-граф». 2011. – С.81.

шад аз чамии ин авсоф, зарур бошад аз он, ки дар ӯ се хислат бошад: акл, иффат ва хаё".[1]

Аз ин суханон маълум мегардад, ки мутафаккир, на муъмину мусалмон будан, балки боаклу бохаё ва покинат будани зан чихати бунёд кардани оила бояд шарти асосӣ бошад. Ин тарзи муносибат хусусияти ратсионалӣ дошта, меъёрро ба тинат ва сиришти инсон алокаманд намуда, аз махдудаи мансубияти динию мазхабӣ болотар рафтан мебошад, ки барои чомеаи муосир мувофиктар аст. Ба андешаи мо, меъёри муъминию мусулмонӣ, шояд барои давраи аввали зухури дини ислом арзиши амалӣ дошт, аммо дар марҳилаҳои баъдӣ, аз чумла замони муосир махдуд кардани хукуку озодихои инсон доништа мешавад. Агар хангоми ташкили оила меъёрхои ахлокии умумиинсонӣ, донишу маърифат, иффату покдоманиро зан ба инобат гирифта шавад, ин меъёри кофӣ мебошад. Аллатта, агар хамсар, чӣ мард ва чӣ зан боаклу покдоман ва боҳаё бошанд, оила комил ва дар ичрои вазифахои ичтимоии худ муваффак мешавад.

Таҳқиқи масъала дар таърихи фалсафа нишон медихад, ки аз огоз то асри XV мутафаккирон, хам хакимони юнонӣ ва хам мутафаккирони асримиёнагии точику форс «ғалбири манзил»-ро илми мушаххас ва баррасикунандаи оила, хамчун институти ичтимой ва ниходи мухимтарини чамъият мехисобиданд ва барои ташкилу баррасии хамачониба карор додаанд, вале донишмандони баъдӣ ба масъалаи мавриди назар на он кадар майл кардаанд. Сабаби ин амалро метавон ба таври гуногун шарх дод. Тахмини аввал ин аст, ки шояд, мутафаккирони баъдинаи точику форс ба андеша ва таълимотхои баёнгардида доир ба "тадбири манзил" комилан розӣ буда, зарурати таҳқиқи онро эътироф накарда бошанд. Дуюм, аз сабаби мавкеи васеътар пайдо кардани дин

[1] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасхеҳи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фархангӣ. Техрон, 1396, - С. 133-135.

дар чомеа ва вориди бахси мазхабу чараёнхои динӣ гардидани донишмандон, ничунин, кифоя шуморидани шариати динӣ дар танзими умури хонавода. Албатта, хулосаи аввал кобили пазириш нест, зеро чомеа ба хайси организми зинда хамеша дар холи тағйироту дигаргуншавӣ ва пешрафту таназзул қарор дорад. Оила низ сохтори таркибии чомеа буда, хусусияти синкретӣ мегирад. Яъне, ин ниход хусусияти тағйирпазирӣ дошта, ба таҳқиқу омӯзиш ниёзмандӣ дорад. Пас, хулосаи ягона он аст, ки чомеа танхо масоили марбут ба хикмати амалиро аз ходимони дин, ки дар доираи конунхои шариат баррасӣ мекарданд, мепазируфт. Махз хамин амал боис гардид, ки оила ба хайси ниходи мухимтарини ичтимой дар мамолики шарки мусулмонӣ хусусияти консервативӣ, ки хоси таълимоти исломӣ аст, касб намуда, хукуку озодихои аъзоёни он махдуд карда шаванд.

Бо таъсирпазирӣ аз афкори арзишманди асриниёнагии точику форс таҳқиқи оила дар давраҳои баъдӣ аз чониби донишмандони Ғарб идома дода мешавад. Э. Вестермарк, Г. Морган, И. Кант, Ф. Гегел, Т. Мор, Г. Мабли, Ф. Энгелс, О. Конт, Г. Спенсер, Э. Дюркгейм, Э. Гиденс, Т. Парсонс, П. Сорокин, А.Г. Харчев, К. Левин, Н.К. Юркевич, Т.А. Гурко, С.И. Голод, В.А. Сысенко, Ю.А. Гаспарян[1] ва чанд тани дигар аз зумраи муҳаққиқоне мебошанд, ки масоили мухталифи оиларо мавриди баррасӣ ва таҳқиқ карор додаанд. Аз ин рӯ, ин чо зарур шуморидем, ки назари бархе аз мутафаккиронро доир ба шинохти "оила" ҳамчун ниходи ичтимой, ба таври мукоисавӣ баррасӣ намоем.

Агар Арасту оиларо чихати ташкили шахри муҳим гуфта бошад, зардуштия онро "беҳтарин чойи замин", Ибни Сино "макону чое, ки инсон ниёзманд аст ба он", Насириддини Тӯсӣ "макони бароварданӣ хочати инсон", Кутбиддин Шерозӣ "аҳли мард ва макони мувофиқи тарбияи мачмуии инсонхо" ва Чалолиддини Давонӣ "таъшифи махсус, ки миён

ни шавҳару зан ва волиду мавлуд ва ходиму махдум ва мутамаввил ва мол вокеъ шавад" пиндоштаанд. Фридрих Энгелс онларо "иттифоке, ки дар асоси вобастагихои гаризавию эмотсионалй, мактаби ичтимоии хаётй, унсури сохтори ичтимой бо муносибатхои махсус"[1], Э. Дюркгейм "макони ташаккулдихандан чамъият"[2], Э. Гиденс "гурўхи хешутабор, калонсолоне, ки масулият пеши фарзандон доранд"[3] ва гурўхе аз донишмандони хоричии асри XX «системаи муайяни сохтори муносибатхо» таъриф кардаанд, ки хамагй бо хам иртибот доранд.

Дар Авасто омадааст, ки Зардушт аз Ахуромаздо савол мекунад, ки "Эй додори чахони астуманд! Эй шавон! Кучост нахустин чое, ки замин дар ин чо бештар аз хама шодком шавад?" Ахуромаздо посух медихад, ки: "Замине, ки марди порсо дар он хона бисозад ва дар он макон фарзандони солим ба бор биоварад"[4].

Ибни Сино дар рисолаи «Тадбири манзил» менависад, ки "Инсон ниёзманд аст ба макону чое, ки он чиро ба даст овардааст дар он чамъу захира карда, барои хангоми хочаташ нигох бидорад. Пас, бинобар ин инсон мухточ аст ба ин ки барои худ манзилу маскане иттихоз кунад"[5].

Насириддини Тўсй боби дуюми китоби "Ахлоки Носирй" ва мақолаи дуюми "Ахлоки Мўхташам"-и худро ба тахлили масъалахои оилавй бахшида, доир ба сохтори ичтимой ва вазифахои зарурй будани оила чунин менигорад: "Ба хукми он, ки мардум дар тарбияи марлум дар табкияи шахс ба гизо мухточ аст ва гизои навъи инсонй бе тадбире саной чун киштану даравидан ва пок кардану даравидан ва пок кардану нарм кардан ва сиришгану пухтан ва тамхиди

[1] Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства. – М.: ЛКИ, 2007.
[2] Дюркгейм Э.О. О разделении общественного труда. – М., 1991.

ин асбоб ба муовинати муовинон ва олоту адавот ба кор доштану рўзгори дароз дар он сарф кардан, на чун гизои хайвонот, ки ба хасби табиат сохта ва пардохта аст, то инбиоси эшон бар талаби алафу об максур бувад бар вакфи табиат. Ва чун таскини чуъу аташ кунад, аз харакат бозистанд ва иктисори мардум бар миклори хочат рўз ба рўз чун тартиби он кадар гизо, ки вазифаи харрўзй бувад, ба як рўз сохтан мухол аст, мучиби инкитои модда ва ихтилоли маишат бувад. Пас, ба сохтани манзил хочат омад"[1].

Чалолиддини Давонй низ онларо бо усули маншаонён мавриди баррасй карор дода, таъкид менамояд, ки "мурод аз манзил дар ин макон на хонаест, ки аз хишт ва сангу гил ва чўб бошад, балки мурод таълифи махсус аст, ки миёни шавҳару зан ва волиду мавлуд ва ходиму махдум ва мутамаввил ва мол вокеъ шавад"[2].

Қутбиддин Шерозй бошад, менигорад, ки «пеши кудамо (донишмандони пешин – Ш.А.) мурод аз манзил маскани танхо нест, бал ба он чамоате мехоханд, ки маскан ҳовии эшон аст. Ҳар чй гуна маскан бошад ва аз ҳар чй бошад ва ҳар кучо бошад, пишеби замин ё болои замин хоҳ аз хашаб (чўби дурупт – Ш.А.) бошад ё тин (гил) ё суф (пашм) ё шаър (мўй) ва гайри он аз ашёе, ки аз он масокине кунанд, ки ҳовии мардуме чанд шаванд»[3].

Тахлили мукоисавии андешахои баёнгардида нишон медихад, ки хамагй онларо ҳамчун макон, нихоли ичтимой ва арзише таъриф менамоянд, ки чомеаи инсонй хамеша ба он ниёз доштааст. Ин арзиш дар замони муосир низ қиммати худро нигох медорад. Гарчанде дар фазои фарҳанги замони муосир мушкилоти гуногуни ахлокй во мехўрад, чунонки болотар ҳам зикр гардид, муносибатхои

инсонӣ дар доираи манфиатчӯӣ ташаккул ёфта, инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, адолат ва тахаммулпазирӣ ҳамчун масоили марказии ахлоқ мавқеашонро заиф, арзиши мукаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони ҳақиқӣ камарзиш ва аз назар дур гардида, дар барҳе аз мамлакатҳои аврупоӣ никоҳи ҳамҷинсӣ ва зиндагӣ бидуни таъсиси оила ҳудуди худро васеъ карда, чамоатҳои зиёдро ташкил намуда, хатто фаъолияташон расман ба қайд гирифта, иҷозат дода шуда бошад ҳам, вале оилаи мукаммали суннатӣ макоми арзишманди худро нигоҳ медорад.

Хулоса, тавре ки болотар зикр намудем, Қутбиддин Шерозӣ дар масъалаи тадбири манзил аз афкори пешгузаштагони худ ба таври васеъ истифода намудааст, вале танҳо муфассиру тахлилгари онҳо нест. Ӯ кӯшиш намудааст, ки ҳудуди оиларо аз чор қисм (Арасту) ба панҷ расонида, ин ниҳодро на танҳо чиҳати ташкили шаҳр (полис) мухим шуморад, балки ҳамчун институти иҷтимоие баррасӣ кунад, ки дорои вазифаҳои мушаххас буда, барои таъмини рушди бонизоми ҷомеа мухим мебошад. Мутафаккир «қоидаи сеюм» аз «кутби сеюм»-и «Дурат-ут-тоҷ»-ро ба «сиёсати манзилӣ» бахшида, таъкид кардааст, ки "сиёсати манзилӣ иборат аст аз ҳукм ва маъдалат кардан дар манзили худ"[1]. Аз ин бармеояд, ки мутафаккир дар баробари "ҳукм кардан", ки ба маънии рохбарӣ (сиёсат) фахмида мешавад, "маъдалат кардан" (риояи адолат)-ро низ таъкид менамояд, ки дорои арзиши баланди илмӣ ва ахлоқӣ аст. Риояи адлу инсоф, пинохтани макому чойгоҳ ва баровардани ҳочоти ҳар як аз аъзои оила васлаест, ки ин ниҳодро мукаммал гардонида, самаранокии онро таъмин менамояд. Дар ҷомеаи муосир ҳолатҳои зиёди даст ба худкушӣ задани аъзоёни оила (мард, зан, духтар,

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикматӣ амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мохлухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳанги. Техрон, 1396. - С. 129.

писар) ба чашм мерасад, ки аксаран аз заиф гардидани мақом ва поймол гардидани ҳуқуқҳояшон дар оила вобастагӣ доранд. Қутбиддин Шерозӣ дар ин маврид пешниҳод менамояд, ки "Бидон, ки ҳар ки дар хонаву манзили ту бувад, ҳар якеро бар ту ҳаққе аст мукаддам бар ҳукуқи дигарон".[1] Ҳамин тавр, аз таҳқиқи масъалаи "тадбири манзил" (ҳикмати оиладорӣ) дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ бармеояд, ки андешаҳои ӯ дар нисбати оила барои ҷомеаи муосир арзиши худро то кунун нигоҳ доштаанд. Назариёти прогресивӣ ва арзишманди ин ва дигар мутафаккирони тоҷику форс метавонанд баҳри пешгирии хурофотпарастиву пазари динии консервативии насли муосир донр ба оила истифода шаванд.

3.2. Сохтор ва низоми оила дар фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ

Низоми оиладорӣ дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ шакли оиладории патриархалӣ ва ё суннатии тоҷик аст. Мутафаккир дар ин хусус зикр менамояд: «Бидон, ки аҳли мард (оилаи мард –Ш.А.) тақсим аст бар шаш қисм: волидайн, занҳо (азвоҷ), авлод (фарзандон), бародарону хоҳарон, хешованд ва ғуломон"[2]. Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки мард сарвар ва ташкилкунандаи оила, инчунин танзимкунандаи фаъолияти бонизоми он мебошад. Истифода гардидани истилоҳи "аҳли мард" ба маънии "оила" дар таълимоти мутафаккир масъул гардонидани мард дар идора ва мутанозамсози ин ниҳоли иҷтимоӣ мебошад. Қутбиддин Шерозӣ сарвари оиларо ба "подшоҳ, ки масъули раият ва марди ҳар манзиле, ки раббулманзил хонанд, рози аҳли манзил аст"[3], нисбат медиҳад.

[1] Ҳамон чо. - С. 130.
[2] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикматӣ амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мохлухт Бону Хумой. Чопи нахуст. 1369. - С. 130.
[3] Ҳамон чо: -С.163.

Ёдрас шудан ба маврид аст, ки доир ба сохтор ва низоми оила андешаҳои зиёде баён гардидаанд. Қисмате шакли нахустини пайдоиши муносибатҳои оилавиро "дар доираи низоми матриархалӣ (модарпоҳӣ), ки баъдан, бо таъсири дигаргуншавии муносибатҳои ичтимоӣ дар шакли никоҳ ва оила ташаккул ёфтааст"[1], эътироф намуда, банизомдарории онро маҳсули пешрафтҳои ичтимоӣ медонанд. Қисмати дигар, оиларо "марҳилаи тағйирёбии умумӣ"[2], новобаста аз сохтор ва низоми идоракунии он муаррифӣ кардаанд. Донишманди олмонӣ Макс Вебер бар он назар аст, ки "оила иттиҳоди чанд фардест, ки дар он қоидаҳои муайяншудаи ратсионалӣ вуҷуд надорад, вале дорои ҳокимияти сарварест, ки рафтори аъзоёни худро ба низоми муайян медарорад"[3]. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки оила муттаҳидкунандаи гурӯҳе аз одамон мебошад, ки низоми муайяни муносибатҳоро тариқи пайвандии никоҳӣ ва ирсиву хунӣ ба шакл медарорад.

Тибқи андешаи муҳаққиқи эронӣ Абулфазли Фараҳонӣ "оила иборат аст аз зану шавҳар ва фарзандони таҳти сарпарастии онҳо, ки маъмулан бо ҳам зиндагӣ мекунанд ва таҳти раёсати шавҳару падари хонавода ҳастанд. Меъёри ташкили ин хонавода ҳамон "раёсат"-и як шахс бар аъзои он аст. Раёсати шавҳар ва падари хонавода як навъ вахдат ва ҳамоҳангӣ дар умури хонавода ва байни аъзои он эҷод мекунад"[4]. Ҷолибияти андешаи ёншуда, низоми сарварии оила аст, ки лар оилаҳои суннатӣ ҷанбаи муҳим дониста мешавад, зеро сохтори мувофиқ фаъолияти бонизоми аъзои оила аз сарвар вобаста мебошад.

[1] Назарҳудоева Л.Т. Таджи... шества. Душан...

Маврид ба зикр аст, ки лар фарҳанги миллати тоҷик масъулияти бунёди оила ва танзими сохтори он ба зимаи мард гузошта шудааст. Аз фаҳмиши асотирӣ сар карда, то дин ва ахлоқ мардро дар умури оиладорӣ муваззаф меҳисобанд. Албатта, андешаи фавқ маънии поймол кардани ҳуқуқи зан ва ё сазовори идораи оила набудани онро надорад, балки сухан сари масъулияте меравад, ки он ба неру ва имкониятҳои мард дар таъмини оила алоқаманд аст. Дар ин бора донишманди тоҷик Ю. Ёқубов дуруст қайд намудааст: "Дар дини зардуштӣ ҳар шахсе, ки аз фазилатҳои хираду ростӣ ва некӣ бархӯрдор аст, новобаста аз мард ё зан будан, сазовори ҳурмату эҳтиром шуморида мешавад"[1]. Бале, фарҳанги миллати тоҷик бар он далолат мекунад, ки шахси хирадманд дар таъмини рушди бонизоми оила метавонад саҳм гузорад. Ҳамин аст, ки мард дар умури оиладорӣ аз падар ва дар ҳолати набудани ӯ аз модари худ, ки тачрибаи рӯзгор зиёд дидааст, машварат мегирад. Ба маънии дигар, рохнамои оила волидайни хонадон ҳастанд, ки новобаста аз ҷинсияташон дар танзим ва банақшагирии муносибатҳои оилавӣ нақш меварзанд. Аз ин лиҳоз, дар сохтори оила макоми нахустинро ба волидон додани Қутбиддин Шерозӣ бесабаб нест, зеро ин тарзи муносибат дар оилаҳои суннатии тоҷикӣ дорои арзиши баланд мебошад.

Ҳамин тариқ, агар муҳаққиқон оиларо "ҳамзистии мунтазами зан, шавҳар ва кӯдакон"[2], "иҳоди хурди ичтимоӣ, ки дар асоси никоҳи расмӣ ва шахрвандӣ ё хешутаборӣ хунӣ ташкилшуда, ки аъзоёни онро зиндагии муштарак ва якҷоя пеш бурдани хоҷагии оилавӣ, алоқаҳои эмотсионалӣ, уҳдадориҳои тарафайни ҳуқуқиву ахлоқӣ"[3], "ташкилоти махсус, ки аз як тараф ҳамчун гурӯҳи хурди

ичтимой баромад намуда, аз тарафи дигар институти ҷамъиятӣ"[1], "марҳилаи тағйирёбии умумӣ"[2], "низоми матриархалӣ (модаршоҳӣ), ки бо таъсири дигаргунишавии муносибатҳои ичтимой дар шакли никоҳ ва оила ташаккул ёфтааст"[3] ва ғ. таъриф карда бошанд ҳам, вале ҳамагӣ бар он устуворанд, ки оила ташкилоти махсуси ичтимоист, ки сохтор ва низоми мушаххасро доро мебошад.

Тавре ёдрас шудем, Қутбиддин Шерозӣ оиларо иборат аз иттиҳоде медонад, ки фарогири муносибатҳои никоҳӣ ва хунӣ буда, ҳар кадоме аз аъзои он дар ичрои вазифаҳои худ масъул мебошад. Мутафаккир таъкид менамояд, ки "марди ҳар манзиле, ки раббулманзил хонанд. роъии аҳли манзил ва маръа (зан) роия аст бар хонаи шавҳар ва фарзанди ӯ ва гулом роъист бар моли хоҷа. Ҳар яке аз инҳо масъуланд аз раъияти ӯ"[4]. Дар доираи чунин фаҳмиш мегавон хулоса кард, ки мутафаккир оиларо ҳамчун институти ҷамъиятии дорои низом ва сохтори муайяне медонист, ки аз ҳулуди муносибатҳои никоҳӣ ва хунӣ убур намуда, гуруҳи одамонеро мутаҳид месозад, ки ҳар кадом дорои ҷойгоҳи худ ҳастанд. Ба ин маънӣ, сохтори оила аз сарвар ва аъзоёне иборат аст, ки масъулияти ҳар каломи онҳо муайян мебошад.

Мувофиқи таълимоти Қутбиддин Шерозӣ, оила сохтори мураккаб буда, он аз волидайн, зану шавҳар, фарзандон, хоҳару бародарон, муносибатҳои молиявӣ ва хидматгор ташкил меёбад. Ин сохторест, ки моҳияти оиларо ҳамчун ниҳоди бунёдии ҷомеа ошкор месозад. Ба андешаи мутафаккир, «марди ҳар манзиле, масъули аҳли манзил аст. Шавҳар масъул аз зану фарзандонаш аст, завҷа низ масъули хонаи шавҳар ва фарзандони ӯст, ғулом масъул аст бар моли хоҷааш ва ғ. Ҳар яке аз инҳо масъуланд аз раияти худ. Пас, бар ҳар касе воҷиб аст, хоҳ султон бошад, хоҳ гадо, хоҳ худованд бошад, хоҳ банда, ки адл кунад дар анчи миёни ӯ ва миёни ғайри ӯст аз некӣ ва бадӣ ва бидонад, ки ӯ масъул аз он аст ва ҷавобгар ба зулму ситамест, ки карда бошад»[1].

Албатта, муайян намудани сохтор ва низоми оила дар шакле, ки ҳар аъзо эҳсоси масъулият дар иҷрои умури бавуҷудоштаашро намояд ва дарёфти роҳҳои амалӣ сохтани сиёсати манзил яке аз масъалаҳои муҳими ичтимой ва фарҳангие маҳсуб мешавад, ки дар таърихи тафаккури башарӣ ҷойгоҳи махсусеро ишғол карда, то замони муосир муҳимияти худро нигоҳ доштааст. Дар ҳар як давраи ташаккули ҷомеаи инсонӣ, мутафаккирону донишмандон кӯшиш бар он мекарданд, ки ба асли масъалаи фарҳангисозии инсон ва аз тариқи вай ба фарҳангисозии ҷомеа дастёб гарданд. Барои нойл гардидан ба ин ҳадаф, бо истифода аз тамоми василҳо, ҳам ҷаҳонбинии асоситашро ва ҳам диниро фалсафӣ андешаҳоеро рӯи кор овардаанд, ки ҳамагӣ баҳри тарбияи фарҳанги ичтимоии инсон равона шудаанд. Агар дар баҳши таҳзиби ахлоқ масоили марбут ба такомули фарҳанги инсон мавриди баррасӣ қарор дода шавад, дар доираи тадбири манзил ё ҳикмати оиладорӣ проблемман ичтимоикунонии инсон огоз меёбад, ки аввалин ниҳоди созандаи инсон ва барои пешбурди умури ҷамъиятӣ омода кардани фард ба ҳисоб меравад, ба таҳқиқ кашида мешавад.

Ҳамчунон ки зикр кардем, масоили марбут ба ҳикмати оиладорӣ, пайдоиш ва сохтори оила ва низоми муайян касб кардани он, ҳанӯз аз андешаҳои асотирӣ сарчашма меги-

---

[1] Кори ичтимой бо оила / Зери таҳрири Д. Баҳромбеков. – Душанбе, 2012. –С.23.
[2] Сорокин П.А. Человек. Цивилизация. Общество. М.: «Политиздат», 1992. - С.216
[3] Назарҳуловва, Л.Т. Таҷвиши-
шестая. Душ-

исломӣ низ бо андаке тағйирот онро истифода кардаанд. "дар оғози офариниш ба хости Аҳура Мазда дар меҳррӯзи Меҳрмоҳ ду хӯшаи ревос (чукрӣ) ба ҳам печида аз замин сар баровардаанд. Сипас, ин ду хӯша, оҳиста-оҳиста аз сурати гиёҳӣ ба сурати ду инсон даромаданд, ки дар комат ва сурат шабеҳи ҳам буданд: яке музаккар (нарина) бо номи Мошиё ва дигаре муаннас (модина) бо номи Мошиёна. Дар боби 15-уми китоби Бундаҳиши гуфта шудааст, ки: «Он гоҳ, Аҳурамаздо равонро, ки пеш аз пайкар офарида буд, дар колбади Мошиё ва Мошиёна биламид ва онон қондор гаштанд. Пас, ба онон гуфт: «Шумо падар ва модари мардуми ҷаҳон ҳастед! Шуморо пок ва комил биофаридам. Ҳар ду андеша ва гуфтор ва кирдори нек ба кор бандед». Нас Мошиё ва Мошиёна аз ҷойи худ ба ҳаракат омаданд ва худро шустушӯ карданд..»[1].

Аз мухтавои ривояти болозикр бар меояд, ки дар тамаддуни ориёӣ сохтори оиларо аз мард ва зан, ки ҳар ду якҷо пайдо шуда, пасон доираи муносибатҳои худро муайян месозанд, иборат медонистанд. Ибораи «шумо падар ва модари ҷаҳон ҳастед», мафҳумест, ки масъулияти нахустинро муайян карда, баҳри ташкил ва банизомдарории ҳаёти баъдӣ хидоят менамояд. Илова бар ин, дар тамаддуни мардумони ориёитабор анъанаи издивоҷ ва бунёди оиларо танҳо ба хотири қонеъ сохтани майлу талаботи ҷисмонӣ, балки ин амал бо ҳадафи бунёд сохтани ниҳоди муштаракаси иҷтимоис, ки дорои сохтор ва низоми муайян аст, амалӣ мегардид. Маълум мегардад, ки қадами нахустини инсон дар олами вуҷуд, тибқи ҷаҳонбинии ориёӣ аз доштани масъулияти бунёдкорӣ иборат аст. «Шумо падар ва модари ҷаҳон ҳастед», далели он аст, ки ҳар инсоне дар чавҳари зотии худ қобилияти падарӣ ё модариро доро буда, маз-

комил намояд. Идомаи таъкиди Аҳура Мазда дар мавриди он, ки «Шуморо пок ва комил биофаридам. Ҳарду андеша ва гуфтор ва кирдори нек ба кор бандед», дорои арзиш ва ҳикмати баланд мебошад. Метавон гуфт, ки мафҳумҳои истифодашуда дар ин ривоят ҳамагӣ ба ташкили оила ва масъулгардонии марду зан ба тавлид ва идомаи насл, тарбияи инсон дар ҷодаи некӣ, шинохти моҳият ва мухтавои некию бадӣ равона шудаанд. Ҳамин аст, ки издивоҷ дар тамаддуни ориёӣ як амали хеле мукаддас ва қобили ситоиш ҳисобида шудааст, ки сохтори оила аз ҳамин амал сарчашма мегирад.

Сохтор ва низоми оиларо дар тамаддуни мардумони ориёитабор донишманди олмонӣ Вилям Гейгер мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид менамояд, ки «ҳамон тавре ки мард, пас аз издивоҷ бо зан ва ташкили оила лақаби «нуманпатӣ» (кадхудои хона) мегирифт, зан низ пас аз издивоҷ соҳиби лақаби «нумонупатӣ» (кадбонуи хона) мешуд»[1]. Яъне, марду зан, асоси оила буда, дар банизомдарорӣ ва фаъолияти минбаъдаи ин ниҳоди иҷтимоӣ масъул мебошанд.

Сохтор ва низоми оила дар фалсафаи Юнони қадим, асосан, дар доираи андешаҳои снёсиву иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, Афлотун ҷиҳати нойл гардидан ба ҷомеаи адолатпеша ва бунёди давлати идеалӣ низоми мувофиқи оиладориро муҳим меҳисобад. Мутафаккир зикр менамояд, ки «Агар, ба тартиботе, ки дар ҳаёти шахсӣ вуҷуд дорад, эътибор дода нашавад, ба пойдории қонунҳо дар масъалаҳои ҷамъиятӣ умед бастан маънӣ надорад»[2]. Мусаллам аст, ки «тартиботи ҳаёти шахсӣ» бевосита ба вуҷуд наомада, он дар натиҷаи таъси-

ри мутақобила ва тарбияи мувофиқ шакл мегирад. Ҳамин аст, ки мутафаккир, нақши тарбияро муҳим арзёбӣ менамояд ва ҳатто, ба синну соли тарбияшавандаҳо низ таваҷҷуҳи хоса кардааст, ки он аз оила сарчашма мегирад. Яъне, агар оила низоми мувофиқ дошта бошад, метавонад дар иҷрои вазифаҳои аслии худ, аз қабили репродуктивӣ, тарбиявӣ, иқтисодию банақшагирӣ, иҷтимоиқунонӣ ва г. муваффақ гардад.

Ҷоиз ба ёдоварист, ки дар фарҳанги асримиёнагии тоҷик оила, ташкилоте пиндошта мешуд, ки дорои сохтори мушаххас ва низоми хоссаи фаъолият буда, ташкил ва идоракунии он бо мафҳуми "сиёсати мангзилӣ", ки дар он муносибатҳои иқтисодӣ ва банақшагирӣ мавқеи асосиро ишғол менамуданд, сурат мегирифт. Ин гуна муназзамсозӣ ба хотири ҳарчи хубтар иҷро кардани масъулияти иҷтимоии оила, аз кабили имкониятҳои тавлиду тарбияи фарзанди солиму солеҳ ва ба ҷомеа равона кардани шахсияти созанда, таъминкунанда ва амаликунандаи низоми ҷамъиятӣ нигаронида шуда буд. Ба иборан дигар, дар асрҳои миёна зарурати бозингарии фаъолиятҳои ҷамъиятии инсон, ҳам дар доираи оила ва ҳам берун аз он, чиҳати фарҳангикунонии инсон ва бунёди ҷомеаи мутамаддин пеш омада буд. Ба қавли муҳаққиқи рус Большаков О.Г., «арабу форсҳои асрхои миёна ба шаҳрҳои (полисҳои) юнонӣ гаваҷҷуҳи хос зоҳир мекарданд, зеро онҳо дар симои ин полисҳо оиндаи шаҳрҳои худро чун дар оина медиданд».[1] Дар ин самт, фаъолияти мутафаккирони мактаби машшоия ва пайравони чараёни шуубия қобили тахсин мебошад. Пайравони мактабҳои зикршуда кӯшиш менамуданд, ки тафаккури ҷомеаро ба шинохти моҳияти таълиму тарбия аз рӯйи ақлу мантиқ ва бо дарназардошти фарҳангу тамаддуни пешқадам раҳ

бу хурофот ва куҳнапарастӣ мубориза намоянд. Яъне, онҳо тарбияи инсонеро мадди назар доштанд, ки созанда ва пешбарандаи ҷомеаи мутамаддин бошад.

Қутбиддин Шерозӣ ҳамчун намояндаи фалсафаи машшоӣ, дар баробари масоили дигари табнатшиносиву фалсафӣ, масъалаи шинохти инсон, сифатҳои фардиву иҷтимоӣ ва иҷтимоишавии инсонро ҳамчун созандаи ҷомеаи мутамаддин мавриди баррасӣ қарор додааст. Ӯ, дар пайравӣ аз мутафаккирони аклгаро, аз ҷумла Ибни Сино, асари машҳури худ "Дуррат-ут-тоҷ"-ро ба забони тоҷикӣ таҳия намуда, низоми оиладориро бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳанги миллӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Тибқи назари мутафаккир, оила сохторест, ки метавонад, бештар аз ҳар шиҳоди дигар, дар таъмини рушди бонизоми ҷомеа саҳми арзанда гузорад.

Ҳамчунон ки болотар зикр намудем, дар сохтор ва низоми оила Қутбиддин Шерозӣ мавқеи нахустинро ба волидон медиҳад, ки ин анъана хоси фарҳанги тоҷикӣ буда, имрӯз низ мавриди назириш мебошад. Ба андешаи мутафаккир, волидон дар низоми оиладорӣ дорои ҳаққу ҳуқуқҳое ҳастанд, ки иҷрои онҳо аз тарафи фарзанд ҳатмӣ аст. «Аммо волидон, ҳуқуқи эшон на ҳамоно дар ҳаср ояд (маҳдуд нашавад) ва на низ касе аз уҳдаи ҷамии он берун ояд. Чунки, чандон ки муболиғат ва иҷтиҳод кунанд, муқассир (кам) бошад, аз он ҷи воҷиб бошад ва лекин боядл, ки муболиғаи азим кунад дар таъзим ва тоати эшон ва иҷтиҳоди балиғ ва саъйи машкур ва базри (бахшидан) мақдур (қадршуда) дар хидмати эшон. Пас, ҳар кас, ки нофармонии волидайн кунад, умеди хайр натавон дошт аз ӯ. Ва чӣ гуна чунин набошад ва эшон сабабанд дар вуҷуди ту. Тарбияти фарзанд карданд дар хӯрдӣ ва муҳофизати ӯ аз гармо ва сармо»[1].

Аҳамияти ин андешаи Кутбиддин Шерозиро ҷомеаи муосири Тоҷикистон бори дигар исбот намуда, масъалаи мазкурро, ба Конститутсия ва қонуни миллии "Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ворид кард. Аз ҷумла, дар моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд"[1]. Андешаи дигари мутафаккир дар мавриди эҳтироми волидон низ қобили дастгирӣ мебошад: "Ва бидон ки муъмин ва кофир дар ин сон яксонанд, чунки некӣ бар волидайн воҷиб аст ва ҳамчунин тоати эшон, яке аз ин мусалмон бошад ё кофир"[2]. Маълум мегардад, ки дар таълимоти мутафаккир, волидон, новобаста аз мансубияти динию эътиқодашон сазовори иззату эҳтиром ва нигоҳубин ҳастанд.

Дар сохтори оила Кутбиддин Шерозӣ нас аз волидайн макоми марди хонадон ва ё сарвари онларо, ки масъулияти ӯ дар низоми оиладории суннатӣ муҳим аст, мегузорад. Тибқи андешаи мутафаккир, оила ба идоракунии оқилона ва бонизом ниёз дорад ва ин масъулият ба касе бояд гузошта шавад, ки аз ҳар ҷиҳат перӯманд бошад. Яъне, ин сарвар низоми муайяни оиладориро тадвин, вазифа ва ухдадориҳои аъзоёни онларо назорат, молу сарвати хонадонро ҳифз ва афзун намояд. Аз ин рӯ, мард (сарвари оила) бояд сифатҳои сиёсату идоракуниро ба тавр и лозима дошта бошад. Сарвари хонадон, қабл аз ҳама, шахси хирадманду ботадбир, инсони оқилу бофаросат бошад, то ҳамоҳангии байни аъзоёни оила ва аз тариқи он аъзоёни ҷомеаро ба вуҷуд оварда, ин ниҳодро ба ҳайси заминаи бунёдии ҷомеа табдил диҳад. Дар ин росто мутафаккир зикр менамояд, ки «Бидон, ки марди ҳар манзиле, ки масъули аҳли манзил аст, бояд хирадманд ва ботадбир бошад, то масъул аз зану фарзандонаш бошад»[1].

Мувофиқ ба андешаи баёнгударо дар фарҳанги мардумони ориёитабор зиёд мушоҳида намудан мумкин аст. Муаллифони китоби Таърихи фалсафаи тоҷик дуруст қайд менамоянд, ки "Дар Авасто доир ба тавсифи инсон ҳамчун «хонаҳудон поку сармади порсой» андешаҳои ҷолиб баён гардидааст. Тибқи ин таълимот, марди бузурги хонавода рохбари хурди ҷомеа маҳсуб мешавад ва бояд тавонову доногар бошад, онларо аз ранҷу табоҳӣ эмин нигоҳ дорад.[2]

Ҳамин тариқ, таълимоти авастоӣ ва Қутбиддин Шерозиро доир ба ҷойгоҳи сарвари оила (мард), ки ҳамзамон вазифаи шавҳарӣ, падарӣ ва хоҷагиро иҷро менамояд ва бояд хирадманду ботадбир ва масъулиятшинос дар иҷрои вазифаҳои худ бошад, метавон дорои арзиши баланд донист, зеро шахси солимфикру бохирад ва масъулиятшинос ҳамеша барои ҷомеа зарурӣ ва дар иҷрои вазифаҳои бадушдоштааш муваффақ мебошад.

Мақоми сеюмро дар низоми оиладорӣ, тибқи таълимоти Қутбиддин Шерозӣ ҳамсари мард (бонуи хона) ишғол менамояд. Тибқи андешаи мутафаккир, дар «низоми сиёсати аҳл» мақоми завҷа (ҳамсари мард) хеле муҳим аст, зеро масъулиятҳои бадушдоштаи ӯ дар оила аз мард кам нестанд. Доир ба масъулиятҳои бонуи хонадон мутафаккир зикр менамояд, ки «завҷа низ масъули хонаи шавҳар ва фарзандони ӯст»[3]. Вобаста ба ҳамин масъулият, мардро зарур аст, ки дар интихоби ҳамсар муносибати ҷиддӣ дошта бошад: «Мардро воҷиб бошад, ки эҳтиёт кунад дар ихтиёри завҷа ва тафаҳҳус (мулоҳиза андешна) аз аҳволи ӯ пеш аз хутба»[4].

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016. -С.9.
[2] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулуки. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. - С. 131-132.

[1] Ҳамон ҷо: - С. 130
[2] Таърихи фалсафаи тоҷик (фалсафаи аҳди бостон). –Душанбе, 2014. Ҷ.I. - С.379.
[3] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулуки. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.129.
[4] Ҳамон ҷо: -С.133.

Дар таълимоти мутафаккир мавқеи завча (ҳамсари мард) дар умури оиладорӣ баробари мард мебошад. Аз ин хотир, мардро зарур аст, ки ҳангоми бунёди оила якчанд сифатҳоро ба инобат гирад, то оилаи солим бунёд намояд. "Пас, ихтиёр кунад аз занон касеро, ки мавсуф бошад ба усуле чанд: Аввал, насаб аст. Боядки аз хонумоне бошад, ки мавсуф бошад ба хайру салох ва ӯро бародар ё падар ё хеше дигар бошад, ки аз эшон ва бар арзи эшон тарсад, чунки ин асле азим аст, дар салохи (ислох) завча. Асли дигар, он аст, ки тафаххус кунад аз нафси зан аз касе, ки бовари ба қавли ӯ бошад. Асли дигар, он аст, ки аз ақли ӯ бипурсад, чунки он касро ки ақл набошад, ба ӯ умеди хайр патавон доштва аз шарри ӯ эмин патавон буд. Асли дигар, он аст, ки пописанд бошад ба умури ботила ва мулозими ашголе, ки тааллуқ ба занон дорад. Чунки дар олам амре нест, ки бадтар аст пеши Худо аз аз батолат (беҳудагӣ ва беҳудагардӣ) ва таътил (бекорагӣ). Он гох, тафаххус (андеша) кунад аз талбир ва кифояти ӯ ба мухимоти хона. Ва он чи занонро аз барои он хоҳанд ва охир ончи суол кунанд аз ҷамол ва ҳусни ӯ бошад. Ва қаноат кунад дар он ба эътидол ва талаби ғоят накунад, чунки дар ин ҳангом эмин набошад аз хиёнат ва ихтилофи мардум ӯро. Ва бар кули ҳол эътидол наздик аст ба мурувват. Авло оп аст, ки бикр бошад, то гайри ӯро аз ричол (мардҳо) надида бошад ва адабпазир бошад ба одоби шавҳар ва тахаллуқ ба ахлоки ӯ (пайравӣ бар ахлоки ӯ). Чун зан холӣ бошад аз ҷамии ин авсоф, зарур бошад аз он, ки дар ӯ се хислат бошад: ақл, иффат ва ҳаё. Ҳар гох, ки холӣ бошад аз ин се, ҷоиз набошад наздики ӯ шулан. Ин аст усул. Пас, чун бидонад аз зане ончи ёд кардем ва биёбад ончи шарҳ додем ва эхтиёч дошта бошад аз издивоҷ бояд, ки истихорат (талаби хайр) кунад Худойро ва ӯро бихоҳад. Ин аст ... дар издивоҷ ва ихтиёр".

Маълум мегардад, ки дар ин масъала Қутбиддин Шерозӣ ба Ибни Сино пайравӣ карда, занро чойгиршини мард дар сохтори оиладорӣ медонад. Ибни Сино дар рисолаи "Тадбири манзил" менависад, ки "зани шоиста ва некӯ шарики мард аст дар мулкаш ва қайими ӯст дар молаш ва чойгиршини вай аст дар хонааш ва амини вай аст дар парвариши тарбияти фарзандонаш. Зани бехтарин дорои сифоти зайл бошад: хирадманд бошад; диндор бошад; бошарм бошад; зираку бофатонат бошад; дӯстдору бомуҳаббат бошад; валуд бошад; забондароз набошад; итоаткор бошад; покдилу бегаш бошад; дар пушти сари мард ва ҳоли ғайбати ӯ амин бошад; вазнину сангин бошад; бовиқор бошад; боҳайбат бошад; дар мақоми хидмат ба шавҳараш такаббур наварзад, балки фурӯтан бошад; тадбири кору кирдорашро хубу некӯ бинамояд; андаки шавҳарашро ба сарфаҷӯйӣ зиёд кунад; гарду губори хузну андӯҳро аз дили шавҳараш ба василаи ахлоки некӯ ва забонаш пок кунад ва ҳумуми шавҳарашро бо лутфи мадорои худ тасалият дихад"[1].

Қутбиддин Шерозӣ дар тафовут аз Ибни Сино тамоми сифатҳои бехтарини занро хулоса намуда, доштани "ақл, иффат ва ҳаё"-ро кофӣ медонад, ки меъёри бехтарин чиҳати интихоби завча ҳастанд. Ҳамин гуна меъёр барои ҷомеаи муосир низ дорои арзиши баланд мебошад. Агар, дар ҷомеаи суннатии мо, ҳангоми интихоби завча (ҳамсар) сифатҳои зикршуда ба инобат гирифта шаванд, имкони ташкили оилаи солим вучуд дорад.

Қутбиддин Шерозӣ, мухимияти мақоми занро дар сохтори оиладорӣ таъкид намуда, барои мард якчанд тарзи муносибатро бо ӯ пешниҳод менамояд. Аз ҷумла: "Ва бояд, ки муохизаи (сарзаниш кардан) ӯ муътадил бошад ва аз хад дар нагузарад, то муаддӣ (адокунанда) нашавад ба бешармӣ ва далерӣ аз чиҳати зан; Иҷтиҳод кунад, то ҳоши миёни эшон

ба зарб (зурӣ) нарасад ва аз ҳаддӣ тавбих (сарзаниш) ва тақриъ (ҷазо) таҷовуз накунад. Агар, хол ба зарб расад, айшро лаззате намонад ва агар, зарур бошад, аз он бояд, ки дар авқоти мутабонда (дуршаванда) бошад ва далерӣ накунад бар ӯ дар вақти хашм ва зарб, чунки ӯ низ далер шавад ва такаллум кунад ба чизҳое, ки рафъи ҳичобӣ виқор ва ҳаё кунад аз миёни эшон. Ва аз он умурс мутавалид шавад, кариб ончи гуфта шуд"[1].

Маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ ҳанӯз дар замони худ табъизи (дискриминатсия) ҷисмониро дар равандӣ муносибатҳои оилаторӣ мавриди танқид қарор дода, натиҷаи амали музкурро боиси поустувор гардидани оила донистааст. Мутафаккир, на танҳо озори ҷисмонӣ, балки равониро низ дар муносибатҳои оилаторӣ номумкин шумурида таъкид менамояд: "Ва муохиза ба забон низ бисёр накунад, то қавли ӯ нези зан хор нашавад, чунки эътидол дар ҳар умуре матлуб аст"[2].

Мутафаккир муносибати мувофиқи заноншавҳариро дар риояи ҳама меъёр ва қоидаҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва ҳуқуқие, ки ба таъмини ҳайри фардиву иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, медонад: "Пас, чун қоидаи виқор миёни онҳо мумаҳад (густурда) шуд ва асоси ҳайбат (шукуҳу азамат) таъсис ёфт, боял, ки муболиға кунад дар икром ва эҳтироми ҷониби ӯ ва рафъи (боло бардоштан) ларачаи ӯ аз дуниёти умур ва икроми ӯ ба он бошад, ки ӯро нигоҳ дорад бар аҳсани ҳайате, ки мумкин бошад ӯро аз либос ва зиннате, ки занон ба он шод шаванд ва неку доранд; Ва ба он, ки ӯро дар ғояти сатр дорад ва муболиға кунад дар он то ҳеҷ як аз занон тамаъ накунанд дар дидани ӯ симои очизе, ки мардони бисёр ва маҷолис ва маҳофил бешумор дида бошанд, чунки онҳо муҳодиса (сухбат) кунанд ба он

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дурраг-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1386. -С.135.
[2] Ҳамон ҷо: -С.136.

чи муҳайичи (ҳаяҷоновар, барангезандаи) шаҳвати ӯ бошад ва бисёр бошад, ки сабаби иғвои ӯ гардад. Ва ҳазар кунад аз он, ки касе чизе аз либос ва зару зевари ӯ ё аз он чи мансуб бошад ба ӯ бубинад. Ва ба он, ки он чи дар хона ва манзил аст, муфаввиз (вобасташуда) бошад ба ӯ ва ӯ даст-кушод бошад дар ҳар чӣ дар хона бошад аз ассос (ашё ва моли хона), хурданӣ, нушиданӣ ва пӯшиданиҳо ва лозим бошад ба ӯ эҳтимом (аҳамият) ба ҷамии он чи дар манзил аст. Бар тартиби он ва пухтану шустан ва ғ. Ва ҳар шуғле, ки аз он хона аст ё ба дасти худ кунад, ё бифармояд агар ӯро хидматгор бошад, чунки тафвизи (иҷро) умури манзил ба ӯ икроме аст ӯро ва ишғол мар хотири ӯро аз ғайри он. Ва мушорикат кунад бо зан, дар ҳар чӣ ба нафси хона тааллуқ дорад ва он чи захира ниҳанд ва дар он ҳамл (изофа) кунанд ба он ва маад (омодакунанда, ҳисобшуда, захирашуда) доранд аз барои вақти эҳтиёҷ, чунки эҳтиёҷ ва ғайри он ва моадои он аз онҳо ки хоричи хона бошад дар ҳеҷ аз онҳо тамаъ накунад; Ва ба он, ки эҳсон кунад бо аҳли ӯ ва мувосилаву тараддуд бо эшон, чунки дар он истиҷлоби (ҷалб) қалби ӯ ва қулуби эшон бошад. Ва зиёдати таовунӣ (иқтисод, маҷмуае, ки бо кӯмаки якдигар тартиб мешавад) ва кумак хостан аз ҷиҳати онҳо. Касеро, ки рӯзӣ доданд занеро, ки розӣ бошад аз ӯ ва мавсуф ба он чи ёд кардем, бояд, ки ӯро нигоҳ дорад ва муттаним (ғанимattгиранда) донад ва мукаддар (ғамгин) накунад ӯро бо мунокиша. Ва на ғамгин кунад ӯро ба ғайрате. Ва, агар холӣ бошад аз авсофи мазкура ва ё аз яке аз он сегона, ки акл, иффат ва ҳаёст, вочиб бошад муфориқати (ҷудошавӣ) ӯ аз қули вуҷуд"[1].

Воқеан, дар фарҳанги миллати тоҷик васфи зани хуб ва нақши ӯ дар ташаккул ва муназзамии оила зиёд мебошад. Аз ҷумла, "Зани хуби фармонбари порсо, кунад

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дурраг-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. - С. 135-137.

марди дарвешро подшоҳ"[1]. Вале ин андешахо маъной он-ро надоранд, ки танҳо зан масъули тарбияи мард ва ичрои ухдадориҳои оилавӣ аст, балки "зану марданд асоси зиндагонӣ" ва ҳар кадом масъул дар риояи одоб ва ташкили оилаи нек мебошанд.

Мусаллам аст, ки вобаста ба дигаргуншавиҳои ичтимой, тарзи муносибатҳо низ тағйири шакл мекунанд ва арзишҳое рӯйи кор меоянд, ки ҷавобгӯ ба талаботи замон бошанд. Дар замони муосир проблемаи баробарии гендерӣ хамчун мушкилоти ичтимой ва фарҳанги оиладорӣ вориди таҳкикотҳои илмӣ гардида, таваҷҷуҳи муҳаккиконро ба худ ҷалб намудааст. Аз чумла, дар мухити илмии Точикистон масъалаи мазкур аз солҳои 90-уми асри XX вусъати тоза касб намуда, донишмандоне, ба мисли, Кувватова А.[2], Қосимова С.[3], Шоисматуллоев Ш.[4] ва чанде дигар ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, таҳкикотҳои илмӣ анҷом додаанд, вале онҳо аз мақоми оилаи суннатӣ ва сарфи назар кардани анъанаи сарварӣ дар ин намуди оила интикод намекунанд. Мавқеи муҳаккикони зикршуда, дар асоси талаботи ҷомеаи муосир, бознигарӣ намудани хусусияти таассубию хурофотии фарҳанги оиладорӣ қобили пазириш мебошад. Агар, ба таълимоти мутафаккирони гузаштаи ақлгарои миллати точик назар афканем, масъалаи мазкур дар доираи эҳтироми тарафайни зану мард, дар муносибатҳои оиладорӣ матраҳ гардидааст, ки ҳаргиз кӯҳна намешавад. Аз чумла, Қутбиддин Шерозӣ таъкид бар он мекунад, ки "Касеро, ки рӯзӣ доданд занеро, ки розӣ бошад аз ӯ ва мавсуф ба он чи ёд кардем, бояд, ки ӯро нигоҳ дорад ва муғтаним (ганиматширанда) донад ва мукаддар (ғамгин) накунад ӯро бо муноқиша. Ва па гамгин

[1] Саъдии Шерозй. Куллиёт. Ҷ.1. Душанбе: Адиб, 1988. -С.127.
[2] Нигр.: Кувватова А.А. Анализ гендерной ситуации в сфере политики в Республике Таджикистан. Душанбе, 2005.
[3] Нигр.: Гендерная система в контексте социальных изменений таджикского общества. Автореф. канд. филос. н. –Душанбе, 2004.
[4] Нигр.: Гендерная система: состояние и тенденции развития. Душанбе, 2004.

кунад ӯро ба ғайрате"[1]. Яъне, зане, ки дорои ахлоқи хуб ва сифатҳои баланди инсонӣ аст, ҳамеша мавриди эҳтироми шавҳар ва бархӯрдор аз тамоми ҳуқуқу озодиҳо мебошад. Занро зарур аст, ки аз доираи ҳуқуқу салоҳиятҳои худ берун нарафта, дар доираи масъулиятҳои худ фаъолият ва дар ҷодаи дарёфти саодатҳои оилавӣ кӯшиш намояд. Дар ин сурат, мард наметавонад муносибати табъизкоронаро нисбати зан раво бинад, зеро "далерӣ накунад бар ӯ дар вакти хашм ва зарб, чунки ӯ низ далер шавад ва такаллум кунад ба чизҳое, ки рафъи ҳичоби викор ва хаё кунад аз миёни эшон".[2]

Дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ, на танҳо эҳтироми завҷа (ҳамсар) хамчун узви фаъоли оила таъкид шудааст, балки масъулияти мард дар тарбия ва камолоти хохару духтар низ, мухим шумурда шудааст. Мутафаккир дар ин хусус зикр менамояд, ки «...бо чумлаи зиноне, ки мутаалик бошанд ба мард аз хоҳар ва духтар ва каробати қариба, ки узве аз хонадон хастанд ва муштагиланд ба ҳар шуғле дар он хона»[3]. Ҳамчунин, Қутбиддин Шерозӣ таъкид менамояд, ки «духтаронро чунон тарбият кунад, ки тарбияти писар карда бошад»[4].

Фарзанд низ дар сохтори оила мақоми мушаххас дорад. Тибқи андешаи мутафаккир яке аз вазифаҳои мухими оила, ба дунё овардани фарзанд ва тарбияи он мебошад. Аз ин хотир, Қутбиддин Шерозӣ баъд аз тахлилу баррасии мақом ва ҷойгоҳи зан дар низоми оиладорӣ ба назарияи «сиёсат ва тадбири авлод» ва ё ба иборан имрӯза тарбия ва таълими фарзандон рӯй оварда, аввалин чизе, ки тавсия медиҳад ин аст, ки ба тарбияи фарзанд аз вақти дар батни модар пайдо шудан боял шурӯъ намуд. Баъд аз таваллуд,

[1] Қутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалй ва сайру сулух. Бо кўшиш ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи панчум. Ширкати интишороти илмй ва фарханги. Техрон, 1396. - С. 137.
[2] Ҳамон чо: -С.136.
[3] Ҳамон чо: -С.138-139.
[4] Ҳамон чо: - С. 142.

дар мадди аввал ба фарзанд номи нек зарур буда, он бояд маънои хуб дошта бошад. Номи номувофиқ, ба ақидаи ӯ сабабгори нохӯшиҳо дар тамоми ҳаёти баъдинаи тифл хоҳад гашт. «Чун якеро фарзанде дар вучуд оял, аввал чизе, ки ибтидо ба он кунад, тасмияи ӯ бошад. Ва ӯро номи мустаҳсан ниҳад, ба нисбати қавме, ки аз эшон аст»[1]. Чуноне мебинем, Қутбиддин Шерозӣ ба масъалаи нигоҳ лоштани «хотираи авлодӣ», эҳтиром ба гузаштагони падару модар ва қадру эътибор ва манзалати онҳо дар ҷомеа, дар мадди аввал интихоби номи дуруст ва мувофиқ ба кӯдакро тавсия медиҳад.

Арзиши андешаҳои мутафаккир дар он зоҳир мегардад, ки ҷомеаи муосири тоҷик ба ҳамин гуна андешаҳо рӯй оварда, дар моддаи 8-уми қонуни миллӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"[2] номи нек гузоштанро муҳим мешуморад. Дар қонуни зикршуда, ҳангоми баррасии ӯҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд, аввалин ӯҳдадориро "ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд", муайян кардаанд. Маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ, ҳанӯз дар асри XIII гузоштани номи фарзандро тибқи арзишҳои миллӣ таъкид карда, гуфта буд, ки: "ӯро номи мустаҳсан ниҳад, ба нисбати қавме, ки аз эшон аст».[3]

Мутаассифона, дар ҷомеаи муосир, ҳолатҳое ба назар мерасад, ки мардум номҳои тоҷикии худро ба номҳои номафҳуми арабӣ иваз намуда, бо ин амали хеш ифтихор мекунанд. Бехабар аз он, ки номи интихобкардаашон маънии муайян дошта бошад ё не. Муҳим барои ҷавонони

[1] Ҳамон ҷо: -С.139.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (аз 15.03.2016с. №1294; аз 17.05.2018с. №1532. https://mfa.tj (санаи мурочиат: 12.03.2021)
[3] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалй ва сайру сулукороти инсон ва фарханги. Техрон, 1396. -С.139.

муосир, шакли арабии он аст, ки нишони мутаассибӣ ва каммаърифатӣ мебошад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мавҷудияти фарзанд оиларо мукаммал мегардонад, зеро вазифаи аслии оила ба дунё овардани фарзанд ва тарбияи мувофики он мебошад. Аз ҳамин хотир, дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ҷихати тарбияи фарзанд, дар сохтори оила накши дояро низ муҳим мешумориданд. Дар пайравӣ аз андешаҳои Ибни Сино ва Насириддин Тӯсӣ, Қутбиддин Шерозӣ низ дояро дар низоми оиладорӣ эътироф намуда, таъкид мекунад, ки «Он гоҳ, дояи хубе барои фарзандатон интихоб кунед, вале, агар модар худ ӯро шир дихад бехтар аст. Ва, агар, гайри ӯ бошад, боял, ки доя ихтиёр кард, ки сахеҳулмизоҷ бошад. Ва оқилу хасануахлоқ бошад, то иллат аз ӯ ба фарзанд таъсир накунад, чун мараз ва ҳамокат (бадахлоқӣ) ва г. Ва дигар, он ки, доя солеҳа бошад ва ғизои ӯ аз ҳалол, то тинати фарзанд ба хабоис олуда нашавад, ки аз хабис чуз хабис тавалуд нашавад».[1]

Мусаллам аст, ки ҷомеаи муосир ниёз дар аксарияти ҳолатҳо ба ҷалби доя дар тарбияи фарзандро надорад ва таъкиди мутафаккир дар мавриди он, ки «агар, модар худ ӯро шир дихад, бехтар аст», ба мақсад мувофиқ мебошад. Шири модар ва меҳре, ки аз модар ба фарзанд мерасад, ҳеҷ муҳаббате онро иваз карда наметавонад. Игебаева Ф.А. дар ин маврид дуруст қайд менамояд, ки «Агар, то синни сесолагӣ, кӯдак аз таваҷҷуҳи зарурӣ, гамхорӣ ва робитаи эмотсионалӣ бо калонсолон, махсусан, модар бенасиб монад, шаклгирии бисёр сифатҳои иҷтимоии ӯ ба муҳлати дароз қафо мемонад ва дар баъзе ҳолатҳо пурра шахшуда ва пурранашаванда мемонанд».[2]

[1] Ҳамон ҷо: -С.139.
[2] Игебаев Ф.А. Особенности демографического развития города и стабильность семьи// Вестник Московского университета. Серия 18. Социология и политология. 2016; 22(3). -С.128. Электронный адрес: https://doi.org/10.24290/1029-37-36-2016-22-3-81-83 (санаи мурочиат: 12.03.2021)

Албатта, вобаста ба талаботи замон, мутафаккир истифода аз хизмати лояро инкор намекунад, зеро пешгузаштагон ва ҳамзамононаш ба ин масъала дахл кардаву нақши дояро дар низоми оила муҳим шуморида буданд. Аз ҷумла, Ибни Сино дар рисолаи Тадбири манзил» зикр намудааст: «Аз ҷумлаи ҳуқуқи фарзанд дар зимман падараш ин аст, ки вайро ба номи некӯ биномад. Сипас, доян хубе барои ӯ интихоб кунад, ки ахмаку бехирад ва бемор набошад, зеро чунон ки гуфта шудааст, шир сироят мекунад».[1] Насириддин Тӯсӣ дар «Ахлоки Носирӣ» зикр месозад, ки «чун фарзанд дар вуҷуд ояд, ибтидо ба тасмияи ӯ бояд карл ба номи некӯ, чӣ агар номе номувофиқ бар ӯ ниҳад, муддати умр аз он нохушиҳил бошад. Пас, дояе ихтиёр бояд кард, ки ахмаку маълул набошад, чунки одоти бад ва бемтари иллатҳо ба шир таъадлӣ кунад аз доя ба фарзанд»[2]. Қутбиддин Шерозӣ бошад, «модар худ ӯро шир диҳад, бехтар аст», мегӯяд, вале дар сурати зарурат, дояеро маслиҳат медиҳад, ки бо хислат ва типати поки худ тавонад дар тапаккули сифатҳои ҳамидаи кӯдак саҳми муносиб гузорад.

Аз он ҷиҳат, ки масъулияти асосии оила иборат аз тавлид ва тарбияи мувофиқи фарзанд аст, мутафаккир дар сохтори оила нақши фарзандро бо ҷиддияти том мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Чун дар мақоми аввали оила волидайнро ҷой намудаву хизмати онҳоро муҳим барои фарзанд таъкид карда буд, аммо ҷиҳати расидан ба дараҷаи шиносхти арзиши волидайн, падару модарро зарур аст, ки фарзандро тарбияи мувофиқ кунанд. Фарзанди солеҳ ва тарбиятдида метавонад онҳоро нобарҷо нигоҳ дорад ва дар рӯзгори бозмоми ҷомеа саҳмгузор бошад: «Ва, чун масъалаи дояғӣ анҷом шуд, касеро бар ӯ гуморад, ки тарбияти ӯ кунад ва нигоҳубини ӯ аз гармо ва сармо ва талқини ӯ кунад калимотеро, ки мутазаммини (фарогиранда) ...

ва ташмияти отиф (дуои атса) ва амсоли он. Тарбияти ахлоки маҳмуда кунад дар ӯ ва таҳвили ӯ кунад аз ахлоқи мазмума»[1].

Нақши таълиму тарбияро дар камолоти маънавӣ ва рушди шахсияти фарзанд мутафаккирони зиёд қайд намуда, вазифаи муҳимтарини онҳоро иборат аз ҳамин медонанд, ки дар зерфасли поён бархе аз он назариётро дар муқоиса бо таълимоти Қутбиддин Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод. Дар ин ҷо танҳо масъалаеро бояд баён намоем, ки мутафаккир дар сохтори оила ва таъмини низоми он нақши мураббиро муайян намудааст. Дар даврони мутафаккир, ҳанӯз таълимоти томактабӣ ва кӯдакистонҳо амал намекарданд, вале муҳимияти ҳамин сохторро ёдрас шуда, Қутбиддин Шерозӣ иброз медорад, ки саҳми тарбиятгар аз синни хурдӣ метавонад дар шакл гирифтани ахлоқи кӯдак таъсири мусбат расонад. Дар замони муосир масъалаи мазкур аз нав арзиш пайдо намуда, волидайн кӯшиш менамоянд, ки барои фарзанди худ мураббии хуб пайдо кунанд, то ӯро тарбият ва барои таҳсил омода гардонад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар сохтори оиладорӣ аз рӯзгори пешин мақом ва ҷойгоҳи хидматкор муайян мебошад. Қутбиддин Шерозӣ дар низоми оиладорӣ ҷойгоҳи хидматкоронро махсус қайд менамоял, ки дар муқоиса аз афкори пешин то дарачае назари ӯ бештар прогрессивӣ эҳсос мегардад. Мутафаккир дар ин бора таъкид менамояд: «Ва бидон, ки ғуломон ва канизон низ аз онҳоянд, ки ғори (нигоҳубини) эшон лозими шахс бошад. Пас, воҷиб бошад киём ба ҳуқуқи эшон ва ғайрат барояшон ва эҳтимом (ҳимоят) ба холашон. Чунки, эшон дар он ҷории мачрои ахланд. Аввал, чизе воҷиб бошад, он аст, ки эшонро манъ кунад аз ҳар чизе, ки хароими худро аз он манъ мекунад ва амр кунад ба тоат ва наҳй аз маъсият. Ва муохиза

(нигоҳубин) кунад эшонро бар он, то мустақим шаванд ва сахлангорӣ накунад бо эшон дар он чӣ ба маъсияти Худо тааллуқ дорад»[1].

Ҳамчунон ки зикр кардем, аз даврони қадим хидматкорӣ дар оила вуҷуд дошта ва дар марҳилаҳои мухталифи рушди ҷомеа шаклан тағйир ёфта, то замони муосир расидааст. Дар фарҳанги асримиёнагӣ муносибат нисбати ин қишр ҳанӯз хусусияти маҳдудиятомони ҳуқуқу озодихои онҳоро дошт. Шояд ин тарзи муносибат аз таълимотхои динӣ, бахусус, дини ислом, ки хидматкоронро ҳамчун банда ё ғулом, яъне моликияти шахсӣ медонистанд, сарчашма гирифта бошад. Аммо Қутбиддин Шерозӣ хидматкорро узви комилҳуқуқи хонавода дониста, таъкид менамояд, ки «эшон дар он ҷории мачроии аҳланд» ва сарвари хонадон бо онҳо гарзе бояд муносибат намояд, ки бо тамоми аъзои дигари оила мекунад. Дар ин ростo, ӯ таъкид менамояд, ки «Нас, чун эшонро амри маъруф ва наҳӣ аз мункар фармуд, боял, ки кифояти маонати (дастгирӣ, таъмини) онҳо кунад дар хӯрдан, пӯшидан. Яъне, аз он чандон ба эшон дихад, ки кифояташон бошад. Ва мачбур накунад онҳоро ба коре, ки душворашон ояд»[2].

Мусаллам аст, ки истифода аз хидматкор дар ҷомеаи муосир ба таври васеъ мушоҳида мегардад, вале аз онҳо бо унвони «канизи» ё «ғулом» ҳаргиз ёд намешавад. Хидматкорони муосир соҳиби ҳуқуқу озодӣ хастанд ва вобаста ба заҳматашон музди маошӣ талаб менамоянд. Қутбиддин Шерозӣ ҳанӯз дар замони худ, ки даврони динмеҳварӣ буд, бочурьатона таъкид менамояд, ки:«Ва аммо, муохизаи эшон бояд, ки бар қадри ҷаноят (роҳбар) таалуқ дорад ва ба масолехи ӯ кунад бар эшон ва на мудовимат бар ситам ва зарби эшон, то одат накунад ба азият, чунки он далолат ба қиллати (камӣ) мурувват ва касрати қасоват (сангдилӣ) ва ҳубби интиқом ва ғайри он мекунад. Ва афзал он аст, ки бо ӯ муомила кунад ва ҳаққи ӯ пардохт намояд, то аз сари силқ хидмат намояд»[1]. Аз иқтибоси фавқ сароҳатан хулоса гирифтан мумкин аст, ки Қутбиддин Шерозӣ қадами устуворро доир ба эҳтироми ҳаққу ҳуқуқи хидматгорон ва мавриди шиканҷаву озор ва ё табъиз қарор надодани ин қишри ҷомеа гузоштааст.

Хулоса, сохтор ва низоме, ки дар ҳикмати оиладорӣ Қутбиддин Шерозӣ муайян намудааст, сохтори оилаи суннатӣ буда, аксари мукаррароти он барои ҷомеаи муосири мо арзиши худро нигоҳ доштаанд. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки чунин оила ҳамчун «муассисаи қадимӣ»[2] ва ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ умри тӯлонӣ дошта, ҳаргиз куҳна намешавад. Мақоми аввалро ба волидон додан ва онҳоро ҳамчун мушовир дар умури оиладорӣ интихоб намудан, инчунин, масъул дар иззату эҳтиром ва нигоҳубини онҳо будан, арзиши олитарини фарҳангӣ ва инсониест, ки онро ҳеҷ кас инкор карда наметавонад. Албатта, бо таъсирпазирӣ аз фарҳанги бегона ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки ҷавонон, ба истилоҳ «оилаи модерн» бунёд намуда, падару модари худро аъзои оила намеҳисобанд, вале ин тарзи оиладорӣ барои фарҳанги мо ҳанӯз бегона мебошад.

Муваззаф гардонидани мард дар умури оиладорӣ ва ба зимаи он вогузор намудани масъулияти сарварӣ низ мабут ба аъанаҳои фарҳанги миллӣ ва низоми оиладории суннатӣ мебошад. Дар ҷомеаи суннатӣ марди хонавода васифадор аст, ки сохтори оиларо дар доираи талаботи меъё-

мард, ки Кутбиддин Шерозӣ ба он таваҷҷухи ҷиддӣ додааст, маънои бехуқуқӣ ва табъизи заноиро надошта, балки сифатҳои бехтарини зан, аз кабили ақлу иффат ва ҳаёро барои интихоби ҳамсарӣ муҳим меҳисобад. Оилае, ки дар асоси интихоби якдигарии зану мард ва бо дарназардошти бехтарин сифатҳои инсонӣ таъсис меёбад, дар ҳама давру замон, аз ҷумла дар замони муосир оилаи солим ва дар иҷрои вазифаҳои худ муваффақ ҳисобида мешавад.

Мавриди ба зикр аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ аз ҳар иҳоди дигар дида оила бештар таъсирпазир мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи Ғарб вайроншавии оилаҳо ба маротиб афзоиш ёфта, бештар хамзистии бидуни никоҳ густариш пайдо намудааст. Ин падида метавонад ҷомеаҳои дигарро низ фаро гирифта, нуфузи оилаи суннатиро коҳиш диҳад, ки ба фаноёбии оила ҳамчун иҳоди тавлидкунанда ва тарбиятгари инсон боис мегардад. Ташаккули никоҳи ҳамҷинсӣ ва зиндагӣ бидуни таъсиси оила омилҳое ҳастанд, ки ҳеҷ гуна сохтор ва низом надоранд.

Бо дарназардошти андешаҳои баёншуда таълимоти Кутбиддин Шерозӣ дар самти ташкили оила ҳамчун иҳоди дорои сохтори муайян, ки вазифаҳои мушаххаси иҷтимоиро иҷро намуда, дар таъмини рушди бонизоми ҷомеа саҳми арзанда мегузорад, дорои арзиши баланди илмию амалӣ мебошад. Ҳамчунон ки зикр намудем, бо истифода аз таълимоти Кутбиддин Шерозӣ ва мутафаккирони дигари миллати тоҷик, мо мегавонем низоми оиладории муосири худро мустаҳкам ва ҳатто, ҳукми конуний бахшем.

3.3. Вазифаҳои иҷтимоии оила ва нақши он дар

тарбиявӣ, фарҳангӣ, робитаи наслҳо, иҷтимоишавӣ, иқтисодӣ ва монанди инҳо мебошад, ки онҳоро институтҳои дигари иҷтимоӣ иҷро карда наметавонанд ва ё қисмате аз онҳоро иҷро кунанд ҳам, вале ба дараҷаи ниҳоди оила намерасанд. Пас, маълум мегардад, ки оила институти бунёдии иҷтимоӣ буда, на танҳо ба ташаккулёбии бонизоми ҷомеа таъсири худро мерасонад, балки тавлид, тарбия ва камолоти маънавию наслро таъмин намуда, вобаста ба тағйирёбии ҳолати ҷомеа дар иҷтимоишавии шахс нақши калидиро иҷро мекунанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки, оила, ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоӣ инъикоскунандаи ҳама гуна тағйиротҳо дар ҷомеа буда, ягона ниҳодест, ки дар он тавлиди фарзанд ба амал бароварда шуда, равандҳои интиколи иттилооти анъанавӣ аз волидон ба фарзандон рӯй медиҳад. Низоми дурусти оила ҳолати осуда ва осоиштаи онро ифода намуда, дар он рафтору фаъолияти аъзоёни оила идорашаванда аст ва аз таъсири ангезаҳои номатлуби муҳити иҳотакарда ҳифз мешаванд. Дар чунин оилаҳо фикру андеша ва муносибати аъзоён ба принсипҳои ташаккул додани фаъолияти якҷоя бо ҳам мувофиқ мешаванд ва монандии арзишҳои оилавӣ ба мушоҳида мерасад. Маҳз, «чунин монандии арзишҳои оилавӣ, ба бунёди муҳити солими равонии оилавӣ мусоидат намуда, шкиштофи равандҳои муваффақонаи тарбияи фарзандон дар оила таъмин мегардад»[1].

Дар робита бо ин масъала, оиларо бояд ҳамчун роҳи муҳими бапакшагирии ларачаи баланди некуаҳволӣ ва бехтаргардонии солимии аҳолӣ эътироф намуда, дар ин самт чораҳои мушаххас андешид. Дар рафти иҷрои ин масъала, бояд ба он нигоҳ шуд, ки маҳз худи оила зарурати

илмии ба омӯзиши оила бахшидашуда, оила, ҳамчун систе-маи нисбатан пӯшида баррасӣ мешавад, ки бо институт, ташкилот ва гурӯҳҳои дар атрофбуда алокаи нисбатан кам дорад»[1]. Оила ба сифати ниҳоди фарҳангии одамон баромад карда, онро ягонагии муайяни арзишҳои ҳаётӣ, тасаввурот-ҳо, ягонагии мавқеъҳо дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо ҷомеа тавсиф медиҳанд. Тавсифдиҳандаҳои асосии оила, вазифаҳои иҷтимоии он мебошанд. Ба андешаи Соловева Н.Я. «функсияи оила – ин фаъолияти ҳаётии оила мебошад, ки бо қонеъгардии талаботҳои муайяни аъзоёни он алока-мандӣ дорад»[2].

Муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоии оила дар илмҳои фалсафию иҷтимоӣ чунин фаҳмида мешаванд:

1. Репродуктивӣ ё такрористеҳсолкунӣ. Тибқи ин ва-зифа, оила бояд наслҳои солимро ба дунё биорад, ки онҳо рушди минбаъдаи ҷамъиятро таъмин намояд.

2. Хоҷагидорӣ-иқтисодӣ, ки шароити мувофиқро ба-рои зиндагӣ ва кору фаъолияти аъзои оила омода намуда, талаботҳои асосии ҳаётан муҳиму барои ҳастии минбаъдаи онҳо заруриро ҳамаҷониба қонеъ гардонида тавонад.

3. Тарбиявӣ, ки ташаккул додани шахсияти кӯдак, қобилият ва шавқу ҳавасҳои ӯ, тарбияи мехнатдӯстӣ ва таъсиррасонии доимии тарбиявӣ ба ҳар як аъзои оила дар тӯли ҳаёт, қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба шахсияти ташаккулёфтаи арзишмандро таъмин намояд. Моҳияти ва-зифаи тарбиявии онҳоро психологи рус Рубинштейн С.Л. мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид намудааст: «мақсади тарбия танҳо аз мутобиқ сохтани инсон ба талаботи иҷтимоӣ иборат набуда, балки аз ташаккул додани мавқеияти ботинии шахс ва ҳадафҳои ахлоқии ӯ иборат аст. Яъне, тарбияро метавон, ҳамчун раванди муташаккили ин-

[1] Швец А.М., Могилевкин А.М. Мотивация вступления в брак и ее влияние на кризис будущей семьи// Вопросы психологии. М. 2006. С. 89-98.
[2] Соловьева Н.Я. Брак и семья сегодня. - Выпуск: Минтис, 1977. С. 47.

териоризатсияи арзишҳои умумиинсонӣ (гузариши арзишҳо ба нақшаи ботинӣ) баррасӣ намуд»[1].

4. Коммуникативӣ, ки муносибати мутақобилаи солим, яъне иртибот ба ҳамдигар дар байни аъзоёни оиларо таш-кил ва ба роҳ монад.

Ҳамчунин, аз ҷониби муҳаққиқон шакли дигари тас-нифи вазифаҳои оила пешниҳод гардидааст, ки тибқи он оила дорои ҳафт вазифа мебошад. Муҳаққиқи тоҷик Назар-ҳудоева Л.Т. бар он назар аст, ки «Оила ҳӯдакунандаи маҷмӯъест, ки ба вазифаҳо ҷудо кардаанаш шартӣ аст. Вази-фаи муҳимтарини он вазифаи репродуктивӣ мебошад, ки ин ниҳодро ба ҳайси азнавбавуҷудоваранда муаррифӣ менамо-яд… Вале, новобаста ба ин, оила вазифаҳои зеринро иҷро менамояд: вазифаи табиӣ-физиологӣ ва эмотсионалӣ; репродуктивӣ; иҷтимоикунонӣ; динӣ-ахлоқӣ; хоҷагидорӣ; ташкили маишат ва истеъмолот; иқтисодӣ»[2]. Албатта, тас-нифи мазкур ҷолиб аст, вале вазифаҳои муайяншудаи оила ҳамагӣ ба доираи чор функсияи болотар номбаршуда ворид мешаванд.

Қутбиддин Шерозӣ вазифаҳои иҷтимоии оиларо дар доираи ҳамон чаҳор функсия мавриди баррасӣ қарор дода, нақши ин ниҳоди иҷтимоиро дар ташаккули мупаззами ҷомеа ба таври мушаххас нишон додааст. Аз ҷумла, доир ба вазифаи репродуктивии оила, мутафаккир таъкид менамояд: «Ва бибояд донистан, ки фарзанди солеҳ модару падарро ҳайвати (зиндагӣ) дигар аст. Ва ҳамсаронро мебояд сари тавлиди фарзанд биандешанд»[3]. Маълум мегардад, ки му-тафаккир, ҷиҳати таъмини ҳаёти ҷамъият оиларо муваззаф менамояд, то сари масъалаи тавлиди фарзандони солеҳ ан-

[1] Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. М., 1989. Т. 2. – С.98.
[2] Назархудоева Л.Т. Таджикистанская семья в условиях трансформации об-щества. Душанбе. 2020. – С.23-25.
[3] Кутбиддин Шерозӣ. Дурратут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва таҳқиқи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишо-роти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. – С. 141

дсипа намуда, чомеаро бо насли нав пурра гардонад. Мурод аз «ҳайвати дигар», идомаи наслест, ки бо анҷоми амалҳои нек метавонад дар зинда нигоҳ доштан ва рушди муназзами ҷамъият саҳмгузор бошад.

Мусаллам аст, ки инсон, яке аз шаклҳои ҳастиест, ки дар он тамоми олами вуҷуд инъикос меёбад. Маҳз ҳамин шакли ҳастӣ табиат ва қувваҳои моваройтабииро дарк мекунад ва ҷамъият месозад. Ба ин маънӣ, инсон созанда ва офарандаи ҳама намуди арзишҳо аст, ки вуҷудияти онҳо ногузир мебошад. Агар, аз як ҷониб, оила арзиши эҷоднамудаи инсон бошад, аз ҷониби дигар, он маконест, ки инсонро ба вуҷуд оварда, камолоти маънавии ӯро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, Қутбиддин Шерозӣ менависад: «Мақсад аз бунёди манзил тавлиди фарзанд аст»[1].

Ёдрас шудан ба маврид аст, ки вазифаи репродуктивии оила иборат аз тавлиди оқилонаи фарзанд мебошад. Талаботи вазифаи мазкур бар он нигаронида шудааст, ки волидайн дар доираи имкониятҳо ва шароити зисту зиндагии худ тавлиди фарзандро ба нақша гиранд. Яъне, вазифаи репредуктивиро иҷро намуда, оила, «на танҳо нақши фабрикаи «биологӣ», балки инкишофи ҷисмонию равонӣ ва зеҳнии фарзандро ба ӯҳда гирифта, ҳамчун муназзамкунандаи маҷмӯии тавлид баромад менамояд»[2]. Албатта, тавлиди фарзанд ва танаккул додани сифатҳои ахлоқию иҷтимоии он, вазифаи муҳимтарини оила буда, сарфи назар кардани инкишофи ҷисмонию равонӣ ва зеҳнии фарзанд функсияи репродуктивии оиларо нокис мегардонад.

Мусаллам аст, ки чуфтшавӣ ва тавлиди фарзанд танҳо хоси инсон набуда, балки мавҷудоти дигари биологӣ низ табиатан ба ин амал даст мезананд. Парандагон лона

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. Саҳ.141
[2] Назархулоева Л.Т. Таджикистанская семья в условиях трансформации общества. Душанбе, 2020. С.23-24.

месозанд ва ҳайвонҳо чоҳи мувофиқ барои тавлиди насли хеш пайдо намуда, тибқи хусусиятҳои инстинктӣ то замони ба камол расопидан онҳоро парвариш менамоянд. Инсон ҳам, чун ҷузъи табиати моддӣ дорои чунин хусусият мебошад, вале бо доштани шуур ва қобилияти тахлилию банақшагирӣ аз олами ҳайвонот тафовут пайдо мекунад. Дурust аст, ки «аввалин иҷтимоъ, ки ба вуҷуд оварда шуд, иҷтимоъи оила, яъне, аҳли хонадон буд»[1] ва дар он тавлиди мақсадноки фарзандон амалӣ гардонида шуд. Қутбиддин Шерозӣ, бехуда таъкид намекунад, ки «мақсад аз бунёди манзил тавлиди фарзанд аст».[2]

Вокеан, ҷахони муосирро бухрони демографӣ фаро гирифта, дар барҳе аз кишварҳои ҷаҳон афзоиши аҳолӣ суръати баланд ва дар барҳи дигар, хеле паст дорад. Бо ҳамин мақсад, дар кишварҳое, ки аҳолӣ афзоиши сust дорад, сиёсати давлатӣ ба дастгирии харҷи бештари тавлиди фарзандон нигаронида шудааст. Аммо, ин сиёсат маънои онро надорад, ки оилаҳо фарзандони зиёдро тавлид ва ба давлат ҳавола карда, аз тарбия ва камолоти маънавии онҳо барканор бошанд. Ҷомеаи муосирро зарур аст, ки ҳангоми банақшагирии тавлиди фарзанд инкишофи сифатҳои маҷмӯии фарзандро ба инобат гирад.

Қутбиддин Шерозӣ, вазифаи хоҷагидорӣ-иқтисодии оиларо низ махсус қайд намуда, иброз доштааст: «Раббулманзилро мебояд аз асос (ашё ва моли хона), хурданӣ, нушиданӣ ва пӯшиданиҳо ва харҷи лозим бошад, тадбир кунад ва зан ба он ки, он чи дар хона ва манзил аст, муфавviз (вобастануда) бошад ба ӯ»[3]. Тибқи андешаи мутафаккир, зану мард масъули таъмин, банақшагирӣ ва таксими

[1] Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзанд. Душанбе: «Ирфон», 2014. -С.25.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.141
[3] Ҳамон ҷо: -С.141

маоши рӯзгор ҳастанд ва ҳар дуро зарур аст, ки низоми оиладориро дар асоси имкониятҳои иқтисодӣ роҳандозӣ намоянд.

Тавре болотар ёдовар шудем, ҳанӯз аз даврони пешин вазифаи иқтисодӣ-хоҷагидориро хоси оила донистаанд, ташаккул ёфтани оиларо ҳамчун ниҳоди ичтимоӣ, ба ҳамин функсия алоқаманд донистаанд. Дар Авасто омадааст: «Эй додори ҷаҳони атуманд! Эй ашаван! Кучост дувумин чое, ки Замин дар он бештар аз хама чо шодком шавад? Ахуро Маздо посух дод: Чунин чой, он чост, ки аниване хонае бар пой дорад, ки дар он галлаи говон ба хубӣ парвариш шавад, ашаванӣ афзуни гирад, хӯроки сутурон фаровон бошад, кадбону комёб шавад, фарзандон биболанд, оташ фурӯзон бимонад ва ҳар яке аз ниёншҳои неки зиндагӣ ба хубӣ барҳолда шавад»[1]. Агар, бехтарин ҷойи замин, тибқи таълимоти авастой макони «ба бор овардани фарзандони солим»[2] бошад, пас, дукомин чой, манзилест, ки таъмин бо шароитҳои мувофики зистан бунёд мешавад.

Аз назари мантиқ, шароити иқтисодӣ ва имкони амалигардонии андешаи бунёди оила аввалтар аз ақди никоҳ ва тавлиди фарзандон аст, ки дар фалсафаи Юнони бостон ба он таваччуҳ намудаанд. Дар ин тамаддун, «дар баробари «сиёсаги манзил» ва «ҳукумати манзилӣ», оиларо бо мафхуми «эйкономия» (эйкос-хона; номос-қонун) ёд мекарданд».[3] Ба қавли Арасту «Молу мулк ҷузъи манзил буда, ба даст овардани он қисми ҷудононазири ташкили оила мебошад, зеро бе ашёи ниёзи аввалиндараҷа, на танҳо хуб зиндагӣ кардан, балки умуман зиндагӣ гайриимкон аст».[4]

[1] Ҷалили Дӯстхоҳ. Авасто. Теҳрон, 1377. Вандидот. Фаргарди сеюм, қисмати якум, фирқаи 1,2,3. -С.431
[2] Ҳамон ҷо: Ромишт. Кардан лахум, фирқаи 39-40.
[3] Ҳакимова З.А. Масъалахои оила ва оилаҳорӣ дар фалсафаи асримиёнагии точик. Душанбе, 2011. -С.27.
[4] Аристотель. Политика. Наука об управлении государством. СПб.: Terra Fantastica. 2003. - С. 314.

Ибни Сино бар он назар аст, ки вазифахои асосии оила, (1) ба даст овардани маводи зарурӣ, ҷихати ташкили зиндагии шоиста ва (2) тавлиди фарзанд мебошанд. Мутафаккир оид ба ин мавзуъ таъкид менамояд: «Ҳама кас аз подшоху раият ниёзманд аст ба ғизову хӯрокӣ, ки мояи ҳаёт ва низ ба тахияву омода сохтани зиёдии хӯрок ва рӯзӣ барои рӯзи хочат, ки бароям пеш меояд, мухтоҷ аст. Роҳи ба даст овардани ғизову хӯрок барои инсон, монанди ба даст овардани қутти ҳайвонот нест, ки ҳангоми ҳаяҷону таҳрики гуруснагӣ ва ташнагӣ ҷунбиш карда, чарогоху об бичӯяд ва пас аз рафъи гуруснагию ташнагӣ ба ҷои худ баргашта ва истирохат карда, боз дар хангоми ҷуъ ва аташ ба сӯйи чарогоху об бишитобад. Дигар мукайид набошад ба ин ки зиёдии ғизову кутаиро барои вақти дигар ва рӯзи хочат ҷамъу захира ва омода бикунад ва ба ҳифзу нигаҳдории он бипардозад. Ин ҳайвонот намедонанд, ки ба гизову об боз мухтоҷ мешаванд. Балки инсон шиёзманд аст ба макону ҷое, ки он чиро ба даст овардаст, дар он ҷо ҷамъу захира ва омода бикунад ва барои хангоми хочаташ нигоҳ бидорад».[1]

Насириддини Тӯсӣ низ доир ба мухимияти вазифаи иқтисодию хоҷагидории оила изхори андеша намуда, менависад: «Ба ҳукми он, ки мардум дар табкияи шахс ба ғизо мухтоҷ аст ва ғизои пасъи инсонӣ бе тадбире саной, чун киштану даравидан ва пок кардану нарм кардан ва сиришкиштану муҳайё ва тамҳиди ин асбоб ба муовинати муотану пухтан муҳайё ва тамҳиди ин асбоб ба муовинати муовинон ва олоту адавот ба кор доштану рӯзгори дароз дар он сарф кардан сурат бандад, на чун ғизои дигар ҳайвонот, ки ба ҳасби табиат сохта ва пардохтааст, то инбиоси эпон бар талаби алафу максур бувад бар вақфи тақозои табиат»[2].

Дар масъалаи болозикр Кутбиддин Шерозӣ бар он назар аст, ки «Раббулманзилро мебояд, тадбир кунад чихати ларёфти асбоб (ашё ва моли хона), хурданӣ, нушиданӣ ва

[1] Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ч.4. Душанбе. 2007. -С.22.
[2] Насириддини Туси. Ахлоқи Носирӣ. Душанбе: Шуҷоён, 2009. -С.162-163

пӯшиданиҳо ва харчи лозим бошад, чун бидуни хосили маъош бунёди хона ва манзил муҳол аст»[1].

Таҳлили муқоисавии андешаи мутафаккирони зикршуда бар он далолат мекунад, ки ҳамагӣ сари муҳимияти вазифаи иқтисодию хочагидории оила иттифоқи назар доранд. Моҳияти таълимоти онҳо, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ, дар мавриди вазифаи мазкур иборат аз он аст, ки маҳз ҳамин функсия, масоили иқтисодиву банақшагирӣ ва муҳимтар аз ҳама, таксими меҳнатро дар чомеа бунёд гузоштааст. Чун оила давлати хурд аст ва давлат оилаи калон, пас, таксимоти меҳнат, ки дар оила ба миён гузошта мешавад, ба идораи чамъият низ сабаб мегардад. Чиҳати андешидани чорабиниҳои дуруст ва амалӣ гардонидани низоми идоракуниву банақшагирӣ масъалаи роҳбарӣ муҳим мебошад. Масъалаи роҳбарӣ (иерархия)-и оила бар он нигаронида шудааст, ки муносибатҳои ҳукмронӣ ва итоаткориро дар оила танзим намояд. Ба маънии дигар, ин мафҳум ифодакунандаи "чанбаҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ: ҳокимият, бартарӣ, дарачаи таъсири як узви оила ба дигарон, қудрати қабули қарорҳо мебошад. Мафҳуми «иерархия», инчунин, ҳангоми омӯзиши тағйирот дар сохтори нақшҳо ва қоидаҳо дар дохили оила истифода мешавад".[2]

Қутбиддин Шерозӣ чиҳати фаъолияти муназзами оила маъулиятшиносии ҳар як аз узви онро муҳим шуморида, таъкид менамояд: "Раббулманзили худованд рӯзии аҳли манзил ва маъот рӯзия аст бар хонаи шавҳар ва фарзанди ӯ ва гулом рӯзист бар моли хоҷа ва ҳар яке аз инҳо масъуланд аз раъияти ӯ".[3] Андешаи худро дар мавриди масъулияти ҳар як узви хонавода ва иҷрои вазифаҳои худ, ки ба функсияи иқтисодӣ-хочагидории оила робита доранд, идома дода, мутафаккир, масъулияти харҷ ва назорати бахши молиявии хонаводаро ба души зан вогузор мекунад. Яъне, зан "дар ҳар чӣ дар хона бошад аз асосс (ашё ва моли хона), хурданӣ, пушиданӣ ва пӯшиданиҳо ва лозим бошад ба ӯ эҳтимом (аҳамият) ба ҷамии он чи дар манзил аст ва бар тартиби он ва пухтану шустан ва г. Ва ҳар шуғле, ки аз он хона аст ё ба дасти худ кунад, ё бифармояд агар ӯро хидматгор бошад, чунки тафвизи (иҷро) умури манзил ба ӯ нкроме аст ӯро ва ишғол мар хотири ӯро аз ғайри он. Ва мушорикат кунад бо мард, дар ҳар чӣ ба нафси хона тааллук дорад ва он чи захира ниҳанд ва дар он ҳамл (изофа) кунанд ба он ва маад (омодакунанда, ҳисобшуда, захирашуда) доранд аз барои вақти эҳтиёҷ, чунки эҳтиёҷ ва ғайри он ва моадои он аз онҳо ки хоричи хона бошад дар ҳеҷ аз онҳо тамаъ накунад».[1]

Воқеан, вазифаи иқтисодӣ-хочагидории оила аз муҳимтарин вазифаҳои ин ниходи иҷтимоӣ мебошад, зеро имкони амалишавии вазифаҳои дигар ба он вобастагии ногусастанӣ дорад. Тавлид, тарбия ва ба камол расонидани фарзанд, ки махсуси институти оила ҳастанд, аз шароити иқтисодӣ ва низоми дурусти идораи оила сарчашма мегиранд. Дар оилаи суннатӣ (васеъ), ки онро Қутбиддин Шерозӣ мепазирад, танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва масрафи мақсадноки онҳо боис мегардад, ки мақсадҳои гузошташуда ба даст биоянд. Дар ин самт, нақши зан хеле баланд мебошад. Агар, марди хонадон масъули таъмини рӯзгор бошад, пас зан масъули нигоҳдошт ва таксими дурусти ашёву маҳсулот миёни аъзоёни оила аст.

Вазифаи аз ҳама муҳимтарини оила, ин вазифаи

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Б
Бо кушиши

таъкиди тарбияи хулоғохии фарзандон зикр менамояд: «тарбияи атфол дар кудакӣ дар рохи худошиносиву худогоҳӣ рохандозӣ гардад ва ба сулуки тариқи растагорӣ ва сухбати асҳоби илм ва амал ва ахлоқи писандида, умед бошад, ки ба дарачаи бузургони дунё бирасад»[1]. Албатта, оила, ҳамчун пиҳоди нахустини ҷомеа дар ҳолате мукаммал ҳисобида мешавад, ки дар он муносибатҳои хуниву никоҳӣ баркарор, тавлид ва тарбияи фарзанд ба рох монда шавад.

Мухимияти тарбияи фарзандро ҳанӯз мутафаккирони Юнони қадим Афлотун ва Арасту таъкид намуда, зикр карда буданд, ки барои ташкили ҷомеа ва давлати идеалӣ шахрвандони тарбиятдида ва донишманд зарурианд. Афлотун дар низоми андешаҳои худ ба тартиб овардани асосҳои давлати навро бидуни тақя ва дар ҳаёт татбиқ намудани сиёсати тарбиявии инсонҳо ва ҷомеа ғайриимкон мешуморид. Мутафаккир таъкид месозад, ки аъзоёни ҷомеа боид дорои тарбияи хуб ва руҳияи баланди шахрвандӣ бошанд. Танҳо дар ҳамин ҳолат, метавонад, инсон ӯҳдадориҳои шахрвандии хешро бе нуксон ичро намоянд. Тибқи андешаи ӯ «ҳар кас ба корҳои дигарон дахолат накарда, боид ба ичрои корҳои худ машғул бошанд».[2]

Мутафаккир, дар асари худ «Давлат» симои шахрванди идеалиро тасвир намуда, таъкид месозад: «Ба онҳое, ки тарбияи бенуксон гирифтаанд, ягон дастурамал лозим нест».[3] Ин гуна шахрванд, тибқи андешаи Афлотун инсони дар оила тарбиятдида ба конунҳо итоаткор мебошад. Тарбия кардани насли наврас, тибқи андешаи мутафаккир, барои ичрои вазифаҳои хоси ҷамъиятӣ мебошад, ки он бидуни оила тасаввурнопазир аст. Азбаски дар лоиҳахои Афлотун вазифаҳои ҷамъиятие, ки шахрвандон ичро мекунанд, фарқият доранд, мувофиқан максаду мароми тарбия низ фарқ мекунад. Қобили зикр аст, ки дар Юнони қадим давлат вазифаи тарбияро танҳо ба ихтиёри табақаҳои махдуди болоӣ мегузошт. Максад аз тарбия, ба гуфтаи Афлотун, ин омода намудани шахрвандон барои ичрои конунҳо ва вазифаҳои ичтимоиву давлатӣ мебошад. Ба қавли мутафаккир, боид тамоми шахрвандони синну соли гуногун, аз ҷумла мардону занон тарбияёфта бошанд. Ӯ, таъкид менамояд, ки «Конунгузор боид дар тарбияи чӣ мардон ва чӣ занон аз синни кӯдакӣ то ҷавонӣ ва сипас, то пиронсолӣ гамхорӣ кунад».[1]

Афлотун зарурати тарбияи занонро аз нигоҳи амалӣ маънидод карда, ба натичае меояд, ки боид "занҳо дар қатори мардон дар ҳамаи корҳои ҷамъиятӣ, дар муҳофизат ва нигоҳбонии давлат хатман ширкат варзанд"[2]. Дар пайравӣ ва тақвият аз таълимоти Афлотун, Қутбиддин Шерозӣ таълиму тарбияи фарзандонро повобаста аз ҷинсият ҳамчун муҳим мешуморад. Мутафаккир бар он аст, ки тарбияти духтар низ баробар бо писар аст ва дар ин масъала ҳеҷ гуна чудоандозӣ ҷоиз нест[3]. Албатта, ҳолатҳое ҳастанд, ки хусусиятҳои ҷинсӣ ҳангоми бурдани корҳои тарбиявӣ ба инобат гирифта мешаванд, вале онҳо асосан ба таҳсили касбу ҳунар ва интихоб намудани самти фаъолияти ҷамъиятӣ рабт доранд. Аз ҳамин лиҳоз, Қутбиддин Шерозӣ таъкид месозад: "Он гоҳ, ки сапъате ба духтар омӯзад, ки лоиқ бошад ба занон ва ба ҳоли падари ӯ ва касеро бар ӯ гуморад, ки ӯро таълими одоби нисо кунад ва тахсини ахлоқи ӯ кунад, ки мазкур аст дар маънии нисо (зан)»[4].

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши ҳикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.140.
[2] Асмус В.Ф. Платон. М., 1969. -С.179.
[3] Ниг.: Государство. VII. 540 c, «Законы». VII. 805 c-806 d, VII. 835 e-842 a

[1] Ҳамон чо.
[2] Гуторов В.А. Античная социальная утопия. Л., 1989. -С.164.
[3] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши ҳикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.142.
[4] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.142.

Кутбиддин Шерозӣ дар тафовут аз анденахон Афлотун тарбияи духтарро то ба хаёти мустакилона сафарбар кардан ва таъмини рӯзгори ӯ дар давраи аввали хонадоршавӣ муҳим меҳисобад. Тибқи андешаи мутафаккир, аз масъулияти волидайн аст, ки ба фарзанди хул шавҳари мувофиқ пайдо намуда, бо ризоият ӯро ба шавҳар диҳанд ва дар таъмини чиҳоз ва ашёи рӯзгори ӯ саҳмгузор бошанд: "Чун шавҳаре ӯро бихоҳад, ки ӯ розӣ бошад ба он, ӯро ба ӯ диҳад. Ва аз чиҳозу ашё ва мол ончи мумкин аст, ба ӯ диҳад».[1]

Мусаллам аст, ки дар фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, аз ҷумла духтарон, на то синни ҳаждаҳсолагӣ, балки то охири ҳаёт идома меёбад. Ҳар амале, ки дар ҳаёти фарзанд, ҳатто ҳаёти оилавии ӯ ба вуқуъ менайвандад, ба он волидон ва хешу табори наздик бетараф буда наметавонанд. Аз ҳамин хотир, Кутбиддин Шерозӣ таъкиди бамаврид доир ба тарбияи духтар ва тафовут нагузоштани ӯ аз писар кардааст. Арзиши таълимоти мутафаккирро дар ҷомеаи муосири тоҷик ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ" эҳсос намудан мумкин аст. Тибқи талаботи қонунҳои зикршуда, падару модар ҳангоми таълиму тарбия ба фарзандон муносибати баробар доштаю, зимни барпо намудани маросими хонадоршавии онҳо аз хароҷотҳои зиёдатӣ худдорӣ карда, "бо маслиҳати тарафайн метавонанд ба чойи додани оши тӯй, маблағи онро ҷиҳати бехтар гардонидани шароити зиндагии навҳонадорон сарф намоянд".[2]

[1] Ҳамон ҷо: - С. 143.
[2] Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, №1428. Сурогаи электронӣ: ҷадвигіуаль (санаи мурочиат: 26.03.21)

Албатта, фарзанд дар оила тарбияи мувофиқ мегирад ва ҳамчун шахсият вориди ҷомеа мешавад. Аз ин лиҳоз, вазифаи репродуктивӣ ва банакшагирии фаъолияти оила маҳз ба хотири омода намудани узви фаъоли ҷомеа, ки он тариқи функсияи тарбиявӣ амалӣ мегардад, нигаронида шудааст. Ташкилкунандагони оила, бояд аз рӯзи наҳустини мақсаднузорӣ дар самти бунёди оила тарбияи насли созандаро дар хотир дошта бошанд. Яъне, итминон бар он бошад, ки хар фард метавонад дар роҳи худошиносиву худогоҳӣ тарбият ёфта, ҳамчун фарди зарурӣ ва ё ба истилоҳи Кутбиддин Шерозӣ "ба дарачаи бузургони дунё бирасад».[1]

Дар баробари ин, чиҳати расидан ба дарачаи бузургӣ аз синни хурдӣ тарбияи мувофикро роҳандозӣ боядкард. Афлотун вазифаи тарбиявии оила ва муҳимияти онро чиҳати тарбияи шахрвандии идеалӣ ва ташкили давлат аз синни хурдӣ муҳим меҳисобад. Гарчанде, синну соли муайяни тарбияро зикр накарда бошад ҳам, вале мутафаккир таъкид месозад, ки «...дар хар сурат аз ҳама муҳим ин ибтидо аст, хусусан, агар он ба чавон дахл дошта бошад. Дар он сурат хусусиятҳое ташаккул меёбанд, ки кас хоҳишро дар хотир нигоҳ доштани онҳоро мекунад».[2]

Бо ҳамин усул Кутбиддин Шерозӣ низ тарбияи кӯдакро дар синни хурдӣ муфид донисту, зикр менамояд: «Гаҳзиби ахлоқи сибён осон бувад ба чанд вачҳ: аввал, содагии нуфуси онҳо аз ахлоқ ва эътиқодоти новочиб; дуввум, қуввати имтинои (маъникунӣ) эшон аз фармони валӣ, васӣ, қайим камгар бувад аз чиҳати заъфи туфулият; сеюм, ахлоқ ва эътиқодоти неку, ки дар нафси эшон собит шавад, муаккад бошад ва завол камтар пазирад; чорум, шубҳаҳо бар

[1] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.140.
[2] Платон. Государство./Пер. А.И. Егунова// Собрание сочинений. В. 4т. Т.3. М., 1994/III, 377, а-в.

эшон камтар афтад ва чун бинафтад изолати (бартараф кардан) он осон буд».[1]

Дар илми педагогика ва психологияи муосир таквияти таълимоти Кутбиддин Шерозиро эхсос намудан мумкин аст. Яъне, тарбияи мувофик метавонад бар иркияти генетикй бартарй дошта бошад ва кўдакро ба дарачаи нобиғагй (гений) расонад. Андеша чунин аст, ки "Имконияти нобиға шуданро ҳар як кўдак, новобаста аз мансубияти миллй, нажодй ва дини дорад. Таъсири генетикиро то ба ҳол донишмандон пурра исбот накардаанд. Ҳатўз ҳам, мубоҳисаҳо атрофи таъсири иркият дар шаклгирии сифатҳои характер ва инкишофи он ҳанўз идома дорад. Қисме аз олимони генетик бар онанд, ки одатҳои бад, аз қабили истеъмоли машрубот, тамоку, мавод булан ба ҳар гуна вобастагиҳои физиологию равонй ба иркият (генетика) вобастагй доранд, вале на ҳамаи донишмандон одатҳои зикршударо ба ахлоқ нисбат медиханд, балки онҳоро ҳамчун беморй баҳогузорй менамоянд. Ба андешаи мо, одатҳое, ки хусусияти генетикй доранд, беморихон билқувва буда, бо таъсири шароит метавонанд ба феъл табдил ёбанд, вале, дар шаклгирии шахсияти инсон таъсири шароите, ки дар он тарбия меёбад, бебаҳс аст".[2]

Аз ҷониби дигар, агар тарбияи фарзанд дар синни хурдсолй бо мақсади камолоти ахлоқиву маънавии ў ва бо истифода аз усулҳои пешкадами таълим ба роҳ монда шавад, ҳар як фард метавонад ҳамчун шахсияти созанда ба камол расад. Дар ин робита, Кутбиддин Шерозй иброз менамояд: «чун фарзанд ҳаёти луввум аст, пас тарбияти ў бо тарзи неку аз вочибот бошад. Чунонки баъзе гуфта шуд ва баъзеи дигар гуфтаанд, аз одоби таом хўрдан, сухан гуфтан,

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалй ва сайру сулук. Бо кўшиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмй ва фарҳангй. Техрон, 1396. -С.141.
[2] https://mc/portal.press/archives/1551 (санаи мурочиат. 03.03.21)

ҷома пўшидан ва таъзими модару падар ва муаллиму устод ва ҳар кас, ки аз ў бузуртар бувад кардан ва гайри инҳо»[1]. Яъне, волидайн метавонанд, ки фарзанди худро тибқи хоҳиши худ тарбият намоянд, вале танҳо ҷиддият ва мақсадгузорй рохи муваффаки тарбияро муайян менамоянд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Кутбиддин Шерозй дар хусуси тарбияи фарзанд аз мутафаккирони гузашта қадаме пештар гузошта, волидайнро ба мурувват бо фарзанд даъват менамояд. Ибни Сино дар бахши "Сиёсати мард дар бораи фарзандан" таъкид менамояд, ки "Пеш аз он, ки бача ба хўҳои баду одати зишт ошно гашта, сурати онҳо дар сафҳаи нафсаш накш бандад, бояд ўро бо ахлоқи некў ва сифоти писандида ва одоти сутуда рў ба рў ва мувоҷеҳ сохт ва вучудашро ба онҳо биорост. Барои ноил шудан ба ин мақсуд, мураббй, бояд гоҳе тахдиду гоҳе тарғиб намояд. Ва ҳангоме ба сутудану замоне ба мазаммат, вақте ба иқболу мавқее ба эъроз ва як бор ба мутаваххиш намудан аз кори зишт ва бори дигар ба маънус намудан ба кирдори некў, ўро аз бадиҳо гурезону ба корҳои некў монлу омил бинамояд. Ва ҳар як аз ин васоилро дар ҷойи худ ба кор барад. Агар, танҳо ин васоил кофй набошад, балки ба кубаки даст ҳам эҳтиёҷ пайдо кунад, дар ин сурат набояд аз задан худдорй кунад. Ва, бояд задани бача дар бори нахустин кам, вале дарднок бошад"[2]. Кутбиддин Шерозй ҳангоми тарбияи фарзанд задани кўдакро ҷоиз надониста, зикр менамояд: "Кўдак чун коре нек бикунад, таҳсин кунад афъоли ўро ва агар аз ў қабеҳе содир шавад, тавбеҳи ў кунад ва ўро муътоди зарб накунад ба ҳар вақте.... Ва чун хоҳад, ки таълими ў кунад саноатеро, назар кунад дар саноате, ки лоиқ бошад ба падари ў ва ихтиёр кунад он чи аҳсан бошад ва машаққат дар он камтар ва нафъи он дар дунё бештар. Ва

[1] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалй ва сайру сулук. Бо кўшиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмй ва фарҳангй. Техрон, 1396. - С. 142.
[2] Абўалй ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ҷ.4. Душанбе, 2007. С.37.

эшон камтар афтад ва чун бифтад изолати (бартараф кардан) он осон буд».[1]

Дар илми педагогика ва психологияи муосир таквияти таълимоти Кутбиддин Шерозиро эхсос намудан мумкин аст. Яъне, тарбияи мувофик метавонад бар иркиятии генетикй бартарй дошта бошад ва кудакро ба дарачаи нобигагй (гений) расонад. Андеша чунин аст, ки "Имконияти нобига шуданро хар як кудак, новобаста аз мансубияти миллй, нажодй ва динй дорад. Таъсири генетикиро то ба хол допипмандон пурра исбот накардаанд. Ханўз хам, мубохисахо атрофи таъсири иркият дар шаклгирии сифатхои характер ва инкишофи он хангоми тарбия идома дорад. Кисме аз олимони генетик бар онанд, ки одатхои бад, аз кабили истеъмоли машрубот, тамоку, мил будан ба хар гуна вобастагихои физиологию равонй ба иркият (генетика) вобастагй доранд, вале на хаман допипмандон одатхои зикршударо ба ахлок нисбат медиханд, балки опхоро хамчун беморй бахогузорй менамоянд. Ба андешаи мо, одатхое, ки хусусияти генетикй доранд, беморихон билкувва буда, бо таъсири шароит метавонанд ба феъл табдил ёбанд, вале, дар шаклгирии шахсияти инсон таъсири шароите, ки дар он тарбия мешавад, бебахс аст".[2]

Аз чониби дигар, агар тарбияи фарзанд дар синни хурдсолй бо максади камолоти ахлокиву маънавии ў ва бо истифода аз усулхои пешкадами таълим ба рох монда шавад, хар як фард метавонад хамчун шахсияти созанда ба камол расад. Дар ин робита, Кутбиддин Шерозй иброз менамояд: «чун фарзанд хаёти дуввум аст, пас тарбияти ў бо тарзи неку аз вочибот бошад. Чунонки баъзе гуфта шуд ва баъзеи дигар гуфтаанд, аз одоби таом хўрдан, сухан гуфтан,

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалй ва сайру сулук. Бо кўшиши ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмй ва фархангй. Техрон, 1396. -С.141.
[2] https://interpenal.press/archives/1551 (санаи мурочиат: 03.03.21)

чома пўшидан ва таъзими модару падар ва муаллиму устод ва хар кас, ки аз ў бузургтар бувад кардан ва гайри инхо»[1]. Яъне, волидайн метавонанд, ки фарзанди худро тибки хохиши худ тарбият намоянд, вале танхо чиддият ва максадгузорй рохи муваффаки тарбияро муайян менамоянд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Кутбиддин Шерозй дар хусуси тарбияи фарзанд аз мутафаккирони гузашта кадаме пештар гузошта, волидайнро ба мурувват бо фарзанд даъват менамояд. Ибни Сино дар бахши "Сиёсати мард дар бораи фарзандаш" таъкид менамояд, ки "Пеш аз он, ки бача ба хўхои баду одати зишт ошно гашта, сурати онхо дар сафхаи нафсаш накш бандад, боид ўро бо ахлоки некў ва сифоти писандида ва одати сутуда рў ба рў ва мувочех сохт ва вучуданро ба онхо биорост. Барои ноил шудан ба ин максуд, мураббй, боид гохе тахдиду гохе тарғиб намояд. Ва хангоме ба сутудану замоне ба мазаммат, вакте ба иқболу мавкее ба эъроз ва як бор ба мутаваххиш намудан аз кори зишт ва бори дигар ба маънус намудан ба кирдори некў, ўро аз балихо гурезону ба корхои некў моилу омил бинамояд. Ва хар як аз ин васоилро дар чойи худ ба кор барад. Агар, танхо ин васоил кофй набошад, балки ба кубаки даст хам эхтиёч пайдо кунад, дар ин сурат набояд аз задан худдорй кунад. Ва, боид задани бача дар бори нахустин кам, вале дардиок бошад"[2]. Кутбиддин Шерозй хангоми тарбияи фарзанд задани кўдакро чоиз надониста, зикр менамояд: "Кўдак чун коре нек бикунад, тахсин кунад афъоли ўро ва агар аз ў кабехие содир шавад, тавбехи ў кунад ва ўро муътоди зарб накунад ба хар вакте.... Ва чун хохад, ки таълими ў кунад саноатеро, назар кунад дар саноате, ки лоик бошад ба падари ў ва ихтиёр кунад он чи ахсан бошад ва машаккат дар он камтар ва нафъи он дар дунё бештар. Ва

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалй ва сайру сулук. Бо кўшиши ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмй ва фархангй. Техрон, 1396. - С. 142.
[2] Абўалй ибни Сино. Таълими мантик// Осор. Ч.4. Душанбе, 2007. С.37.

тачриба кунад ӯро дар он. Агар, табъи ӯро мулоими он ёбад, илзом кунад ӯро ба мулозимати он ва агар, бинад, ки моил нест ба он, вочиб бошад, ки ӯро нақл кунад ба ғайри он".[1]

Таҳлили мукоисавии таълимоти Ибни Сино ва Қутбиддин Шерозӣ нишон медихад, ки Ибни Сино усули зарбро дар тарбияи фарзанд чоиз, вале Қутбиддин Шерозӣ аз он ичтиноб карданро таъкид менамояд. Агар аз дидгохи фалсафаи тарбият назар афканем, таълимоти Қутбиддин Шерозӣ мувофиқ ба усули қабулгардидаи тарбия ва дорои арзиши илмию амалӣ мебошад, зеро задан ва тарсонидани фарзанд дар синни хурдсолӣ метавонад, часорат ва қобилиятҳои нухуфтаи кӯдакро бишканад. Дар замони муосир низ донишмандон бар он назаранд, ки кӯдакро тибқи қобилият ва завқи худи ӯ бояд тарбият кард ва роҳҳоеро пайдо намуд, ки хохиши ӯро бедор намоянд. Муаллифи мақолаи "Чӣ гуна яҳудиҳо фарзандони худро тарбият мекунанд" бар он назар аст, ки "Бо истифода аз панҷ усули тарбия, ки яҳудиҳо фарзандони худро тарбият мекунанд, имкони ба воя расонидани ҳамаи кӯдак, хамчун побита, новобаста аз миллату нажод ва мансубияти динӣ, вуҷуд дорад. Агар мо усули тарбияи фарзандро дар давлатҳои пасошӯравӣ бо оилаҳои яҳудӣ киёс намоем, маълум мегардад, ки усули тарбияи мо вобаста ба замон, давр, вазъи иқтисодӣ ва омилхои дигар тағйир ёфтааст. Яъне, афзалиятҳо тағйир кардаанд, вале оилаҳои яҳудӣ қудсияти худро нигох доштa, дар мавриди тарбия ба бузургони худ такя намуда, қоидахои онро тағйир намедиҳанд. Ҳамин аст, ки дар ҳама даврахо донишмандони саршинос, дар аксарияти сохаҳо аз ин мардум ба воя мерасанд"[2]. Вокеан, дар чавхари нафсонии инсон фазилатхое дар ҳолати билқувваги вучуд доранд ва дар асоси таъсири муҳит, шароит ва тарбия ба шакли билфеълӣ

[1] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиши ва тахкеки Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати нитшиоротн илми ва фарханги. Техрон, 1396. С. 130-131.
[2] https://petportal.press/archives/1551 (санаи мурочиат: 03.03.22)

мубаддал мешаванд. Муҳаққиқони зикршуда дар идомаи таҳқиқи худ усулҳои тарбияро ба таври муфассал баён намуда, онхоро чунин тафсир кардаанд:

"1. Барои мардуми яҳудӣ, оила ҳамчун макони мукаддас эътироф шудааст. Оила аз ҳама муҳимтар мебошад ва он на танҳо иттиҳоди шахсони наздик, ки муносибати хуфӣ доранд, балки инсонҳое хаст, ки ҳамеша дастгир ва аз ҳама муҳимтар, сидкан кӯдакро дӯст медоранд. Кӯдак, ҳамеша лӯстдоштанӣ ва мавриди таваҷҷуҳ аст, яъне, кӯдакон найваста муҳаббати волидонро эҳсос менамоянд; 2. Дар оилаҳои яҳудӣ латукӯби кӯдак қатъиян манъ аст. Волидайн кӯшиш менамоянд, ки ба кӯдак оромона мохияти фаъолияти ӯро фахмонанд. Умуман, модари газаболудро дар ин оилаҳо намебинед; 3. Кӯдаконро хеле барвақт дар роҳи мустақилият тарбият менамоянд. Аз сини хӯрдӣ кӯдак, ичрои корхоро дар шакли мустақилона меомӯзад. Дар ин оилаҳо, барои гирифтани бахои "ғайриқаноатбахш" кӯдак дар кунҷи хона рост гузошта намешавад. Ин амал, паст задани шаъни кӯдак хисобида мешавад. Кӯдакро бо роҳи ислоҳи хатогии мушаххаси ӯ сарзаниш мекунанд; 4. Таҳсини кӯдак муҳим донеста мешавад. Барои хӯрдтарин муваффақият кӯдак мавриди таҳсину офарин қарор мегирад, ки ин амал боиси дилгармии бештари ӯ мегардад; 5. Ба кӯдакон арзишгузорӣ ба вакт омӯхта мешавад. Дар байни фарзандони яҳудӣ беҳудагардиро мушоҳида кардан гайриимкон аст..."[1].

Мақсад аз овардани иқтибоси мазкур нишон додани муҳимияти тарбияи фарзанд ва дарёфти роҳҳои мувофиқи тарбия мебошад. Яъне, оиларо зарур аст, ки вобаста ба таълоти замон аз арзишҳои суннатии худ ва усулхои муосири таъсиррасонӣ ҳангоми тарбия мувофиқи мақсад истифода намояд. Новобаста аз мансубияти динӣ ва кавмию нажодӣ зарур аст, ки усулхои самаровари тарбия

[1] https://petportal.press/archives/1551 (санаи мурочиат: 03.03.22)

мавриди истифода қарор дода шаванд. Агар андешаҳои Қутбиддин Шерозиро бо панҷ усули тарбияи фарзанд дар оилаҳои яҳудӣ мукоиса намоем, маълум мегардад, ки тафовути зиёд миёни онҳо ба чашм намерасад. Аз ҷумла: "кӯдак чун коре нек бикунад, таҳсин кунад афъоли ӯро; ӯро мунтазам зарб накунад ба ҳар вақте; таълими ӯ кунад саноатеро, лоиқ бошад ба падари ӯ ва ихтиёр кунад он чи аҳсан бошад ва машаққат дар он камтар ва нафъи он дар дунё бештар; таҷриба кунад ӯро ва агар, табъи ӯро мулоими он ёбад, илзом кунад ӯро ба мулозимати он ва агар, бинад, ки мойл нест ба он, вочиб бошад, ки ӯро нақл кунад ба гайри он"[1]. Ҳама ин усулҳое ҳастанд, ки то кунун арзиши худро нигоҳ доштаанд ва истифода аз онҳо ҳангоми тарбияи фарзанд ба манфиати кор хоҳад буд.

Ҳамрадиф бо таълимоти Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди функсияи тарбиявии оила андешаҳои Насриддин Тӯсӣ мебошанд. Тибқи назари ин мутафаккир, нас аз поёни ширхорагӣ падару модар бояд мураббие интихоб кунанд ва ё худ ба тарбияи маънавӣ, фарҳангӣ ва варзиши кӯдак машғул шуда, тавассути ин амал пеши роҳи бадахлоқшавии ӯро гиранд, зеро табиати кӯдак чунон аст, ки вай ба рафторҳои маҳкумшаванда, яъне разилатҳои ахлоқӣ бештар моил мебошад: «Ва чун ризои ӯ тамом шавад, ба таъдибу риёзати ахлоқи ӯ машғул бояд шуд, пештар аз он, ки ахлоқи табоҳ фаро гирад, чунки кӯдак мустаъид бувад ва ба ахлоқи замима майл бештар кунад ба сабаби нуқсоневу хоҳоте, ки дар табиати ӯ бувад. Ва дар тазхиби ӯ иқтидо ба табиат бояд кард, яъне ҳар қувват, ки худи ӯ дар бадани кӯдак бештар бувад, тақмили он қувват мукаддам бояд дошт. Ва аввал чизе аз осори қуввати тамйиз, ки дар кӯдак зоҳир шавад, ҳаё бувад. Пас, нигоҳ бояд кард, агар, ҳаё бар ӯ голиб бувад ва бештари авқот сар дар пеш афганда бошад ва вақоҳат нанамояд, далели ҳаёти ӯ бувад, чӣ нафсӣ ӯ аз қабеҳ мӯҳтариз аст ва ба ҷамил моил. Ва ин аломати истеъдоди таъаддиб бувад ва чун чунин бувад, иноят ба боби ӯ ва эҳтиром ба ҳусни тарбияташ зиёдат бояд дошт ва эҳмолу тақрор рухсат надод»[1].

[1] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо ҳӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи нахуст. Ширкати интишороти исмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. С. 130-131.

Моҳияти таълимоти Насириддини Тӯсӣ бар он нигаронида шудааст, ки муаддиб (тарбиятгар) ба қобилияту истеъдод ва шавқу рағбати кӯдак такя намуда, ӯро тарбият намояд. Дар идомаи таълимоти худ мутафаккир таъкид менамояд, ки «Ва аввал чизе аз таъдиби ӯ он бувад, ки ӯро аз мухолатати аздод, ки муҷолисату мулоибан эшон муқтазии ифсоди табъи ӯ бувад, нигоҳ доранд, чӣ нафси кӯдак сода бошад ва қабули сурат аз акрони худ зудтар кунад ва бояд, ки ӯро бар муҳаббати каромат танбеҳ диҳанд ва хосса каромоте, ки ба ақлу тамйизу диёнат истеҳқоқи он касб кунанд, на он чӣ ба молу насаб таалуқ дорад»[2]. Яъне, дар тарбияи ахлоқии кӯдак мақсади аввалине, ки падар ва модар дар назди худ метузоранд, пок сохтани нафси вай аз ҷазбу ҳама гуна хабисиҳо, ҳифзу муроқибати нафси тифл аз нопокиҳои ахлоқӣ мебошад. Ба иборае дигар, ҳангоми тарбия нисбат ба кӯдак зулм кардан қатъан нораво буда, ба равони вай таъсири манфӣ хоҳад расонд ва оқибат ӯро бечурьату тарсу ва ба мушкилоти рӯҳонӣ мубтало хоҳад кард.

Тафоҳути таълимоти Насириддини Тӯсӣ аз андешаҳои Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди тарбия он аст, ки аввалӣ афзалият ба усули динии тарбия дода, бар он аст, ки кӯдакро дар рӯҳияи диндорӣ бояд тарбият намуд. Тибқи назари Насириддини Тӯсӣ "падар аз синни туфулият фарзандро бо худ ба намоз раҳнамоӣ кунад, то бар ӯ одат гардад"[3]. Аммо, Қутбиддин Шерозӣ бар он таъкид менамояд, ки ба фарзанд чизе боядомӯхт, ки қобили дарки ӯ бошад.

[1] Насриддин Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. Душанбе. «Шуҷоӣ», 2009. -С.177.
[2] Ҳамон ҷо: - С.178.
[3] Ҳамон ҷо: -С.181.

Мусаллам аст, ки кӯдак дар хӯрдсолӣ моҳияти дин, ибодат ва одоти диниро дарк карда наметавонад ва ҳар чизе, ки ба ӯ ба таври тахмилӣ талқин карда мешавад, ба таври қолабӣ дар тафаккури ӯ нақш мебандад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҳангоми тарбияи кӯдак, на ба анъанаҳои фарҳанги динӣ, балки ба ҷанбаи ратсионалии ин падида таваҷҷуҳ бояд кард. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки инсон ҳар падидаеро дар асоси дарки моҳияти он қабул намояд, бар он муносибати сидқӣ хоҳад кард, вале ҳар он чизе, ки ба таври қолабӣ дар шуур нақш мебандад, метавонад ба ҷараёни бегонапарастии инсон боис гардад.

Бо таъсирпазирӣ аз таълимоти Қутбиддин Шерозӣ Ҷалолиддини Давонӣ низ вазифаи тарбиявии оиларо мавриди баррасӣ қарор дода, тарбияи фарзандро дар замони тифливу наврасӣ муҳим арзёбӣ менамояд. Давонӣ аз таҷрибаи давлатдории Спартаниҳо, Юнони қадим ва Эрони бостон ба таври васеъ истифода менамояд, вале усули Ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ ва тарбияи диниро низ назаррас онҳоро дар ҳамбастагии яклигар пешниҳод кардааст, ки ҳам усули демократӣ ва ҳам усули маҷбурнамоиро фаро мегирад. Ба ҳар сурат, Ҷалолиддини Давонӣ дар доираи масъалаҳои тарбияи кӯдак таълимоти худро пешниҳод сохтааст, ки он масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: нақши оила дар тарбияи фарзандон; моҳияти синну соли кӯдак ҳангоми тарбияи ахлоқӣ; сифатҳои муаллим; тарзу усулҳои таълиму тарбия; истифодаи қобилияти табиии кӯдак ва ғайраҳо. Тибқи андешаи Давонӣ, дар замони туфулият, ки зуҳури аввалин нишонаҳои хирад, аз қабили шармгинӣ ва ғайра эҳсос мешавад, бояд бештар ба тарбияи вай аҳамият дода шавад, зеро «нафси сибён ба манзалаи лавҳ соданд бошад ва қабули сурат бо савлат намояд»[1].

Вазифаи коммуникативӣ, ки дар ҷтимоиқунонии аъзои оила ва муносибати мутақобил

мондани иртиботи байниҳамдигарии аъзои оила нақши муҳим дорад, дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Мутафаккир дар ин масъала таъкид намудааст: "Бидон, ки ҳар ки дар хона ва манзили ту бувад, ҳар якеро ҳаққе аст ва мукаддам бар ҳуқуқи дигарон. Ҳар яке аъзои хонадон хастанд ва дар умури хонавода мушорикат меварзанд. Он кас, ки аҳмоли амри аҳли хеш кунад ва вочиб дар ҳаққи эшон ба тақдим парасонад, бояд, ки ачониб бар ӯ эътимод накунанд ва аботил аз ӯ таваққуи вафо надоранд. Ва чун ин донистӣ, бидон, ки аҳли рачл мункасим аст бар панч қисм: волидон ва азвоҷ ва авлод ва ахват ва алкориб ва ьабид. Ва мо баён кунем он чи вочиб аст, ки тақдим лоранд ба ҳар гонфа"[1].

Аз таълимоти мутафаккир бармеояд, ки ҳар як узви оила дорои ҳуқуқҳое хастанд, ки дар раванди муносибатҳои фардиву ҷтимоӣ аз онҳо боядбарҳӯрдор бошанд. Чун оила ин иттиҳодияест, ки шахсонҳоро аз рӯйи мансубияти хуниву никоҳӣ ба ҳам муттаҳид менамояд, аз ин рӯ раванди муошират ва пос доштани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо амри муҳим ба ҳисоб меравад. Вазифаи коммуникативии оила талаб менамояд, ки муносибати солим, эҳтироми якдигар ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни аъзои оила, аз волидон сар карда, то зану шавҳар, фарзандон, хешу акрабо ва хидматкорон рохандозӣ гардад.

Қутбиддин Шерозӣ бар он аст, ки "Аммо, волидон, ҳуқуқи эшон на ҳамоно дар ҳаср ояд ва на низ касе аз ӯҳдаи ҷамеи он берун ояд. Чунки чандон, ки муболиғат ва иҷтиҳод кунанд, мункасир бошад аз он чи вочиб бошад"[2]. Яъне, муносибати хайрхоҳона ва бар пой доштани эҳтироми волидон дар умури оиладорӣ аз шартҳои муҳимест, ки барои фарзанд ҳаргиз адо намегардад. Фарзанд ва аҳли оиларо за-

[1] Қ

рур аст, ки ҳамеша дар ризои онҳо кӯшиш намоянд, зеро, ба қавли мутафаккир: "билонад, ки ӯ ва он чӣ молики он аст, мар волидайнрост"[1].

Ҳамчунин, эҳтироми ҳамсарон ва риояи ҳаққи якдигар, ки асоси пойдории оила ҳастанд, дар муносиботи оиладорӣ ногузир мебошанд. Ба андешаи мутафаккир: "Раббулманзил, ки масъули манзил аст, бояд бо завчаи худ дар умури манзил мушорикат кунад. Ӯро зарб накунад, балки мухаббатро миёнҷӣ гардонад, то ӯ аз сари сидқ ҳамсафари зиндагиаш бошад. Завча низ, ба моли шавҳар хиёнат накунад ва мунҳасири манзил бошад.... Чун, муҳаббату сидқ ҳувайдо шаванд, хонавода комил гардад"[2]. Албатта, сидқу муҳаббат категорияҳои ахлоқи ҳамида ва устуворкунандаи муносибатҳои оилавӣ мебошанд, ки тавассути онҳо пдораи оила, иҷрои вазифаҳои ҷамъиятии оила мачрои дурусти худро пайдо менамоянд.

Дар мавриди муошират бо фарзандон, Қутбиддин Шерозӣ бар он назар аст, ки "Ва чун таъдиби ӯ тамом шуд ва сини ӯ ба булуғ расид ва марди тамом шуд ва рушди ӯ донист, ихтиёр кунад ӯро завчае аз акфои (баробари) ӯ бар шуруте, ки дар завоҷ гуфтем. Ва афроди манзил (хонаи алохида) кунад, ки лоиқ бошад ба ӯ. Ва ба ӯ дихад аз моли худ ва хидами худ ва он чи мухтоҷ шавад ба кадри макнат (тавонгарӣ, нерӯ, сарват) ва ба ҳасби (мувофики) ҳол. Он гоҳ ба Худо гузорад ба нафси ӯ. Ва баъд аз он таохуди (нигоҳу бин) ӯ мекунад ба он чӣ таҷдиди ниами волил (падар) кунад, пеши ӯ аз икромӣ (эҳтиром) ва мувосотӣ (ёрирасонӣ) ва эъзоз (изат)»[3]. Моҳияти андешаи мутафаккир бар он далолат менамояд, ки вазифаи оила бо тарбият кардани фарзанд ва ба сини балогат расонидан анҷом намеёбад. Волидайн масъул ҳастанд, ки то пайдо намудани рохи мустақилонаи зиндагӣ бо ӯ шарик ва ҳамзамон бошанд, то аз меҳру муҳаббати фарзанд дар пиронсолӣ бенасиб намонанд. Иҷтимоишавии фарзанд инчунин бояд тавре сурат бигирад, ки тамоми арзишҳои муқаддаси инсониро моҳиятан дарк ва дар амал татбиқ намояд.

Хулоса, вазифаҳои иҷтимоии оила, ки дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ҳамраҳиф бо фаҳми муосири оила буда, иҷрои онҳо метавонад моҳияти ин ниҳоди иҷтимоиро ба ҳайси муҳимтарин институт ошкор намояд. Дар доираи вазифаи репродуктивӣ, банақшагирии тавлиди фарзанд бо дарназардошти шароит ва имкониятҳои рушди физиологиву ҷисмонӣ ва маънавию равонии насл амалӣ карда мешавад. Таъкиди Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди "мурод аз бунёди манзил тавлиди фарзанд аст", тавлиди бенизом набуда, балки ба дунё овардани фарзанди солеҳест, ки барои ҷомеа зарурӣ ва дар рушди он саҳмгузор бошад. Ҷомеаи муосир низ ниёз ба насле дорад, ки ҷисману рухан солим буда, худшиносу худогоҳ бошанд ва аз ӯҳдаи ҳифзу ҳиросати ватану миллати худ бароянд. Агар оилаи муосир дар асоси арзишҳои фарҳанги миллӣ ва оилаи суннатӣ ташкил ва вазифаҳои асшии худро иҷро намояд, насли худогоҳу худшинос ва ба дараҷаи бузургони дунё тарбият хоҳад ёфт.

[1] Ҳамон ҷо: – С.131.
[2] Қутбиддин Шерози. Дуррат-уг-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулукроти илмӣ ва фарҳанги. Техрон, 1396. С. – 146.
[3] Ҳамон ҷо. С. – 143

БОБИ 4. АНДЕШАҲОИ СИЁСИИ ҚУТБИДДИН ШЕРОЗӢ

4.1. Мафҳум ва мазмуни сиёсат дар фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ

Сиёсат дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ қисми чудопопазири фалсафаи амалиро ташкил медиҳад. Мутафаккир дар доираи фалсафаи амалӣ «сиёсати мудун» ва ё идораи умури чамъиятиву давлатиро ба таври муфассал мавриди баррасӣ карор додааст. Гарчанде «сиёсати маданӣ»-ро ба мисли пешгузаштагони худ дар бахши сеюми ҳикмати амалӣ чой карда бошад ҳам, вале, баъзан, ҳама қисматҳои ин ҳикматро бо мафҳуми «сиёсат» - «сиёсати баданӣ», «сиёсати манзилӣ» ва «сиёсати маданӣ» баён менамояд. Тибқи андешаи ӯ, «покеозии ахлоқи фард» ва «бунёд ва идораи манзил» низ, як навъ тадбирандешӣ, муайян намудани мақсад ва дарёфти роҳҳои мувофиқи идоракуниро талаб менамоянд. Яъне, «сиёсати баданӣ» (ахлоқ) имкон медиҳад, ки инсон рафтору фаъолияти худро танзим намуда, барои бунёд ва идораи оила, пасон идораи чомеа омода гардад. «Сиёсати манзилӣ» низ, заминаи муносиберо бахри идораи давлат ва чомеа фароҳам месозад, зеро оила ниҳоди муҳимтарини иҷтимоиест, ки дар он масоили иқтисодиву банақшагирӣ, иҷтимоипазирӣ ва кобилияти идоракунии инсон шакл мегирад.

Мафҳуми «сиёсат», ки ҳама намуди чораандешии инсонро дар фаъолияти чамъиятии ӯ ифода менамояд, дар таълимоти мутафаккирони аклгаро, аз чумла Қутбиддин Шерозӣ, ҳикмате дар назар дошта мешавад, ки ба «хайр ва салоҳи чомеаи инсонӣ» равона гардидааст. Хайру салоҳи чомеа ва ё, ба таъбири Форобӣ, «саодати вокеӣ» ҳадафест, ки дар ҳамбастагии улуми дигари иҷтимоиву гуманитарӣ ба даст меояд. Ба ин маънӣ, мафҳуми «сиёсати маданӣ» фарогирандаи ахлоқ, сиёсат, ҳукук ва дар

мачмуъ, улумест, ки ба таъмини бехбудии ҳаёти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Қутбиддин Шерозӣ «қоидаи чаҳорум», яъне боби чоруми китоби «Дуррат-ут-точ»-и худро ба таҳлили мафҳуми «сиёсат» ва масоили сиёсии ҳаёти чомеа бахшида, онро «дар сиёсати маданӣ, ки иборат аз ҳукм ва маъдилат кардан аст дар булдон, вилоёт ва иҷтимоиёт»[1] номгузорӣ кардааст. Аз унвони ин бахш маълум мегардад, ки мутафаккир, мафҳум ва мохияти «сиёсат»-ро ҳамчун воситаи танзими на танҳо муносибатҳо ва идораи корҳои давлатӣ, балки идора ва танзими муносибатҳои чамъиятӣ, ки донишмандон онро ба замони Нав нисбат медиҳанд[2], ба худ гирифта буд. Сароҳатан гуфтан чоиз аст, ки пеш аз Макс Вебер Қутбиддин Шерозӣ «сиёсат»-ро кӯшиши иштирок намудан дар ҳокимият ё таъсир расонидан дар тақсими ҳокимият дар вилоятҳо, ноҳияҳо ва байни гурӯҳи одамон медонист. Мутафаккир дар фаслҳои алоҳидаи китоби худ «дар фазилати подшоҳӣ», «дар маърифати раъоё (раъият) ва ҳифзу ҳиросати эшон», «аркон ва қавоиди сиёсат ва подшоҳӣ», «насаб кардани вазир ва ноиб ва фиристодани нувоб ва умол ба навоҳӣ ва атроф», «дар шиноҳтани подшоҳ маротиби ҳар касро», «дар сиёсат ва коидаи он ва кайфияти он ва одобе, ки ба мулук тааллук дорад», «дар кайфияти иҷрои худуд ва уқуботу каммияти он», «дар кайфияти тааллуфи раият ба чуду сахо ва тавозуъ ва макорими ахлоқ», «дар тавозуи подшоҳ», «дар шароити подшоҳӣ ва аморат», «дар аксоми мушоварат ва аҳкоми он», «дар нияти подшоҳ дар таҳсили асбобу олот, балки дар тамоми ҳаракот ва сукунот», «дар маротиби саёдат ва подшоҳӣ», «дар маънии раёсат», «дар маънии вазорат», «дар маънии аморат, хилофат ва мулк», «дар одоби бан-

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илми ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.157

[2] Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. –Душанбе, 2007. -С.418.

дагони мулук бо мулук» ва «дар бақияти ахлоқи мулук бо бандагон»[1]-ро ба илми сиёсат мансуб дониста, муҳимияти онро дар таъмини низоми ҷамъият исбот намудааст. Албатта, андешаи фавқ маъноӣ онро надорад, ки сиёсат дар шакли мустақил метавонад қодир ба ҳалли масоили куллии ҷомеа бошад, балки муваффақияти он дар алоқамандӣ бо улуми дигар, аз ҷумла, фалсафа, ахлоқ, иҷтимоиёт ва ҳуқуқ ба даст меояд. Моҳияти таълимоти сиёсии мутафаккир бар он далолат менамояд, ки ҷавҳари «сиёсати маданӣ» аз шиноҳти мазмун ва моҳияти «сиёсат», «иҷтимоъ», «раёсат», «вазорат», «аморат», «хилофат» ва шиноҳти шахсият ҳангоми таъйини вазифа «насаб кардан ба раёсат ё вазорат» иборат аст. Ҷиҳати дарки моҳияти ин падида, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури илмӣ зарур аст, то ҳикмати падидаҳои сиёсӣ ошкор гардад. Ҳамзамон, камолоти ахлоқии инсон, тарбияи хонаводагӣ, дӯстони ҳуқуқу масъулият боис мегардад, ки низоми сиёсии ҷомеа тадвин карда шавад.

Ёдрас шудан ба маврид аст, ки мафҳуми «сиёсат» (политика) аввалин маротиба аз тарафи Арасту дар китоби «Политика» ба маънои илмӣ истифода гардидааст. Он «аз мафҳуми «полис» маншаъ гирифта, ифодакунандаи шакли мутамаддини умумияте, ки баҳри хайрияти умум ва ҳаёти ҳуррам равона шуда буд, фаҳмида мешуд»[2]. Дар асрҳои миёнаи Шарқ бошад, ба ҷойи истилоҳи «политика» мафҳуми «сиёсат»-ро қабул ва мавриди истифода қарор дода, онро илми идоракунандаи давлат ва танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ, бо истифода аз фишангҳои маҷбурнамоӣ (дар ҳукми ҷаримаи ҳидам) ва ҳавасмандкунӣ (дар бақияти ахлоқи мулук бо бандагон ва ҷуду сахо) мавриди баррасӣ қарор доданд.

[1] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо хӯшиҳо ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.157-198
[2] Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Душанбе, 2007. -С.418-419

Мусаллам аст, ки истилоҳи «сиёсат» дар аксари луғатномаҳо ба маънои «зӯрӣ», «таҳдид» ва «маҷбурнамоӣ» омадааст. Бинобар ин, «аксар маврид, дар ҷараёни таъриф, корбурди мафҳуми мазкур, барои ифодаи амали ба идоракунии иҷтимоӣ ва вижагиҳои муносибати тарафайни аъзоёни ҷомеа нигаронида шуда, бештар ба фишангҳои хусусияти иҷборидошта такя мекард»[1]. Ба ҳамин мазмун, қисмате аз мутафаккирони асримиёнагӣ, аз ҷумла, Муҳаммад Ғаззолӣ, Низомулмулк, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва чанд нафари дигар, мафҳуми мазкурро, ҳамчун ифодаи «зӯрӣ» ба кор бурдаанд. Дар ин робита, Қутбиддин Шерозӣ менависад, ки: «қасос навъе аз сиёсат аст… ва чун хоҳад, ки муҷримро сиёсат кунад сакинат ва викорро шиори худ созад ва тайшу сабукӣ эҳтирози воҷиб донад, то уқубат ва сиёсате, ки кунад ба ҷойи худ бувад на зиёдат ва на нуқсон».[2]

Албатта, чун ба баромади этимологии истилоҳи «сиёсат» рӯҷуъ менамоем, бештари муҳаққиқон бар он иттифоқи назар доранд, ки ин истилоҳ аз мафҳуми «усули ром кардани асп»[3], яъне «зӯрӣ», вале, баъдан, бо тағаввули шароитҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ, мазмуни мафҳуми мазкур низ тағйир ёфта, нисбатан дигаргун гашт. Бинобар ин, алҳол, таҳти мафҳуми «сиёсат», «на танҳо бартарияти ба кор гирифтани шеваҳои репрессивидошта барои танзимдарории муносибатҳо, балки тарзи бо роҳи ҳамоҳангсозии манфиату арзишҳо ва меъёрҳои рафтори дастҷамъонаи аъзоёни ҷомеа ба танзим даровардани фаъолияту муносибатҳоро дар назар дорад».[4] Аз ин ҷиҳат, мазмуни мафҳуми «сиёсат» ба истилоҳи юнонии «политика»

[1] Илиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ. Душанбе, 2013. -С.215.
[2] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо хӯшиҳо ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.167.
[3] Донишномаи сиёсӣ. (фарҳанги истилоҳот ва мактабҳои сиёсӣ). Дорандаи Онурӣ. Теҳрон, 1397. -С.202; Фарҳанги улуми сиёсӣ. Мирзо Афзалиро, Аминакбар Окобахши. Теҳрон, 1387. -С.2012.
[4] Илиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ. –Душанбе, 2013. -С.215.

муродиф буда, сифати муносибатҳоро оид ба ҳокимияти давлатӣ, тарзи татбиқпазирии он ва самти фаъолияти ҷамъиятии ташкилоту иттиҳодияҳои дастаҷамъонаи одамонро ифода менамояд. «Сиёсат, ин ширкат варзидан дар корҳои давлат, дар шакли муайян буда, мақсаду мазмуни фаъолияти давлатиро таъмин ва таъйин мекунад».[1]

Хотиррасон бояд кард, ки «сиёсат» ба маънии ширкат варзидан дар корҳои давлат ва танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳанӯз аз чопиби Арасту баён гардида буд, ки мутафаккирони асримиёнагии тоҷик онро тақвият бахшидаанд. Кутбиддин Шерозӣ моҳияти «сиёсат»-ро иборат аз таъмини зиндагии шоистаи аҳли ҷомеа ва дарёфти роҳҳои мувофиқи идораи давлат, интироки аъзои ҷомеа дар идоракунии давлат донист, аз шарҳи «сиёсати баданӣ» (масоили ахлоқӣ) огоз менамояд. Тибқи таснифоти мутафаккир, фалсафаи амалӣ иборат аз чорабандеш дар оқибати фаъолиятҳо буда, дар шакли инфиродӣ ва иҷтимоӣ роҳандозӣ мешавад: «Ва аммо, ҳикмати амалӣ ва он донистани масолеҳи ҳаракоти иродӣ ва афъоли саноии навъи инсонӣ бувад бар вачҳе, ки муадлӣ бувад ба низоми аҳволи маош ва маоди эшон ва муктазии расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд сӯйи он, ҳам мунқасим мешавад ба ду қисм: яке, онки роҷеъ бувад ба ҳар нафсе биинфирод ва дигар, ончи роҷеъ бувад ба ҷамоате ба мушорикат. Ва қисми дувум низ ба ду қисм шавад: яке, ончи роҷеъ бувад бо ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар манзил ва хона; дуввум, ончи роҷеъ бувад ба ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр ва вилоят, бал иқлим ва мамлакат».[2]

Дар ин иқтибос ҳамоҳангии таълимоти Кутбиддин Шерозӣ бо мутафаккирони пешин, аз ҷумла Арасту эҳсос

[1] Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе, 2010. -С.85.
[2] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру суluk. Бо кӯшиши за тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.160.

мешавад. Арасту зимни таърифи «инсон» гуфта буд, ки «инсон мавҷуди бохирад аст» ва «инсон мавҷуди сиёсӣ аст». Маълум мегардад, ки мутафаккир пеш аз даст задан ба масъалаи фаъолиятҳои иҷтимоии инсон, кӯшиш менамояд, ки моҳияти ин шакли ҳастиро ошкор намояд. Таърифи арастуӣ дар мавриди «мавҷуди бохирад будани инсон», ба маънии табиатан ва аз рӯзи нахустини пайдоиши худ дорои чунин сифат буданро надорад, балки хирад ҷавҳари зотӣ буда, дар тинати инсон дар шакли билқувва вуҷуд дорад, ки ба фъел табдил ёфтани он аз риёзати пайваста ва кӯшишу талоши инсон вобаста мебошад. «Донистани масолеҳи ҳаракоти иродӣ ва афъоли санои навъи инсонӣ»[1], ки Кутбиддин Шерозӣ онро бо мафҳуми «сиёсати баданӣ» ифода менамояд, ҳамрадиф бо «инсон мавҷуди бохирад»-и Арасту мебошад. Мутфаккирони зикршуда кӯшиш намудаанд, ки нахуст моҳияти инсонро, дар шакли «сиёсати баданӣ» баррасӣ ва пасон ба ҳалли фаъолияти иҷтимоии он пардозанд. Дар ин робита, Ибни Сино таъкид менамояд, ки «Нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон ба он оғоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худи ӯст. Яъне, аввал, бояд дар ислоҳи нафси худ бикӯшад, сиёсату тадбиранро дар он кору кӯшиш ба кор бурда, хештанро солеҳу неку бинамояд»[2].

Мансур он аст, ки андешидани тадбири дуруст дар самти фаъолиятҳои иҷтимоӣ аз танзим ва идораи афъоли шахсии инсон сарчашма мегирад, ки он аз дараҷаи маърифат ва хирадаш ӯ вобаста аст. Агар, манзур аз «мавҷуди сиёсӣ будани инсон» фаъолиятҳои иҷтимоии ӯ дар ҷомеа бошад, пас чиҳати ба ин дарача расидан, инсон бояд хираду маърифат дошта бошад. Аз ин дилгоҳ фаъолияти маҷмӯии инсон, сиёсатест, ки мусаллаҳ бо донишҳои ахлоқиву маънавии ӯ бошад. Таъкиди Афлотун дар мавриди он, ки «ба онҳое, ки тарбияи бенуқсон гирифтаанд, ягон дастурамал додан лозим

[1] Ҳамон ҷо: -С.160.
[2] Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ҷ.4. Душанбе. 2007. -С.24.

нест»[1] низ, ба маънии натичаи мусбати «сиёсати баданӣ» мебошад. Арасту боиад, ҳамоҳангии «сиёсати баданӣ» (тарбияи ахлоқӣ) ва «сиёсати маданӣ» (илми идораи ҷомеа)-ро баррасӣ намуда, ақидаеро пешниҳод месозад, ки тибқи он ба вуҷуд овардани имконияти инсон ва фазилатмандии ӯ ба воситаи хирад дар полис, бо урфу одат, анъана, сохти иҷтимоӣ ва мадании ҷомеа натиҷагирӣ карда мешавад. Инсон дар полис бо дарки моҳияти вуҷудии хеш ва ҳақиқати ахлоқӣ ҳамчун узви зарурӣ баромад менамояд. Донишу маърифат ва малакае, ки ҳангоми тарбияи ахлоқӣ дар инсон пайдо мешавад, ҷихати идораи бонизоми полис муҳим ҳастанд. Тибқи андешаи Арасту, «накукории ахлоқӣ, аз нахуст ҳангоми тарбия шакл гирифта, дар оила такмил ёфта, ба одат табдил мешавад ва дар қолаби муайян рафтори дар полис одатшударо ташкил менамояд. Хиради дар амал татбиқшуда шаҳр-давлат мебошад».[2]

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки мафҳуми «сиёсат»-е, ки дар таълимоти мутафаккирони гузашта, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, доманаи васеъ дошта, ҳар гуна тадбиранделиро ифода менамояд. Танҳо ёдрас шудан ба маврид аст, ки мафҳуми «политика»-и юнонӣ бо истилоҳи «сиёсат»-и араби на ҳамеша созгор ҳастанд, зеро дар зери мафҳуми сиёсат, баъзан ифодаи «зӯрӣ» баён карда мешавад. Ҷоиз ба зикри хос аст, ки бо вуҷуди таърихи кӯҳан доштани давлату давлатдорӣ дар Шарқ, ба хусус мардумони ориёитабор, то имрӯз аз мафҳуми илмии идории ин мардум, ки лар забони лотинӣ «политика» ва арабӣ «сиёсат» номгузорӣ шудааст, маълумоти мушаххасе дастраси мардум нест. Дар ин маврид, суоле ба миён меояд, ки оё мардумони ориёитабор мафҳуми мушаххаси ифодакунандаи маънии «сиёсат»-ро надоштанд ва ё танҳо забони арабӣ қобилияти баёни истилоҳоти илмиро

[1] Платон. Государство// Пер. А.И.Егунова// Собрание сочинений. В 4т. Т.3. М., 1994/III. 425 d, e.
[2] Рашоод М. Фалсафа аз сатҳи таърих. Ч.1. Душанбе: Ирфон, 1990. – С.262

дорад? Ба ақидаи мо, шояд ин гуна мафҳум вуҷуд дошт, вале ин мавзуъ мавриди таваҷҷӯҳи чиддии муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Хуб мешуд, агар таҳқиқоти ҷиддие доир ба ишпохти ин мафҳум дар таърихи тафаккури мардумони тоҷику форс гузаронида шавад.

Мусаллам аст, ки масоили марбут ба давлату давлатдорӣ ва идораи умури ҷамъиятӣ дар Шарқ таърихи қадимӣ дорад, вале ба таври илмӣ таҳқиқи он бо номи Абӯнасри Форобӣ марбут аст. Ин мутафаккир, «аз нахустин нафаронест, ки масоили иҷтимоӣ-сиёсиро дар низоми андешаҳои фалсафии худ ворид намуда, ба баррасии онҳо бевосита машғул гардидааст»[1]. Андешаи фавқ қобили пазириш аст, зеро дар дараҷаи Форобӣ мутафаккире, ки масоили сиёсиро ҷиҳати ташкили ҷомеаи фозила муҳиму зарурӣ донистаа, чойгоҳи онро дар ин раванд муайян карда боиад, то даврони ӯ ба назар намерасад. Ибни Сино, Муҳаммад Ғаззолӣ, Низомулмулк, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Насириддин Тусӣ, Қутбиддин Шерозӣ, Ҷалолиддин Давонӣ ва чанд тани дигар, ки ба таҳлили масоили сиёсӣ ва муайян намудани чойгоҳи ин илм дар системаи ҳикмати амалӣ даст заданд, ба ин ё он ваҷҳ аз афкори Форобӣ истифода намудаанд.

Қутбиддин Шерозӣ дар пайравии мактаби машшоияи шарқӣ, аз ҷумла Абӯнасри Форобӣ мафҳуми «сиёсат»-ро мавриди таҳлил қарор дода, зикр менамояд, ки «сиёсат ичрои умури ҳукумат ва қоидаи он, ҳифзу ҳиросати халқ боиад».[2] Ба ин маънӣ, сиёсат илми идоракунандаи давлат, танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоии одамон ва ҳамраддиф бо мафҳуми «политика»-и юнонӣ мебошад. Андешаи худро такмил дода, мутафаккир таъкид менамояд, ки «усуле, ки қивоми олам бе низоми он сурат набандад чаҳор

[1] Диноршоева З.М. Гражданская философия аль-Фараби: Диссертация на соискание учёной степени доктора философских наук. Душанбе, 2006. – С.217.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши ва тасҳеҳи Моҳлухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.186.

аст: зироат аз баҳри мутъим (таом), ҳаёкат (бофандагӣ) аз баҳри мулбас (пӯшидан), бино аз баҳри маскан, сиёсат аз баҳри тааллуф (осоиштагӣ) ва иҷтимоъ ва таовун дар асбоби маъош».[1]

Ба маънии фавкуззикр мафҳуми «сиёсат» ифодакунандаи таъмини осоиштагӣ, зиндагии шоиста ва идораи ҷомеа мебошад. Ҳамчунон ки хӯрок, либос ва ҷойи зист барои таъмини кивоми (гармония) олам, ки мақсади аслии инсон аст, муҳим бошанд, пас идораи иҷтимоъ ва таъмини осоиштагиву маъдалати иҷтимоӣ аз онҳо чудо буда наметавонанд. Агар, то дараҷаи лозима асбоби рӯзгори инсон таъмин бошад, вале суботу оромӣ, амнияту осоиштагӣ ва адолати иҷтимоиву давлатдорӣ муҳайё набошад, ба ҳеҷ ваҷҳ доир ба кивоми ҷомеаи инсонӣ сухан гуфтан имкон надорад. Аммо, дар мавриди дигар Қутбиддин Шерозӣ аз ифодаи мафҳуми «сиёсат» ба маънии «зӯрӣ», ки тафовути маъноиро миёни «сиёсат» ва «политика» ба вуҷул меорад, иҷтиноб намекунад. Мутафаккир касос гирифтаниро ба маънии сиёсат баён намуда, онро «навъе аз сиёсат» медонад: «Чун хоҳад, ки муҷримро сиёсат кунад сакинат ва викорро шиори худ созад ва тайшу сабукӣ эҳтироз вочиб донад, то укубат ва сиёсате, ки кунад, ба ҷойи худ бувад, на зиёдат ва на нуқсон».[2]

Ба ҳар сурат, Қутбиддин Шерозӣ зери мафҳуми «сиёсат» суботу оромӣ, ҳалли масоили сиёсии ҷомеа ва тадвини зиндагии осоиштаро маргаҳ намуда, онро бахши муҳимтарини ҳикмати амалӣ, ки ҷиҳати таъмин намудани хайри умум равона шудааст, мефаҳмид. Арасту низ ба мафҳуми «сиёсат» ҳамчун муҳайёкунандаи саодат ва хушбахтӣ менигарист. Тибқи назари мутафаккир, барои

[1] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ ли гурат-ул-Дабоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Маҷкуҳ. Ҷ. I.Техрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1369.-С.130.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулуки. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳанги. Техрон, 1396. С.167.

хушбахт шудан бояд неъматҳои зоҳирии муайяниро доро шуд (саломатӣ, бонгарӣ ва ғайра). Барои Арасту шаҳрванди асосӣ шахси накӯкор мебошад. Ба ҳамин маънӣ, Қутбиддин Шерозӣ низ андеша дорад, ки танҳо шахси тарбиятдида ва камолёфта метавонад барои ҷомеа муфид бошад. Масалан, дар фасли сеюми бахши сиёсати маданӣ, ки «дар шиноҳти подшоҳ маротиби ҳар касро» номгузорӣ шудааст, мутафаккир меоварад: «Ва бибояд донистан, ки подшоҳро вочибу лозим аст, ки бидонад мартабаи ҳар якро аз укул ва кифоят ва дараҷаи ҳар як дар маҳорат дар анвои фунун, то ҳар якро аз хавоси раъоё ба муҳиме гуморад, ки шоистаи он кор бошад»[1]. Ин ҷо низ, ҳамоҳангии таълимоти Қутбиддин Шерозӣ бо андешаҳои Арасту дар мавриди ба таври васеъ, якҷоя бо ахлоқ ва маънавиёт баррасӣ шудани «сиёсат» эҳсос мешавад. Дар таълимоти Арасту, этика қисми сиёсат дониста шуда, ин мутафаккир таъкид менамояд, ки «ҳар гуна давлат ифодакунандаи муносибатҳои некхоҳона мебошад, зеро ҳама муносибатҳои инсонҳо нисбати якдигар ба ин ё он некӣ равона шуда, кӯшиши дар худ ифода кардани дигар муносибатҳоро дорад. Маҳз, ҳамин муносибат, давлат ё муносибати сиёсӣ номида мешавад»[2]. Қутбиддин Шерозӣ барои таъмини низоми сиёсии мувофиқ шахсиятҳои фозилу донишманд ва тарбиятдидаро лозим дониста, менависад: «Подшоҳро вочибу лозим аст, ки бидонад мартабаи ҳар якро аз укул ва кифоят ва дараҷаи ҳар як дар маҳорат, дар анвои фунун, то ҳар якро аз хавоси раъоё ба муҳиме гуморад, ки шоистаи он кор бошад»[3].

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулуки. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳанги. Техрон, 1396. -С.166.
[2] Аристотель. Политика. Наука об управлении государством. М.: "Эксмо"; СПб.: Terra Fantastika 2003. – С.309
[3] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амали ва сайру сулуки. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳанги. Техрон, 1396. -С.166

Тибқи таълимоти Қутбиддин Шерозӣ баррасии сиёсату раёсатҳо ва иҷтимоиёти давлат, ҳамагӣ ба «илми сиёсат» тааллуқ доранд. Ҳадафи асосии ин илм таҳлили масоили сиёсии ҷомеа ва ташаккули сохтори давлатӣ, мақому вазифаҳои роҳбари давлат, аъзоёни ҳукумат, дарёфти роҳҳои пешрафт ва муайян намудани мушкилот дар давлат аст. Мутафаккир дар таълимоти худ доманаи фарогирии сиёсатро иборат аз масъалаҳои марбут ба давлат, роҳбар (подшоҳ), низоми сиёсӣ, анъана, суннатҳо, қоидаҳои идора намудани ҳама шоҳаҳои ҳокимият, идораи ноҳия, вилоят, таъйин ва интихоби мушовирон ва намояндагони сарвари сиёсӣ дар манотиқи кишвар медонад. Дар баҳши «фазилати подшоҳон» ӯ кӯшиш менамояд, ки бо далелу бурҳони нақливу ақлӣ сифатҳои сарвари сиёсиро матраҳ намояд. Дар ин росто мутафаккир нахуст ба баррасии масъала аз дидгоҳи осори динӣ, ки хоси мухити давр буд, мепардозад. Бо ин амали худ мутафаккир кӯшиш менамояд, ки макому мартабаи «сиёсат» ва «сарвари сиёсӣ»-ро дар ҷомеа аз дидгоҳи ратсионалӣ мушахас намояд. Ӯ ояи 59-уми сураи «Нисо»-ро, ки дар он итоат аз «улуламр»[1] махсус таъкид мешавад, таҳлил карда, исбот менамояд, ки «улуламр» ба маънии подшоҳ, сарвар, роҳбар ва фармоиравo омадааст. Тибқи назари Қутбиддин Шерозӣ, мафҳуми зикршуларо «аз се ҷиҳат метавон бар «фазилати подшоҳӣ» марбут донист: якум, максаду мароми истифодаи «улуламр» подшоҳ ва донишмандон мебошанд, ки аҳли илму қалам ба шумор мераванд, зеро амри подшоҳ ба «ҳукми сайф (шамшер) ва сиёсат» буда, «амри олим ба ҳукми қалам ва фатво» ва ин ҳарду ба якдигар боз бастаанд»[2].

[1] Қуръони Карим. Матни асл ва тарҷумаи он бо забони тоҷикӣ. Душанбе: Эр-граф, 2011. – С.87.

[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Баҳши ҳикмати амали ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мақсуҳт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.158.

Дар ин маврид, ҳамоҳангии андешаҳои Қутбиддини Шерозӣ бо намояндагони мактаби шофеӣ ва каломи ашъарӣ – Бағдодӣ, Моварди, Ҷувайнӣ ва Муҳаммади Ғаззолӣ эҳсос мешавад. Махсусан, таъсири андешаҳои Муҳаммад Ғаззолӣ дояр ба «ҳукми сайфу сиёсат» ба назар мерасад. Ба қавли Ҳотам Қодирӣ, «дар таълимоти Муҳаммад Ғаззолӣ, чойгоҳи сиёсат мутафовит аз бардоштест, ки ба гурӯҳи ғайримазҳабӣ ва ё дунявӣ ба сиёсат назар мекунад»[1]. Ваҳе дурустар он аст, ки Муҳаммад Ғаззолӣ андешаҳои сиёсии худро дар таъсирпазирӣ аз таълимотҳои ақлгароӣ тадвин карда, вале ба ҷанбаи динии ин масъала диққати бештар додааст. Тибқи назари Шамолов А.А. "Таърифи сиёсат дар адабиёти фалсафии исломӣ аз ҷониби Ғаззолӣ таърифи нав набуда, эҳтимоли зиёде меравад, ки онро мутафаккир дар зери таъсири ҷонибдорони мактаби Арасту ва немоилиёни ботинӣ шарҳ додааст, то ин ки ба сиёсат аҳамияти бештаре диҳад. Лекин, агар мо осори ба сиёсат бахшидаи Ғаззолиро бо таълифоти намояндагони машшоия ва Ихвон-ус-сафо муқоиса намоем, ба осонӣ дарёфт хоҳем кард, ки Ғаззолӣ дар атрофи масъалаҳои сиёсат аз нубувват, табиати иҷтимоӣ ва кӯмаки ҳамдигарии (кооператсияи) шариати исломӣ нагуфтаҳои бардорӣ намудааст"[2]. Мувофиқати андешаҳои Қутбиддин Шерозӣ бо таълимоти Муҳаммад Ғаззолӣ дар мавриди "сиёсат, сабаби асосии ислоҳи одамон мебошад, зеро, агар аз як сӯй, инсон хусусияти ҳайвонӣ доштаро бошад, аз сӯйи дигар, бо доштани ақлу ҳирад шоистаи халифаи Худованд дар рӯйи замин аст. Дар робита ба ин, инсон миёни ин ду сифат қарор дошта, тавассути расолати пайғамбарон ва сиёсату ислоҳнавӣ ба сӯйи сифатҳои баргузида ва шоиста раҳнамун мегардад»[3], эҳсос мешавад, вале дар табақабандии дараҷоти сиёсат миёни

[1] Қодири Ҳотам. Андешаҳои сиёсии Ғаззолӣ. Теҳрон, 1370. – С.94-95.

[2] Шамолов А.А. Ҳуҷҷатулислом Ғаззолӣ: Андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Душанбе: "Дониш", 1996. – С.195.

[3] Ҳамон ҷо: -С.195

онхо тафовут вучуд дорад. Агар. Кутбиддин Шерозй ба мисли Мухаммад Газзолй дар масъалаи мазкур такя ба таълимоти динй намуда, бояд аз итоати Офаридгор ва итоати пайгомбар итоати улуламрро (подшох) гузорал хам, вале дар фаркият аз Газзолй амри подшох ва ё сарвари сиёсиро аз амри пайгомбар поён намедонад. Тибки андешаи мутафаккир: «Подшохонро карин расул алайхисалом кард дар зикр, зеро ки дар миёни зикри расул ва зикри улуламр, ки подшох аст, фарке нест чуз ба такдим ва таъхир. Ва зикри расулро қатъ кард аз зикри Худо ба кавлуҳу «ва атиъу» ва ин далел бар он аст, ки фарқ миёни амри расул ва амри подшоҳ чуз ба такдим ва таъхир нест. Ва ин далели азим аст бар фазилати подшохй»[1]. Мухаммад Газзолй бар он таъкид менамояд, ки «Мартабаи аввали сиёсат «аълои маротиб» аст, ки он сиёсати баргузидагони худо ва шахсони фавкулода буда, аз тарики ин сиёсат риолати таърихии хешро, ки онро офаридгор муайян кардааст ва барои амалй намудани амри илохй интихоб шудаанд, ичро менамояд. Аз ин рў, хукми эшон хам ба хос аст ва хам ба авом. хам дар зохир ва хам дар ботин»[2].

Кутбиддин Шерозй, масъаларо тарзи дигар ба миён гузошта, сиёсатро ба Офаридгор ва пайгомбар марбут ва-дониста, хоси сарвари сиёсй ё подшох - "улуламр" медонад. Худо намоди покиву адли махз ва пайғомбарон нигохдорандаи шариати динй ҳастанд, аз ин рў, олуда кардани онхо ба "сиёсат" мувофики аклу мантик нест. Подшох ва ё сарвар бошад, аз насли башар буда, олуда ба нафс аст. Ин олудагй метавонад, гохе газаб ва гохе убур аз марзи адлу додро ба вуҷуд биорад. Дар фаркият аз «сиёсати анбиё»-и Газзолй, ки амалигардонандаи шариати динй аст, Кутбиддин Шерозй подшохони фозилро чонишини Офаридгор дар

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиш ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илми ва фарханги. Техрон, 1396. -С.158.
[2] Газзолй Абўхомид Мухаммад. Эхё улум ал-дин. Ч.1. Душанбе, 2008. – С.45.

замин медонад. Мутафаккир андешаи роичи «сояи худо дар рўйи замин» будани подшохонро инкор намуда, бар он назар аст, ки Худо наметавонад соя доимта бошад, вале метавонад чойнишин ва идомадиҳандан офарипандагиро, ки аз миёни халқ пайдо мешавад, доро бошад. Тибки назари ў, «хоким чун мавҷуде аст қодири мутасарриф ва мустакил ба нафси худ..... пас он кас, ки нойбу халифаи Худо бувад, подшоҳонанд»[1].

Бояд тазаккур дод, ки дар табакабандии Мухаммад Газзолй «мартабаи аввал ба сиёсати анбиё, дуввум, ба сиёсати хулафо, салотин ва мулуки роҳи рост, сеюм, ба сиёсати уламо ихтисос дода шудааст. Мутафаккир асоси тамоми сиёсатҳоро сиёсати динй шуморида, дар асоси мехвари шариат бахшҳои асосии сиёсат, поягузорон ва барандагони онро ба тафкик баён месозад»[2]. Ин тарзи табакабандии сиёсатро Кутбиддин Шерозй қабул надорад, зеро, тибки назари ў, анбиё ва хулафои динй ҳомй ва нигоҳдорандаи шариати динй хастанд. Шариати динй, гарчанде масоили мухталифи ичтимоиро фаро гирад хам, вале сиёсат фаротар аз чаҳорчўбаи шариати динй ва марбут ба масоили дунявй аст.

Мутафаккири дигари асриминёнагй, ки назариёти ў бо андешаҳои Кутбиддини Шерозй хамоҳангй дорад, Ибни Халдун мебошад. Ў, дар китоби «Мукаддима»-и «сиёсат»-ро ҳамчун бахши мухими хикмати амалй, ифодакунандаи «донише дар бораи тадбир ва чорандешин хона ё шахр ба муктазои он чи ахлок ва хикмат ичоб мекунад»[3], таъриф медиҳад. Ҳамзамон. Ибни Халдун се намуди сиёсати амалиро ташхис додааст, ки дар се шакли кудрат ё ҳокимият зохир гардидаанд: «1. Хукумати ибтидоии табиӣ, ки он ба хавос

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кўшиш ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илми ва фарханги. Техрон. 1396. -С.158.
[2] Шамолов А.А. Хуҷатулислом Газоли: Андешаҳои ичтимой ва сиёсй. Душанбе: "Дониш", 1996 – С.198.
[3] Ибни Халдун. Мукаддима. Тарҷумаи форсии Мухаммад Парвин Гунободй. Ч.1. Техрон, 1345. – С.266.

ва қувва асос гузошта шудааст. 2. Сиёсати ақлӣ, ки усули онро ҳакимон ва бузургон барои ҳифзу устувории манфиатҳои муштараки ҷомеа равона сохтаанд. 3. Сиёсати динӣ, ки асосаш шариат буда, ҳадафи он ҳифзи манфиатҳои дунё ва охират мебошад»[1].

Кутбиддин Шерозӣ мафҳуми «ҳукми сайф ва сиёсат»-ро мавриди назириш қарор дода, моҳияти асосии онро иборат аз ҳифзу устувории давлату ҷомеа медонад. Ба қавли мутафаккир «ин харду боз бастаанд аз он рӯй, ки то фатвои аҳли илм набошад, подшоҳ сиёсат натавон кард ва то сиёсати подшоҳ набошад, фатвои аҳли илм ба нуфӯз нарасад. Ва чун ин харду ба якдигар мутаалликанд, балки ба он мемонад, ки харду як чиз аст, лочарам Офаридгор хардуро дар як силк қашид ва гуфт «улуламр минкум» (сохибфармон). Ва чун подшоҳ сохиби амр ва мутеъ бошад, ҳар оина фозилтар бошад аз маъмур ва мутеъ»[2].

Ҳамин тариқ, аз ҷониби Кутбиддини Шерозӣ дар як сатҳ гузоштани олимон ва подшоҳон бесабаб набуд, зеро сиёсати давлатиро ин ду табақаи болои ҷомеа амалӣ месозанд. Агар сиёсати олимон сиёсати фозила ва ормонӣ бошад, боиси тасмими дурусти сарварони сиёсӣ мегардад ва аз маҷмӯи амалӣ сохтани сиёсат дар радифи сиёсати пайғамбарон дар идораи умури дунявӣ қарор мегиранд. Ба иборати дигар, қудрати воқеии давлат дар дасти онҳо буда, зиндагии иҷтимоии мардум вобаста ба сиёсати мувофиқ месиёсии давлат хеле зарур аст, зеро ҳамеша роҳбаладе барои танзими корҳои дунявӣ зарурат дорад. Роҳбалад барои танзими умури иҷтимоӣ ва муносибати аъзоёни ҷомеа ногузир буда, ҷомеа ва давлатро аз фурӯпошӣ ва инқироз эмин

[1] Ибни Халдун Абдурраҳмон. Муқаддима. Ҷ.2.Чопи панҷум. Техрон: Интишороти илмӣ ва фарҳанги,1368. –С.516-517.
[2] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо ҳуҷҷа ва тасҳеҳи Меҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳанги. Техрон, 1396. –С.158.

нигоҳ медорад. Ба маънии дигар, дурустӣ ва ё фасодии олимон таъсироти мустақиме ба ҳаёти ҷомеа ва ҳокимон дорад. Ҷойгоҳ ва мақоми олимони солеҳ, ки қобилияти баёни андешаҳои созандаро доранд, ҷиҳати роҳандозии сиёсати дуруст дар ҷомеа назаррас мебошад. Аз ҷониби дигар, ин мақом онҳоро дар назди ҷомеа вазифадор месозад, ки аз он донишу малака ва қудрати андеша барои бехбуд бахшидани ҳаёти ҷомеа, тариқи маслиҳатҳои муфид ба сарвари сиёсӣ хизмат намоянд. Бо ҳамин сабаб мутафаккир таъкид месозад, ки «мушоварати укало аз лавозим бошад»[1].

Албатта, машварат дар банақшагирӣ ва амалигардонии тасмимоти сарвари сиёсӣ ва ё ҳар нафаре, ки ба идораи умури иҷтимоӣ сарукор дорад, хеле муҳим мебошад. Муҳим касест, ки доир ба самти машварат донишу малака ва маҳорати таҳлилу танқид дошта бошад, то моҳияти масъаларо баррасӣ карда, андешаи арзишманде пешниҳод карда тавонад. Як нуктаро боял таъкид намуд, ки зери мафҳуми «уламо» Кутбиддини Шерозӣ олимони фиқҳро дар назар надошт, зеро фақеҳ наметавонист муаллим ва роҳнамои подшоҳ бошад. Мусаллам аст, ки тамоми қонун ва қавоиди фиқҳӣ дар раванди фаъолиятҳои сиёсӣ риоя намешаванд ва риоя гардидани онҳо низ гайримкон аст. Аммо, сиёсикориҳои дин ва истифода аз никоби динӣ ҷиҳати нил гардидан ба манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ дар ҳар марҳилаи таърихии ҷомеа мушоҳида мегардад.

Андешаи ҷудо будани дин аз ҳокимияти давлатӣ ва дахолат накардани он дар раванди идораи давлат, ки аз тарафи лоиҳашмандони зиёд ҷонибдорӣ ёфтааст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Зеро, моҳияти «сиёсат» бо истифода аз фиқангҳои мухталиф ба таъмини низоми ҷомеа ва идораи муносибатҳои ҷамъиятиву байналмиллалӣ нигаронида шуда, дин ба масоили эътиқодӣ ва боғиши инсонҳо сару кор мегирад. Кутбиддин Шерозӣ ба мавриди зикр менамояд, ки «Ва бидон, ки сиёсат ислоҳи халқ ва пиродои эшон ба роҳест,

[1] Ҳамон ҷо: –С.182.

ки мунчӣ бошад дар дунё... Ва аммо, оиче мабдаи он вазъ бувад, агар сабаби вазъ иттифоқи раъйи чамоате бувад бар он, оиро одоб ва русум хонанд. Ва агар сабаб иктизои раъйи бузургӣ бувад, монанди пайғомбарӣ, оиро навомиси илоҳӣ хонанд ва он фиқҳ аст»[1]. Маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ ба мустақилияти сиёсат ва фиқҳ (дин) дар ичрои масъулиятҳо ва ифодаи мазмунӣ қоил буда, ҳар якеро вобаста ба моҳият ва аҳамияташ дар ҷомеа мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ҳамин тариқ, аз таълимоти мутафаккир бармеояд, ки «сиёсат» ҳам илм ва ҳам санъати зарурист, ки ба таъмини низоми иҷтимоӣ ва пешрафти ҳаёти иҷтимоии одамон равона мегардад. Таърифҳои Қутбиддин Шерозӣ «сиёсат, ислоҳи халқ ва иршоди эшон ба роҳест, ки мунчӣ (наҷотбахшанда) бошад дар дунё»[2], «сиёсат, ичрои умури ҳукумат ва қоидаи он, ҳифзу ҳиросати халқ бошад»[3] ва «сиёсат, оиче роҳеъ бувад ба чамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр ва вилоят, бал иқлим ва мамлакат»[4], ҳамагӣ ифодакунандаи мазмуни «сиёсатшиносӣ» ё «политология»-и имрӯза ҳастанд. Новобаста аз эътирофи «сиёсат» ба маънии «зӯрӣ», мутафаккир, оиро ҳамчун илми зарурӣ ва судманд эътироф намуда, таъмини ҳаёти осоишта ва суботу амнияти ҷомеаро аз баракати он вобаста медонад. Ғаъне, оиро илме медонад, ки зиндагии мусолиматомез ва фондаоварро, ҳам аз лиҳози моддӣ ва ҳам аз лиҳози маънавӣ таъмин ва беҳбуд мебахшад. Дар пайравӣ ба андешаҳои Қутбиддин Шерозӣ донишманди асри XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ таъкид менамояд, ки «мадори олам бар сиёсат аст ва агар, сиёсат набошад, мухимоти чаҳон ба насақ намонад ва агар, қонуни таъдибу таъзиб набвад, корҳо рӯй бар табоҳӣ ниҳанд:

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дурат-ут-тоҷ ли ғурат-уд-Дабоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Машкӯр. Ҷ. 1.Теҳрон: Чопи сеюм: Хикмат, 1369.-С.131-134.
[2] Ҳамон ҷо: -С.131
[3] Ҳамон ҷо: -С.186.
[4] Ҳамон ҷо: -С.160.

Аз сиёсат низом ёбад мулк,
Бе сиёсат халал пазир бувад.
Насақи корҳои оламро,
Аз сиёсат ногузир бувад»[1].

Таъсири таълимоти мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла Қутбиддин Шерозиро дар мавриди шиносхти мазмун ва моҳияти «сиёсат» ба афкори донишмандони баъдӣ, возеҳан метавон мушоҳида кард. Тавре ки болотар зикр намудем, агар Макс Вебер дар асри XX «сиёсат»-ро ифодакунандаи «механизм ва технологияи ҳукмронӣ» баён карда, «қонунӣ будани ҳокимият, моҳият ва хусусиятҳои сарварӣ, самарабахши бюрократия дар раванди идоракунӣ ва муносибати ҳукмронии одамон бар одамон»[2] ба илми мазкур алоқаманд дониста бошад, Қутбиддин Шерозӣ пештар аз ин ҳамин масъаларо дар шакли «сиёсат, ислоҳи халқ ва иршоди эшон ба роҳест, ки мунчӣ (наҷотбахшанда) бошад дар дунё, ичрои умури ҳукумат ва қоидаи он, ҳифзу ҳиросати халқ, оиче роҳеъ бувад ба чамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр ва вилоят, иқлим ва мамлакат, насаб кардани вазиру поиб, танзимкунандаи одоби сарвар, таъминкунандаи адли ичтимоӣ»[3], баррасӣ карда буд.

Қутбиддин Шерозӣ илми «сиёсат»-ро дар робитаи мутақобилаи байни ахлоқу ҳуқуқ, ки масъалаҳои мавриди баҳсашон инсон, ҳуқуқу озодиҳо ва фазилатҳошаш дар ниятту амали ӯ, таъмини осоиштагии ҷомеа мебошад, таҳқиқ менамояд. Тибқи назари мутафаккир, агар «сиёсат, ҳифзу ҳиросати халқ ва оиче роҳеъ бувад ба чамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр ва вилоят, иқлим ва мамлакат»[4] бошад, пас, нигоҳдорандаи ин паёмадҳо ва амалиқунандаи ин па-

[1] Ҳусайн Воизи Кошифи. Ахлоқи Мухсини. Душанбе. 1991. – С.207.
[2] Зокиров Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ. Душанбе: "Истеъдод", 2010. – С.293.
[3] Қутбиддин Шерозӣ. Дурат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мохлуқо Бону Хумой. Чопи панҷум. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.160-180.
[4] Ҳамон ҷо: -С.161.

лида, роҳбарест, ки «аркон ва қавонини сиёсатро, ки иборатанд, аз маърифати раъоё ва ҳифзу ҳиросати эшон, ҳирад, адлу инсоф, маҳорати шинохтани маротиби ҳар кас ва ҳусну кубҳи ҷомеаро донад»[1]. Аз ҳамин ҷиҳат, таълимоти мутафаккирро дар таҳлили мафҳум ва моҳияти «сиёсат» метавон комилан ратсионалӣ шуморид.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ҷавҳари ҳикмати амалии Қутбиддин Шерозиро инсон ва фаъолиятҳои иҷтимоии ӯ ташкил менамоянд. Вобаста ба ҳамин, у мафҳуми «сиёсат»-ро дар шаклҳои «сиёсати баданӣ», «сиёсати манзилӣ» ва «сиёсати маданӣ», ҳамчун танзимкунандаи ахлоқ, муносибатҳои оиладорӣ ва давлату ҷомеа, ки моҳияти онро масъалаҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиву сиёсие, ки ба манфиати инсон ва ҷомеа равона шудаанд, матраҳ менамояд. Ин тарзи фаҳмиши мафҳуми «сиёсат» хусусияти кухнапазирандагӣ надошта, арзиши худро дар ҳар давру замон ҳифз хоҳад кард.

Мусаллам аст, ки дар замони муосир мазмуни «сиёсат»-ро дар шаклҳои васеъ ва маҳдуд баррасӣ карда, дар мазмуни васеъ онро падидае, ки муносибаҳои иҷтимоиро, бо истифода аз методологияи роҳбарӣ ба танзим медарорад ва дар мазмуни маҳдуд, ифодакунандаи фаъолияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки ба сиёсати амалӣ машғуланд, матраҳ менамоянд. Агар фаҳмиши Қутбиддин Шерозиро дар нисбати мафҳуми «сиёсат» бо замони муосир муқоиса намоем, маълум мегардад, ки ӯ мафҳуми мазкурро дар шакли васеъ баррасӣ карда, моҳияти ин падидаро иборат аз таъмини «хайри умум» арзёбӣ месозад.

Қобили зикр аст, ки дар замони муосир, ки раванди глобализатсионӣ бо суръати баланд инкишоф ёфта истодааст, аксарияти мушкилот хусусияти сиёсӣ доштаю, ҳадафҳои сиёсӣ дар зери никобҳои мухталиф амалӣ карда мешаванд. Гурӯҳе аз никоби «дин», қисмате аз «гуманизм», гурӯҳи дигар аз «ҳифзи демократия», ки гӯё ба манфиати ҷомеаи инсонӣ равона мешаванд, истифода намуда, онҳоро барои расидан ба мақсадҳои мутризонаи хеш мавриди амал қарор медиҳанд. Дар чунин шароит, дарки воқеъбинона ва ратсионалии сиёсат аз ҳарвақта дида мухимтар гардидааст, зеро нуфузи сиёсатро дар тамоми сохаҳои ҷомеа мушоҳида намудан мумкин аст. Ба маънии дигар, ҳадафи асосии падидаи мазкур расидан ба ҳокимият буда, чиҳати нонл гардидан ба он аз тамоми никобҳо истифода намуда, на манфиати умум, балки манфиати гурӯҳ, синф ва ё давлати муайянро мадди назар доранд. Бозиҳои геополитикии замони муосир, ки миёни абаркудратҳо бахри тақсими манфиатҳо сурат гирифта истодааст, иеботи андешаи болоянд. Абаркудратҳо, бо ҳар баҳона, «озод намудани мардум аз ҳукуматҳои худкома ва руиди демократия», «пешгирӣ аз истеҳсоли яроки химиявию ядрой ва биологӣ», «саркӯб намудани терроризм ва экстремизми динӣ» ва монанди инҳо ҳудуди ахлоқ ва принсипҳои инсонгароиро убур ва мақсадҳои нихонии худро амалӣ меозанд.

Мутафаккирони асримиёнагӣ, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ, сиёсати ратсионалии ахлоқӣ, ки асоси онро адолат, ризоияти мардум ва хайри умум ташкил мекунад, чонибдорӣ ва тарғиб менамоянд. Дар маркази таълимоти онҳо сиёсати гуманистӣ (маърифати раъоё ва ҳифзу ҳиросати эшон), яъне андешидани чорабиниҳои мушаххас доир ба ислоҳи фард (сиёсати баданӣ), ислоҳ ва танзими муносибатҳои оиладорӣ (сиёсати манзилӣ) ва тарзи дурусти идораи ҳокимият (сиёсати маданӣ), ки ба «ҳифзу ҳиросати халқ» нигаронида шуда, меъёри адолат ҷавҳари онҳоро ташкил менамояд, ҷойгир карда шудааст. Гибки назари Ибни Сино, ки Қутбиддин Шерозӣ бар он мувофиқ аст «Дар тадбири умур ва ҳусни сиёсат сазовортарин мардум ба тафаккур подшоҳону шаҳриёронанд, ки Худо онҳоро зимомдори умури бандагони худ намуда ва барои танзими билод ва адорои тасаллут ва қудрат кардааст... ҳама кас нисбат ба қадорои тасаллут ва қудрат кардааст...

[1] Ҳамон ҷо: -С.161-163.

дида, роҳбарест, ки «аркон ва қавоиди сиёсатро, ки иборатанд, аз маърифати раъоё ва ҳифзу ҳиросати эшон, хирад, адлу инсоф, маҳорати шинохтани маротиби ҳар кас ва ҳусну қубҳи ҷомеаро донад»[1]. Аз ҳамин ҷиҳат, таълимоти мутафаккирро дар таҳлили мафҳум ва моҳияти «сиёсат» метавон комилан ратсионалӣ шуморид.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ҷавҳари ҳикмати амалии Қутбиддин Шерозиро инсон ва фаъолиятҳои иҷтимоии ӯ ташкил менамояд. Вобаста ба ҳамин, ӯ мафҳуми «сиёсат»-ро дар шаклҳои «сиёсати баданӣ», «сиёсати манзилӣ» ва «сиёсати маданӣ», ҳамчун тангзимкунандаи ахлоқ, муносибатҳои оиладорӣ ва давлату ҷомеа, ки моҳияти онро масъалаҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиву сиёсие, ки ба манфиати инсон ва ҷомеа равона шудаанд, матраҳ менамояд. Ин тарзи фаҳмиши мафҳуми «сиёсат» хусусияти кухнашавандагӣ надошта, арзиши худро дар ҳар давру замон ҳифз хоҳад кард.

Мусаллам аст, ки дар замони муосир мазмуни «сиёсат»-ро дар шаклҳои васеъ ва маҳдуд баррасӣ карда, дар мазмуни васеъ онро падидае, ки муносибаҳои иҷтимоиро, бо истифода аз методологияи роҳбарӣ ба танзим медарорад ва дар мазмуни маҳдуд, ифодакунандаи фаъолияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки ба сиёсати амалӣ машғуланд, матраҳ менамоянд. Агар фаҳмиши Қутбиддин Шерозиро дар нисбати мафҳуми «сиёсат» бо замони муосир муқоиса намоем, маълум мегардад, ки ӯ мафҳуми мазкурро дар шакли васеъ баррасӣ карда, моҳияти ин падидаро иборат аз таъмини «хайри умум» арзёбӣ месозад.

Қобили зикр аст, ки дар замони муосир, ки равандҳои глобализатсионӣ бо суръати баланд инкишоф ёфта истодаанд, аксарияти мушкилот хусусияти сиёсӣ доштаанд, ҳадафҳои сиёсӣ дар зери никобҳои мухталиф амалӣ карда мешаванд. Гурӯҳе аз никоби «дин», қисмате аз «гуманизм», гурӯҳи дигар аз «ҳифзи демократия», ки гӯё ба манфиати ҷомеаи инсонӣ равона мешаванд, истифода намуда, онҳоро барои расидан ба мақсадҳои мугризонаи хеш мавриди амал қарор медиҳанд. Дар чунин шароит, дарки вокеъбинона ва ратсионалии сиёсат аз ҳарвақта дида мухимтар гардидааст, зеро нуфузи сиёсатро дар тамоми соҳаҳои ҷомеа мушоҳида намудан мумкин аст. Ба маънии дигар, ҳадафи асосии падидаи мазкур расидан ба ҳокимият буда, ҷиҳати ноил гардидан ба он аз тамоми никобҳо истифода намуда, на манфиати умум, балки манфиати гурӯҳ, синф ва ё давлати муайянро мадди назар доранд. Бозиҳои геополитикии замони муосир, ки миёни абаркудратҳо баҳри тақсими манфиатҳо сурат гирифта истодааст, ибрати аниёни болоянд. Абаркудратҳо, бо ҳар баҳона, «озод намудани мардум аз ҳукуматҳои худкома ва рушди демократия», «пешгирӣ аз истеҳсоли яроқи химиявию ядроӣ ва биологӣ», «саркӯб намудани терроризм ва экстремизми динӣ» ва монанди инҳо ҳудуди ахлоқ ва принсипҳои инсониятро убур ва мақсадҳои нихоии худро амалӣ месозанд.

Мутафаккирони асримиёнагӣ, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ, сиёсати ратсионалии ахлоқӣ, ки асоси онро адолат, ризоияти мардум ва хайри умум ташкил мекунад, ҷонибдорӣ ва таргиб менамоянд. Дар маркази таълимоти онҳо сиёсати гуманистӣ (маърифати раъоё ва ҳифзу ҳиросати эшон), яъне аниёнидани чорабиниҳои мушаххас доир ба ислоҳи фард (сиёсати баданӣ), ислоҳ ва танзими муносибатҳои оиладорӣ (сиёсати манзилӣ) ва тарзи дурусти идораи ҳокимият (сиёсати маданӣ), ки ба «ҳифзу ҳиросати ҳаққ» нигаронида шуда, меъёри адолат ҷавҳари онҳоро ташкил менамояд, ҷойгир карда шудааст. Тибқи назари Ибни Сино, ки Қутбиддин Шерозӣ бар он мувофиқ аст «Дар тадбири умур ва ҳусни сиёсат сазовортарин мардум ба ҳаққур нодиҳону шаҳриёронанд, ки Худо онҳоро зимомдори умури бандагони худ намуда ва барои ганҷиҳои биҳиштдорои тасаллут ва қудрат кардааст… ҳама кас нисбат ба қадри тасаллут ва қудрат кардааст… ҳама кас нисбат ба ка-

[1] Ҳамон ҷо. -С. 161-163.

соне, ки дар тахти назару талбири ӯ зиндагӣ мекунанд, ҳукумату сиёсате доранд. Ҳакиртарин ва кӯчактарин мардум ба сиёсати хуб ва талбири некӯ ва тафаккури зиёд ва таъдибу таъдил ва ба роҳи рост даровардану аз роҳи нодуруст боздоштан ва бинчумла ба ҳамаи он чӣ, ки шаҳриёр эҳтиёҷ дорад, муҳтоҷу ниёзманд аст»[1]. Қутбиддин Шерозӣ, андешаи фавқро тақвият бахшида, зикр менамояд, ки «Султон роъии аъам аст ва маасьул аз раъияти ӯ ва амири ҳар шаҳре роъии он... Пас, бар ҳар кассе вочиб бошад, хоҳ султон бошад, хоҳ гадо, хоҳ худованд бошад, хоҳ банда, ки адл кунад дар он чӣ миёни ӯ ва миёни гайри ӯст, аз хайре ва шарре... Ҳусни гадбир он бошад, ки бар пояи адл ва хайри умум моил бошад»[2].

Дар робита ба ин, натиҷа гирифтан мумкин аст, ки ҳикмати амалии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик бунёди «сиёсат»-ро иборат аз такомули ахлоқии шахс дониста, фаъолиятҳои сиёсиву ҷамъиятии инсонро дар алоқамандӣ бо меъёрҳои ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор мелиханд. Сиёсат, на танҳо истифодаи «зӯрӣ» ва усули идораи умури давлатӣ, балки ҳамчун тадбирандешии дуруст ва ба манфиати аҳли ҷомеа нигаронидашуда фаҳмида мешавад, ки дар асоси адолату мурувват ва хайру эҳсон шакл мегирад.

Фаъолияти инсон дар зиндагӣ вобаста ба талаботи қонуниятҳои иҷтимоӣ ва давлатӣ амалӣ мегардад, ки онҳо дар асоси омӯзиши вазъ, ҳолат ва дурнамои рушди ҷомеа муайян кардаи мумкин аст. Бештари ин қонуниятҳо дар асоси менталитет ва фарҳанги миллӣ, инчунин меъёрҳои ахлоқӣ таҳия ва мавриди амал қарор мегиранд. Агар, чунин тансуб дар фаъолияти сиёсӣ ба инобат гирифта шавад, он натиҷаи дилхоҳ ба бор хоҳад овард. Ба маънии дигар, «сиёсат» низ, ба мисли меъёрҳои ахлоқӣ хусусияти тағйирёбандагӣ дошта, вобаста ба маънавиёти ҷомеа

[1] Абӯалӣ ибни Сино. Талбири манзил// Осор. Ҷ.4. Душанбе, -С.20-21.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулуки Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумоӣ. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.129.

роҳандозӣ мегардад. Ин фаъолият ҷавобгарии инсонро дар назди қонун ва сиёсат муайян месозад. Аз таърихи андешаҳои сиёсӣ ва низомҳои давлатдорӣ маълум аст, ки дар ҳар як давран рушд андешаҳои сиёсӣ ва мафҳуму моҳияти сиёсат вобаста ба талаботи давру замон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Ба андешаи муҳаққиқи рус В.А. Туманов «Аз нигоҳи низоми арзишҳо, ки дар ҷомеаи асримиёнагӣ ба вуҷуд омада буд, ҳуқуқро ҷавобгӯй ва пойбанди талаботҳои ахлоқӣ гардонида буданд»[1].

Хулоса, Қутбиддин Шерозӣ мафҳуми «сиёсат»-ро ба маънии васеъ, бо фарогирии масоили ахлоқиву ҳуқуқи баррасӣ кардааст, ки дорои арзиши баланди илмию амалӣ ва хусусияти ратсионалистӣ мебошад. Ба таври муфассалтар, моҳияти ин падида дар сохти сиёсии ҷомеа ва низоми идоракунии ҷамъият, ки дар қисматҳои бахши рисола таҳлил хоҳанд шуд, ошкор мегардад.

4.2. Сохти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ

Муайян намудани сохтори сиёсиву иҷтимоии ҷомеа аз масоили муҳимтарини илмҳои ҷомеашиносӣ ба ҳисоб меравад. Сохтори иҷтимоии ҷомеаро муҳаққиқон «низоми таърихан ташаккулёфтаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, маҷмӯи муносибатҳои байни умумиятҳо, гурӯҳҳо, табақаҳо, институтҳои иҷтимоӣ ва алоқамандии амали байниҳамии онҳо»[2], инчунин, «маҷмуаи муташаккил аз аҷзои созмонёфта, вобаста ба якдигар ва дорои пайванди бодавом бо ҳамдигар»[3] ва сохтори сиёсиро «маҷмӯи ниҳодҳо ва

[1] Туманов В.А. Правовой нигилизм в историко-идеологическом ракурсе // Государство и право. 1993. №8. -С.56-58
[2] Тавалзоев М.Т. Таъсири чойивазкунии бозурьат ба сохтори иҷтимоӣ// Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи Ҳалафҳои рушд. Душанбе, 2021. – С.171.
[3] Бокир Сорухонӣ. Фарҳанги умуми иҷтимоӣ. Теҳрон: Кайҳон, чопи аввал. 1367. – С. 382.

марказҳое, ки қудрати сиёсиро дар даст доранд ва як қисмати вохидро, ки мутаассир аз тамоми хислатҳо ва вижагиҳое, ки ба ҷомеа ҳувият мебахшад»[1], таъриф кардаанд. Ба таври маҷмӯй, сохтори иҷтимоиву сиёсии ҷомеа муносибатҳои шаклгирифта, институтҳои иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низомҳое мебошанд, ки дар асоси ҳамфикрии иҷтимоӣ ва низоми идоракунии оқилона дар давраи дурударози таърихӣ ба вуҷуд омадаанд.

Мусаллам аст, ки омӯзиши ҷомеа, равандҳои хаётгузаронии инсон, хусусияти инкишофи ҳаёти ҷомеа, табақабандии таърихи инсоният, таъмини инкишофи ҷомеа ва ниҳодҳои асосгарини он, тағйирот ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ аз даврони пешин мавриди таваҷҷуҳи мутафаккирону донишмандон қарор гирифта, то кунун идома дорад. Аз Афлотун ва Арасту сар карда, то мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, даврони Эҳё, Замони Нав ва муосири ғарбиву шарқӣ масоили марбут ба ҳаёти ҷамъиятии инсонро таҳқиқ намудаву назария ва пешниҳодҳои судманд ироа доштаанд, ки ҳар яке дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мебошад.

Қутбиддин Шерозӣ аз он мутафаккиронест, ки дар баробари таҳқиқу таҳлили масоили фалсафиву тиббӣ ва табиатшиносиву риёзӣ, даст ба омӯзиши масоили марбут ба ҳаёти ҷамъиятии одамон задааст. Ӯ нахуст ба муайян намудани мафҳуми «ҷомеа» пардохта, менависад: «Пеши қудамо мурод аз манзилу мадина маскани танҳо нест, бал он ҷамоате мехоҳанд, ки маскан ҳовии эшон аст ҳарчи гуна маскан бошад ва аз ҳарчи бошад ва хар кучо бошад, нишеби замин ё болои замин, хоҳ аз хишт (ҷӯби дурунг) бошад ё тин (гил) ё суф (пашм) ё шаър (мӯй) ва ғайри он аз ашёе, ки аз он масокине кунанд, ки ҳовии мардуме чанд шаванд»[2], Мурод аз «маскани ҳовии мардуме чанд» ҷамъиятест, ки дар асоси низоми мушаххас бунёд гардида, манфиати ҳамаи аъзои он ба инобат гирифта мешавад. Аз ин маълум мегардад, ки мутафаккир ҷомеаро ҳамчун система, яъне, «маҷмӯи томе, ки унсурҳои он дар заминаю робитаҳои муайян ба ҳамдигар зич алоқаманд буда, нисбат ба шароити мухит як чизи ягона мебошад»[1], таъриф медиҳад.

Ёдрас шудан ба маврид аст, ки омӯзиши ҷомеа ҳамчун иттиҳодияи дорои низоми муайян аз фаъолияти эҷодии Афлотун оғоз мегардад. Мутафаккир ҷомеаро ба ҷисми инсон нисбат дода, ба се табақа ҷудо мекунад ва муназзамии ҷамъиятро аз иҷрои масъулиятҳои муайянгардидаи онҳо вобаста медонад. Тибқи назари Афлотун узвҳои асосии ҷисми инсон – сар, сина ва шикам ҳастанд ва вобаста ба ин, ҷомеа низ ба се табақа - ҳакимону файласуфон, сипоҳиён, ҳунармандону кишоварзон таксим мешавад. Қутбиддин Шерозӣ низ ҷомеаро ба организми инсон нисбат медиҳад, вале дар шакли дигар ва бидуни табақабандии афлотунӣ. Мутафаккир дар ин бора зикр менамояд: «Мадинаву манзил, киёси хар яке аз эшон киёси бадани инсон аст, чунончӣ бадан муъталиф аст аз аҷзои мухталифи маҳдудуладад, баъзе афзал ва баъзе ахас (пастар) ва мутаҷовир ва мураттаб бар ваҷхе, ки хар як аз эшон фъле кунад ва муҷтамеъ шавад аз ҳама афъоли эшон таъовуне бар такмил. Ғараз аз бадани инсон, хамчунон мадина ва манзил муъталиф мешавад хар яке аз эшон аз аҷзое мухталифи маъдудуладад, баъзе ахас ва баъзе афзал, мутаҷовир ва мураттаб дар маротиби мухталиф. Чуноики, хар як ъало хаёла (мукобили ҳам) фъле кунад, ки муҷтамеъ шавад аз афъоли эшон таъовун бар такмил»[2].

[1] Назибзода Ахмад. Даромаде бар ҷомеашиносии сиёсӣ. Техрон, 1387. – С. 146.

[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Хумоӣ. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.96-97.

[1] Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ. Душанбе, 2013. – С.148.

[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Хумоӣ. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.97

Қутбиддин Шерозӣ дар фарқият аз андешаҳои Афлотун, сохтори ҷомеаро ба сохти организми инсон, ки хар узв ҷойгоҳ ва вазифаи мушаххаси худро дошта, дар фаъолияти бадан сахм мегузорад, нисбат дода, на танҳо се узви асосӣ, балки тамоми узвҳоро вобаста аз мавкеи ҷойгиршавиашон (баъзе ахас ва баъзе афзал) дорои нақш ва мақом мешуморад. Маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ, назарияи «органикии ҷомеа»-ро дар шакли писбатан ташаккулёфта пешниход кардааст, ки дар таъсирпазирӣ аз чунин назарияҳо, мутафаккирони баъдӣ, аз ҷумла Г. Спенсер онҳоро инкишоф дода, ҷомеаро ҳамчун организм ва ташаккули онро ба қонунҳои инкишофи биологӣ шабоҳат медиҳад. Тибқи назари Спенсер, хамчунон, ки раванди тахаввулотӣ дар муҳити ограникӣ, дар асоси қонунҳои табиӣ ба вуҷуд меояд, ҷомеа низ ҳамин хусусиятро доро мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки зарурати ташкили ҷомеа ва низоми сохтории онро Арасту дар шакли «инсон мавҷуди сиёсиост, ки аз рӯйи зарурат ягонагии иҷтимоиро бо одамони дигар ҷустуҷӯ менамояд»[1], баррасӣ карда буд, ки мутафаккирони асримиёнагии точик аз он пайравӣ кардаанд. Ибни Сино дар ин самт акида дорад, ки «Инсон бидуни мушоракати дигари афроди ҷинси худ ба танҳоӣ тавоно бар анҷоми ҳама умури худ нест ва бидуни арзаи мутакобил ҳосили кори худ ва муовизаи он дар миёни онон, мушкилот бар онон меафзояд. Пас, ҳамагӣ муҳтоҷ ба якдигар бошанд»[2]. Насириддини Тӯсӣ таъкид менамояд, ки: «Ҷихати идхори (захира) асбоби маъош ва хифзи он аз дигар абноъ ҷинос, ки дар ҳоҷат мушориканд, эҳтиёҷ афтод»[3], Қутбиддин Шерозӣ боиад, менависад, ки: «Ва бибояд донист, ки мабодии масолеҳи аъмол ва маҳосини афъоли инсонӣ ва ҳаёти башар, ки муқтазии низоми умур ва ахволи эшон бувад

[1] Арасту. Сиёсат. Тарҷумаи Ҳасани Инояг. Техрон, 1381. – С. 122
[2] Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ҷ.4. – С. 20-21.
[3] Насриддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. Душанбе: Шуҷоӣён, 2009. – С.163.

дар асл, ё табъ бошад ё вазъ, вале эҳтиёҷоти муштарак мухим аст»[1].

Таҳлили назариёти мутафаккирон нишон медиҳад, ки ҳамагӣ дар нисбати тахаввули табиии ҷомеа ва ташаккул ёфтани ниходхои сохтории он вобаста ба вазъият ва талаботҳои инсонӣ, иттифоқи назар доранд. Андешахои зикршударо Г. Спенсер ҷамъбаст намуда, менависад: «Ҷараёни тахаввули иҷтимоӣ боиси интегратсия, дифференсиатсия ва тартиботи ҷамъиятӣ гардидааст, ки дар натича, муносибатхои сиёсӣ, афзоиши қишрхои иҷтимоӣ ва институтхои нави ҷамъиятӣ ба вуҷуд омаданд»[2].

Ба ин маънӣ, сохти иҷтимоии ҷомеа дорои мушаххасотест, ки он ҳамчун куллият ва тамомияте, ки ба ҷузъхову унсурхо ҷудо наменавад, хусусияти тағйирёбандагӣ, табдилпазирӣ ва худтанзимнамоӣ дошта, низоми дохилии худро танзим ва назорат менамояд. Тибқи назари Козирев Г.И. «Тамоми унсурҳои сохтори иҷтимоӣ ба мисли организми ягона амал менамоянд ва якдигарро пурра месозанд»[3]. Ҳамин назарияро Қутбиддин Шерозӣ дар шакли зерин баён кардааст: «Фараз аз мадина ё манзил ҷузъест аз мадина ва манозил дар мадина ва агроз аз он мухталиф аст, илло он, ки муҷтамеъ шавад аз он агрози мухталифа, чун комил шаванд, таъовуне бар такмили гарази мадина. Ва он низ бар қиёси бадани инсон аст, чунки раъс (сар) ва судури батн ва заҳр (пушт) ва ричлайн (пойҳо) ва ядайн (дастҳо). Қиёси эшон аз балан қиёси манозили мадина аст аз мадина ва феъли хар яке аз аъзои кибор гайри феъли он дигар аст ва аъзои хар яке аз ин аъзои кибор мутаовинанд ба афъоли мухталифаи хеш бар такмили гараз аз он узви кабир. Он гоҳ муҷтамеъ шавад аз агрози мухталифа, ки мар аъзои кибор-

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дурат-ут-тоҷ ли гурат-ул-Дабоҷ. Бо кушиши ва тасхехи Мухаммад Машкух. Ҷ. 1. Техрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1369.-С.162.
[2] https://studme.org/252938/sotsiologiya/organicheskaya_teoriya_obschestva_spensera. (санаи мурочиат: 07.04.21)
[3] Козырев Г.И. Социология. М., 2010. – С.73-74.

рост. Чун мутакомил шаванд ва аз афъоли мухталифи таовунӣ бар такмили ғараз аз чумлаи балан, хамчунон аст, холи ачзои манозил аз манозил ва холи манозил аз малина, то хамаи ачзои мадина ба ичтимои нофеъ бошанд мар мадинаро ва нофеъ дар кивоми баъзе ба ба баъзе, мисли он чӣ аъзои балан бар он аст»[1]. Дар пайравӣ аз чунин андешахо Парсонс Т. менависад: «Низоми ичтимоӣ фаъолияти байниҳамдигарии инсонҳоро муайян месозад, ки тибки он хар як фард дар як вакт, фаъолияткунанда, дорои макъсад, андеша ва мукаррарот буда, хамзамон, объекти тасмимгирии макъсадҳои дигарон ва худаш мебошад. Маҳз. низоми муносибатхои байниҳамии чомеа боис мегардад, ки ҷамъият бенуқсон ва бонизом ташаккул ёбад»[2].

Таҳлили мукоисавии таълимоти Кутбиддин Шерозӣ бо баъзе назарияхои ичтимоии замони муосир нишон медиҳад, ки афкори мутафаккир дар мавриди низоми мукаммал будани чомеаи инсонӣ ва дорои сохтори ба хам алокаманд, ки ба нафъи насли инсонӣ нигаронида шудааст, яъне «хамаи ачзои малина ба ичтимои нофеъ бошанд мар мадинаро»[3], бо андешахое чун «тамоми унсурҳои сохтори ичтимоӣ хамчун организми ягонаи ичтимоӣ дар асоси таъсири байнихамдигарӣ фаъолият менамоянд»[4], набохатҳои бунёдии зиёде дорад.

Чомеа, ки дар таълимоти мутафаккирони асримиёнагии точик, аз чумла Кутбиддин Шерозӣ бо мафхуми «мадина» (шахр) ифода шудааст, фарогири тамоми унсурҳои муносибатҳои инсонӣ мебошад. Он ба ҳайси организми зинда пайваста дар холи ташаккулёбӣ ва тахаввул карор дошта,

[1] Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кўшиши ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи вахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фархангӣ. Техрон, 1396. -С.97

[2] Парсонс Т. Система современных обществ. М, 2002. - С. 97. (402)

[3] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кўшиши ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи вахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фархангӣ. Техрон, 1396. -С.97

[4] Кетъерс Г.И. Социология. М., 2010. – С.73.

вобаста ба замону макон ва мухити фархангӣ хусусияти тағйирпазирӣ касб менамояд. Тахаввули ҷамъият ба хотири танзими муносибатҳо, бозсозии арзишҳо ва ба шароити замон мувофиқ кунонидани муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Ба маънии дигар, «гарчанде, чомеа, накши системаи худтанзимнамоиро ичро намояд ҳам, вале вазифахои он метавонанд мустаҳкам ва ё ноустувор, вайрон ва хатто аз ўхдаи ичрои масъулиятхо набаромада, ба худтаъминкунии чомеа монеа эҷод намоянд. Яъне, рафтори инсон ва иттиходияи ҷамъиятӣ муайянкунандаи мушаххасоти меъёрии арзишӣ ва ташкилкунандаи дараҷаи баланди механизми танзимкунандаи равандҳои ичтимоӣ мебошад»[1]. Инсон ва фаъолиятхои инфироди ва ичтимоии ӯ, ки дар таълимоти мутафаккирони асримиёнагии точик ҷавҳари фалсафаи амалиро ташкил менамоянд, хам муайянкунандаи сохтори ичтимоию сиёсии чомеа ва хам танзимкунандаи муносибатхо дар раванди ташаккул ва тахаввули чомеа мебошанд.

Киематхои фалсафаи амалӣ - «сиёсати баданӣ» (ахлоқ), «сиёсати манзилӣ» (оила) ва «сиёсати маданӣ» (идоракунии чомеа), ки дар афкори мутафаккирони асримиёнагӣ тариқи системавӣ мавриди тахлил карор мегиранд, хамагӣ ба таъмини низоми ичтимоӣ равона шудаанд. Дараҷаи камолоти ахлоқию маънавии инсон ба раванди рафтор ва фаъолиятхои ичтимоии ӯ таъсир расонида, боиси бунёди ниходхои дигари ҷамъиятӣ ва такомули сохтори чомеа мегарданд. Ҳамин аст, ки дар сохтори ичтимоии чомеа накши халкунандаро инсони тарбиятдида мебозад. Ин гуна инсон имкони ташкил ва идора намудани хама гуна ниходхои ичтимоиро дорад. Ба ин маънӣ, тафовути инсон аз мавҷудоти дигар дар бунёди чомеаест, ки на дар асоси хусусиятхои инстинктӣ, балки бо ақлу хирад ва андеша созмон ёфтааст. Инсон бо макъсади бехтар гардонидани шароити зиндагӣ ва конеъ намудани талаботхои маънавию мои-

[1] Кахаров Г.Г. Социальная стратификация таджикистанского общества. Душанбе: «Ирфон», 2011. – С.21.

шии худ ба табиат муносибати бошуурона намуда, дар асоси омӯзиши хусусият ва қонуниятҳои табиӣ фарҳанг меофарад. Раванди фарҳангофарии инсон қадами устувор дар роҳи бунёди ҷомеа ва ба низом даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Ба маънии дигар, инсон маҳсули ҷомеа ва ҷомеа хосили андешаи инсон аст, ки дар алоқамандӣ ва таъсири мутақобила ташаккул меёбанд. Тибқи назари Арасту, «инсони берун аз ҷомеа ё худо аст ё хайвон»[1]. Яъне, инсон созанда, низомдиҳанда ва дигаргункунандаи сохтори иҷтимоиву сиёсии ҷомеа буда, вобаста ба талаботҳои иҷтимоии худ система ва конструксияи ҷамъиятро месозад ва ё тағйир медиҳад.

Мусаллам аст, ки дар илмҳои ҷомеашиносӣ мафҳуми «сохти иҷтимоӣ ва сиёсӣ» ё «сохтори иҷтимоӣ»-и ҷомеа ҳам дар нисбати гурӯҳҳои хурд ва ҳам институтҳои иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин мафҳум ифодакунандаи тартиби баркароршавии муносибатҳои маҷмуии инсонҳо ва робитаи мутақобилаи миёни аъзоёни ҷамъият мебошад. Ба маънии дигар, сохти иҷтимоиву сиёсӣ бағнари низомҳои ҷамъиятӣ буда, ба идоракунӣ ва тағзимнамоӣ эҳтиёҷ дорад. Маҳз раванди идоракунӣ, ки дар асоси манфиатҳои кишрҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад, тафриқаи сохтории ҷомеаро ба вуҷуд меорад. Ба андешаи мухаққиқи эроний О.Муҳаммад «умур ва палидаҳои иҷтимоӣ посухгӯйи низомҳои ҷомеа, давом ва қивоми сохтмонҳои иҷтимоӣ амри оддӣ аст, аммо, ҳангоме, ки омурс натавонад ин ниёзҳоро мутафеъ намояд ва аз коромадӣ ва асарбахшӣ боз истад, бунёд ё сохт фурупошӣ мегардад»[2].

Ҷиҳати нигоҳдоштӣ «қивоми сохтмонҳои иҷтимоӣ». Қутбиддин Шерозӣ пайкни сарвари сиёсиро дар ҷомеа муҳим шумурда, таъкид менамояд: «Бидон, ки нисбати раис бо раъият ҳамчунон аст, ки нисбати сар бо бадан. Ва гуфтаанд, ки иштиқоқи раис аз раъс (сар) аст, то чунон ки сар ба воситаи ҳавоси панҷгона, ки маъдани эшон димоғ аст, ҳифзу хиросати бадан мекунад ва он чӣ сарро ба кор бояд аз бадан, ки қуввае ҳайвонӣ табиянд, ки маъдани эшон дил ва ҷигар аст, ба ӯ мефиристад. Ҳамчунон, раис, бояд, ки ҳифзу хиросати раъият кунад ва манофеи худро ба эшон расонад ва раъоё гаҳаммули авомир ва навоҳии ӯ кунанд ва он чӣ дар боисти ӯ бошад ба ӯ мерасонад ва ҳар подшоҳ, ки чунин накунад, раёсати ӯ маҷозӣ бошад ва ӯро аз саёдат ҷуз ном набошад»[1]. Тибқи таълимоти мутафаккир, низоми ҷомеа аз иҷрои масъулиятҳои ҳар нафар аъзо ва намояндаи сохторҳон он вобаста мебошад. Агар сарвари ҷомеа вазифаи роҳбарии худро чун сари инсон дар бадан мувофиқи табъ ва имкониятҳои ҷомеа иҷро намояд, низом ва қивоми ҷамъият таъмин мегардад. Дар сурати акс, ҳолатҳои хаотикӣ ба вуқуъ пайваста, низому сохтори ҷомеа халал меёбад.

Қутбиддин Шерозӣ сохти иҷтимоии ҷомеаро ҳам дар шакли таркиби иҷтимоӣ (ҳолӣ) ва ҳам сохтори институтсионалӣ мавриди баррасӣ қарор дода, мардум (раъият)-ро асоси мавҷудияти ҷомеа ва ташкилкунандаи институтҳои иҷтимоӣ медонад. Тибқи назари мутафаккир «Раъоё асли мулканд, аз барои он, ки го раъоё набошанд подшоҳиву мулк набошад. Ва чандон ки раъоё беш бувад, мулк ва подшоҳӣ беш бувад. Пас, раъоё асли мулку подшоҳӣ бошанд ва чун аслро нигоҳ доранд, фуруъ бимонад»[2]. Маҳз ҳамин таркиб, фарогирандаи маҷмуи умумиятҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоиест, ки ҷомеаро ташкил менамояд. Албатта, ҷомеаҳо сохтор ва низоми ягона надошта, балки гуногунранг ҳастанд. Ин тафовут аз ҷиҳати фарогирии ниҳодҳо, созмонҳо, эътиқодот, чараёнҳо, рафтори одамон, робитаҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо фарҳангу маънавиёт муайян гашта,

---

[1] Аристотель. Сочинения. В 4-х т. – М.: Мысль, Т.4. 1983. -С.356.
[2] Орастаҳӯ Муҳаммад. Бо ваклҳ ва низариш ба фарҳанги истилоҳоти илмиҳтимоӣ. Техрон, 1381. – С. 283.

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дурраг-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амали ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумон. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳанги Техрон, 1396. -С 189
[2] Ҳамон ҷо: -С.163.

барҳе ҷомеаҳо мустаҳкам ва қисмати дигар ноустувор мебошанд, вале дар ҳама намуди ҷомеаҳо нақши мардум (раъёт) сарфи назар намегардад. Танҳо муносибати масъулон дар самти таъминот ва хостаҳои иҷтимоӣ метавонад мардумро ҳидоят ба созандагӣ ва ҷомеаро устувор гардонад. Яъне, «таъмини имкониятҳои баробар барои аъзои ҷомеа дар самти истифодаи дастовардҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ омили муҳими тақаккул ва тараққӣ ёфтани сохтори иҷтимоии замонавии ҷомеа ҳоҳад гардид»[1].

Қутбиддин Шерозӣ масъулиятшиносии ҳар як фарди ҷомеаро муҳим шуморида, таъкид менамояд: «Ҳар яке аз аҳли мадина масъуланд аз раъияти худ»[2]. Аммо масъул гардонидани аҳли ҷомеа (тақсими дурусти меҳнат), масъалаи муҳимтарест, ки низоми сохтори ҷамъиятро ташкил ва танзим менамояд: «Подшоҳро воҷибу лозим аст, ки бидонад мартабаи ҳар якро аз укул ва кифоят ва дараҷаи ҳар як дар маҳорат дар анвои фунун, то ҳар якро аз ҳавоси раъёт ба мухиме гуморад, ки шоистаи он кор бошад, то шароити оиро ба иқомат тавонад расонидан. Масалан, агар касеро раъе соаб ва фикре бошад ва дар тавомизи умур хузз (кобилияти андешидан) тавонад кардан ва дар тадбири умур маҳорат дошта бошад, ӯро ба мубориза фиристодан вачҳе надорад. Ва, агар, марде шуҷоъ ва миқдом бувад, аммо дар асобати раъй ва тадбири мамлакат заиф бошад, ӯро ба тадбири мулк ва мушоварат дар умур фурӯ доштан ҳам аз маслиҳат дур бошад»[3].

Пӯшида нест, ки зарфияти донишу маърифат, маҳорату кобилияти аъзои ҷомеа ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳо, инчунин идеологияе, ки қобилияти муттаҳид карда-

[1] Шоисматуллоев Ш. Сохтори иҷтимоӣ ҳамчун омили устувории ҷомеа ва таҳлили вазъияти миллӣ// Равандҳо вазъият ва назарияи он. Душанбе, 2013. – С.42-43.
[2] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумой. Чопи панҷум. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.129
[3] Ҳамон ҷо. - С. 166.

ни гурӯҳҳои ҷамъиятиро дорад, аз масоили методологӣ ба ҳисоб мераванд. Тибқи назари донишмандон «муайян намудани гурӯҳи иҷтимоӣ ё синфе, ки қобилияти намояндагии манфиатҳои гурӯҳҳои дигарро дошта бошад ва аз ҷиҳате тамоми организми ҷамъиятиро муттаҳид карда тавонад, муҳим мебошад»[1]. Ба ҳамин маъно, Қутбиддин Шерозӣ масъалаи раёсатро баррасӣ карда, сарвари сиёсиро ба сар, ки тамоми баданро идора менамояд, ташбеҳ дода, зикр мекунад: «Нисбати раис бо раъият ҳамчунон аст, ки нисбати сар бо бадан… Ҳамчунон, раис, бояд, ки ҳифзу хиросати раъият кунад ва манофеи худро ба эшон расонад ва раъёт таҳаммули авомир ва навоҳии ӯ кунанд ва он чӣ дар бойсти ӯ бошад ба ӯ мерасонанд»[2].

Дар мавриди дигар, Қутбиддин Шерозӣ сарвар (подшоҳ)-ро ба дили инсон нисбат дода, суботи иҷтимоиро аз фаъолияти муназзами он вобаста медонад. Ӯ дар ин самт таъкид мекунад: «Подшоҳ ба нисбат бо ҷасади олам чун дил аст бо ҷасади инсон. Аз барои он, ки чунонки ҳар гоҳ, ки дил ба салоҳ бошад, ҷасади инсон ба салоҳ бошад ва илло, агар, ӯро фасоде торӣ (ба ногоҳ) шавад, он фасод ба ҷумлаи ҷасад сироят кунад»[3].

Ёдрас бояд шуд, ки барои ҷомеаи асримиёнагӣ ниҳоди асосии мутаҳидкунандаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ сарвари сиёсӣ (подшоҳ) буд, ки сиёсати одилонаи ӯ метавонист низоми сохтори ҷомеаро таъмин намояд. Ҳамин муҳимият барои ҷомеаи муосир низ дорои арзиши баланди амалӣ мебошад. Яъне, сиёсати одилона ва огоҳӣ аз тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин ба инобат гирифтани манфиати кишрҳои мухталифи ҷомеа аз ҷониби сарварон омили

[1] Шоисматуллоев Ш. Сохтори иҷтимоӣ ҳамчун омили устувории ҷомеа ва таҳлили вазъияти миллӣ// Равандҳо вазъият ва назарияи он. Душанбе, 2013. – С.43.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумой. Чопи панҷум. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.189
[3] Ҳамон ҷо: - С. 161.

мухимтарини муттаҳидкунанда ва ташаккулдиҳандаи ҷамъият мегардад.

Ҳамин тариқ, Қутбиддин Шерозӣ, дар баробари таҳлили таркиби иҷтимоии ҷомеа (аҳолӣ) ба баррасии сохтори институтсионалии ҷомеа низ даҳл намуда, институтҳои муҳимтарини ҷамъиятро аз оила ва сиёсат иборат медонад. Тибқи андешаи мутафаккир масоили асосии ҷомеаро ду ниҳод ҳалли фасл менамоянд: «Он чи рочеъ бувад ба ҷамоате ба мушорикат ду қием шавад: яке ончи рочеъ бувад бо ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар манзил ва хона (оила); дуввум, ончи рочеъ бувад ба ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр ва вилоят, иқлим ва мамлакат (сиёсат)»[1]. Ниҳодҳои дигари иҷтимоиро Қутбиддин Шерозӣ махсуси ҳамин ду институт медонад, вале нақши оиларо дар бунёди ҷомеа ва танзими он муҳимтар шуморида, таъкид менамояд: «Хонавода намоди бунёди мадина ва раёсату сиёсат аст, ки тавлиду такомули насли башар дар ӯст»[2].

Воқеан, институти оила дар доираи вазифаҳои иҷтимоии худ, яъне тавлид, тарбия, иқтисод, идоракунӣ ва иҷтимоикунонӣ, дар ташаккули бунизоми ҷомеаи инсонӣ саҳми назаррас дошта, «ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ ва асоси пайдоиши ҷомеа, тарҳаҳои муносибати инсонҳоро дар шакли муносибати волидону фарзандон, зану шавҳар, хешу табор ва оилаву гурӯҳҳои дигар коркард намудааст»[3].

Сохтори оила, ки дар фаслҳои каблӣ онро мавриди таҳлил қарор додем, таҷассумкунандаи сохтори иҷтимоиест, ки миёни қишрҳои аҳолӣ ва намояндагони касбу кори гуногуни муайян карда мешавад. Аз масъалаи сарварӣ сар карда, то чойнишинӣ, иҷрои корҳо аз тарафи ҳар як аъзои оила, нақшу пироки фаъоли волидон дар тарбия ва ба камол расони-

[1] Ҳамон ҷо: -С.160.
[2] Ҳамон ҷо: - С. 134.
[3] Назархудоева Л.Т. Таджикистанская семья в условиях трансформации общества. Душанбе, 2020. –С.19.

дани фарзанд, баҳақнагирии иқтисодӣ ва г. масоиле ҳастанд, ки ҳамаги дар идораи ҷомеа ва сохторҳои дигари ҷамъиятӣ такрор меёбанд.

Қутбиддин Шерозӣ сохти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаро дар ҳамбастагӣ ва алоқамандии якдигарӣ таҳқиқ намуда, мавқеи ҳар як узв ва ё ниҳоди ҷамъиятро дар риояи қонунҳои ҷамъиятӣ ва иҷрои масъулиятҳои муайяннамудида муҳим меҳисобад. Тибқи таълимоти мутафаккир, сохти сиёсии ҷомеа аз малик (подшоҳ), вазорат, раёсат, хилофат ва нувобат (намояндагон), раъият (шаҳрвандон) ва бандагон (ғуломон) иборат аст. Сипас, ҳар кадоме аз ин сохторро таҳлил намуда, мутафаккир маъниву моҳияти онҳоро шарҳ ва мавқеи сиёсиву ҷамъиятии онҳоро бо истифода аз ақлу мантиқ муайян менамояд. Дар мавриди сарвари сиёсӣ (подшоҳ) бошад, ӯ менависад: «Омир ва ҳоким чун мавҷуде аст қодир ва мутасарраф (дорандa) ва мустақил бар нафси худ. Мартабаи инҳо азим ва манзилате фозил доранд»[1]. Ҳамчунин: «Бидон, ки малик қудрати тамом бувад. Малик ба ҳақиқат он бувад, ки мулке дошта бошад, ки қалилу (зиёд) касири (кам) он дар тасарруф оварда бошад ва аз ҷумлаи аҳволи мулк бохабар бошад. Аҳволи вузаро ва умаро ва навоб ва умоли тамоми мулки худ ӯро маълум бошад ва ҳеҷ ваҷҳ аз вуҷуҳ аз ҳоли раъёё ғофил набошад, балки мустаҳзари аҳволи ҷумла аҳли мамлакат ӯ бошад»[2].

Масъалаи сарвари сиёсӣ (подшоҳӣ) дар таърихи афкори фалсафию сиёсиро «ба қиём ва амале, ба хотири анҷоми корҳои шаҳрвандон, пешбурди масолеҳи онҳо ва пешгирӣ аз фасод»[3] маънидод кардаанд, ки имрӯз низ

[1] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амвол ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон. 1396. -С.158.
[2] Ҳамон ҷо: - С. 190.
[3] Фалсафаи сиёсӣ. Ҷалоҳ Дали Мик Колум. Тарҷумаи Бехруз Чандики. Теҳрон. 1383. – С. 69

муҳимияти ҳудро нигоҳ доштааст. Қасам ёд кардани сарварони давлатҳо, пас аз голибият дар интихобот ва ё таъйин гардидан ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ки «масъулияти имрӯзу ояндаи ниҳоди зери роҳбарияшро ба ӯҳда гирифта, бо даст ва нияти пок хизмати халқу ватанро ба ҷой меорад», идомаи мантиқии таълимоти мутафаккирони пешин, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ мебошад, ки қайд намудааст: «подшоҳ ба ҳеҷ ваҷҳ аз ҳоли раъёҳ ғофил набошад, балки мустаҳзари аҳволи ҷумла аҳли мамлакат ӯст»[1].

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ сохти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа дар шакли муносибати сарвари сиёсӣ бо мардум (подшоҳ бо раъият), ӯҳдадориҳои сарвар, тақсимоти дурусти меҳнат, ҳуқуқ ва масъулиятҳои мардум, дар шакли институти роҳбарӣ ва институти итоаткорӣ таҳлил карда мешаванд. Дар зери мафҳуми «улуламр», ки «мурод аз он подшоҳ аст»[2] ва мафҳуми «атиъу» (итоат кардан) сохтори сиёсии ҷомеаро баррасӣ намуда, мутафаккир таъкид мекунад, ки «Итоат ба ҳукми улуламр воҷиб аст, то қивоми иҷтимоъ ҳосил гардад»[3]. Аммо, мақсади мутафаккир, аз итоат бар амру фармони сарвари хирадманду ботабир, ки мақсади ӯ «ҳифзу ҳиросати халқ бошад», иборат аст.

Қутбиддин Шерозӣ ибораи «шоҳ боргузидаи Худо», «сояи Худо дар замин», «аз насли подшоҳ будан»-ро шарҳ дода, сарвари сиёсиро аз миёни халқ ва баробар бо онҳо меҳисобад. Тибқи андешаи мутафаккир: «Бояд донист, ки подшоҳ бо ҷумлаи халқ дар инсоният баробар аст. Ва ӯро дар аҳвол собиқаи иболат ва бандагис аз Худо набуда»[4]. Тафовути подшоҳ (сарвари сиёсӣ) аз раъият (мардуми омма)

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. - С. 190.
[2] Ҳамон ҷо: - С.157.
[3] Ҳамон ҷо: - С.157.
[4] Ҳамон ҷо: - С. 160.

дар доштани дониш, фаҳмиш, қудрати шиносоии инсонҳо, таҳаммулпазирӣ, риояи адолат, таксими дурусти меҳнат бо дарназардошти маҳорат ва малакаи инсонҳо, эҳтиром ба мукаддасоти фарҳангӣ, бахшандагӣ, саховатмандӣ ва монанди инҳо мебошад. Мутафаккир сифатҳои зикршударо дар институти роҳбарӣ ҳатмӣ шуморида, таъкид менамояд: «Подшоҳон ва уламоянд, ки аҳли илм ва аҳли қаламанд, зеро ки подшоҳ ба ҳукми сайфу (шамшер) сиёсат бувад ва амри олим ба ҳукми қаламу фатво ва ин ҳарду ба яқдигар бозбастаанд. Аз он рӯй, ки то фатвои аҳли илм набошад, подшоҳ сиёсат натавонад кард ва то сиёсати подшоҳ набошад, фатвои аҳли илм ба нуфоз нарасад. Ва чун ин ҳарду ба яқдигар мутааллиқанд, балки ба он мемонад, ки ҳар ду як чиз аст»[1]. Ҳамчунин, «адли султон фозилтар аст аз ибодат; подшоҳ дар иҷтиноб ва таҳарруз аз маъосӣ намудан авло аст аз дигарон: подшоҳ ба нисбат бо ҷасади олам чун дил аст бо ҷасади инсон, ҳифз ва риояти раъёҳ бар подшоҳ воҷиб аст; инсоф шарти подшоҳист; подшоҳро воҷиб ва лозим аст, ки бидонад мартабаи ҳар касро аз ақл ва кифоят ва дараҷаи ҳар як дар маҳорат дар анвои фунун; сиёсат ва фоидаи он ва кайфияту камияти онро донад; подшоҳро ҷуду сахо ва мурруввату карам ва ахлоқи азим дархӯр аст»[2]-ро, аз муҳимтарин хусусиятҳои институти роҳбарӣ медонад.

Аз таълимоти Қутбиддин Шерозӣ бармеояд, ки ӯ ҷонибдори чунин ҷомеаест, ки дорои сохтори сиёсии хирадмеҳвар, адолатмеҳвар ва инсонмеҳвар бошад. Дорои доништи баланд (аҳли уламо) будан, моҳияти сиёсатро донистан (сиёсат ва фоидаи он ва кайфияту камияти онро донад), адолатро афзал аз ибодат (адли султон фозилтар аст аз ибодат) шиносӣ, мартабаи ҳар фардро дарк кардану вобаста ба қобилияту истеъдодашон масъул гардонидан, инчунин, инсофро шарти асосии сарварӣ донистани мутафаккир, ки боти андешаи боло мебошад. Вобаста ба ин, хулоса кардан

[1] Ҳамон ҷо: -С.158
[2] Ҳамон ҷо: - С. 157-175.

мумкин аст, ки сохтори сиёсии пешниходнамудаи мутафаккир дорои хусусияти ратсионалӣ ва пешқалам барои ҷомеаи асримиёнагӣ буда, арзиши худро то имрӯз нигоҳ доштааст. Агар дар низоми рохбарии ҷомеаи муосир шартҳои муайянкардаи Қутбиддин Шерозӣ мавриди амал қарор гиранд, сиёсати устувор ва давлату ҷомеа роҳи тараққиёти боинзом пайдо хоҳанд кард. Ба маънии дигар, институти рохбарӣ мухимтарин самтест, ки соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятиро ба танзим дароварда, имконот ва шароити рушди онҳоро таъмин месозад.

Қутбиддин Шерозӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои мартабаи саидии подшоҳӣ кӯшиш кардааст, ки маънии мафҳумҳои раёсат, вазорат, аморат, хилофат, мулк, ахлоқи мулук бо бандагон ва ғайраҳоро шарҳу баҳо дода, вазифаҳои онҳоро муайян созад. Масалан, дар баёни мафҳуми раёсат ӯ меорад, ки «нисбати раис бо раият ҳамчунон аст, ки нисбати сар бо бадан. Ва гуфтаанд, ки иштикоқи раис аз раъс сар аст то чунон, сар ба воситаи ҳавоси панҷгона, ки маъдани эшон димоғ аст ҳифз ва ҳиросати бадан мекунад. Ва он чи сарро ба кор бояд аз бадан, ки қувои ҳайвонӣ ва табииянд, ки маъдани эшон дилу ҷигар аст ба ӯ мефиристад. Ҳамчунон раис бояд, ки ҳифзу ҳиросати раият кунад ва мафеи худро ба эшон расонад. Ва раоё таҳаммули авомир ва навохии ӯ кунад ва он чи дар боисти ӯ бошад ба ӯ мерасонад ва ҳар подшоҳ, ки чунин накунад раёсати ӯ мачозӣ бошад ва ӯро аз саёдат ҷуз ном набошад".[1]

Чи тавре мебинем, дар ин таърифи худ Қутбиддин Шерозӣ кӯшидааст маънии мафҳуми раёсатро кушода, зарурати мавҷудият ва нақши раёсатро мавриди таҳлил ва баррасии кутоҳ қарор диҳад. Ӯ раёсатро ҳамчун «сар» муаррифӣ карда, робитаи онро бо панҷ ҳисси зохирии инсон нишон медиҳад. Инҳо ҳиссҳои панҷгонаанд, ки робитаи амалии инсонро ба ашёи ҳиссиявӣ таъмин менамоянд.

[1] Ҳамон ҷо: - С.189

Қутбиддин Шерозӣ робитаи мутақобилаи қувваҳои ҳискунандаи инсонро бо қувваҳои ҳайвонӣ ва табиӣ нишон дода, дилу ҷигари инсонро маъдани онҳо медонад. Ба ҳавли мутафаккир, раёсат ба миёни узвҳои дохилии инсон амал карда, боиси зинда мондани инсон ва фаъолияти ӯ дар доираи сохтори низоми дохилиаш мебошад. Ҳадаф аз ин монанди кардани раёсат ба ботини инсон ва узвҳои дохилии вай аз он иборат аст, ки ҷомеа ва институтҳои он, инчунин вазифаҳои онҳоро дар пешбурд ва зинда мондани ҷомеа бақё созад. Вазифаи раёсат аз он иборат аст, ки аъзоёни ҷомеаро ҳифз карда, амнияти онҳоро таъмин созад.

Дар доираи институти роҳбарӣ, Қутбиддин Шерозӣ масъалаи вазир ва масъулияту удаҳдориҳои ин ниҳодро ҳамчун шахси маъул дар раванди идоракунии давлат баён мудаast. Тибқи назари мутафаккир, «вазир касе бошад, ки хосили ранҷи раият бувад ва мутасадии дафъи ҳавоиҷи (хоҷатҳо) халқ бошад. Ва он чи ба ӯ расонанд пос боз дорад. Маънии вазир ҳомил (бардоранда) аст. Пас, вазир ба ҳақиқат он бошад, ки ранҷ аз раият бардорад, на он ки ранҷи ҳудӣ бар раият нихад. Ҳамин аст, ки дар замони қадим вазирро Амид гуфтандӣ. Амид он бувад, ки яъмаду илайхи фи рафъи ҳавоиҷ. (Этимод ба ӯ мешанад дар рафъи ҳоҷатҳо) Пас, ҳар кас, ки аҳли он набошад, ки мақсади раият бувад дар қазои ҳавоиҷи эшон ӯ на вазир бошад на амид».[1]

Мафҳуми истифоданамудаи мутафаккир дар нисбати масъулият ва мазмуну моҳияти "вазир", ин хизматгор ва ҳоҷатбарори мардум буда, бояд пайваста кӯшиш намояд, то ҳамроҳи мардум бошад ва ранҷу мушкилиҳоро илоҷ намояд. Масъулияти вазир дар назди ҷомеа, алалхусус самти мушаххаси ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ӯ ба зима дорад, хеле баланд мебошад. Аз ин лиҳоз, Қутбиддин Шерозӣ таъкид менамояд, ки вазир бояд дорои қобилияти баланди идоракунӣ ва маҳорати ҳалли мушкилоти ҷомеаро дошта

[1] Ҳамон ҷо: - С.189.

бошад. Дар сурати камхирадию доштани малакаи заифи роҳбарӣ вазир "амид" (ҳоҷатбарор) бошад, на онки "ранчи худ ба раият нихад".

Дараҷаи дигар дар институти роҳбарӣ, тибқи таълимоти Қутбиддин Шерозӣ "аморат" ва масъулияти "амирӣ" мебошад. Мутафаккир зарурати мавҷудияти ин ниҳодро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятию давлатӣ таъкид намуда, менависад: «Амир он бувад, ки кори халк ба ӯ боз гузошта бошанд, зеро ки ишткоки (чизеро аз чизе гирифтан) амир гуфтаанд, ки аз амр аст ва амр кор бошад. Пас, амир касе бувад, ки кори раият ба ӯ муфавваз (вазифадор) бувад ва чун чунин бувад бояд, ки риояти раият вочиб донад. Ва корҳо вакилии (ваколати) подшоҳ бувад ва раоё чун мамолики подшоҳ ва вакилро нашояд, ки дар ваколат майл ва ҳайф кунад ва ҷониби мувакалро фурӯ гузорад. Чунки он мучиби инъизоли (дур шудан) ӯ бувад. Пас, ҳар кас, ки ин маънӣ дар ӯ ҳосил набошад, ӯ амир набошад, чунки маънии аморат аз ӯ дур бошад».[1]

Маврид ба таъкид аст, ки дар низоми идоракунии муосир "амир" ҳамчун зинаи сеюми роҳбарӣ (пас аз подшоҳ ва вазир) мавриди истифода қарор намегирад. Ҳамчунин, дар таърихи таълимотҳои сиёсию ҳуқуқӣ мафҳуми "амир" ба маънии подшоҳ (амрдиҳанда) истифода гардидааст. Аммо, Қутбиддин Шерозӣ мафҳуми "амир"-ро баргирифта аз "амри подшоҳ" ва дар амал татбиққунандаи он донистааст. Андешаи мутафаккир аз як ҷопиб ҳобили назирӣ аст, зеро амри подшоҳ ва ё роҳбари давлат тавассути шахсиятҳои муайян ба масъул дастрас ва иҷрои онҳо назорат карда мешаванд. Агар, мафҳуми "амир" ба ҳамин маънӣ (расонанда ва назоратқунандаи амр) фаҳмида шавад, мувофиқ аст. Вале, аз ҷониби дигар, дар низоми идоракунии муосир сохторҳои мушаххаси амалишкунанда ва танзимкунандаву назоратку-

[1] Ҳамон ҷо: – С. 189-190.

нандаи иҷрои амру фармонҳои роҳбари давлат вуҷуд дорад ва ҳоҷат ба истифодаи мафҳуми дигар нест.

Қутбиддин Шерозӣ дар доираи институти идоракунӣ масъулияти ҷойнишинӣ (хилофат)-ро муҳим арзёбӣ намуда, ниҳоди мазкурро чихати иҷрои муназзами масъулиятҳо зарурӣ меҳисобад. Мутафаккир дар ин маврид қайд менамояд, ки «вазиру амирро лозим аст, ки халифаи худ бигзорад ё дигарон ӯро ба ҷойи ӯ бигзоранд то дар он кори ки ба салади он аст ноиби ӯ бошад ва ба нафъи мардум хидмат намояд».[1]

Дар сохтори сиёсӣ ва низоми идоракунии муосир институти ҷойнишинӣ мақоми муайян дошта, хам дар сохтори вазорату идораҳо ва ҳам дар раёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ аз ниҳодхои масъул лоиҳа мешавад. Иҷрои масъулияте, ки мавҷуан ба роҳбари сохтори давлатӣ марбут аст, тавассути институти ҷойнишинӣ мавриди амал қарор мегирад. Аз ҳамин лиҳоз, назари мутафаккир дар мавриди муҳимияти институти ҷойнишинӣ ҳанӯз ҳам арзиши худро нигоҳ доштааст.

Маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ дар доираи институти роҳбарӣ, ки он тариқи сохторҳои подшоҳӣ, вазират, аморат, хилофат (ҷойнишинӣ) мавриди амал баровардa мешавад, масъалаи идораи одилонаи давлату ҷомеаро баррасӣ намуда, масъулияти ниҳодҳои зикршударо ба таври мушаххас нишон медиҳад. Ҳамзамон, мутафаккир зарурати мавҷудияти иҷтимоӣ ва иқтисодиву идеологии ниҳодхои зикршударо муайян сохта, нақши хар кадоми онхоро дар доираи давлатдории даврони худ баён сохта, вазифаҳои махсуси онҳоро барои таъмини амнияти ҷомеа ва ҳифзи мардум баён кардааст.

Институти дигари иҷтимоӣ, ки дар сохтори сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи асримиёнагӣ таъсири назаррас дошт, дин мебошад. Қаблан ёдовар шудем, ки Қутбиддин Шерозӣ дар

[1] Ҳамон ҷо: – С. 190.

таснифоти илм динро ба илмхои фалсафй (хикамй) дохил намекунад, вале аз сахми он дар чамъият ва низоми давлатдорй низ ичтиноб накардааст. Сабаби аслии ин муносибатро тарики ду асос метавон муайян намуд: 1) мухити фархангии динмехвари асримиёнагй, ки мутафаккир дар он зиндагй ва фаъолияти эчодй намудааст; 2) динро мутафаккир хамоханг бо ахлок, чихати ганзими муносибатхои ичтимой ва сифатхои рохбарй (адл, инсоф, авф, саховат, инсондўстй ва г.), итоаткорй (уитьу) ва ичрои масъулиятхои ба зиммадошта истифода менамояд.

Кутбиддин Шерозй дар мавриди ипгироки дин дар умури давлатдорй бар он назар аст, ки «чамъ миёни мулк ва дин мумкин аст, ки мубтанй бар суботи давлату мулк бошад»[1]. Яъне, аз таълимоти дин истифода намудан имконият дорад, агар он андеша мохиятан ба суботу амният ва ахлоки чомеа тааллук дошта бошад. Аз ин чост, ки мутафаккир аз оятхои куръонй ва хадисхое ёдрас мешавад, ки хусусияти тарбиявию ахлокй дошта, ба манфиати халку давлат равона шудаанд ва сиёсати одилонаи хокимону хукуматдоронро баён менамоянд. Аз чумла, «Рўзе, ки султони одил дар адл бигзаронад, бехтар аст аз ибодати шатсола»[2].

Ёдрас шудан ба мавриде аст, ки масъалаи вобастагии дину давлат дар фарханги инсонй таърихи тўлонй дошта, хамохангии миёни онхо ба назар мерасад. Ин хамохангй дар баъзе аз динхо ва давлатхо боиси афзоиши фархангу маънавиёт ва рушди давлату миллат ва дар кисмате боиси хусусияти консервативй касб намудани низоми ичтимоии давлат гардидааст. Хамчунин, сиёсикупонии динхо ба заъфи арзишхои фархангии миллатхо таъсир расонида ва низоми идории онхоро

[1] Кутбиддин Шерозй. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амалй ва сайру сулук. Бо кўшиши ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмй ва фарханги. Техрон, 1396. - С. 187.
[2] Хамон чо: 1396. - С. 159.

халалдор карда, манфиати гурўххои муайянро пайгирй менамояд. Аммо динхое низ арзи хастй кардаанд, ки дар таквияти сиёсати давлатй ва тарбияи ахлокии мардум сахми назаррас гузоштаанд. Мухаккики точик Комил Бекзода бар он назар аст, ки дини зардуштй барои мардуми точиктабор ва ташаккули давлатдории онхо накши намоён дошт, вале «сабаби бар арабхо галаба накардани ин мардумон дур шудан аз дини худ буд»[1].

Намояндагони мактаби калом, аз чумла Мухаммад Газзолй дину давлатро бародарони хамзод - «ад-дину вал мулку тавъамон»[2] (яъне дину давлат ду бародари хамзоданд) донista, динро асли давлатдорй ва давлатро нигахбон ва мухофизи дин медонанд. Аммо, сохтори сиёсй ва низоми давлатдорие, ки Газзолй эътироф ва мавриди баррасй карор дода буд, низоми чомеаи исломй ва динмехварй буд. Ба назари мухаккикон, ки мо низ бар он мувофик хастем, «андешахои ичтимой ва сиёсии Газзолй аз рўйи ченакхои лаврони мо ба андозае махдуд буда, дар чавкоти замонавй сурат гирифтаанд ва чуноне ки таърихи хилофати Аббосиён ва салтанати Салчукиён шаходат медиханд, акоиди ў, вокеан хам мутобики хамон давра буда, инъикоси таърихии онро дар худ тачассум намудаанд»[3].

Дар нисбати таълимоти Газзолй андешахои Кутбиддин Шерозй дар мавриди муносибати дину давлат ва сиёсату шариат нисбатдамтар мебошад. Бахусус, шиносхти мохият ва мазмуни сиёсат, ки «сиёсат, ислохи халк ва иршоди эшон ба рохест, ки мунчй (начотдиханда) бошад дар дунё, ичрои умури хукумат ва кордан он, хифзу хиросати халк, ончи рочеъ бувад ба чамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шахр ва вилоят, иклим ва мамлакат, насаб кардани вазиру нонб, танзимкунандан одоби сарвар, таъминкунандаи

[1] Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрй аз даврони Чомиюд то замони Фирдавсй. Душанбе, 2012. - С.63-64
[2] Шамолов А.А. Хуччатулислом Газолй: Андешахои ичтимой ва сиёсй. Душанбе, Дониш , 1996. – С.219
[3] Хамон чо: 1396. - С. 307.

адли иҷтимоӣ»[1], аз қолаби таълимоти динмеҳварии асримиёнагӣ берун ва дорои хусусияти рационалӣ мебошад.

Қутбиддин Шерозӣ дар сохтори институтсионалии ҷомеа нақши институти иқтисодро низ муҳим меҳисобад. Тибқи таълимоти ӯ, муносибатҳои иқтисодӣ миёни ниҳодҳои иҷтимоӣ (роҳбар ва раъият) чавҳари аслии мақудияти ҷомеа ва давлатро ташкил намуда, ҳавасмандӣ ва содиқиятро мустаҳкам менамояд. Мутафаккир дар ин маврид зикр менамояд: "Аксар мунозиате (хусумат), ки вокеъ мешавад миёни раъият дар молиёт, қисмат мунтаҳ ракот бошад. Аммо бар оқил он аст, ки бо эшон мусомиҳат (ба нарми рафтор кардан) кунад ва ба сабаби моле аз амвол эшонро ба он ҷо нарасонад, ки мучиби мукотиа ва нафрати эшон бошад. Чӣ гуна бошад, ки қавми аҳли худро душмани худ гардонад"[2].

Вақте, муносибатҳои иқтисодӣ дар шакли муносибатҳои молумулкӣ, тарзи ба даст овардани моликият, меҳнат, конеъ намудани талаботи мардум ва монанди инҳо аз даврони пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, дар марҳилаҳои таърихии рушди ҷамъият ба тариқи мухталиф шакл гирифтаанд. Агар ҷомеаро "як навъ маҷмӯи таърихан ташаккулёфтаи одамон, ки бо ҳамдигар тавассути фаъолияти муштаракашон барои расидан ба аҳдофи бароянд, муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ташаккул меёбад"[3], эътироф намоем, пас муносибатҳои иқтисодӣ асоси ҳастии ҷамъият мебошанд. Аз ин ҳиҳоз, ба инобат гирифтани маҳсули иқтисодӣ ва талаботҳои сохторҳои мухталифи иҷтимоӣ шарти асосии таъмини низом ва амнияту тараққиёти ҷомеа мебошад.

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи пахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Тахрон, 1396. -С.160-180.
[2] Ҳамон ҷо; -С.144.
[3] Исҳоқов Ҳ.У. Фалсафаи иҷтимоъ. Душанбе, 2013. – С.159.

Қутбиддин Шерозӣ дар таълимоти сиёсии худ ба сифатҳои саховатмандӣ, ҳиммatбаландӣ ва раҳмдилии роҳбар дар нисбати баҳшидани мол ба зердастони худ таваҷҷуҳ кардааст: "Подшоҳро ҷуду саҳо ва мурувват ва караму ахлоқи азим дархӯр аст. Ва агар ҷамъи мол ҳамгинонро матлуб аст, аммо дар хотир орад, ки подшоҳӣ ва саёдат ҷуз бадин тариқ ҳосил нашавад ва номи нек ба сабаби бухл биравад, то базли мол осон шавад. Ва чун матмаи ҳама кас мол бувад, пас, агар неши подшоҳ оянд ва бе мол боз гарданд, худро аз подшоҳ мустағнӣ бинанд ва мутафариқ (пароканда) шаванд ва подшоҳ бе ҷамъи ҳашму ҳидам бимонад ва мулку подшоҳӣ биравад"[1].

Маълум мегардад, ки тибқи таълимоти мутафаккир, асоси сиёсат ва низоми давлатдориро муносибатҳои иқтисодӣ, ки баъдтар аз ҷониби К.Маркс бо мафҳуми "муносибатҳои истеҳсолӣ"[2] ифода карда шуд, ташкил менамояд. Роҳбари давлат (подшоҳ) ва ё сарвари сиёсиро зарур аст, ки ба хотири таъмини низоми устувори давлату ҳукумат шароитҳои иқтисодии сохторҳои иҷтимоии ҷомеаро бехбуд баҳшида, ҳамеша аз он пуштибонӣ намояд. Таваҷҷуҳ ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа василаи муҳимтарини таъмини амният ва суботи ҷомеа ҳоҳад шуд.

Қутбиддин Шерозӣ дар сохтори институтсионалии ҷомеа ба институти тарбия (таҳсилот) низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ намудааст. Ӯ дар пайравӣ аз мутафаккирони юнонӣ (Афлотун ва Арасту) ва пешгузаштагону ҳамзамононаш ҳуд, низоми ҷамъиятро аз сатҳи тарбия ва дараҷаи маърифатноки аъзоёни он вобаста медонад. Агар Афлотун тарбияро ҷиҳати ба камол расонидани "шаҳрванди идеалӣ" муҳим донista, "Ба онҳое, ки тарбияи дуруст гирифтаанд, яғон

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи пахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Тахрон, 1396. -С.174.
[2] Маркс К., Энгельс Ф. Собрание сочинений. Т.4. М. 1955.

дастурамал додан лозим нест"[1] ва Ибни Сино "Нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон бо он огоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси хули ўст. Ва, агар касе аз ўҳдаи сиёсати некў ва ислоҳи нафси худ барояд, он гох боке бар вай нест, ки ба болотар аз он иқдом карда, ба сиёсати билод бипардозад"[2] гуфта бошанд, Кутбиддин Шерозӣ бар он аст, ки "Бидон, ки низом ва қивоми ичтимоъ аз ашхоси тарбиятдида ва дорои ахлоқи махмуда вобаста аст"[3]. Аз ин бар меояд, ки мутафаккирони зикршуда дар мавриди тарбият ва макому чойгохи он дар раванди ташаккули чомеа ва давлатдорӣ иттифоки назар доранд. Ин гуна андешахо барои чомеаи имрўз низ дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мебошанд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мафҳуми "тарбия" дар асрхои миёна ба маънии институти тахсилот (таълиму тарбия) фахмида мешуд ва раванди ташаккули шахсиятро ифода мекард. Аз ҳамин лихоз, тарбияро воситаи асосии нигохдошти низоми ичтимой ва рушди давлату давлатдорӣ медонистанд. Дар ин росто Кутбиддин Шерозӣ таъкид менамояд, ки "Тарбияти мустахсан он аст, ки шомили илм, одоб ва сиёсат бошад. Ва мутааллик бошад ба дунёву дин ва он чӣ чории мачрои он бошад. Иқдом бар ахлоқи мазмума ва мадхи вафо ва замми (мазаммат) гадр (хиёнат) ва мадхи сахо ва ахлоки чамъият ва замми аздоди (зиди) он. Дарки халолу харом ва мубоҳ ва махзур (парҳез) аз маъсият"[4].

Аз таълимоти Кутбиддин Шерозӣ бар меояд, ки заминаи бунёдии низоми сиёсиву ичтимоии чомеа институти тахсилот буда, низоми амнияти сохтории чомеа ва тахаввулу пешрафти давлат ба он вобастагии ногусастанй дорад. Таъкиди мутафаккир дар нисбати "низом ва қивоми ичтимоъ аз ашхоси тарбиятдида вобаста аст", арзише мебошад, ки то имрўз мухимияти худро нигох доштааст. Мухимияти ин андидаро муҳаккикон чунин арзёбӣ менамоянд: "Амнияти давлат аз нигоҳи стратегӣ бо вазъи низоми маориф муайян карда мешавад. Маориф амниятро дар тамоми сатҳҳо: шахсият, чомеа ва давлат таъмин намуда, дар таҳкими тамоми шаклҳои он (амният) нақши муҳим дорад"[1]. Вокеан, андешаи фавқ комилан дуруст аст, зеро инсони мусаллах бо донишу ва чахонбинии илмӣ муайянкунандаи самтҳои инкишоф ва таъминкунандаи амнияти сиёсиву иқтисодии чомеа мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлили масъала нишон медиҳад, ки Кутбиддин Шерозӣ чомеаро ҳамчун низоми мураккаб, дорои сохтори ичтимой (таркиби ичтимоии чомеа (ахолӣ) ва сохтори институтсионалӣ), инчунин, сохтори сиёсӣ (институти рохбарӣ: подшоҳ, раёсат, вазорат, хилофат) ва институти итоаткорӣ (раъият, ичтимоъ) дониста, хамоҳангӣ ва умумияти онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки моҳиятан ба фахмиши муосири илмҳои чомеашиносӣ мувофикат менамояд. Нисбат додани чамъият ба бадани инсон ва нишон додани вобастагии узвҳои чомеа аз якдигар низ такони чиддие барои рушди илмҳои чомеашиносӣ мебошад, ки дар шакли зерин ифода ёфтааст: "Мадина бар қиёси бадан аст, чун раъсу (сар) садур(сина), батн (шикам) ва заҳр (пушт) ва ричлайн (пойҳо) ва ядайн (дастҳо). Қиёси эшон аз бадан, қиёси мадина аст".[2] Бо итминон метавон гуфт, ки ташаккули назарияи "органикии чомеа"-и Спенсер дар пайравӣ ва таъсирпазирӣ аз таълимоти мутафаккирони аклгаро, аз чумла Кутбиддин Шерозӣ рўйи кор омадааст.

---

[1] Платон. Государство// Пер. А.И. Егунова// Собрание сочинений. Т.3. М.-1994. IV, 414 d-415 b.

[2] Абўалӣ ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ч.4. Душанбе, 2009. – С.24-25.

[3] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиш ва тахкехи Мохлухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарханги. Техрон, 1396. -С.160.

[4] Хамон чо. -С.142

[1] Курбонов А.Ш. Вазъи маориф ва илм дар шароити истиклоли давлатӣ. Душанбе, 2021. – С.88.

[2] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо кушиш ва тахкехи Мохлухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарханги. Техрон, 1396. -С.97

Хулоса, новобаста аз мухити фарҳангии асриминёнагӣ, Қутбиддин Шерозӣ чомеаеро чонибдорӣ менамояд, ки дар асоси ҳамбастагии ҳама қишрҳои чомеа ва риояи ҳуқуқу озодиҳои мардум ва адолатмеҳварӣ бунёд гардида, "ҳифзу ҳиросати халқ" ва таъмини "хайри умум" чавҳари онро ташкил медиҳад. Андешаи муҳаққиқи рус Туманов В.А. дуруст аст, ки гуфтааст: «Аз нигоҳи низоми арзишҳо, ки дар чомеаи асриминёнагӣ ба вучуд омада буд, сиёсат ва ҳуқуқро чавобгӯй ва пойбанди талаботҳои ахлоқӣ гардонида будаанд»[1]. Маҳз, ҳамин принсип дар дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ риоя гардида, ӯ низоми сохтори чомеаро вобаста аз сиёсате медонад, ки дар асоси принсипҳои ахлоқӣ таҳия гардида бошад. Таксимоти дурусти меҳнат ва масъул гардонидани ҳама қишрҳои чамъият масъалаи дигарест, ки мувозинати чомеаро таъмин ва роҳҳои рушди онро муайян месозад. Таъкиди зерини мутафаккир андешаи арзишмандест, ки то кунун мухимияти худро нигоҳ доштааст: "Подшоҳро вочибу лозим аст, ки мартаби ҳар якро аз укул ва дарачаи маҳорат бидонад ва ба коре гуморад, ки тавони онро дошта бошад"[2]. Агар дар доираи институти роҳбарӣ аз принсипи мазкур, яъне вобаста ба маҳорату малака ва кобилият масъулиятҳо миёни аъзои чомеа қисмат карда шаванд, таъмини рушди босуботи чомеа дар мухлати кутоҳе имконпазир мегардад.

4.3. Идораи давлат ва чомеа

Чомеа, ҳамчун низоми ифодакунандаи умумиятҳои куллии башарӣ ва воҳиди мустақили таърихан ташаккулёфтаи муносибатҳои одамон, аз даврони пайдоиш дар асоси андешидани чорабиниҳои зарурӣ оид ба идоракунии он

[1] Туманов В.А. Правовой нигилизм в историко-идеологическом ракурсе // Государство и право. 1993. №8. -С.56-58

[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумои. Чопи панҷум. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.166.

шакл гирифтааст. Ба ин маънӣ, соҳаи идоракунии ҳаёти чомеа "низоми фаъоли амалкунандаю рушдёбанда ва як соҳаи умдатарини фаъолияти ҳаётии одамон буда, на танҳо мувофиқ гардонидани шаклҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ, гуногунрангии равандҳои чамъиятӣ, балки идоракунӣ бо таъсиррасонии тарафайни кулли чомеа мебошад"[1].

Ёдрас шудан ба маврид аст, ки масъалаи идоракунии чомеа ва давлат ҳанӯз аз замонҳои пешин дар доираи ривоятҳои асотирӣ пайдо гардида, дар марҳилаҳои мунбаъдан таҳаввули чамъият шаклҳо ва навъҳои мухталифи он коркард шудаанд. Дар тамаддуни шаркӣ, эҷоди қонунномаҳои Ҳамурапӣ (Бобулистон), Фуҳӣ (Чин) ва китобҳои мукаддаси Ведҳо ва Авасто, таълимоти Моний Маздак, дар Юнону Рим таълимотҳои Афлотун, Арасту, Брусен ва Қонунҳои римӣ, дар фалсафаи асриминёнагии тоҷик таълимотҳои ичимоию сиёсии мутфаккирони мактаби машшоия, калом, ихвон-ус-сафо, исмоилия ва китобҳои зиёди "насиҳат-ул-мулук" гувоҳ аз мухимияти низоми идоракунии чомеа ва давлат буда, ҳамагӣ баҳри дарёфт ва пешниҳод намудани низоми мувофиқи танзими муносибатҳои инсонӣ нигаронида шудаанд.

Қутбиддин Шерозӣ афкори сиёсиву ичтимоиро бо нигаҳдошти хамин хусусиятҳояшон идома дода, дар пайравӣ аз мутфаккирон ва мактабҳои ратсионалӣ назариёти арзишманде баён кардааст. Мутафаккир рохбари чомеаро ба сари инсон нисбат дода, фаъолияти аъзои онро ҳамчун узвҳои бадан аз фаъолияти сар вобаста медонад. Ӯ дар ин росто таъкид менамояд, ки "Нисбати раис бо раъият хамчунон аст, ки нисбати сар бо бадан. Ва гуфтаанд, ки иштиқоки раис аз "раъс" (сар) то чунон ки сар ба воситаи ҳавоси панҷгона, ки маъдани эшон димоғ аст, ҳифзу ҳиросати баданро мекунад, ҳамчунон раис бояд, ки ҳифзу ҳиросати раъият

[1] Исаев Х.У. Фалсафаи ичтимоӣ. Душанбе, 2013. – С.214.

кунад ва манофеи худро ба эшон расонад"[1]. Ҳамчунин: "Бидон, ки асли саёдат ва подшоҳӣ ҳифзу ҳиросати раъият ва мулк бошад ва тадбир дар авокиби умур"[2].

Андешаҳои Қутбиддин Шерозӣ бар он далолат менамоянд, ки фаъолияи бонизоми чомеа аз тадбири дуруст, хираду маърифат ва малакаву маҳорати роҳбар вобастагӣ дорад. Агар, роҳбар дар асоси сиёсати хирадмандона ва дурандешона фаъолияти худро роҳандозӣ намояд, чомеаи адолатмеҳвар ва мутамаддин (мадинаи фозила) ташкил мегардад. Ба андешаи мутафаккир "Чун, подшоҳ соҳиби амру матоъ бошад, ҳар оина фозилтар бошад аз маъмур ва мутеъ. Ва чун аҳли илм ва фазилат бошад, сиёсати ӯ ба хайри умум ва авокиби умур муфазат бошад"[3].

Назари мутафаккир доир ба "аҳли илму фазилат" будани роҳбар, андешаи арзишмандест, ки дар ҳама давру замон хусусияти куҳнанашавандагӣ дорад. Роҳбари бохирад ва фозилу доношманд, чамъият ва давлатро тавре идора менамояд, ки "хайри ҳамагонӣ" ва тараққиёту пешрафт дар ҳамаи самтҳои чомеа таъмин мегардад.

Мавриди ба зикр аст, ки дар фалсафаи асриниёнагии тоҷик масъалаи "мадинаи фозила"-ро, ки моҳияти он адолатмеҳвар аст, Абӯнасри Форобӣ ба миён гузошта буд. Форобӣ масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, менависад: «Шаҳре, ки дар он иттиҳодияи одамон бо мақсади ба даст даровардани саодати ҳақиқӣ ба ҳамдигар муовинат мекунанд, мадинаи фозила номида мешавад. Ҳамчунин, чамъияте, ки ҳамкории одамон бо мақсади ба даст овардани хушбахтӣ нигаронида шудааст, чомеаи фозила ном дорад»[4].

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши за тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумой. Чопи панҷум. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.189.
[2] Ҳамон ҷо: -С.157.
[3] Ҳамон ҷо: -С.157.
[4] Фороби А. Трактат о взглядах жителей добродетельного города// Аль-Фараби. Философские трактаты. Алма-Ата, 1972. - С. 305.

Албатта, чомеаи ормоние, ки Форобӣ пешниҳод намудааст, тавассути иттиҳоди мардум ва мадади ҳамдигарии одамон бунёд мегардад, вале дар он сарвар ё роҳбар нақши калидӣ дорад. Ин мутафаккир сохтори мадинаи фозиларо ба сохтори бадани инсон, роҳбари онро ба дил ва аъзои чомеаро ба узвҳои дигар, ки ҳамагӣ хидмати ӯро анҷом медиҳанд, нисбат медиҳад. Дар мукоиса ба Форобӣ, ки роҳбарро ба дили инсон ва узвҳои дигарро хизматгори он донистааст, Қутбиддин Шерозӣ роҳбари давлату ҷамъиятро ба сари инсон нисбат дода, роҳбарияву роҳнамоӣ ва тасмимгирандагиро ба ӯ мансуб медонад, ки ба воқеияти рационалӣ мувофиктар мебошад. Гарчанде, тамоми аъзои бадан, аз ҷумла узвҳои ҳаётан муҳим (дил, сар ва ғ.) дар фаъолияти организм нақши ҳалкунанда дошта, бе мавҷудияти онҳо ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад, аммо сар воситаҳои муҳимтари дарк (узвҳои панҷгонаи ҳис), майна ва маркази фармон (шуур)-ро доро буда, узви олитарини инсон ба ҳисоб меравад. Роҳбари давлат ва ё ҷамъият низ, бояд дорои тамоми хусусиятҳои сар буда, ҳама падидаҳои ҷомеаро эҳсос, дарк ва роҳи ҳалли онҳоро пайдо намояд.

Оид ба сифатҳои роҳбарӣ ва қудрату тавоноии роҳбар (сарвари сиёсӣ) файласуфи олмонӣ Ф. Нитсше менависад: "Гапҳо шахсиятҳои бузург, фавқулинсонҳо, ки одамони қудрат ва намояндагони олии насли инсонӣ ҳастанд, таърихро меофаранд ва аз лиҳози шахсият дилхушин буда, майл ба роҳбар будан доранд"[1]. Тибқи андешаи ин мутафаккир, сифати роҳбарӣ ва донишу заковат дар инсонҳо табиатан вуҷуд дошта, бо фароҳам омадани шароит зуҳур менамояд. Яъне, сарвари сиёсӣ "фавқулинсонҳо"-е ҳастанд, ки бо қудрат ва нерӯи фитрии хеш таърихро меофаранд ва чомеаро ба сӯйи пешрафт тақон медиҳанд.

Қутбиддин Шерозӣ чандин аср пеш аз Нитсше масъалаи роҳбариро ба миён гузошта, таъкид карда буд: "Бояд

[1] Нитсше Ф. Чунин гуфт Зардушт. Тарҷумаи Раҳим Гудоми. Техрон, 1389. - С.71.

лонист, ки подшоҳ бо ҷумлаи халқ дар инсоният баробар аст. Ӯро дар азал собикаи ибодат ва бандагӣ набуда. Пас, баргузидани Худо подшоҳро аз миёни халқ ва тахсиси ӯ ба подшоҳӣ ва ҳукм ва амри матоъ ва тахсиси дигарон ба маҳкумӣ ва маъмурӣ ҷуз маҳз иноёти Ҳақ таъоло нагавонад буд. Ва ин неъмате бошад, ки ҷавҳари он риёзат ва касби фазлу дониш бошад"[1]. Тавре ки мебинем, ҳичо ҳамоҳангии андешаи Нитше бо Кутбиддин Шерозӣ дар мавриди шахсияти фавқулода булани роҳбар (сарвари сиёсӣ) эҳсос мегардад (баргузида будан – Кутбиддин Шерозӣ; намоёндаи олии насли инсонӣ - Нитсше), вале назари Кутбиддин Шерозӣ доир ба он, ки "подшоҳ дар инсоният бо ҷумлаи халқ баробар аст" ва "подшоҳӣ неъмате бошад, ки ҷавҳари он риёзат ва касби фазлу дониш бошад", дорои хусусияти ратсионалӣ мебошад.

Таҳкими ақидаи Кутбиддин Шерозиро дар таълимоти мутфаккирони баъдӣ, аз ҷумла мутфаккири барҷастаи олмонӣ В.Ф.Гегел мушоҳида намудан мумкин аст. Тибқи таълимоти Гегел характери инсон, ки ҳам хусусияти табиӣ ва ҳам иктисобӣ (касбшуда) дорад, фаъолияти минбаъдаи Ӯро муайян месозад. Ин мутафаккири таъкид месозад, ки "Ба характер он қисмати нерӯи инсон дохил мегардад, ки Ӯро аз роҳи интихобкардааш берун рафтан намегузорад ва мақсади худро то ба охир мерасонад. Инсоне, ки дорои характер аст, эҳтиром ва эътирофи дигаронро соҳиб мегардад ва ҳуд мақсадгузорӣ кунад. Тавассути амалӣ гардонидани мақсадҳои бузург, инсон дар худ сифати шахсияти бузургро ошкор месозад, ки ҳамин хислат Ӯро барои дигарон мисол мепамояд"[2].

Таърихи омӯзиши андешаҳои сиёсӣ бо сарохат нишон медиҳад, ки кӯшишҳо чихати дарёфти низоми идоракунии адолатмехвар ва мувофиқ ба манфиати ахли чомеа зиёд роҳандозӣ гардидаанд. Аз чумла, Афлотун назарияи давлати идеалиии худро бо он асоснок менамояд, ки "ташкили ақлонии ҳаёти чамъиятӣ ва низоми одилонаи роҳбарӣ барои ташкили полис аз ҳама муҳим мебошад"[1]. Тибқи андешаи мутфаккир, табақаи ҳукмрони чомеа, ҳакимону файласуфон моҳияти некӣ ва адолатро дарк менамоянд ва бояд ҳукумати худро бо ҳамин хусусият амалӣ намоянд, зеро "беадолатӣ кардан маъмулан хуб, аммо таҳаммул кардани он бад аст. Аммо, ҳангоме, ки беадолатиро таҳаммул мекунӣ, дар ин бештар бадист назар ба он, ки хуб бошад. Аз ҳамин ҷост, ки конунгузорӣ ва шартномаи тарафайн маншаъ ва муқаррароти қонун низ номи қонунӣ ва одилона гирифтанд"[2]. Мувофики таълимоти мутафаккир, куввае, ки одатро ба адолату ваҳдат ва қонунэҷодкунӣ водор менамояд, дар сиришти онхо нуҳуфтааст. Ин ҷавҳари зотӣ одамонро ба муошрати ҳамдигар ва қонунофарию давлатсозӣ водор кардааст. Аммо, бунёди давлат ба таъмини саодати мардум кифоят намекунад, балки роҳбаре зарур аст, ки "адолатро баркарор ва саодатро дарёфт намояд"[3].

Арасту дар асари худ "Сиёсат" масъалаи давлату давлатдорро мавриди баррасӣ қарор дода, таъсиси давлатро ба доштани зарурати ягонагии иҷтимоии одамон вобаста медонад. Тибқи назари мутфаккир, "Ҳар гуна давлат ифодакунандаи муносибати некхоҳона мебошад, зеро ин гуна муносибатҳои инсонхо нисбат ба дигарон ба ин ё он некӣ равона шуда, кӯшиши дар худ ифода кардани дигар муносибатхоро дорад. Махз ҳамин муносибат, давлат ё муносибатҳои сиёсӣ номида мешавад"[4]. Арасту

[1] Кутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-точ. Бахши хикмати амали ва сайру сулук. Бо хушиш ва тасхехи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.158.
[2] Гегель В.Ф. Философия духа. –М.: 1977. – С.77.

[1] Нерсесянц В.С. Платон. М., 1984. - С.40.
[2] Платон. Государство// Пер. А.И. Егунова// Собрание сочинений. Т.3. М., 1994. IV, 414 d - 415 b.
[3] Платон. Государство// Антология мировой политической мысли. Т.1. –М., Мысль. 1977. – С.90.
[4] Аристотель. Политика. Наука об управлении государством. М.: Эксмо. 2003. – С.309.

вазифаи сиёсат ва муносибатҳои сиёсиро ба кор андохтан ва идора кардани мардум мутобиқ ба табиати онҳо медонист.

Бо таъсирпазирӣ аз андешаҳои файласуфони юнонӣ мутафаккирони асримиёнагии тоҷик – Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ, Қутбиддин Шерозӣ, Ҷалолиддини Давонӣ ва дигарон масоили идоракунии ҷомеа ва давлатро баррасӣ намуда, меъёри мавҷудияти ҷомеаи фозиларо дар оқилона ва одилона иҷро кардани масъулиятҳои ҳама қишрҳои ҷомеа, аз роҳбар то мардуми оддӣ мебинанд. Ба андешаи Форобӣ, роҳбар вазифаи ҳифзи адолат ва низоми иҷтимоиро доро буда, бояд сифатҳои хирадмандӣ, хушбаёнӣ, муносибати хуб, ростгӯй, одилӣ, шуҷоат, шаҳомат ва саоватмандӣ дошта бошад. Мутафаккир ҷамъиятро аз се қисм - роҳбарон, мудирони миёна ва коркунон (мардуми одӣ) иборат дониста, иҷрои масъулиятро барои ҳаман онҳо шарти адолат ва василаи муҳими ташкили мадинаи фозила медонад. Тибқи назари мутфаккир: «Адолат, пеш аз ҳама, тақсимоти одилонаи тамоми неъматҳои моддӣ миёни сокинони мадина мебошад ва ин амал аз ҷониби раиси он сурат мегирад, ки мучиби офиятмандӣ, дорой, некуахволӣ ва дигар хайриёт ба онҳо мансуб аст»[1].

Муҳимтарин сифати роҳбар аз назари Форобӣ хирад ва ҳикмату фазилат мебошад, зеро "мадинаи фозила" ба ҳукм ва тасмимоти роҳбари он ниёз дошта, амалӣ гардидани сиёсати ноокилона боиси ҳалокат ва бадбахтии ҷомеа хоҳад шуд. Ба андешаи Р.Комилов "Форобӣ тарки би мадинаи фозиларо, ки дар муттакои маърифати асосҳои назариявии саодат бунёд ёфтааст, мутобики ҳамин меъёр сокинони онро ба се қисм ҷудо мекунад: 1) фозилон - донандагони меъёрҳои зикршуда дар асоси

[1] Ал-Фараби. Афоризмы государственного деятеля//Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. Алма-Ата, 1973. – С. 22

далелу бурҳонҳо ва қобилияту истеъдоди шахсӣ; 2) пайравони фозилон - муътақидони онҳо; 3) боқимондаҳо, асосҳои назариявии саодатро тавассути образҳои тақлидӣ дарк мекунанд, зеро ақли онҳо зотан қодир нест, ки моҳияти чизҳоро фаҳмида тавонанд"[1]. Маълум мегардад, ки роҳбари мадина (ҷомеа) ҳатман, бояд дорои донишу заковат ва қобилияту истеъдоди баланди роҳбарӣ буда, пайравону муътақидони худро ба роҳи дурусти инкишоф ҳидоят карда тавонад.

Ҳамин тариқ, Абӯнасри Форобӣ барои роҳбари давлат ва ҷомеа сифатҳоеро зарур меҳисобад, ки "ҷисман солим бошад, то аз ӯҳдаи иҷрои корҳо барояд; тахаммулпазир бошад, то суханро пурра шунида, баъд хулосаи худро барорад; хотираи қавӣ дошта, фаромӯшхотир набошад; дорои зехни тез ва дарандеш бошад; нутқи равон ва фасеҳ дошта бошад; хирадманд бошад, то ҳангоми ҳаллӣ мушкилиҳо азият накашад; қаноатпеша бошад; ростқавл ва озодамард буда, дурӯғгӯй набошад; баднафс набошад; дӯстдори молу сарват ва ҷоҳу ҷалол набошад; адолатпеша бошад; хайбати хосаи роҳбарӣ дошта, тарсу набошад"[2].

Ибни Сино низ масъалаи идораи давлат ва ҷомеаро таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки набояд ҳамаи инсонҳо, новобаста аз маҳорату малака ва сатҳи маърифатнокӣ ва хайбат даъвои роҳбарӣ ва ё худ подшоҳӣ кунанд ва ба азбар кардани чунин пешаҳо ҷаҳд насозанд. Мутафаккир дар ин хусус менависад: "Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн мераванд. Ва, агар ҳамашон раҳбару коргар ва тобеъ раъият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд"[3].

[1] Комилов Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик. Душанбе, 1997. - С. 163.
[2] Трактат о взглядах жителей добродетельного города// Аль-Фараби. Философские трактаты. Алма-Ата, 1972. – С. 317-319.
[3] Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил// Осор. Ҷ.4. Душанбе, 2007. – С.20.

Насириддини Тӯсӣ ба масъалаи идораи давлат ва ҷомеа даҳл намуда, роҳбарии афзалиятдошта ва натиҷаоварро дар робитаи бо муҳаббат асосёфта бо зердастон ва ба рӯҳ мондани якдигарфаҳмӣ дида, тарҷеҳ мавриди мазаммат қарор медиҳад. Тибқи назари мутафаккир «Роҳбарро мебояд барои таъмини имкониятҳои афроди ҳамеша дар талош бошад ва ниҳоят, бо онҳо чунон рафтор кунад, ки кормандон инро эҳсос намуда, аз рӯйи ишқ ва вичдон кор кунанд, на аз рӯи маломат».[1]

Ҳамин тариқ, таҳлили андешаҳои пешгузаштагони Қутбиддин Шерозӣ нишон медиҳад, ки онҳо идораи давлату ҳукуматро аз рӯйи меъёри адлу инсоф ва таҳияи қонунҳое баррасӣ менамоянд, ки ҳамагӣ ба хайри умум равона шуда бошанд. Новобаста ба мухити фарҳангӣ, ки қисмате аз мутафаккирон ҳукумати диниро ҷонибдорӣ мекарданд, файласуфони мактаби машшоӣ ба афзалияти «ҳукумати ақлӣ, ки мубтанӣ бар қонуни ақл аст ва ҳукумати маданӣ, ки натиҷаи он мадинаи фозила аст»[2], қоил буданд.

Қутбиддини Шерозӣ усули ақлгароиро тақвият бахшида, баъд аз таҳлили фазилатҳои шоҳ ва ҷойгоҳи он дар ҷомеа, ба натиҷае мерасад, ки бехтарин тарзи роҳбарии давлат он аст, ки адолатро асоси фаъолияти худ қарор дихад. Мутафаккир дар ин бора зикр менамояд: «Адли султон фозилтар аст аз ибодат. Ва ин маънӣ, чунонки ҳадис бар он далолат мекунад, чунки адл ҳам ибодат аст аз он рӯй, ки маъмур бех аст. Ва чун маъмур беҳ бувад, ибодат бошад. Лекин, адл ибодатест, ки нафъи он ом аст, чунки низоми олам бар он мунаввар аст ва ниёбат ва хилофати Ҳақ аст ва сабаби саёнати (ҳифз) халқ аст аз ҳалок ва табор (нажод) ва мучиби ҳифзи дамоъ (ҷон) ва фуруҷ аст аз ишгибохи [illegible]

дар ҳаҷри маъид наояд"[1]. Мутафаккир тавассути қиёси ақлӣ исбот менамояд, ки ҳар амале, ки натиҷаи он фарогириндаи хайри ҳамагонӣ бошад, аз ҳар гуна иболат болотар аст, зеро "Нафъи ибодати шахс бар вай мақсур аст ва ҳеҷ аз масолеҳи боқӣ бадон тааллуқ надорад ва аз ин ҷо лозим ояд, ки адли подшоҳ аз ибодат бехтар аст"[2].

Мафҳуми "адолат"-ро ба ҳайси ифодакунандаи хайри ҳамагонӣ ва асоси мавҷудияти давлат ҳанӯз Афлотун истифода намуда, онро "некии бузург" номида буд. Тибқи хулосаи Афлотун, "адолат некии бузург ва беадолати бадии бузург аст, то он андозае, ки рӯҳ дар худ фаро гирифта метавонад"[3]. Дар пайравӣ ба ин, Қутбиддин Шерозӣ тавассути мафҳуми "иболат", ки дар фарҳанги асримиёнагӣ ҷенаки бузург ба ҳисоб мерафт, афзалияти адолатро нишон дода, "адли подшоҳ аз ибодат беҳтар аст"-ро пешниҳод ва тавассути далелҳои ақливу наклӣ онро исбот менамояд. Муқоисаи андешаҳои Қутбиддин Шерозӣ бо таълимоти Афлотун нишон медиҳад, ки дар ин масъала ҳамоҳангӣ миёни онҳо вуҷуд дошта, риояи меъёри адолатро ҳангоми идораи давлат онҳо василаи асосии нигоҳдошти низоми иҷтимоӣ ва пешрафти давлату ҷомеа медонистанд.

Ҳамоҳангии таълимоти Афлотун бо Қутбиддин Шерозӣ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки агар, Афлотун адолатро "чизест, ки аз ҳар гуна зару зевар гаронарзиш ва хамоне, ки қудратмандонро ба кор ояд"[4], таъриф дода бошад, Қутбиддин Шерозӣ онро "фазилати подшоҳӣ ва афзалтар аз ибодати шатсола ва мучиби саодати олам"[5] шарҳ

[1] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикматя амали за сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Мохдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон. 1396. -С.158-159.

[2] Ҳамон ҷо. С.160.

додааст, ки моҳиятан айни як чиз мебошанд. Ҳамчунин, андешаҳои ин мутафаккири шарқӣ "Адолатро дар тинати инсон аз кӯдакияш тарбият бояд кард"[1] ва "Фазилати подшоҳӣ, ки муттако бар адл аст, бо ришвату чаҳд ба даст ояд"[2] бо ақидаҳои Афлотун мувофиқанд.

Масъалаи дигари қобили таваҷҷуҳ, ки дар таълимоти Афлотун ва Қутбиддин Шерозӣ ба ҳамдигар мувофикат дошта, то замони муосир арзиши худро нигоҳ доштааст ва дар институти идоракунӣ аз муҳимот дониста мешавад, тақсимоти меҳнат вобаста ба қудрату тавон, донишу хирад ва малакаву маҳорат мебошад. Афлотун бар он аст, ки ҳар фарди ҷомеа ба коре сафарбар шавад, ки истеъдод ва қобилияти табиии ӯ имконият медиҳад. Ин мутафаккири юнонӣ таъкид менамояд, ки "Ба ҳар кас мо фақат кореро, ки ӯ истеълоди табиӣ дорад ва тамоми ҳаёт ба он машғул шуда, ба комёбӣ сазовор мешавад, супориш додаем"[3]. Қутбиддин Шерозӣ бошад, дар ин самт таъкид менамояд: "Подшоҳро вочибу лозим аст, ки бидонад мартабаи ҳар касро аз ақлу кифоят ва дарачаи ҳар як дар маҳорат дар анвои фунун, то ҳар якро ба муҳиме гуморад, ки шоистаи он кор бошад, то шароити онро ба иқомат тавонад расонидан"[4].

Аз иқтибосҳои овардашуда маълум мегардад, ки ҳамоҳангӣ ва мувофикат миёни андешаи Афлотун, Қутбиддин Шерозӣ ва дигарон вуҷуд доштa, ҳамагӣ барои таъмини низоми давлатдории инсонмеҳварӣ кӯшиш намудаанд. Вале, миёни андешаи онҳо тафовут низ ҷой дорад. Аз ҷумла, адолат ва сохтори табақавии табиӣ, ки дар таълимо-

[1] Платон. Избранное сочинений. М.: АСТ, 2004. – С. 287-290.
[2] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.158.
[3] Платон. Государство/ Пер. А.И. Егунова// Собрание сочинений. Т.3. М., 1994. -V. 463 b.
[4] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.166.

ти Афлотун мавқеи марказӣ дошта, ҳукуқи роҳбарӣ танҳо ба табақаи болоӣ (ҳакимону файласуфон) дода шудааст, аз ҷониби Қутбиддин Шерозӣ қобили қабул набуда, меъёри аслӣ донишу заковат ва қобилияту истеъдод дониста мешавад. Мутафаккир, аз миёни мардум ва бо ҳолу ахволи аҳли ҷомеа онро будани роҳбар (подшоҳ)[1]-ро таъкид намуда, ба ҷуз аз донишу фазилат дигар бартарӣ ба ӯ қоил намебошад. Танҳо зарур мешуморад, ки ба мансаби роҳбарӣ инсонҳое лоиқ дониста шаванд, ки донишу малака ва хулқу атворашон аз мардуоми омма бартарӣ дошта бошанд.

Қиёси андешаҳои сиёсии Қутбиддин Шерозӣ бо таълимоти Арасту низ нишон медиҳад, ки ин мутафаккири шарқӣ дар мавриди идораи давлат ва ҷомеа қадаме ба пеш гузошта, ҳамаи насли инсониро дорои қобилияти идоракунӣ мешуморад. Арасту занон ва гуломонро табиатан орӣ аз қобилияти идоракунӣ донистааст, ки Қутбиддин Шерозӣ ба он розӣ намешавад. Тибқи назари Қутбиддин Шерозӣ, дар натиҷаи тарбияи дуруст ҳар нафар, ҳатто занҳо метавонанд, қобилиятҳои билқувваи худро ба билфеъл табдил дода, дар раванди идораи давлат ва ҷомеа фаъолона иштирок намоянд. Мутафаккир дар ин ростo таъкид менамояд, ки "Чун кӯдак дар ибтидои пайдоиш намо ба сулуки тариқи фалоҳ ва суҳбати асҳоби илму акл ва ахлоқи писандида ва арбоби зикру фикр машғул шавад, умед бошад, ки ба дарачаи бузургони дунёву дин бирасад. Дар ин сулук ҳама насли башар яксонанд... Ва агар фарзанд духтар бошад, тарбияти ӯ дар сигар ҷунон кунад, ки тарбияти писар"[2]. Илова бар ин, хидматкоронро (гуломонро), ки дар таълимоти Арасту кишри бехукуқи ҷомеа маҳсуб мешаванд, Қутбиддин Шерозӣ мустаҳаққи ҳама ҳукуқҳо дониста, таъкид менамояд: "Бидон, ки абид (банда) ва хидам низ аз онҳоянд ва гори

[1] Ҳамон ҷо - С. 160.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.160-162.

(пигоҳубин) эшон лозими мудаббир бошад. Пас, воҷиб бошад қиём ба ҳукуки эшон ва ғайрат бар эшон ва эҳтимом бар ҳолашон"[1].

Инҷо бояд таъкид намуд, ки масъалан идораи давлат ва ҷомеа дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик тариқи ду низом - теократӣ (динӣ) ва ақлӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷонибдорони низоми теократӣ намояндагони мактаби калом ва низоми ратсионалӣ маишоиён мебошанд, вале дар таълимоти онҳо гоҳ-гоҳ омезиши ҳарду низоми идоракунӣ эҳсос мегардад. Масалан, Муҳаммад Ғаззолӣ комилан тарафдори низоми сиёсӣ ва идоракунии теократӣ, ки тавассути пайғамбар ва имомони баъдӣ муайян шудааст, мебошад. Ҷомеаи идеалии (мадинаи фозила) нешниходнамудаи ӯ, ҷомеаест, ки "роҳбарӣ ва ҳидояти аъзоёни он ба сӯйи саодат ва наҷоти охират нигаронида шудааст"[2]. Вале, Ғаззолӣ андешаҳое низ дар мавриди роҳбарии давлату ҷомеа баён кардааст, ки хусусияти ратсионалӣ дошта, ҳамоҳанг бо таълимоти маишоиён ҳастанд. Аз ҷумла, "Воситаи вилоят доштани илм ва амал аст ва илми вилоят ларзо аст"[3]. Аз он, ки мутафаккир илмро дар зинаи аввал гузошта, амалро дар асоси он муайян намудааст, метавон хулоса кард, ки мутафаккир ба қудрати ақлу дониш дар фаъолияти сиёсии роҳбар эътибор додааст. Илова бар ин, риояи адолат ва инсофро ҳангоми фаъолияти роҳбарӣ таъкид намуда, Ғаззолӣ натиҷаи онҳоро ҷиҳати пешрафти ҷомеа ва давлат муҳим меҳисобад, ки бо таълимоти маишоиён ва низоми роҳбарии ақлӣ мувофиқ мебошад.

Тибқи таълимоти Ғаззолӣ, агар подшоҳ ба адлу инсоф ва ислоҳи худу ислоҳи раъият машғул бошад, ба баракати вай баракат дар набототу ҳайвонот ва насли онҳо изофа мегардад. Ҳатто дар ният ва фикри подшоҳ набояд

[1] Ҳамон ҷо: -С.145.
[2] Шамолов А.А. Ҳуҷҷатулислом Ғазолӣ: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Душанбе, 1996. – С.306.
[3] Ғазолӣ М. Кимиёи саодат. Бо тасҳеҳи Аҳмад Ором. Ҷ.1. Теҳрон, 1372. – С.409.

мақсади содир кардани зулме бошад, зеро ин боиси коҳиши файзу баракат мегардад. Моҳияти бебаракатӣ аз он иборат аст, ки агар андешаи роҳбар хусусияти иҷтимоӣ дошта бошад, фаъолияти ӯ ҷониби ҳамон майл мекунад ва аз масъулиятҳои ба зиммадоштаи худ дур мегардад, ки таъсири он ҳатман ба зиндагии иҷтимоии давлату ҷомеа мерасад. Аз ин лиҳоз, танҳо адлу инсоф ва накӯкорӣ дар вуҷуди подшоҳ ваҳдати давлат ва мулку миллатро боис гардида, ба рушду инкишоф бурда мерасонад. Таълимоти Ғаззолӣ бар он далолат менамояд, ки дар фаъолияти роҳбар роҳ ёфтани ҷабру фасод ба инкирози давлату мамлакат боис мегардад. Аз ин рӯ, ӯ риояти адлу инсоф ва қонунҳои сиёсатро дар низоми подшоҳӣ аз ҷумлаи «воҷибот» донista, таъкид менамояд, ки "Подшоҳ, боя аз нафси худ инсоф дихад ва вазифадор аст, ки дар доираи адли худ ҳукуқи раъиятро баробар кунад»[1].

Қутбиддини Шерозӣ дар пайравӣ ба андешаҳои Муҳаммад Ғаззолӣ навиштааст: "Фазилати подшоҳӣ бар илму фазл ва адл аст. Ва адли подшоҳ дар шиносаи раъоё воҷиб аст, зеро раъоё асли мулку подшоҳиянд ва то раъоё набошанд, подшоҳӣ набошад"[2]. Дар тафовут аз таълимоти Ғаззолӣ бошад, Қутбиддин Шерозӣ подшоҳро масъули "ҳифзу ҳиросати халқ" ва ҳидояткунандаи мардум ба сӯйи "саодати дунё" донista, адолати подшоҳро аз ҳама гуна иболат болотар мегузорад. Мутафаккир дар ин ҷода таъкид менамояд, ки "Пайғамбарон масъули ҳифзу ҳиросати шаръ ва улуламр (роҳбари сиёсӣ) масъули ҳиросати халқ аст. Улуламрро афзал он бошад, ки тадбири умури олам кунад, то саодати мардум ҳосил шавад. Ва адли ӯ фозилтар аз иболат бошад"[3]. Маълум мегардад, ки Қутбиддин Шерозӣ ба

[1] Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат-ул-мулук. Душанбе. Ирфон, 2011. – С.12.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулуки. Бо кӯшиши ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумои. Ҷопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳанги. Теҳрон. 1396. -С.160
[3] Ҳамон ҷо. -С.158-159.

мустақилияи рохбари сиёсӣ дар идораи давлат ва ҷомеа муътақид буда, фаъолияти дунявии ӯро аз иҷрои амрҳои динӣ, ки хоси шариат хастанд, афзалтар мешуморад.

Эътирофи низоми духӯраи сиёсӣ ва идоракунии ҷомеа дар таълимоти Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино низ ба назар мерасад. Ҷомеаи идеалие, ки онҳо пешниҳод кардаанд (мадинаи фозила ва мадинаи одила), аз ҷониби "раиси мутлақ", ки ӯ тамоми марҳилаҳои камолотро гузашта, ба дараҷаи «аҳли мустафод расидааст ва ба акли фаъол пайваст хӯрда, чунин тавононро дорад"[1], идора мешавад. Ба андешаи Форобӣ ин марҳилаи пайғомбарӣ аст, ки дар бедории хоб ба илҳом гирифтан аз акли фаъол ба кулли ҷузъиёти падидаҳо огоҳӣ мёбад ва ҷомеаро ба шакли ормонӣ идора мекунад. Пайғомбар дар комилтарин маротиби башарият қарор дошта, ба «амалу феълҳое», ки фарҷоми онҳо ба саодати инсоният мебарад, огоҳ мебошад. Тибқи ин назария, вуҷуди «рохбари ормонӣ» неш аз «мадинаи фозила» зухур мекунад ва то он замоне, ки чунин рохбар зухур накунад, мадинаи фозила арзи хастӣ карда наметавонад.

Дар ин мавзуъ ҷанбаи ратсионалии таълимоти Форобӣ аз он иборат аст, ки ӯ кӯшиш намудааст, ки байни пайғомбар (расул) ва файласуф (ҳаким) созиш ба вуҷуд биорад. Мувофики акидаи Форобӣ, «поиҳои имом, ҳаким ва шореъ дорои маънои вохид хастанд»[2]. Яъне, фаъолияти хамаи онҳо барои таъмини саодати мардум равона шуда, дар бехбуд бахшидани ҳаёти ҷамъиятии инсонҳо сахм мегузоранд. Сифати аслии ҳар кадом аклу хирад ва малакаю қобилият мебошад, ки бе доштани ин сифот шахомати рохбарӣ дар онҳо зохир намегардад.

Қутбиддин Шерозӣ дар партави хамин андешаи Форобӣ таъкид менамояд, ки тафовути чиддӣ миёни пайғомбар ва рохбари давлат (улуламр) вуҷуд надорад:

[1] Абӯнасри Форобӣ. Сиёсати мадина. Тарҷумаи Ҷаъфари Сачоди. Техрон: Анҷумани фалсафаи Эрон, 1358. – С.155.
[2] Хамон чо: -С.147.

"Подшоҳонро қарини расул кард дар зикр, зеро ки дар миёни зикри расул ва зикри улуламр, ки подшоҳ аст, фарқе нест ҷуз ба тақдим ва таъхир. Ин далел бар он, ки фарқ миёни амри расул ва амри подшоҳ ҷуз ба тақдим ва таъхир нест. Ва ин далели азим аст бар фазилати подшоҳӣ"[1].

Талаботҳое, ки Форобӣ барои рохбари мадина пешгузир мехисобад, хусусияти ратсионалӣ дошта, аз дувоздаҳ фазилат иборат хастанд, ки муҳимияти онҳо дар институти рохбарӣ барои ҳар давру замон эътироф мегардад. Ин фазилатҳо чунинанд: "Тандурустӣ ва камоли ҷисмонӣ; нерумандии идрок ва суръати тасаввур; нерӯмандии кувваи ҳофиза; зиракӣ ва хушёрӣ; хушсуханӣ; ба омӯзиш ва омӯзонидан шавқ доштан; дар муносибатҳо муътадил ва аз лаззатпарастӣ парҳезгор будан; дӯстдори ростӣ ва душмани дурӯғ будан; бузургвор будан ва бузургиро дӯст доштан; молпараст ва ҳарис набудан; дорои сифати долгарӣ ва муқобили ситамгарӣ будан; кудрати идора ва шикебой доштан"[2].

Дар ҳамин радиф, Қутбиддин Шерозӣ барои рохбар (подшоҳ) сифатҳоеро мансуб медонад, ки мохиятан ба андешаҳои Форобӣ хамоханг мебошанд. Аз ҷумла: "Подшоҳӣ, ки мартабаи азим ва манзалати фозил аст мубтанӣ бар чанд хислат аст: аҳли илм, адл, инсоф, некӯкорӣ, хифзу хиросати халқ, шинохтани ҳар касро вобаста ба дараҷаи дониш ва маҳорат, авфу бахшандагӣ, муносибати аҳсан бо раъият ва хидам, ҷуду самохат ва сахо, ахлоқи азим, ботавозуъ, парҳез аз хирс, машварат бо аҳли фазл, тахаммул, дурандешӣ"[3].

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.158
[2] Абӯнасри Форобӣ. Андешаҳои аҳли мадинаи фозила. Тарҷумаи Саид Ҷаъфар Сачодӣ. Техрон: Шурои олии фарҳангу хунар, 354. – С.272-274.
[3] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши хикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасхехи Мохдухт Бону Хумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.161-185.

Ҳамин тариқ, Абӯнасри Форобӣ ва Қутбиддин Шерозӣ барои давлат ва ҷомеа роҳбареро пешниҳод менамоянд, ки дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, донишу хирад ва ҷаҳонбинии васеъ буда, «мадинаи фозила»-ро ташкил ва идора карда тавонад. Ин гуна шахсро мутафаккирон бо мафҳуми «ҳаким» ифода намуда, бар он мутақиданд, ки "роҳбар, бояд, ҳатман ҳаким-файласуф" бошад, зеро ғайриҳаким мадинаи фозиларо ба нестӣ хоҳад бурд"[1].

Дар таълимоти сиёсии Ибни Сино низ масоили роҳбарӣ баррасӣ гардида, ҳам аз дидгоҳи низоми теократӣ ва ҳам ақлгароӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Ниҳоят эътирофи низоми идоракунии теократӣ "мадинаи одила"-и мутафаккир аст, ки "бо аҳкоми шариати исломӣ созгор аст ва он мадинаест, ки зери фармони пайғамбар асос ёфтааст"[2]. Тибқи таълимоти Сино пайғамбар масъули барқарорсозии низоми зиндагонии дунё ва таъмини саодати охирати инсонҳо мебошад.

Дидгоҳи ратсионалии Ибни Сино дар мавриди роҳбарии давлат ва ҷомеа аз он иборат аст, ки мутафаккир ба перуи ақли инсонӣ афзалият медиҳад. Тибқи таълимоти ӯ, "инсонҳо ба чаҳор даста тақсим мешаванд: 1. Онҳо, ки қувваи назарӣ дар онҳо ба ҳадди аъло расидааст ва ба ҳеч омӯзгору мураббии башарӣ ниёзманд нестанд. Қувваи амалии ин гурӯҳ одамон ба дарачае расидааст, ки ба василаи қувваи тахайюлии худ мустақиман аз вокеияти ҳол хабардор шуда, қудрати анҷом додани муъҷизотро доранд. 2. Онҳо, ки камоли қувваи тахмин кардан (ҳаде задан) доранд, вале ба камоли қувваи мутахайила парасидаанд. 3. Онҳо, ки дорои қувваи назари комил буда, вале аз қувваи амали комил бебаҳрааанд. 4. Онҳо, ки ба одамони дигар, танҳо аз баракати қувваи амалии хеш тавофуқ ёфтаанд.

[1] Абӯнасри Форобӣ. Андешаҳои аҳли мадинаи фозила. Тарҷумаи Саид Ҷалолиддин Сачодӣ. Теҳрон: Шӯрои олии фарҳангу ҳунар, 354. – С.275-277.
[2] Комилов Р.С. Назарияи ҷомеаи орманӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик. –Душанбе: Маориф, 1997. – С.174.

Ба гурӯҳи аввал фармонравоёне дохил мешаванд, ки онҳо ба воситаи ақлашон дар «олами укул» зиндагӣ доранд ва ба воситаи нафсашон дар олами табиат. Қудрати сиёсӣ ба дастаи дуввум тааллуқ дошта, дастаи чаҳорум ашрофон мебошанд, вале онҳо, ки аз ҳеҷ яке аз қувваи фавқулода бархӯрдор нестанд, барои ба даст овардани фазилатҳои амалӣ талош мекунанд. Гарчанде ки намояндаи табақаи оддӣ ҳастанд, вале бо ин ҳол онҳо шоистаи он нестанд, ки ба дастаҳои сегонаи олӣ мутааллиқ гарданд"[1].

Ибни Сино дар масъалаи навъ ва гурӯҳбандии низомҳои сиёсӣ, яъне «асноф-ус-сиёсат» дар такя ба суннату анъанаҳои фарҳангӣ, ки мавриди пазириши аҳли ҷамъияту давлат қарор гирифтаанд, "низоми ваҳдонӣ ва ё «истеъдодӣ» мебошанд, иборатанд, аз: низоми каромат, раёсати фикрӣ, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати ахёр ва шоҳон"[2]. Дар маҷмӯъ, низоми сиёсии пазируфтаи Ибни Сино чун дигар мутафаккирони мактаби маишӣ «мадинаи одила» ё «сиёсат-ул-ахбор» аст, ки вай гоҳе аз он бо номи «ахлоқ-ал-амона» ёд кардааст.

Аз таҳлили андешаҳои мутафаккирони пешгузаштаи Қутбиддин Шерозӣ маълум мегардад, ки мутафаккир аз онҳо пайравӣ намуда, низоми идоракунии давлат ва ҷомеаро пешниҳод кардааст, вале ба ҳама таълимоти онҳо мувофиқ набуда, сиёсати роҳбарии ақлиро аз теократӣ боло мегузорад. Тавре болотар зикр намудем, пайғамбар ва имомону фақеҳонро ӯ мухофизи шариати динӣ донista, идораи давлат ва ҳукуматро ба ухдаи подшоҳ вогузор менамояд. Афзалият додан ба сиёсати одилонаи подшоҳ бар ибодат ва иҷрои талаботҳои динӣ гуноҳи эътирофи ҳокимияти тавассути ақл бунёдшуда ва идорашаванда мебошад.

[1] Саид Мустафо Мухаким Доҳодан Дин, фалсафа, конун. Теҳрон. Интишороти Шаҳоб Сохиб, 1378.- С.69-70.
[2] Шакурӣ А. Фалсафаи сиёсии Ибни Сино ва таъсири он ба адвори баъдӣ. Теҳрон, 1384. – С.89.

Мутафаккир роҳбари давлатро ҳамчун «қалб дар ҷасади олам» дониста, илова бар он, ки ӯ дорои илму хирад, адлу инсоф ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бошад, бояд тафаккури сиёсӣ ва қобилияти баланди идоракунӣ низ дошта бошад, яъне, коидаҳои сиёсат ва подшоҳиро дар дарачаи зарурӣ донад. Тибқи назари мутафаккир "Аркони саёдат ва подшоҳӣ ба се рукн аст: аввал, маърифати раъоё ва ҳифзу ҳиросати эшон; дуввум, дар танбеҳи раъоё бар бар аҳком; сеюм, дар кайфияти тааллуфи раъият ба чуду сахо ва тавозуъ ва макорими ахлоқ"[1].

Қутбиддин Шерозӣ рукни муҳимтарини идораи давлатро аз мукаддас донистани марҳум барои роҳбар шуруъ намуда, таъкид месозад: "Ҳифз ва риояти раъоё бар подшоҳ вочиб аст, зеро раъоё асли мулк ва подшоҳанд. Ва чун аслро нигоҳ доранд фурӯъ бимонад. Мол, ки дар подшоҳӣ асл аст, аз раъоё ҳосил мешавад. Пас, раъоё асли мол бошанд, ки асли подшоҳӣ аст, пас асли асл нигоҳ бояд дошт, то фурӯъ фурӯъ бимонад"[2].

Ин андешаи мутафаккир дорои арзиши баланди илмӣ буда, барои институти муосири роҳбарӣ низ муҳим аст. Роҳандозӣ гардидани сиёсати демографӣ, сиёсати гендерӣ ва чораҳои дигари пешгуаҳволии марҳум дар ҷаҳони муосир миқёси равшани ҷойгоҳи халқ дар давлатдорӣ ва ҳокимият мебошад. Истеҳсоли маҳсулот ва қудратбахшии давлату ҳукумат низ ба нерӯи марҳум ва фаъолияти бомароми онҳо вобаста буда, сиёсати одилона ва мувофик метавонад ин равандро пусьат бахшад.

Масъалаи дигари роҳбарӣ таъйини вазирону ноибон ва масъулини идораи ҳокимияти ичроия дар минтақаҳо мебошад. Мутафаккир «насаб кардани вазиру ноиб ва фиристодани нувоб ба уммол ба навоҳӣ ва атроф»-ро аз шартҳои муҳими роҳбарӣ дониста, таъкид менамояд, ки "агар худи подшоҳ ба риояти раъй напардозад, вазире ва ё ноиберо насаб кунад, то раъоё мухимоти худро аз шукр ва шикоёт бад ӯ рафъ кунанд. Ва агар хитаи мамлакат муттасеъ (васеъ) бошад, нувоб ва умолро ба навоҳии дур фиристад. Ва боид, ки аз сирати ҳеч як ғофил набошад, то зулму таадӣ пеш нагиранд, ки асари зулм харобӣ бошад. Ва чун вилоят хароб шавад, соли оянда аз умол ҳеч ҳосил нашавад ва муқтатеони вилоятро ифтиқор аз хизона бояд кард. Пас казия мунъакис шавад ва фасод муттазоиф гардад. Чун аз ҳоли умол ва нувоб гофил набошад, чавру зулм ва таадӣ бар раъоё наравад ва вилоят ободон монад ва муқтеъон (чомеаҳои хурд) шукпуд бошанд ва хашму хилам ва атбоъу ашё бакувват»[1].

Бо баёни ин матлаб мутафаккир низоми идоракунисро пешниҳод менамояд, ки чавҳари онро садоқат ба фарҳанг, мардум ва ҷомеа ташкил медиҳад. Тибқи назари мутафаккир, сохтори ҳокимият, ки асоси онро ҳокимияти ичроия ташкил менамояд, бояд аз зумраи шахсони содиқ ба ватану миллат ва инсондӯст таъйин карда шаванд, то дар шаккули давлату ҷомеа нақши муассир гузошта тавонанд. Сахлангорӣ дар умури идории давлат ва зулму истибдод метавонад боиси авҷ гирифтани фасод ва таназзули давлат гардад. Мутафаккир сабаби асосии харобии давлатро дар фасоди идорӣ медид, зеро ин амал аз шигохи иҷтимой, иктисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ адолати иҷтимоиро вайрон карда, побоварию беэътимодии мардумро нисбат ба ҳукумат ба бор меорад. Таъйин намудани намояндагони подшоҳ ба дону бемаърифат ва беинсоф дар минтақаҳо ва сохторҳои роҳбарикунанда аз зулму истибдод ва беинсофиву чохталабии подшоҳ ва сиёсати зиддиинсониву зиддибашарии ӯ дарак медиҳад.

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Мохлухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.163-174.
[2] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кушиш ва тасҳеҳи Мохлухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.163

[1] Ҳамон ҷо: -С.165.

Шарти рохбарӣ, тибқи таълимоти Қутбиддин Шерозӣ, он аст, ки фаъолияти зертобеъонро ҳамеша зери назорат гирад, то ҷавру зулм ва хиёнатро ба мардум раво набинанд. Ба ибораи дигар, ходимони давлатӣ ҳамеша бояд зери назорати рохбари давлат қарор дошта, пайваста аз ҳолати кори худ гузориш диҳанд. рохбарро аз вазъи зиндагии мардум огоҳ намоянд, то низоми ҷамъияти ҳалолдор нагардида, ба дилсардии ҷомеа аз давлат оварда нарасонад.[1]

Қутбиддин Шерозӣ бар он назар аст, ки фаъолияти ходимони давлатӣ ва патичаи мусбати онҳо дар умури илорӣ аз худи рохбари давлат вобаста мебошад. Агар рохбари давлат мақому дараҷаи лоиқ ва маҳорату истеъдоди ҳар нафар номзад ба мақоми рохбарикунандаи сохторҳои давлатиро ба инобат гирифта, вобаста ба он масъул гардонад, муназзамии инкишофи ҷомеа ва давлат таъмин мегардад. Дар ин ростo мутафаккир таъкид менамояд, ки «Бибояд донистан, ки подшоҳро воҷиб ва лозим аст, ки бидонад мартабаи ҳар якро аз акл ва кифоят ва дараҷаи ҳар як дар маҳорат дар анвои фунун, то ҳар якро аз хоси раъоё ба мухиме гуморад, ки шоистаи он кор бошад, то шароити онро икомат тавонад расонидан ва дар тадбири умур маҳорат дошта бошад ӯро ба муборизот фиристонад, вагҳе надорад. Ва агар марди шуҷоъ ва миқдом (диловар) бувад, дар асобати раъй ва тадбири мамлакат заъиф бошад, ӯро умури фурӯ доштан ҳам аз маслиҳат дур бошад»[2].

Тавре маълум мегардад, Қутбиддини Шерозӣ ҳанӯз дар асри худ яке аз таълимотҳои авваличро донр ба ҷойгоҳ ва мақоми инсон дар ҷомеа (статус) поягузорӣ кардааст, ки дар он ихтисос, маҳорат ва касбияти ҳар як аъзои ҷомеа

[1]Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.165

[2]Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.166

мадди назар гирифта шудааст. Мутафаккир касбият ва истеъдоду маҳорати инсонро, новобаста аз баромади иҷтимоӣ ва каставӣ, ки дар ҷомеаи асримиёнагӣ роиҷ буд, ҷиҳати баландтар овардани ҷойгоҳи иҷтимоӣ муҳим меҳисобад, аз ин рӯ ин ҷанбаи таълимоти ӯ хусусияти ратсионалӣ ва қобилиятнокии фарҳанги консервативиро доро мебошад. Таъкиди мутафаккир дар мавриди он, ки «ҳар шахсро бар корe бояд дошт, ки ӯро дар он маҳорате бошад, то масолеҳи хеҷ фан аз фунуни давлат ва мамлакат маҳмил намонад»[1], дорои арзиши баланд аст. Ӯ ин андешаи худро бо зарбулмасали халқие, ки «ҷавлохе (бофанда), ки оҳангарӣ кунад ришаш бисӯзад», асоснок намуда, исбот мекунад, ки ҳар нафар пайи масъулияте бошад, ки қобилияти ӯ имконият медиҳад, на мансубияти кавмию нажодӣ ва меросию авлодии ӯ.

Вобаста ба ҳамин хусусият метавон тахмин намуд, ки Қутбиддин Шерозӣ низоми идоракунии авлодиро шикастанӣ шуда, ҳамаи инсонҳои донишманду бофарасат ва қобилияту истеъдоди баланд дошторо сазовори рохбарии давлату ҳукумат медонад. Асоси кофии чунин хулоса дар ягон ҷойи осори мутафаккир зикр нагардидани масоили меросии ҳокимият ва меъёри дастрасӣ ба мансаби подшоҳӣ надонистани ирсият мебошад.

Қутбиддин Шерозӣ дар низоми идоракунии давлат масъалаи болоҳонд ва барқарор кардан ва ё нигоҳ доштани мутахассисонро низ муҳим меҳисобад. Тибқи таълимоти мутафаккир, “суботи подшоҳӣ ба узли (аз мансаб озод кардан) ъумол” вобаста аст. Дар ин мавриd ӯ таъкид менамояд, ки “Чун подшоҳ касеро аҳли коре дид ва бадон кор машғул гардонид, бояд, ки ӯро баҳри оризае маъзул накунад, чунки ҳар вақт аҳли кор ба даст наояд. Ва чун коре ба касе гафвиз (вогузор) кунад, ки ӯ аҳли он кор бошад, бояд, ки асбоби ӯро муҳайё кунад, чунки бе таҳияи асбоб кор мумкин нагардад. Ва чун он кор аз вай талаб кунад бе асбоб, таклифи бедод. Ва чун он кор аз вай талаб кунад бе асбоб, таклифи бе-

[1]Ҳамон ҷо: -С.165

фоида карда бошад ва он кор муяссар нашавад ва бошад, ки подшоҳ бар бекифоятии ӯ ҳамл кунад"[1].

Вокеан, дар институти роҳбарӣ ҷобаҷогузории кадрҳо ва муносибати хайрхоҳона нисбати онҳо, ничунин нигоҳ доштани мутахассисони дорои қобилияти баланди корӣ аз муҳимотест, ки дар ҳама давраҳои ташаккули ҷомеаи инсонӣ, аз ҷумла дар замони муосир арзиши худро нигоҳ доштааст. Ҳифзу нигоҳдошти мутахассисони соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ??? ба таъмини амнияти иқтисодиву сиёсии миллату давлат боис гардида, саҳлангорӣ дар ин самт ба бедавлатӣ ва вайроншавии ҷомеа бурда мерасонад. "Амнияти миллӣ, – менависад Қурбонов А.Ш. - аз амнияти ҳарбӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, экологӣ ва ғайра иборат аст. Вале аз кишвар рафтани кадрҳои баландихтисос барои истиқомати муваққатӣ ё доимӣ, ба ин ё он тарз амниятҳои зикршударо халалдор месозад, чунки худи мавҷудият ва рушди минбаъдаи илмро таҳти хатар қарор медиҳад. Аз ин рӯ, масъалаи фирори магзҳо дар пасманзари амнияти миллӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад"[2]. Назари ин муҳаққиқ комилан дуруст аст, зеро таъмини ҳама ҷанбаҳои давлату давлатдорӣ ба мутахассисони эҷодкору созанда вобаста буда, кохиш ёфтани теъдоду сифати омолагии онҳо боиси заифии давлату ҳукумат мегардад.

Моҳияти таълимоти Қутбиддин Шерозӣ аз муҳимияти нигоҳ доштани мутахассисон дар давлат ин аст, ки таъмини "асбоби эшон" василаи таъмини низоми давлатдорӣ ва ба сабаби ночизе ранҷонидану бекор кардани онҳо боиси фирори магзҳо мегардад. Дар ҷомеаи муосир низ яке аз сабабҳои фирори магзҳо муносибати нодурусти роҳбарияти сохторҳои ҳокимияти иҷроия ва вазорату

[1] Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумоӣ. Чопи панҷум. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.167.
[2] Қурбонов А.Ш. Вазъи маориф ва илм дар шароити истиқлоли давлатӣ. Душанбе, 2021. – С.253-254.

идораҳои дахлдор мебошад. Дар ин самт мутафаккир ба он таъкид менамояд, ки мутахассиси ҳар касбро, ки соҳибкасби олидараҷа бошад, дарёфт кардан кори мушкил аст ва чунин шахсро «ба баҳри оризае маъзул накунад, зеро ҳар вақт аҳли кор ба даст наояд»[1].

Масъалаи дигар дар фаъолияти роҳбарӣ таҳлили ахбор ва натиҷагирӣ аз он мебошад. Қутбиддин Шерозӣ сифати мазкурро барои роҳбар муҳим шуморида, менависад: «Чун подшоҳ хабаре бишнавад, ларҳол бад-он шодмонӣ накунад ва он касро ҳамду ситоиш нагӯяд, чунки шояд он хабар дурӯғ бошад. Ва чун подшоҳ ба ҳар хабаре хуш башошат намояд ва он касро ситоиш кунад, ҳар кас ба ҳар вақт дурӯғе ифтиро кунад аз барои тарвиҷи кори худ. Ва ҳамчунин, агар подшоҳро насиҳате кунад, бояд, ки филҳол шодмона нашавад, то он гоҳ, ки бидонад, ки он нусҳ ҳақ аст ё ботил. Ва чун маълум шавад, ки он хабар ҳақ аст на он насиҳат ба ҷойи худ аст, бояд, ки асари он бар вай зоҳир шавад, то дигарон рағбат кунанд ба насиҳати ҳақ»[2]. Тибқи ин андеша, роҳбарро зарур аст, ки ҳангоми тасмимгирӣ ва қабули қарор аз ҷиддият кор бигирад, зеро ҳама ахбор ҳақиқат нестанд ва ҳама шахсони хабаррасон холисона баҳогузорӣ намекунанд. Аз ин лиҳоз, месазад, ки ҳама намуди ахбори расида мавриди таҳлил қарор гирифта, пас аз санчиши ҳаққонияташ асос барои қабули қарор гарданд.

Қубиддини Шерозӣ, дар баробари масъалаҳои дастгирии ходимон ва кормандони давлатӣ, ба мақому манзалати онҳо дар ҷомеа ва таъмини шароити корӣ ба онҳо, таъйини ҷазо низ диққати хосса додааст. Мутафаккир зери мафҳуми "сиёсат" тарзи идоракунӣро баён менамояд, ки фарогири тамоми усулҳои давлатдорӣ, аз ҷумла ҳавасмандӣ ва танбеҳи аъзои ҷомеа бошад. Ӯ дар бораи "ар-

[1]Қутбиддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Хумоӣ. Чопи панҷум. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Техрон, 1396. -С.167.
[2]Ҳамон ҷо: -С.167-168.

кон ва кавоиди сиёсату подшоҳӣ" масъалаи таъйини ҷазоро ба хотири таъмини низоми иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода, тарзи танбеҳ ва ҷазоро дар чаҳор фасл таҳлил менамояд. Дар фасли аввал моҳияту мухтавои сиёсатро дар шакли таъйини ҷазо тафсир намуда, Қутбиддин Шерозӣ менависад, ки «Сиёсат иҷрои уқубат бувад бар ҷойи муҷрим ва фоидаи он ҳифзу ҳиросати халқ бошад».[1] Истифодаи мафҳуми «ҳифзу ҳиросати халқ» ба хотири он аст, ки ҷазои таъйиншуда, танҳо ба хотири таъмини амнияти ҷомеа ва волоияи қонун бояд амалӣ шавад.

Масъалаи мазкурро идома дода, мутафаккир таъкид менамояд, ки «Уқубати (ҷазо) муҷрим бар ваҷхе боял карда, ки ҳифзу ҳиросати мулку раият дар он бувад, на бар ваҷхе, ки раият аз подшоҳ бираманд ва аз вилояти ӯ мунзаҷир (ноором ва барканда) шаванд»[2]. Бо баёни ин матлаб, Қутбиддини Шерозӣ кӯшиш менамояд, ки тариқи дурусти рохбарии давлат ва ҷомеаро нишон дода, моҳияти ҷазо ва окибатҳои сиёсати нодуруст дар ин самтро ошкор намояд. Аз ҳамин лиҳоз, такроран ёдрас мешавад, ки "Уқубати муҷрим, агар бар пояи касос ва хушунаш гараз бошад, мазмум аст ба хилофи навъи аввал, ки маҳмуд аст, аз барои он, ки мулку подшоҳӣ ба раъият боз бастааст"[3].

Қобили зикр аст, ки дар муҳити фарҳангии асримиёнагӣ касос дар шакли "хунбаҳо" амалӣ шуда, дар замонҳои баъдӣ низ дар шаклҳои гуногун (чашм ба чашм, дандон ба дандон) роиҷ гардид. Аммо Қутбиддин Шерозӣ ба ин нақида назари нек надошта, кӯшиш менамояд, ки нодурустии моҳияти онро нишон диҳад. Аз ҷумла: "Дар касос, ки навъе аст аз анвоъи сиёсат ҳам ҳайвати ҷонс ва ҳам аз они муҷрим аст ва ҳам ҳайвати дигарон аст, ки агарчи

[1] Ҳамон ҷо: -С.168
[2] Қутбиддин Шероза. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Маҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.168.
[3] Ҳамон ҷо. -С.168.

ҳикмате дошта бошад ҳам, хушунаро ҳомӯш насозад"[1]. Мақсади мутафаккир он аст, ки на ҳама маҳкумшудаҳо касдан касеро куштаанд ва ё дар содир намудани қадом амале гунаҳкори воқеӣ ҳастанд. Аз ҳамин лиҳоз, окибати қасосгирӣ дар ҷомеаро боиси зиёдшавии кушторҳои одамони бегуноҳ донист. Қутбиддин Шерозӣ даъват менамояд, ки роҳҳои ҳалли масъала тариқи ҷазоҳои алтернативӣ муайян карда шавад. Агар ҳама муҷримон тариқи гирифтани қасос маҳкум карда шаванд, боиси қатли зиёди мардумон, ки "асоси мулку подшоҳиянд" мегардад. Таъйири муносибат бар ин нақида, бар он оварда мерасонад, ки «ҳама халқ бокӣ memonad»[2].

Дар идомаи баррасии масъалаи рохбарӣ, яъне "фоидаи сиёсат ва кайфияту каммияи он", Қутбиддин Шерозӣ, барои рохбари давлат ва ҷомеа сифатҳоеро пешниҳод менамояд, ки арзиши баланди илмию амалӣ доранд. Аз ҷумла, дар ҳама ҳолат, аз ҷумла таъйини ҷазо "аз тайиш ва сабукӣ кор бигирад, то уқубат ва сиёсате, ки кунад, на зиёдат. Ва ҳангоми муошират аз ахлоқи маҳмуда кор бигирад. Ва ҳаракоти худро назорат кунад. Ва дар суҳан гуфтан шитоб накунад на то наандешад ва маслиҳати он аз муфсида боз надоранд, нагӯяд, ки мулкҳои бисёр ва хонадонҳои бешумор дар сари суҳан рафтааст"[3].

Ҳалафи Қутбиддин Шерозӣ бо пешниҳоди ин масъалаҳои дуюмдараҷаи давлатӣ аз он иборат аст, ки подшоҳро аз масоили хурдтарин хушдор созад, зеро аз мунасибати дурусти рохбар бо аҳли ҷомеа фазои хуби корӣ ба вуҷуд омада, барои ҳалли масъалаҳои умдаи давлатдорӣ ва ташкили фазои солими корӣ шароити хуб ба бор меояд. Ин масъалахоро ба амнияти давлат рабт дода, Қутбиддин

[1] Ҳамон ҷо: - С. 168.
[2] Ҳамон ҷо: -С.168
[3] Қутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Маҳдухт Бону Ҳумой. Чопи нахуст. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон, 1396. -С.170.

Шерозӣ ба хотири аз таъназу маломат нигоҳ доштани давлат ва сарзаниши душманон ба подшоҳ пешниҳод кардааст. Риояи масоили зикргадида тибқи назари ӯ «сабаби қарори мамлакат ва суботи давлат»[1] хоҳад буд.

Қутбиддин Шерозӣ давоми мантиқии ҳалли масъалаҳои болозикрро дар саховатмандӣ, тавозуъ ва ахлоқи ҳамидаи роҳбар баррасӣ карда, менависад: «Подшоҳро ҷуду саҳо ва мурувватӣ карам ва ахлоқи азим дархӯр аст».[2] Тибқи назари мутафаккир, роҳбари давлат ва ҷомеа дар ҷавонмардӣ ва саховатпешагӣ бояд намунаи ибрат бошад. Иньоми подшоҳ бояд, ки хусусияти оммавӣ дошта бошад ва он ҳам ба дӯстон ва ҳам ба душманон дода шавад. Агар дар ҳамсоягии подшоҳ душмане бошад, ӯро низ ба сӯйи худ бояд моил кунад. Дар он сурат, душманӣ ба дӯстӣ мубаддал шуда, бисёр мушкилиҳо бартараф хоҳанд шуд. «Бидон, ки ҷуд (ҷавонмардӣ) он бувад, ки донад, ки ӯ аҳли неъмат додан аст ва ситонанда аҳли сутудани неъмат ва он неъмат аҳли бахлу ихроҷ аст. Ва самоҳат (ҷавонмардӣ) он бувад, ки бахл (бахшидан) бар вай осон бувад ва чун подшоҳ дар ато додан чандон бикушад, ки он бар вай осон гардад, ӯро самоҳат ҳосил шуда бошад»[3].

Ҳамчунин, роҳбар бояд дорои хислати хоксорӣ бошад, зеро виқору қудрат, миқдори зиёди молу сарват сабаби ғуруру такаббур ва беэътиноии вай хоҳад шуд. Тибқи назари мутафаккир, роҳбар бояд се маъниро таамул кунад: "Аввал, он ки одамӣ аз ҳочасот таркиб ёфтааст ва дар бадани вай аз ҳарчо ки сӯзане фурӯ барӣ чизе ҳатман берун хоҳад омад, ки хусусияти нопокӣ дорад. Ҳар кас, ки дорои хислати такаббурӣ аст, вай ба қаҳрамонии партов ва ифлосӣ монанд буда, ҳаргиз ба дарачаи бузургӣ намерасад; Дуюм, бингарад, ки ӯ дар илм машҳур гаштааст, ҳамчунон, он чи надонад, ба сад ҳазор мартаба беш аз он бошад, ки донад. Пас дар чохилӣ бағояти камол бошад ва дар олимӣ ба гояти нуқсон ва ҷоҳилро такаббур нарасад; Сеюм ба молу асбоб, имконоти бузург ва қудрату тавонои худ бингарад, вале тавре дар онҳо назар кунад, ки ӯро мағрур насозанд, балки ҳамаро таҳаммул ва дар хотир гирифта бошад, ки ӯро ҷуз хоксорӣ кардан дигар ҳеҷ чизе лоиқ нест»[1].

Масъалаи муҳими роҳбарӣ, тибқи таълимоти Қутбиддин Шерозӣ, ҳамкории сарвари сиёсӣ бо аҳли илм мебошад. Подшоҳро зарур аст, ки аз андешаи олимон дар фаъолияти худ истифода намуда, мартабаи онҳоро нигоҳ дорад, зеро таназзули давлату ҷамъият аз кашфиёт ва дастовардҳои илмӣ вобаста мебошанд. Ба ҳамин хотир, мутафаккир таъкид менамояд, ки агар ду нафар дар як илм шарик бошанд ва яке аз онҳо нисбат ба дигараш олимтар бошад, иқроми вай нисбат ба аввалӣ зиёдтар мебошад. Ҳамчунин, он касе, ки якбора дар ду соҳаи илм муваффақ бошад, мартабаи ӯ баландтар аз дигарон мебошад. Дар ин маврид Қутбиддин Шерозӣ менависад, ки "Дар садри китоб маълум мешавад, ки илм аз амал ва ибодат фозилтар аст. Пас, олим аз омилу (амалкунанда) обид фозилтар бошад"[2]. Мутафаккир бар он аст, ки подшоҳро мебояд, ки бо олимон самимият ва хоксориро нисбати обидону зоҳидон бештар раво бинад.

Идораи давлат ва ҷомеаро бе машварати мутахассисону донишмандони соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ??? дуруст роҳандозӣ намудан ғайриимкон мебошад. Аз ҳамин хотир, Қутбиддини Шерозӣ мавҷудияти мушовирон ва машварати онҳоро хеле зарур меҳисобида, роҳбари давлатро барои ҷалби мушовирон ва истифода аз машнарати онҳо даъват менамояд. Тибқи таълимоти мутафаккир, роҳбарро зарур аст, ки дар қабули қарорҳо шитобкорӣ накарда, ба

[1]Ҳамон ҷо: -С.173
[2] Ҳамон ҷо: -С.174
[3]Ҳамон ҷо: -С.175

[1]Ҳамон ҷо: -С.178
[2] Ҳамон ҷо: -С.176.

окибати корхо назар кунад, вале на ҳама кас окибати кори худро эҳсос карда метавонад. Аз ин лиҳоз, истифода аз машварати мушовирони оқил, соҳиббасират ва тачрибадор ба манфиати кор хоҳад буд. Мутафаккир дар ин ҷода кайд менамояд, ки "Чун маълум шуд, ки назар дар авоқиби умур аз вочибот аст ва ин коре гомиз (душвор) аст, пас мушоварати уқало аз лавозим бошад. Подшоҳро ҷамоате аз арбоби фан бошад, муффараги ин кори мухим бошанд, то корҳои дигар эшонро аз фикру андеша боз надорад. Ин ҷамоатро вузарои машварат хонанд, дигар вузаро вузарои ашғол ва аъмол ва амвол. Ва агар мумкин нагардад, ки подшоҳ ин ду тоифаро ҷамъ кунад, бояд, ки вузарои аъмолро ин ахлият бошад, то дар вақти машварат чун бад эшон ручуъ кунад, муфид бошад"[1].

Аҳли машваратро мутафаккир иборат аз донишмандони соҳа ва шахсони дурандеш донист, қабули қарорро аз ҷониби роҳбари давлат ва ҷомеа, бе машварати онҳо ғайриимкон мешуморад. Гибки назари муаффакир, "Ҳеч муфсадат подшоҳро ва ғайриподшоҳро аз он балтар набошад, ки ба раъйи худ маҷбуб бошад ва худро аз машварат мустағнӣ ангорад. Аз ҷумлаи фавоиди мушоварат он аст, ки агар ба раъйи худ кор кунад ва ба муфсада анҷомад, уқало ӯро айб кунанд ва маъзур надоранд ва гӯянд, ба раъйи худ кор мекунад ва ӯро машварат нанг медорад. Ва аммо чун ба мушовара кор кунад ва хатиае хосил шавад, ҳама ӯро маъзур доранд"[2].

Ба андешаи мутафаккир масъулияти роҳбарии давлат масъулиятест, ки хирадтарин ишгибоҳ метавонад ба вайронишавии низоми иҷтимоӣ ва аз байн рафтани давлатдорӣ боис гардад. Агар роҳбари давлат дар танҳоӣ қарореро қабул намояд, ки мувофиқ ба иродаи мардум ва давлатдорӣ набошад, ӯро "айб" ба худписандию худхоҳӣ (диктатура) мекунанд ва иродаи ҷомеа нисбаи ӯ сард мегар-

[1] Ҳамон ҷо. -С.182.
[2] Ҳамон ҷо. -С.182.

лад. Аз ҳамин хотир, ҳангоми баррасии масоили давлатӣ ва давлатдорӣ аз машварати мушовирони соҳибандеша истифода бурдани роҳбар ба манфиати кор хоҳад буд.

Арзиши амалии таълимоти Кутбиддин Шерозиро дар низоми давлатдории муосир метавон мушоҳида кард. Барои машварат дар соҳаҳои ҳаётан муҳими ҳочагии халқ мутахассисоне ҷалб мешаванд, ки дорои тачрибаи муайяни корӣ ва донишу заковати баланд бошанд. Мушовирони давлатӣ ҳангоми қабули қарор ва ё банақшагирии корҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ ба сарвари давлат машварат медиҳанд, ки он муфид ва ба нафъи халқу мамлакат бошад.

Мутафаккир машваратро ба ду қисм - «мушоварати ҷилват» ва «мушоварати хилват» ҷудо намуда, моҳияти ҳар кадомро шарҳу тафсир намудааст. Зери мафҳуми «мушоварати ҷилват», ӯ маҷлисеро дар назар дорад, ки подшоҳ аҳли машваратро ҷамъ карда, сараввал худ мавқеашро баён менамояд, то ин ки андешаи мушовирон холисона ва воқеӣ баён шавад. Дар сурати баёни андешаи худ пеш аз мушовирон, шояд байни фикрҳои подшоҳ ва мушовирон танқуз ба вуҷуд биояд ва ба эҳтирозу мухолифат анҷомад. Аз ин лиҳоз, подшоҳро зарур аст, ки нахуст мавқеи ҳар яке аз мушовиронро бидонад ва маҷлисеро натиҷагирӣ намояд. Дар сурате, ки аксарият нисбати масъалаи мавриди назар ҳамовоз бошанд хуб, вале дар ҳолати вуҷуд доштани танқузи фикр, подшоҳро зарур аст, ки «раъйи ҳар якро ба маҳаки ақл занад ва он чи ақл иқтизои он кунад, он кунад»[1].

Онд ба «мушоварати хилват» мутафаккир андеша дорад, ки ҳар як олиму донишмандро ҷудогона назди худ ҳозир кунад ва андешаи ӯро доир ба масъалаи мавриди назар ба даст биоварад. Ин мушоварати махсусест, ки дар дили мушовир муҳаббат нисбат ба роҳбар ва давлат мустаҳкам мегардад ва барои таквияти донишу худ дар сам-

[1] Ҳамон ҷо: -С.180

ти худ талош менамояд. Мушовирони ин тарзи машварат аз хамдигар оид ба мушовир буданашон огохй надоранд.

Кутбиддин Шерозй таъкид менамояд, ки хар мушовир, чи ахли "машвараги чилват" бошад ва чи ахли "машварати хилват", бояд андеша ва маслихати худро бахри хидояти подшох чониби кори хайр равона сохта, чихати амалй гардидани он сазю талош намояд: «Чун раъйи подшох бар чизе карор гирад, ки дар он сифати мазмум бувад, чун баддилй ва бахилй он раъйро бо ахли машварат боз гўяд ё ў ба он сифати мазмум махсус набошад ва чун раъйи чамъ бар он карор гирад аз он мазамат халос ёбад. Ва, агар раъй бар чизи дигар карор гирад, ки дар он сифати махмуд бувад, чун базли (бахшиш) мол аз барои сиёнати (мухофизати) дамоъ (хун) ва фуруч ва амволи раъият ва аморати вилоят ва он чи бад он монад, онро худ нигох дорад ва ба худ изофа кунад»[1].

Хулоса, андешаи Кутбиддин Шерозй дар мавриди низоми идоракунии давлат ва чомеа хусусияти ратсионалй ва прогресивй дошта, аз лоиран меъёрхои чомеаи асримиёнагй берун ва ба талаботи низоми муосири идоракунй мувофиктар мебошад. Аз чумла, шикастани колаби рохбарии ирсию авлодй ва меъёри асосии рохбарй донистани илму маърифат, адлу инсоф, ахлоки хамида, муошират ва муомилаи хуб бо мардум, хифзи манфиатхои чомеа (хифзу хиросати халк), саховатмандию чавонмардй, дурандешй ва гайра нишони эчоди институти рохбариест, ки барои чомеаи муосир низ арзиши худро нигох доштааст.

Мутафаккир бар он аст, ки макоми рохбарй фазилатест, ки бе машаккат ва ранчу мехнат хосил намешавад, вале он ба хар кас низ муяссар намегардад. Аз ин хотир, рохбарро мебояд, ки ин фазилат ва шаъну эътибори худро хифз намуда, магруру худписанд ва лаззатпараст нашавад, балки масъулиятшиносу худогох ва дурандеш бошад. Дар

[1] Хамон чо. - С. 181

фаъолияти кории худ аз машварати ахли илму маърифат ва шахсони тачрибадору рўзгордида ба таври васеъ истифода намояд. Барои подшох зарур аст, то донад, ки осоишу некухолии мардум сабаби дарозии умр ва давоми давлату низоми мамлакат хохад шуд. Некномй ва адолат кори нек ва ном умри дигар аст, ки хар гиз ба охир намерасад. Аз ин чихат, «подшохон хамеша ба чихати тахсили некномй тарфияи раият металабиданд ва аз он чихат тахаммули машаккатхо мекарданд»[1]

Хамин тавр, мутафаккир низоми давлатдории инсонмехвар ва адолатпарварро чонибдорй намуда, рохбари давлату чамъиятро ба таъмини некуахволии мардум даъват менамояд, зеро "хифзу хиросати мардум" сабаби бако ва дарозии умри давлат мегардад. Чунин низоми давлатдорй барои чомеаи муосир низ дорои ахамияти назариву амалй буда, метавонад бахри бакои миллату давлат хизмат намояд.

[1] Хамон чо. - С.181.

ХУЛОСА

Фалсафаи амалӣ, ки мухтавои он иборат аз ларки моҳият ва ҳадафи зиндагӣ, инчунин дарёфт ва таъмини саодати инсонӣ дар шакли инфиродиву ҷамъиятӣ аст, барои ҳар давру замон дорои арзиш ва аҳамият мебошад. Бахусус, ҷаҳони муосир, ки дар раванди муносибатҳои тезу тунди глобализатсионӣ қарор дошта, ҳар лаҳза арзишҳои нав пайдо ва арзишҳои фарҳанги миллӣ сироят пазируфта, ба раванди ташаккулёбии давлати миллӣ халал ворид намуда, гоҳе ба мушкилот дучор мегарданд, шиносхти моҳияту мухтавои инсон, ҳастии фардиву ҷамъиятии он, ташкили оила ва мукадлас шуморидани арзишҳои суннативу фарҳангии он, низоми давлатдориву сиёсии мувофиқ ба меъёрҳои умумиинсонӣ, шуур ва маърифати сиёсӣ пой узир мегардад.

Мусаллам аст, ки масоили марбут ба фалсафаи амалӣ ҳанӯз аз фалсафаи бостон таваҷҷуҳи файласуфонро ба худ ҷалб намудааст ва дар баробари баррасии масоили умумифалсафӣ ба таҳлилу таҳқиқи бахши мазкур низ марок зохир кардаанд. Гавре дар раванди таҳқиқ мушоҳида гардид, Арасту аз мутафаккирони нахустинест, ки ҳангоми таснифоти илм (назарӣ, амалӣ, эҷодӣ) ба накшаи назаррас доштани фалсафаи амалӣ дар низоми илмҳо баҳои узорӣ кардааст. Мутафаккир дар доираи се навъи накуӣ – накуии шахс, оила ва давлат, моҳияти фалсафаи амалиро баён намуда, ахлоқ, иқтисод ва сиёсатро илмҳои таъминкунандаи "накуӣ"-ҳои зикршуда донистааст, ки ҳамагӣ ба фалсафаи амалӣ тааллуқ доранд. Фалсафаи амалӣ, инсон ва муносибатҳои ӯ бо олами вуҷуд, рохҳои ҳамзистии ақлу хирад ва ларки моҳияти зиндагии инсонро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки махсусан дар фалсафаи муосир ба ин масоил таваҷҷуҳи бештар равона шудааст.

Дар марҳилаҳои минбаъдаи рушди афкори фалсафӣ низ мутафаккирон аз муҳимияти фалсафаи амалӣ дар раванди ларки мазмуну моҳияти ҳаёт, мақсади зиндагӣ ва саодати инсонӣ дифо кардаанд. Аз ҷумла, Яъқуби Киндӣ, Абулаббоси Сарахсӣ, Абунасри Форобӣ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Давонӣ ва мутафаккирони минбаъда низ аз фалсафаи амалӣ ва мавқеи муҳими ин бахш дар баррасии масоили марбут ба ҳаёт ва моҳияту маънӣ, таъмини фазилат, дарёфти роххои расидан ба саодат, худшиносиву худогохӣ ва пешгирӣ аз ҳар гуна бегонашавиҳо чониблорӣ ва онро инкишоф додаанд.

Кутбиддин Шерозӣ аз он мутафаккиронест, ки аз андешаҳои ратсионалистӣ пайравӣ намуда, дар баробари баррасии масъалахои умумифалсафӣ, табиатшиносиву риёзӣ, мантиқу нуҷум, инчунин ба таҳқиқи фалсафаи амалӣ, аз қабили ахлоқ, фалсафаи оилаворӣ ва масоили сиёсиву ичтимоии ҷомеа низ таваҷҷуҳи хоса намудааст. Таҳлил ва таҳқиқи фалсафаи амалии Кутбиддин Шерозӣ нишон медиҳад, ки:

1. Мутафаккир илмхоро тасниф намуда, дар тафовут аз мутафаккирони пешин, нахуст тамоми донишҳоро ба фалсафию гайрифалсафӣ қисмат намуда, ба донишхои фалсафӣ илмҳои кайҳоншиносӣ, риёзиёт ва ахлоқро шомил намуда, ҳар гуна донишҳои дигар, аз ҷумла динро гайрифалсафӣ меҳисобад. Моҳияти андешаи мутафаккир аз он иборат аст, ки донишхои фалсафӣ барои ҳамаи инсонҳо, новобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ, замон, мансубияти қавмию нажодӣ, динию мазҳабӣ ва миллию фарҳангӣ арзиши ягона дошта, яксон хизмат менамоянд. Аз ҷумла, ахлоқ илми фалсафиест, ки ҷавҳари онро таъмини саодат ва фазилати инсонӣ ташкил намуда, ҳамчун бахши муҳимтарини фалсафаи амалӣ дар раванди дарки моҳият ва мақсади зиндагӣ, инчунин таъмини низоми ичтимоӣ ба таври фаъол иштирок менамояд.

Кутбиддин Шерозӣ фалсафаи амалиро иборат аз дарки моҳияти ҳаракатҳои ирода ва фаъолиятҳои инсонӣ[1] дониста, ҳадафи онро аз таъмини зиндагии шоиста, бонизом

[1] Нит: Кутбиддин Шерози. Дуррат-ут-тоҷ. Бо ҳошия ва тахҳеи Сайд Мухаммад Машкук. Ҷ.1. Техрон. Чопи сеюм. 1369. – С.160.

ва камолоти маънавию ахлоқӣ арзёбӣ менамояд. Ба ин маънӣ, метавон хулоса кард, ки агар ҳадафи фалсафаи амалӣ таъмини саодати инсонӣ, дарки моҳият ва мазмуни зиндагӣ ва камолоти маънавию ахлоқии инсон бошад, пас, он фалсафаи воқеӣ буда, дар низоми донишҳои фалсафӣ ҷойгоҳи хосса дошта метавонад. Бо вуҷуди ҷой доштани тафовутҳои ҷузъӣ дар таснифоти илмҳо, ки аз ҷониби мутафаккирони мухталиф анҷом шудааст, ҳамагӣ бар он иттифоқи назар доранд, ки дар доираи фалсафаи амалӣ, ҳикмате мавриди баҳс қарор мегирад, ки дар доираи феълу ихтиёри инсон ва тахти кудрати ӯ қарор дошта, муайянкунандаи амал ва макому ҷойгоҳи инсон дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Яъне, фалсафаи амалӣ моҳият ва мақсади ҳастии инсонро ошкор намуда, роҳҳои дарёфти камолоти маънавию ахлоқӣ, зиндагии иҷтимоӣ, фардӣ ва ҷамъиятиро муайян месозад. Илова бар ин, дар доираи ҳикмати амалӣ оид ба рафтору амали инсон, роҳҳои камолоти инсон, масоили марбут ба хаёти ҷтимоӣ, фарҳангу маънавиёт ва рушди бунизоми ҷомеаи инсонӣ баҳс мегардад. Чунин тарзи фаҳмиш барои ҷомеаи муосир низ дорои арзиш ва аҳамияти назариву амалӣ дошта метавонад:

2. Таҳлили рӯзгор ва мухтавои осори Қутбиддин Шерозӣ нишон медиҳад, ки ӯ ҳамчун намояндаи фалсафаи машшоияи шарқӣ дар рушди мактаби ратсионалӣ саҳми назаррас гузоштааст, вале то ҳанӯз ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ҳатто, дар қисмате аз адабиётҳои марбут ба таърихи фалсафа доир ба ин мутфаккир маълумоти биографӣ низ оварда нашудааст. Муҳаққиқони хориҷӣ бошанд, ӯро дар қатори донишмандони риёзидон ва табиатшинос муаррифӣ намудаанд, ки қобили дастгирӣ аст, вале аз идомаҷиҳандаи фалсафаи Сину Форобӣ будани мутафаккир, ба ҷуз аз баъзе маколаҳои муҳаққиқони эронӣ чизи дигар нест. Ҳол он, ки Қутбиддин Шерозӣ аз ситорагони тобноке, ки осори арзишманди ил-

миро ба мерос гузошта, дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва арзишҳои фарҳанги миллӣ саҳми назаррас гузоштааст. Аз ҷумла, "Дуррат-ут-тоҷ"-и ӯ асари энсиклопедиест, ки бо забони тоҷикӣ ва бо фарогирии масоили фалсафию мантиқӣ, табиатшиносиву риёзӣ ва метафизикию ирфонӣ навишта шуда, гувоҳ аз эҳсоси дилбастагии муаллиф ба фарҳангу маддуни миллӣ мебошад. Новобаста ба он, ки мутафаккир дар муҳити фарҳангии динмехвории асримиёнагӣ тарбият гирифта фаъолияти эҷодӣ карда бошад ҳам, арзиши андеша ва осори илмии ӯро дар замони муосир низ метавон исбот кард. Ин осор (фалсафӣ, нуҷумӣ, риёзӣ, тиббӣ ва ирфонӣ-динӣ), ки бо усули ақлгароёна ва услуби илмӣ навишта шудаанд, метавонанд баҳри пешрафти илм ва ҳамзамон муаррифии фалсафа ва маънавиёти миллат таъсири мусбат расонанд:

3. Қутбиддин Шерозӣ фалсафаи амалии худро дар таъсирпазирӣ аз таълимот ва афкори арзишманди макотиб ва мутафаккирони сохибандеша ба вуҷуд овардааст. Дар нубуги андешаҳои мутафаккир ҳам афкори бостонии Шарқ, ҳам мутафаккирони Юнони қадим ва ҳам донишмандони асримиёнагии тоҷику форс саҳм гузоштаанд. Мутафаккир, ба ҳаман осори пешин бо ҳисси эҳтиром менигарад, вале танҳо ба он сарчашмаҳое истинод менамояд, ки дорои хусусияти илмию ақлгарой буда, ба воқеият мувофиқат намоянд. Ӯ, ҳангоми баррасии масоили фалсафаи амалӣ истинод ба ривоят ва андешаҳои динӣ низ кардааст, вале танҳо ба он андешаҳое, ки аз хуруфоту гаассуб орӣ ва ба ҳаёти воқеӣ тааллуқ дошта бошанд. Чунин тарзи муносибат ба андеша ва афкори фалсафию динӣ барои ҷомеаи муосири тоҷик аз аҳамият холӣ намебошад.

4. Фаҳмиши мазмуну моҳияти ахлоқ ва аҳамияти он дар ҷомеа налидаи нав ва кашфу эҷоди Қутбиддин Шерозӣ набуда, балки дар таърихи фалсафа ва таълимотҳои ахлоқӣ ба ин масъала рӯҷӯи зиёди ихтисосӣ анҷом шудааст. Воқеан, ахлоқ дастовардӣ арзишмандест, ки дар муназзам сохтани

ҷомеаи инсонӣ ва таъмини марҳилаҳои ташаккули мин-
баъдаи он саҳми назаррас гузоштааст. Бо дар дарки ҳамин
муҳимият Кутбиддин Шерозӣ "ахлоқ"-ро илми фалсафие
муаррифӣ медонад, ки мазмуну моҳияти он ошкор сохтани
моҳияти ҳастии инсон, мақсаду маромӣ зиндагӣ, тафовути ӯ
аз олами вуҷуд, бунёди зиндагии шоиста, саҳм гузоштан дар
ташаккули ҷомеа, қобилиятҳои офаринандагӣ ва эҷоди
арзишҳои олӣ мебошад. Мутафаккир моҳияти ахлоқро,
иборат аз "ороиши инсон бо зевари илму адаб» ва хилояти
он ба шиносхти мазмуни ҳаёт, такомули шахсият ва
фарҳангофариниӣ медонад, ки комилан воқеъбинона ва ар-
зишманд мебошад.

5. Комилан тағйирнозир будани ахлоқи инсониро Кутбиддин Шерозӣ қоиқдорӣ намуда, хусусияти фитрию зотӣ доштани онро беасос меҳисобад. Гибки таъкиди мутафаккир инсон, ки қобилияти тағйирёбии хулқи ҳайвонро дорад, метавонад ахлоқи насли худро низ комилан тағйир диҳад. Ҷунин тарзи фаҳмиш, ки мутафаккир бо далелҳои мантиқӣ пешниҳод кардааст, метавонад дар самти пешгирӣ аз ҳар гуна андешаҳои метафизикии бебунёд ва дорои хусусиятҳои хурофотидошта доир ба тақдири пешмуайяншуда ва фитрияти ахлоқӣ саҳми арзишманд гузорад.

6. Ахлоқ, дар таълимоти Кутбиддин Шерозӣ, на танҳо илми назариявӣ ва муайянкунандаи мақсаду моҳияти ҳастии инсон, инчунин, илми танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ низ, мавриди эътироф қарор гирифтааст. Мутафаккир бар он назар аст, ки хулқи нақӯ онест, ки инсонро ба некӯкорӣ, инсондӯстӣ, раҳмдилӣ ва ҳамдардиву ҳамдилӣ намуда, ба ҳамин васила ҷомеаро аз разолат ва номуназзамӣ ҳифз мебахшад. Яъне, сифатҳои ахлоқие, ки дар натиҷаи фаъолияти ҷамъиятӣ, таъсирнозирӣ аз ҷомеа ва фаъолияти бошуурона касб карда мешаванд, метавонанд ба ҳайси ҷенаки танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ баромад намоянд. Аз ҳамин ҳисоб, меъёрҳо, сифатҳо ва категорияҳои ахлоқии муайяннамудаи Кутбиддин Шерозӣ

фарогири хислатҳои маҷмӯии мусбати инсонӣ ҳастанд. Ҷамъи онҳоро (23 хулқ) дар доираи категорияҳои умумиэтикии – некӣ ва некукорӣ, инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, адолат, таҳаммулпазирӣ ва покию покдоманӣ ҷамъбаст намуда, хулоса кардан мукин аст, ки аксарият ба талаботҳои меъёрии ҷомеаи муосир мувофиқ ҳастанд.

7. Воқеан, оила муҳимтарин институти иҷтимоиест, ки тариқи он шаклгирии ниҳодҳои дигар, аз ҷумла, тарбия, иқтисод, сиёсат ба амал бароварда мешаванд. Кутбиддин Шерозӣ онларо аз ҳамин диднгоҳ мавриди баррасӣ қарор дода, кӯшиш намудааст, ки мавқеи ниҳоди мазкурро ҳам дар қонеъ гардонидани талаботҳои моддию маънавии аъзоён, инчунин тарбияи шахсиятҳои зарурии ҷамъият ошкор созад. Мутафаккир ҳудуди онларо, ки пешгузоштагон аз чаҳор қисм (Арасту ва пайравонаш) иборат медонистанд ба шаш (волидайн, ҳамсарон, фарзандон, бародарону хоҳарон, хешовандон, хизматторон) расонида, моҳияти ниҳоди мазкурро дар тарбия ва нигоҳдошти бехтарин хислатҳои инсонӣ иборат медонад. Ҷунин тарзи фаҳмиши мафҳуми оила дар замони муосир, ки раванди коста гардидани мавқеъ ва арзиши ниҳоди мазкур эҳсос мегардад (аз ҷумла, зиндагӣ бидуни таъсиси оила ва ҳамҷинсгароӣ (дар Ғарб) ва никоҳи хешутаборӣ (аз ҷумла дар Тоҷикистон)), метавонад дорои ҷанбаи мусбат бошад. Ин гуна назариёти прогресивӣ ва андешаи динии зишманд дар пешгирии хурофотпарастиву консервативии насли муосир доир ба оила нақши муҳим бозида метавонанд.

8. Низоми оиладории пазируфташуда дар таълимоти Кутбиддин Шерозӣ шакли оиладории суннатии патриархалӣ мебошад. Мутафаккир, гарчанде дар доираи меъёрҳои мавҷудаи асримиёнагӣ масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода бошад ҳам, вале дар таълимоти ӯ хусусиятҳои прогрессивӣ ва қолабшикании низоми асримиёнагӣ эҳсос мегардад. Аз ҷумла, новобаста аз ҷинсият тарбия кардани фарзандон, интихоби ҳамсар, ша-

роити мусоид фароҳам оварлан барои хизматгорон ва риояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва г. Кутбиддин Шерозӣ бар он назар аст, ки агар, оила дар асоси интихоби якдигарии зану мард ва бо ларназардошти бехтарин сифатҳои инсонӣ таъсис дода шавад, он метавонад дар ичрои вазифаҳои ичтимоии худ муваффақ бошад. Ин гуна таълимот барои ҳар давру замон, аз ҷумла замони муосир ҳам арзишманд мебошад.

9. Аз ҷумлаи унсурҳои асосии сохтори ичтимоӣ ва инъикоскунандаи ҳама гуна тағйиротҳо дар ҷомеа оила маҳсуб меёбад. Он ягона ниҳодест, ки функсияи репродуктивиро ба ӯҳда дошта, равандҳои интиколи иттилоот ва ичтимоишавӣ дар он амалӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, дарки моҳияти сохтории оила ва мушаххас намудани вазифаҳои ичтимоии аъзоёни он хеле муҳим мебошад. Кутбиддин Шерозӣ бар он назар аст, ки асоси онларо таҳияи пакпаи ратсионалии бунёди он ташкил менамояд. Агар, мақсад аз бунёди оила, пеш аз ҳама, таваллиди фарзанд бошад, пас ҷиҳати тавлид ва ба камол расонидани он, аз нахуст тарҳрезии имкониятҳо зарур аст, то насли солеҳу баркамол ба ҷомеа интикол карда шавад. Ин масъалаи муҳимтаринест, ки дар фарҳанги оиладорӣ ба он бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона гардад. Хулосаи таълимоти Кутбиддин Шерозӣ он аст, ки агар, онла дар асоси арзишҳои фарҳанги миллӣ ва суннатҳои хусусияти прогрессивидонгта ташкил карда шавад, метавонад вазифаҳои ичтимоии худро ичро намуда, дар инкишофи ҷомеа саҳми арзишманд гузорад.

10. Мафҳуми «сиёсат» дар таълимоти Кутбиддин Шерозӣ ба маънии андешидани чорабиниҳои мувофиқ ҷиҳати таъмини «хайр ва салоҳи ҷомеаи инсонӣ» истифода гардидааст. Он, ҳикматест, ки сарчашма аз дарки моҳияти хастии инсон ва фазилатҳои ҷамъиятии ӯ гирифта, то дараҷаи идора ва танзими муносибатҳои давлативу ҷамъиятӣ мерасад. Гарчанде, Кутбиддин Шерозӣ аз маънии луғавии «сиёсат» ва моҳияти истилоҳии ба он вобаста, яъне «зӯрӣ» сарфи назар накарда бошад ҳам, вале сарҳатан метавон гуфт, ки ӯ пеш аз Макс Вебер падидаи мазкурро «кӯшиши интирок намудан дар ҳокимият ё таъсир расонидан дар тақсими ҳокимият дар вилоятҳо, ноҳияҳо ва байни гурӯҳи одамон» таъриф додааст. Аз таълимоти мутафаккир бармеояд, ки «сиёсат» ҳам илм ва ҳам санъати зарурист, ки ба таъмини низоми ичтимоӣ ва пешрафти ҳаёти ҷамъиятии одамон равона мегардад. Кулли таърифҳои Кутбиддин Шерозӣ дар нисбати мафҳуми мазкур - «сиёсат, ислоҳи халқ ва иршоди эшон ба роҳест, ки мунчӣ (начотдиханда) бошад дар дунё», «сиёсат, ичрои умури ҳукумат ва кордон он, ҳифзу ҳиросати халқ бошад» ва «сиёсат, ончи роҷеъ бувад ба ҷамоате, ки миёни эшон мушорикат бувад дар шаҳр ва вилоят, бал иқлим ва мамлакат», ҳаммазмун бо таърифи «сиёсатшиносӣ» ё «политология»-и имрӯза ҳастанд. Маълум мегардад, ки мутафаккир мафҳуми "сиёсат"-ро дар шакли васеъ бо фарогириши масоили ахлоқию ҳуқуқӣ ва тариқи методологияи дурусти илмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

11. Кутбиддин Шерозӣ сохтори сиёсиву ичтимоии ҷомеаеро мепазирад, ки он дар асоси ҳамбастагии ҳама қишрҳои ҷомеа ва риояи ҳуқуқу озодиҳои мардум, инчунин бо принсипи адолатмехварӣ бунёд гардида, "ҳифзу ҳиросати халқ" ва таъмини "хайри умум" ҷавҳари опро ташкил дихад. Чиҳати бунёди чунин низом мутафаккир пешниҳод менамояд, ки ҳар як фарди ҷомеа масъулиятшинос ва дар ичрои вазифаҳои ба душдоштаи худ муносибати ҷиддӣ дошта бошад. Аммо, масъул гардонидани аҳди ҷомеа (таксими дурусти меҳнат), масъалаи муҳимтарост, ки низоми сохтории ҷамъиятро ташкил ва танзим менамояд. Таксимоти дурусти меҳнат ва масъул гардонидани ҳама қишрҳои ҷамъият метавонад мувозинати ҷомеаро таъмин ва роҳҳои рушди опро муайян созад.

12. Идораи давлат ва ҷомеа низ аз масъалаҳои маркази илмҳои ҷомеашиносӣ ба шумор рафта, то кунун маври-

ди таваҷҷуҳ мебошад, зеро ҷомеа ба ҳайси организми зинда дар ҳоли тағйирпазирӣ қарор дошта, вобаста ба дигаргуншавиҳои идеологӣ андешидани чорабиниҳои мувофиқро тақозо менамояд. Аз баррасиҳо ва хулосаҳои Қутбиддин Шерозӣ дар мавриди сохтори сиёсию иҷтимоӣ ва сифатҳои роҳбари давлату ҷомеа бар меояд, ки ӯ низоми давлатдории инсонмеҳвар ва адолатпарварро ҷонибдорӣ намуда, роҳбари давлату ҷамъиятро ба таъмини некуаҳволии мардум даъват менамояд, зеро "ҳифзу ҳиросати мардум" сабаби бақо ва дарозии умри давлат мегардад. Чунин низоми давлатдорӣ барои ҷомеаи муосир низ дорои аҳамияти назариву амалӣ буда, метавонад баҳри бақои миллату давлат хизмат намояд. Ин тарзи муносибат ҳамдилии давлату ҳукуматро бо мардум ба вуҷуд оварда, имкони тараққиётро бештар мегардонад.

Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо.

1. Ҷаҳони муосир, ки дар гирдоби раванди глобализатсионӣ қарор дорад, метавонад хатарҳои ҷиддиро ба фарҳангу тамаддуни ҳар миллату халқият ба вуҷуд биорад. Мағзшӯйии насли наврасу ҷавон тариқи таъсирпазирии тавассути шабакаҳои интернетию маҷозӣ ва бурҷии корҳои тарғиботӣ чихати пайвастан ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротию иртиҷоӣ ба мушкилоте табдил ёфтааст, ки на танҳо аҳли илм, балки тамоми ҷомеаро ба ташвиш овардааст. Чихати пешгирӣ аз ин раванди номатлуб ва боло бурдани ҳисси худшиносиву худогоҳии насли муосир таълимоти мутафаккирони ақлгаро, аз ҷумла Қутбиддин Шерозӣ метавонад саҳми назаррас гузорад. Коркардҳо ва натиҷаҳои ба ластомадаи таҳқиқоти илмӣ арзиши андешаҳои мутафаккирро барои замони муосир ошкор намудааст, ки ҳангоми бурдани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар самти зикршуда метавонад ба таври васеъ истифода шаванд.

2. Масоили ахлоқӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, худшиносии миллӣ ва хувияти фарҳангӣ аз масъалаҳои мухимтарини илмҳои

гуманитарию ҷомеашиносӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқи масоили зикргардида дар замони муосир мубрамияти тоза касб карда истодаанд. Дар самти таҳқиқи чунин масоил Қутбиддин Шерозӣ қадамҳои устувор гузошта, бо диди ратсионалӣ ва тафаккури прогрессивӣ онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Маводи дар монография коркардшуда метавонад дар самти таҳқиқи масоили мухимтарини фалсафаи амалӣ, аз ҷумла таълимотҳои ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии асримиёнагии тоҷик ҳамчун заминаи илмӣ-назариявӣ мавриди истифодаи васеъ қарор бигирад.

3. Дар замони муосир зарурате пеш омадааст, ки мутахассисони дорои ҷаҳонбинии илмӣ ва огоҳ аз таъриху тамаддуни миллати худ тарбия карда шавад. Аз ин лиҳоз, маводи монография метавонад ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ аз фанҳои таърихи фалсафаи тоҷик, ахлоқ, фарҳангшиносӣ, таълимотҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ хизмат намояд.

4. Муҳаббат ба ватан ва фарҳанги миллӣ дар раванди бунёди давлатдории миллӣ аз масоиле ҳастанд, ки дар ҷомеаи муосир ҳамчун унсурҳои мухимтарини давлатсозӣ ба шумор мераванд. Имрӯз зарурате пеш омадааст, ки дар шуури насли муосир арзишҳои зикршуда ҷой карда шаванд, то насли ватандӯсту ватанпарвар ба камол расад. Аҳли имро зарур аст, ки пайи коркард ва амалисозии ҳамин гуна мукаддасот андеша камуда, дар ҳар нишасту суҳбатҳо, аз ҷумла тариқи васоити ахбори оммаи ҷомеаро ҷониби дарки моҳияти давлату миллат ва волоияти арзишҳои фарҳанги миллӣ даъват намоянд. Дар монография чунин мавод вуҷуд дорад ва дар раванди суҳбату вохӯриҳо аз он истифода кардан ба манфиат хоҳад буд.

5. Дар самти нигоҳдошт ва интиқоли арзишҳои фарҳанги миллӣ оила нақши басо мухим мебозад. Ин ҷиҳоди иҷтимоӣ дар тарбия ва ба камол расонидани фарзандони солеҳ ва таъмин намудани ҷомеи бо насли созанда низ аз тамоми институтҳои дигари иҷтимоӣ бартарӣ дорад,

Чихати боз ҳам устувор намудани фарҳанги оиладорӣ ва нигоҳ доштани арзишҳои оилаи суннатӣ тавсия ва коркардҳои кори илмӣ аз аҳамият холӣ нестанд. Пешниҳод мешавад, ки сохторҳои марбут ба оила (Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сабти асноти ҳолати шаҳрвандӣ) ва тарбия (Вазорати маориф ва илм, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар рафти фаъолияти касбии худ аз андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузашта ва корҳои илмии ба онҳо бахшидашуда истифода намоянд.

ФЕҲРИСТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. -64с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»// Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, соли 2016, №3. (аз 15.03.2016с. №1294; аз 17.05.2018с. №1532. https://mfa.tj. (санаи мурочиат: 12.03.2022).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анана ва ҷашну маросимҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»// Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6. (КҶТ аз 28.08.2017с. №1461 https://mfa.tj. (санаи мурочиат: 02.01.2022).

Монография, китобҳоидарсӣ, воситаҳоитаълимӣ

4. Абдуррофеъи, Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ аз Ҷамосби хаким то Ҳакими Сабзворӣ. [Матн] / А. Ҳақиқат. - Техрон, 1372. -887с.
5. Абӯалӣ, ибни Сино. Дар аксоми улуми аклия// Осор. Ҷ.4.[Матн] / Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе, 2007. -921с.
6. Абуалӣ, ибни Сино. Хикмати машрикия. Осор Ҷ.2. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. - Душанбе: Дониш, 2005. -802с.
7. Абӯалӣ, ибни Сино. Рисола дар ахлок. Осор. Ҷ.2. [Матн] / Ибни Сино. - Душанбе, 2005. -802с.
8. Абӯалӣ, ибни Сино. Рисола дар тадбири манзил. Осор. Ҷ.4.[Матн] /Ибни Сино. - Душанбе, 2007. -921с.

9. Абўали, Мискавайхи Розӣ. Тачориб-ул-умам. (Озмунхои мардумон). Ҷ.1. Тарҷума ва хошияи Абулқосими Имомӣ [Матн] / Абўали Мискавайхи Розӣ. Техрон: «Суруш», 1389., 564с.
10. Абўбакр, Мухаммад Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор- [Матн] / Закариёи Розӣ. - Душанбе, 1989. -153с.
11. Абўбакр, Мухаммад Закариёи Розӣ. Расоил-ул- фалсафия. [Матн] / Закариёи Розӣ. - Бейрут, 1979.
12. Абўбакр, Мухаммад Закариёи Розӣ. Тиббӣ Мансурӣ. [Матн] / Закариёи Розӣ. - Душанбе: «Дониш», 2016. -450с.
13. Абўлфазл, Бурхонии Фарахонӣ. Фалсафаи хукуки хонавода дар ислом. [Матн] / Абулфазл Фарахонӣ. - Техрон, 1389. – 165с.
14. Абўлфазл, Шакурӣ. Фалсафаи снёсии Ибни Сино ва таъсири он бар адвори баъдӣ. [Матн] / Шакурӣ Абулфазл. – Кум, 1384.- 149с.
15. Абўнаср, Форобӣ. Андешахои ахли мадинаи фозила. Тарҷумаи Саид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. [Матн] / Форобӣ Абўнаср. - Техрон: Шўрои олии фархангу хунар, 1379. -320с.
16. Абўнаср, Форобӣ. Сиёсати мадина. Тарҷумаи Ҷаъфари Саҷҷод. [Матн] / Форобӣ Абўнаср. - Техрон: Анҷумани фалсафаи Эрон. 1358. – 155с.
17. Абўнаср, Форобӣ. Эхсо-ул-улум. Мутарҷим: Хусайн Хидев Ҷам.[Матн] / А. Форобӣ. Техрон, 1381. -119с.
18. Абўнаср, Форобӣ. Ал-чамъ байна раъйи-л-хакимайн (Ҳамоҳангии афкори ду файласуф "Афлотун ва Арасту"). Тарҷумаи Абдулхусайн Машкут ад-Дини. [Матн] / А. Форобӣ. –Техрон, 1391. -289 с.
19. Абўҳомид, Муҳаммади Ғазолӣ. Эҳё улум ад-дин. Рубъи ибодот (1).[Матн] / Ғазолӣ Мухаммад. - Душанбе, «Эр-гарф». 2008. сах 628.

20. Абўҳомид, Мухаммади Ғаззолӣ.Кимиёи саодат. Ҷ.1.[Матн] / Мухаммад Ғаззолӣ. - Душанбе, 2008. – 660с.
21. Абўҳомид, Мухаммади Ғаззолӣ.Кимиёи саодат. Ҷ.2. [Матн] / Мухаммад Ғаззолӣ. - Душанбе, 2008. – 657с.
22. Авесто. / Тахияи М. Диловар, аз гузориш ва пажухиши доктор Ҷалили Дустхох [Матн]. – Душанбе: «Конуният», 2001. – 792 с.
23. Авесто дар тамаддуни чахонӣ. (Ясно, хоти 43/6) - Душанбе, 2001.
24. Александров, Г.В. История социальных учений древнего Востока. [Текст] / Г.В. Александров. М.. 1959. - 597с.
25. Алиакбар, Сиёсӣ. Мабонии фалсафа. [Матн] / Сиёсӣ Алиакбар. - Техрон, 1958. – 316с.
26. Аликулов, Х. Джалалиддин Давонӣ. Жизнь, наследие и философские взгляды [Текст]/ Аликулов Х. - Ташкент, 1972. -156с.
27. Алӣ, Акбар Деххудо. Лугатномаи Деххудо. Ҷ.14, шумораи муфасал 28 шумораи ҳарфи «т:», [Матн] - Техрон: Интишороти Мачлиси Шўрои Миллӣ. 1335 ш.к.-С.499.
28. Аль-Фараби. Гражданская политика // Аль-Фараби. Социально- этические трактаты [Текст] – Алма-ата: «Наука», 1973. -400с.
29. Аль-Фараби. О достижении счастья // Аль-Фараби Социально-этические трактаты [Текст] – Алма-ата: «Наука», 1973. -400с.
30. Амин, Раёҳӣ Мухаммад. Забон ва адаби форсӣ дар каламрави усмонӣ. [Матн] / Раёҳӣ Амин Муҳаммад. - Техрон, 1369. – С.121.
31. Амирхонов, Ш.Т. Философско-этические воззрения в мистицизме Ахмада Газали.[Матн] / Ш.Т. Амирхонов. -Душанбе, 2018. -152с.

32. Апри, Корбен. История исламской философии// Перевод с французского и примечания А.Кузнецова. [Текст] / А. Корбен. - М.: Прогресс-традиция, 2010. - 360с.
33. Арасту. Сиёсат. Тарҷуман Хамид Иноят. [Матн] / Арасту. - Техрон. 1381.-482с.
34. Арасту. Ахлоқи Никомах. Тарҷуман Муҳаммад Хасан Лутфӣ. [Матн] / Арасту. - Техрон 1378. 414с.
35. Ардаконӣ, Муҳаммад Бокир. Ҷомеъ-ут-тавохид. Ду ҷузв дар як ҷилд. Чопи сангӣ. [Матн] / Муҳаммад Бокир Ардаконӣ. - Миср. б/с:
36. Аристотель. Никомахова этика. Соч.в 4т.[Текст] / Аристотель. - М.: Наука, 1983.
37. Аристотель. Политика. Наука об управлении государством. [Текст] / Аристотель. - М.: "Эксмо"; СПб.: Terra Fantastika. 2003. –С.309
38. Аристотель. Политика. Афинская полития. / Предисл.: Темнова Е.И. [Текст] / Аристотель. – М.: «Мысль», 1997. – 458 с.
39. Аркун, Муҳаммад. Инсонпиноси аз пиғохи Ибни Мискавайҳ ва Абӯҳаёни Тавҳидӣ. Тарҷуман Ҳошим Солех.[Матн] / Муҳаммад Аркун. - Бейрут 1997.
40. Асмус, В.Ф. Историко-философские этюды.[Текст] / В.Ф. Асмус. - М., 1984.
41. Асмус, В.Ф. Платон. [Текст] / В.Ф. Асмус. - М., 1969.
42. Ахманов, И. Интеллектуальная интуиция и эстетическое созерцание// Антология феноменологической философии в России. Т.2. Составитель, общая редакция, предисловия и комментария Чубарова И.М. [Текст] / И. Ахманов. - М.: Логос, 2000. – С.69-92;
43. Ахмедов, Т.И., Жидко, М.Е. Психотерапия в изменённых состояниях и сознаниях. [Текст] / Т.И. Ахмедов, М.Е. Жидко. - М.: АСТ, 2000.

44. Ахмадов, С. Баъзе хусусиятхои фикх ва каломи Абӯханифа [Матн] / С. Ахмадов. – Душанбе, 2009. – 169с.
45. Ахмадов, С. Абӯханифа [Матн] / С. Ахмадов. – Душанбе: "Сохибкор", 2009. – 204с.
46. Ашкурӣ, Кутбиддин. Маҳбуб-ул-кулуб. [Матн] / К. Ашкурӣ. Таърихи хукамои пеш аз ислом. [Матн] / Ашкурӣ Кутбиддин. - Техрон, 1398.
47. Ашуров, Г. Философские взгляды Насира Хусрава [Текст]/ Ашуров, Г. - Душанбе: «Дониш», 1965.- 109 с.
48. Бердяев, Н. Философия свободы. [Текст] / Н. Бердяев. - М.: АСТ, 2002.
49. Бекзода, К. Бозгашти Ҷамшед: мусоҳибаи зиндагӣ бо марг. [Матн] / К. Бекзода. - Душанбе, 2019. – 194с.
50. Бекзода, Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. [Матн] / К. Бекзода. - Душанбе, 2012. - 433с.
51. Бердиев, Ш.П., Шомуродов, Б.Б. Этика. [Матн] / Ш.П. Бердиев, Б.Б. Шомуродов. - Душанбе, 2016. - 525с.
52. Богомолов, А. Античная философия. [Текст] / А. Богомолов. -М.: Изд-во 1985.
53. Бокир, Сорухонӣ. Фарҳанги улуми иҷтимоӣ. [Матн] / Сорухонӣ Бокир. - Техрон: Кайҳон, чопи аввал. 1367.
54. Бонпар, А. Греческая цивилизация. Т.1. От Илиады до Парфенона/ Пер. с франц. О.В.Волкова; Предисл. проф. В.И.Авдиева. [Текст] / А. Бонпар. –М.: Иссукство, 1992. 269с.
55. Бородай, Т.Ю. Платон// Античная философия: Энциклопед. Словарь. [Текст] / Т.Ю. Бородай. - М.: "Прогресс-Традиция", 2008.
56. Большая советская энциклопедия. 2-е изд. [Текст] – М.: «Советская Энциклопедия». 1957. Т. 40. – 648с.
57. Большая советская энциклопедия. 3-е изд. [Текст] – М.: «Советская Энциклопедия». 1976. Т. 24. Кн. 1. – 608с.

58. Брагинской, М. Л. Гаспарова, С. А. Жебелева и др.: общ. ред. А.И. Доватура] [Текст] / Аристотель. – М.: «Мысль», 1983. – 830с.
59. Бранский, В. П. Искусство и философия: Роль философии в формировании и восприятии художественного произведения на примере истории живописи [Текст] / В. П. Бранский. – Калининград: «Янтарный сказ»,1999. – 704с.
60. Ващекин, Н. П. Глобализация и устойчивое развитие [Текст] / Н. П. Ващекин. – М.: МГУК, 2002. – 585с.
61. Вебер, М.О некоторых категориях понимающей социологии. Избранные произведения. [Текст] / М. Вебер. - М.: Прогресс. 1990.
62. Витгенштейн, Л. Логика - философский трактат// Философские работы. 4.1. [Текст] / Л. Витгенштейн. -М., 1994.
63. Вундт, В. Введение в философию. [Текст] / В. Вундт. - М., 1998.
64. Гоббс, Т. Левиафан, или материя, форма и власть государства церковного и гражданского [Текст] // Т. Гоббс. Сочинения: в 2 т. – М.: «Мысль», 1991. Т. 2. - С. 3-590.
65. Гегель, В.Ф. Философия духа. [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. –М.: 1977.
66. Гегель, Г.В. Философия религий. [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. - М.1977.
67. Гиденс, Э. Устроение общества. [Текст] / Э. Гиденс. - М.: 2003. 542с.
68. Грюнебаум, Г. Э. Основные черты арабо-мусульманской культуры: Статьи раз. лет. [Переводы] [Текст] / Г. Э. Грюнебаум. – М.: «Наука», 1981. 227 с.
69. Гуревич, Ҷорҷ. Ахлоқи назарӣ ва илми одоб. Тарҷумаи Ҳасан Ҳабибӣ. [Матн] / Ҷ. Гуревич. - Теҳрон, 1358. – 278с.

70. Гусейнов, А.А. Этика и мораль в современном мире// Этическая мысл: современные исследования. [Текст] / А.А. Гусейнов. - М.: Прогресс-Традиция, 2009.
71. Гусейнов, А.А. Этика и мораль в современном мире// Этическая мысль. Ежегодник. [Текст] / А.А. Гусейнов. - М.: ИФРАН, 2000.
72. Гусейнов, А. А. Введение в этику [Текст] / А. А. Гусейнов. – М.: Изд-во Московского университета, 1985. – 208 с.
73. Гусейнов, А. А. Золотое правило нравственности [Текст] / А. А. Гусейнов. – М.: «Молодая гвардия», 1988. – 271 с.
74. Гуторов, В.А. Античная социальная утопия. [Текст] / В.А. Гуторов. - Л., 1989.
75. Ғафуров, Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. [Матн] / Б. Ғафуров. - Душанбе, 2020.–975с.
76. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. [Матн] / М. Давлатов. - Душанбе: «Ирфон», 2014.- 224с.
77. Давлатов, П.Н. Этические взгляды Мир Саида Али Хамадани: Монография. [Текст] /П.Н. Давлатов.- Душанбе, 2014. –155 с.
78. Давонӣ Ҷалолиддин. Ахлоқи Ҷалолӣ. Бо тасҳехи Абдуллоҳ Масъудии Ороӣ. [Матн] / Ҷалолиддин Давонӣ. Теҳрон, 1391х. -360с.
79. Дельгадо, Х. Мозг и сознание. [Текст] / Х. Дольгадо. - М.: МИР. 1971.
80. Джумабаев, Ю., Мамадов, Ш.Ф. Этическая мысль в Средней Азии вIV-XVвв[Текст] / Джумабаев, Ю., Мамадов, Ш.Ф.-М.: Изд-во МГУ, 1974. - 245 с.
81. Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе: «Дониш», 2011. – 407 с.

82. Диноршоев, М. Чусторхо лар фалсафаи Ибни Сино. [Матн] / М. Диноршоев. - Душанбе: «Эр-граф», 2017. - 656с.
83. Диноршоев, М. Философия Насириддина Туси[Текст] / Диноршоев, М. Душанбе: Донин,1968.- 187 с.
84. Диноршоева, З.М. Гражданская философия аль-Фараби: Диссертация на соискание учёной степени доктора философских наук. [Такст] / З.М. Диноршоева. - Душанбе, -2006.
85. Добрынин, А. И., Дятлов, С. А., Цыренова, Е. Д. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования [Текст] / А. И. Дробынин, С. А. Дятлов, Е. Д. Цыренова. –СПб.: «Наука», 1999. – 360с.
86. Доварӣ, Р. Форобӣ файласуфи фарханг. [Матн] / Р. Доварӣ. - Техрон. 1389.
87. Додихудоев, Х. Очерки философии исмаилизма[Текст] / Додихудоев, Х. -Душанбе:Донин,1975. - 145с.
88. Долихудоев, Х. Философия кристянского бунта [Текст] / Додихудоев, Х. -Душанбе: Ирфон. 1987.- 432с.
89. Додихудоев, Х. Философский исмаилизм. [Текст] / Х. Додихудоев. -Душанбе: ЭР-граф, 214.- 495с.
90. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ.[Матн]. -Техрон 1383. Ч.6. 752 с.
91. Доиратулмаорифи форсӣ. Ч.1. Бо сарпарастии Ғуломхусайн Мусоҳиб [Матн]. - Техрон: 1345 ҳ.ш. –1004с.
92. Донишномаи арабӣ-форсӣ. [Матн] . - Техрон. 1383. Ч.4. –864с.
93. Дориюш, Ошурӣ. Донишномаи сиёсӣ. (фарҳанги истилоҳот ва мактабҳои сиёсӣ). [Матн] / Ошурӣ Дориюш. - Техрон, 1397. -468с.
94. Древние Цивилизации. Ancient Civilizations. Под общей редакции Бонгарда Г.М. [Текст] / Г.М. Бонгард. - Москва, 1989. – 321с.

95. Дробницкий, О. Г. Моральная философия: Избранные труды [Текст] / О. Г. Дробницкий. – М.: «Гардарики», 2002. – 523 с.
96. Дробницкий, О.Г. Понятие морали [Текст] / Дробницкий, О.Г. -М.: Наука. 1974. -338с.
97. Дюркгейм, Э. О разделении общественного труда. [Пер. с фр. А. Б. Гофмана] [Текст] / Э. Дюркгейм. – М.: «Канон», 1996. – 430с.
98. Заркулӣ, Хайриддин. Ал-элом. [Матн] / Х. Заркулӣ. Қоҳира, 1927. 580с.
99. Заҳабӣ, Шамсуддин. Дувал таърих-ал-ислом. Бо кӯшиши Мозин ибн Салим. [Матн] / Ш. Заҳабӣ. – Техрон: Дор-ул-муғнӣ, 1998. 784с.
100. Заҳиддин, Муҳаммад ибн Ахмад. Сияру аъломинубало. [Матн] / М.А. Заҳиддин Бейрут: Висваден. 1961. - 624с.
101. Заҳиддин. Муҳаммад ибн Аҳмад.Таърих-ул- ислом. Ба кӯшиши Умар Абдусалом Тадмирӣ. [Матн] / М.А. Заҳиддин. - Бейрут, 1992-1993.
102. Зиёев, Х.М. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он. [Матн] / Х.М. Зиёев. – Душанбе: Ирфон, 2004. -216с.
103. Зиёев, Х.М. Мавлоно. [Матн] / Х.М. Зиёев. – Душанбе: Донин, 2007. -196с.
104. Зиёев, И.Ғ., Зиёева З.И. Ахлок ва Зебоишиносӣ. [Матн] / И.Ғ. Зиёев. З.И. Зиёева. – Душанбе, 2019. - 480с.
105. Зиёзода, И.Г. Ахлок. [Матн] / И.Г. Зиёзола. – Душанбе, 2020. -420с.
106. Зиёзода, И.Г. Зебоишиносӣ. [Матн] / И.Ғ. Зиёзода. – Душанбе, 2020. -304с.
107. Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. [Матн] / Г.Н. Зокиров. - Душанбе, 2007. - 602с.
108. Зокиров, Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ. [Матн] / Г.Н. Зокиров. - Душанбе: "Истеъдод", 2010.-392с.

109. Ибн, Аби Усайба. Табақот-ул-атибо. [Матн] / Ибн Аби Усайба. - Бейрут, 1956.
110. Ибн, Аби-ул-Вафо ал-Курайший. Ал-Ҷавохир-ул-маориф. [Матн] / Ибн Аби-ул-Вафо Курайший. - Ҳайдаробод, 1332 ҳ.
111. Ибн, Шокир. Фавот-ул-Вафиёт.[Матн] / Ибн Шокир. - Қохира, 1299 ҳ.
112. Ибни Мискавайҳ, Абўалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад. Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷума ва тавзехи Алӣ Асғар Ҳалабӣ. [Матн] / Ибни Мискавайҳ. - Теҳрон: «Асотир», 1381. 325с.
113. Ибни Надим, Муҳаммад ибн Исҳоқ. Ал-фехраст. Ба кўшиши Ризо Тачаддул. [Матн] / Ибни Надим. - Техрон, 1346
114. Ибни Халдун, Абдурахмон. Мукаддима. Ҷ.2.Чопи панҷум. [Матн] / Ибни Халдун. - Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ,1366.
115. Ибн, Халдун. Мукаддима. Тарҷумаи форсии Муҳаммад Парвин Гунободӣ. Ҷ.1. [Матн] / Ибн Халдун. - Техрон, 1345.
116. Ибни, Халдун. Мукаддима. Ҷ1-2. [Матн] / Ибн Халдун. – Душанбе, 2020. - 624с.
117. Иванов, В.Г. История этики древного мира[Текст] / Иванов, В.Г.-Л.: Изд-во ЛГУ. 1980. 224 с.
118. Иванов, В.Г. История этики средник веков[Текст] / Иванов В.Г. -Л.: Изд-во ЛГУ, 1984. -279с.
119. Идибеков, Н.И. Этика Насиридлина Туси в свете его теории свободны воли [Текст] / Идибеков, Н.И. - Душанбе: Дониш, 1987. - 92 с.
120. Идиев, Х. У. Фалсафаи ичтимоӣ [Матн] / Х. У. Идиев. – Душанбе: «Дониш», 2013. – 382 с.
121. Исоев М. Ҳикмати амалии Мискавейх [Матн] / М.Исоев. -Душанбе, 2003. -176с.

122. История таджикской философии (с древнейших времен до XV в.) Т.2. Под общей редакции А.А. Шамолова, Душанбе: «Дониш», 2011.
123. Кант, И. . Сочинения. В 6 т. Т. 4. Ч. 2. [Текст] / И. Кант; под общ. ред. В.Ф. Асмуса, А.В. Гулыги, Т.И. Ойзермана. – М.: «Мысль», 1965. 478с.
124. Кахаров Г. Г. Социальная стратификация таджикистанского общества (монография). – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 264 с.
125. Кант, И. Трактаты и письма. [Текст] / И. Кант. - М., 1984.
126. Карл, Поппер. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ.1. [Матн] / П. Карл. - Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – 376 с.
127. Карл, Поппер. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ.2. [Матн] / П. Карл. - Душанбе: «ЭР-граф». 2020. – 436 с.
128. Кимлика, У. Современная политическая философия: введение. / Пер. с англ. С. Моисеева [Текст] / У. Кимлика. – М.: Изд. дом ГУ ВШЭ, 2010.– 592 с.
129. Козырев, Г.И. Социология. [Текст] / Г.И. Козырев. - М., 2010.
130. Комилов, Р. С. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р. С. Комилов. – Душанбе: «Маориф», 1996. – 288 с.
131. Комилов, Р.С. Фалсафаи тоҷик (аз аҳди қадим то имрўз). [Матн] / Р.С. Комилов. - Душанбе, 2012.- 304с.
132. Коплестон, Фридрих Чарлз (Copltston, Frederick Charles). Таърихи фалсафа. (1907). Тарҷумаи Ҷалолиддин Муҷтабавӣ. [Матн] / Ф.Ҷ. Коплестон. - Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1388. -673с.
133. Корбен, А. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷума аз забони фаронсавӣ Ҷавод Табатабой. Ҷ.2. [Матн] / А.Корбен. – Техрон 1369х.

134. Корбен А. Ду сарчашмаи дин ва ахлок. Тарҷумаи Ҳасан Ҳабибӣ. Теҳрон, 1979.
135. Кори иҷтимоӣ бо оила / Зери таҳрири Д. Бахромбеков. – Душанбе, 2012.
136. Кулматов, Н.А. Этические взгляды Саади [Текст] / Кулматов, Н.А. - Душанбе: Донин, 1967.-129 с.
137. Қифтӣ, Ҷалолиддин. Таърих-ул-ҳукамо. [Матн] / Ҷ. Қифтӣ. Миср, 1952. [137] Қодирӣ, Ҳотам. Андешаҳои сиёсии Ғазолӣ. [Матн] / Ҳотам Қодирӣ. - Теҳрон, 1370.
138. Қодиров, К. Таърихи фалсафаи тоҷик (курси лексияҳо) [Матн] / К. Қодиров. – Душанбе: «Маориф», 1998. – 264 с.
139. Қодиров, Қ.Б., Давлатов, М.Т., Расулов, С.Х.Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. [Матн] / Қ.Б. Қодиров, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов. - Душанбе, 2008. - 220с.
140. Қумӣ. Меҳрот-ул-чинон. [Матн] / Қумӣ. - Ҳайдаробод. 1210 ҳ. –326с.
141. Қурбонӣ, Абулқосим. Зинҷагиномаи рӯҳониёни давраи исломӣ. [Матн] / Абулқосим Қурбонӣ. - Теҳрон, 1365. -627с.
142. Қурбонов, А.Ш. Вазъи маориф ва илм дар шароити истиқлоли давлатӣ. [Матн] / А.Ш. Қурбонов. Душанбе, 2021. – 354с.
143. Қурбонов, А. Ш. Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) [Матн] / А.Ш. Қурбонов.-Душанбе: «Ирфон», 2019. – 220 с.
144. Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. Душанбе: «Эр-граф», 2011. -640с.
145. Ленин, В. И. Государство и революция [Текст] // Ленин В. И. Полное собрание сочинений. – 5-е изд. – Т.

33. – М.: «Издательство политической литературы», 1974. – С. 1-120.
146. Лосев, А.Ф. Философия. Мифология. Культура [Текст] / А.Ф. Лосева. - М.: Политиздат, 1991. -525с.
147. Маркс, К. Энгельс Ф. Ленин В. И. О социальной справедливости [Текст] – М.: «Политиздат», 1987. – 303 с.
148. Маркс, К., Энгельс, Ф. Немецкая идеология [Текст] // Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. Изд. 2-ое. Т. 3. – М.: «Госполитиздат», 1955. – 544с.
149. Марксистская этика: Учебное пособие для вузов (Общ. Ред. А.И.Тиаренко,[Текст]. - М.: Политиздат, 1986. - 366 с.
150. Материалисты древней Греции. Собрание текстов Гераклита, Демокрита и Эпикура / Общ. ред. и вступ. ст. проф. М.А. Дынник. [Текст] –М.: «Госполитиздат», 1955. – 239 с.
151. Маҳдӣ, Муҳаққиқ ва Нуронӣ, Абдуллоҳ. Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ». Ҷ.1. [Матн] / М. Муҳаққиқ, Н. Абдуллоҳ. - Теҳрон, 1383.
152. Маҳлӣ, Муҳаққиқ. Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳолу ҳулнигоштаи ӯ// Ҳикмати исро. [Матн] / М. Муҳаққиқ. - Теҳрон. 1392.
153. Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Мабонии ахлоқи фалсафӣ дар ислом. Ҷ.2. Ба кӯшиши Яҳё Маҳдавии Вироҷ Афшор. [Матн] / М. Муҳаққиқ. - Теҳрон: «Асотир», 1371.
154. Махмадов, А.Н. Сиёсатшиносӣ. [Матн] / А.Н. Махмадов. - Душанбе, 2010.
155. Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифроттарони динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. Душанбе, 2022. –324с.
156. Мец, А. Мусульманский ренессанс. [Текст] / Мец, А. - М.: Наука, 1966. - 458с.

134. Корбен А. Ду сарчашман дин ва ахлок. Тарҷумаи Ҳасан Ҳабибӣ. Техрон, 1979.
135. Кори иҷтимоӣ бо оила / Зери таҳрири Д. Бахромбеков. – Душанбе, 2012.
136. Кулматов, Н.А. Этические взгляды Саади [Текст] / Кулматов, Н.А. - Душанбе: Донин, 1967.-129 с.
137. Қифтӣ, Ҷалолиддин. Таъриҳ-ул-ҳукамо. [Матн] / Ҷ. Қифтӣ. Миср, 1952. [137] Қодирӣ, Ҳотам. Андешаҳои сиёсии Ғазолӣ. [Матн] / Ҳотам Қодирӣ. - Техрон, 1370.
138. Қодиров, К. Таъриҳи фалсафаи тоҷик (курси лексияҳо) [Матн] / К. Қодиров. – Душанбе: «Маориф», 1998. – 264 с.
139. Қодиров, К.Б., Давлатов, М.Т., Расулов, С.Х.Вожаноми тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. [Матн] / К.Б. Қодиров, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов. - Душанбе, 2008. - 220с.
140. Кумӣ. Мерот-ул-чинон. [Матн] / Кумӣ. - Ҳайдаробод. 1210 х. –326с.
141. Қурбонӣ, Абулқосим. Зиндагиноми риёзидонони давраи исломӣ. [Матн] / Абулқосим Қурбонӣ. - Техрон, 1365. -627с.
142. Қурбонов, А.Ш. Вазъи маориф ва илм дар шароити истиқлоли давлатӣ. [Матн] / А.Ш. Қурбонов. Душанбе, 2021. – 354с.
143. Қурбонов, А. Ш. Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) [Матн] / А.Ш. Қурбонов.-Душанбе: «Ирфон», 2019. – 220 с.
144. Қуръони карим. Матни асл ва тарҷуми маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. Душанбе: «Эр-граф». 2011. -640с.
145. Ленин, В. И. Государство и революция [Текст] // Ленин В. И. Полное собрание сочинений. – 5-е изд. – Т.

33. – М.: «Издательство политической литературы», 1974. – С. 1-120.
146. Лосев, А.Ф. Философия. Мифология. Культура [Текст] / А.Ф. Лосева. - М.: Политиздат, 1991. -525с.
147. Маркс, К. Энгельс Ф. Ленин В. И. О социальной справедливости [Текст] – М.: «Политиздат», 1987. – 303 с.
148. Маркс, К., Энгельс, Ф. Немецкая идеология [Текст] // Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. Изд. 2-ое. Т. 3. – М.: «Госполитиздат», 1955. – 544с.
149. Марксистская этика: Учебное пособие для вузов (Общ. Ред. А.И.Тиаренко,[Текст]. - М.: Политиздат, 1986. - 366 с.
150. Материалисты древней Греции. Собрание текстов Гераклита, Демокрита и Эпикура / Общ. ред. и вступ. ст. проф. М.А. Дынник. [Текст] –М.: «Госполитиздат», 1955. – 239 с.
151. Маҳдӣ, Муҳаққиқ ва Нуронӣ, Абдуллоҳ. Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ». Ҷ.1, [Матн] / М. Муҳаққиқ, Н. Абдуллоҳ. - Техрон, 1383.
152. Маҳдӣ, Муҳаққиқ. Қутбиддин Шерозӣ ва шарҳи ҳоли худиғоштаи ӯ// Ҳикмати иеро. [Матн] / М. Муҳаққиқ. - Техрон. 1392.
153. Муҳаққиқ, Маҳди. Мабонии ахлоқи фалсафӣ дар ислом. Ҷ.2. Ба кӯшиши Яҳё Маҳдавии Вироҷ Афшор. [Матн] / М. Муҳаққиқ. - Техрон: «Асотир», 1371.
154. Маҳмадов, А.Н. Сиёсатшиносӣ. [Матн] / А.Н. Маҳмадов. - Душанбе, 2010.
155. Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. Душанбе, 2022. –324с.
156. Мец, А. Мусульманский ренессанс. [Текст] / Мец, А. - М.: Наука, 1966. - 458с.

157. Мину, Афшорирод ва Алиакбар Окобахшй. Фарханги улуми сиёсй. [Матн] / М. Афшорирод, А. Окобахшй. - Техрон, 1387.
158. Милани, К. ва Чудит, С. Рушди ахлокй. Китоби роҳнамо. Тарчуман Муҳаммад Ризо Чахонгирзода ва дигарон. [Матн] / К. Миланй ва С. Чудит. - Кум 1379.
159. Мир, Мухаммад Такй. Бузургони номии Форс. Ч.1. [Матн] / Такй Мир Мухаммад. - Донишгохи Шероз. Шероз, 1367.
160. Мирбобоев М.К. Этика Джалолиддина Давони. - Душанбе, «Дониш», 1992. -147с.
161. Молоцова, Е.Н. Наука об уме и знании// Проблема знания в истории, науки и культуры. [Текст] / Е.Н. Молцова. - СПб: Алтейя, 2001.- С. 193-206.
162. Мударисй, М. Фалсафаи ахлок: пажўҳиш дар бунёнҳои забонй, фитрй, тачрибй, назарй ва динии ахлок. [Матн] / М. Мударрисй. - Техрон, 1371. -347с.
163. Мударрис, Разавй. Ахвол ва осори Хоча Насир. [Матн] / Разавй. М. - Техрон. 1381. -436с.
164. Музаффари, М. Системная антропология. Книга в трех частях. Часть 1. [Текст] / М. Музафар. - Душанбе, 2021.– 218с.
165. Музаффарй М. Антропологияи ориёй [Матн] / М. Музаффарй. -Душанбе, 2006. -124с.
166. Мукаддимаи «Рисолаи Ихвон-ус-сафо». Чилди 4. [Матн] /. Техрон.-426с.
167. Муминджанов, Х. Философские проблемы зороастризма. [Текст] / Х. Муминджонов. -Душанбе, 2000.
168. Муминзода, Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. Чилди 1-2. [Матн] / Х. Муминзода. - Душанбе, 1993.
169. Муминчонов, Х. Идеи непрерывного движения и всеобщего развития в Авесте// Арийская цивилизация в контексте евроазиатских культур. - Душанбе: Дониш. 2006. - С. 466 – 482.

170. Муминчонов, Ҳ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёҳо. [Матн] / Х. Муминчонов. - Душанбе, 2004.
171. Мур, Г.Е. Принципы этики. [Текст] / Мур, Г.Е.- М.: Прогресс, 1984.- 323с.
172. Мухаммад-Али, М. Введение в антропологию. [Текст] / М.Мухаммад-Али. - Душанбе, 2009. -130с.
173. Мухаммад, Абдулҳайи Қунавии Ҳиндӣ. Фавод-ул-бахия. [Матн] / Мухаммад Абдулҳай. - Ҳайдаробод. 1240.
174. Мухаммад, Абдурраҳмон, Хайриддин, Идиев. Андешаҳои ичтимоию сиёсии Абубакр Закариёи Розй. [Матн] / М. Абдурахмон, Х. Идиев. - Душанбе: Дониш 2016. – 50с.
175. Мухаммадхочаев А. Андешаҳои перомуни ирфон ва фалсафа. [Матн] / А. Мухаммадхочаев. –Душанбе: "Дониш", 2012. -323с.
176. Мухаммад, Алй Табрезии Хиёбонй. Райҳонат-ул-адаб. [Матн] / Мухаммад Алй. - Техрон, 1331.
177. Мухаммад, Газзолй. Насиҳат-ул-мулук. [Матн] / Газзолй Мухаммад. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 175с.
178. Мухоҷирнё, Мухсин. Андешаҳои сиёсии мутафаккирони мусалмон. [Матн] / М. Мухсин. - Кум 1380.
179. Мухсин, Махдй. Тартиб-ус-саодат. [Матн] / Махдй Мухсин. - Техрон.1371.
180. Назариев, Р. Социальная философия «Ихван-ас-сафа» и Насира Хусрава: (сравнительный анализ) [Текст] / Р. Назариев. – Душанбе: «Ирфон»,2011. – 329 с.
181. Назри Яздонй. Ҳикмати озодагон. [Матн] / Н. Яздонй. – Душанбе. 2009. – 276с.
182. Назархудоева, Л.Т. Таджикистанская семья в условиях трансформации общества. [Текст] / Л.Т. Назархудоева. - Душанбе. 2020. 126с.
183. Накибзода, Ахмад. Даромаде бар чомеашиносии сиёсй. [Матн] / А. Накибзода. - Техрон, 1387.

184. Насируддин, Тӯсӣ. Ахлоки Носирӣ. [Матн] / Тӯсӣ Насируддин. -Душанбе: "Шучоиён", 2009. – 388с.
185. Начафкулӣ, Ҳабиб. «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Сухравардӣ бо шарҳи Қутбиддин Шерозӣ. [Матн] / Ҳ. Начафкулӣ. - Техрон. 1391.
186. Ниёзӣ, Ё.Б. Таснифоти илм дар машшояи шаркӣ ва тахаввули он дар фалсафаи асриниёнагии тоҷик. [Матн] / Ё.Б. Ниёзӣ. - Душанбе, 2022. – 331.
187. Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба чоп таёркунанда А. Девонақулов. [Матн] / Низомулмулк. –Душанбе: "Адиб" 1989. – 198с.
188. Низам ал-Мульк. Сиясатнаме. Книга о правлении визира XI в. Низам аль-Мулька. / Пер. проф. Б. Н. Заходера [Текст] / Низам ал-Мульк. –М.: Изд-во АН СССР, 1949. – 380 с.
189. Нитсше, Ф. Чунин гуфт Зардушт. Тарҷуман Рахим Ғуломӣ. [Матн] / Ф. Нитсше. - Техрон. 1389.
190. Новая философская энциклопедия: в 4 т. Т. 3. [Текст] – М.: «Мысль», 2001. – 693 с.
191. Носехпур, Насруллоҳ. Рисолаи мусикӣ аз Дурраг-уттоҷ. [Матн] / Насруллоҳ Носехпур. - Техрон, 1370.
192. Ойдо, Чахраконӣ. Илми калом ва мабохиси каломӣ. [Матн] / Чахраконӣ Ойдо. - Техрон, 1358.
193. Олимов, К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ. [Матн] / Олимов, К.-Душанбе: Дониш, 1988 -134 с.
194. Олимов, К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннахр дар қарнҳои XXII [Текст] / К. Олимов. – Душанбе: «Дониш», 2019. – 332 с.
195. Орифӣ, М. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик[Текст] / Орифӣ, М. -Душанбе, 1962.-143 с.
196. Оростахӯ, Муҳаммад. Бо накд ва нигариш ба фарҳанги истилоҳоти илмӣ-ичтимой. [Матн] / Муҳаммад Оростахӯ. - Техрон, 1381.

197. Осимӣ, М. Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ. [Матн] / М. Осимӣ. – Душанбе, 1970. – 140с.
198. Очерки по истории этики [Текст]. -М.: Мысль. 1969. - 430с.
199. Очеркхои таърихи фалсафа. [Матн]. - Душанбе: «Дониш» - 1982. -287с.
200. Парсонс, Т. Система современных обществ. [Текст] / Т. Парсонс. - М. 2002. 402с.
201. Пизишк, Ахмад. Хулосаи зиндагиномаи илмии донишмандони риёзидон. [Матн] / Ахмад Пизишк. - Техрон, 1374.
202. Пилецкий, С.Г. Месть и возмездие: социальная эволюция с обратной связью. Среднерусский вестник общественных наук. Серия: философия. Этика, религиоведение. 2010. https://cyberleninka.ru (дата обращение 22.02.2020)
203. Пироян чон. Тарҷуман Тазхиб-ул-ахлоқ ва татхир-ул-аъроқи Ибни Мискавайх. Тарҷума, шарх ва тавзеҳоти Ҳусайн Қадимӣ. [Матн] / Ибни Мискавайх. - Қум, 1397. -328с.
204. Платон. Диалоги. /Пер. с др.-греч. С. Я.Шейнман-Тонпейн; сост., вступит. ст., общ. ред. А. Ф. Лосева; примеч. А. А. Тахо-Годи [Текст] – М.: «Мысль», 1986. – 607 с.
205. Платон. Избранное: [научно-популярное издание]: [пер. с древнегреч.] [Текст] / Платон. – М.: «ООО Издательство АСТ»,2004.– 493 с.
206. Платон. Сочинения в четырех томах. Т. 3. Ч. 1. [Текст] / Платон. – СПб.: Изд-во СПб. ун-та; «Изд-во Олега Абышко», 2007. – 752 с.
207. Платон. Государство/ Перевод А.И. Егунова// Сборник сочинений. В 4т. Т.3. [Текст] / Платон. - М. 1994. VI. 492 d.

208. Платон. Сочинения в трех томах. Том 1. [Текст] / Платон. - М.: «Мысль», 1968. 623с.
209. Попов, Л. А. Десять лекций по этике [Текст] / Л. А. Попов. – М.: «Ось-89», 2001. – 192 с.
210. Раджабов, М. Философские и социально-этические взгляды Амир Хусрава Дехлави. [Текст] / Раджабов, М. - Душанбе: Ирфон, 1982. -95 с.
211. Рассел, Б. Таърихи фалсафаи Ғарб. Ҷ.1. Тарҷумаи Начафи Дарёбандарӣ. [Матн] / Б. Рассел. - Техрон: «Парвоз»,1360.
212. Расулов, С.Х. Психологияи эмотсия ва хиссиёт. [Матн] / С.Х. Расулов. - Душанбе: «ЭР-граф». 2022. – 336с
213. Рахимов, М. Абуали ибн Сина (Авиценна). Философия человека [Текст] / М. Рахимов. – Душанбе: «Ирфон», 2018. – 648 с.
214. Рахимов, С. Эстетика зороастризма [Текст] / С. Рахимов. – Душанбе: «Дониш», 2006. – 406 с.
215. Раҳмонӣ, Ғуломризо. Омӯзиши фалсафаи маишӣ ва ишроқӣ, Ғуломризо Раҳмонӣ. - Қум. 1390. – 330с.
216. Раҳмонов, Э. Гочикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002. -128с.
217. Раҳмонов, Э. Ориёихо ва шиносхои тамаддуни ориёӣ. [Матн] /Э.Рахмонов. –Душанбе: Шарки озод, 2007. - 144с.
218. Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: ЭР-граф, 2009. -372с.
219. Раҳмонов, Э. Мухити зиндагӣ ва олами андешахои Имоми Аъзам. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: Шарки озод, 2009. -368с.
220. Раҳмонов, Э. Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунхо. [Матн] /Э.Рахмонов. –Душанбе: Шарки озод, 2009. -320с.

221. Рахмонов, Э. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: Бухоро, 2012. -132с.
222. Рахмонов, Э. Чехрахои мондагор. [Матн] /Э.Раҳмонов. –Душанбе: ЭР-граф, 2016. -364с.
223. Рачабов, М. Аз таърихи афкори ичтимоию хаёлии Шарк [Матн] / М. Рачабов. – Душанбе: «Ирфон», 1998. – 164 с.
224. Рашидадин, Фазлулох Хамадонӣ. Ҷоме-ут-таворих. [Матн] / Рашидадин Фазлуллохи Хамадонӣ. - Техрон, 1338.
225. Рашнод, Мухаммад. Фалсафа аз огози таърих. [Матн] / М. Рашнод. Душанбе: "Ирфон", 1990. –480с.
226. Рашнод, Муҳаммад. Фалсафа аз огози таърих. Ҷ. 3-4. [Матн] / М. Рашнод. - Душанбе: «Ирфон», 2002.
227. Ризо, Довар Ардаконӣ. Нигоҳе дигар ба фалсафаи исломӣ. [Матн] / Ардаконӣ Ризо Довар. - Техрон, 1387.
228. Ризо, Доварии Ардаконӣ. Форобӣ файласуфи фарҳанг. [Матн] / Ардаконӣ Ризо. - Техрон, 1354.
229. Ризо, Доварии Ардаконӣ. Фалсафаи маданнии Форобӣ. [Матн] / Ардаконӣ Ризо. - Техрон: Шӯрои олии фарҳанг ва хунар. Маркази мутолиот ва ҳамоҳангии фарҳангӣ. 1354. –253с.
230. Ризо Доварии Ардаконӣ. Форобӣ муассиси фалсафаи исломӣ.[Матн] / Ардаконӣ Ризо. - Техрон, 1355.
231. Ризокулихон. Риёзул орифин. [Матн] / Ризокулихон. - Техрон, 1316. -316с.
232. Розенфелд, Б.А. О математических работах Кутбиддина Ширази// История математических исследований. №25, [Текст] / Б.А. Розенфелд. – М.,1980. -562с.
233. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии. [Текст] / С.Л. Рубинштейн. - М., 1989.Т. 2. -241с.
234. Сагадеев, А.В. Ибн Сина [Авиценна]. [Текст] / А.В. Сагадаева. – М.: Мысл, 1980. -239с.

235. Самиев, А. Х. Историческое сознание как самопознание общества: социально-философский анализ [Текст] / А. Х. Самиев. – Душанбе: РТСУ, 2009. – 411 с.
236. Саид, Мухаммад Бокир Мусавӣ Хонсории Исфахонӣ. Равзат-ул-чаннот фи ахвол-ал-уламо ва-л-солот. Ҷ.3.[Матн] / Мухаммад Бокир. Техрон, 1380.
237. Саид, Мустафо Мухакик Домод. Дин, фалсафа, конун. [Матн] / Домодӣ Мухаккик. - Техрон. Интишороти Шаҳоб Сокиб, 1378.
238. Саидзода, Зафар. Густариши ахлоки миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. [Матн] / З.Ш. Саидзода. - Душанбе, 2014. – 258.
239. Сайид, Ҳусайн Наср. Таърихи фалсафаи исломӣ. Ҷилди 1. [Матн] / Сайид Ҳусайн Наср. - Техрон: интишороти «Хикмат», 1383ш./1425к. 491с.
240. Сафо, Мухаммад Музаффар. Тазкираи рӯзи равшан. Ҷ.3. [Матн] / М.М. Сафо. - Техрон, 1343.
241. Сафо, Забехулло. Таърихи улуми аклӣ дар тамаддуни исломӣ. Ҷ.1.[Матн] / Сафо, Забехулло. -Техрон. 1336. - 290 с.
242. Сафо, Забехулло. Ҷашнномаи Ибни Сино[Матн] / Сафо Забехулло. - Техрон, 1971. - 470 с.
243. Саъдӣ, Шерозӣ. Гулистон. [Матн] / Шерозӣ Саъдӣ. - Душанбе, 2014.– 151с.
244. Саъдӣ, Шерозӣ. Куллиёт. Ҷ.1. [Матн] / Шерозӣ Саъдӣ. - Душанбе: "Адиб", 1988.– 432с.
245. Сидик, Сафизода. Таърихи фалосифаи Эрон.[Матн] / С. Сафизола. - Техрон: Андешаи халок. 1385.
246. Сидик, Сафизода. Таърихи фалсафаи Эрон (аз Зардушт то Мулло Ҳодии Сабзаворӣ). [Матн] / С. Сафизода. - Техрон: Андешаи халок. 1385.
247. Силсилаи фархангхои Муин. Шумораи 3. [Матн] / М. Муин. - Техрон: Муассисан интишороти «Амири Кабир», 1360.

248. Словарь по этике. [Текст]. -М.: Политиздат, 1989. - 447 с.
249. Содиков, А. У. Акидахои ичтимой-сиёсии Абӯ Наср ал-Форобӣ [Матн] / А. У. Содиков. – Душанбе: ДМТ «Сино», 2009. – 153 с.
250. Содиков, А. Акидахои ахлоки мутафакирони Шарк. [Матн] / А. Содиков. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 144 с.
251. Содиков, А.У. Ҷаҳонбинӣ ва ахлок аз назари мутафаккирони точик. [Матн] / А.У. Содиков. - Душанбе 2004. 203с.
252. Соловьев, Н.Я. Брак и семья сегодня . [Текст] / Н.Я. Соловьева. - Вильнюс: Минтис. 1977.
253. Сорокин, П.А. Человек. Цивилизация. Общество. [Текст] / П.А. Сорокина. - М.: «Политиздат», 1992.
254. Спенсер, Г. Научные основания нравственности. Данные науки о нравственности. Изд. 2-е [Текст] / Г. Спенсер. – М.: «URSS», 2008.– 336с.
255. Спенсер, Г. Научные основания нравственности. Индукции этики. Этика индивидуальной жизни. Изд. 2-е [Текст] / Г. Спенсер. – М.: «URSS», 2008. – 248 с.
256. Султонов, У. Акидахои фалсафй, ичтимой ва ахлокии Абӯалӣ ибни Сино [Матн] / У. Султонов. -Душанбе. 1975. - 168 с.
257. Суханони хикматомӯзи Президенти Ҷумхурии Точикистон, Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмон. - Душанбе: ҶДМ "Контраст", 2017. – 464с.
258. Табасӣ, Миншон. Бахши хисоб ва мусикӣ "Дуррат-уттоҷ"-и Кутбиддин Шерозӣ. [Матн] / Миншон Табасӣ. - Техрон. 1324.
259. Таваллоев, М.Т. Таъсири чойнвазкунии босуръат ба сохтори ичтимой// Ҷумхурии Точикистон дар роҳи татбиқи ҳадафхои рушд. Душанбе, 2021.
260. Таърихи дуввали ислом. Ҳайдаробод, 1237х.к.Ҷ.2.

261. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. (Фалсафаи аҳди бостон). Нашри дуюм. –Душанбе, 2014.-581с.
262. Таърихи фалсафаи тоҷик (аз қадим то асри XX). Дар панҷ ҷилд. Ҷ.2. Муҳар. масъул: А. Шарипов [Матн] – Душанбе: «Дониш», 2016. –892 с.
263. Том, Роскморе. Платоновская рациональность и наука после Канта// Философия в диалог культур: Материалы всемирного дня философии. М.: Прогресс-Традиция, 2010.
264. Туманов, В.А. Правовой нигилизм в историко-идеологическом ракурсе // Государство и право. [Текст] / В.А. Туманова.- М. 1993. №8. -С.56-58
265. Турсунов А. Философия Ибн Сины. Истоки, проблемы, исторические судьбы// Философские науки. 1981 №1, С.81-82.
266. Уолтер, Г. Живой мозг. [Текст] / Г. Уолтер. - М.: МИР, 1966
267. Фалсафа дар аҳди Сомониён. [Матн]. - Душанбе: «Дониш» 1999.300 саҳ. [268] Фарҳанги мухтасари энсиклопедии русӣ-тоҷикии истилоҳоти кори иҷтимоӣ. – Душанбе, 2009.
268. Филоник, М. Психология вне добра и зла. Размышление начинающего психотерапевта// Научный сад. №1. [Текст] / М. Филоник. - М. 2004. -С. 26-29.
269. Фуко, М. Воля и истина. По ту сторону знания, власти и сексуальности/ Пер. с франц. [Текст] / М. Фуко. - М.: 1996
270. Хазой, Заҳро. Ахлоқи фазилат ва ахлоқи дин. Пажӯҳишҳои ахлоқӣ. [Матн] / Заҳро Хазой. -Техрон. 1378. -278с.
271. Хазраткулов, М. Философские взгляды Садриддин Шерози [Матн] / М. Хазраткулова.-Душанбе: Дониш, 1985. -144 с.

272. Хайдеггер. М. Конт и проблема метафизики. [Текст] / М. Хайдегер. - М.: Русское феноменологическое общество. 1997.-С.26-28.
273. Хайриддин, Заркалӣ. Эъломи Заркалӣ. [Матн] / Х. Зиркалӣ. - Миср, 1980. -С.188.
274. Хайруллоев, М.М. Мировозрение Фараби и его значение в истории философии [Текст] / М.М. Хайруллоев.- Ташкент: ФАН, 1967. - 335 с.
275. Хайруллоев. М.М. Абу Наср -ал-Фараби. [Текст] / М.М. Хайруллоева. -М.: Наука, 1982. -303с.
276. Хакимова, З.А. Культурно-антропологические концепции семьи в практической философии восточных перипатетиков. [Текст] / З.А. Хакимова. - Душанбе, 2013. – 133с.
277. Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. [Матн] / Хондамир. - Техрон, 1336.
278. Хоҷа, Насириддини Тӯсӣ. Ахлоқи Мухташамӣ. [Матн] / Тӯсӣ. Насируддин. Техрон, 1339.
279. Хоҷа, Насириддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. Тасҳеҳ ва тавзеҳи Муҷтабӣ Минӯӣ, Алӣ Ризо Ҳайдарӣ. [Матн] / Тӯсӣ Насириддин. - Техрон, 1384. – 468с.
280. Хоҷа, Насириддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. [Матн] / Тӯсӣ Насириддин. - Техрон, 1339х. –263с.
281. Ҳазраткулов, М. Эътиқодоту анъанаҳои бостонии Аҷам [Матн] / М. Ҳазраткулов. – Душанбе: «Дониш», 1986. – 286 с.
282. Ҳазраткулов. М. Оригиҳо ва тамаддуни ориёӣ. [Матн] / М. Ҳазраткулов. - Душанбе: Дониш, 2006. - 578с.
283. Ҳайдаров, Р. Ҷ. Тоҷикистон дар масири таҳкими истиқлолияти давлатӣ: Ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ [Матн] / Р. Ҷ. Ҳайдаров. –Душанбе: «Шоҳин С», 2020. – 108 с.

284. Ҳакимова, З.А. Масъалаҳои оила ва оиладорӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик. [Матн] / З.А. Ҳакимова. Душанбе, 2011.- 198с.
285. Ҳалабӣ,Алиасғар. Таърихи фалсафаи эронӣ аз оғоз то имрӯз. [Матн] / А. Ҳалабӣ. - Теҳрон. 1381.
286. Ҳасан, Иброҳим Ҳасан. Таърихи сиёсии ислом. Ҷ. 1-4. [Матн] / Ҳасан Х.И. - Қоҳира. 1965.
287. Ҳиротӣ, А. Шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ». [Матн] / А. Ҳиротӣ. - Теҳрон, 1315.
288. Ҳоҷӣ, Халифа. Кашф-уз-зунун ан асл-ул-кутуб вал фунун. [Матн] / Ҳоҷӣ Халифа. Туркия. 1310., Ҷ.1. – 562с.
289. Ҳоҷӣ, А.А. Шарҳи форсӣ-тоҷикии «Фиқҳи акбар»-и Абуханифа. [Матн] / А.А. Ҳоҷӣ. Уротеппа. 2000. С.33.
290. Ҳоҷӣ, Иброҳим Саидзодаи Хуҷандӣ. Ахлоқи ҳамидаи (Дастури илму адаб). [Матн] /Ҳоҷӣ, Иброҳим Саидзодаи Хуҷандӣ. - Хуҷанд 2001. – 160с.
291. Ҳусайн, Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия. [Матн] / Кошифӣ Ҳусайн Воиз.– Душанбе: "Адиб". 1991. –320с.
292. Ҷалил, Зоҳид. Мабонии илми сиёсат. [Матн] / Зоҳид Ҷалил. - Теҳрон, 1366.
293. Ҷало, Дали Мик Колум.Фалсафаи сиёсӣ. Тарҷумаи Бехрӯз Ҷиндикӣ. [Матн] / Ҷало Дали Мик Колум. - Теҳрон, 1383.
294. Ҷон,Уэлбрич. Қутбиддин Шерозӣ ваилм-ул-анвор дар фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Ҷавод Косимӣ. [Матн] / У. Ҷон. Машҳад, 1375.
295. Шакурӣ, А. Фалсафаи сиёсии Ибни Сино ва таъсири он ба адвори баъдӣ. [Матн] / А. Шакурӣ. - Теҳрон. 1384. –326с.
296. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин чо [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе, «Дониш», 1997. – 360 с.

297. Шамолов, А.А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насириддина Туси. [Текст] / А.А. Шамолов. – Душанбе: Ирфон, 1994. -180с.
298. Шамолов. А.А. Ҳуҷҷат-ул-ислом Ғазолӣ: андешаҳои ичтимоӣ ва сиёсӣ. [Матн] / А.А. Шамолов. – Душанбе, 1996. -320с.
299. Шамолов. А.А. Философско-теологические воззрения Газали. [Текст] / А.А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2002. - 362с.
300. Шамсиддинов. Ҷ. Фалсафа ва дониши илмӣ. [Матн] / Ҷ. Шамсиддинов. – Душанбе, 2009. –112 с.
301. Шариф, М.М. Таърихи фалсафа дар ислом. [Матн] / М.М. Шариф. - Теҳрон, 1362. -268с.
302. Швец, А.М., Могилевкин, А.М. Мотивация вступления в брак и ее влияние на кризис будущей семье// Вопросы психологии. М. 2006. С.89-98.
303. Шерозӣ, Қутбиддин. Дурат-ут-тоҷ ли ғурат-уд-Дабоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкух. Ҷ. 1-5.[Матн] / Шерозӣ Қутбиддин. - Теҳрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1369. 1058с.
304. Шерозӣ, Қутбиддин. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук.Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой.Чопи дуввум. [Матн] / Шерозӣ Қутиддин. - Теҳрон, 1386.
305. Шерозӣ. Қутбиддин.Шарҳи "Ҳикмат-ул-ишроқ"-и Суҳравардӣ [Матн] / Шерозӣ Қутиддин. - Теҳрон. 1368.
306. Шерозӣ, Қутбиддин. Тухфат-ус-Саъдия. [Матн] / Шерозӣ Қутбиддин. - Бейрут, 1924.-127с.
307. Шершеневич, Г.Ф. Учебник русского гражданского права.Т.2. [Текст] / Г.Ф. Шершеневич. - М., 1915. - 362с.

308. Шоисматуллоев, Ш. Сохтори иҷтимоӣ хамчун омили устувории ҷомеа ва таҳкими вахдати миллӣ// Раванди вахдат ва назарияи он. [Матн] / Ш. Шоисматуллоев. - Душанбе, 2013. –С.42-43.
309. Шоихтиёров, Х. Социальная философия Насриддина Гуси [Текст] / Х. Шоихтиёров. –Душанбе: «Дониш», 2007. – 240 с.
310. Шопенгауэр, А. Свобода воли и нравственность: [пер. с нем.; общ. ред., сост. и вступ. ст. А. А. Гусейнова, А. П. Скрипника] [Текст] / А. Шопенгауэр. – М.: «Республика», 1992. – 446 с.
311. Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства. [Текст] / Ф. Энгельс. - М.: ЛКИ. 2007. 240с.
312. Энгельс Ф. Сочинения. Изд. 2-ое. Т. 6. – М.: «Госполитиздат», 1957.
313. Энгельс, Ф. Диалектика природы. [Текст] / Ф. Энгельс. - М., 1950. –398с. [315] Энсиклопедияи советии точик. Ҷ.2. [Матн].-Душанбе: Ирфон,1980.-520с.
314. Этикет у народов средней Азии: Сборник статей. [Текст]. -М.: Наука, 1988. - 269 с.
315. Этическая мысль: Науч.публ.чтения. [Текст]. -М.: Политиздат, 1988.- 384с.
316. Юм, Д. Трактата о человеческой природе // Сочинения в двух томах. Т. 1. – М.: «Мысль», – С. 1965. 77-778.
317. Якубов, Ю. Религия Древного Согда. [Текст] / Ю. Якубов. - Душанбе: «Дониш», 1996.
318. Ятимов, С. Илм ва амният [Матн] / С. Ятимов. – Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2019. – 192 с.
319. Ятимов, С. Асарҳо. Ҷ.4. Унсуралмаолии Кайковус дар бораи хирад. [Матн] / С. Ятимов.– Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2019. – 256с.
320. Ятимов, С. Асарҳо. Ҷ.5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. [Матн] / С. Ятимов.– Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2019. – 304с.
321. Ятимов, С. Асарҳо. Ҷ.8. Аристотел: давлат ва сиёсат. [Матн] / С. Ятимов.– Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2019. – 504с.
322. Ятимов, С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат [Матн] / С. Ятимов.– Хуҷанд: «Ношир», 2020. – 168 с.

Мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо

323. Алиризо, Гулшанӣ ва Аббос, Сарафрозӣ. Нақди осори алома Қутбиддин Маҳмуд Шерозӣ (бо тақя бар рӯйкарди осори пизишкӣ ва муаррифии ҳар як аз осор)// Маҷаллаи тибби суннатии ислом ва Эрон. Соли ҳаштум. Шумораи аввал, баҳори соли 1396.
324. Аҳмадов С. Назари Абӯҳанифа ба илми калом// ал-Ҷазира (маҷаллаи илмӣ-пажуҳишӣ). [Матн] / С. Аҳмадов. –Миср. 2009. №10. –С. 1596-1605.
325. Бобак, Рашнавзода. Сайре дар осори Қутбиддин Шерозӣ.//Кайҳони фарҳангӣ. Теҳрон. Мурдоди 1386. Шумораи 250.-С.52.
326. Давлатов П.Н. Абӯалӣ Мискавайҳ ва мақоми ӯ дар таърихи афкори фалсафӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. 2020. – № 4. – С. 143-149.
327. Давлатов П.Н. Нақш ва таъсири фалсафаи Юнон дар ташаккули таълимоти ахлоқии Ибни Мискавайҳ. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2021, №1. С. 76-87.
328. Давлатов П.Н. Нигоҳе ба андешаҳои ахлоқии Ибни Мискавайҳ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №7. Душанбе, 2020. –сах. 169-175.

329. Давлатов П.Н. Таъсири таълимоти зардуштия ба чахонбинии Ибни Мискавайх. //Паёми Донишгохи миллии Точикистон. 2022. №3.
330. Идиев, Х. Таълимоти ичтимоию сиёсии Арасту ва инъикоси он дар тафаккури ичтимоии муосир [Матн] / Х. Идиев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносй ва хукуки ба номи А.Баховадинови Академияи илмхои Чумхурии Точикистон. – 2016. – №4. – С. 14-19.
331. Раҳмон, Эмомалӣ. Имоми Аъзам ва ахлоки чаҳонӣ// [Матн]. Э. Раҳмон // ал-Ҷазира (маҷаллаи илмӣ-пажуҳишӣ). –Миср. 2009. №10. –С. 1583-1595.
332. Усмонзода, Х. У. Таъсири падидахои навзухури ичтимой ба низомхои ичтимой [Матн] / Х. У. Усмонзода // Вахдат, Давлат, Президент. Чилди XXXII – Душанбе: «Истеъдод», 2020. – С. 178-186.
333. Шарифов, А. Кутбиддини Шерози// Энциклопедияи совети точик. –Душанбе, 1972. –с.226.

Адабиёти хориҷӣ

334. Ahmad, S. Maqbul. «Djughrāfiyā» Encyclopaedia of Islam, Second Edition. Edited by B. Lewis, et al. Vol. 2. 575–587. Leiden: E. J. Brill, 1965;
335. Amini, Hassan. «al-Risāla al-Mu īniyya of Khwādja Naṣīr al-Dīn al-Ṭūsī: A Critical Edition and Study» Master thesis, Institute for the History of Sciences, University of Tehran, September 2008;
336. Aristotle. III b, 2009. P.5-6;
337. Barbara Smoken. Humanism. London. Wohld Zoch. Educatronal. 1973.
338. Boyl j.A. Cambridge. History of Iran. Vol.5. The saljus and mongol period. London, 1968. P.369.
339. Derrida J., Sticqler B. Echographics jf Television. Filmed interviews/Trans. J. Bijorek. Cambridge: Polity Press-2002. P.14

340. Dhahabī. Shams al-Dīn. Dhayl ta rīkh al-Islām. Edited by Māzin b. Sālim Bā
341. Wazīr. Riyadh: Dār al-Mughnī li-al-Nashr wa-al-Tawzī, 1998;
342. Fateme Savadi. The Historical and Cosmographical Context of Hay'at al-arḍ with a Focus on Quṭb al-Dīn Shīrāzī's Nihāyat al-Idrāk.McGill University, Montreal December 2018.
343. Fateme Savadi. The Historical and Cosmographical Context of Hay'at al-arḍ with a Focus on Quṭb al-Dīn Shīrāzī's Nihāyat al-Idrāk.McGill University, Montreal December 2018.
344. Fusul al madina (AL-Farab) ca: ted...by D.M/Dunlop. Cambridge U.P.1961.
345. Gamini, Amir Mohammad, and Hossein Masoumi Hamedani. «Al-Shīrāzī and the Empirical Origin of Ptolemy's Equant in His Model of the Superior Planets.» Arabic Sciences and Philosophy 23, no. 1 (2013): 47–67. doi:10.1017/S0957423912000070;
346. Geiger W. Civilisation of the Eastern Iranians in Ancient Times: With an Introduction on the Avesta Religion. Translated from germany by Darab Dastur Peshotan Sanjana. Kessinger Publishing, LLC2, 2010. - 312 pp.
347. Grant, Edward. A History of Natural Philosophy: From the Ancient World to the Nineteenth Century. Cambridge; New York: Cambridge University Press, 2007.
348. Ḥabībī, Najafqulī. Ḥikmat al-ishrāq-i Suhrawardī, bā sharḥ-i Quṭb al-Dīn Shīrāzī, jild-i awwal: manṭiq. Tehran: Bunyād-i Ḥikmat-i Islāmī-yi Ṣadrā, 2013.
349. Halverson, R & Halverson, E. (2011) Education as design for learning: A model for integrating education inquiry

across research traditions. In C. F. Conrad & R. C. Serlin (Eds). *Sage Handbook for Research in Education: Engaging Ideas and Enriching Inquiry* (2nd Ed.). Sage: Thousand Oaks, CA;

350. Halverson, R. (2001). Representing Phronesis: Documenting instructional leadership practice in schools. Dissertation submitted to the Northwestern University School of Education and Social Policy;
351. Halverson, R. (2004) Accessing, documenting and communicating the *phronesis* of school leadership practice. *American Journal of Education, 111(1)*, 90-122;
352. Halverson, R. Blakesley, C & Figuerido-Brown, R. (2011). Video-game design as a model for professional learning. In M. S. Khine (Ed.) *Learning to Play: Exploring the Future of Education with Video Games*. Peter Lang: New York. 9-28;
353. Halverson, R., and Clifford, M. (2006) Evaluation in the wild: A distributed cognition perspective on teacher assessment. *Education Administration Quarterly 42(4)*. 578-619;https://web.education. wisc. edu/ halverson/?page_id =166. (санаимурочиат- 12.06.2019)
354. Jorati, Hadi. Science and Society in Medieval Islam: Nasir al-Din Tusi and the Politics of Patronage, Yale University, Ann Arbor, 2014, Pro Quest Dissertations & Theses Global, https: //proxy. library. mcgill. ca/login?url= https://search.proquest.com/docview/1659836140. accounted (санаи мурочиат: 26.12.2019)
355. King, David A. Islamic Astronomy and Geography. Burlington: Ashgate Publishing Company, 2012;
356. Muḥaqqiq, Mahdi. «Quṭbal-DīnShīrāzīvasharḥ-iḥāl-ikhudnigāsht-iū (Quṭbal-DīnShīrāzīandhisautobiography).»Ḥikmat-iIsrā 15 (spring 2013), 172–175;

357. Niazi, Kaveh. «Quṭb al-Dīn Shīrāzī as Depicted in Early Historical Sources.» Tarikh-e Elm, 11 (2013): 23–39;
358. Niazi, Kaveh. Quṭb al-Dīn Shīrāzī and the Configuration of the Heavens: A Comparison of Texts and Models, Dordrecht: Springer, 2013;
359. Pourjavady, Reza, and Sabine Schmidtke. «Quṭb al-Dīn al-Shīrāzī (d. 710/1311) as a Teacher: an Analysis of His Ijāzāt (Studies on Quṭb al-Dīn al-Shīrāzī III).» Journal Asiatique 297.1 (2009): 15–55;
360. Pourjavady, Reza, and Sabine Schmidtke. «Quṭb al-Dīn al-Shīrāzī's (634/1236–710/1311) Durrat al-taj and its sources (Studies on Quṭb al-Dīn al-Shīrāzī, I).» JournalAsiatique 292.1-2 (2004): 311–330;
361. Pourjavady, Reza, and Sabine Schmidtke. «The Quṭb al-Dīn al-Shīrāzī (d. 710/1311) Codex (MS Mar'ashī 12868) [Studies on Quṭb al-Dīn al-Shīrāzī». Studia Iranica 36 (2007): 279-301;
362. Sezgin, Fuat. Geschichte des Arabischen Schrifttums, Band XII, Mathematische Geographie und Kartographie im Islam und ihr Fortleben im Abendland—Kartenband. Frankfurt am Main: Institut für Geschichte der Arabisch-Islamischen Wissenschaften an der Johann Wolfgang Goethe-Universität, 2000.
363. Thomson W.F. The practical philosophy of Mohammad an people. London, 1849.
364. Troger K. W. Moral in der Gnosis/ Studien zum. Menschenbild in Gnosis und Munichaismus/ Voroffentbich die Abt. Wissenschaftspublizistik der Vartin Lutber. Univ. Halle Wittenberg, DDR Halle; Hsrq/ Von Peter Nagel/ 1979.-s.95-106.
365. Edwin M. Gnostik ethics and mandaen origins. Cambridge. Harvard Univ. Press; London, Oxford Univ. Press. 1970/ (102c;)

366. Rendiorff, Jacob Dahl and Peter Kemp 2000. Basic Ethical Principles in European Biosthics and BioLaw. Copenhagen and Barcelona 2000.

Диссертатсия ва авторефератхо

367. Абубакри М.Г. Андешахои ахлоки дар таълимоти фалсафии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ: Аавтореферат дисс... канд. филос. наук. [Текст] / Абубакри М.Г. –Душанбе, 2021. -29с.
368. Ахмади, Бонакдар Вали Мохаммад. Проблемы справедливости в истории персидско-таджикской философии XIII-XV веков: Дисс... канд. филос. наук. [Текст] / Б.В.М. Ахмади. – Душанбе, 2017. – 147с.
369. Баратов, Н.Ю. Основные принципы этики Фараби и их развитие в трудах персидских мыслителей: Дис...канд. филос.наук. [Текст] / Н.Ю. Баротов. - Ташкент, 1681. – 159с.
370. Геюшева, З.З. Этические взгляды восточних перипатетиков; Дис... канд.филос.наук. [Текст] / З.З. Гаюшев. - Баку, 1983. 143с.
371. Давлатов Д.М. Теория государства в социальной философии Ибн Халдуна: Аавтореферат дисс... канд. филос. наук. [Текст] /Д.М. Давлатов. - Душанбе, 2018. -23с.
372. Давлатов, П.Н. Этические взгляды Мир Саида Али Хамадани: Аавтореферат дисс... канд. филос. наук. [Текст] /П.Н. Давлатов. - Душанбе, 2014. – 25 с.
373. Диноршоева, З.М. Гражданская философия аль-Фараби: Дис...док. филос.наук [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе, 2006. – 304с.
374. Касымова, С.Р. Гендерная система в контексте социальных изменений таджикского общестава: Автореф. Дисс… канд. филос. н. [Текст] / С.Р. Касымова. - Душанбе, 2004. 24с.

375. Мирбабаев, М. Этика и социальная философия Джалолиддина Давони: Дис...канд.филос.наук. [Текст] / М. Мирбобоев. - Душанбе, 1975. - 154с.
376. Музаффарова Х.Р. Математические глава «Жемчужины короны для украшения Дубаджа» Кутбиддина Ширази: Автреферат диссертации на соискание учёной степени канд. физ-мат. наук. [Текст] / Х.Р. Музаффарова. - Ташкент, 1974 .
377. Рахимов, С. Х. Философеко-эстетические идеи зороастризма. Диссертация на соискание ученой степени доктора философских наук. [Текст] /С.Х. Рахимова. - Душанбе, 2007.
378. Саидов. Н.С. Сопоставительный анализ учений Аристотелья и Ибн Сины о человоке: Автореферат дисс… док. филос. наук. [Текст] / Н.С. Саидов. - Душанбе, 2009. – 46с.
379. Турабоева, Д.Х. Гносеология Кутбиддина Ширази. Диссертатсия на соискание учёной степени к.ф.н.[Текст] / Д.Х. Турабоева. - Душанбе, 2021. 146с.
380. Хайдарова, С.С. Философские и этические взгляды Абубакра Ар-Рази: Автореферат дисс... канд. филос. наук. [Текст] / С.С. Хайдарова. -Душанбе, 2012. – 23с.
381. Эйвазов, И. Общественно-политические и этические воззрения Насириддина Туси: Автореферат дис...канд. филос. наук.[Текст] / И. Эйвазов. - Баку, 1969. -23с.

Захирахои электронӣ [Электронный ресурс]

382. Аристотель. Этика (к Никомаху) – С. 253. [Электронный ресурс]. – URL: https://books.google.com.tj/ (дата обращения: 23.12.2018.)
383. Ахбори Мачлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017,

№1428. Сурогаи электронӣ: jumhuriyat.tj (санаи мурочиат: 26.03.22)
384. Гезалов, А.А. Философские образы человека в эпохе глобализации. http: www. Russianglobalclub. com/gw (санаи мурочиат: 21.09.2019);
385. Марям. Самадия ва Мачид Муллоюсуфи. Арасту ва Фрунсис// Мутолиоти фарҳангӣ ва расона. https://resaaneh.blogsky.Com/1397/12/01/post-146/ (санаи мурочиат: 21.01.2018).
386. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 20.01.2016. [Манбаи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/10585 (санаи мурочиат: 23.09.2019.)
387. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мачлиси Олӣ. 26.12.2019. –URL: http://prezident.tj/node/21975 (санаи мурочиат: 30.12.2019.)
388. Паёми Президенти, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018. –URL: http://prezident.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 02.02.2019.)
389. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 26.01.2021. – URL: http://prezident.tj/node/25005 (санаи мурочиат: 01.02.2021.)
390. Социология и политология. 2016; 22(3). С.128. Электроный адрес: https://doi.Org/10.24290/1029-37-36-2016-22-3-81-83 (санаи мурочиат: 12.03.2022)
391. https://merportal.press/archives/1551 (санаи мурочиат: 03.03.21)

392. https://merportal.press/archives/1551 (санаимурочиат: 03.03.21)
393. https://studbooks.net/1614734/psihologiya/struktura_semi (санаи мурочиат: 25.02.21)
391. https://studme.Org/252938/sotsiologiya/organicheskaya_teorivaobschestva_spensera. (санаи мурочиат: 07.02.21)

Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ

ФАЛСАФАИ АМАЛИИ КУТБИДДИН ШЕРОЗӢ

(Монография)

Ба чоп 15.06.2022 имзоят шуд. Андозаи 60x84/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Чузъи чопии шартӣ 23.
Теъдоди нашр 200 нусха. Супориши № 159.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев. 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com

ISBN 978-99985-928-7-2

